**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Асоев С.У.*** – соискатель Таджикского национального университета

## САХМИ БОСТОНШИНОСОН ДАР ОМУЗИШИ ШАҲРИ БОСТОНИИ ҲАЛЕВАРД (КОФИРҚАЛЪА)

***Сайфуллоев Нуритдин***
**Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа ба номи Носири Хусрав**

Муҳаққиқони таърихи куҳани Тоҷикистон, яъне бостоншиносон дар бораи ҷойгиршавии шаҳрҳои Хатлонзамин ва инчунин Вахшонзамин ба як ақидаи пурра то ҳол наомадаанд. Масалан, Шаҳри Ҳалевардро академик В.В.Бартолд дар ҷойи ҳозираи Қурғонтеппа, Левакандро бошад дар Сангтӯда ҷойгир буд, мегӯяд. А.М.Беленитский шаҳри Ҳалевардро дар ҷойи Кофирқалъа (Колхозобод), Левакандро бошад дар Қовунтеппа 10 км шимолу ғарбии Қурғонтеппа мешуморад, Инчунин дар водии Вахш шаҳр ба номи «Вахш» буданашро низ гувоҳӣ медиҳанд, аммо дар бораи ҷойгиршавии он фикрҳои мухталиф мавҷуд аст.

Аз ин рӯ, гуфтан ҷоиз аст,ки тадқиқотҳоро боз ҳам чуқуртар васеътар идома додан лозим аст.

Соли 1946 барои омузиши таърихи кӯҳани Тоҷикистон Экспедитсияи археологии Суғди Тоҷикистон (СТАЭ –*Согдийско-Таджикская археологическая экспедиция*) ташкил карда шуд. Ин экспедитсия то соли 1952 амал кард. Аз соли 1952 то соли 1972 ин экспедитсия ҳамчун экспедитсияи бостоншиносии Тоҷикистон (ТАЭ- Таджикская археологическая экспедиция) амал кард. Аз соли 1972 махсус экспедитсияи археологии Тоҷикистони ҷануби (ЮТАЭ-Южно-Таджикская Археолгическая экспедиция) ташкил шуд.

Дар ҳайати ин экспедитсияҳо якчанд отрядҳои археологи сохта шуд. Яке аз он ***Отряди археологии Вахш*** буд, ки ба ин отряд нахустин маротиба Александр Маркович Беленитский сарварӣ намуда буд. Отряди мазкур соли 1947 экспедитсияи

Кофирқалъаро оғоз намуд. Дар татқиқоти ин мавзеъ бостоншиносон Т.И.Зеймал, Б.А.Литвинский, Е.П.Денисов, В.С.Соловёв, В.А.Ранов, М.А. Бубнова, Ю.Ёқубов фаъолона ширкат варзиданд. Ковишҳои бостоншиносӣ дар ин мавзеъ асосан солҳои 1956-1957 гузаронида шуд. Бостоншиносон муайян намуданд, ки димнаи Кофирқалъа дар шакли чаҳоркунҷа буда, масоҳати он 360 х 360 м. будааст. Атрофи ин мавзеъ бо деворҳои муҳофизатӣ ва ҳандақ иҳота шуда, дар чаҳор тарафи деворҳои муҳофизати манораҳои баланд низ сохта буданд, ки онҳо вазифаи назорат ба атрофро (дидбон) иҷро мекарданд.

Солҳои 1968-1969 кофутукови археологиро бо сардории Б.А.Литвинский идома доданд. Соли 1970 ба ин отряд Е.П.Денисов роҳбарӣ намуд.

Бостоншиносон харобаҳои ин шаҳрро Кофирқалъа номида, тадқиқот бурданд. Ин номро дар асри 8 арабҳо баъди забти шаҳр гузошта буданд. Зеро арабҳо халкҳои ғайриисломиро «кофир» эълон мекарданд. Вақте ки солҳои 740-750 ба ин қалъа ҳуҷум карда даромаданд дар даруни қалъа ба маъбудҳои буддоӣ дучор шуданд. Аз ин рӯ, эълон карданд, ки ин қалъаи кофирон (ғайриислом) будааст. Ҳатто он канале, ки аз наздикии ин қалъа мегузашт Кофирканал номиданд. Ҳамин тавр ин мавзеъ дар хотираи халқ Кофирқалъа, канал низ Кофирканал ном гирифта мондааст.

Кофирқалъа ба маркази ноҳия Ҷалолиддин Румӣ (Колхозобод) пайваст буда, дар қисмати ғарбии он ҷойгир аст.Ин ёдгории таърихӣ дар адабиётҳои бостоншиносӣ дар шакли «Кофирқалъа» қайд мешавад. Зеро мувофиқи қоида дар вақти оғози тадқиқот номи нави (охирини) ҷойи таърихиро сабт намуда, тадқиқот мекунанд. Баъд дар рафти ковишҳо муҳаққиқон номи аслии ин ёдгориро муайян мекунанд.

Дар яке аз бозёфтҳо, ки онро аз дохили куҳандизи шаҳр дастрас намуданд, номи аслии шаҳр бо ҳуруфоти бохтарӣ сабт шуда будааст. Ин ҳуҷҷати таърихии шаҳрро Владимир Аронович Лившитс (лингвист – катибашинос, палеограф), ки мутахассиси соҳа буд, хонда номи ин шаҳр «Ҳалевард» буданашро муайян кард [1]. Баъзеҳо онро дар шаклҳои мухталиф менависанд: Масалан, Ҳалевард, Ҳеловард, Ҳалавард, Ҳаловард. Имруз дар забони ҳозираи тоҷик шакли Ҳалевард қабул шудааст.

Бостоншиносон харобаҳои ин шаҳрро омӯхта муайян намуданд, ки дар қисмати шарқӣ ва ғарбии он дарвоза дошта ин дарвозаҳоро роҳе пайваст мекард, ки он шаҳрро ба ду қисмат ҷудо мекард, яъне қисмати шимолии шаҳрро куҳандиз ташкил намуда, қисмати дигарашро идораҳои маъмурӣ ва манзилҳои зисти аъёнҳои шаҳрро ташкил мекард. Атрофи шаҳрро девори ғафси мудофиавӣ маҳкам карда буд. Дар куҳандизи шаҳр девори мудофиавии алоҳида низ мавҷуд буд. Беруни шаҳрро ҳандақ иҳота намуда, атрофи он доимо бо об пур буд ва дар рости дарвозаҳои шаҳр пуле сохта буданд, ки онҳоро вақти шаб, ё дар вақти ҳуҷуми душманҳо бардошта мемонданд.

Шаҳрҳои асримиёнагӣ одатан аз ҷиҳати ҳудуд на он қадар калон мешуданд. Зеро аз атрофи шаҳри бузургро бо девор маҳкам кардан имконнопазир буд. Ба мо маълум, ки ҳатто девори бузурги Чин ҳам тамоми атрофи Хитойро маҳкам накарда буд. Чунин услуби шаҳрсозӣ ба асрҳои миёна хос мебошад. Зеро дар он давраҳо дар баробари мавҷуд будани давлатҳои мутамарказ, бодиянишинҳои сершумор дар атрофи ҳар давлат мавҷуд буда, онҳо ба мавзеъҳои обод тез-тез ҳуҷум карда меистоданд. Аз ин рӯ маркази давлатҳоро бо деворҳои ғафси мудофиавӣ маҳкам намуда, ба онҳо дарвозаи мустаҳкам месохтанд. Дар бари дарвозаҳо манораҳо сохта, онҳоро ҳамчун дидбон истифода мебурданд.

Бостоншиносон дар рафти ковишҳо ба хулосае омаданд, ки ин мавзеъ, яъне Ҳалевард дар асрҳои миёна *(мумкин пештар аз он давра ҳам*) маркази маъмурии ин вилоят ба шумор мерафтааст.

Дар бораи маркази водии Вахш будани ин шаҳр, дар асри VII рӯҳонии дини буддои Сюан-Сзанаи чинӣ низ хабар додааст. Бостоншиносон Б.А.Литвинский, Т.И.Зеймал, В.С. Соловёв ва дигарон дуруст будани ин акидаи рӯҳониро исбот намуданд.

Соли 1947 дар ин ҷо бо сардории А.М. Беленитский отряди бостоншиносон барои гузаронидани ҳафриёт нахустин маротиба экспедитсия ташкил намуда буд.

Қисмати марказии шаҳрро бостоншинос Тамара Ивановна Зеймал дар давоми ду мавсим тадқиқ намуд. Аммо корҳои кофтуковии бостоншиноси суст мерафт. Солҳои 50-ум бисёр бостоншиносон ба ҳавзаи Қайрақум сафарбар карда шуданд. Зеро баъди сохтмони нерӯгоҳи обии Қайроқум ҳамаи ёдгориҳои таърих дар зери об

мемонд. Ин сохтмони бузург кофтуковҳои Ҳулбукро низ боз дошта буд. Баъди адои кофтуковҳо дар Қайроқум бостоншиносон дар Аҷинатеппа ва Ҳулбук корҳои ҳафриётиро давом доданд.

Виктор Степанович Соловёв менависад, як воқеаи ногаҳони сабаб шуд, ки ҳафриётро дар Кофирқалъа аз нав оғоз намоянду тезонанд [2].

Бо супориши сарварони ноҳияи Колхозобод соли 1964 Куҳандизи шаҳрро ҳамвор карда, дар ин ҷойи баланд чойхона сохтанӣ шуданд. Булдозер девори мудофиавиро вайрон карда, ба болои теппае, ки дар он ҷо куҳандизи қалъа мавҷуд будааст баромадаст ва ба вазни мошинаи бузург тоб наоварда теппа фурӯ рафтааст. Хабари ин ҳодисаро ба шаҳри Душанбе расониданд. Фавран бостоншиносони дар Аҷинатеппа бударо,ки дар он ҷо ҳафриёт мебурданд, ба ин ҷо равон карданд.

Ҳамин тавр, ҳафриёт дар Кофирқалъа аз нав оғоз гардид. Рафти ҳафриётро Симпозиуми байналмилалии шаҳри Душанбе, бахшида ба пароблемаи Кушониён боз ҳам тезонид.

Ин симпозиум бо ташаббуси аллома Бобоҷон Ғафуров ташкил шуда буд. Пеш аз оғози конференсия Бобоҷон Ғафуров ба котиби якуми ноҳия Сироҷиддин Исоев ва котиби дувуми ноҳия Тавобелов мактуб ирсол намуда, аз роҳбарони ноҳия илтимос карда буд, ки кофтуковро ва тайёриро барои қабули меҳмонони хориҷӣ тезонанд.

Матни мактуби Бобоҷон Ғафуров чунин наст:

*«Глубокоуважаемый Сироджиддин Исоевич, шлю Вам большой привет и наилучшие пожелания в вашей деятельности.*

*Искренне благодарен Вам за Вашу помощь в проведении раскопок Кофиркалъа, нам кажется, что там имеются довольно интересные вещи.*

*Прошу Вас не ослабевать, пожалуйста, темпы раскопок, ибо намечается в сентябре с.г. прибытие туда иностранных гостей в период международной конференции вгороде Душанбе.*

*Надо сделать как можно лучше, чтобы общее наше дело и авторитет республики поднимался в глазах зарубежных ученых Востока и Запада.*

*Привет тт. Атабекову, Тавобилову , Кадыровой и всем товарищам.*

*С искренним приветом Б. Гафуров.*

*17 мая 1968 г.Г. Москва* [3].

Конференсияи байналмилали моҳи сентябри соли 1968 дар шаҳри Душанбе баргузор гардида дар кори он олимони мамоликҳои Шарқу Ғарб ширкат варзиданд ва дар рафти конференсия олимони хориҷа ин ёдгории таърихиро дидан карданд.

Ҳамин тавр, дар куҳандизи шаҳри қадимаи Ҳалевард (Кофирқалъа) ҳафриёт идома ёфт. Дар ин ҳафриёт Юсуфшоҳ Ёқубов, Мира Алекесеевна Бубнова, Галина Анотолевна Брикина ва В.С. Соловёв ширкат варзида, пойтахти вилояти Вахшро хеле хуб омӯхтанд. В.С. Соловёв дар ин ҷо зиёда аз 20 сол кор кард.

Дар натиҷаи ковишҳо бостоншиносон муайян намуданд, ки ин шаҳр дар асри 6 уми мелодӣ ба ҷойи бошишгоҳи одамони қадим, ки дар ибтидоии мелод тааллуқ дорад сохта шуда будааст.Сараввал масоҳати ин шаҳр 13 гектар буд. Масоҳати шаҳр ба маҳаллаҳои чаҳоркунҷа тақсим шуда буд. Маълум гардид, ки пеш аз сохтмони шаҳр тарҳи меъмории онро кашида буданд. Шаҳрро девори мудофиавии ғафсиаш 4 метр бо баландии 10 метр иҳота мекард. Дар ҳама маҳаллаҳои шаҳр системаи коммуникатсия мунтазам кор мекард. Ва дар ҳар як маҳаллаи шаҳр хонаҳои дуқабата низ мавҷуд буд.

Майдоне, ки дар маркази шаҳр мавҷуд буд, дар он ҷо бозор ва дигар ҷамъомадҳо гузаронида мешуд. Дар кварталҳои шаҳр дӯконҳои косибони мухталиф мавҷуд буда, дар бозор ҳар кадоми онҳо ҷойи хариду фурӯш доштанд. Муайян шуд, ки дар як квартали наздикии бозор ва дар дохили хонаҳо хумҳои калон мавҷуд будааст. Дар ин зарфҳои кулолӣ ғалла, ва меваҳои хушк нигоҳ дошта мешудааст. Аз савдогароне,ки ба бозори шаҳр дохил мешуданд ба ҷойи пул маҳсулотҳои и қишлоқ мегирифтанд. Бостоншиносон дар чорроҳаи назди бозор хонаи дуқабатаро муайян сохтанд, ки он хонаи ашхоси доро будааст. Дар қабати якуми ин бино толори қабули одамон, ибодотхонаи буддоӣ ва устахонаи заргарӣ мавҷуд будааст. Бостоншиносон аз ин ҷо боқимондаҳои кори заргариро дарёфт намуданд. Қабати дувуми хона ба ақидаи бостоншиносон ҳамчун ҳуҷраҳои истиқомати истифода бурда мешуд. Дар қисмати шимолии шаҳр боз як хонаро муайян сохтанд, ки дар дохили ин хона низ нишонаҳои ҳунармандиро муайян карданд.

Тавре ки дар боло қайд намудем, солҳои 740- 750 ба ин шаҳр арабҳо ду маротиба ҳуҷум карданд. Баъди ҳуҷуми якуми арабҳо шаҳрро аз нав эҳё намуданд.

Дар давраи дуюм аз тарафи лашкари араб шаҳр тамоман вайрон карда шуд ва аҳолӣ он шаҳрро тарк намуданд.Қасри асосии ҳокими шаҳр дар қисмати ғарбии шаҳр сохта шуда, барои ҳоким тамоми шароитҳои кориро мухайё карда буданд. Ҷойи истироҳатии он дар мавсими гармо ҷойи ибодатхонаи оилаи ҳоким ва ҳоказо.

Дар ин шаҳр одамони босавод бисёр будааст. Зеро дар ҳар як хона нишонаҳои хати бохтариро дидан мумкин буд. Ин хатҳо бештар дар сафолҳо навишта шудааст.

Соли 1987 В.С.Соловёв муҳри ҳокими вилоятро дарёфт намуд. Дар муҳр акси парранда, ки ба суйи савора омада истодааст ва савора бошад бо шер дар муҳориба аст. Омадани парранда нишонаи ба ёрдам омадани Худо мебошад. Худо дар шакли парранда тасвир ёфтааст. Парранда ин рамзи офтоб аст. Офтоб бошад асоси оташ, ки барои инсонҳо бахт меоварад.

Дар акси сафолҳо низ муайян шуд, ки подшоҳони ин минтақа низ ба монанди асосгузори дини буддоӣ Сидхардха Гаутама ҳайвонҳоро намекушанд ва ба онҳо эҳтиром нишон медиҳанд. Дар динни буддоӣ ҳайвонкушӣ гуноҳ ҳисобида мешавад.

Баъди забти арабҳо пойтахти вилояти Вахш ба дигар ҷо кӯчонида шудааст. Муқоисаи маълумотҳои бостоншиносон нишон медиҳад, ки пойтахти нав 12 км ба тарафи шимоли Ҳалевард (Кофирқалъа), яъне ҷойи ҳозираи деҳаи Узун, соҳили чапи дарёи Вахш кӯчидааст.

Дар ин ҷо бостоншиносон тангаҳоро дарёфт карданд, ки дар онҳо бо ҳуруфоти арабӣ калимаи Вахш сабт шудааст. Аз ин маълум мешавад, ки дар аҳди арабҳо пойтахти ин вилоят ба ин ҷо кӯчидасту, шояд номи ин пойтахти нав низ номи «Вахш»ро гирифта бошад [4]. Академик Аҳрор Мухторов ин ақидаро дуруст мешуморад.Натиҷаҳои омӯзиши бостоншиносӣ ва ақидаҳои муҳаққиқонро муқоиса намуда, мо низ ба хулосае омадем, ки дар ҳақиқат Ҳалевард маркази вилояти Вахши қадима ба шумор мерафтааст.

Бо шарофати истиқлолияти давлатӣ Тоҷикистон ба марҳилаи нави инкишоф ворид гашт. Имруз ба мо зарур аст, ки таърих ва тамаддуни халқи тоҷикро бештар ва амиқтар омӯзем. Зеро донистани таърихи худ, таҷлили ҷашнҳои таърихӣ, шаҳрҳои бостонии мамлакат, симоҳои барҷастаи халқ омили муҳиме барои таҳкими хештаншиносии мардум буда, барои эҳёи тамаддуни халқамон, барои гирифтани ибрат аз гузаштагонамон ва дар рӯҳи ватанпарастӣ тарбия намудани наслҳои имрӯзу фардо нақши бузург хоҳанд бозид.

Бозёфтҳои Кофирқалъа Халевард. Дар натиҷаи хафриёти бостоншиносӣ аз димнаи «Кофирқалъа» маводҳои бешуморе дарёфт карда шуд,ки онҳоро бостоншиносон ба гурӯҳҳо ҷудо намуданд. Яъне зарфҳои кулолӣ (сафолӣ), шишагӣ, оҳанӣ, инчунин зарфҳои аз устухону санг сохта шударо бозёфт карданд.Инчунин ёдгориҳои сершумори санъати мутааллиқ ба дидни буддоӣ аз даруни куҳандиз ва хонаҳои истиқоматӣ дарёфт карда шуд. Мутахассисон ин бозёфтҳоро ҳаматарафа омӯхта, ба кадом давр тааллуқ будани онҳоро, инчунин ба маданияти кадом минтақаҳо омехта буданашро муайян карданд.Хулосаҳои бостоншиносон дар маҷмӯаи «Археологические работы в Таджикистане» (АРТ) сол ба сол ҷамъ шуда, барои муҳаққиқони оянда ҳамчун сарчашма хизмат карда истодааст.

Банда низ аз ҳамин маҷмуаҳо баҳра бурдааст. Ғайр аз ин намунаҳои олотҳои меҳнатию ҷангӣ, тамоми зарфҳо ва дигар намуд бозёфтҳо имрӯз дар осорхонаҳои ноҳиявӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ маҳфуз аст, ки онҳо низ ҳамчун сарчашма барои муҳақикон хизмат мекунанд.

### АДАБИЁТ

1. Лившиц В.А. Кофиркала (Колхозобод), раскопки 1968г.Эпиграфика.(Рукопис,хранится в секторе археологии и нумизматики Института истории им. А. Дониша АН Тадж.ССР. –с.14;Литвинский Б.А., Соловьёв В.С. Средневековая кулбтура Тохарстана (в свете раскопок в Вахшской долине). – М. Наука, 1985. –с.144.
2.Соловьёв В.С. В тени туранги.-Елец,2006.-с.19.
3.Архиви давлатии вилояти Хатлон (дар шаҳри Қурғонтеппа) Фонди С.Исоев.177.

## ВКЛАД АРХЕОЛОГОВ В ИЗУЧЕНИИ ИСТОРИИ ДРЕВНЕГО ГОРОДИЩА ХАЛЕВАРД («КАФИРКАЛЪА»)

В данной статье освещается изучение истории одного из исторических памятников древности Вахшской долины. Даётся общая характеристика археологами и историками вносившими весомый вклад в изучение истории данного городища.

**Ключевые слова:** Вахшская долина, Халевард, Кафиркалъа, Лягман, археологические исследования, этнографическое изучение, цивилизация Вахшской долины, Айвадж, международный симпозиум.

**CONTRIBUTION OF ARCHAEOLOGISTS IN THE STUDY OF THE HISTORY OF ANCIENT SETTLEMENT Khalevard («Kafirkala»)**

This article highlights the study of the history of one of the historical monuments the antiquity of the Vakhsh valley. Give General characteristics archeologists and historians вносившими valuable contribution to the study of the history of this ancient settlement.

**Key words:** Vakhsh valley, Khalevard, Kafirkala, Лягман, archaeological studies, ethnographic study, the civilization of the Vakhsh valley, Aivaj, international Symposium.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Сайфуллоев Нуритдин*** **–** соискатель КТГУ им. Носира Хусрава

## АЛ-ХОРЕЗМИ – ОСНОВОПОЛОЖНИК ВЫЧИСЛЕНИЯ, АЛГЕБРЫ И АЛГОРИТМА

***А.Ш. Комили, Х.И. Максадов, А.Х.Табаров***

**Курган-Тюбинский государственный университет им.Носира Хусрава**
**Институт истории, археологии и этнографии им. А.Дониша АН РТ,**
**Кулябский государственный университет им.А.Рудаки**

В 1983 г. постановлением ЮНЕСКО во всем мире было отмечено 1200-летите великого представителя персидско-таджикского народа, выдающегося ученого всех времен и народов – Мухаммада ибн Мусо ал-Хорезми. Он внес огромный и беспрецедентный вклад в развитие мировой науки и культуры.

Ал-Хорезми был многопрофильным ученым. Он является первым восточным ученым, деятельность которого охватывает математику, астрономию, географию, картографию, историю и т.д. Ал-Хорезми дал человечеству систему вычисления (счетоведения) из десяти цифр (0,1,2,3,4,5,6,7,8,9, сочетание, убавление, умножение и деление), творил и основал алгебру как науку. Недаром его назвали основателем (а иногда отцом) математики.

Мухаммад Мусо ал-Хорезми родился в 783 г. в одном из древнейших очагов Восточной цивилизации и в одном из огромнейших авестийских-таджикских городов – Хорезм, давшего миру впоследствии великих и эрудированных мужей, как Абурайхон Беруни (979-1048), Абу Абдулло Мухаммад ибн Ахмад ибн Юсуф ал-Котиб ал-Хорезми (X в.) и великого шейха Шейх Кубаро Хорезми. Год смерти ал-Хорезми неизвестен. Он умер примерно после 847 года. Его предки были зороастрийцами. Есть вероятность, что он сам тоже являлся зороастрийцем. Его затем приглашают в столицу аббаситского халифата – Багдад. Город Багдад в то время был научным и политическим центром великого аббаситского халифата. Халиф Мамун, который раньше был правителем Хорасана, поддержкой и содействием иранцев свергнув своего брата Амина назначается халифом. Бытует мнение, что он привел с собой в Багдад группу Маверауннахрских и Хорасанских ученых, таких как Абул Аббас Ахмад ал-Фаргони, Ахмад ибн Абдулло ал-Марвази. Т.к. мать Мамуна была представителем иранского народа, при его дворе имели преимущество ученые иранского происхождения, как в науках, так и в правлении государством.

Халиф Мамун в Багдаде основывает международную академию «Байт-ул-хикма», в которой ученые занимались переводом и толкованием греческих, сирийских, иранских, индийских и египетских наук. На этой основе они достигали невероятных успехов в науке.

Вклад представителей согдийских, хорезмских и бактрийских народов очень значителен в этом громадном научном центре. Сами имена основателей этой международной школы являются аргументом того, что они родились в наших краях: Ал-Хорезми из Хорезма, Ахмад ибн Абдулло ал-Марвази из Мерва, Ахмад ал-Фаргони из Ферганы, Холид ал-Марвруди, Аббас ибн Саид ал-Джавохири из Фараба (Отрара), Абдулхамид ибн Воси ибн Турк ал-Хутали из Хуталона и т.д. Все эти ученые сделали значительные научные открытия в отдельных ветвях (секторах) математики, астрономии, географии и т.п.

Мухаммад ал-Хорезми занимался исследованиями и открытиями именно в этой научной среде и является одним из основателей научной школы Багдада.

Известный исследователь истории наук Джордж Сартон правильно оценивая историческую значимость и место ал-Хорезми, считает его «величайшим математиком

своего времени и, учитывая ситуацию, одним из выдающихся математиков всех времен и народов».

Его математические произведения принесли истории науки огромную славу. Ал-Хорезми является автором двух фундаментальных произведений по арифметике и алгебре, каждое из которых имеет огромное значение в развитии математических наук.

Арифметический трактат ал-Хорезми «Китоб-ал-хисоб ал-хинд» (Книга по индийскому вычислению) создал почву для развития десятичного метода вычисления. Это тот метод, на котором основывается современная арифметика. Он зарождался в Индии, но книга ал-Хорезми сделал его общедоступным и известным и на Востоке, и в Европе.

Алгебраический трактат ал-Хорезми «Китоб-ал-джабр ва-л-макобала» называют фундаментом современной алгебры. Само название «алгебра» взято от сокращенного названия указанной книги – «ал-Джабр». Еще в 1150 г. его произведение «Китоб-ал-хисоб ал-хинд» было переведено на латинский язык.

Такое быстрое и широкое распространение арифметических трактатов ал-Хорезми в Европе, в первую очередь, обуславливается тем, что его система вычисления является простой и основывается на цифровых (символических) знаках, которые с незначительными изменениями используются по сей день. В этом трактате ал-Хорезми впервые в истории математической науки, показывает правила вычислений, написание всякого числа через указанные цифры, четыре арифметических действия, выведение из квадратного корня и действия с простыми дробями.

Современная начальная арифметика не очень отличается от арифметики ал-Хорезми. Воистину, ал-Хорезми можно назвать основателем современной арифметики. На основе всестороннего изучения средневековых источников по арифметике германский ученый математик Герман Генкель (1839-1873), пришел именно к этому заключению. По его словам, такого произведения как книга ал-Хорезми не существовало ни у индейцев, ни у греков. Трактат «ал-Джабр» играл весомую роль в формировании и развитии алгебры как науки. Полное название этой книги – «Ал-китоб-ал- мухтасар фи хисоб ал-Джабр вал-макобала».

Термин «ал-Джабр», что лежит в основе слова «алгебра», означает «дополнение» и представляет собой перенос отрицательных членов уравнения из одной части уравнения в другую с изменением знакположительным. Например, для следующего уравнения используем действия «ал-Джабр».

Дано:

$$3x^2 - 4x + 2 = 2x^2 + 7$$

После действий по «ал-Джабр» уравнение примет следующий вид:

$$3x^2 + 2 = 2x^2 + 4x + 7.$$

Термин «ал-макобала» означает «восстановление». В этом действии в обеих частях уравнения одинаковые члены сокращаются. После действий по «ал-макобала» уравнение

$$3x^2 + 2 = 2x^2 + 4x + 7$$

примет вид:

$$x^2 = 4x + 5.$$

Оригинал произведения на арабском не дошел до наших дней, но его факсимиле хранится в библиотеке Оксфордского университета. Он переведен на многие языки мира. До ал-Хорезми ни у одной нации и народностей такое общее решение уравнений не наблюдается. Это означает, что до ал-Хорезми алгебра как наука не существовала.

Ал-Хорезми был первым, кто отделил алгебру от арифметики. Он создал полную теорию уравнений первой и второй степеней, и считал алгебру важной частью математики.

С этой точки зрения его заслуга заключается в том, что именно он впервые превратил теорию алгебры в самостоятельную отрасль знания. Это произведение ал-Хорезми в Европе для создания европейского возрождения – Ренессанса оказало ощутимую услугу. Оно стало не только основанием для развития арифметики и алгебры, но также и геометрии. До XVII в. европейские ученые математики в своих произведениях алгебру называли «Искусство алгебры и ал-макобала» или «Великим искусством», и с уважением произносили имя его автора – ал-Хорезми.

Само слово алгоритм, которое заимствовано из произведений ал-Хорезми, схоже с именем автора. Последовательность математических операций, астрономические и тригонометрические (синус, тангенс) таблицы, решение алгебраических задач, система

вычислений из десяти цифр, целые и дробные числа, которые имеют алгоритмы, являются творением ал-Хорезми.

Четыре действия (сочетание, убавление, умножение и деление) сначала распространились по арабским и исламским странам, затем по Европе, а после по всему миру. Он дал человечеству относительно простой и эффективный механизм познания мира.

Великий итальянский математик Д. Кардано (1507-1576) признав ал-Хорезми основоположником алгебры, говорит: «Это искусство, которое называется алгеброй, берет свое начало от Мухаммада ибн Мусо». Кардано ставит имя Хорезми в числе десяти гениев мира (Архимеда, Аристотеля, Платона, Евклида и др.).

Другой известный итальянский математик Н. Тартали так выразил свое мнение об ал-Хорезми: «Великое искусство, называющееся на арабском алгебра и ал-макобала, является творением Мухаммада ибн Мусо».

Математик и исследователь истории науки С. Гандс (1887-1957) оценивая позицию ал-Хорезми в науке, говорит: «Произведения Хорезми – это начало европейской науки, он имеет больше права быть отцом алгебры, нежели Диофант».

Английский ученый Д. Смит (1860-1944) подчеркивает, что Мухаммад ал-Хорезми «дал Европе название и основные принципы алгебры».

Ал-Хорезми в астрономической науке также имеет весомый вклад. Он является от исламского мира первым, кто составил совершенную астрономическую таблицу.

«Зидж» ал-Хорезми играла большую роль в развитии средневековой астрономии. Это астрономический и тригонометрический сборник, посредством которого изучались состояние космических планет, затемнение Солнца и Луны, календарь и т.д.

В теоретической части «Зидж» Хорезми, впервые в науке приведена таблица синусов и туда внесен тангенс. Ал-Хорезми является автором первого произведения по географии на арабском языке. По словам академика Бартольда «он составил основу арабской географии».

«Зидж» ал-Хорезми была первой астрономией, которая переводилась на латинский язык и стала популярной в Европе, и стала основой средневековых европейских астрономий (Толедской таблицы). Особенно его сочинение «Китоб сурат ал-арз» (Книга отражения Земли) оказала огромное влияние Восточным географам.

Географические произведения ал-Хорезми в течение столетий, до великих географических открытий были основными руководствами по географической науке.

Отсюда можно прийти к выводу, что этот великий представитель таджикского народа является одним из родоначальников мировой науки и культуры, отцом науки вычисления, алгебры и алгоритма, гения от которого во всем мире приходят в изумление.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Ал-Хорезми Мухаммад. Математические трактаты. Ташкент: Изд-во АН Уз. ССР, 1964. - С. 5-85.
2. Бартольд В.В. Введение к изданию Худуд ал'алам. – Соч. в 9-ти т. М.: Наука, 1973. т 8, с. 511-512.
3. Великий ученый Средневековья Ал-Хорезми. Материалы юбилейной научной конференции, посвященной 1200-летию со дня рождения Мухаммада ибн Мусы ал-Хорезми. Ташкент. Издательство «Фан» Уз. ССР, 1985.
4. Sarton G. Introduction to history of science. V. 1, Baltimore, 1927. – 543 с.
5. Chasles M. Recherches sur l'astronomie indienne. «Compte rendu des séances de l'Akad. des sci.», séance de 2 nov. 1846, p. 845-854.
6. Курбони А. Риёзидонони Эрон аз Хоразми то Ибни Сино (на перс. яз.). – Тегеран, 1332.


**АЛ-ХОРЕЗМИ – ОСНОВОПОЛОЖНИК ВЫЧИСЛЕНИЯ, АЛГЕБРЫ И АЛГОРИТМА**


Ал-Хорезми является первым восточным ученым, деятельность которого охватывает математику, астрономию, географию, картографию, историю и т.д. Географические произведения ал-Хорезми в течение столетий, до великих географических открытий были основными руководствами по географической науке. Отсюда можно прийти к выводу, что этот великий представитель таджикского народа является одним из родоначальников мировой науки и культуры, отцом науки вычисления, алгебры и алгоритма, от гения которого во всем мире приходят в изумление.



**Ключевые слова:** Мухаммад ибн Мусо ал-Хорезми, выдающийся ученый, географические произведения, вклад в развитие мировой науки и культуры.


**AL-KHOREZMI - FOUNDER OF CALCULATION, ALGEBRA AND ALGORITHM**


Al-Khwarizmi is the first Eastern scientists, covering mathematics, astronomy, geography, cartography, history etc. Geographical works of al-Khorezmi in the course of centuries, to the great geographical discoveries

were the main guidelines on the geographical science. From here we can conclude that this great representative of the Tajik people is one of the pioneers of world science and culture, the father of computing science, algebra and algorithm of genius which all over the world come in amazement.

**Key words:** Muhammad Ibn Muso al-Khorezmi, an outstanding scientist, geographical works, contribution to development of world science and culture.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРАХ*: Комили А. Ш.* -** д.ф.м.н., профессор, проректор КТГУ им. Носира Хусрава
***Максадов Х.И.*** – научный сотрудник Института истории, археологии и этнографии им. А.Дониша АН РТ
***Табаров А. Х.*** – д.ф.-м.н., профессор, ректор КГУ им. Абуабдулло Рудаки

# ПАЖӮҲИШЕ ДАР БОРАИ СИККАҲОИ МАЛИКА ПУРОНДУХТ ДАР РОБИТА БО МАСЪАЛАИ МУДДАТИ ҲУКМРОНИИ Ӯ

***Муҳаммад Азизӣ***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Аз соли 226-и мелодӣ, ки соли тоҷгузории Ардашери аввал ва дарҳам фурӯ рехтани шоҳаншоҳии Ашконӣ аст, то замоне ки ин силсилаи миллӣ дар соли 651 вожгун гашт, бисёре шоҳаншоҳони баландмартаба салтанат намуданд, ки бори қабои бузурге чун давлати муқтадири Рум дар Ғарб ва бо Кӯшониён ва Ҳайтолиён дар шарқ ва ё бадавиён дар шимол дар гирудор буданд ва муваффақ даромаданд.

Шоҳони Сосонӣ дар ҳудуди 35 нафар мебошанд, ки баъзе аз онон муддате тӯлонӣ ва бархе фақат чанд моҳ ба салтанат нишастанд. Дар байни онон ду тан аз шоҳзода хонумҳои Сосонӣ Пурондухт ва Озармедухт низ бар тахти шоҳӣ такя заданд, вале муддати фармонравоияшон пурдавом набуданд. Зеро онҳо низ монанди чанд тани дигар вориси беназмиҳо буданд ва дар гирдобе, ки падари онон Хусрави ll ба воситаи ғурури беҳад ва адами тадбир эҷод намуда буд, гирифтор омаданд. Хусрави дувум (Парвиз, 590-627) ба воситаи ҳирсу оз ва ишқи батаҷаммул ва худситоӣ ва худпарастӣ ва ғурур, мамлакатеро ки конуни маданият буд ва қудрати хиракунанда дошт ва муҷиботи эътило аз ҳар ҷиҳат барояш фароҳам буд, ба сӯйи вожгунӣ ва табоҳӣ кашид. Пас аз кушта шудани Хусрав ба дасти писараш Шерӯя (Қубоди ll) ин шоҳзодаи нолоиқ ва бадхоҳ ба салтанат расид, ки дар муддати кӯтоҳ салтанати худ (ки онро шаш то ҳашт моҳ гуфтаанд) бисёрии аз шоҳзодагон ва бузургони мамлакатро аз байн бурд (628-и мелодӣ).

Пурондухт духтари Хусрави Парвиз дар ин даврони ҳараҷу мараҷ ба салтанат расид. Пас аз марги Қубоди ll (Шерӯя) фарзанди хурдсоли вайро ба номи Ардашери савум шоҳ хонданд, вале ихтилофи байни бузургон ва сардорони мамлакат муҷиби кушта шудани шоҳи хурдсол гардид ва чанд сабоҳӣ Шаҳруроз сардори маъруфи Хусрав – Парвиз худро шоҳ хонд, ки ӯ ҳам ба сарнавишти Ардашери lll гирифтор шуд. Пас аз вай Хусрави савум бародарзодаи Хусрави lll ва сипас Ҷавоншер[4] писари Хусрав, ки ӯ ҳам кӯдаке беш набуд, ба шоҳӣ расид, вале пас аз як сол мурд.

Чун шоҳзодагони Сосонӣ дар ин моҷароҳо аз байн рафта буданд ва касе аз онон боқӣ намонда буд, ки ӯро ба салтанат биншонанд лизо Пурондухтро, ки духтари Хусрави Парвиз буд ба шоҳӣ баргузиданд ва дар Тисфун пойтахти зебо ва бошукӯҳи Сосонӣ тоҷи шоҳӣ бар сари ӯ ниҳоданд.

Чунонки Фирдавсӣ гӯяд:

Яке духтаре буд Пурон ба ном,

Ва боз гӯяд:

Бар он тахти шоҳиш биншонданд,
Бузургон бар ӯ гавҳар афшонданд.

Дар таърихӣ Балъамӣ омадааст: «Пас чун Шерӯя бародаронро бикушт ҳеҷ фарзанде аз фарзандони Парвиз намонд магар ду духтар, ки яке номи Турондухт, яке Озари Майдухт, ҳар ду духтари Парвиз буданд ва Турондухт меҳтар буд».

Дар муддати салтанати маликаи Пурондухт ривоёт ва ақволи мухталиф аст. Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» салтанати вайро фақат шаш моҳ гуфта, Балъамӣ дар «Таърихи Табарӣ» як солу чаҳор моҳ дар «Маҷмаъ-ул-таворих» ва «ал-Қассас» як солу чаҳор моҳ, Саолабӣ ҳашт моҳ ва Кристенсен як солу чаҳор моҳ ва Порук муддати салтанати Пурондухтро беш аз як сол медонад. Димргон салтанати вайро аз 630 то 631-и мелодӣ гуфтааст.

Вале он чи ошкор аст чунин мебошад, ки сиккаҳои Пурондухт зарби соли аввал ва соли дувум салтанатро дорад. Пас ба таври қатъӣ аз замоне ки дайҳими шоҳӣ бар сар ниҳод то замоне ки дида аз ҷаҳон фурӯ баст беш аз як сол будааст.

Сиккаҳои бисёр камёби Пурондухт на танҳо муддати салтанати ӯро мушаххас мекунад, балки бо мутолиаи онон метавон дар камоли сиҳат ба вазъи қиёфа ва симо ва ҳайати воқеии вай пай бурд, ки дар рӯзгори кӯтоҳ, вале боифтихор зистааст. Шинохти сиккаҳои Пурондухт аз лиҳози қатъ ва тарзи нақш шабеҳ ба сиккаҳои падараш Хусрави дувум аст, ки аз он пас низ мавриди тақлиди салотини баъдӣ қарор гирифт ва ҳатто пас аз шикасти Сосониён ва кушта шудани Яздигурди lll сипаҳдони Табаристон ва ҳукоми араби Табаристон ва сиккаҳои араб ва сосонӣ аз он тақлид карданд. Аз ин шоҳзодахонум, ки даврони салтанаташ кӯтоҳ буд, сиккаҳои зиёд ба даст наёмадааст, вале он чи мавҷуд меёбад аз лиҳози ҳунарӣ бисёр мумтоз аст ва бо татбиқ бо якдигар метавон ба дурустӣ ва яқин донист, ки ҳунармандони ҳаккок дар кандакорӣ сари сикка саъй намудаанд, шабоҳати вайро муроот намоянд ва зебоии вайро то ҳадди имкон нишон диҳад. Сиккаҳои Пурондухт аз нуқра (дирҳам) аст ва то ба ҳоли сиккаи тилло (динор) ё сиккаи мис аз ӯ ба даст наёмадааст.

Қатъ ва андозаи сиккаҳо ба ҳамон андозаи маъмулӣ, дар ҳудуди 3 см ё каме бештар аст ва вазни он низ 3,5 грамм то 3,90 грам мебошад. Навъи ҷинс ва иёр дар саросари давраи Сосонӣ якнавохт будааст. Ба ҳамин сабаб эътибори фаровон дошта, дар мубодилоти тиҷоратӣ аз каронаҳои Мадитарона то соҳили руди Синд ва аз маркази Арабистон то савоҳили дарёи Сиёҳ ва кӯҳҳои Қафқоз ривоҷ доштааст. Рӯйи сикка, дар васати тасвир нимтана ва нимрухи Пурондухт бо сурате зебо, оразе кашида, нигоҳе гиро ва гунае баромада қарор дорад. Гесувоне баланду ҳалқавор дар се қисмат дар тарафайни сурат ба рӯйи сина ва пушти сар, ва бар рӯйи гесувон гулҳое аз ҷавоҳир нишондаанд. Ду ришта марворид бар гардани ӯст, ки дар васати овезӣ нисбат аст.

Бар рӯйи сина, наздик ба шонаҳо, бар рӯйи либос ду қитъа гулизарин ба шакли ҳилоли моҳу ситора қарор дорад ва навори чиндор мавоҷӣ аз рӯйи ва шонаҳо ба тарафи боло кашида шудааст. Тоҷи бисёр бошукӯҳе, ки ҳошияи заррини он бо як радиф ва лабаи он бо ду радифи марворид тазйин гардидааст, ба сар дорад. Дар байни ду радифи марворид лабаи тоҷ гавҳар нишонда ва бар болои лаба, се қитъа гули ҷавоҳир нишони насб аст.

Дар болои тоҷ ду боли бисёр зебо ва зарифи заррин воқеъ шуда, ки ҳилоли моҳ ва навъӣ мурассаъ чун хуршедро дар миён гирифта аст. Дар тарафайни тоҷ аз рӯ ба рӯ ҳилоли моҳ ва ситора ва дар пушти ситорае қарор дорад.

Муқобили чеҳра ва пушти сар навишта ба хати паҳлавӣ: «бурон ё бурону» ва ибороти мутадовил «фараҳафзун» нақар аст.

Даври тасвир ва навиштаро ду ё се радиф занҷира фаро гирифтааст. Фақат дар қисмати боло, яъне он қисмате аз тоҷ, ки ду бол ва ҳилол ва гӯй аст аз занҷир берун аст дар тарафайни нақш ва қисмати поин ҳилоли моҳ ва ситора воқеъ аст, ки аз давраи дувуми салтанати Қубод (499-532 милодӣ) бар рӯйи сиккаҳои вай ва сиккаҳои Бастом ва Хусрави дувум ва соир шоҳаншоҳони баъдии сосонӣ нақар аст.

Пушти сикка бинобар маъмули сиккаҳои сосонӣ, дар васати оташдоне воқеъ аст, ки дар тарафайни он ду нигаҳбон, ки аз шоҳзодагон мебошанд бахр аст ва ҳифозати оташи муқаддас машғуланд.

Оташдон, ки қатъиян намунаи аслии он аз филиз қимате буда мутабиқ аст ва қисмати боло ва поин паҳн. Васати он, ки борик мебошад бо ду навори чиндор зиннат дода шудааст. Бар фарози оташдон шӯълаҳои оташи мусалласшакл фурӯзон аст. Нигаҳбонон, ки либос ва тоҷи онон назири шоҳзодагони сосонӣ аст, ба ҳоли эҳтиром истодаанд ва ҳар як дастаи шамшери баландеро, ки ба замин такя дода шуда ба ду даст гирифтаанд. Дар тарафи рости байни сарнигаҳбон ва шуълаи оташ ҳилоли моҳ ва тарафи чап ситораи нақш аст, даври нақш ва ҳошияро се радиф занҷира фаро гирифтааст ва дар ҳошияи часпида занҷираи чаҳор нақши моҳу ситора нақар аст. Дар заминаи сикка дар тарафи рости байни занҷираи дохилӣ ва нигаҳбон номи шаҳре, ки сикка дар заробхонаи он зарб шуда қарор дорад ва дар тарафи чап таърихи зарби сикка ба хати паҳлавӣ манқуш аст.

**АДАБИЁТ**


1. Оварзабонӣ Фаридун. Баррасии сиккаҳои сосонӣ. Фарурҳар,
2. Аминӣ Ҳасан. Сиккаҳои Сосонӣ. –Теҳрон, 1385.
3. Мирзо Мухаммад Козимӣ. Сиккаҳои Эрон қабл аз ислом. -Теҳрон, позинаи 1389.

4. Баёнӣ Маликзода. Подшоҳии Пурондухт ё Сосонӣ, //Маҷаллаи баррасиҳои таърихӣ, (соли чаҳорум). –Теҳрон, 1368.
5. Поикиз Ададён Ҳасан. Таърих ва гоҳшуморӣ дар сиккаҳои Сосонӣ. -Теҳрон, 1386.
6. Пурдоруд Иброҳим. Аноҳито.
7. Пешгулӯ Саккоё. Шаҳрҳои Эрон дар рӯзгори Портиён ва Сосониён. Тарҷумаи аноятуллоҳ Ризо. -Теҳрон, 1367.
8. Хузурӣ Алӣ. Охирин шоҳ. -Теҳрон, 1371.
9. Дарёӣ, тадарруҷи шоҳаншоҳӣ. Тарҷумаи Муртафеъ Тоқибфар. –Теҳрон, 1383.
10.Кристенсен Ортур. Эрон дар замони Сосониён. Тарҷумаи Рашид Ёсамӣ. –Теҳрон: Ибни Сино, 1351.
11.Лукумин, Валод Ямин, Тамаддуни Эрони Сосонӣ, тарҷумаи Аноятуллоҳ Ризо, Теҳрон.
12.Ёршотир Эҳсон ва дигарон. Таърихи Эрон аз Сулукиён то фарди подшоҳии давлати Сосонӣ. чопи дувум, Теҳрон.

**О МОНЕТАХ САСАНИДСКОЙ ЦАРИЦЫ ПИРОНДУХТ В СВЯЗИ С ВОПРОСОМ О ПРОДОЛЖИТЕЛЬНОСТИ ЕЕ ПРАВЛЕНИЯ**

О продолжительности правления Сасанидской царицы Пирондухт в письменных источниках имеются противоречивые сведения. Нумизматические данные, и в первую очередь, монеты царицы Пирондухт позволяют уточнить данный вопрос. После гибели Хусрава ll от рук его сына Кубада ll (Шеруя) в стране началась смута, цари долго не удерживались у власти и становились жертвами очередных заговоров. В такой нестабильной обстановке к власти пришла дочь Хусрава ll царевна Пирондухт. О продолжительности её правления письменные источники дают противоречивые сведения. По Шахнаме она правила 6 месяцев, по Балъами и Мачмаъ-ал-таварих 1 год и 4 месяца, по Таъалаби 8 месяцев. На монетах Пирондухта чеканненых в Нишапуре, Кирмане, Майбуде, Нахраване и Ардашир Хуре обозначен первый год её правления, а на монетах Нахравана второй год её правления. Отсюда можно заключить что, сведения Балъами и Маджмаль –а-таворих о продолжительности правления Пирондухта 1 год и 4 месяца являются более достоверными.

**Ключевые слова:** Хусрави Парвиз, Кубод- II, Пирондухт, Озардухт, Яздигурд –III.

**A RESEARCH OF PYRONDUHT`S COINS AND HER COMING TO THE THRONE (ASCENDING THE THRONE)**

Khusravi Parviz the great and last padishach of the Soson government had been dethroned and killed by his son Qubod-II who was famous by pseudonym “Sheruya”. After his death Sheruya came the throne and was killed at the same year. Since that there were began quarreling and friction till Yazdigurd –III came to the throne. During less than five years the fourteen members of the Soson`s family dominated, and they were each dethroned one after another. In such critical situation two of the Chusravi Parviz`s daughters, Pyronduht and Ozarduht take the power into their hands in 630-631 and on the basis of the coins of their father they began to mint the coins. The Pyronduhts coins is very graceful and they are incomparable with anything and you can see particularly the corona, face, ornament and a braiding hair of the Queen of Iran.Using historical source, researching and analyzing the coins of Pyronduht we want to define the year of her dominating.

Key words: Chusravi Parviz,Qubod-II.Sheruya, Pyronduht,Ozarduht ,Yazdigurd –III.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Мухаммад Азизи*** – соискатель Таджикского национального университета

# АЛИ ИБНИ ҲУСЕЙНИ МАЪСУДӢ ПЕШРАВ ДАР ИЛМИ МАРДУМШИНОСӢ

***Масъуд Шодмон***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Абдулло Масъуд ки номи ӯ ба унвони охирин фард дар шаҷараи хонаводагии Масъудӣ зикр шудааст, аз саҳобаи Паёмбари Акрам (с) будааст.[1]

Али ибни Ҳусайни Масъудӣ аз авлоди Абдуллоҳи Масъуд мебошад. Вай умреро дар сайру сафар ва мутолиаи наздик ва мустақими ҷомеаҳо гузаронидааст ва кишварҳо ва милали мухталиферо дар Осиё ва Африқо мушоҳида намуд ва завқи ошкор ба мутолиаи илмӣ ва дидани ҷомеаҳо ва шинохти фарҳангҳои милали мухталиф дар корҳои хеш, бавижа китоби «Муруҷ-ул-заҳаб», нишон дод.

Масъудӣ пас аз сафарҳои мутааддиди худ, дар кишвари Миср иқомат гузид ва пас аз чанд соли зиндагӣ дар Миср, ва дар шаҳри Фустод, дар соли 345қ. баробар бо 965м. пас аз 65 сол зиндагӣ аз ҷаҳон даргузашт. Вай дар муқаддимаи бисёр кӯтоҳи асари хеш «Муруҷ-ул-заҳаб», бисёре аз ақидаҳои илмии хешро ошкор месозад. Дар идомаи кор, таҳлили муҳтавои китоб ва муқаддимаи болоро мабнои кори мутолиаи хеш қарор медиҳем.

**Ҳастишиносӣ.** Алоқаи аслии Масъудӣ донистан аз тариқи дидан буд. Вай мутолиаи вокеии зиндагӣ, дидани мардум, дарки нукоти ҳастишинохтӣ, боварӣ ва арзишии онҳоро бештар дар хилоли мушоҳидаи бевоситаи ҷомеа ва фарҳанг мумкин медонист.

**Равиши илмии Али ибни Ҳусайни Масъудӣ.** Таъкиди Масъудӣ бештар ҳавли меҳвари илм ва баррасӣ аз роҳи дидани рафторҳои фарҳангӣ ва шаклҳои ҷомеаҳо бештар аз ҳар мавзӯъ дар корҳои вай намоён аст, то ҷое ки ҳатто ба тариқи ахлоқи илмӣ пойбанд мешавад ва аз касоне, ки китобҳои вайро мавриди мутолиа қарор медиҳанд ва ривояткунандагони матолиби ӯ интизор дорад, ҳамон равиши илмии ахлоқӣ, ки худ пеша кардааст, онро дар назар дошта бошанд. Ба ҳамин далел, ҳар гуна суистифода аз навиштаҳо ва назарҳои худро мавриди балои осмонӣ медонад ва чунин мегӯяд: «Ва ҳар кас чизе аз маонии онро таҳриф (ба маънии дигар табдил кунад) кунад, ё қисмате аз онро тағйир диҳад, ё нуктае аз он маҳв кунад, ё чизе аз тавзеҳоти онро муштабаҳ ё дигаргун ё вожагун (баргардон кардан) ё табоҳ ё мухтасар кунад, ё ба дигаре нисбат диҳад, ё биафзояд, аз ҳар миллат ва фирқа бошад, ғазаб ва интиқом ва балоҳои сахти Худо чунон бар ӯ фуруд ояд, ки сабраш ночиз ва фикраш ҳаёрон ва …».[2]

Бар ҳамин асос, назари Масъудӣ нишон медиҳад, ки пажӯҳишгар бояд риояти амонатро дошта бошад ва ҳамчунин, дар доираи мутолиотӣ ва тахассусии худ хориҷ нашавад ва ба матолибе бипардозад, ки ҳам тахассуси вай ва ҳам таъкиди риштаи маълумоти вай эҷод мекунад; на он ки аз ҳар ҷое сухане гуфта ва ҳар ҷое мақоле мудохила намояд.

Али ибни Ҳусайни Масъудӣ мегӯяд: «ва Санон ибни Қараи Ҳарониро бидидам аз фанни хеш бурун шуда ва равише хориҷ аз тариқати хеш гирифта … ва китобе ба унвони рисолае ба ёрон… ва дар он аз ҳаводисе, ки муддаӣ аст, шоҳиди он буда, вале набуда сухан гуфта… он гоҳ ба хилофи расми ахбор ва таворих ва бурун аз шеваи аҳли таълиф ба даврони халифагони дигар вопас рафта, гарчи сухани нек оварда ва хати маънӣ бурун нашуда, аммо айб он ҷост, ки аз фанни хеш бурун рафта ва хориҷ аз риштаи худ ба такаллуф пардохта. Агар ба улуми тахассусии худ… пардохта ва сухан карда буд, аз такаллуф масун мемонд, ки колои муносибе риштаи худ оварда буд, вале камтар касе андозаи гилеми худ донад ва айби хеш бишносад».[3]

Пас ҳар гоҳ олим ё муаррих дар ҳавзаи тахассусии хеш сухан гӯяд ва хештанро либоси тақво ва ҳикмат бипушонад, албатта дар қаламрави тахассусии хеш мӯътабар шумурда хоҳад шуд. Масалан Масъудӣ мегӯяд: «таърихи Абуҷаъфар Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ аз ҳамаи китобҳо ва таълифот сар аст (болотра аст)… чаро набошад, ки муаллифи он фақеҳи аср ва зоҳиди даҳр буд, ки фақеҳони билод ва доноёни суннат ва ахбор, илм аз ӯ гирифтанд».

Али ибни Ҳусайни Масъудӣ илова бар таваҷҷӯҳ ба тахассус ва риояти амонатдорӣ, бетарафӣ дар гузориши ироа намудаи худ, дар осораш низ мӯътақид маъмулан бо онҳо ҳам амал намуд.

**Мардумнигорӣ, мавзӯи илм.** Муҳимтарин нуктае ки назари Али ибни Ҳусайни Масъудиро дар таъйини қаламрави илм, ба худ ҷалб мекунад, метавон дар ду равиш хулоса кард:

1. Донистан, шинохтан, нигориш ва гузориши бетарафона ва дидани чӣ гуна зистани мардум, аам аз ин ки нақл ва ё гузориши мо ба таърихи як қавм ишора дошта бошад, яъне мутолиаи таърихӣ ва ё ба чи гуна зистани мардум дар ҳамон замон нигориши таърих дошта бошад, яъне мутолиаи замони гузашта ё кунунӣ. Ва сухани дигар, мавзӯи илми мардумнигории Масуъдӣ ки яке аз мавзуоти асосии китоби арзишманди «Муруҷ-ул-заҳаб»-и ӯро ташкил медиҳад, иборат аст аз ишора ба нукоте аз: «ахбори рӯзгорони Салаф, ки мавриди ҳоҷат аст ва нуфуз ва донистани он роқиб, ҳамаи улум ва ҳамаи фунуни таърих ва риштаҳои ҳаводис ба тафсил…».[4]

2. Мавзӯи дигари илми мардумшиносии Масъудӣ баррасии нукоти хос, вуҷуди ҷудокунанда, аслияти вижа дар ҳар фарҳанг ва ё ҷомеа мебошад.

Дар ин ҷо ба андешаи дигари Масъудӣ он аст, ки Масъудӣ саъй дорад, аз хилоли манбаъи таърихӣ ва ривоятҳои гуяндаҳо, мушоҳидаи аҳволи иҷтимоӣ ва ҳамёрҳои фарҳангии мардум ба нукоте роҳ пайдо кунад, ки натанҳо аз диди дигарон пушида монда ва ё ки дар замони гузашта, ба далелҳои чанд, мавриди шинохт ва гузориш дур мондаанд, балки муаррифи ваҷҳи хос ва хасисаи ҷудосозии як фарҳанги хос аст, ки Масъудӣ мегӯяд: «Ва чизе ки маро ба таълифи ин китоб дар таърих ва ахбори ҷаҳон ва ҳаводиси Салаф аз саргузашти паёмбарон ва шоҳон ва мувтен ақвом(ватани қавмҳо) водор кард, пайравӣ аз рафторе буд, ки олимон кардаанд ва ҳакимон доштаанд, то аз ҷаҳон ёдгори писандида ва донини муаззам ва кӯҳан ба ҷо монад, ки муаллифони китобҳо дар ин замина муваффақ ё муқасир, муфасал ё мухтасарнавис будаанд ва дидаем, ки ҳаводис ба мурури замон фузун мешавад ва бо

замона вуқӯъ меёбад ва тавонад, ки ҳаводиси ҷолиб аз ҳушманд ниҳон монд, ки ҳар фарде ба қисмате аз он таваҷҷӯҳ дорад».[5]

Бад-ин тартиб масоили мардумшиносӣ ва гузоришҳои мардумнигорӣ бояд ба нукоти вижа ва алоҳидагӣ ба вижагиҳои тахрихии ҳар қавм таваҷҷӯҳ кунад; таваҷҷӯҳ ва таъкиде ки метавонад пажӯҳишгарро ба қаламрави нисбиятгароӣ ва ё вижагароии таърихӣ низ бикашонад. Таваҷҷӯҳ ва таъкид бар вижагиҳои ҷомеаҳо, он қадара дар кори Масъудӣ ҷиддӣ талаққӣ мешавад, то ҷое назари ӯро ба худ ҷалб мекунад, ки худи ӯро мутаваҷҷеҳи ғафлат аз дигар парешони нанамуда ва ба ин хотир аз хонанда пузиш металабад.[6]

Масъудӣ мегӯяд: «Агар дар ин боб тақисре рафта ва ё ғафлате шуда узр мехоҳем, ки хотири мо ба сафар ва дидпаймоӣ ба дарё ва хушкӣ машғул буд, ки бадоеи миллалро ба мушоҳида ва ихтисосоти ақоимро ба муоина тавонем донист…».[7]

**Равиши таҷрибаи тафоҳумӣ.** Равиш ба шеваи мутолиаи пажӯҳишии Масъудӣ, бидуни шак, такя бар мушоҳида ва мутолиаи таҷрибавӣ устувор буд. Таҷрибагароии Масъудӣ то бад-ин ҳад аст, ки ҳар маънои рухдод ва сохтори боввариро мебоист бо санҷиши воқеият бошад ва ҳамчунин бо меъёри ҷаҳони хориҷ арзёбӣ намояд. Масалан дар баҳси мардумшинохтӣ перомуни мафҳуми «анқо (парандаи асотирӣ ё фарзӣ мебошад) дар ҷомеаҳои мухталиф» ба шеваи таҷрибӣ ва табиатгароёнаи таҳқиқ, чунин ба нақл мепардозад ва мегӯяд: «…ва аз миёни касоне ки дар ин мамолики мухталиф дидаам, ё хабарашонро шунидаам, яке набуд ки бигӯяд, ки анқоро дидааст ва шояд исмест ки монанд надорад».[8]

Ин равишро метавон бо таъкиди зер ҳамҷиҳат ва ҳамсӯ дид.

1. **Шеваи ҷойгузинӣ.** Масъудӣ бар он буд, ки мутолиаи ахбори гузаштагон бо мурољиат ба таърих ва ахбори онҳо мумкин аст, ба шевае ки ин ахбор мебоист якояк аз ҳар ҷомеае, ҳар кадом ҷудогона таълиф шавад ва ба сурати шарҳҳои тавсифӣ ва такнигорона ба даст ояд. Ин кор танҳо замоне мумкин аст, ки мурољиати мустақим ва мушоҳидаи аз наздик ё шеваи ҷойгузинӣ ва таҷрибае ба кор баста шавад. Масъудӣ чунин мегӯяд: «ва ҳар иқлимеро шигифтиҳост, ки фақат мардуми он донанд ва он ки дар ватани хеш ба ҷо монад ва ба иттилооте ки аз иқлими худ гирифта қаноат кунад, бо касе ки умри худро ба ҷаҳонгардӣ ва сафар гузаронида ва дақоиқ ва нафоиси ахборро аз дасти аввал гирифта, баробар натавон буд».[9]

Ҳамин таъкиди Масъудӣ бар додаҳо ва манобеи дастаи аввал барои ташхиси «дақоиқ ва нафоис (лаҳзаҳо ва ҷонҳо) нишондиҳандаи равиши ҷойгузинӣ ва таҷрибаи ӯст, ки дар ватани хеш муяссар намешавад, балки пажӯҳишгар боисти умри худро ба ҷаҳонгардӣ ва сафар бигузаронад, то шигифтиҳои ҳар иқлимеро ки фақат мардуми он иқлим медонанд бишносад».

Дар шинохти вижагии як ҷомеа ва тавсифи такнигоронаи он зимни ҳифзи асли ҳамсанҷӣ, дар мутолиаи боварҳои фарҳангӣ дар бораи робитаи қиёфа ва хулқу хуи шахсиятӣ пас аз тавсифи такнигорона, ба навъе ҳам ба сӯи ташкили назарияи мардумшинохтӣ ҷиҳат мегирад, ки дар ин ҷо Масъудӣ Мегӯяд: «ин масоил хоси арабон аст ва қолаби он дар дигар қавмҳо нест. Албатта ҷодугарӣ дар қавмҳои дигар будааст, аммо қиёфа ва заҷр ва фол гирифтан ва татаюр (фолбини бо мурғ ё паранда), ки қолаби умур роиҷ аст дар ғайриараб нест, балки хоси мардуми ҳушёр ва муҷараб ва дақиқ аст ва…».[10]

Дар ин тавсифи такнигорона ки ба хубӣ бо шеваи ҳамсанҷӣ омехта шуда, навъи гароиш ба сӯи ташкили назари мардумшинохтӣ дида мешавад, ки пас аз ин мавриди баррасии бештар қарор мегирад.

2. **Шеваи ҳамсанҷӣ ё татбиқӣ.** Дар хусусияти равиши мутолиаи Масъудӣ ҳамсанҷии маълумотҳо ба ахбори гузаштагон ва ё мардуми мавҷуд дар ҷомеаҳои таҳти мутолиа ва мушоҳид бо дигар ҷомеаҳо ва аз сӯе, ҳамсанҷидани ахбор ва маълумотҳои як матн бо дигар матнҳо аст, ки Масъудӣ дар ин ҷо мегӯяд: «мардуми салаф ва халаф дар таърих ва ҳаводиси китобҳо овардаанд, ки баъзе ба савоб ва баъзе дигар ба хато рафтаанд ва ҳар як ба қадри тавони хеш кӯшиш карда ва … пас ҳар кас китобе тахриф кунад ва маърази диди касон бошад, агар накӯ карда тамҷидаш кунанд ва агар бад оварда айбаш гӯянд… ва ҳам бо шоҳони мухталиф, ки ахлоқи мутафовит ва мақсадҳои гуногун доштанд ва диёрашон дур аз ҳам буд, гуфтугӯ доштем ва бо онҳо ҳамсухан шудем… бо қатор ҷаҳон рӯ ниҳода ва чун хуршед гоҳе дар машриқақсор ва замоне дар ғарб…».[11]

Ва ё перомуни эътиқодоти мардум дар робитаи миёни хислатҳои зоҳирии волидайн ва фарзандон дар қавми араб, қавмҳо ва боварҳои фарҳангӣ мувофиқ ва

мухолифро матраҳ карда, назари бузургони он диёрро зикр намуда ва сипас бо ахлоқи илмӣ-таҷрибӣ ва бетарафӣ дар гузориши додаҳо менависад: «Дар он ҷо вуҷуди набуди шабоҳат ҳукм бар илҳоқи насаб карда ва ин ҷо шабоҳатро манути илҳоқ надонист ва ҳукми бастарро мӯътабар донист ва ҳукми шабоҳатро ботил донист. Мақсуд аз ин боб ҳамин гуфтугӯ буд ва ин тафсирро ёд кардем, ки ҳукми мухолифи қиёфаро низ биоварем». [12]

3. **Тафоҳумгароӣ ва падидоргароӣ.** Таъкиди Масъудӣ дар мутолиаи мавридӣ ва ё майдонӣ, шевае ки битавон ба маълумотҳое расид, ки фақат мардуми он диёр медонанд ва ин мутолиот ва маълумотҳои дасти аввалро асоси баррасӣ қарор доданд, бавижа ин маъно ки «ҳаводиси ҷолиб аз ҳушманд ниҳон монад, ки ҳар кас ба қисмате аз он таваҷҷӯҳ дорад» нишондиҳандаи алоқа ва таъкиди Масъудӣ ба дидгоҳҳои равишшинохтӣ ва дарунгароёна ва тамоюлоти падидоргароӣ аст.

**Ҷашмандози инсоншинохтӣ:** Яке аз пурсишҳои бунёд дар мардумшиносӣ ва ба маротиб инсоншиносӣ, перомуни масълаи чигунагии ташкили ҳинҷорҳо, унсурҳо ва маҷмуаҳои фарҳангӣ, дар таърихи ҳар миллате аст. Дар таърихи андешаҳо ва назарияҳои инсоншиносӣ ва мактабҳои марбут ба он, муҳимтарин ҷидол бар сари пурсиши болоро метавон миёни ҷараёнҳое чун такомулгароӣ, таровушгароӣ, вижагароии таърихӣ ва сохтӣ ишора кардааст. Ҳар ҷомеаро дар партави маърифат ва мухтасоти вижаи ҳар ҷомеа дар ҳар замоне аз замон мешавад ташхис дод ва метавон яке аз мабонии умумӣ аз мактабҳои инсоншиносӣ наздик ба андешаҳои Масъудӣ дид.

Тақобули такомлугароӣ ва таровушгароӣ. Масъудӣ дар хилоли тавзеҳ ва ташреҳи чигунагии ихтилоф, гуногунии ҳинҷорҳо ва қонунҳои фарҳангҳои ҷомеаҳо ба далели рӯҳияи бетарафии равишшиносӣ саъй дорад, то ҳар фарзияеро мавридли баррасӣ қарор диҳад. Аз миёни мисолҳои фарованои вай метавон ба шарҳи масъалаи тафаъул ва татаюр (фоли неку бад) дар ҷомеаҳои мухталиф ишора намудааст. Масъудӣ бо ба коргирии шеваи ҳамсанҷӣ масъалаи тафаъул ва татаюрро нахуст дар қавми араб баррасӣ кардааст. Сипас намунаҳои онро ба дигар ҷомеаҳо низ ба мадади мушоҳидаи ҷомеаҳо ва мутолеаи аснои таърихӣ меорад. Ҳамон гуна ки ишора шуд, ӯ нахуст масъалаи тафаъул ва татаюрро хоси мардуми араб медонад: «Ин масоил хоси арабон аст ва қолиби он дар дигар қавмҳо нест. Албатта коҳинӣ (ҷодугарӣ) дар қавмҳои дигар будааст. Аммо қиёфаву заҷру тафаъул ва татаюр ки дар қолаби умур роиҷ аст дар ғайриараб нест ва дар ҳамаи араб низ мутадовил нест, балки хоси мардуми ҳушёр ва муҷарраб ва дақиад».[13]

Дар ҷумлаи боло Масъудӣ дар шарҳи ҳамсанҷигуна, саъй дар тавсифи мухтасоти қавмии араб дар баробари дигар қавмҳо кушидааст. Дар илова ӯ дар думболи баҳси фавқ саъй дар табйини вуҷуд ва пароканда шудани тафаъул ва татаюр дар дигар ҷомеаҳо диққат дода ва ба ҳамин далел ба ду посух, ки ҳар кадом муаррифии макотиби такомулгароӣ ва таровушгароӣ аст мепардозад.

1. **Посухи таровушгароёна.** Масъудӣ дар думболи баҳси фавқ шарҳи худро аз чигунагии шуюъи тафаъул ва татаюр чунин андеша мекунад:

«Ва агар тафаъул ва татаюр дар баъзе аз қавмҳои дигар монанди Фарангон ва қавмҳои муҷовири эшон ёфт шавад, мумкин аст, аз рӯзгорони қадими араб гирифта бошанд, зеро арабон ба ноҳияҳои мухталиф муҳоҷират кардаанд ва забонашон бигашта ва бо қавмҳое ки мобайни онҳо сукунат гирифтаанд мунтасаб шудаанд. Бинобар ин, мумкин аст Фарангон ва дигар қавмҳое ки ин расмҳоро доранд, пас аз Ислом аз қавмҳои араб дар муҷоваирати эшон дар диёри Англия ва арзи Кабир таъмим шуданд гирифта бошанд».

Дар шарҳи фавқ перомуни табъйини чигунагии вуҷуди расми тафаъул ва татаюр, Масъудӣ аз истилоҳоти аз усулҳое баҳра гирифта бошад, ки имрӯза дар истилоҳшиносӣ мактаби таровушгароӣ аз аҳамияте бе чун бархуд доранд. Масъудӣ дар шарҳи фавқ мегӯяд «агар бихоҳед иллати вуҷуди чунин расмеро табъйин кунем, метавонем бигуем, ки он қавмҳо аз арабҳо ин расмҳоро гирифта бошанд, зеро ки арабҳо ба диёрҳои муҷовир муҳоҷират карда в ба ҳамин далел аз баони он қавм мафҳумҳои арзишии ниҳодҳои расмҳои фавқ ба кишварҳои муҷовир омӯзиш ва ё таровиш карда бошанд.

2. **Посухи такомулгароёна.** Дар дуболи матни фавқ Масъудӣ дар посух ба чигунагии шуюъи расми фавқ дар миёни ғайриараб ба фарзияи дигаре низ мутавасил мешавад. Зимни тасреҳи ҷашмандозӣ ва шаклҳои он Масъудӣ ишора ба шинохти фарзияҳои такомулӣ дар андешаи хеш дорад, ва мегӯяд: «… ва агар тафаъул ва татаюр пеш аз зуҳури ислом будааст ба ҳамон тартибе ки гуфтаам, гирифтаанд.

Шоядҳам Худои азза ва ҷал ҳамон тавр ки ин расмҳор ба арабон дода ба қавмҳои ғайриарба низ додааст, ки ин дар ҳудуди имокн аст ва аз воҷиб ва мумтанеъ берун аст».[14]

1. Ба ҳамин тариқ дар масъалаҳои ҳастишиносӣ Масъудӣ дар мавридҳое ки ба мафҳумҳои ҳассос марбут мешаванд, тамоюли шадид ба шеваи имомия тааллуқ доранд.

2. Дар масъалаҳои равишшиносии Масъудӣ илова бар гароишҳои равшан ба равиши дидорӣ ва воқеъгароӣ, ҷойгиршавӣ ба баробарии равишшиносӣ ва тафоҳумгароӣ в бавижа падидоргароӣ, робитаи надик дорад.

3. Дар масъалаҳои назаривии Масъудӣ масъалаҳои инсоншиносӣ, гароиши мутаасибона ба ҳеҷ кадом аз мактабҳо нишон намедиҳад; зимни он ки саъй мекунад то аз беҳтарин таъбирҳои мавҷуд дар ҳар гуна гароиши эҳтимолияи назариявӣ, баҳраи мутаносиб бигирад. Ҳамон гуна ки тавонист аз механизмҳои мутаносиби ҳарду мактаби такомулгароӣ ва таровушгароӣ, ба ҷо, баҳраҳои муфид бигирад.


### АДАБИЁТ

1. Муруҷи Ализаҳаб. Пешгуфтори ношир. Ҷ.1, с.5, 1385.
2. Мақолаи Масъудӣ дар пешқарорнии илми мардумшиносӣ. Доктор Ҳусейни Абулҳасани Танҳоӣ. Маркази таҳқиқоти компютерӣ ва улуми исломӣ. Номаи фарҳанг. №31, с.186.
3. Али ибни Ҳусайни Масъудӣ. Муруҷ-ул-заҳаб ва маодин-ул-ҷавҳар. Тарҷумаи Абулқосими Поянда. Теҳрон, ҷ.1, с.8-9, 1370.
4. Ҳамон ҷо, с.6, 1370.
5. Ҳамон ҷо, ҷ.1, с.3, 1370.
6. Ҳусейни Абулҳасани Танҳоӣ. Мақолаи пешрави илми мардумшиносӣ. Номаи фарҳанги №31. Маркази таҳқиқоти компютерӣ ва улуми исломӣ. Теҳрон, с.187.
7. Али ибни Ҳусайни Масъудӣ. Муруҷ-ул-заҳаб ва маодин-ул-ҷавҳар. Тарҷумаи Абулқосими Поянда. Теҳрон, ҷ.1, чопи 4, с.371, 1370.
8. Ҳамон ҷо. с.378, 1370.
9. Ҳамон ҷос.380, 1370.
10. Ҳамон ҷо. с.386, 1370.
11. Ҳамон ҷо, ҷ.1, с.524, 1370.
12. Ҳамон ҷо, с.526, 1370.
13. Ҳамон ҷо. с.296, 1370.
14. Ҳамон ҷо. с.310, 1370.
15. Ҳамон ҷо. с.294, 1370.



**АЛИ ИБН ХУСЕЙН МАЪСУДИ – УЧЕНЫЙ - ЭТНОГРАФ**

В данной статье автором на основе изучения исторических источников подвергнуты изучению и рассмотрению жизнь и деятельность арабского историка, географа и путешественника Али ибн Хусейна Масъуди, который происходил из рода потомков Абдаллаха ибн Масъуда – сподвижника Пророка Мухаммада. Он является одним из первых арабских авторов, который объединил разрозненные прежде исторические и географические наблюдения в крупномасштабную работу энциклопедического характера.



**Ключевые слова:** Али ибн Хусейн Масъуди, арабский историк, путешественник, важный исторический источник, сподвижник Пророка Мухаммада.



**ALI IBN HUSSEIN MAS'UDI - SCIENTIST - ETHNOGRAPHER**

In this article the author on the basis of studying of historical sources subjected to study and discusses the life and activities of the Arab historian, geographer and traveler Ali Ibn Hussein Mas'udi, who came from a descendant of Abdullah Ibn Mas'udi - companions of the Prophet Muhammad. He is one of the first Arab authors, which united the disparate first of historical and geographical observations at large-scale work encyclopedic nature.



**Key words:** Ali Ibn Hussein Mas'udi, the Arab historian, a traveler, an important historical source, companion of the Prophet Muhammad.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Масъуд Шодмон*** – соискатель Таджикского национального университета


## РОБИТАҲОИ ТОҲИРИЁН БО АЛАВИЁН


***Ҳамиди Куҳансол***

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Пас аз вуруди ислом ба Эрон яке аз сарзаминҳое, ки дар даврони хулафои исломӣ, сардорони лашкари ислом, ҳеҷ гоҳ натавонистанд бар он тасаллут пайдо кунанд, минтақаи Табаристон ва сарзамини Дейлам буд. Дар асари муборизаи фаровон мардуми ин минтақаҳо, то замони хулафои Аббосӣ ҳеҷ гуна тасаллут ба назорати доимӣ тавассути хулафои исломӣ бар ин минтақаҳо вуҷуд надошт.

Душмании мардумони ин минтақа бо хулафои Уммавӣ ва Аббосӣ ва муқовимати сарсахти эшон ба гунае буд, ки охирин минтақаи билоди исломӣ ва марзҳои минтақаҳо таҳти назорати мусулмонон мунтаҳӣ ба минтақаи Табаристон ба сарзамини Дейлам мешуд. Ҳамчунин, тибқи нақли манобеи таърихӣ, озор ва таъқиби Алавиён ва шиаён аз тарафи хулафои Уммавӣ ва Аббосӣ боис мешуд, то ин афрод бо фирор аз минтақаҳои таҳти назорати хулафо ба маконҳои дурдаст ва амн паноҳ бибаранд. Ин ҳиҷратҳо ба сурати фардӣ ё дастаҷамъӣ ва хонаводагӣ анҷом мегирифт. Яке аз минтақаҳои амне, ки шиаён ва Алавиёни фирорӣ аз ситами хулафои Уммавӣ ва Аббосӣ барои паноҳ гирифтан ва махфӣ шудан ба он рӯй меоварданд, минтақаҳои кӯҳистони шимоли феълии Эрон, яъне минтақаи Табаристони қадим ва сарзамини Дейлам, яъне Гелон ва Мозандарони кунунӣ будааст. Илова бар ин, хусусиёти ҷуғрофиёӣ мухолифат ва сарсахтии мардуми ин минтақа дар душманӣ бо хулафои Уммавӣ ва Аббосиро метавон яке дигар аз омилҳои паноҳ бурдани Алавиён ба ин минтақа шумурд. Ба ин далел, ин мардум шуҳраи мухолифат ва сарсахтӣ дар душманӣ бо хулафои исломӣ шуда буданд.

**Ҷуғрофиёи Табаристон.** Табаристон номи собиқи Мозандарон ва қисмате аз вилояти қадимии Фарашвозҷар мебошад. Ин вилоят шомили Озарбойҷон, Табаристон, Гелон, Дейлам, Рей, Қумис, Домғон ва Гургон будааст. Табаристон дар ҷануб ва ҷануби шарқии дарёи Хазар ва дар сарзамини сарсабз, ободи дорои мавонеи табиии фаровон қарор доштааст. Аз шаҳрҳои он Сорӣ, Момтир, Тарҷе, Нотил, Чолус, Руён, Килор, Омулро метавон ном бурд. Маҳалли ҳукумати салотини Табаристон шаҳри Омул будааст. Ин сарзамин аз шарқ ба вилояти Хуросон ва Гургон, аз ғарб ба диёри Гелон ва Ироқ аз шимол ба дарёи Хазар ва аз ҷануб ба ноҳияи Рей ва Қумес мунтаҳӣ шудааст.

**Ҳимояти Алавиён аз мардуми Табаристон.** Табаристон аз соли 226 то 250 ҳ. дар дасти Тоҳириён қарор дошт. Дар ин муддат 6 нафар аз тарафи Тоҳириён дар Табаристон ҳукумат доштанд. Ҳокимони Табаристон дар ин охирҳо намояндагонеро барои идора ва ҳукумати ин сарзамин аз тарафи худ ба минтақа гусел медоштанд. Ин намояндагон бо ниҳоят бераҳмӣ бо мардум бархӯрд карда, бо дарёфти молиёти фаровон зулм ва таъдиди бисёр, мардумро мавриди озор ва азият қарор медоданд. Ба ҳамин иллат, мардуми Табаристон шурӯъ ба муҳоҷират аз ин минтақа карданд. Ин рафторҳо худ муқаддимаи шурӯи наҳзати дубора дар ин минтақа гардид. Мардум норозӣ бо яъс (ноумедӣ) аз ҳокимони маҳаллӣ ва ҳукоми Тоҳирӣ ба тарафи Алавиёни сокин дар ин сарзамин рафтанд, ки машҳур ба мубориза бар зиддӣ Аббосиён ва аъмоли беинсофи онҳо буданд. Ин Алавиён ба таври пинҳонӣ ба фаъолиятҳои сиёсӣ машғул буданд ва ба хотири ақидаҳои худ ошкоро таъкид бар мухолифат бо хулафои Аббосӣ ва ҳукоми онҳо мекарданд. Қабули даъвати мардуми Табаристон тавассути Ҳасан ибни Зайд барои роҳбарии ин ҷунбиши мардумӣ бар зидди Аббосиён ва аъмоли онҳо дар соли 250 ҳ. худ далел бар ин муддао аст.

**Истилои ҳукоми Алавӣ бар минтақаҳои таҳти тасарруфи Аббосиён.** Аз ҷумлаи тасарруфоти Дои Кабир дар замони ҳукуматаш метавон ба истилои вай бар вилояти Рей, Абҳар, Қазвин ва Занҷон ишора кард, ки бо ирсоли номае аз тарафи Ҷастон ибни Ваҳсудон мабнӣ бар ҳузури яке аз ёрони лоиқи Дои Кабир дар Рей ҷиҳати ба даст гирифтани ҳукумати Рей, Дои Кабир Аҳмад ибни Исоро ба Рей фиристод. Ӯ низ бо ҳамкории Ҷастон ибни Ваҳсудон бахше аз вилояти Рейро ба тасарруф даровroutанд. Ҳамчунин, бо кӯмаки Қосим ибни Алӣ Қазвин, Абҳар ва Занҷонро ба тасарруфи худ даровард ва мардуми ин шаҳрҳо низ даъвати Дои Кабирро иҷобат карданд ва бо ӯ байъат намуданд. Пас аз ин бо ҳаракати Қосим ибни Алӣ ба тарафи Ироқ ба дастгирии Абдуллоҳ ибни Азиз аз сардорони Тоҳириён ва кушта шудани он хабари ин пешравиҳо ба Бағдод ва халифаи Аббосӣ расид. Дар ин айём хабарҳои ногуворе барои халифа ба Бағдод мерасид ва хабари пешрафти Алавиёни Табаристон ва нотавонии лашкари Хуросон ва аҷзи давлати Тоҳириён халифаро ба даҳшат андохт ва халифа дар садади эъзоми як лашкар ҷиҳати саркӯбии Дои Кабир ва ёрони ӯ баромад. Ин лашкар саранҷом ба фармондеҳии шахсе бо номи Муфлеҳ сареан ба тарафи Табаристон ҳаракат кард ва дар Қазвин бо лашкариёни Дои Кабир рӯ ба рӯ шуд. Лашкари Бағдод пас аз шикасти эшон бар Рей рафта, онҷоро низ фатҳ кард. Баъд аз он бо фатҳи Қумис озими Гургон шуд ва онро низ фатҳ намуд ва тасмим ба ҳаракат ва фатҳи Табаристон гирифт. Сипас бо вуруд ба Табаристон, пас аз ҷанги сахт бар лашкари Дои Кабир ғалаба кард ва Сориро фатҳ намуд. Пас аз чанд рӯз таваққуф дар Сорӣ ба тарафи Омул ҳаракат кард. Сардори лашкари Бағдод то соли 255 дар Омул мустақар буд ва пас аз он Чорлусро маҳалли истиқрори худ

қарор дод. Бо расидани хабари марги халифаи Аббосӣ ал-Муътазбиллоҳ, лашкари Бағдод сареан тамоми минтақаи мутасарруфоти худро тақвият карда, ба тарафи Бағдод ҳаракат кард. Дубора Дои Кабир зимоми умурро дар даст гирифт. Пас аз он дигар ҳеҷ гоҳ ҳавзаи ҳукумати вай аз ҳудуди сарзаминҳои шимоли Эрон ва Табаристон фаротар нарафт.

**Иртиботи Алавиён бо Тоҳириён.** Пас аз фатҳи Эрон тавассути аъроби мусулмон ва аз байн рафтани ҳукмати марказӣ, Эрон аз ҷониби хулафои исломӣ идора мешуд. Ин раванд то замони Маъмуни Аббосӣ идома дошт, то ин ки Тоҳир Зуляминайн эъломи истиқлол кард ва номи халифаро аз хутба ва сикка андохт ва батадриҷ ҳукуматҳо ва амсоратҳои ниммустақил ва мустақил дар Эрон шакл гирифтанд. Яке аз ин ҳокимиятҳо Алавиёни Табаристон будаанд, ки мазҳаби шиаи зайдӣ доштанд ва ба мухолифат бо дастгоҳи хилофати Аббосӣ пардохтанд ва Аббосиён низ аз роҳҳои гуногун ба муқобила ба онҳо бархостанд. Яке аз муҳимтарини ин роҳҳо истифода аз соири ҳокимиятҳои маҳаллӣ мисли Тоҳириён, Саффориён, Сомониён барои муқобила бо Алавиёни Табаристон ва барандозии онҳо буд.

Мизони тасаллути хулафои Аббосӣ бар ҳукуматҳои эронӣ то поёни ҳокимияти Алавиён аз қарни 3 ҳ. ба баъд, бар асари масоиле, ки дар дохил ва хориҷ аз дастгоҳи хилофати Аббосӣ мегузаштанд, батадриҷ хилофат қудрат ва истеҳкоми худро аз даст дод, ба гунае ки дар соли 334 ҳ. мақорин бо хилофати Аҳмад писари Буйе Бағдодро тасарруф намуд ва бар он ҷо мусаллат шуд. Вале бо вуҷуд ин, султаи ниҳоди хилофат бар ниҳоди салтанат дар Эрон поён нагирифт. Ҳатто дар замони ал-Носир Лидиналлоҳ (575-622) хилофат қудрати сиёсии худро эҳдо кард; аммо хилофати Аббосӣ дигар наметавонист ин қудратро барои ҳамеша ҳифз намояд. Ба ҳамин далел, кам-кам силсилаҳои мустақиле ташкил гардид, дар баъзе аз минтақаҳо халифа ногузир шуд. Барои таъмини вафодории аъён ва деҳқонони эронӣ, яке аз бонуфузтарини онҳоро ба ҳукумати меросии он вилоят мансуб намояд. Ин гуна иморатҳо батадриҷ ба сурати давлатҳои мустақил даромаданд. Гоҳе низ пеш меомад, ки мутанафизони маҳал худсарона ва бе иттикои неруи низомии хеш, бидуни ин ки аз тарафи халифа мансуб шуда бошанд, ё фармоне аз вай содир шуда бошад, ҳукумати маҳаллиро ба даст мегирифтанд.

Пайдоиши давлатҳои маҳаллӣ дар Эрон, бахусус дар шарқ, ки бо Алавиёни Табаристон бархӯрди ҷиддие доштанд, аз як сӯ натиҷаи мубориза дохилӣ дар даруни хилофат буд ва аз сӯйи дигар, бар асари наҳзатҳои мардумӣ, ки аркони қудрати хулафоро мутазалзил сохта буданд, тасреъ гашт.

Силсилаҳое, ки аз замони Маъмун дар Эрон шакл гирифтанд, ду даста буданд:

1. Дастаи аввал,онҳое ки ба иллати гаравидан ба мазҳаби ғайр аз мазҳаби расмии хулафо, яъне тасаннун – муддаии хилофати Бағдод шуданд; монанди Алавиёни Табаристон, Оли Зиёр ва Оли Бӯя, ки сиёдат ва бартарии рӯҳонӣ ва маънавии хулафоро қабул надоштанд.
2. Дастаи дигар, халифаро Амиралмӯъминин мешинохтанд ва ба номи ӯ хутба мехонданд ва баъзе аз онҳо мазҳаби халифаро қабул доштанд, монанди Тоҳириён, Сомониён, Ғазанвиён ва Салчуқиён.

Ҳамин масъала дар иртиботи ҳукуматҳои эронӣ бо хилофати Аббосӣ таъсири бисёр дошт. Хулафои Аббосӣ бо иттихозӣ сиёсатҳои гуногун дар баробари ҳукоми мустақили эронӣ, онҳоро ба ҷони якдигар меандохтанд. Масалан, даргирии Алавиёни Табаристон бо Тоҳириён, Сомониён ва то ҳадде Саффориён аз ҷониби халифа ҳидоят мешуд. Дар воқеъ, бояд пазируфт, бо вуҷуди он ки баъзе аз ҳукуматҳои эронӣ бо тасаллути хулафо бар худ мувофиқ набуданд, вале ҳеҷ як аз ҳукуматҳои пас аз исломи Эрон қасди барандозии хилофати Аббосӣ ва ё бардоштани халифаро надоштанд, ғайр аз Султон Муҳаммади Хоразмшоҳ, ки дар бештарин шаҳрҳо низ ӯро қабул накарданд ва боз ҳам ба номи халифа хутба мехонданд.

Пас метавон натиҷа гирифт, ки мардуми Эрон тобеияти халифаро, бахусус дар заминаи масоили мазҳабӣ ва маънавӣ пазируфта буданд. Ҳокимияти Тоҳириён бар минтақаҳое аз Эрон, ҳолати нимамустақил дошт. Ҳокимони онон бо хулафои Аббосӣ робитаи интифоӣ ва таомули дуҷониба доштанд. Бад-ин сурат, ки аз якдигар истифода мекарданд, то душманро саркуб намуда сиёсатҳои худро пеш бибаранд. Аз ин рӯ, мебояд Тоҳириёнро ба дастгоҳи хилофат чашми тамаъ дошта бошанд; чаро ки онҳо умоли хилофат дар дастгоҳи ҳукуматӣ буданд. Иртиботи хилофати Аббосӣ бо Саффориён як иртиботи каҷдор ва мариз буд, вале Яъқуб ва Амрулайс ҳеҷ гоҳ хоҳони қатътибот набуданд. Ба ҳамин далел, Яъқуб дар лашкаркашӣ ба Табаристон хоҳони ҷалби ризоияти халифа буд. Бо вуҷуди он ки Саффориён мавриди ризоияти

халифа набуданд, вале Аббосиён то он ҷо ки метавонистанд аз онҳо истифода мекарданд. Ҳамчунин Яъқуби Лайс медонист, ки мардуми Эрон ҳанӯз тобеияти хилофати Бағдодро қабул доранд.

Алавиён ва баъдҳо Оли буе ҷанбаи дигаре доштанд ва танҳо ҳокимияти ташкилёфтае буданд, ки ба дастгоҳи хилофат вобастагӣ надоштанд, чароки яке шиъа ва дигаре суннӣ буд. Бад-ин далел Аббосиён барои саркубии Алавиён дар Табаристон тамоми талоши худро анҷом доданд. Тоҳириён ва Саффориён, ки аз ҷониби хилофати Аббосӣ ҳимоят мешуданд, дар саркубии Алавиён муваффақ набуданд. Ин адами муваффақият ба ин масъала марбут мешавад, ки мардуми Табаристон муттаҳид ва ҳомии аслии Алавиён буданд. Чароки аз як сӯ умоли Тоҳирӣ нисбат ба мардум зулм ва ситами фаровон намуданд ва бахусус ба лиҳози молиётӣ, фишори шадиде бар онҳо ворид мекарданд ва аз сӯи дигар, дар ҳамлаи Яъқуб Табаристон, садамоти зиёде бар мардуми ин минтақа ворид шуд, ки боиси душманӣ байни онҳо ва Саффориён гардид. Дар зимн, бояд пазируфт, ки мардуми Табаристон то ин замон ҳукоми одиле ҳамчун Алавиён надида буданд ва ин амр боис мешуд, ки аҳолии Табаристон бо дил ва ҷон дар баробари душманон аз Алавиён ҳимоят кунанд.

Масъалаи дигар ташаюъ ва тасанун буд. Мазҳаби мавриди таъйиби хилофати Аббосӣ мазҳаби тасанун буд. Бино ба гуфтаи муаррихон Тоҳириён тарафдори аҳли суннат буданд ва шиъаёнро мавриди озор ва азият қарор медоданд. Саффориён бахусус Яъқуб ҳарчанд таассуби мазҳабии хосе надоштан, вале каму беш тарафдори аҳли суннат буданд ва аз шиъа ҳимоят намекарданд, дар ҳоле ки мардуми Эрон бавижа ноҳияҳои Шарқ ва Шимол, ҳомии шиъаён ва аҳли байти паёмбар (с) буданд. Баъзе аз наҳзатҳои алавӣ низ дар ин минтақаҳо иттифоқ афтоданд; монанди Қиёми Яҳё бин Зайд дар Хуросон ва Муҳаммад бин Қосим дар Дейлам. Ин амр боис шуд, ки мардуми ин ноҳияҳо барои ҳифзи ақидаи худ дар баробари душманони сунимазҳаб аз Алавиёни шиъа ҳимоят намоянд ва дар муқобили Тоҳириён ва Саффориён муқовимат кунанд.

Илова бар ин, дар аёми ҳокимияти Тоҳириён ва Саффориён инсиҷом ва иттиҳоди бештаре байни Алавиён вуҷуд дошт ва ҳамин иттиҳод яке аз омилҳои умдаи шикасти Тоҳириён ва Саффориён буд. Вале баъдҳо ҳангоме, ки Сомониён қудрат пайдо карданд, иттиҳод ва инсиҷоми Алавиён аз байн рафт ва ҷои худро ба нифоқ ва ихтилоф дод. Бавижа, пас аз марги Носир Кабир, ки байни фарзандони ӯ ва Ҳасан бин Қосим бар сари қудрат ихтилоф эҷод гардид ва ин амр дар шикасти ниҳоии Алавиён аз Сомониён нақши босазое дошт.

Мавриди охир бар мегардад ба ин нукта, ки Алавиён бо ҳукоми аз хонадони Тоҳирӣ монанди Сулаймон ибни Абдуллоҳ ва Муҳаммад ибни Абдуллоҳ бархурд доштанд. Монанди Тоҳир Зуляминайн ё Абдуллоҳ ибни Тоҳир кордон ва сиёсатмадор набуданд, балки афроди заиф ва суст буданд ва қодир ба шикаст додани Алавиён набуданд. Дар робита бо Саффориён танҳо фарде, ки бо Алавиён бархурди ҷиддӣ дошт, Яъқуб буд, ки натиҷаи ин бархурд шикасти вай аз Алавиён буд. Амру Лайс сиёсати мӯътадилтаре нисбат ба Алавиён дошт ва ҳар чанд як бор Табаристонро ба тасарруф даровард, вале барои нобудии душмани дигар – яъне Рофеъ ибни Ҳарсама – бо Алавиён муттаҳид шуд. Соири умарои Саффорӣ низ ба хотири заъфи сиёсат ва мудирият, натавонистанд Алавиёнро саркуб намоянд.

Тоҳириён аввалин ҳукумати нимамустақили эронӣ буд ва Тоҳир Зуляминайн, ки яке аз эрониёни аҳли Хуросон буд, соли 194ҳ. дар ҷанги байни Амин ва Маъмун ҷониби Маъмунро гирифт, Аминро шикаст дод ва аз ин пас қудрат ба дасти Хуросониён афтод.

Тоҳири Зуляминайн дар соли 205 ҳ. қудратро дар шаҳрҳои шарқи Бағдод, то нуқоти шарқии мамлакатҳои исломӣ аз ҷониби Маъмун дар ихтиёр гирифт ва бад-ин сон ҳукумати нимамустақили Эрон ба дасти як нафар эронӣ афтод. Силсилаҳое, ки аз аҳди Маъмун ба баъд дар Эрон рӯи кор омаданд, баъзе монанди Алавиёни Табаристон ва Оли буе бо пайрави аз оини ташаюъ муддаии дастгоҳи хилофат буданд. Ҳар чанд иддаои Алавиён ба Оли буе бо якдигар мутафовит буд, чун Алавиён худро аз ҷониби ҳазрати Алӣ(а) ҷонишини воқеии паёмбар медонистанд, дар ҳоле ки Оли буе чунин тарзи тафаккуре надоштанд. Иддае бар онанд, ки бигуянд Тоҳир мехост аз сиёсати гурӯҳи нахустин пайравӣ намояд, вале марг ба ӯ омон надод. Ибни Асир мӯътақид аст, ки Тоҳир ибни Ҳусайн ва усулан Тоҳириён дорои тамоюлоти шиъа буданд, дар ҳоле ки ин ақида саҳеҳ ба назар намерасад.

Ба назар мерасад, маншаи ин матлаб ривояте бошад ки мегуяд: Тоҳир дар Хуросон номи Маъмунро аз хутба андохт ва номи яке аз Алавиён ба номи Қосим бин Алиро бар ҷои он ниҳод. Шояд далели дигар он бошад, ки вақте Сулаймон ибни Абдуллоҳи Тоҳирӣ бо Ҳасан бин Зайди Алавӣ дар Гургон рӯбарӯ шуд, ба сабаби вуҷуди рагҳои ташаюъ дар Тоҳириён, худро амалан ба шикаст кашонд. Вале ин матлабро наметавон пазируфт, агар ҳам дар Тоҳириён чизе аз ташаюъ мавҷуд буд, аз ҳамон навъе буд, ки Маъмун дошт.

Фрой дар мавриди ақидаи мазҳабии Тоҳириён менависад: «Тоҳириён дар мазҳаби суннӣ устувор буданд ва дар қаламрави худ ба пайравони мазҳаби ташаюъ ҳамла мекарданд».

Ин маврид ишора ба саркубии Қиёми Яҳё ибни Умар Алавӣ ва Муҳаммад ибни Қосим ба дасти Абдуллоҳ ибни Тоҳир мебошад. Ҳамчунин мебинем, ки Абдуллоҳ ибни Тоҳир дар Нишобур, Фазл ибни Шозон ба далели доштани ақидаҳои шиъаӣ таҳти фишор қарор дод ва ба Байҳақ табъид намуд. Ҳангоме ки Тоҳириён қудратро ба даст гирифтанд, барои ҳифзи мавқеияти хеш ва таъмини истиқлол бештари Эрон саъй карданд қалбҳои мардумро мутаваҷеҳи худ созанд. Ба ин далел, бар хилофи бештари фармонравоёни эронӣ бо кишоварзон ва рустоиён мадоро намуданд ва ин ҳамон сиёсате буд, ки баъдҳо Алавиён дар пеш гирифтанд. Чун Тоҳириён доираи истиқлол доштанд, ба хубӣ медонистанд, ки бо коршиканиҳо ва таҳрикот мухолифон дар Бағдод, мавқеияташон чандон хуб нест ва агар дар қаламрави онҳо туғёне рӯй диҳад, мумкин аст Афшин шоҳзодаи Ашрусанаҳ, ва Мозёр, подшоҳи Табаристон ки ҳарду орзуи расидан ба ҳукумати Хуросонро доштанд, мувофиқати Бағдодро барои тасхири Хуросон ҷалб намоянд ва ба давраи фармонравоии онҳо поён диҳанд. Бахусу Тоҳириён барои хидмат ба Маъмун бародараш Аминро кушта буданд. Ба ин иллат кинаи иддае аз аъробро алайҳи худ барангехта буданд.

Ҳангоме ки Тоҳириён дар Хуросон ҳукумат мекарданд як бори дигар низ дар Табаристон қиёме рух дода буд ва он ҳаракати Мозёр ибни Қоран дар соли 224 ҳ. буд. Вале ҳадафи Мозёр бар хилофи Алавиён мухолиф бо Ислом ва расмҳои он ва таҷдиди одоб ва оини Зартуштӣ буд, вале Тоҳириён ӯро шикаст дода, асир карданд ва саранҷом соли 225 ҳ. дар Сомиро ба қатл расид. Бинобар ин, минтақаи Табаристон ҳамвора мавриди назари Тоҳириён буд ва аз ҳар лиҳоз барои онҳо аҳамият дошт, бахусус ин ки ба Хуросон наздик буд. Аморати Тоҳириён Аморати хонадонҳои дабирон буд, вале Аморати Алавиён бар Табаристон чунин набуд. Онҳо гурӯҳе аз содоти алавӣ буданд, ки иддаои ҷонишинии паёмбар (с) аз тариқи хилофати ҳазрати Алӣ (а) доштанд. Тоҳириён ба далели доштани як робитаи дуҷониба бо хилофати Бағдод ночор буданд, ки бо Алавиён даргир шаванд. Ҳокимони Тоҳирӣ ва хилофати Аббосӣ барои пешбурди умур ва саркубии мухолифон аз якдигар истифода мекарданд ва ба ин далел, хилофати Аббосӣ борҳо аз Тоҳириён барои саркубии Алавиён истифода карда буданд. Муҳимтар аз ҳама ин ки хулафои Аббосӣ, то андозае бо ризои хотир, Тоҳириёнро ба ноҳияҳои шарқии Эрон фиристода буданд. Ҳарчанд ин назар комилан содиқ нест; чун Маъмун дар фисритодани Тоҳириён ба Хуросон қадри иҷбор дошт, дар ҳоле, ки Алавиён ҳеҷ гоҳ мавриди таъйиди Аббосиён набуданд; зеро Алавиён ба лиҳози сиёсӣ ва мазҳабӣ ихтилофи шадиде бо дастгоҳи хилофат дошт. Зулм ва ситам ҳукоми Тоҳирӣ дар Табаристон бавижа Муҳаммад ибни Авс ва Ҷобир ибни Ҳорун нақши муҳиме дар пирӯзии Алавиён дошт. Мардум аз зулм ва ҷабр ба сутӯҳ омада, даст ба домани Алавиён шуданд ва бо Муҳаммад ибни Иброҳим, ки яке аз содоти алавӣ буд, паймон бастанд ва низ Ҳасан ибни Зайд шавҳархоҳари худро ба аҳолии Табаристон муаррифӣ кард ва мардум бо ӯ паймон бастанд. Бад-ин сон Табарситон аз султаи Тоҳириён хориҷ шуд. Бинобар ин, эҷоди чунин вазъе мусалламан муҷиби бархурди Алавиён ва Тоҳириён мешуд ва Тоҳириён мусир буданд, ки Табаристонро аз дасти Алавиён хориҷ намоянд ва таҳрикоти хилофати Бағдод низ ин амрро ташдид мекард. Ба ин далел буд, ки бахше аз даврони ҳокимияти Ҳасан ибни Зайд Алавӣ ба ҷанг бо Сулаймон ибни Абдуллоҳ ва Муҳаммад ибни Тоҳир гузашт ва мунҷар ба шикасти Тоҳириён гардид. Аз ин баҳс метавон натиҷа гирифт, ки иртиботи Алавиён бо Тоҳириён ба чанд омил бастагӣ дошт ва иборатанд аз:

1. Алавиён минтақаи Табаристонро аз дасти Тоҳириён хориҷ карда будан ва ба далели наздикии Табаристон ба Хуросон ин амр барои Тоҳириён хатарнок буд. Бинобар ин, бархурди онҳо бо якдигар амри иҷтинобнопазир буд.

2. Алавиён мавриди таъйиди хилофати Аббосӣ набуданд, аммо Тоҳириён робитаи хубе бо Аббосиён доштанд. Барои хушнудии абосиён ва ҳифзи тақадуси онҳо низ Тоҳириён лозим медиданд, ки бо Алавиён бархурд намоянд.

Табаристон аз соли 226 то 250 ҳ. дар дасти тоҳириён қарор дошт. Дар ин муддат 6 нафар аз тарафи Оли Тоҳир дар Табаристон ҳукумат доштанд. Ин намояндагон бо ниҳояти бераҳмӣ бо мардуми Табаристон бархурд мекарданд ва бо дарёфти молиёти фаровон зулм ва ситами бисёр, мардумро мавриди озору азият қарор медоданд. Ба ҳамин далел, мардуми Табаристон шурӯъ ба муҳоҷират аз ин минтақа карданд. Ин рафторҳо худ муқаддимаи шурӯъи наҳзати дубора дар ин минтақа гардид. Мардуми норозӣ бо ноумедӣ аз ҳокимони маҳаллӣ ва умарои Тоҳирӣ ба тарафи Алавиёни сокин дар ин сарзамин мерафтанд, ки машҳур ба мубориза бар зидди Аббосиён ва умоли беинсофи онҳо буданд. Ин Алавиён ба таври пинҳонӣ ба фаъолиятҳои сиёсӣ машғул буда ва ба хотири ақидаҳои худ ошкоро таъкид бар мухолифат бо хулафои Аббосӣ ва ҳукоми Тоҳирии онҳо карданд. Қабули даъвати мардуми Табаристон тавассути Ҳасан ибни Зайд барои роҳбарии ин ҷунбиши мардумӣ бар зидди Аббосиён ва умоли онҳо худ далеле бар ин иддаост.


### АДАБИЁТ

1. Исфаҳони Абулфараҷ. Мақотул-ал-қолибин. Тарҷумаи Саидҳошими Расулии Маҳаллотӣ. Чопи аввал. Дафтари нашри фарҳанги исломӣ. Теҳрон, 1380 ш.
2. Ашъарии Қумӣ, Саъд ибни Абдуллоҳ Абихалаф. Ал-муқолот ва ал-фароқ. Тасҳеҳи доктор Муҳаммад Ҷаводи Машкур. Чопи аввал. Интишороти илмӣ. Теҳрон, 1361.
3. Таърихи Яъқубӣ. Ал-булдон. Тарҷумаи Муҳаммад Иброҳими Оятӣ. Бунгоҳи тарҷума. Нашри китоб. Теҳрон, 1343.
4. Омули Авлиёуллоҳ. Таърихи рӯён. Тасҳеҳи Манучеҳри Сутуда. Интишороти фарҳанги Эрон. Теҳрон, 1348.



### ОТНОШЕНИЯ ТАХИРИДОВ С АЛАВИТАМИ

Тахириды - династия, правившая в Восточном Иране в IX веке. Предок Тахиридов Разик, считавшийся потомком богатыря Рустема, в конце VII века принял ислам и присоединился к арабскому племени Хузаа. Строгая приверженность суннизму и благосклонное отношение к окрепшим сословиям иранских и арабских землевладельцев обеспечили Тахиридам поддержку знати. Алавиты – члены этноконфессиональной мусульманской общины, образовавшейся в X в. в среде «крайних шиитов» Северной Сирии. Основателем общины считается Мухаммад ибн Нусайр. В данной статье автор рассматривает отношения Тахиридов с Алавитами.



**Ключевые слова:** Тахириды, Алавиты, вероучение алавитов, мусульманская династия, иранское происхождение,независимость, шиитские проповедники.



### LINK TAHIRIDS WITH THE ALAWITES

Takhirids - dynasty which ruled in Eastern Iran in the IX century. The ancestor of the takhirids additional time is considered to be a descendant of the hero Rustem, in the end of VII century accepted Islam and joined the Arab tribe Хузаа. Strict adherence to Sunni and favourable attitude to the strong estates Iranian and Arab landowners provided Тахиридам support of the nobility. The alavites of members of ethnic and religious Muslim community, formed in the X century among the «extreme Shia» Northern Syria. The founder of the community is considered Muhammad Ibn Нусайр,.IN this article the author considers the relationship of takhirids with the Alawites.



**Key words:** Takhirids, Alawites, creed Alawite Muslim dynasty, the Iranian origin,independence, religious preachers.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Хамид Кухансол*** – соискатель Таджикского национального университета


## МУНОСИБАТИ КОРХОНАҲОИ МУШТАРАКИ БОФАНДАГИИ ТОҶИКИСТОН БО КОРХОНАҲОИ БОФАНДАГИИ ХИТОЙ


***Я.Х. Набиев***

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Чуноне ки ба ҳамагон маълум аст аз замонҳои хеле қадим дар Осиёи Миёна соҳаи бофандагӣ ба вуҷуд омада, хеле ривоҷу равнақ ёфта буд. Хусусан соҳаи бофандагӣ, ресандагӣ, рангпардозӣ ва ҳамзамон соҳаи пилларесӣ, хеле инкишоф ёфта буданд. Дар натиҷа мардуми Осиёи Миёна дар соҳаи бофандагӣ таҷрибаи хуб пайдо карданд ва ба натиҷаи дилхоҳ расида буданд. Акнун маҳсулоти истеҳсолшуда, бояд дар бозорҳо ба фурӯш бароварда шуда тоҷиронро ба худ ҷалб мекард ва молҳои

истеҳсолшуда ба бозорҳо бароварда мешуданд. Дар натиҷа муносибати байни тоҷирон ва истеҳсолкунандагон ба вуҷуд омад ва ҳамзамон дӯстии байни халқҳо зич шудан гирифт. Яъне аз як мулк ба мулки дигар тоҷирон ба тиҷорат мерафтанд. Мисол тоҷирони Осиёи Миёна бештар ба Шарқ таваҷҷуҳ зоҳир мекардагӣ шуданд, аз ҷумла ба Хитой, Эрон, Ҳиндустон, Авғонистон, Покистон, ки имрӯз номбар мешаванд.

Ба замми ин тоҷирони хориҷӣ ба Осиёи Миёна зарфҳои чинӣ, матоъҳои пахтагин, пашмин, намудҳои гуногуни маҳсулоти абрешимӣ, чармӣ меоварданд. Дар натиҷа аз маданияти халқҳои Осиёи Миёна бохабар шуданд. Тоҷикистони соҳибистиқлол муносибатҳои дипломатии худро бо Ҷумҳурии Халқии Хитой хуб ба роҳ монда, барои тараққӣ додани иқтисодиёти худ тавонист, ки бо давлатҳои хориҷӣ алоқаи иқтисодии зич дошта бошад.

Муносибатҳои иқтисодӣ-тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мадди аввал барои равнақу ривоҷ додани иқтисодиёт, беҳтар намудани сатҳи иҷтимоии аҳолӣ равона карда шудаанд. Дар ин равиш вазифаи асосии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тезонидани ислоҳоти иқтисодӣ, тараққӣ додани иқтисодиёт ва соҳаи иҷтимоии халқ мебошанд.

Аз рӯзҳои аввали истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷумҳурии Халқии Хитой аввалин шуда истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро эътироф карда, барои тараққӣ додани иқтисодиёти Тоҷикистон дасти кумак дароз кард. Бояд қайд кард, ки шаҳрвандони Ҷумҳурии Халқии Хитой дар сохтмонҳои азими Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар бунёд намудани корхонаҳои муштарак кор ва фаъолият карда, саҳми худро мегузоранд. Аз ҷумла, дар сохтани роҳҳои автомобилгард, нақбҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар бунёди корхонаҳои соҳаи бофандагии Тоҷикистон.

Дар соҳаи ҳамкории иқтисодӣ-тиҷоратии байни ҳукумати Ҷумҳурии Халқии Хитой ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моҳи апрели соли 2000 дар ш. Душанбе як қатор протоколҳои байнидавлатӣ ба имзо расонида шуд. Аз ҷумла:протокол дар бораи иқтисодиёт ва савдо; протокол дар бораи ҳавасмандгардонӣ ва ҳимояи инвестисионии тарафайн; протокол дар бораи нақлиёти автомобилӣ;протокол дар бораи соҳаи барқ ва сӯзишворӣ ва ғайра[1].

Дар натиҷа як қатор корхонаҳои муштарак ба мисли “Панжур”, “Дружба”, “Китайские товары”, “Точин-п”, “Ришта” ва инчунин намояндагии корпорацияи “Хай-Юй” ва намояндагии ширкати “Тяне” ба кор сар намуданд[2].

Махфӣ нест, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи бофандагӣ яке аз базаҳои ашёи хом ба ҳисоб меравад. Баромадан ба ҷаҳони бозаргони иқтисодӣ, маънои онро надорад, ки ашёи хом экспорт карда шавад, балки коркардаи онро бояд ба роҳ монд. Аз ин рӯ дар соли 1996 дар Хуҷанд корхонаи муштараки “Кообол Текстайз ” ба кор даромад, ки дар он коркарди нахи пахта ба роҳ монда шуд ва дар натиҷа калоба ва ришта истеҳсол карда шуд.

Дар соли 1997 дар ноҳияи Ҳисор корхонаи муштараки “Ришта” “Плод” Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Халқии Хитой ба кор даромад қувваи истеҳсолии солонаи корхона то 4 ҳазор тонна калоба мебошад, ки ва бештар аз 800 ҷойи корӣ дошта, мардумро бо кор таъмин мекунад.

Сохтани навбати дуюми корхонаи бофандагии “Ришта ” дар нақша аст . Ин имконият медиҳад, ки истеҳсоли ҳаҷми маҳсулотро зиёд гардонанд. Ҷумҳурии Халқии Хитой барои васеъ намудани доираи муносибатҳои иқтисодӣ ва савдоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳавасманд буда, дар солҳои охир намояндагони соҳаи иқтисодиёт ва савдо аз Ҷумҳурии Тоҷикистон дидан кардаанд.

Дар моҳи апрели 1998 намояндагони соҳаи иқтисодиёт ва савдои Ҷумҳурии Халқии Хитой ба Ҷумҳурии Тоҷикистон омада як қатор протоколҳо ба имзо

расониданд. Аз ҷумла, ба маблағи 100 млн юан қарзи имтиёзнок ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шуд. Моҳи июни 1998 Ҷумҳурии Халқии Хитой ба маблағи 65 млн юан барои сохтмони навбати дуюми корхонаи "Ришта" ҷудо кард.

Имрӯзҳо байни Ҷумҳурии Халқии Хитой ва Ҷумҳурии Тоҷикистон гуфтугӯ оиди 35 млн, юан барои ба охир расонидани сохтмони корхона бурда шуда истодааст. Мувофиқи маълумоти статистикӣ танҳо дар соли 2007 ба Тоҷикистон ба маблағи 8,3 миллиард сомонӣ мол ва маҳсулот оварда шуд, ки нисбати соли 2006 42 % зиёд аст.

Бино ба маълумоти гумруки аз Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Халқии Хитой маҳсулоти хом бароварда мешавад, хусусан пахта ва алюминий ва ғайра.

Аз Ҷумҳурии Халқии Хитой ба Ҷумҳурии Тоҷикистон матоъҳои синтетикӣ, сода, қанд, автомошинаҳо ва ғайра оварда мешавад. Сатҳи тараққиёти муносибатҳои иқтисодии ду давлат бо роҳу усулҳои гуногун ба роҳ монда шудаанд:

Аз он ҷумла:

1.Сохтани корхонаҳои муштараки коркарди навъҳои пахта, дар соҳаи ресандагӣ, бофандагӣ, пилларесӣ ва шоҳибофӣ.

2. Сохтмони фабрикаҳои дорусозӣ.

3. Сохтани корхонаҳои коркарди намак ва ғайра .

Имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон майдони умумии коркарди замин 710 ҳаз. га буда, аз он 500 ҳаз. га замин ҳосилхез мебошад, ки дар майдони 250 ҳаз. га замин пахта кишт карда мешаванд, ки 450 ҳаз. тонна пахта ҷамъоварӣ карда мешавад. Дар заминҳои боқимонда ғалла, картошка, сабзавот ва ғайра кишт карда мешавад.

Акнун дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кишти пахтаи зери плёнкагӣ ва бо тарзи чаконидани об ба роҳ монда шудааст. 14-сентябри соли 2006 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Раҳмон, Президенти Бонки тараққиёти иқтисодии давлати Ҷумҳурии Халқии Хитой Чен Юана, ки раиси бонки давлатҳои ШОС мулоқот дошт. Тибқи қарордод10 млн. доллари амрикои барои тараққиёти соҳаи хоҷагии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷудо карда шуд, ки қисме аз он барои коркарди нахи пахта истифода мешавад.

Ҳамкории Ҷумҳурии Халқии Хитой бо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дигар соҳаҳо низ ба чашм мерасад, хусусан дар сохтмонҳои роҳҳои автомобилгард, сохтани тунелҳо, кашидани хати барқ, сохтани зеристгоҳҳои барқӣ, ҳамкорӣ бо фабрикаи томокубарорӣ, корхонаҳои дорусозӣ, овардани автомобилҳо булдозерҳо автокранҳо, мошинҳои боркаши вазнин ва ғайра хуб ба роҳ монда шудааст.

## АДАБИЁТ


1.Архиви ҷорӣ. ВИС. ҶТ. Маълумотнома дар бораи ҳамкории тиҷоратии Тоҷикистону Хитой. Фонди асосӣ. Папкаи 12. Саҳ. 38-41.

2. Архиви ҷорӣ. Идораи алоқа бо давлатҳои Шарқи Дур . Маълумот дар бораи корхонаҳои муштараки Тоҷикистону Хитой. ВИС . ҶТ. Фонди 1. Папкаи 7. Саҳ. 21-27.


## ОТНОШЕНИЯ СОВМЕСТНЫХ ТЕКСТИЛЬНЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ ТАДЖИКИСТАНА С ТЕКСТИЛЬНЫМИ ПРЕДПРИЯТИЯМИ КИТАЯ


Дипломатические отношения между Республикой Таджикистан и Народной Республикой Китай укрепляются с каждым годом и в этом большую роль играют подписание протоколов, выделение денежных средств и повышение качества реализуемой продукции. С каждым годом укрепляются связи между предприятиями Республики Таджикистан и Народной Республикой Китай, а также взаимное изучение опыта и освоение новых технологий.



**Ключевые слова:** текстильные предприятия, совместные предприятия, дипломатические отношения между Республикой Таджикистан и Китайской Народной Республикой, опыт, технологии.


## THE RELATION BETWEEN WEAVING JOINT VENTURES OF THE REPUBLIC TAJIKISTAN WITH PEOPLE REPUBLIC


The diplomatic relation of the Republics of Tajikistan with Chinese s Republic is consolidated and the main attention is paid to signing protocols, sharing and allocating financial funds and the quality of production. Weaving, spinning, training and sulking industry is developed. The relation in Central Asia. The relation between

joint ventures of the Republic of Tajikistan and Chinese people's Republic is well directed because, of the mutual training of experience and learning of modern technology.

**Key words**: Sulking industry, weaving Sulking industry, spinning Sulking industry, training Sulking industry, joint ventures, republic of Tajikistan, chin s people republic, well directed, modern technology, quality of production.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Я.Х. Набиев*** – кандидат исторических наук, доцент ТНУ

# ДИДГОҲИ ТОҶИКИСТОН ВА ЭРОН НИСБАТ БА АМНИЯТИ ГЕОПОЛИТИКИИ ХАЛИҶИ ФОРС

***Маҳди Ҳафта Казозӣ***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар дунёи пурошӯби имрӯза мунозиа миёни давлатҳо ба як амри оддӣ табдил шудааст. Мафҳуми амнияти минтақавӣ ва байналмилалӣ ҳам дорои аҳамият мебошад. Кишварҳои мухталифи ҷаҳон аз назари қудрате, ки доранд амниятро ба равишҳои мухталиф қобили дастрасӣ медонанд. Бисёре аз кишварҳо амниятро аз роҳи низомӣ таъриф мекунанд. Масалан, тибқи омори яке аз муҳаққиқин аз соли 1945 то 1982 ҷамъан 1438 бархӯрди низомӣ рӯй додааст, ки дар ин муддат ҳатто як рӯз ҳам дунё бидуни ҷанг набудааст.

Дар дунёи кӯчакшудаи имрӯз (дар асари иртибототи густарда) ҳама дар андак замоне дар ҷараёни масоил қарор мегиранд ва ҳама чиз баҳам асар мегузорад ва масоиле монанди мусобиқаи таслиҳотӣ, терроризм, фақр, ҳифзи муҳити зист, камбуди об, мавóди мухаддир ва ғайра ҳамагӣ бо ҳам муртабит буда, ҳеҷ кишваре наметавонад бо ин масоил бархӯрд кунад. Масъалаи дигар, ҳаракати амният аз навъи низомӣ ба иқтисодӣ аст, рифоҳ ва пешрафти иқтисодии кишварҳо ва ба дунболи он суботи сиёсӣ ва иҷтимоиро бояд дар амнияти миллии кишварҳо дар назар гирифт.

Дар ин мақола сайъ шудааст, амнияти минтақавии ҳассоси Халиҷи Форс бо нигоҳи вижаи Эрон ва Тоҷикистон баррасӣ гардад. Минтақае, ки дар сатҳи ҷаҳонӣ ба далоил аз ҷумла нефт, инқилоби Эрон, ҳамсоягӣ бо Шӯравӣ ва ҳузури доимии абарқудратҳо ва ғайра аҳамияти боло дорад. Ду кишвар Эрон ва Тоҷикистон ҳам бо таваҷҷуҳ ба иштирокоти мухталифи равонӣ, таърихӣ, қавмӣ, динӣ ва ғайра метавонанд ба унвони як унсури таъсиргузор дар ин мақола шинохта шаванд. Дар бахши аввал, зимни баёни куллиёте аз Халиҷи Форс фарзияҳо ва суолоту таҳқиқ ироа мешавад. Дар бахши дувум, ба таври муфассалтар ба нақши Эрон (заминаҳо, роҳкорҳо ва асароти он) дар амнияти Халиҷи Форс пардохта мешавад. Ва дар поён пайванди нақши Тоҷикистон дар канори Эрон аз ҷиҳати мухталиф баррасӣ шуда, натиҷагирӣ мегардад.

**Шинохти минтақаи Халиҷи Форс.** Ин минтақа дар ҷанубу ғарбии Осиё бахши кӯчаке аз пешрафтагии оби укёнуси Ҳинд мебошад, ки тӯли он байни 800 то 850 км аст. Арзи он байни 50 то 370 км мутағайир будааст. Масоҳати он 240 000 км$^2$ мебошад. Бо ҳудуди 3000 км соҳил, ки пеш аз 1250 км он соҳилҳои Эрон аст. Ин минтақа аз назари ҷуғрофиёӣ ба унвони роҳи наздиктари байни Ғарб бо Ҳиндустон буда, Эрон дар соҳили шимолии он ҳадди фосили Шӯравии собиқ ва Халиҷи Форс ва дар соҳили ҷанубии он нимҷазираи Арабистон, ки бо баҳри Аҳмар ва дарёи Умон қарор гирифтааст. Ин гуфтаи Олбукек дар 1507, ки «ҳар кас ва ҳар давлате бар се тангии Ҳурмуз, Молоко ва Бобулмандаб тасаллут дошта бошад, дар ҷаҳон мусаллат хоҳад буд», худ гувоҳи равшане бар аҳамияти стратегии минтақа аст. Ҳамчунин, ин минтақа аз назари судури нефт, воридоти коло ва омилҳои фарҳангӣ-мазҳабӣ ки ду кишвари бузург Эрон ва Арабистонро дар соҳили худ дорад, ҳоизи аҳамият мебошад.

**Фарзияҳои таҳқиқ**

1. Тоҷикистон дар сурати ҳамкории наздик бо Эрон метавонад ба унвони унсури таъсиргузор дар амнияти Халиҷи Форс бошад ва аз фазои бастаи геополитикии худ ворид шавад.
2. Эрон ҷиҳати нуфуз дар минтақаи Осиёи Миёна ба ҳамкории наздик бо Тоҷикистон идома медиҳад.

3. Бо таваҷҷуҳ ба иштирокоти қавмӣ, нажодӣ, равонӣ, таърихи байни ду кишвар ҳамкории онҳо бо якдигар иҷтинобнопазир аст. Вале сатҳи равобити иқтисодӣ, фаннӣ, сиёсӣ дар ҳадди хеле матлубе қарор надорад.

**Суолоти таҳқиқ**

1. Оё кишвари Тоҷикистон потенсиалҳо ва тавоноиҳои лозим ҷиҳати ифои нақши муассир дар Халиҷи Форс дорад ё на?
2. Оё сиёсати Русия мабнӣ бар расидан ба обҳои гарми Ҳалиҷи Форс тавассути давлатҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон думбол мешавад ё на?
3. Оё суботи сиёсии нисбии солҳои охири Тоҷикистон ба афзоиши равобит бо Эрон мунҷар шудааст ё на?

(Суботи сиёсӣ → афзоиши сармоягузорӣ→ эҷоди иштиғол → тавлиди бештар → афзоиши рифоҳу баҳраварӣ).

**Ҷумҳурии Исломии Эрон ва амнияти минтақаи Халиҷи Форс.** Аз замони хуруҷи Британия дар соли 1968 ба минтақа, ҳамвора муҳимтарин масъала амнияти он будааст. Аз як тараф Эрон бо ҳамкории Қувайт ва Арабистон дар фикри як созмони минтақавии дифоӣ буд, лекин ин пешниҳод аз тарафи Қувейт рад шуд. Чун муътақид буд, то вақте байни давлатҳои минтақа ихтилоф аст, ҳамкории минтақа амалӣ нест. Дарвоқеъ, ин Эрон буд, ки баъд аз хуруҷи Британия дар даҳаи 70 аввалин бор фикри амниятии онро бо ширкати ҳамаи кишварҳои соҳилӣ матраҳ кард. Баъдан Амрико тарҳеро ба номи доктринаи Кортер ироа дод. Бар асоси он агар нерӯҳои Шӯравӣ мехостанд аз Эрон гузашта, ба сӯи ҷануб ҳаракат кунанд, дар дохили Эрон ва кӯҳҳои Зогрус ҷулуи онҳоро мегиранд, то мутмаин шаванд, ки чоҳҳои нефти Эрон маҳфуз хоҳанд монад. Ҷеймз Беккер дар остонаи фурӯпошии Шӯравӣ дар соли 1990 гуфт, Амрико хатти дифоии худро аз Эрон ба Арабистон ақиб хоҳад кашид, зеро дигар хатари Шӯравӣ хеле маҳсус набуд. Ба ҳар ҳол дар солҳои охир дар бораи наҳваи амнияти Халиҷи Форс роҳкорҳои мухталифе ироа гардидааст, ки ба чанд мавариди он ишора мешавад.

1. Ҳифзи амнияти Халиҷи Форс бо меҳварияти Эрон ва ҳамаи кишварҳои соҳилӣ, ки таҳаққуқи он бо сиёсатҳои Ғарб созгорӣ надорад. (Пойдортарин ва мутмаинтарин роҳ).
2. Ҳифзи амнияти минтақа бо ҳузури кулли кишварҳои соҳилӣ бидуни ҳузури Эрон, ки бисёр мавриди таваҷҷуҳи Ғарб аст. (Инзивои Эрон).
3. Таъмини амният ба василаи як паймони дастаҷамъӣ бо ҳузури Миср ва Сурия ва шаш кишвари соҳилӣ бидуни Эрон ва Ироқ.
4. Ташкили як паймони дастаҷамъӣ бо ҳузури Сурия ва Миср ва тамоми ҳашт кишвари соҳилии Халиҷи Форс, ки метавонад дар ҷиҳати ҳалли мушкилоти ҷаҳони Ислом бавижа Ховари Миёна муассир бошад ва тавозуни қувваро ба нафъи муслимин барҳам зада, нуктаи аслии низоъро аз Халиҷи Форс ба маҳалли аслии он, яъне Исроил мунтақил кунад, ки табиатан Ғарб бо ин маврид мухолифат хоҳад кард.

Усулан бояд гуфт, ки амнияти Халиҷи Форс бо нақши Эрон дар он пайванди вижае дорад. Ҳарчанд, ки муддате тавассути Ироқ ва Арабистон ин муҳим ба чолиш кашида шудааст. (Ҳамлаи Ироқ ба Эрон ва иддаои роҳбарии минтақа) ё ҳамлаи Ироқ ба Қувайт, ки боз шудани пойи бегонагонро ба минтақа ба ҳамроҳ дошт. Вале бояд гуфт, ки Халиҷи Форс ҳамвора муҳимтарин қисмати фазои геостратегии Эрон аст ва ноамнии он метавонад кишвари Эронро бо мушкилоти фаровоне рӯ ба рӯ кунад. Ба тавре, ки Вилям Куҳен гуфтааст, муҳимтарин маркази таваҷҷӯҳи Эрон, Халиҷи Форс аст ва на Туркия ва на Миср ин ҳолатро надоранд. Масалан, муҳимтарин ҳадафи Туркия пайвастан ба бозори муштараки Европа, робита бо Қибрис аст. Муҳимтарин масъалаи Миср нуфуз дар шимоли Африка ва кишварҳои болои Нил аст, ё муҳимтарин масъалаи Исроил таваҷҷуҳ ба ҳамсоягони Араб, Сурия ва Урдун аст ва фақат Эрон аст, ки ҳеҷ гуна ҳамхонӣ бо се кишвари мазкур надорад ва муҳимтарин маркази таваҷҷуҳи Эрон Халиҷи Форс аст. Эрон на танҳо бартарии низомӣ ва ҷамъиятӣ дар минтақа дорад, натанҳо соҳилҳои шимолии Халиҷ мутаалиқ ба Эрон аст, балки ҳассостарин ҷазираи тангии Ҳурмуз ва роҳҳои вурудӣ ва хуруҷии он дар ҳокимияти Эрон аст ва занҷираи камонии дифоии Эрон шомили ҷазираи Ҳурмуз, Лорак, Қишм, Ҳангом, Тунби бузург ва Абӯмӯсо ба унвони баргибаранда (имтиёз) дар ихтиёри Эрон аст. Илова бар он, умқи бештари об дар канори соҳилҳои Эрон аст ва киштиҳо маҷбуранд аз обҳои Эрон убур кунанд. Зимни ин ки дар махтаи Эрон нақши жандарми минтақаро доштааст. Тибқи тарҳи Никсон кишварҳои минтақа бояд худ масъулияти амнияти минтақаро бар уҳда мегиранд, ки тайи он

Эрон ба унвони масъули низомӣ ва Арабистон ба унвони масъули молии ин тарҳ шинохта шуд. Ва ҳатто, иддае гуфтанд, ки Теҳрон ба дунболи эҳёи императории куҳани Эрон аз тариқи тавсеаталабии арзист ва далели он ҳам бозпас гирифтани ҷазираҳои Тунб ва Абӯмӯсо дар соли 1971 буд.

Ғарб дар садад аст, ки Эронро ба инзиво (танҳоӣ) кашида, аз таваҷҷӯҳ ба Халиҷи Форс мунҳариф кунад ва бо даъват аз Мисру Сурия дар канори шӯрои ҳамкории Халиҷи Форс ва канор гузоштани Эрон ва Ироқ сарчашмаи ноамниро ба таври зимни муаррифӣ кунад (тарҳи 6+2). Дар ҳоле ки он ду кишвар дар минтақа бегона буда, амнияти Халиҷи Форс як масъалаи мунҳасиран арабӣ нест ва натанҳо Эрон ҳассостарин нуқоти онро дар ихтиёр дорад ва марзҳои дарёии Эрон бештарин марзҳои Халиҷи Форс аст. Эрон бештарин ҷамъият ва имконоти минтақаро ба уҳда дорад ва забони форсӣ ва мазҳаби шиа аз назари камӣ дар болои забон ва мазҳаби минтақа мебошад. Балки ҳаёт ва давоми иқтисодии Эрон ба Халиҷи Форс вобаста аст, зеро, Арабистон ва Ироқ миқдоре аз нефти худро ба нуқоти ғайр аз соҳилҳои Халиҷи Форс мунтақил мекунад ва бахши бузурге аз воридоти худро ғайр аз Халиҷи Форс дарёб мекунанд. Вале Эрон барои судури нефт вобастагии ҳаётӣ ба Халиҷи Форс дорад. Ҳатто, бархе аз сарони кишварҳои Араб ҳам баъзе вақтҳо ба ин масъала ишора доранд. Масалан, Алии Бин-Халифи Олӣ-ҳатмӣ раиси маҷлиси Қатар дар соли 1375 гуфтаст, бидуни ҳузури Эрон муодилоти амниятии минтақа муяссар нахоҳад шуд.

Ҳоло кишвари Эрон метавонад бо ҳамкории дигар кишварҳои форсизабон мисли Тоҷикистон ва Афғонистон нақши худро пуррангтар аз қабл ифо кунад. Дарвоқеъ фурӯпошии Шӯравӣ фурсате барои ҳамгироии ин кишварҳо фароҳам овард. Аз тарафи дигар, Тоҷикистон баъд аз як даврони кӯтоҳи ноороми дохилӣ дар пайи суботи сиёсӣ буда, худ метавонад бо ҷазби сармоягузории хориҷӣ, аз ҷумла Эрон (лоиҳаҳои тунелҳо, ҷодасозӣ, садсозӣ ва ғайра) дар масири тавсеа ва пешрафти хеш гом бардорад. Дарвоқеъ бо пул задан ба сӯи Эрон нисбат ба бақияи кишварҳои ҳамсояи худ аз мавқеияти бартаре бархурдор мегардад. Ва бо таваҷҷуҳ ба сохтори нав ва ҷавони сиёсатмадорӣ дар Тоҷикистон, Афғонистон аз таҷрибаҳои арзандаи кишвари куҳани Эрон метавонанд муфид воқеъ гардад. Эрон ҳам бо таваҷҷуҳ ба фазои танги худ, ки тақрибан аз ҳама тараф тавассути дӯстони Амрико иҳота шудааст, метавонад бо дур задании онҳо ва расидан ба Тоҷикистон дар кулли минтақаи Осиёи Миёна нуфуз пайдо кунад ва сиёсатҳои мухолифи худро хунсо кунад ва ҳатто аз он тариқ ба Чин ва Русия наздик шуда, зимни ҳамкорӣ бо онҳо дар созмонҳои мисли Созмони Милал ё созмони Шанхай аз нуфузи мусбати онҳо истифода намояд.

## АДАБИЁТ


1. Асадии Бежан. Халиҷи Форс аз дидгоҳи омор ва арқом. -Теҳрон, дафтари мутолиоти сиёсӣ ва байналмилалӣ. -Теҳрон, 1368.
2. Илоҳии Ҳумоюн. Халиҷи Форс ва масоили он. Теҳрон, 1370.
3. Муҳаммадии Ядуллоҳ. Заминаҳои ҳамгирой дар Халиҷи Форс. Рисолаи коршиносии Аршад. Донишгоҳи тарбияти мударрис. -Теҳрон, 1370.
4. Ҷалили Равшандил. Амнияти миллӣ ва низоми байналмилалӣ. –Теҳрон: Интишороти Самт. 1374.
5. Кутуби маҷмӯи мақолоти семинарии Халиҷи Форс. Дафтари мутолиоти сиёсӣ ва байналмилалӣ. Теҳрон, 1382.
6. Ҷузваҳо ва ёддоштҳои шахсии муаллиф.


## ТОЧКА ЗРЕНИЯ ТАДЖИКИСТАНА И ИРАНА ОТНОСИТЕЛЬНО ГЕОПОЛИТИЧЕСКОЙ БЕЗОПАСНОСТИ ПЕРСИДСКОГО ЗАЛИВА


Персидский залив представляет собой важный перекрёсток торговых путей между Востоком и Западом и является одним из тех промежуточных зон, где сталкиваются и перемешиваются различные интересы. Регион Персидского залива в течение последней четверти XX и начале XX1 столетия представляет собой один из самых напряженных в политическом, социальном и военном отношениях районов мира. В данной статье автор рассматривает точку зрения Ирана и Таджикистана относительно геополитической безопасности Персидского залива.



**Ключевые слова:** Иран, Таджикистан, Персидский залив, геополитическая безопасность, интересы, сотрудничество, мирное урегулирование.


## POINT OF VIEW OF TAJIKISTAN AND IRAN CONCERNING THE GEOPOLITICAL SECURITY OF THE PERSIAN GULF


The Persian Gulf is an important crossroads of trade routes between East and West and is one of those zones where the face and shuffled different interests. Persian Gulf region during the last quarter of the XX and the beginning of the XX1ST century represents one of the most intense in the political, social and military relations

parts of the world. In this article the author considers the point of view of Iran and Tajikistan about geopolitical security of the Persian Gulf.
**Key words:** Iran, Tajikistan, the Persian Gulf, the geopolitical security, interests, cooperation, peaceful settlement.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Махди Хафта Казози*** – соискатель Таджикского национального университета

# РАВОБИТИ ШОҲ ИСМОИЛИ САФАВИИ I БО ЗАҲИРИДДИН МУҲАММАДИ БОБУР

***Ҳусейни Баҳманӣ***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи озоди исломии воҳиди Ромҳурмуз, Эрон**

Дар рӯзгоре, ки шоҳ Исмоили Сафавӣ фармонравоёни маҳаллӣ ва муддаиёни подшоҳӣ дар Эронро яке пас аз дигаре бармедошт, (Ғуломсарвар, 1374;52) дар Мовароуннахр ва дар Самарқанд низ ҷанг ва хушунат дар гирифта буд.

Шайбонихон бунёдгузори силсилаи ӯзбекон, дар Мовароуннаҳр бисёр қудрат ёфта буд ва рақиби бузурге барои Борбуршоҳ ба шумор мерафт.

Шайбонихон дар яке аз ҷангҳо дар шавволи 906 қамарӣ Бобурподшоҳ ва хоҳари ӯро ба асорат гирифт ва Самарқандро тасарруф кард. Пас аз он ки шоҳ Исмоил дар ҷанги Марв дар 906 қамарӣ Шайбонихонро шикаст дод, хоҳари Бобуршоҳро, ки назди Шайбонихон ба сар мебурд, озод кард ва пеши бародараш фиристод. Ба ин тартиб, равобите миёни шоҳ Исмоил ва Бобуршоҳ оғоз шуд. Гуфтанӣ аст, ки миёни ҷадди шоҳ Исмоил, яъне Хоҷаалӣ ва ҷадди Бобуршоҳ, яъне Амир Темур равобите вуҷуд дошта, аммо гузориши ин равобит бисёр мубҳам аст (Ғаффорифард, 1381:59)

Бобуршоҳ, писари Мирзоумари Шайх, писари Абӯсаид, писари Муҳаммади Мироншо, писари Амир Темури Крагон аст. Пас аз он, ки Султон Абӯсаид дар соли 872 қ. Дар ҷанг бо Амирҳасанбегӣ Оқоюнлу (Узунҳасан) (Теҳронӣ, 495-1356:456) Мирзоумари Шайх падари Бобур подшоҳи Фарғонаро, ки иборат аз Андиҷон ва тобеии он буд, дар ихтиёр гирифт, Вохсиро тахтгоҳи худ қарор дод. Ӯ дар чори рамазони 899 аз боми кабутархона уфтод ва даргузашт. Ва Бобуршоҳ, ки наздик ба ду сол дошт ҷонишини падар шуд (Хондамир, 97-1353, 94).

Номи аслии Бобур Заҳириддин Муҳаммад буд (ҳамон 225). Вай дар 6 муҳаррами 888 дар Фарғона ба дунё омад. Ба гуфтаи Мирзомуҳаммад Ҳайдар Дуғаллот, Чағотоиён, ки дар он ҳангом ҳанӯз бисёр ноҳамвор ва ё ба қавли ҳамин муаллиф (бозорӣ) набуданд талаффузи (Заҳириддин Муҳаммад) барояшон душвор буд. Бинобар ин, ӯро Бобур хонданд, ки баъд ба Бобуршоҳ маъруф шуд (264-1383:263).

Пас аз он ки Маҳмудмирзо, амуи Бобуршоҳ дар 900 қамарӣ гузашт, писараш Бойсанғурмирзо, дар Самарқанд ба ҷойи ӯ нишаст. Бобур кӯшид Самарқандро аз дасти амузодаи худ берун оварад ва дар ниҳоят муваффақ шуд, ки дар рабеулохари 903 вориди Самарқанд шавад (Хондамир, 234-1353:225).

Аммо ба далели қаҳтӣ ва бепулӣ, ки натиҷаи он парокандагии лашкариён ва гусихтани низоми салтанат буд, натавонист дар он шаҳр давом биоварад ва Султоналӣ Мирзо, бародари Бойсанғурмирзо, Самарқандро тасарруф кард. Султоналӣ Мирзо умури муҳими салтанатро дар ихтиёри Муҳаммади Мазиди Тархон ниҳод ва ба зудӣ ин шайх чунон қудрате ёфт, ки барои Султоналӣ Мирзо номе чузъ салтанат боқӣ намонд. Султоналӣ Мирзо кӯшид Муҳаммадмазиди Тархонро бо ҳила аз миён бардорад, аммо ӯ мутаваҷҷеҳ шуд ва аз Самарқанд берун рафт ва аз Бобуршоҳ даъват кард, ки ба Самарқанд биёяд (Бобур, 1380:38).

Бобуршоҳ дар зулқаъдаи 905 раҳсипори Самарқанд шуд, вале ба далели мухолифати Султоналӣ Мирзо натавонист, вориди шаҳр шавад ва ночор ба сӯйи Каш рафт ва пас аз 14 рӯз шунид, ки Шайбонихон Самарқандро тасарруф кардааст (Хуршоҳ ибни Қуодал Ҳусайнӣ, 442-1965:541).

**Шикасти Бобуршоҳ аз Шайбонихон.** Шайбонихон дар шавволи 906 аз Бухоро ба сӯйи Самарқанд рафт. Бобуршоҳ барои рӯёрӯӣ бо ӯ аз шаҳр берун рафт ва дар мавзеи Кордзан ҷанги бузурге миёни ду тараф даргирифт. Бисёре аз амирони Бобур кушта шуданд ва худаш низ ба сӯйи Самарқанд гурехт (Хондамир, 326-1353:287). Сипас ӯзбекон дар Ҳисори шодмон, Бобуршоҳро муҳосира карданд ва ин муҳосира

шаш моҳ тӯл кашид. Шайбонихон ба Бобур пайғом дод, ки агар хоҳари худ Хонзодахонумро ба ӯ бидиҳад, муҳосираро хоҳад шикаст. Бобур ба хостаи ӯ посӯхи мусбат дод ва Хонзодахонум ба ақди Шайбонихон даровард ва ҳосили ин издивоҷ писаре бо номи Хуррамшоҳ Султон буд. Ин шоҳзода дар кӯдакӣ даргузашт ва Шайбонихон модари ӯро талоқ дод ва ба ақди Саидҳодии Атоибӣ даровард (Қибчоӯхон Шин, 259).

Пас аз он Бобуршоҳ мавқеияти собите надошт ва муддате дар Бадахшон буд. Сипас ба Кобул рафт ва дар охири рабеулаввали 910, он шаҳрро аз Муҳаммад Муқим, писари Зунун Арғун гирифт. (Шайх Абулфайзи Муборак, 1372:141) ва дар он ҷо монд, то хабари кушта шудани Шайбонихон ба дасти шоҳ Исмоил ба вай расид.

**Оғози равобити Шоҳисмоил ва Бобуршоҳ.** Шоҳ Исмоил рӯзи ҷумъаи охири шаъбони соли 916 Шайбонихонро дар ҷанги Марв шикаст дод (Ғаффорифард, 1386:95: 119). Хоҳари Бобуршоҳ ҳарун дар миёни ӯзбекон буд ва шавҳараш, Саидҳодии Атоибӣ, дар ҷанги Марв кушта шуд ва шоҳ Исмоил ин хонумро назди бародараш фиристод. Бобуршоҳ аз иқдоми шоҳ Исмоил хушнуд шуд. Ҳангоме ки шоҳ Исмоил дар Ҳирот ба сар мебурд, касеро назди ӯ фиристод ва изҳори давлатхоҳӣ кард. Шоҳ Исмоил пазируфт, ки ба Бобуршоҳ мувофиқат кард, бахшҳое аз Мовароуннаҳро, ки Бобуршоҳ тасхир мекунад аз они худ бошад (Хондамир, 1353:522).

Бобуршоҳ дар 917 қамарӣ раҳсипори вилояти меросии худ шуд ва пас аз расидан ба Бадахшон бо писарамуяш, Мирзохон, ба сӯйи Ҳисори шодмон рафт ва пас аз тасарруфи Ҳисори Шодмон номае ба шоҳ Исмоил навишт ва аз ӯ тақозо кард, то гурӯҳе аз сипоҳиёни Қизилбошро ба манзури тасарруфи бахшҳои дигари Мовароуннаҳр ба кӯмаки вай фиристод ва дар иваз ваъда дод, ки хутба ба номи шоҳ Исмоил бихонад ва ба номи ӯ сикка бизанад (ҳамон , 524)

Шоҳ Исмоил тақозои Бобуршоҳро пазируф ва Аҳмадбегӣ Сӯфиуғлӣ ва Шоҳрухбеки Афшор ва гурӯҳеро ба кӯмаки ӯ фиристод. Гуличонбек мулозими Наҷми Сонӣ низ дар миёни ин гурӯҳ ҳузур дошт (Ҷаҳонкушои Ҳоқон, 416:1364). Бобуршоҳ ба кӯмаки ин гурӯҳ бидуни ҷангу хунрезӣ вориди Самарқанд шуд, сипас лашкари шоҳ Исмоилро бо эҳтиром мураххас сохт.

Бобуршоҳ 8 моҳ Самарқанд монд ва мардуми он ҷо аз ҷулуси вай бар тахти салтанат бисёр хушҳол буданд, аммо ҳангоме ки Бобуршоҳ либоси Қизилбошҳоро ба тан кард, мардуми мутаассиби Самарқанд аз ӯ безор шуданд. Ин мардуми суннимазҳаб султаи Бобирро барнаметофтанд, зеро ҳавохоҳи Қизилбошҳои шиъамазҳаб буданд (Варҳаром, 296: 1372).

Дар ҳамон ҳол Убайдуллоҳ Султон, бародарзодаи Шайбонихон ба ҷанги Бобуршоҳ рафт ва ӯро дар Қул шикаст дод ва Бобур ночор ба сӯйи Ҳисори шодмон гурехт. Дар манобеи Эронӣ, аз ҷумла «Ҷаҳонкушо»-и Ҳоқон, «Хулди барин» ва «Ҳабиб-ус-сияр» омадааст, ки Бобуршоҳ ба номи шоҳ Исмоил хутба хонд ва ба номи 12 имом сикка зад. Акнун ин пурсиш пеш меояд, ки оё Бобуршоҳ ба ростӣ ба номи шоҳ Исмол ё 12 имом ва ё ба номи ҳар ду сикка задаст ё на?

Риёзулислом пажӯҳиши ҷомее дар ин бора анҷом додаст. Ба гуфтаи ӯ бархе аз муҳаққиқон сиккаи тиллоиро бо улгуи сиккаҳои шиа ё ба номи шоҳ Исмоил ё ҳарду ривоҷ додаст. Аммо то кунун чунин сиккаҳое пайдо нашудааст. Шояд ин пиндори хирадмандона бошад, ки бигӯем Бобуршоҳ барои адои дини худ ба шоҳ Исмоил чунин сиккаҳоеро зарб кардааст ва қасд надоштааст, ки онҳоро дар Самарқанд ривоҷ диҳад. Агар чунин фарзеро бипазирем, бояд бигӯем, ки шумори ин сиккаҳо бисёр кам буда, Бобуршоҳ барои исботи вафодории худ ба шоҳ Исмоил, онҳоро ба фармонравои Сафавия ҳадя кардааст. Ҳамин фарз далели нопадид шудани ин сиккаҳоро низ тавҷеҳ мекунад.

Риёзулислом эҳтимол мекунад, ки Бобуршоҳ ба далоили сиёсӣ метавонистааст мазҳаби ташаюъро бипазирад. Зеро ӯ аз ҳар гуна таассуби нохушоянди мазҳабӣ дур будааст. Ва барояш мушкил набуда, ки дар муқобили тасарруфи Самарқанд ба мазҳаби шиа рӯй оварад ва ҳатто либоси Қизилбош бар тан кунад ва хутба низ ба сабки шиа бихонад ( 290-286:ё1373).

**Бобуршоҳ ва Наҷми Сонӣ.** Бобуршоҳ пас аз тасарруфи Самарқанд бо кӯмаки сипоҳи Қизилбош, Аҳмадбеги Сӯфиуғлӣ ва Шоҳрухбекро бозгардонид. Қуличонбеки Мулозим ва Ишаки оғоӣ амир Наҷми Сонӣ, ки ҳамроҳи ин гурӯҳ буд ба назди шоҳ Исмоил бозгашт. Бобуршоҳ ба Қуличонбек чандон таваҷҷуҳе накарда буд. Бинобар ин, ӯ дар Қум ба ҳузури шоҳ Исмоил расид ва эълом кард, ки Бобуршоҳ дар натиҷаи

фатҳи ҳамаи Мовароуннаҳр мағрур шудааст ва хаёли саркашӣ дорад (Ҳондамир, 522: 1353).

Амир Наҷми Сонӣ аз ин хабар нигарон шуд ва аз шоҳ дархост, кард, ки ӯро дар фармондеҳии сипоҳе ба Мовароуннаҳр бифиристад, то агар кори баде аз Бобуршоҳ бубинад, ӯро барканор созад. Шоҳ бо дархости амир Наҷми Сонӣ мувофиқат кард ва ӯро дар охири зулҳиҷҷаи 917 қамарӣ раҳсипори Мовароуннаҳр кард.

Амир Наҷми Сонӣ дар ҳаволии Симнон шунид, ки Убайдуллосултон ва Темурсултон аз салотини ӯзбек, бар Мовароуннаҳр мусаллат шудаанд. Бинобар ин, бо 12 ҳазор нафар ба Хуросон ҳаракат кард ва Амир Ғиёсиддин Муҳаммадро фиристод, то аз Бобур дилҷӯйӣ кунад. Ва аз ӯ бихоҳад, ки ба сипоҳи Амир Наҷми Сонӣ бипайвандад. Бобур низ пазируфт. Ҳангоме ки дар ба Тирмиз хабари омаданаш ба иттилои амир Наҷми Сонӣ расид, амир Наҷм ба истиқболи ӯ шитофт ва дар тангаи Ҷак-ҷак (дар банди оҳанин) он ду ба ҳам расиданд («Ҷаҳонкушо»-и Ҳоқон, 1364:422).

Амир Наҷми Сонӣ аз мулоқот бо Бобуршоҳ бидуни иҷозаи шоҳ Исмоил барои фатҳи Мовароуннаҳр раҳсипори он ҷо шуд. Ҳангоме ки ба қалъаи Хазор расид, Оқфулосултон ҳокими қалъа бо гирифтани таъмини ҷонӣ барои аҳолии қалъа таслим шуд. Аммо амир Наҷми Сонӣ паймони худро шикаст ва фармони қатли оми мардуми қалъаро содир кард. Сипас ба сӯйи калъаи Қаршӣ рафт («Таърихи оламоро»-и Сафавӣ, 1363-360,366). Шайхунмирзо, ҳокими қалъа, ки аз корҳои амир Наҷми Сонӣ дар Хазор огоҳ буд, ба сахтӣ дар баробараш истодагӣ кард.

Амир Наҷм пас аз гирифтани ин қалъа низ мардумро қатли ом кард ва раҳсипори Бухоро шуд. Чун ба ду фарсахии он шаҳр расид, хабар ёфт, ки Муҳаммадтемур Султон ва Абӯсаид Султон аз ӯзбекон бо гурӯҳе аз сипоҳи Самарқанд ба сӯйи Бухоро ҳаракат кардаанд. Амир Наҷми Сонӣ барои рӯёрӯйӣ бо онҳо ба сӯйи Ғиждувон рафт. Бархе аз ёрони амир Наҷм ӯро аз рафтан ба Ғиждувон наҳй карданд. Ва гуфтанд саҳрои Ғиждувон асптоз нест ва наҳр ва ҷӯйи бисёре дорад. Амир Наҷм ба ҳарфи онҳо гӯш надод ва ба сӯйи Ғиждувон рафт ва онҷоро муҳосира кард.

Рӯзи сеюми рамазон 918 сипоҳи узбек ба қалъаи Ғиждувон расид. Амирони амир Наҷм, ки бо ӯ душманӣ доштанд аз майдони ҷанг гурехтанд ва Бобур низ фирор кард ва амир Наҷми Сонӣ ба ҷанг идома дод ва кушта шуд (Ғаффорифард, 1376:134-147).

Бобур аз Ғиждувон ба Кобул рафт ва чун умеде ба фатҳи Мовароуннаҳр надошт кӯшид, то мамолики Ҳиндро тасарруф кунад ӯ дар солҳои 910 ва 913 қамарӣ низ ба он навоҳӣ лашкар кашида буд. Бинобар ин, дар солҳои 925 – 930 ва 932 қамарӣ бар Ҳинд тохт ва дар соли 932 муваффақ шуд он сарзаминро фатҳ кунад. Ба гуфтаи Бобуршоҳ дар он ҳангом Султон Иброҳим писари Султон Сикандар, писари Султон Баҳруллоҳи Лудии Афғонӣ бар он ҷо хукумат мекард ва дар ҷанги Бонипат аз Борбур шикаст хурд (1308:178) Бобуршоҳ пас аз фатҳи Ҳинд дар Агра мустақар шуд ва дар 6 ҷамодиюлаввали 937 даргузашт (Ҳамон, 184).

Ӯ дар Ҳинд силсилаи Темуриёнро бунёд гузошт. Фармонравоёни ин силсила, то 1275 қамарӣ, яъне беш аз 340 сол бар Ҳинд фармонравоӣ карданд.

Ҳамзамон бо Шоҳ Исмоил бар тахти салтанат, силсилаи дигаре бо роҳбарии Шайбонихон дар Туркманистон ва Мовароуннаҳр шакл гирифт. Мовароуннаҳр мероси бозмондагони Амир Темури Гуркон ба шумор мерафт ва Шайбонихон барои тасаллут бар Мовароуннаҳр ба ҷанг бо Темуриён пардохт. Ҷангҳои ду тараф бештар бар сари тасарруфи Самарқанд буд, ки тахтгоҳи Бобуршоҳ ба ҳисоб меомад, Шайбонихон дар 906 қамари Самарқандро тасарруф кард ва хоҳари Бобурро ба ақди худ даровард. Пас аз он Бобуршоҳ то 916 аз Самарқанд дур буд, то ин ки Шайбонихон дар ҷанги Марв кушта шуд. Ва шоҳ Исмоил хоҳари Бобуршоҳро назди ӯ фиристод ва равобит миёни он ду оғоз шуд. Ба ин тартиб, дар рӯзгори мавриди назар як мусалласи иртиҷойӣ миёни шоҳ Исмоил-ӯзбекон ва Бобуршоҳ шакл гирифт, ки ду гушаи ин мусаллас; яъне шоҳ Исмоил ва узбекон бисёр қавӣ буданд ва дар таъйини сарнавишти Мовароуннаҳр нақши асосӣ бар уҳда доштанд. Гӯшаи сеюми он, яъне Бобуршоҳ нерӯи лозимро надошт ва агарчи ба кумаки шоҳ Исмоил тавонист дубора бар Самарқанд тасаллут ёбад, пас аз ҷанги Ғиждувон барои ҳамеша онро аз даст дод ва ба фатҳи мамолики Ҳинд пардохт ва саранҷом, силсилаи Темуриёни Ҳиндро таъсис кард. Ин муваффақияти Бобур бештар мадюни даргириҳои хунини Сафавия бо ӯзбекон буд. Зеро пирӯзии шоҳ Исмоил дар ҷанги Марв ва кушта шудани Шайбонихон, ӯзбеконро саросема ва аз ҳамлаҳои

кишваркушоёнаи онҳо ҷилавгирӣ кард. Узбекон барои ҷанг бо Сафавия аз ҳамаи нерӯҳои худ истифода карданд ва Бобур аз ғафлати онҳо ва аз фурсати таърихии пешомада суд ҷӯст ва бо огоҳӣ аз нотавонии худ дар Мовароуннаҳр мутаваҷҷеҳи мамолики Ҳинд шуд.


### АДАБИЁТ

1. Бобур Заҳириддин Муҳаммад. Бобурнома. Табъи Мирзомуҳаммади Маликулкитоб. Бомбай, 1308.
2. Гаффорифард Аббосқулӣ. Равобити Сафавия ва узбекон. Теҳрон, Нашри дафтари мутолеоти Вазорати хориҷа , 1376.
3. Шукри Ядулло. Таърихи оламорои Сафавӣ. Теҳрон иттилоот, 1363.
4. Хондамир Ғиёсиддин. Ҳабибусияр. Хайём. Теҳрон ,1353.
5. Теҳронӣ Абубакр. Таърихи диёрбакрия. Таҳурӣ. Теҳрон, 1356.
6. Ҳиндушоҳ Муҳаммадқосим. Таърихи фаришта. Бомбай. 1248.


### ОТНОШЕНИЯ ШАХА ИСМАИЛА САФАВИ I С ЗАХИРИДДИНОМ МУХАММАДОМ БОБУРОМ


В данной статье автором подвергнуты изучению и рассмотрению исторические события о союзе Бабура с шахом Исмаилом Сефеви в войне против Шейбанидов за владение Мавераннахром. Победами Исмаила Сефеви в Хорасане и отсутствием единства среди Шейбанидов воспользовался Бабур. и обратился к шаху Исмаилу с просьбой не противодействовать его попытке отвоевать у узбеков Мавераннахр. С согласия шаха Исмаила и, заручившись его поддержкой, Бабур выступил с войском из Кабула в направлении Бадахшана. Широкие слои населения Бухары и Самарканда с радостью встретили приход и победу Бабура. Но не прошло и полугода, как он лишился этой широкой опоры. Многие из тех, что были на его стороне и приветствовали изгнание Шейбанидов, постепенно отошли от него. Существенную роль в этом сыграли шиитские настроения Бабура.



**Ключевые слова:** Сефевиды, союз Бабура с шахом Исмаилом, победа Бабура, шиизм, подражание иранцам, Мавераннахр, поражение Бабура, угрозы распространение сефевидской экспансии


### RELATIONS OF SHAH ISMAYIL SAFAVI I ZAKHIRIDDIN MUHAMMAD-BOBUROM


In this article the author subjected to examination and review historical events of the Union of Babur Shah Ismail Sefevi in the war against the Sheibanids for possession of Maverannahr. Victories Ismail Sefevi in Khorasan and lack of unity among the Shaybanids took Бабур. and turned to Shah Ismail, asking not to oppose his attempt to win the Uzbeks and Maverannahr. With the consent of the Shah Ismail and with his assistance, Babur made with the troops from Kabul in the direction ofo Badakhshan. Broad layers of the population of Bukhara and Samarkand welcomed the parish and the victory of Babur. But after six months, he lost this broad support. Many of those that were on his side and welcomed the expulsion of the Sheibanids, gradually withdrew from him. A significant role was played by Shia sentiment Babur.



**Key words:** Safavis, the Union of Babur Shah Ismail, the victory of Babur, Shiism, the defeat of Babur, the threat of the spread of the Safavid expansion.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Хусейн Бахмани*** –соискатель Таджикского национального университета


## ТАЪСИРИ ТИБИ ИБНИ СИНО БАР ТИБИ ҒАРБ


***Фотима Содот Фикрӣ***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Пас аз таҳқиқоти густурда ва ҷустуҷӯ дар китобҳо ва сайтҳои интернетии гуногун дарёфтам, ки дар кишвари Тоҷикистон профессор Юсуф Нуралиев солҳост дар мавриди тибшиносии Ибни Сино дар ҳаҷми бисёр зиёд мутолиа карда, китобҳо ва мақолаҳои мухталиф навишааст. Дар ҷаласае, ки бо эшон доштам мутаваҷҷеҳ шудам, эшон касе ҳаст, ки иллати табобати Ибни Синоро ба хубӣ дарк кардааст ва метавонад аз он истифода намояд.

Гузаре чанд ба зиндагии Ибни Сино инро мерасонад, ки ӯ бо истеъдод ва нубӯғи саршор, як бузургмард дар заминаҳои илмии мухталиф аст. Ӯ бо иллати мушоҳида ва кашфиёти тиббии гуногун шуҳрат дорад. Ҳар табибе, ки бихоҳад бидонад, дониши ин олими бузург дар илми пизишкӣ ба чӣ мизон буда, фақат кофӣ аст, бахше аз гуфтаҳояшро бо дониши имрӯза муқоиса кунад. Ҳатман ба ин натиҷа хоҳад расид, ки ин шайх ягона андешаманди ҷаҳони илми пизишкӣ будааст.

Қариб ба ҳазор сол қабл аз давраи зиндагии файласуф, донишманд ва табиби номии машриқзамин Шайхурраис Абӯалӣ Ҳусен бини Абдуллоҳ бини Сино машҳур ба Абӯалии Сино, Ибни Сино ва Пури Сино, ки дар ғарб бо номи Авитсена шуҳрат дорад, мегузарад. Теъдоди 450 китоб дар заминаҳои гуногуне, ки шумораи зиёде аз онҳо дар мавриди илми пизишкӣ ва фалсафа мебошанд, ҳамчунин шайх аз

мутафаккирони ба номи қуруни васатие, ки зиндагиномаашро худ навиштааст ва шогирдаш Абӯубайди Ҷувзонӣ онро комил кардааст. Тазкиранависоне чун Байҳақӣ, Қифтӣ, Ибни Усайба ва Ибни Хилқон зиндагиномаашро нақл кардаанд. Ҷорҷ Сортн ӯро машҳуртарин донишманди сарзаминҳои исломӣ медонад.

Ӯ дар соли 980-мелодӣ дар рустои Афшона дар Бухоро дар рӯзҳои поёнии ҳаёти силсилаи Сомонӣ дида ба ҷаҳон кушод. Ин силсила аз ин ҷиҳат аҳамият дорад, ки яке аз аввалин ҳукуматҳои сиёсӣ ва маҳаллие аст, ки баъд аз шикасти императори Эрон аз аъроби мусалмон ва инҳилоли он дар ин кишвар ба вуҷуд омад. Зодрӯзи Ибни Сино ҳамқарн бо ривоҷи муҷаддади сиёсӣ, фарҳангӣ, забоншинохтӣ ва илмие дар Эрон буд, ба тавре ки ӯ ҳамзамон бо таваллуди шоҳкории Фирдавсӣ, яъне «Шоҳнома» ва олими бузург Закарёи Розӣ мезист.

Падари ӯ Абдулло исмоилимазҳаб ва аҳли Балх ба унвони аъмоли давлатӣ ба Бухоро рафт ва дар он ҷо бо Ситора издивоҷ кард. Ӯ ба эътибори зодгоҳи падараш Абӯалии Балхӣ ва ё ҷойгоҳи таваллудаш Бухороӣ номида мешавад. Дар кӯдакӣ аз маҳзари Абӯабдуллоҳи Нотилӣ, ки бо фалсафа ва улум ошноӣ дошт, баҳраманд шуд ва дар 10- солагӣ «Қуръон»-ро аз бар дошт ва бисёр аз илм ва адабро фаро гирифт. Мантиқ ва усули иқлидсро назди Муҳсибатӣ омӯхт. Дар заминаҳои улуми риёзиёт, табииёт, тиб, мантиқ, фалсафа ва иллоҳиёт, улуми мо баъд-ал-табиия, ҳанӯз ба шонздаҳсолагӣ нарасида буд, ки шуҳраташ ҳамаи ҷоро фаро гирифта буд. Дар ҳабдаҳсолагӣ бемории амири сомонӣ Нӯҳ бини Мансурро дармон кард.

Гоҳ шабҳо то субҳ намехобид ва вақте ки хоб бар ӯ ғалаба мекард қадаҳе аз об менӯшид. Агар хоб мерафт бисёр аз масоил дар хоб барояш равшан мешуд. Бо мутаҳайир мондан дар масъалае ба масҷиди ҷомеъ мерафт ва намоз мехонд, то душвории мавзӯъ осон гардад. Китоби «Мо баъд-ал- табиия»-и Арастуро 40-маротиба хонд, то аз бар шуд, аммо матлаб барояш ҳал нашуд. Баъд аз хондани китоби аърози «Мо баъд-ул- табиия»-и Арасту навиштаи Форобӣ «Масоилро» дарёфт ва дар ҳаждаҳсолагӣ аз ҳамаи улум фориғ гашт, ҳамчунин 21-солагӣ замони рӯй оварданаш ба тасниф буд.

Ибни Сино ба ҷурми ради мансаби вазорат зиндонӣ шуд ва дар зиндон бештар аз об ва нон, қалам талаб мекунад. Пас аз сукути силсилаи Сомонӣ дар 999-мелодӣ аз рӯйи иҷборӣ муҳоҷират кард. Сафари ӯ ба Ҷурҷон ё Гурогони имрӯза, Рай ва дар Ҳамадон буд. Аз ифрот дар талош ва кӯшиш ба дарди қулунҷ дучор шуд ва худ ба муолиҷаи хеш пардохт. Саранҷом ба рӯзи ҷумъа дар 58-солагӣ 1037-мелодӣ, наздики Ҳамадон сар ба хок ниҳод. Осори ӯ ҳамчун «Шифо», «Қонун», «Ишороти наҷот» ва даҳҳо навишта бо суръат дарвозаҳои илмӣ ҷаҳонро пушти сар ниҳод ва то қалби Аврупо густариш ёфт ва марокизи илмиро дурахшон кард. Шогирдони номдораш ҳаммонанди Баҳманёр, Абӯмансури Тоҳири Исфаҳонӣ, Абӯубайди Ҷурҷонӣ, Абдуллоҳи Маъсумӣ, Абӯлҳасани Алии Нисоӣ ва дигарон буданд.

Аз рӯйи таҳқиқот осори тиббии Ибни Сино 63- китоб ва рисоларо ташкил медиҳад, ки дар байни онҳо шоҳасараш «ал- Қонун фи тиб» аст. «Қонун» як доират-ул-маорифи пизишкӣ аст, ки дар мабонии аслии тиби суннатӣ мавриди баҳс қарор гирифта, танҳо мурочеи илмӣ ва машҳуртарин асари тиббӣ дар дунё мебошад, ки аз ҷумлаи барҷастатарин китобҳои шарқӣ ва ғарбӣ ба шумор меравад. Нусхаи аслии ин китоб 14 ҷилди бузургро ташкил дода, аз замони таълифи он наздик ба ҳабдаҳ қарн дар Аврупо ва акнун низ дар Машриқзамин мавриди истифодаи шефтагони илми пизишкӣ будааст.

Таълифи «Қонун» беш аз бист сол ба тӯл анҷомид, ки омезаҳое аз тиби Арасту, Ҷолинус, арабӣ, эронӣ ва ҳиндӣ аст. Бахши аввалро дар Гургон, ҳудуди соли 1012 - 13–мелодӣ ва идомаи онро дар Ҳамадон байни солҳои 1023-24 навишт. Он чи аҳамият дорад, ин аст, ки баъд аз таълифоте ҳамчун «ал-Ҳовӣ» навиштаи Закарёи Розӣ ва Маликӣ ба номи «Комил-ул-саноат-ул-тибиял мулкӣ ва аҳвозӣ», Алӣ ибни Аббосӣ, Маҷусии Аҳвози Арҷонӣ «Қонун» яке аз комилтарин китобҳои илмӣ дар байни онҳост. Аммо сабки нигориш ва матолиб дар ин китобҳо бо якдигар мутафовут аст. Ба таври мисол Розӣ дар «ал-Ҳовӣ» тамоми ақоиди тиббии юнонӣ, румӣ ва эрониро ҷамъоварӣ карда, сипас онҳоро бо дидгоҳҳо ва таҷрибаҳои худ ва озмоишҳое, ки дар тиб ба амал оварда буд тадвин кардааст.

Матни арабии китоб борҳо ба чоп расидааст. Дар охири асри 12 Гирод Гирмонӣ «ал-Қонун»-ро аз арабӣ ба лотинӣ тарҷума кард ва дар интиҳои асри 15, яъне дар соли 1437- мелодӣ нахустин бор дар Рум чоп шуд ва то охири асри 16 аврупоиён онро 15 маротиба ба чоп расониданд, ба тавре ки баъд аз таъсиси санъати чоп ин китоб дуюмин асари чопшуда бар рӯйи курраи замин мебошад. Дар ҳоли

ҳозир «Қонун» наздик ба 50 забони дунё дар Аврупо ва Осиё бо теъдоди нашри бисёр тарҷума шуда, аз ҳамон замон то интиҳои асри 18 китоби дарсии тамоми донишгоҳҳо ва мадориси олии Аврупо ва ҷаҳон будааст. Пас аз он назариёт ва андешаҳои вай таъқиб ва густариш ёфт ва саранҷом, пояи риштаҳои улуми ҷадид дар мағрибзамин тавассути ӯ гузошта шуд.

Тарҷумаҳои ноқис ба забони форсӣ ва тафсирҳо ва навиштаҳои нисбатан муфиде аз қонун таҳия ва тадвин шудааст. Аз ҷумла тафсири Абӯубайди Абдулвоҳиди Ҷузвонӣ қарни 4, шарҳи Алӣ бини Ризвон қарни -5, «Мулхаси Қонун» аз Ибни Файс, ки дар Ҳиндустон дар 1828-мелодӣ ба чоп расид ва «Хулос-ал-қонун» аз Абӯсаид ибни Сурури Исмоили Сомарӣ аст. Тарҷумаи форсии куллиёти «Қонун» аз Мулло Фатҳуллоҳи бини Фахриддини Шерозӣ дар соли 1306- ҳиҷрӣ дар Ҳиндустон чоп шуд. «ал-Қонун» дар соли 1360 аз арабӣ ба форсӣ тарҷума шуд ва тафсирҳо ва дигар навиштаҳо дар китобхонаҳои Эрон ва дунё мавҷуд мебошад.

Нусхаи машҳури дигаре дар чопхонаи Булоқ дар Усмонӣ ба соли 1294 –қамарӣ, ки дар кишварҳои исломӣ дорои шуҳрати вижа аст, агарчи бахше аз он аз байн рафтааст. Ҳамчунин китоби доктор Наҷиб «Таҳқиқе аз  Миср» дар 3-ҷилд ба номи «Мусташриқун» дар соли 1946-мелодӣ дар Дорулмаорифи Миср чоп ва нашр ёфтааст, ки 65 -саҳифа аз он маҷмӯа дар бораи Ибни Сино мебошад.

Дар Осиёи миёна ин китоб се маротиба ба забони русӣ, дар Тошканд ду маротиба ба забони узбекӣ ва як бор ба забони тоҷикӣ тарҷума ва чоп шудааст.

Дар Тоҷикистон Саиднуриддин Шаҳобиддинов ба соли 1980 тавонист «ал-Қонун»-ро аз арабӣ ба тоҷикӣ тарҷума кунад, ки дар ҳоли ҳозир дар Маркази синошиносии Академияи улуми Тоҷикистон омодаи нашр мебошад. Яке аз рисолаҳои дигари Абӯалӣ Сино ба ғайр аз «Қонун», ки ба забони тоҷикӣ тарҷума шудааст, рисолаи «Набзшиносӣ» ё «Рагшиносӣ» аст. Аҳамияти ин тарҷума дар он аст, ки бо забони тозаи форсӣ ё тоҷикӣ навишта шудааст ва бисёр наздик ба забони давраи Ибни Сино мебошад. Ин рисола бемориҳои бештар аз 60 мавриди набзро таҳлил кардааст ва ҳануз то ба имрӯз дар муолиҷаи бемориҳои қалби муосир ба сурати амалӣ тавассути пизишкон истифода мешавад.

Профессор Юсуф Нуралиев дар кишвари Тоҷикистон барои аввалин бор дар таърихи синошиносӣ тиби Ибни Синоро ба як системаи тиббӣ табдил кардааст. Ӯ омӯзиш ва истифодаи амалӣ ва илмии китоби «ал-Қонун»-ро осон ва саҳл кардааст. Эшон бо донишҷӯёнаш дар соли 2005 Пажӯҳишгоҳи байналмилалии омӯзиши осор ва дорушиносии Ибни Синоро бо ҳадафи таҳлили чигунагии табобати Ибни Сино таъсис кард.  Дар ин пажӯҳишгоҳ осори Ибни Сино, аз ҷумла шоҳасараш «Шифо», ки дар заминаи фалсафа ва мантиқ аст аз арабӣ ба забони русӣ ва тоҷикӣ тарҷума кардааст. Профессор Нуралиев муътақид  ба ҳамгунаи дастовардҳои тиббӣ, таҷрибӣ ва суннатие бо пизишкии муосир мебошад.

Барои мисол тибқи гуфтаҳои Сино то асри 18-мелодӣ пизишкони Аврупо ва ҷаҳон маншаи бемории диабетро аз куллия медонистанд. Тибқи назарияи Абӯалӣ Сино: «Инсон дар ҳолати гирифтор шуданаш ба бемории куллия, маводе дохили он ташреҳ мешавад, ки диабетро ба вуҷуд  меоварад, аммо мо намедонем, ки ин мавод чист». Баъд аз кашфи инсулин, ки зери меъда барои идораи ҳазми қанд тавлид мешавад, пизишкони Аврупо назарияи Синоро дар ин маврид рад карданд, аммо баъд аз таҳқиқоти густурдаи муосир маводе мисли нитрат, азот, сиротин ва дигар мавод дар куллия ба вуҷуд меояд ва онро дучори намакҳои нитратӣ мекунад ва моддае тавлид мешавад, ки диабетро ба вуҷуд меоварад.

Ин матлаб ба сурати мақолае тавассути пажӯҳишгоҳи профессор Нуралиев ба русӣ, арабӣ, форсӣ ва англисӣ дар Россия тарҷума ва чоп шудааст.

Ҳамакунун дар шаҳри Мумбайи кишвари Ҳиндустон наздик ба ҳазор маркази дармонӣ тиби Ибни Синоро ба донишҷӯён меомӯзанд ва бо доруҳои синоӣ беморонашонро табобат мекунанд, ин марокиз мутаассифона, бинобар далоиле ба марокизи юнонӣ машҳур шудаанд. Ҳамчунин дар ин кишвар ҳудуди 300 муассиса, клиника, дармонгоҳ ва донишкадаи тиббӣ ва дорусозӣ аз китобҳои ин олими илми бузурги пизишкӣ истифода мекунанд. Ҳакими синошиноси кишвари Ҳиндустон доктор Абдулҳамид аст, ки солҳои мутамадӣ ба таври тахассусӣ бар омӯзиши илмӣ ва амалии Бӯалии Сино таҳқиқ ва баррасӣ ба амал овардааст.

Бӯалии Сино дар муқаддимаи «Донишнома»-и худ дар бораи илми пизишкӣ чунин овардааст: «Пизишкӣ донише аст, ки бо илм ба он дар бораи аҳволи бадани инсон меомӯзем. Ҳадафи он ҳифзи саломатӣ дар замоне, ки бемор нест ва бозгардонидани саломатӣ дар ҳангоми бемрӣ аст». Ӯ китоби «Қонун»-и худро дар

панҷ бахш навиштааст, ки дар панҷ ҷилд мутобиқ бо ин панҷ қисмат мавҷуд аст. Ҳовии як милион калима аст ва тамоми фаслҳои китоб мутташакил аз ишорате ба варзиш, тиби пешгирӣ ва тиби сафар аст, ки намоёнгари вижагии ҷамъият ва рӯкарди ояндаанигари китоб аст. Панҷ ҷилди китоби «ал-Қонун»-и ибни Сино иборат аз:

Китоби аввал марбут ба тиби умумӣ мебошад, ки масъалаҳои тиб, назари мизоҷшиносӣ ва чигунагии ташхиси бемориҳо нишон дода шудааст.

Китоби дуюм дар бораи маводи доруии гиёҳон ва ҳайвонот, ки 81- навъ аз гиёҳони дорӯӣ дар Осиёи марказӣ, Эрон, Ҳиндустон ва Чин мерӯянд, нишон дода шудааст.

Китоби сеюм шинохту ташхиси муолиҷаи бемориҳои гуногун аз мӯйи сар то нохуни поро дар бар мегирад. Ҳамчунин бемориҳои дохилӣ, чашм, гӯш, қалб, тарбод, шикастагии устухонҳо ва сӯхтагиҳо мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Китоби чаҳорум дар хусуси маризиҳои мисрӣ ва сироятии мисли таб, вараҷа, вабо, хоришаки пӯст, сил ва ё дар бораи пӯст, мӯй ва равиши дармони онҳо мебошад.

Китоби панҷум ки дар он 645 намуна аз доруҳои мураккаб сохташуда, тавассути беҳтарин пизишкони Юнон, Рум, Ҳинд, Араб, Эрон ва Чинро ташкил медиҳад. Ибни Сино дар ин китоб даҳҳо навъ дорӯи мураккаб, ки тайи озмоишҳои худ ёфта аст, ворид кардааст.

Системаи китоби «ал-Қонун»-и Абӯалӣ Сино ба шакли хаттӣ аз 4 дастовард ташкил шудааст:

1. Асоси системаи тиббӣ иборат аз чист? а) навовариҳо ва кашфиёти худи ибни Сино; б) истифода аз таҷрибаи тиби Зардуштиён; в) истифода аз таҷрибаи тиби Сосониён; г) дастурҳои тибии Сомониён; ғ) тиби юнонӣ; д) дастурҳои тиби халқӣ; е) дастурҳои тиби Ҳинд ва Чин;

2.9 достони тибӣ ва шеър.

3. Хидмати «ал-Қонун» дар маводи дарсӣ: а) аввалин бор истифодаи осораш ҳамчун китоби дарсӣ дар мактаби устод ва шогирд; б) мадрасаҳои Осиёи миёна, замони Сомониён дар Бухоро; в) марокиз ва мадрасаҳои юнонӣ ва тиби суннатии Ҳиндустон; г) дар тамоми мадрасаҳо ва донишгоҳҳои Аврупо.

4. Хидмат дар рушди илми муосир.

Ин китоби боарзиш тайи қарнҳо омӯзиш дода шуда, бо он бемориҳои бисёре муолиҷа шудааст. Бетардид илми пизишкӣ дар он рӯз илми тиби Ибни Сино ва китоби «ал-Қонун» буд. Дар асри 18, ки илми технология ва кимиёӣ по ба арсаи вуҷуд гузошт, илм аз ҷиҳати назарӣ ва илмӣ тағйир ёфт ва пешарфт кард, Аврупо аз «ал-Қонун» рӯй гардонид, аммо ҳамчунон ба унвони манобеъ аз он истифода мешуд. Ба вуҷуд омадани илми муосир тибби суннатиро дар ҷавомеъ камранг кард.

Бидуни шак метавон гуфт, ки дар қарнҳои мутамадӣ дар Аврупо олиме набуд, ки ҳангоми иҷрои рисолаи докторӣ ва номзадӣ, мавзӯи худро аз ғелболи маънавии Ибни Сино назаронида бошад. Дар Эрон, Ҳиндустон ва бархе мамлакатҳои араб, ҳеҷ гоҳ риштаи илмӣ бе истифода аз «Қонун» амалӣ нашуд. Агар «ал-Қонун» набуд, ҳатман Аврупо наметавонист аз асри 11 ва 12 ба баъд дар муддати 400- 500 сол ба чунин дараҷаи илмӣ дар заминаҳои гуногун бирасад.

Бетардид метавонем унвон кунем, ки «ал-Қонун» ва тиби Ибни Синоро гаҳвораи асосӣ ва таҳкурсии тиби ғарб биномем. Аҳамияти босазои илмии ин шоҳасари тиббӣ дар дунё ин аст, ки Ибни Сино тавонист тибро аз чаҳорчӯби дин, афсона ва усулҳои ғайриилмӣ озод намояд. Ин усул шоҳроҳи бузурге барои рушд ва пешрафти илм дар ғарб буд. Тиби Ибни Сино поя ва асоси рушди илмии тиби муосир дар тамоми мамлакатҳои исломӣ ва донишгоҳҳои ғарб ва марказҳои тибии суннатии Шарқ, Ҳинд, Чин ва тибби ҷаҳонӣ саҳми бисёр бузурге доштааст.

### АДАБИЁТ

1.Ҷунайди Фаридун. Корномаи Ибни Сино. Интишороти Балх вобаста ба Нишопур, 1360.
2. Нуралиев Юсуф. Системаи тиби Ибни Сино. Душанбе:-Дониш.-2005.
3. Нуралиев Юсуф. Тиб дар замони Сомониён. Нашрияи -Деваштич.- 2003.
4.Ana-watig.c.essaide.bibliographie d'avicenna,cairo,1952.
5.Links:1-http://www.moj.gov.af/lang=da&p=magazinez&nid=142.
6. http://fa.wikipedia.org.
7. http://lifeothought.com
8. http://www.hawazh.net
9. http://daneshnameh.rosl.ir
10. http://www.afta.ir/articlels/riew/religion/philosophy
11. http://www.tim.ir

12. http://noavaran.net/publie/information/aboalisina.asp

**ВЛИЯНИЕ МЕДИЦИНЫ ИБН СИНЫ НА ЗАПАДНУЮ МЕДИЦИНУ**

Ибн Сина принадлежит к числу величайших ученых Средней Азии. Особенно велики заслуги Ибн Сины в области медицины. Его справедливо считают одним из величайших ученых медиков в истории человечества. На Западе Ибн Сину называли "принцем врачей", а его "Каноны медицины" стала известнейшей книгой в истории медицины. В ней рассматриваются философские основы здоровья и болезни человеческого тела, причины заболеваний, конкретные заболевания и их лечение, связи между телом и душой и другие философские аспекты медицины.

Ключевые слова: Ибн Сина, труды по философии и медицине, традиционная исламская медицина, фармацевтика, медицинские труды Ибн Сины, западная медицина,

**MEDICINE EFFECT OF IBN SINA IN WESTERN MEDICINE**

Ibn Sina is among the greatest scholars of Central Asia. Particularly great merit of Ibn Sina in the field of medicine. He is rightly considered one of the greatest scientists in history. In the West Ibn Sina was called "the Prince of physicians", and his "Canon of medicine" became the most known book in a history of medicine. It examines the philosophical basis of health and disease of the human body, causes of diseases, specific diseases and their treatment, the connection between the body and the soul and the other philosophical aspects of medicine.

**Key words:** Ibn Sina, philosophy and medicine, the traditional Islamic medicine, pharmaceuticals, medical works of Ibn Sina, Western medicine,

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Фотима Содот Фикри*** - соискатель Таджикского национального университета

# ОМӮЗИШИ ТАЪРИХИ МАНОРИ ҶОМ ВА МУШКИЛОТИ НИГОҲДОРИИ ОН

***Муҳаммад Обид Ҳайдарӣ***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Афғонистон бо таърих ва маданияти беш аз панҷҳазорсолаи худ дар таърихи тамаддуни Осиёи Миёна мавқеи шоёне дорад. Ҳар гоҳ ба марказҳои тамаддун ва фарҳанги башарӣ аз лиҳози арзиши таърихии он назар андозем, дармеёбем, ки Афғонистон панҷумин маркази маданияти башарӣ баъд аз маданиятҳои Байнаннаҳрайн ва сарзамини Калда, Миср, соҳили шарқии баҳри Миёназамин ва Фаластину Чин маҳсуб шуда, аз маданиятҳои Ҳинд, Юнону Рум сабқати таърихӣ дорад.

Дар таърихи тамаддун ва фарҳанги ин сарзамин меросҳои таърихӣ ва фарҳангии Ғуру Ғуриҳо аз мақому манзалати баланд бархурдор аст. Номи сарзамини Ғур дар осори муаррихон ва ҷуғрофиёнигорони арабу ғайриараб зиёд ёдоварӣ шудааст. Силсилаи умаро ва салотини Ғур, ки бо мулкулҷибол ва Ғуршоҳон машҳуранд дар таърихи Хуросони дирӯз ё Афғонистони имрӯза, мақоми барҷаста дошта, ба далели азамату ҳашамате, ки доштанд, аз мафохири ин сарзамин ба шумор меравconfigurand. Силсилаи Ғуриҳо шоҳон ва салотини муқтадир ва бузурге доранд, ки ҳар яке дар навбати худ боиси иҷрои хидматҳои бузурге шудаанд[4, 14].

Гарчи сарзамини афсонавӣ ва мардхези Ғур, тавре ки шоиста аст то ҳол дақиқ равшан нагардидааст, ки иллати умдаи онро метавон дар адами мавҷудияти асноди фаровон, шавоҳид ва мадорики таърихӣ ва таҳқиқоти бостоншиносӣ донист. Ҷойи шак нест, ки асноди фаровон аз даврони азамати императории бузурги Ғуриҳо боқӣ мондааст, аммо ба далели он ки кишвари Ғур дурафтода буд, ба таври лозим ҷамъоварии асноди катибаӣ ё ғайрикатибаӣ дар вақту замонаш таввачуҳ нагирифта аст. Қаблан бояд тазаккур дод, ки ҳамлаҳои вайронгаронаи Чингизхон на танҳо дар аз байн бурдани асноди гаронбаҳои таърихи Ғуриҳо, балки дар вайрон кардан ва ҳатто мавҳи комили аксарияти меъмориҳои таърихии он, таъсироти зиёнбахш ва ҷубронnопазир ба ҷо гузоштааст. Аз ҷумла, метавон маҳви комили шаҳри Фирузкуҳ ва ё Фирӯзободро, ки аз ҷумлаи маъруфтарин, мустаҳкамтарин ва маъмуртарин шаҳрҳои Ғур ва пойтахти императории Ғуриҳо буд, исм бурд, ки имрӯз теъдоде аз муҳаққиқон, муаррихон ва бостоншиносон дар таъйини ҳудуд ва мавқеияти дақиқи ҷуғрофиёии он дучори тардиданд. Ҷойи шак нест, ки Фирузкӯҳ ё ба қавли Тимури Гургон [1,227] Фирузобод ҳамон Тевараи феълӣ ё Ғури аслӣ аст. Бо он ҳама ихтилофи назарҳое, ки вуҷуд дошт ва дорад, умед аст дар натиҷаи таҳқиқоти дурусти бостоншиносӣ ин шакку тардидҳо ҳарчи зудтар ҳал гарданд.

Яке аз ёдгориҳои асри ҳокимияти салотини ғурӣ манори машҳури Ҷом аст, ки зиёда аз ҳаштсад сол ба ин тараф ба ҳайси рамзи азамат ва шону шавкати Ғуриҳо дар лаби дарёи хурӯшони Ҳарирӯд қад барафроштааст. Манори Ҷом, ки аз нигоҳи

азамати меъморӣ ва зиннати олӣ ва навиштаҳои куфии ( хатти кӯфӣ) худ, ба қавли устод Панҷшерӣ, баъд аз қутби Манори Деҳлӣ бо баландии(73) метр, ки аз ҷумлаи аҷоиботи ҳафтгонаи ҷаҳон маҳсуб мегардад ва манори Бухоро, ки (45) метр баландӣ дорад ва ба қавли ӯ «ин ҳар ду манор низ шаҳкориҳои силсилаи авлодҳои Ғуриҳо маҳсуб мегарданд» аз бузургтарин ва боазаматтарин манорҳои таърихӣ дар ҷаҳон шуморида мешаванд[3,175].

Манори қашанг ва боазамати Ҷом дар қарияи мавсум ба Ҷом дар масофаи 62 километрии шимолу шарқи шаҳраки вилояти Ғур, дар лаби дарёи Ҳарирӯд дар баландии (63,5) метр таваҷҷуҳи ҳамаро ба худ ҷалб мекунад. Таърихи дақиқи эъмори манораи мазкур маълум нест. Иддае аз муаррихон ва нависандагон, таърихи таъмири онро санаи 1193 то 1202 мелодӣ менигоранд. Аммо чизе, ки комилан муссалам аст, он аст ки бунёдгузор ва эъморкунандаи ин ёдгории таърихӣ, императори бузурги Ғур (Хуросонзамин) султони муаззам Ғиёсуддунё ва дин Абӯфатҳ Муҳаммад бини Соми Ғурӣ мебошад. Ба хотири таъйиди қавли фавқ ба навиштаҷоти Манор мурочиат менамоем, ки илова бар оёти мутабаракаи «Қуръони карим» дар ҷумлаи зерини навиштаҳои кӯфӣ дар қисмати нимаи улёи Манор номҳо ва алқоби мутаъдад мавҷуд аст, ки возеҳ хонда мешавад. Матни навишта чунин аст: «Ас-султон ал муаззам Ғиёс-уд- дунё ва дин Абӯфатҳ Муҳаммад бини Сом».

Як навиштаи дигар дар қисмати марказии ( васати) Манор, ки аз кошӣ (кафел) аст, боз ҳам ҳамон алқоб ва ановини Султон сабт гардидааст.

а) Ас-Султон ал- муаззам шоҳаншоҳ-ул-аъзам Ғиёс-уд-дунё ва дин муаз-ал ислом вал-муслимин Абӯфатҳ Муҳаммад бини Сом. б) Қасим Амирулмуъминин Халдаллоҳи Малака. Матолиби болоӣ эъмори Манорро дар давраи ҳокимияти Султон Ғиёсиддини Ғурӣ таъйид мукунад.

Дар мавриди Манори Ҷом ва шухрати он бояд навишт, ки баъд аз нашри мақолаҳои як теъдод аз донишмандон ва муҳаққиқони хориҷӣ овозаҳое барпо гардид, ки зери таваҷҷуҳи аҳли таҳқиқ қарор гирифт. Бахусус баъд аз нашри мақолаи донишманди белгиягӣ Андре Морик, ки дар соли 1957 аз Манори Ҷом дидан намуд ва мақолаашро дар соли 1959 нашр намуд. Ӯ дар маҳфилҳои илмии Ғарб сару садои бузурге тавлид намуд, ки ҳатто донишманди англис Бейвор онро бузургтарин комёбӣ дар кашфиёти ҷадид хонд[2,44].

Дар соли 1960 мудири ҳайати бостоншиносии фаронсавӣ дар Афғонистон Лабер аз пойи Манори Ҷом хокбардорӣ намуд,то дар мавриди маводи сохтмонии он таҳқиқ намояд, аммо натиҷаҳои ин таҳқиқ эълон нагардид. Аммо ба истинод аз ёддоштҳои ӯ Шарл Кейфар алоқамандони мавзӯъро аз натиҷаи таҳқиқоти анҷомшуда муталеъ сохт.

Баъд аз Лабер аввалин касе, ки Манорро аз назари меъморӣ мавриди мутолиа қарор дод, муҳандиси итолёвӣ ба номи Андре Бруно байни солҳои 1962 ва 1963 буд. Ба муҳандиси зикршуда вазифа супурда шуда буд, то бо истифода аз васоили техникӣ даст ба тармими Манори Ҷом зада, Манорро аз хатари сукути эҳтимолӣ наҷот диҳад. Ба силсилаи сафарҳои муҳаққиқон ва бостоншиносон, сафари бостоншиноси амрикоӣ Л. Лешнек дар соли 1945 ба манотиқи марказии Афғонистон (Ғур) аз аҳамияти дигаре бархурдор буд. Мавсуф назарияи Морик ва дигаронро мабнӣ бар ин ки гӯё маҳалли Манори Ҷом, Фирӯзкӯҳ бошад, рад намуд. Ба таъйиди назариёти бисёре аз ҷаҳонгардон, ки дар ҷараёни қарни XIX изҳор доштаанд, бостоншиноси мазкур сареҳан изҳор дошт ва таъйид намуд, ки Фирӯзкӯҳ ва ё Фирӯзобод пойтахти императории Ғуриҳо дар вулусволии Теварai феълӣ (Ғури аслӣ) буду ҳаст. Билохира охирин аврупоии дигаре, ки дар охири солҳои 1970-1971 ба маҳалли Манори Ҷом дар Ғур сафар кард ва онро аз назари меъморӣ ва исломӣ мавриди омӯзиш қарор дод, Вернер Ҳейрбург, муҳандиси олмонӣ буд, ки ӯро дар ин сафар ва анҷоми таҳқиқоташ, бостоншиноси афғон Ғулом Ҷелонии Доварӣ ҳамроҳӣ намуда, натиҷаи таҳқиқоти ҷадиди хешро дар шумораи аввали соли 1354 хуршедӣ мутобиқ ба 1975 дар маҷаллаи Ориёно ба нашр супорид. Оқои Доварӣ муддаӣ аст, ки муҳандиси олмонӣ аввалин касе аст, ки бештарин, беҳтарин ва муҳимтарин аксҳо ва аснодро дар мавриди Манори Ҷом дар ихтиёр дорад[2,45].

**Хатари сукути Манори Ҷом.** Ташвиш дар мавриди сукути Манори Ҷом аз чаҳор даҳаи қабл вуҷуд доштааст. Баъд аз он ки Андре Морик Манори Ҷомро таҳти омӯзиши ҳамаҷониба қарор дод, дар мақола ва рисолааш хотирнишон намуда буд, ки Манори Ҷом дар асари майлоне, ки пайдо карда, дар ҳоли сукут мебошад. Назариёти Морикро муҳандиси итолёвӣ Бруно низ таъйид намуда, барои нахустин

бор расми техникии Манори Ҷомро бо ҷузъиёти он ба сурати хулоса пешниҳод намуд.

Андозагирӣ ва таҳқиқи меъморие, ки Курт Шамид ва Вернер Ҳейрбург дар соли 1971 дар пойи Манори Ҷом анҷом доданд, назарияи мабнӣ бар эҳтимоли суқути Манорро таъйид карданд. Зеро соҳили чапи Манор ба воситаи ҷараёни доимии об, пайваста тахриб мешуд. Ин амр ба ақидаи Вернер Ҳейрбург боис шуд, то Манор ба андозаи ду дараҷа ба сӯйи дарёи Ҳарирӯд майлон пайдо кунад. Маводи сохтмонии Манор, ки дар соли 1972 ба кӯшиши Вернер Ҳейрбург дар Донишгоҳи техникии шаҳри Майнс таҳлил гардид, нишон дод, ки маводи мазкур хосияти иртиҷоӣ дошта, дар тамоили бештари Манор, ин маводи азҳамгусехта, боиси суқути Манор мегардад[2,64].

Дар чанд соли охир дар аксари вилоятҳои Афғонистон соҳоти таърихӣ ва бахусус атроф ва навоҳии қалъа, марказҳои таърихӣ ва манорҳои собиқа ба хотири пайдо намудани осор ва ёдгориҳои таърихӣ ба манзури фурӯш ва қочоқи онҳо дар хориҷ аз марзҳои Афғонистон, ба таври ғайримаслакӣ ва ғайриқонунӣ кофтан ва канданкориҳо сурат гирифта, ашёи ба даст омада ба далолони дохилӣ ва хориҷӣ ба фуруш расонида мешавад. Намунаи мисоли чунин ковишҳои худсарона ва ғорати бешармонаи дороиҳои миллӣ дар вилоятҳои Пактиё, Лағмон, Ғазнӣ, Балх, Бағлон, Нангарҳор, Бомиён ва ғайра ба мушоҳида расидаанд. Дар ҷумлаи вилоятҳои зикршуда, яке ҳам вилояти Ғур аст, ки аз чандин сол ба ин тараф дар атроф ва навоҳии манори таърихии Ҷом кӯшишҳои худсарона ва канданкориҳои ғайримаслакӣ ва ғайримаҷоз, на танҳо ба воситаи мардумони маҳал, балки афроди дигар вилоятҳо ва минтақаҳои ҳамсоя низ сурат гирифтааст. Осори қиматбаҳои таърихии ёфтшуда дар ивази пули ночиз ба қочоқбарони ин бахш ба фурӯш расонида мешавад. Дар қарияи Ҷом, атрофи Манори Ҷом, доманаи кӯҳи Хора (кӯҳи муқобили Манори Ҷом) ва атрофи вайронаҳои арки духтари подшоҳ, ки дар кӯҳи муқобили Манор ( он тарафи дарёи Ҳарирӯд) мавқеият дорад, теъдоди бисёре аз мардумони маҳаллӣ ва ғайримаҳаллӣ ба хотири ёфтани тилло ва осори таърихӣ ба шакли доимӣ кандан, кор менамоянд. Ашёи таърихии ёфтшударо қочоқбарони кишварҳои ҳамсояи Афғонистон ба қимати ночиз харидорӣ намуда, ба хориҷ аз Афғонистон интиқол медиҳанд.

Бояд нигошт, ки масъулини умури амниятии Афғонистон дар заминаи ҷилавгирӣ аз ин кори ғайриқонунии табоҳкорон амали ҷиддӣ нанамуда, қочоқчиёнро дастгир намекунанд. Ба ҳамин далел аст, ки қочоқчиёни меросҳои фарҳангӣ ва таърихии Афғонистон, бахусус вилояти Ғур, ба манзури ғорати бештари дороии ин сарзамин талоши хасмона доранд. Аз назари муаллиф канданкориҳои мардумони маҳаллӣ хеле қобили ташвиш нест, ба хотири ин ки онҳо ҳеҷ гоҳ қасди тахриби Манорро надоранд. Аммо ташвиш бештар аз он идда муассисот аст, ки таҳти номи тармими Манори Ҷом ба дастури душманони таърихи Афғонистон ба таври умдаӣ даст ба нобудӣ мезананд. Ба ин маъно, ки ба ивази таъмир ва бозсозӣ амали тахрибсозиро анҷом надиҳанд. Мо ба хотир дорем, ки дар зимистони соли 1387 хуршедӣ манори таърихии минтақаи Чакарии Кобулро, ки ёдгории аҳди будизмӣ Афғонистон буд, ваҳшиёна хароб намуданд. Ман ба ҳайси бошандаи аслии вилояти Ғур, ташвиш аз он дорам, ки ин ба истилоҳ муассисаҳои хайрияи хориҷӣ, ки дар зоҳир нақшаи тармими осори таърихии Афғонистон ва аз ҷумла манори таърихии Ҷоми Ғурро ба уҳда доранд, баръакс даст ба амали тахрибӣ назананд ва монанди Чакарии Кобул, ин манорро низ тахриб накунанд.

Кори тармими Манор ба дасти ашхосӣ маслакӣ ниёз дарад. Ҳар муҳандис наметавонад онро тармим намояд, зеро ворид шудани андактарин фишор бар Манор, аз ҳар тарике, ки сурат гирад, ба эҳтимоли зиёд манорро суқут хоҳад дод ва аз байн хоҳад рафт. Мутахассисини умури бостоншиносиро ақида бар он аст, ки ҳар навъ фишор, ҳатто агар сабук ҳам бошад, бар Манор таъсири хароб ба ҷо хоҳад гузошт. Мутахассисини умур назар доранд, ки ҳатто парвози тайёраҳо ба иртифои кам аз фазои Манор ва ҳам тирпарониҳо аз силоҳҳои сабук, аз танк ва ё тӯп дар наздикиҳои Манори Ҷом мумкин аст боиси суқути он гардад.

Дар охир ин навишта ба хотири ҷилавгирӣ аз суқути эҳтимолии Манори Ҷом, ки воқеан муаррификунандаи азамати як давраи тӯлоние аз таърихи минтақа, бахусус Ғуриҳо ва императории бузурги онҳо, ки дар Ҳуросонзамин аз мақом ва манзалати олӣ бархурдор буд, пешниҳодоти зайлро пешкаш медорем:

- Аз анҷоми канданкориҳои худсарона ва ғайриқонунӣ дар атроф ва навоҳии Манори Ҷом ҷилавгирӣ сурат гирад. Ҳар кӣ дар инзамина тахаллуф намояд, бояд шадидан муҷозот шавад.
- Дар сурати мумкин, бояд қароргоҳои бозрасӣ ва амниятӣ таъсис гардад, то аз рафту омади шахсони машкук, ғараздор, бахусус қочоқбар дар соҳаҳои марбути Манори Ҷом ҷилавгирии шадид намоянд.
- Кори тармим, ҳифз ва нигоҳдошти Манори Ҷом ва соири меъмориҳои таърихии Афғонистон, ки то ҳануз аз газанди рӯзгор дар амон мондааст, ба ҳеҷ сурат ба муассисаҳои хайриявии хориҷӣ супорида нашавад. Ё ба онҳо қарордоди тармими мустақилонаи меъмориҳои таърихӣ баста нашавад.
- Ҳузури намояндаи Вазорати иттилоот ва фарҳанг, раёсати ҳифз ва нигоҳдошти осори бостонӣ, меъмориҳои таърихӣ ва ҳатто намояндаи тахассусии музеи Афғонистон дар ҷараёни бастани қарордоди тармими меъмориҳои таърихии кишвар бо муассисоти хориҷӣ ва ҳузури онҳо дар ҷараёни кори эъмор ва тармим комилан зарурӣ мебошад.
- Ман фикр мекунам дар шароити кунунӣ, ки имконият҇ҳои моддӣ ва бахусус амниятии давлати Афғонистон ниҳоят маҳдуд аст ва аз ҷониби дигар, мафияи маҳви осори таърихии ин сарзамин ба нобудии дороиҳои таърихии кишвар камар бастааст, муваққатан кори тармими ёдгориҳои таърихӣ, он ҳам ба воситаи муассисаҳои хориҷӣ, ки дар назди ҳеҷ як аз мақомоти давлатии Афғонистон масъулият надоранд, ба таъвиқ андохта шавад. Бузургони таърих ва фарҳанги мо чи хуб гуфтаанд: « Чаро оқил кунад коре, ки бор орад пушаймонӣ».

## АДАБИЁТ


1.Бирюн Марсел. Манам Темури ҷаҳонкушо.-Пешовар:Китоб, 1378(1999).
2.Доварӣ Ғулом Ҷайлонӣ. Ҷом ва Фирузкӯх// Маҷаллаи Ориёно.- №1, 1354(1975).
3.Панҷшерӣ Азиз Аҳмад. Ҷуғрофиёи таърихи Ғур.-Кобул, 1361(1982).
4.Ҳайдарӣ Муҳаммад Обид.Барасии авзои сиёсӣ-низомии Ғуриҳо.- Кобул, 1378.
5.Ҳафтаномаи «Шариат».-Шаъбони соли 1420 ҳ.қ.(1999).


## ИЗУЧЕНИЕ ИСТОРИИ БАШНИ ДЖАМ И ПРОБЛЕМЫ ЕЕ СОХРАНЕНИЯ


В статье рассматривается история создания Башни Джам в трудах афганских и зарубежных авторов. Отмечается, что Башня Джам расположена в селении Джам в 62 километрах севера востока административного центра провинции Гур, на берегу реки Герируд, на высоте 63,5 метров. Точная дата построения Башни неизвестно, но некоторые историки считают, что она построена между 1193 и 1202 годами. В статье, также рассматривается вопрос об усилении мер по сохранению Башни и угроза разрушения, нависшая над ней.



**Ключевые слова:** Башня Джам, история создания Башни Джама, провинция Гур, сохранение Башни Джам, угроза разрушения Башни.


## STUDYING OF HISTORY OF MINARET DZHAMA AND PROBLEM OF ITS PRESERVATION


In article examined history of building Minaret Dzhama in works of the Afghani and foreign authors. It is noticed that the Tower of Dzhama is located in settlement Dzham in 62 kilometers of the north of the east of an administrative center of a province of Gur, on river bank Hari Rud, at height 63, 5 meters. Exact date of construction the Tower it is not known, but some historians consider that it is constructed between 1193 and 1202 years.In article, also examined questions on strengthening of measures on preservation of the Tower and the threat of the destruction which have hung over it.



**Key words:** Minaret Dzhama, the history of the Minaret Dzhama, province of Gur, the preservation of the Minaret Dzhama, the threat of demolition.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Мухаммад Обид Хайдари*** - соискатель ТГПУ им Садриддина Айни

## Ҳ У Қ У Қ

# ОСНОВНЫЕ ЭЛЕМЕНТЫ АВТОРСКОГО ДОГОВОРА

*И.Г.Ахмеджанов*
**Таджикский национальный университет**

Элементы договоров, несомненно, имеют важное значение в определении, как самого договора, так и сущности отдельных разновидностей. Неслучайно, в английской правовой доктрине понятие договора определяется через перечисления основных элементов договора.

В юридической литературе по-разному определяются элементы договоров. Известны разночлененные классификации[1]. Не вдаваясь в подробности, отметим, что под элементами договора следует понимать его составляющие, то есть «принадлежности» договора.

В цивилистике разработаны традиционные элементы договора, к которым относятся стороны, предмет, цена (в возмездных договорах), срок, форма и содержание[2]. В последнем договор понимается как правоотношение. Ибо в науке гражданского права принято, что содержание договора как правоотношения означает права и обязанности сторон. Содержание договора-сделки составляют договорные условия, а договора-документа его пункты.

Содержание договора-сделки определяют существенные условия, то есть те условия, которые необходимы и достаточны для того, чтобы договор считался заключенным. Согласование этих условий означает, что договор заключен. По моменту заключения договора в зависимости от юридической природы (конструкции) могут отличаться.

Поэтому, прежде всего, надо рассмотреть юридическую характеристику (конструкцию) авторского договора. По общему правилу, авторский договор является консенсуальным, возмездным и взаимным. Такой вывод можно сделать из анализа норм Закона РТ «Об авторском праве и смежных правах». Но это не исключает существования реальных, безвозмездных и односторонних авторских договоров. Потому что прямого запрета на это нет, кроме того из существа правоотношения не вытекает иное. Следовательно, в силу ст.8 ГК РТ авторские договора, конструкции которых строятся на указанных моделях, могут порождать обязательство.

Консенсуальный характер авторского договора означает, что по общему правилу, авторский договор считается заключенным с момента согласия сторон по всем существенным условиям. В отличие от таких типов, авторский договор в том случае, когда одновременно с согласованием всех необходимых условий договора стороны предоставляют друг другу все причитающиеся права по договору, считается реальным. Например, автор передает права на использование уже созданного им произведения, которое до этого было одобрено пользователем, а пользователь одновременно выплачивает вознаграждение автору. Можно заметить, что здесь моменты согласования, заключения и исполнения полностью совпадают. Но нельзя в силу совпадения этих моментов прийти к выводу, что консенсуальный договор «становиться» реальным. В противном случае из всех консенсуальных по природе договоров купли-продажи, где часто моменты заключения и исполнения совпадают, можно было бы строить реальные договора. Только если момент заключения авторского договора обуславливается исполнениями этих обязанностей, можно говорить о реальных авторских договорах.

Законодательство РТ сформулировал авторские договора как возмездные. Более того, есть нормы, гарантирующие минимальные выплаты автору (так называемые минимальные размеры авторского вознаграждения), которые не раз были предметом дискуссий и недоразумений со стороны экспертов во время переговоров по вступлению Таджикистана в ВТО.

Надо заметить, что в законе нет запрета передачи авторских прав по договору на безвозмездной основе. Можно возразить, что данный вывод противоречит ч. 1 ст. 26 Закона РТ «Об авторском праве и смежных правах», который среди существенных

условий авторского договора называет также условие о размере вознаграждения и порядке определения размера вознаграждения за каждый способ использования произведения, порядке и сроках его выплаты. Но, если истолковать логически и системно, фактически данная норма закрепляет лишь то, что вопросы об авторском вознаграждении (или о безвозмездности) подлежат обязательному согласованию в договоре. Поэтому, если авторские права по договору передаются безвозмездно, об этом необходимо обязательно четко указать в договоре. Иначе условие о цене авторского договора будет считаться несогласованным, что приведет к многим спорам. Но в любом случае, по нашему мнению, договор не считается не заключенным. Дело в том, что на такие случаи рассчитан механизм минимального гонорара. По закону авторское вознаграждение не может быть ниже минимальных размеров, устанавливаемых Правительством РТ.

В обычном авторском договоре обе стороны имеют совокупность прав и несут корреспондирующие им обязанности, что делает этот договор взаимным (скорее двухсторонним). Гипотетически можно представить, что в договоре можно наделять автору только права, а не обязанности, тогда такой договор является односторонним. Но, скорее, это исключение (редкость) нежели правило (обычный, реальный оборот).

Будучи разновидностью гражданско-правовых договоров, авторский договор состоит из совокупности элементов. Рассмотрим их более подробнее в отдельности по вышеизложенной схемой.

**Стороны авторского договора**. В авторских договорах специфика сторон или иначе субъектов всегда вызывала интерес и дискуссии. По этому признаку выделяют так называемые «авторские договора в широком смысле» и «авторские договора в узком смысле», а также обуславливается само название этих договоров – «авторские», то есть обязательной стороной должен всегда являться сам автор. В дальнейшем, при анализе сторон авторского договора, мы попытаемся отвергнуть такое суждение и обосновывать мнение, что авторский договор называется «авторским» не в силу его субъектного состава, а особых передаваемых прав (предметом договора). Следовательно, автор не всегда обязательный участник авторских договоров.

В обязательствах один из х участников становится кредитором, а другой – должником. В некоторых обязательствах, например, в обязательствах по возмещению вреда или в договоре займа, есть только один кредитор (потерпевший, займодавец) и один должник (вредитель, должник). В обычных авторских договорах каждый из участников выступает одновременно и в качестве кредитора, и в качестве должника. Такие договора называются двусторонними или взаимными. То есть здесь критерием разграничения выступают взаимные (корреспондирующие) права и обязанности, а не количество участников договора, ибо последнее никак не влияет на одно/двусторонность договора. Так, если исходит из числа участников, то односторонних договоров вообще не должно быть, так как договор это соглашение двух и более лиц. Поэтому в авторском договоре могут участвовать N-ое число (но не менее двух) лиц – два, три, четыре, но договор может быть как односторонним, так и двусторонним.Сторону, передающую права, называют «лицензиар», «правообладатель», «автор» и т.п.

В качестве сторон авторского договора, по общему правилу, выступают автор и пользователь произведения. Участие правопреемника автора или иного лица в этом договоре Законом РТ «Об авторском праве и смежных правах» не предусмотрено. Так, часть 4 ст.25 Закона предусматривает, что «Право запрещать использование произведения другим лицам может осуществляться автором произведения, если лицо, которому переданы исключительные права, не защищает это право». Из этого можно прийти к выводу, что сторонами договора выступают автор и лицо, которому переданы исключительные права.

Исходя из того, что мы понимаем под авторским договором не только договора, заключаемые авторами, но иными лицами (правопреемниками, другими уполномоченными субъектами), необходимо рассмотреть характеристики, свойственные субъектам авторского права именно как сторонам авторского договора.

Без сомнения, автор является основным, хотя не всегда обязательным, субъектом авторского договора. Представляется, что по смыслу гражданского законодательства авторство возникает с момента рождения. Авторское законодательство не связывает возникновение авторства ни с возрастом, ни психическим состоянием, ни другими критериями. В силу ограниченного характера дееспособности малолетних, то есть лиц, не

достигших 14 лет (или вовсе отсутствия дееспособности не достигших 6 лет), за них авторский договор подписывают родители или опекуны.

Несовершеннолетние в возрасте от 14 до 18 лет по общему правилу заключают договора самостоятельно, но с согласия родителей или попечителей (ч.1 ст.27 ГК РТ). Что касается осуществления права автора произведения науки, литературы или искусства, изобретения или иного охраняемого законом результата своей интеллектуальной деятельности, то они вполне самостоятельны. Поэтому совершеннолетний и дееспособный автор произведения, как правило, сам заключает договор. Также они могут осуществлять это через своего поверенного. Что касается авторских договоров, то в силу ст.27 ГК РТ они заключаются ими без согласия родителей, так как заключение договоров также входит по понятию «осуществление прав автора», хотя в литературе существуют иные мнения. Автор, который вследствие душевной болезни признан недееспособным, не может заключать такой договор, но от его имени действует его опекун.

Бывают случаи, когда произведение создано совместным творческим трудом нескольких авторов. В таких случаях речь идет о соавторстве. Если авторский договор заключается по поводу использования такого произведения, то необходима согласованная воля всех соавторов. При этом все они равноправны в вопросе заключения договора или в определении каких-либо условий. В таких случаях все авторы должны подписать договор. Кроме того, соавторы могут поручить одному из них или третьему лицу заключить подобный договор. Главное, чтобы это лицо было уполномочено всеми авторами.

Правило о заключении договора со всеми авторами также действует в отношении соавторов при подготовке сборника. В таких сложных произведениях есть автор сборника, а также авторы произведений, включенные в составное произведение (сборник). Автору сборника принадлежит авторское право на осуществленные им подбор или расположение материалов, представляющие результат творческого труда (составительство), а не право заключения авторских договоров по поводу этого сборника. Поэтому авторы произведений, включенных в составное произведение, вправе использовать свои произведения независимо от составного произведения (если иное не предусмотрено авторским договором). Составитель пользуется авторским правом при условии соблюдения им прав авторов каждого из произведений, включенных в составное произведение. Исходя из этого, помимо заключения договоров с составителем, необходимо также заключить договоры со всеми авторами, произведения которых планируется включить в сборник. К сожалению, на правоприменительной практике эта норма практически не соблюдается. Так, из анализа двадцати авторских договоров с составителями сборников и других составных произведений, произведённое нами в различных структурах (университетах, учреждениях и т.д.), не наблюдается заключение договоров со всеми авторами. После беседы с юристами (и другими компетентными лицами) этих организаций выяснилось, что везде действует предположение, презумпция того, что это забота авторов-составителей, а не приобретателя. Парадоксально то, что сами авторы составных произведений, с которыми нам удалось поговорить, согласны с таким мнением и не имеют никаких претензий. Должен отметить, что такая точка зрения ошибочна и противоречит сути авторского законодательства. Такая «презумпция» никак не освобождает организацию, выпустившую сборник, от ответственности бездоговорного использования произведения. Хотя такая неправильная практика уже считается устоявшимся, есть реальная угроза поступления требований авторов составных произведений, так как их бездействие или простое согласие (несопротивление) вовсе не означает их разрешение в смысле авторского законодательства. Поэтому организациям, выпускающим сборник, следует учесть такие моменты и впредь обезопасить себя (если исходить из другой крайности, хотя они должны уважать права авторов не из-за угрозы ответственности).

Другое дело, когда речь идет об энциклопедиях, энциклопедических словарях, периодических и продолжающихся сборников научных трудов, газет, журналов и других периодических изданий. Так как исключительные права на использование таких изданий принадлежат издателю, с ним достаточно заключить договор, не требуется согласия авторов произведений, включенных в такие издания. В то же время, надо помнить, что такие авторы сохраняют исключительные права на использование своих произведений независимо от издания в целом (если иное не предусмотрено авторским договором), поэтому с каждым из них можно заключить договора об использовании его произведения.

Как известно, авторство возникает и у переводчика и у автора другого производного произведения. С ними тоже можно заключить авторский договор, но с условием, что ими соблюдены прав автора произведения, подвергшегося переводу, переделке, аранжировке или другой переработке. Поэтому, при заключении договоров с такими авторами, следует приложить их договор с авторами произведения, подвергшегося переводу, переделке, аранжировке или другой переработке. Другое дело, когда авторские права истекли или произведение не имеет автора.

Другим субъектом, который также может заключить авторский договор, выступают наследники автора. После смерти автора авторский договор может быть заключен с его наследниками. На наследников распространяются все те правила о дееспособности, что и на авторов, которые были рассмотрены выше. Если наследников несколько, то для заключения авторского договора необходимо согласие всех наследников. В случае возникновения конфликтной ситуации между наследниками спор между ними передается на разрешение суда.

Анализ Закона РТ «Об авторском праве и смежных правах» показывает, что позиция законодателя в данном вопросе такова: авторским договором может считаться только такой договор, который заключается самим автором. Такой вывод можно сделать хотя бы из тех закрепленных в законе гарантий, которые установлены явно в интересах только непосредственных создателей произведений, а также из того, что закон несколько раз прямо упоминает об авторе как одной из сторон авторского договора. Надо заметить, что авторский договор может заключаться и с иным лицом - заменяющим автора. Так как указанные договоры опосредуют передачу авторских прав, можно говорить о том, что такие соглашения также относятся к авторским договорам или являются их разновидностью.

Другие договоры, одной из сторон которых не является автор, в буквальном смысле закона нельзя считать авторскими. В силу принципа диспозитивности, допускается возможность заключения таких договоров. Даже если на них нормы, предусмотренные в Законе РТ «Об авторском праве и смежных правах», прямо не распространяются, тем ни менее применение к таким договорам по аналогии не исключено.

Таким образом, выясняется, что стороной авторского договора (правообладателем) может быть не только автор, но иные лица. От этого «авторский договор» не становится не авторским, ибо характер и содержанияе договоров с иными лицами ничем не отличается от договоров с авторами. Да и выделение авторского договора с участием только автора не имеет никаких практических смыслов. Наоборот, такой подход усложняет вопросы регулятивного характера. По-разному регулировать (точнее дважды регулировать) одно и то же отношение, только с участием разных субъектов, с юридической и логической точки зрения неправильно. На практике уже распространенным является заключение договоров с иными субъектами под названием «авторский», что нами приветствуется. Критерием разграничения авторских договоров от иных должен служить предмет договора, если договором опосредуется передача авторских прав, соответственно они признаются авторскими договорами. Чтобы разграничить всевозможные варианты заключения договоров, которые опосредуются передачей авторских прав, в литературе первая группа (то есть авторский договор, стороной которого является сам автор) называется авторским договором в узком смысле, а вторая группа (то ест авторский договор, в котором стороной являются иные уполномоченные лица) называется авторским договором в широком смысле. Хотя мы не согласны с такой постановкой вопроса, так как авторский договор должен пониматься буквально – договор по которому опосредуются авторские права, и нельзя «широко» или «узко» его понять, все же как условные научные обозначения можно их использовать.

Думается, что авторское законодательство в этой части должно подвергаться изменению.

Для обоснования своей мысли весьма уместно указать на судебную практику РФ. Так, Конституционный суд РФ указал, что «имущественные авторские права на использование произведения могут принадлежать не только непосредственно самому автору, но и другим лицам, в том числе юридическим, и могут передаваться ими по авторскому договору»[3].

Когда в качестве стороны передаваемых прав выступает иное лицо, нежели автор, то по справедливому указанию Н.В. Макагонова этот пользователь должен заручиться документальным подтверждением приемлемости для автора выработанных условий. Это

могут быть: документ, в котором автор излагает все условия договора и заявляет о том, что в случае принятия их издательством, считает себя связанным таким договором; переписка с автором, подтверждение им одобрительного отношения к договору, подписанному его представителем[4].

Весьма сложная ситуация возникает в случае опубликования произведения анонимно или под псевдонимом. Сторона, которая должна выступать как автор (или иной правообладатель) неизвестна. В силу ст.9 Закона РТ «Об авторском праве и смежных правах» при опубликовании произведения анонимно или под псевдонимом (за исключением случая, когда псевдоним автора не оставляет сомнения в его личности) издатель, имя или наименование которого обозначено на произведении, при отсутствии доказательств иного считается представителем автора, и в этом качестве имеет право защищать права автора и обеспечивать их осуществление. Данное положение действует до тех пор, пока автор такого произведения не раскроет свою личность и не заявит о своем авторстве.

Так как в таких случаях обычно издатели не управомочены заключить авторские договора, и, по нашему мнению, они не наделены таким правом в силу закона (хотя закон признает их представителем авторов, но у них нет полномочий на заключение договоров в силу невозможности установления намерений авторов на определенные условия договора), соответственно нельзя с ними заключить договор.

Для решения данного вопроса в литературе предлагалось ввести систему регистрации авторов, произведения которых опубликованы анонимно или под псевдонимом, подобно в Германии[5]. Однако мы не согласны с таким мнением, ибо это нарушает право на имя авторов, которое является личным и не должно ни при каких-либо условиях (тем более ради заключения договоров) нарушаться и раскрываться имя автора, который не хочет «раскрыть» себя. В противном случае выбор формы реализации права на имя, гарантированное законодательством, теряет свой смысл.

Вторая сторона авторского договора – это пользователь произведения. Правильное определение этой стороны авторского договора также имеет немаловажное значение, ибо по этому критерию в литературе отличают авторские договора от иных договоров. Эту сторону называют «лицензиат», «пользователь» или иначе (например, «издатель» в издательском договоре).

Как правило, такие договора заключают специализированные организации, основным родом деятельности которых является осуществление издательских, выставочных и других аналогичных функций. Однако заключение авторских договоров не запрещено любым иным организациям, но с условием, что использование этих произведений (или вообще, заключение таких договоров) не противоречит их уставным целям.

В настоящее время, нет никаких ограничений для заключения авторского договора со стороны пользователей. Однако, следует помнить, что для издательской деятельности, публичного показа и распространения аудиовизуальных произведений, пользователю необходимо получить соответствующую лицензию (ст.17 Закона РТ «О лицензировании отдельных видов деятельности» и глава 50 Положения об особенностях лицензирования отдельных видов деятельности[6]).

Следует также рассмотреть другую проблему, связанную также с пользователем, но уже с дополнительным критерием – цель (или назначение) использования произведения. Так, договор, по которому пользователю предоставляются права на произведение не для их использования в точном смысле этого слова по авторскому праву, а с целью удовлетворения личных потребностей, не является авторским. Это относится к организациям, которые не имеют право заниматься издательской и тому подобной деятельностью, связанной с использованием произведений с целью извлечения прибыли. В качестве примера можно привести следующую ситуацию: общественная организация заключает авторский договор с писателем на написание истории развития этой организации. Данный договор по своей сути не является авторским, а скорее является договором подряда.

Также правом заключения авторских договоров наделены индивидуальные предприниматели. Среди специалистов в области авторского права выработалась практически единая позиция о том, что физическое лицо не может быть пользователем в авторском договоре[7]. Такие договоры (в рамках которых по заказам отдельных физических лиц создаются творческие произведения) принято квалифицировать как

договор подряда. Но, как уже отметили, если физическое лицо является частным предпринимателем, то он может быть стороной такого договора. В такой ситуации гражданин заключает с автором договор, по которому приобретает в полном объеме все права и несет все обязанности пользователя.Также надо помнить, что ничто не мешает физическому лицу приобрести права не для целей использования, а для распоряжения правом, например, посредством сублицензирования[8].

Как и всякий договор, в авторском договоре не исключается перемена лиц. Тем более, что такой договор действует сравнительно длительный период времени. Если речь идет о создании произведения, замена автора (авторского коллектива, привлечение соавторов и т.п.) не допускается, так как создание произведения строго связано с личностью автора (к примеру, заключается договор о написании учебника с определенным, скажем, профессором, мнение которого общепризнано). В таких случаях пользователь заинтересован (даже коммерчески), чтобы книгу написал именно определенный автор, а не всякое постороннее лицо. Поэтому, замена возможна только с согласия пользователя (заказчика). Из этого общего правила, возможно, и исключение. Так, произведение уже готово, но автор умер, место его занял наследник. Тогда с согласия пользователя, вопреки его воли - в силу указания закона в договорные отношения выступит наследник.

В авторско-договорных отношениях возможна и переуступка прав, то есть полная или частичная передача прав, приобретённых по авторскому договору. Лишь в случае, если это прямо предусмотрено договором, возможен такое действие. Это существенное отличие от общегражданских правил, когда замена кредитора осуществляется помимо воли должника.

Таким образом, в авторско-договорных отношениях четкое определение субъектов имеет важное теоретическое и практическое значение. Ибо от субъектного состава зависит вид договора. Если заключающие стороны договора подпадают вышеуказанным критериям, то на лицо авторский договор, соответственно к таким отношениям применяются положения об авторском законодательстве, где существуют специфические правила. Если субъекты не отвечают этим критериям, то на лицо иной договор – скорее подрядного типа. Соответственно, к таким отношениям применяются иные нормы гражданского законодательства. Надо отметить, что правильное определение типа договора имеет значение не только для автора (иного правообладателя), но и для другой стороны – пользователя. Так, если применить к авторским договорам положение о договоре подряда, то характер ответственности совсем иной. Автор отвечает даже если у него нет вины (ст.735), что поставляет его худшее положение, скажем, когда он заболел и не смог создать произведение. Или наоборот: когда, по сути, существуют подрядные отношения, но к ним применить законодательство об охране авторских прав невозможно, нарушаются права и интересы пользователя (заказчика). Так, если это подрядные отношения, то заказчик может потребовать возврата аванса из-за неисполнение работы (создание скульптуры) в силу болезни подрядчика (автора), а если это авторские правоотношения – то автор из-за отсутствия вины может не вернуть обратно полученный аванс[9].

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Корецкий А. Понятие и классификация элементов договора// Законность, 2005, № 10.
2. Гражданское право: учеб. В 3 т. Т.2/А.П. Сергеева, Ю.К. Толстого. М., 2006. С.7.
3. Постановление Конституционного суда РФ от 28 марта 2000 г. № 5-П «По делу о проверке конституционности подпункта "к" пункта 1 ст. 5 Закона РФ об НДС».
4. Макагонова Н.В. Авторское право: Учеб. пособие /Под ред. Э.П. Гаврилова. - М. Юрид. лит., 2000. С. 176.
5. Сарычев И.А. Отношения, по использованию произведений науки, литературы и искусства как предмет авторского права. М., 2007. С.113-114.
6. Постановление Правительство РТ от 3 апреля 2007 года № 172 «Об утверждении Положения об особенностях лицензирования отдельных видов деятельности (в редакции Постановления Правительства РТ от 3.04.2007г.№172, от 1.04.2008г.№179, от 27.08.2008г.№443, от 2.12.2008г.№613, от 29.08.2009г.№472, от 31.08.2009г.№507, от 1.10.2009г.№566, от 31.10.2009г.№624, от 2.12.2009г.№668, от 12.02.2010г.№62, от о3.12.2010г.№646, от 30.04.2011г.№203, от 01.08.2011г.№384, от 30.04.2012г.№212).
7. Сергеев А.П. Право интеллектуальной собственности в Российской Федерации. М., 2003. С.277-278.
8. Каминский В.В. Передача авторских прав по договору: дисс… канд.юрид.наук. М., 2006. С.163.
9. Сергеев А.П. Право интеллектуальной собственности в Российской Федерации. С.278.


## ОСНОВНЫЕ ЭЛЕМЕНТЫ АВТОРСКОГО ДОГОВОРА

В данной статье автором подвергнуты изучению и рассмотрению основные элементы авторского договора на основе законодательства Республики Таджикистан. Элементы договоров, несомненно, имеют важное значение в определении, как самого договора, так и сущности отдельных разновидностей.
**Ключевые слова:** авторский договор, авторско-договорные отношения, передача прав, вид договора, положения об авторском законодательстве, гражданское законодательство.

**THE MAIN ELEMENTS OF THE AUTHOR'S CONTRACT**

In this article the author subjected to examination and review the main elements of a copyright agreement on the basis of the legislation of the Republic of Tajikistan. Elements of contracts, certainly, are important in determining, as of the contract and the nature of the individual species.
**Key words:** author's contract, the copyright-contractual relationship, the transfer of rights, type of contract, the provisions of the copyright law, civil legislation.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***И.Г.Ахмеджанов*** –ассистент кафедры гражданского права ТНУ

# ҲУҚУҚИ САРМОЯГУЗОРИИ ХОРИҶӢ ДАР ҚИБОЛИ МИЛЛӢ ШУДАН, МУСОДИРАИ АМВОЛ ВА САЛБИ МОЛИКИЯТИ ҚОНУНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ЭРОН

***Муҳаммадтақии Эронӣ***
**Пажӯҳишгоҳи фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносии АИ ҶТ**

Ҳамчунон ки ҳар қоидаи ҳуқуқӣ мавориди нақзӣ дорад, қоидаи эҳтироми моликият низ дорои истисноҳое аст ва дарвоқеъ ин таъйини ҳудуди моликият ва тарзи исботу иҷрои он аст, ки мафҳуми эҳтиром ба моликиятро мушаххас месозад. Ин истисноҳоро ба эътиборе ба ду бахш тақсим кардаанд:

1. Гоҳе лағви ҳурмати мол ба иродаи молик аст. Монанди ҳиба (ҳадя додан), иброъ (безорӣ аз мол);
2. Гоҳе ба ҷиҳати қонунӣ ҳурмати мол аз байн меравад, монанди мусодираи амвол ва буридани алоқаи моликонаи молик барои таъмини як манфиати умумӣ (салби моликият). Дар фарзи аввал нақзи эҳтиром реша дар идораи молик доштаву истисноӣ воқеӣ нест. Аммо фарзи дувум истисноӣ воқеӣ аст ва реша дар қонун дорад. Бинобар ин, бо вуҷуди шиносоии эҳтиром дар арсаи сармоягузории хориҷӣ, ба ангезаи таъмини масолеҳи ҷамъӣ ин ихтиёр низ барои давлат шинохта шудааст, бо вазъи муқаррароте дар бораи шароити аъмоли ҳаққи моликият, дар он маҳдудиятҳои эҷодӣ ё молиро барои иҷрои ҳукми додгоҳ бидуни мудохилаи молик ба дигаре тамлик намояд ё бо гузарондани қавонине онро худ тамлик кунад.

Андешаи маҳдуд кардани моликият аз сӯйи қувваи умумӣ воқеяте аст, ки мавриди пазириш ва ҳатто таъкиди андешамандону поягузорони низоми сармоядорӣ низ қарор гирифтааст. Барои намуна ҳарчанд Руссо бар он нест, ки моликияти хусусиро ба куллӣ нобуд кунад, аммо ибрози умедворӣ мекунад, ки ҳаққи моликияти хусусиро дар тангтарин ҳисорҳо маҳсур карда, барои он андозаву қоидае барқарор намуда, монеае бар сари роҳи густариши он қарор диҳад, то онро маҳор кунад ва барои ҳамеша таҳти инқиёди (зери салитаи) моликияти умумӣ қарор диҳад. Дар ҳуқуқи Ҷумҳурии Исломии Эрон тибқи асли 49 Қонуни асосӣ имкони салби моликият ва шароиту бархе масодиқи онро баён мекунад. Аз масодиқи боризи салби моликият, ки дар маъқулаи сармоягузории хориҷӣ ба кароҳат дида мешавад, метавон ба «миллӣ кардан», «мусодира», «забти амвол» ишора кард.

Лозим ба зикр аст, ки дар қарни охир дар арсаи сармоягузории хориҷӣ ба таври хос қоидаҳои марбут ба масъулияти мадании давлат ва меъёрҳои суннатии рафтор бо бегонагон, аз тарафи кишварҳои дар ҳоли тавсеа мавриди интиқод воқеъшуда, ихтиёри «салби моликият» дар муқобили қоидаи «эҳтироми моликият» матраҳ гардид. Ҳуқуқдонон «салби моликият»-ро пайомади «қонун» ё «тасмими давлат» медонанд. Бетардид, агар тасмими давлат реша дар қонун надоштаву мавзӯи маҷозӣ талаққӣ шавад, аз мавориди салби моликият ғайримаҷозӣ буда, осор ва табаоти вижае аз ҳайси ҷуброни хисорот ба дунбол хоҳад дошт.

Ҳарчанд вожаи «салби моликият» шояд саҳлангорӣ дар маънои ом шомили «миллӣ кардан» ва «мусодираи амвол» низ омадааст, аммо ин истилоҳот дар ҳуқуқи Эрону дигар низомҳои ҳуқуқӣ маънои мутафовите доранд ва ҳуқуқдонон барои тамизи миллӣ кардан аз дигар гунаҳои салби моликият авсофу шароитеро зикр кардаанд, ки аз ибъоду осор нишонгари тафовутҳо аст. Аз дигар масодиқи салби

моликият ба забти амвол, аз дастрасӣ хориҷ кардани мол аз дасти молик, хусусисозӣ, маҳрумият аз моликият ва бумӣ кардан низ ишора шудааст.

Салби моликият. Дар ҳуқуқи байналмилалӣ аз салби моликият ба унвони ҳақе ёд шуда, ки дар мафҳуми васеъ мавриди шиносоӣ асту қатъи назар аз табиат ва вазъияти молии ашхос дар мавридашон аъмол мешавад. Ин ҳақ аз тарафи бисёре аз мурочеи ин додгоҳиву беруни додгоҳӣ ва ҳатто ба муҷиби эъломияҳои созмонҳову конфронсҳои байналмилалӣ ба расмият шинохта шудааст. Салби моликият барои рафъи ниёзҳои умумиву бо ҳадафи муайян сурат мегирад ва манзур аз он истифода аз мол дар заминае аст, ки ба муҷиби қонун тасреҳ гардидааст. Бинобар ин, илова бар вижагии таъмини масолеҳи умум бояд раванди салби моликият мутобиқи қонун сурат гирад. Бо вуҷуди ин салби моликият дар маънои аам ба ҳар гуна тааррӯз ба ҳаққи моликият хоҳ қонунӣ ё ғайриқонунӣ низ итлоқ мешавад.

Дар доктринаи ҳуқуқӣ салби моликият ва миллӣ карданро аз ҳуқуқи машруи миллатҳо ва аз масодиқи боризи ҳаққи ҳокимияти давлатҳо бар манобеи табиӣ ва сарватҳои миллӣ медонанд. Бо вуҷуди ин, ҳанӯз ихтилофоте вуҷуд дорад, зеро бархе соҳибназарон салби моликиятро истисное медонанд, ки наметавон муҳаққиқ шавад, магар бо пардохти хисороти комилан ҷубронкунанда ба сатмоягузори хориҷӣ бошад. Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид борҳо саҳнаи мубоҳисоту муҷодилоти тарафдорони ин ду назар буда, қатъномаҳое низ барои фасли ин ихтилоф миёни кишварҳои шимолу ҷануб содир шудааст. Дар ҳар ҳол «салби моликият» ба унвони ҳаққе, ки аз лавозими кишвардориву сохтори сиёсии давлат бармехезад, «натиҷаи коркарди ташкилот дар зиндагии сиёсӣ» ва иҷтинобнопазир аст. Бо вуҷуди ин замоне қобилияти мувоҷеҳи мунтақӣ бо эҳтироми моликиятро хоҳад дошт, ки тайи раванди қонунӣ ва ё ҷуброни хисорот ношӣ аз он сурат гирад.

Миллӣ кардан дар ҳуқуқи дохилӣ иборат аст аз қувваи умумӣ, ки ба муҷиби он ва бо таъмини ғаромати одилона моликияти маҷмӯае аз васоили тавлид ё як ё чанд муассиса мутааллиқ ба ашхос ба ширкатҳои давлатӣ ё ба созмонҳои гурӯҳии (умумии) миллат интиқол меёбад. Албатта, миллӣ кардан метавонад шомили ҳар моле шавад, бо ин ҳол мавзуоти пеш гуфта, бештар мавзуи миллӣ кардан қарор мегиранд.

Миллӣ кардан дорои ҳадафи куллӣ ва доманаи густурдае асту манзур аз он таъбир дар чигунагии истифода аз мол нест, балкӣ ҳадаф аз он эҷоди тағйир дар моҳияти моликияти ин қабил амвол аст. Ба баёни равшантар миллисозӣ барои салби имкони моликияти ашхоси ҳуқуқиву хусусӣ ва эҷоди моликияти инҳисории миллат дар мавриди амволи мавриди назар сурат мегирад. Бинобар ин, миллӣ кардан «фароянди қонунӣ аст, ки бино ба масолеҳи калони умуми ҷомеа муҷиби салби моликият дар густураи муайяне ва эҷоди моликияти инҳисории миллат дар баробари пардохти ғармоат мешавад» .

Таҳаввулоти ҳуқуқи байналмилалии ҷадид ҳаққи миллӣ карданро комилан як амали машрӯъ медонад, дар ҳоле ки тарафдорони ҳуқуқи байналмилалии урфӣ ва классик онро ғайримашрӯъ медонанду мегӯянд ҳатто дар сурате ки амали миллӣ кардан мубтанӣ бар маҷуз, нафъи умумӣ ва маслиҳати омма ҳам бошад. Пардохт амри мусалламу тахлифнопазир аст ва пардохтани чунин ғаромате ҳам бояд фаврӣ, яъне дар асраи вақт анҷом шавад ҳам бояд кофӣ ё комил бошад ва ҳам муассир, ин дар ҳоле аст, ки аксарияти кишварҳои ҷаҳон ин гуна намеандешанд ва гоҳе ҳам иддае мункири асли пардохти ғаромат ҳастанд.

Масъалаи миллӣ кардан яке аз масоили мавриди ихтилофи ҳуқуқи байналмилалӣ мебошад, ки баҳсҳои адидаеро муҷиб шудааст. Дар баррасии ду назарияи иттихози роҳи миёна, яъне қоил шудан ба ҳаққи давлатҳо дар миллисозӣ ба равиши қонунманду бо пардохти хисороти одилона ва на ғаромати тасодуфӣ қобили пазириш ба назар мерасад. Ҳатто бар асоси назарияи классикони миллӣ кардани амвол ба ду сурат-қонунӣ ва ғайриқонунӣ қобили тасвир аст, ки аз ҳайси ҷуброни хисорот, миёни ин ду даста тафовутҳое вуҷуд дорад. Дар ироаи меъёри таъйинкунандаи ин ду даста гоҳе фарз ба қонуни будани миллӣ шудан аст, магар хилофи он исбот шавад. Аз ин рӯ дар равияи девони довари Эрон ва Амрико дар лоиҳа чунин назар дида шудааст: «Наметавон миллӣ кардани дороиҳои итбои Иёлоти Муттаҳида дар Эронро бар асоси урфи ҳуқуқи тиҷорати байналмилалӣ ё муоҳидаи муддат ба худи худ ғайриқонунӣ донист, ҳамчунон, ки адлаи кофӣ назди девон иқома нашуда, ки нишон диҳад, миллӣ кардан барои манофеи умумӣ набуда ё ба сурати табъизи омиз сурат гирифтааст». Дар ин равия фарз бар қонунӣ будани миллисозӣ аст, магар хилофи он собит шавад. Дар миллӣ кардан аз ҳайси таъйини

қонуни қобили аъмол, қонуни ҳокими Ф тобеи моҳияти моли миллишуда аст. Яъне агар моли миллишудаи Ф ғайриманқул бошад, қонуни маҳалли вуқӯи мол ва агар дайн бувад, қонуни маҳалли пардохт ҳоким хоҳад буд.

Мусодираи амвол. Мусодираи амвол фароянде аст, ки ба муҷиби он аз шахс ё ашхоси муайяне ба далели иртикоби ҷароиме (монанди ҳамкорӣ бо бегонагон, иқдомоти ғайриқонунӣ, сӯйистифода ва касби номашрӯъ) ба унвони муҷозот салби моликият шавад. Дар мусодира қобили пардохт нест. Аз ин рӯ, агар амволе бидуни пешбинии пардохти ғаромат миллӣ шуда бошад, додгоҳҳои хориҷӣ онро сурате аз мусодира, ғайриқонунӣ талаққӣ менамояд. Қоидаи амали тафкики боло дар ин аст, ки ҳар як аз ин мафҳумҳо аз ҳайси ҳукме тобеи қоидаҳо ва усули ҳуқуқии вижаи худ ҳастанд. Бавижа дар таъйини ғаромат дар ҳар як қисматҳо ба гунаи мутафовит амалӣ мешавад. Дар доктринаи ҳуқуқӣ салби моликият ва миллӣ карданро аз ҳуқуқи машрӯи миллатҳо ва аз масодиқи боризи ҳаққи ҳокимияти давлатҳо бар манобеи табииву сарватҳои миллӣ медонанд, бо вуҷуди ин ҳанӯз ихтилофҳое вуҷуд дорад. Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид борҳо саҳнаи мубоҳисоту муҷодилот миёни кишварҳои шимолу ҷануб содир шудааст. Дар мусодираи амвол ба далели вуҷуди кайфарӣ лозиман ғаромат ва ҷуброни хисорот матраҳ нест. Бо вуҷуди ин бархе мусодира аз рӯйи саҳлангорӣ дар маънои салби моликият ва миллӣ кардан низ ба кор бурдаву зимни тафкик миёни қисмати қонунии мусодира аз фарзи ғайриқонунӣ, дар мусодираи қонунӣ молики моли мусодирашударо мустаҳиқи беманфиат намедонанд, вале дар мусодираи ғайриқонунӣ афзунӣ бар афзоиши моли мазкур бо манфиати он низ қобили матолиб аст. Дар ҳар ду ҳолат арзиши мол бидуни лиҳози судоти мол таъйин мешавад.

Забти амвол. Забти мол аз истилоҳоте аст, ки бо таваҷҷуҳ ба тафовут бо мафҳумҳои боло дар маъқулаи салби моликият ва миллисозӣ баррасӣ мешавад, ки ба муҷиби он марҷаи расмӣ дар шароити фавқулодда ё бар пояи ихтиёроти қонунии худ ба фард ё шахси ҳуқуқӣ таклиф мекунад, ки иҷозаи истифода аз молеро ба шахс ё ашхоси муайян бидиҳад ё моли манқулеро ба вай мунтақил кунад. Мақоми дастурдиҳанда мукаллаф аст, пас аз он ба ҷуброни он бипардозад.

Қонуни ташвиқу ҳимояти сармоягузории хориҷӣ. Бо тавзеҳоте, ки дода шуд, дар ҳуқуқи дохилии Эрон низ яке аз тазминҳое, ки қонуни сармоягузорӣ барои сармоягузорони хориҷӣ ба сароҳат дар назар гирифтааст, тазмин дар қиболи миллӣ шудан ва салби моликияти қонунӣ аст. Бо ин тавзеҳ, ки тибқи муқаррароти байналмилалӣ гирифтани амволи хориҷиён бояд ба таври қонунӣ сурат гирад. Лизо замоне чунин салби моликияти қонунӣ талаққӣ мешавад, ки аввал дар ҷиҳати манофеи умумӣ бошад ва дувум, ба сурати ғайритабъизомез анҷом шавад. Албатта, агарчӣ ин вазифа ба муҷиби муқаррароти байналмилалӣ боқӣ аст, ки хисорот ношӣ аз чунин амале ҷуброн гардад. Аммо ҳамеша чунин нест, ки куллияи иқдомоти давлатҳо дар мавориде, ки марбут ба аъмоли ҳокимият мебошад, мунҷар ба пардохти хисорот мешавад, зеро дар ҳуқуқи Эрон низ маҷмӯи қавонинину муқаррароте нишон медиҳанд, ки монанди соири системаҳои ҳуқуқии ҷаҳону таҳти таъсир ва бо илҳом аз ҳуқуқи Фаронса давлат метавонад дар иқдомҳое, ки марбут ба аъмоли ҳокимият мебошанду барои таъмини манофеи омма зарурат доранд, ба таври якҷониба дар қарордодҳои мунъақидшуда бо ашхоси хусусӣ дахлу тасриф намояд ва ҳатто дар мавориде давлат маҷбур ба пардохти хисорот нахоҳад буд. Ба таври куллӣ салби моликият дар мафҳуми оммаи калима иборат аст аз ҳар гуна иқдоми давлат, ки монеи аъмоли ҳаққи моликият нест ба амвол ва дороиҳои манқул ё ғайриманқул мегардад, хоҳ ин иқдом бар асоси қонун бошад ё ношӣ аз тасмимҳои идорӣ ва қазоӣ. Миллӣ кардан низ то ҳудуди зиёде мафҳуми мушобеҳ дорад, бо ин тафовут, ки миллӣ кардан дар ҷиҳати барномарезиҳои сиёсӣ миллӣ мебошад.

Қонуни сармоягузории хориҷӣ дар моддаи 9 доири ин мавзӯъ ин гуна баён менамояд: «Сармоягузории хориҷӣ мавриди салби моликият ва миллӣ шудан қарор нахоҳад гирифт, магар барои манофеи умумӣ, ба муҷиби фароянди қонунӣ, ба равиши ғайритабъизомез ва дар муқобили пардохти муносиби ғаромат ба маъхази арзиши воқеии он сармоягузории билофосилаи қабл аз салби моликият.

Ҳамон гуна ки мулоҳиза мешавад, қонунгузор ба муҷиби моддаи фавқ муқаррар менамояд, ки сармоягузории хориҷиро мавриди салби моликият ва миллӣ шудан қарор нахоҳад дод, магар он ки ин иқдом ба сурати қонунӣ ва бинобар усули пазируфташудаи байналмилалӣ анҷом шавад. Ба муҷиби ин модда салби моликият ва миллӣ шудан танҳо замоне сурат хоҳад гирифт, ки: 1.Барои манофеи умумӣ бошад. 2.Ба равиши ғайритабъизомез бошад.

1. Дар муқобили пардохти муносиби ғаромат ба маъхази арзиши воқеии он сармоягузории билофосилаи қабл аз салби моликият бошад, ки ба назар мерасад маъхази муносибе барои таъйини арзиши мол мебошад.

Нуқтаи аввал, маъмулан салби моликияти номашрӯъ ва ғайриқонунӣ камтар рух медиҳад ва мурочеи расидагикунанда ба нудрат амали давлатеро дар салби моликияти номашрӯъ талаққи мекунанд, магар он ки давлате дар забти амволи сармоягузории хориҷӣ ангезаи ғайрииқтисодӣ ва номарбутро сароҳатан унвон мекунад.

Нуқтаи дуюм, маъмулан салби моликияти номашрӯъ бошаду матолиби набудани манфиат мувоҷеҳ гардад, ин ғаромати маҳдуд ба нафъе хоҳад буд, ки фавти он то ҳангоми содир шудани раъй таҳқиқ ёфта бошад ва мавридҳои эҳтимоливу фарзи қобили пардохт нест. Аз ин рӯ девони доварии парвандаи Омуку чунин ақида доранд: «ҳатто дар мавриди мусодираи номашрӯъ исороте, ки воқеан воридшуда зобитаи ғаромат аст».

<u>Мувофиқатномаҳои дуҷонибаи ташвиқи сармоягузории хориҷӣ.</u> Дар ростои ҳимоят аз сармоягузории хориҷӣ ва ба манзури итминон додан ба вай роҷеъ ба мусодираи амвол ё салби моликият ё вуруди хисорот дар мувофиқатномаҳои дуҷонибаи сармоягузории хориҷӣ муқарароти қобили таваҷҷуҳе пешбинӣ намудаанд. Ин нукта ҳаммонанди дигар мундариҷоти муоҳидаҳои дуҷониба ҳолати фарогиру ҷаҳонӣ ба худ гирифтааст.

Моддаи 5-и қонуни мазкур миёни Эрону Фаронса дар хусуси мусодира ва ҷуброни хисорот муқаррар медорад: «Сармоягузориҳои ҳар як аз тарафҳои аҳдбаста тавассути тарафи аҳдбастаи дигар миллӣ, мусодираву салби моликият нахоҳад шуд ва ё таҳти тадбирҳои мушобеҳ қарор нахоҳад гирифт, магар он ки иқдомоти мазбур барои аҳдофи умумӣ ба муҷиби фароянди қонунӣ ба равиши ғайритабъизомез дар муқобили ҷуброн хисороти муассиру муносиб анҷом пазирад. Мизони ҷуброни хисорот бояд муодили арзиши сармоягузорӣ ба билофосила қабл аз миллӣ шудан, мусодира ё салби моликият мебошад. Хисорот бояд бидуни таъхир пардохта шавад, дар сурати таъхир ин хисорот шомили ин ҳазинаҳои марбута низ хоҳад буд. Хисорот бояд амалан қобили пардохт буда, озодона қобили интиқол бошад».

## АДАБИЁТ


1. Котузён Носир. Куллиёти ҳуқуқи назарияи умумӣ. -Теҳрон: Донишгоҳи Теҳрон, 1379 (2001);
2. Ҷаъфари Лангрудӣ, Муҳаммад Ҷаъфар. Ҳуқуқи амвол. -Теҳрон: Ганҷи дониш, 1368 (1990);
3. Салҷуқӣ Маҳмуд. Ҳуқуқи байналмилалии хусусии таорузи қавонин. -Теҳрон: Додгустар, 1377 (1999).
4. Жан Жак Руссо. Қарордоди иҷтимоӣ. -Теҳрон: Огаҳ, 1379 (2001).
5. Алии Дӯстӣ, Шаҳракӣ Носир. Ҳуқуқи сармоягузории хориҷӣ қавоиди ҳоким бар ҳаллу фасли ихтилофот. -Теҳрон: Хурсандӣ, 1389 (2010-2011)


## ИНОСТРАННЫЕ ИНВЕСТИЦИИ И ПРИЧИНЫ РАСТОРЖЕНИЯ ИНВЕСТИЦИОННЫХ ДОГОВОРОВ: ПРИВАТИЗАЦИЯ, КОНФИСКАЦИЯ И ЛИШЕНИЕ ЗАКОННОГО ИМУЩЕСТВА В ИСЛАМСКОЙ РЕСПУБЛИКЕ ИРАН


Прогрессивное развитие инвестиционной деятельности является необходимым условием стабильного функционирования и развития экономики большинства стран. Масштабы, структура и эффективность использования инвестиций во многом определяют результаты хозяйствования на различных уровнях экономической системы, состояние, перспективы развития и конкурентоспособность национального хозяйства. На современном этапе развития иранское законодательство имеет достаточный потенциал для регулирования различных областей, в частности, промышленной и предпринимательской, в сфере инвестиционной деятельности. В данной статье рассматриваются вопросы правового регулирования иностранных инвестиций и инвестиционной деятельности В исламской Республике Иран.



**Ключевые слова:** иностранные инвестиции, правовая защита, привлечение иностранного капитала, приватизация, лишение права собственности, конфискация имущества.


## FOREIGN INVESTMENT AND THE REASONS FOR TERMINATION OF INVESTMENT CONTRACTS: PRIVATIZATION, CONFISCATION AND DEPRIVATION OF LAWFUL PROPERTY IN THE ISLAMIC REPUBLIC OF IRAN


Progressive development of investment activity is a necessary condition of stable functioning and development of the economy of most countries. The scopeб structure and efficiency of use of investments largely determine the results of management at different levels of the economic systemе statenн prospects of development and competitiveness of the national economy. At the present stage of development of the Iranian legislation has sufficient capacity for the management of different areasт in particularс industrial and business in the sphere of investment activity. This article discusses the issues of legal regulation of foreign investments and investment activity In the Islamic Republic of Iran.

**Key words:** foreign investment, legal protection, attraction of foreign capital, privatization, expropriation, confiscation of property.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Мухаммадтаги Ирани*** – аспирант Института философии, политологии и права АН РТ.

## Ҷ О М Е А Ш И Н О С Ӣ

# ҲАЁТ , ФАЪОЛИЯТ, ОСОРИ ИЛМӢ ВА ФАЛСАФИИ АЛЛОМА САЛОҲУДДИНИ САЛҶУҚӢ

***Обида Салчуқӣ***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Афғонистони асри XX ба олам нобиғаҳоеро тухфа намуд, ки дар олами фарҳангу тамаддуни ҷаҳонӣ нақши муассире гузоштаанд. Дар ин росто аз ин нобиғаҳо яке Саид Ҷамоллидини Афғон бошад пас дигаре Саллоҳуддини Салчуқист, ки ба мардуми тоҷик дуруст мурrифӣ нашудааст. Ин шахсияти нодир дар олами илми фалсафа, ахлоқ, маориф ва фарҳанг асарҳои зиёде офарида бо ақоиди маорифпарварона ва равшангароёнааш ганҷинаҳои нави фикрӣ ва суханвариро ба оламиён пешниҳод намудааст.

Аллома Салоҳуддини Салчуқӣ дар соли 1896 дар оғӯши модари фарзона ба номи Оиша Хотун , ки хонуми сӯфимашраб буд ва падари донишманду фарҳехта ба номи Сироҷуддини Салчуқӣ, ки ба улуми исломӣ, забону адабиёти дарӣ ва араб дастрасии комил дошт, ба дунё омад. Хонаводаи Салҷуқӣ ҳамагон маорифпарвару донишдӯст буданд. Аллома Салчуқӣ улуми аввалияро назди падару модар омӯхт. Салчуқӣ бо истеъдоди хеле зиёде, ки дошт улуми ҷадиди ҳамонвақтаро омӯхта аз илми фалсафа низ воқиф гардид. Тавре ки худ мегӯяд: “Ман дар Ҳирот аз як хонаводае , ки то ёд медиҳанду уламои баландмартабае буданд, ба вуҷуд омадаам. Ман то муддате ба равиши аҷдоди худ ба омӯзиш пардохтам, ки баъд аз он шавқи беҳадду мутолеаи фаровон, ғавр дар адабиёт, ахлоқ, илоҳиёт ва тасаввуф маро қадре бештар ҷониби фалсафа савқ дод. Вале фалсафа назди ман ҳеҷ гоҳ ҳадаф набуда, балки васила будааст дар роҳи адаб, ахлоқ ва тасавуф “( 1.-С.3).

Аллома Салчуқӣ мисли волидайнаш аз аҷдодони дури Султон Санҷар, Маликшоҳ ва Алп Арслони Салчуқӣ буд. Авлодони ин сулола баъд аз ба поён расидани давраи подшоҳиашон, фарзандонашон ба ҳар тараф пароканда шуданд.

Аллома Салчуқӣ баъд аз фарогирии улуми маъмулӣ дар синни дувоздаҳсолагӣ ба назди Мавлавӣ Ғуломи Мустафии Салчуқӣ, ки аз донишмандони мадрасаи “Низомия” буд, ба шогирдӣ қабул шуд. Баъд ба ҷое расид, ки Мавлавии мазкур натавонист дар баробари пурсишҳои ӯ ҷавоби қонеъкунанда бидиҳад. Аз ин рӯ, бародари мулло Мустафӣ - Аллома Муҳаммад Умари Салчуқӣ, ки яке аз уламои саршиноси Ҳирот, ки ба унвони Шайх ал-Салом Валмуслимин машҳур буд ва беш аз 60 ҷилд китобро ба риштаи таҳрир даровардa буд, ӯро ба шогирдӣ назди худ пазируфт. Шайх ба зудӣ нишонаҳои нобиғиро дар ин ҷавон мушоҳида кард ва донист, ки ӯ метавонад аз уҳдаи аз худ кардани илми олӣ ва ҳатто тадриси шогирдон ба хубӣ барояд. Аз ин рӯ, дар қатори омӯзиш ӯро мувваваф фармуд, то шогирдони дигарро тадрис намояд. Дарси Мулло Муҳаммад Умари Салчуқӣ дар донишу фарогирии фалсафаи Аллома Салчуқӣ таъсири бисёр зиёде кардааст ва Аллома Салчуқӣ аз фазлу дониши ин шахсияти донишманд файзҳо гирифтааст. Чунончи ӯ мегӯяд: “Бузургтарин устоди ман Мулломуҳаммад Умари Салчуқӣ буд, ки ӯ устоди вилоёти Ҳирот хонда мешуд ва ман, ки кӯчактарин шогирд ва ҳатто кӯчактарин писари амуи эшон будам дидаам, ки баъд аз Мавлоно Ҷомӣ ба монанди ӯ дигар донищманду олими дорои асарҳои мондагоре дар Ҳирот арзи вуҷуд накардааст.

Ҳазрати Ҷомӣ  (52) асар дошт, вале Аллома Мулло Муҳаммад Умари Салчуқӣ (62) асар аз худ ба ёдгор гузоштааст ва ман аз ин устоди донишманд бисёр файз дидаам ва ҳадди аксари истифодаро  кардаам"(2.С.2).

Аллома Салчуқӣ, ки ҳанӯз ба бистсолагӣ нарасида буд, ҳамроҳи падараш ба Кобул рафт ва бо уламову донишмандони он ҷо мулоқот намуд, ки  натоиҷи ин мулоқот сабаб шуд, то ҳалқаҳои илмиву фарҳангии Кобул ба лаёқату нубуғи ӯ пай бибаранд ва ӯро "Нобиғаи кӯчак " ном ниҳанд. Дар ин вақт аъзои Шӯрои уламоии қазоии кишвар бояд барои расидан ба маснади қозигӣ имтиҳонеро мегузаронданд. Аллома Салчуқӣ аз мақомот пурсид, то ба ӯ иҷоза диҳанд, ки дар ин имтиҳон ширкат кунад. Ӯ дар ин имтиҳон  ширкат карда, баҳои баландро дар байни теъдоди зиёди ширкаткунандагони ин имтиҳон гирифт ва  ба ҳайси ҷавонтарин муфтӣ дар чавкии ҳакамӣ  таъйин гардид ва  дар системаи ҳуқуқи шариатӣ  навовариҳоеро ба вуҷуд овард , ки сабаби тааҷҷуби ҳакамони мамлакат шуд. Алллома Салчуқӣ ба фарогирии илму дониш шавқи ниҳоят зиёд дошт ва дар фаъолияти амалӣ ислоҳотпараст буд. Аллома Салчучқӣ дар ҷустуҷӯи ҳақиқат буд. Ӯ аз мазмуни фикрии баланд  низ бархурдор буд. Ин буд, ки ӯ шабу рӯзи худро ба мутолеаи осори донишмандону мутафаккирин мегузаранд ва то нимаҳои шаб ба мутолиа мепардохт. Ӯ забони англисиро назди худ омӯхт  ва ба дараҷае  ин забонро омӯхт, ки Энсиклопедияи Ингилистон ӯро ба ҳайси узви ифтихории  хеш пазируфт. Яке аз хусусиёти бисёр умдаи ӯ ин буд, ки ҳар сафҳае , ки мехонду меомӯхт, онро мавриди таҳлилу таҷзия қарор медод  ва ба зуди матолибе перомуни он менавишт ва онро ба дигарон пешниҳод мекард. Тавре ки менависад : "Як гарде, ки бар маълумоти ман афзун мегашт, бар он таносуб навиштаеро ба вуҷуд меовардам "(3.С.1).

Устод ҳамчун омӯзгор дар литсеи олии Ҳабибия, мудири маорифи шаҳри Ҳирот, сардабирии    рӯзномаи "Иттифоқи исломӣ"-и Ҳирот ва баъд рӯзномаи "Фарёд"-ро бар дӯш дошт. Ӯ баъдан ба ҳайси корманди масъули Маркази табъу нашри Вазорати маорифи Афғонистон, устод дар дорулмуалимини Кобул ва мудири иттилооти вазорати хориҷаи Афғонистон кор кардааст. Дар замони суқути салтанати Шоҳ Амонуллоҳхон  ӯ ба зиндон андохта шуд ва дучори шиканҷаи зиёде гардид. Баъд аз  раҳоӣ аз зиндон дубора ба вазифа таъйин шуд ва ба ҳайси қонсули генералии Афғонистон дар Ҳиндустон ифои вазифа кард. Дар ин давра байни Аллома Салҷуқӣ ва Аллома Иқбол иртибототи наздик барқарор щуд. Аллома Иқбол дар хотироти худ менависад, ки вай тавасути Аллома Салҷуқӣ ба забону адабиёти дарӣ ошно шудааст ва худи Салҷуқӣ мегӯяд: "Дар давраи ҳаштсолаи маъмурияти ман дар Ҳинд, робитаи хеле наздик байни ману доктор Аллома Иқбол мавҷуд буд. Ӯ ҳар сол меомаду ҳафтаҳоро бо ман мегузаронд"(4.С.313). Аллома Салчуқӣ баъд аз адои вазифа низ бо Аллома Иқбол иртиботи доимӣ дошт ва як силсила номаҳое дар робита ба вазъи хароби мусулмонон дар Шарқ ва ҷустӯи ёфтани  роҳҳои  берун шудан аз ин вазъ матраҳ мегардонад.

Аллома Салчуқӣ дар соли 1939 ба ҳайси нахустин раиси  матбуоти Афғонистон таъйин шуд. Дар ин давра буд, ки хидмати фарҳангии шоёне барои ватани худ анҷом дод. Ӯ раёсати театрро эҷод кард. Радиои Афғонистонро, ки ба номи " Радиои Кобул " ёд мешуд, асос гузошт. Бо танзими барномаҳои таълимиву тарбиятӣ ва эҷоди идораи мусиқӣ тавонист мавзӯи  ваҳдати миллиро дар сар то сари  Афғонистон ба миён биёварад. Бино ба гуфтаи Саид Қосими Раштиё: "Таъсиси раёсати мустақили матбуот, дар ҳақиқат, оғози давраи таҳаввули матбуот буд, ки таъсироти он дар бедор сохтани мардуми Афғонистон дар солҳои минбаъда возеҳ гардид  ва заминаро барои як инкишофи бикре дар муҳит омода сохт. Махсусан рӯйи кор омадани радио, ки дар ин ҳаракати фикрӣ Аллома Салҷуқӣ  нақши муҳимро бозӣ кардааст ва дар он вақт ҳеҷ кас бо ин андоза муҳиммияти онро дарк карда натавонист дар ҳаёти фарҳангӣ ва сиёсии Афғонистон нақши инқилобӣ бозид.      Бо оғози барномаҳои

радиёи, мардуми Афғонистон имкон ёфтанд аз ахбору ҷараёноти мамлакатҳои дунё огоҳӣ ҳосил намоянд ва байни ақвоми мухталифи кишвар, ки солҳо аз ҳам дуру тақрибан бегона монда буданд, шиносоии мутақобил ба вуҷуд ояд, ҳамчунон барои озодии баён дар кишвар ва таҳкими ваҳдати миллӣ дар Афғонистон саҳм гузорад. Ба зудӣ раёсати матбуоти марказии адаб ва фарҳанги миллӣ ба ҷунбишҳои фикрии навин асос гузошт. Нависандагон, шуаро, муҳаққиқин ва ҳунармандони ҷадид дар кишвар соҳиби шуҳрат ва эътибор гардиданд, ки метавон гуфт ҳама парваришёфтаи ҳамин дастгоҳи илмию фарҳангӣ- Дабистони Салҷуқӣ буданд. Инҳо- Абдуррауф Бенаво , Сидиқуллоҳ Раштин , Устод Баришно , Абдурраҳмон Пажвок , Муҳаммад Османи Сидқӣ , Аҳмад Алӣ Кӯҳзод , Қадир Туркӣ , Гулпочо Улфат ва худам ва касоне, ки ҳам ки ин дабистони муҷиби шуҳрат ва иртиқои завқашон гардид иборатанд аз Сарвари Гӯё , Аллома Абдуллоҳи Ҳабибӣ ва Рашиди Латифӣ, ки ҳамагӣ аз Дабистони Салчуқӣ буданд “(5. С.31-33).

Аллома Салҷуқӣ замоне ки ба ҳайси сафири кабири давлатии шоҳии Афғонистнон дар Миср муқаррар шуд, равобити хубе байни давлати Афғонистон ва давлати Миср барқарор карда шуд, ки дар натиҷа равобити сиёсии Афғонистонро бо кишварҳои исломӣ амиқтар гардонид. Аллома Салчуқӣ ба хотири нақши сиёсие, ки ифо мекард, ба ҳайси Шайхулсуфаро дар Миср баргузида шуд, ки ин як эҳтироми бисёр барозандае буд. Аллома Салчуқӣ бо уламо ва донишмандони мисрӣ табодули назар намуда, дар таҳияи луғати фарҳангии арабии мисрӣ бевосита ширкат варзида, дар он мутафаккирони форсинажодро ворид намудааст.

Эҷодиёти Аллома бештар ба масъалаи инсон ва инсоншиносӣ ва фалсафаи ҳикмати инсонӣ бахшида шудаанд. Вай мегӯяд, ки “Мо дар давраи сеҳазорсола, ки давраи фикрии мо гуфта мешавад, агар ба моҳияти ашёи табиӣ ва ғайртабиӣ таваҷҷуҳ намоем, пас ҳамаи ин барои ин буда , ки моҳияти худро бишносем. Зеро инсон дар баландтарин қалъаи хилқат ҷой дорад ва ҳарчи дар дунёи табиат ва ҳаёт мавҷуд аст, дар ӯ нуҳуфта аст ва ин аст, ки шинохти моҳияти инсон вобаста ба маърифати коинот аст. Инсон ягона гавҳарест дар садафи ин дарёи бекарони ҳастӣ. Ин бадбахтиҳое, ки дар муҷтамеи инсонӣ фуруд омада ва рӯз ба рӯз шадидтар мешаванд аз ин аст, ки моҳияти ҳақиқии инсонро нашнохтаанд ва аз ношиносии инсон аст, ки мо қувваи амният ва адлияро бар худ таҳмил намудаем”(4.С.66-71).

Ва дар ҷойи дигар мегӯяд: “Шинохти инсон осон нест. Чун ҳар фард ба зоти худ моҳияти ҷудогона дорад ва аз ҷониби ҳамон гуна, ки ҳайвонот барои он, ки шинохта нашаванд ранги худро тағйир медиҳанд, ки ранг ҳифозӣ ёд мешавад, инсон ҳам ниқобе дорад, ки метавонад халқу зоти (хуйу дигар хусусиёт) ӯро бипушонад. Ниқобҳои инсонӣ бадтар аст аз рангҳои ҳафози ҳайвонот...”(4.С.77). Аллома бар ин назар аст, ки бо вуҷуди ин ҳама мушкилот инсон қабл аз ҳар чиз худро бояд бишносад .

Аллома Салчуқӣ дар муқаддимаи китоби “ Ҷабира ” – и худ ҷавонони ватанро мавриди хитоб қарор дода мегӯяд: “Бархез! Ай, ки дар қишри худӣ ва дар ҷомаи авоид ва русуми иҷтимоӣ печидаӣ! Бархез аз ин гилеме, ки ба қаду болои ҷаҳонороят сазоворӣ надорад, бадар ой! Бархез ва аз бадгӯиву интиқоди фурӯмоягон маҳарос! Бархез ва бубин, ки ҳастии зинда ва ростинтарро аз се гавҳар офаридаанд - фикр, амал ва ҳис. Бояд, ки фикри ту мутаваҷҷеҳи ҳақ бошад ва амали ту ҷониби хайр гарояд ва ҳисси ту ба сӯйи зебоӣ бишитобад. Ту бояд дуруст биёндешӣ ва некӯӣ кунӣ ва ҳар чизро ба чашми зебоӣ бубинӣ. Фақат барои ин, ки ростӣ рост ва некӯӣ некӯ ва зебоӣ зебост! Бархез, ки ин бархостани ту барои ин аст, ки беш аз ҳар нақше ва ҳар сатре худро бихонӣ, то ки худро бидонӣ ва беш аз ҳар сайру саёҳате дар худ сафар кунӣ,то ба худ бирасӣ, ки хондани сафаҳоти хотираи худӣ ва дар сипари кардани олами андарунӣ корест ранҷовар, ки бурдбориву пойдорӣ ба кор дорад! Бархез ва дар дунёи табиат назаре биёндоз! Дар ин фазои бекарон таркибу намуд ва

таҳлили инкороти осмониро, ки дар як растохез ва ҷунбиш аст  ба чашм жарфтар бубин! Шояд ту ҳам ба мисли ман ақида кунӣ, ки ин ҷунбишҳо бидуни манзилӣ ва ин сайрҳо беҳадафӣ нест.”(6.С.2-3.). Аллома Салчуқӣ дар ҷойи дигар ҷавонони кишварро ба ҳифзу амонатдории фарҳанги деринаву боарзишашон ташвиқ карда мегӯяд: “Шумо имрӯз мушоҳида мекунед, ки монанди ҳазрати Мавлонои Балхӣ, АбӯАлӣ Сино, Саноӣ, Имом Фахрии Розӣ, Закариёи Розӣ  ва ҳазорон донишманди ориф  ва файласуф доред  ва бубинед, ки онҳо то чӣ  андоза рафтаанд ва андешаву тафаккур ва ирфонро ба кадом пояи рӯҳӣ ва ақлӣ боло бурдаанд ва Шумо метавонед аз муқоисаи мактаби Юнон бо хонақои Мавлонои Балх қазовати худро изҳор кунед. Инҳо ҳама маҳсули Балхи худи Шумо ва Афғонистони онрӯзаи Хуросон аст. Мебояд ҳамеша дар фикр дошта бошем, ки як силсила афкоре дорем, ки бояд аз байн наравад. Мо бояд илми имрӯзаи дунёро ба қимати тамоми мавҷудияти худ дарёбем ва низ он чиро, ки падарони мо ба ҳамин қимат дарёфтаанд аз даст надиҳем”(7.С.116.).

Дар ин ҳақиқат Салчуқӣ чанд мавзӯъро мефаҳмонад:

Якум, ин ки мо дорои фарҳанги пурарзиши исломӣ ва миллӣ ҳастем ва бояд дар паҳлӯи фарогирии дониши навин он фарҳанги пурбори хешро низ аз ёд набарорем .

Дуюм,ин ки ҳифзи( нигаҳдории) доштаҳои фарҳангию миллии ҳар миллат барои ҳар кас зарурӣ ва фарз аст. Зеро бидуни ҳифзи ҳуввияти миллии хеш инсон наметавонад дар сатҳи байналмилалӣ  худро муаррифӣ  намояд.

Аллома Салчуқӣ илова бар ин, ки ба уламо, мутафаккирин ва андешамандони гузашта арҷи зиёд мениҳад, мутафаккирину андешмандони муосирро низ қадрдониҳо менамуд. Ӯ Саидҷамолиддини Афғонро шахсияти барҷаста ва нобиғаи замон мешуморад ва дар бораи вай ва андешаву назариёташ китобе дорад таҳти унвони “Шарҳи ҳол ва андешаҳои Аллома Саидҷамолиддини Афғонӣ.“ Ӯ дар ин ҷо мегӯяд: “Саидҷамолиддини Афғон дар ҳақиқат сақроти  ҷунбиши ҷадиди ислом ва Шарқ аст. Ӯ ҳамеша ба хитобаҳо, маҳозирот, афкори мардумро равшан сохта ва барангехтааст. Ҳақиқат ин аст, ки Саид Афғонӣ марди илҳомист, қарияи ӯ худодод аст. Ӯ бар илова, дорои имони қавӣ ва ҳиммати баландест,ки ҳеҷ гоҳ ба костӣ намегарояд ва он шуҷоате, ки интиҳо намепазирад”(8.С.63.).

Аллома Салҷуқӣ бо шинохту дарки ҳамаҷонибае , ки дар бораи хусусиёти инсон ва баъд маънавии ӯ ба даст оварда буд , ба ин натиҷа расид , ки  инсон ба ин дунё наёмада, ки ходими ҷимоду набот ва ҳайвон бошад  ва моддаро парастиш кунад. Ӯ бордори табиат аст ва на ходими он. Ӯ халифаи Худо дар рӯйи замину ашрафи махлуқот аст.

Аллома Салҷуқӣ мактаберо дар ҷаҳони тафаккуру андеша асос гузошт ва дар он оинаи қаднамое аз ҳуввият ва моҳияти инсониро қарор дод, то инсон дар он оинаи қаднамо қомати танумандии маънавии худро тамошо кунад ва ба ин муҳаббати худовандӣ бинозад ва камари ҳиммат барбандад ва бар мабнои инсоният гомҳои устувор бардорад ва ба пеш битозад, то муҳити зисти худро комилан инсонӣ ва сазовори инсоният бисозад.

Аллома Салҷуқӣ ба духтари яке аз сардорон Муҳаммад Зойӣ издивоҷ намуд , ки ҳосили он ду фарзанд ба номҳои Сидиқӣ Салчуқӣ ва Ҳомид Салчуқист, ки аввали шахсияти сиёсӣ буд ва дар давраи ҷиҳод равобити дипломатии кишварро ба хубӣ пеш мебарад  ва дувумӣ Ҳомиди Салчуқӣ,  ки таҳсилоташ дар арсаи ҳавонавардӣ буда, ҳавонаварди моҳире буд. Аллома баъд аз вафоти ҳамсари аввали худ бо Ҳумайро Маликёр издивоҷ намуд, ки хонумаи олим, адибу шоир  ва сиёсатмадор буд. Ба бисёре аз забонҳои хориҷӣ монанди англисӣ, арабӣ, фаронсавӣ  ва ғайра дастрасии комил дошт ва ба ҳайси вакили мардумӣ дар Шӯрои Афғонистон аъзо буд.

Аллома Салчуқӣ дар таърихи 5 июни соли 1970 вафот ёфт ва дар шаҳдои Солеҳин дафн гардидааст.

### АДАБИЁТ


1. Салчуқӣ Салоҳиддин. Таҷаллии Худо дар офоқ ва анфус. -Кобул., 1965.
2. Салчуқӣ Обида. Фарзонаи фаромӯшношуданӣ. -Кобул маҷаллаи Пайванд, 2004, №4.
3. Салчуқӣ Салоҳиддин. Афсонаи Фардо:Пешовар,1990.
4. Вебсайти интернетии Расолат.15.7.2012
5. Маҷмӯаи мақолот. Аллома Салчуқӣ Андешманди Фардо. Ҳирот,2007 .
6. Салчуқӣ Салоҳиддин. Нақди Бедил.-Кобул,1964.
7. Ибни Маскува Абӯ Алӣ. Таҳзиб Ахлоқ.тар Салчуқӣ. Кобул.,1955.
8. Салчуқӣ Салоҳиддин.Гӯшае аз пайғоми ту.Пешовар,2005.
9. Арасту. Ахлоқ Никумокусӣ. Тар. Салчуқӣ.- Кобул,1951.
10. Насрӣ Шер Аҳмад. Аллома Салчуқӣ донишманди бузург. -Кобул/ маҷаллаи Жувандун, 1970, № 13.
11. Алтуни Муҳаммад Шавкат. Муҳаммад (с.с) дар ширхорагӣ ва хурдсолӣ. -Кобул., 1963.
12. Вафо Ҳусайн. Аллома Салоҳиддин Салчуқӣ.- Кобул, 1987.
13. Салчукӣ Салоҳиддин. Нигоҳе ба зебоӣ. Кобул., 1963
14. Сачуқӣ Салоҳиддин. Тақвими инсон. -Кобул, 1973 .
15. Риштиё Сайид Қосим. Хотироти сиёсӣ. -Пешовар, 1992 .
16. Салчуқӣ Салоҳиддин. Ҷабира. -Кобул, 1956 .
17. Салчуқӣ Салоҳиддин. Афкори шоир. Кобул, 1947 .
18. Салчуқӣ Салоҳиддин. Удво Ало Миёдин. -Қоҳира, 1962.



**ЖИЗНЬ, ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ, НАУЧНОЕ И ФИЛОСОФСКОЕ НАСЛЕДИЕ МЫСЛИТЕЛЬЯ САЛОХУДДИНА САЛДЖУКИ**

В данной статье анализируется жизнь, деятельность, творчество и философская антропология выдающегося афганского просветителя, философа и политического реформатора Салохиддина Салджуки. Впервые даётся анализ его реформаторско-просветительской деятельности и его философской позиции в понимании сущности и предназначения человека на Земле.

**Ключевые слова:** почтенный Салджуки, жизнь и творчество, наследие, философия, человековедение, национальное сознание.

**LIFE, ACTIVITIES AND PHILOSOPHICAL WORKS OF SALAHUDDIN SALJUQI**

In this article you will read about the life, activities and philosophical and anthropological works of Salahuddin Saljuqi who is one of the most renowned philosophical, political and journalistic think-tanks of Afghanistan.

**Key words:** Salahuddin Saljuqi, life, activities, works, philosophy, anthropology, national identity



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Обида Салчуки*** – аспирантка факультета философии ТНУ


## ҲАДИСИ ФАЪОЛИЯТИ ДУ ПАЁМБАР - ИБРОҲИМ ВА МӮСО ДАР «ТАВРОТ» ВА «ҚУРЪОН»


***Заҳро Ризоӣ***

**Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ**


«Қуръон» баробари китоби муқаддаси динӣ буданаш, як маъхази таърихӣ низ мебошад. Зеро дар он ҳамвора бо масоили динӣ қиссаҳо, достонҳо ва рӯйдодҳое низ тасвир шудаанд, ки воқеаҳои таърихии аҳди қадимро ифода мекунанд. Таҳлили воқеаҳои мазкур нишон медиҳанд, ки онҳо воқеан аз ҳақиқати таърихӣ бархурдоранд ва тасвири онҳо ба ҳеҷ ваҷҳ аз як хаёлпардозии сода барои тақвияти масоили динӣ иборат намебошад. Дар ин китоби муқаддас ба таври хулоса ба қиссаҳои Закариёву Аюбу Юнус, достонҳои «Асҳоби Каҳф», «Асҳоби У[уд», «Асҳоби Айка» ва дигар воқеаҳои таърихӣ бархерд намудан мумкин аст, муҳаққиқон ва пажеҳандагони дин, ба мисли Жул Лоюми франсавӣ дар таҳқиқотиҳои худ оид ба «Қуръон» ба 350 мавзӯи гуногуни таърихию иҷтиимоии қуръонӣ ишора намудаанд. Дар он ба ҷуз қиссаву достонҳо, рӯйдодҳои таърихӣ аз қабили Сели Ирам, Тӯфони Нӯҳ, Маносики ҳаҷ ва ғайра фаъолият ва орои шахсони муқаддас, аз ҷумла пайғамбарон ироа шудаанд [1].

Агар мо ин масъаларо боз ҳам густардатар мавриди баррасӣ қарор диҳем, ба хубӣ равшан хоҳад шуд, ки достонҳои таърихию иҷтимоӣ, қиссаву воқеаҳои гузашта ва дигар ҳаводису рӯйдодҳо дар ҳамаи китобҳои муқаддаси адёни Иброҳимӣ вуҷуд доранд. Зеро зимни муқоисаи матолиби баёншуда маълум мегардад, ки гузориши воқеаву ҳодиса ва қиссаву достонҳои қуръонӣ, ҳамгунӣ ва монандии бисёре бо

воқеаву ҳодисаҳои таърихию иҷтимоии тасвиршуда дар «Таврот»-у «Инҷил» доранд ва онҳо аз рӯзгорони гузаштаи давлату миллатҳои аҳди бостони қабл аз масеҳияту ислом ба мо башорат медиҳанд . Аҷобати кор дар он аст, ки кашфиётҳои ҷадиди бостоншиносӣ ҷой доштани чунин рӯйдодҳо ва ҳодисаҳои таърихиро таъйид ва тасдиқ намудаанд. Масалан, достони Мӯсо огоҳиҳои зиёде дар бораи ҳукумати Фиръавнҳои Миср чун Аҳмаси I (1650-1575 том) ва Тоҳутамси III (1490-1436том) ва авзову аҳволи иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсии он давру замонро дар ихтиёри мо қарор додаст. Ё достони Иброҳим яке аз ҳодисаҳое мебошад, ки дар бораи Ироқи аҳди бостон, Миср, Канъон иттилооти мифидеро ироа намудааст. Достони ин ду паёмбар баробари динӣ буданаш, хусусияти таърихию иҷтимоӣ низ дорад, ки яке дар бораи воқеаҳои таърихии Байнаннаҳрайн ва дигаре роҷеъ ба рӯйдодҳои таърихию иҷтимоии канори редхонаи Нил ба мо хабар медиҳанд [2].

Бостоншиносон зимни ҷустуҷӯ ва ҳафриётҳо бар мабнои кутуби илоҳӣ ( «Таврот»-у «Инҷил»-у «Қуръон») ба чунин натиҷа расидаанд, ки дар ибтидои ҳазораи якуми қабл аз милод тиҷорати баҳрӣ ва киштисозӣ дар аҳди Сулаймон паёмбар вуҷуд доштааст. Масалан, дар «Таврот» роҷеъ ба ин масъала гуфта шуда: Сулаймон ва Асюни Ҷобир дар Ила-и канори дарёи Суф дар сарзамини Адвам киштиҳое сохтаанд, ки тавассути онҳо тилло ва чӯбҳои камёб, сангҳои гаронбаҳо ва ҳар гуна колои камёбро ба Байтулмуқаддас мебурданд [3]. Аз ин рӯ, олими араб Молик ибни Набӣ зимни шарҳи роҳҳои тиҷоратӣ дар минтақаи мазкур таъкид кардааст, ки дар кутуби муқаддаси «Таврот»-у «Инҷил» қиссаву достонҳо ва воқеаҳое ҳастанд, ки бозофарини он дар «Қуръон» дида мешаванд ва достонҳое дар «Қуръон» (Достони Солеҳ, Луқмон, Асҳоби Каҳф, Зулқарнайн ва ғайра) низ мавҷуданд, ки онҳо вижаи худи «Қуръон»-анд [4].

Дар ин ҷо лозим ба ёдоварист, ки «Қуръон» китоби таърихӣ нест ва мисли таърихнигорон дар китобҳои таърихӣ ҳодиса ва рӯйдодҳо баррасӣ нашудаанд. Вожаи «таърих» умуман дар «Қуръон» вуҷуд надорад, вале луғатҳое ба мисли ахбор («ахборукум-ахбори шумо), аҳол («аҳволукум»- аҳволи шумо) дар шаклу колибҳои хабару қисса ва рӯйдодҳо мавриди истифода қарор гирифтаанд, ки ишора ба ҳаводиси таърихию иҷтимоӣ мекунанд. Баррасии дақиқи ин қиссаву рӯйдодҳо ду ҷиҳати масъаларо ба мо иблоғ мекунанд: масъалаи аввал ҳамон ахбор ё гузориши таърихию иҷтимоӣ, ки дар шаклҳои ёдшуда тасвир гардидаанд ва масъалаи дуюм бо мақсади таҷрибагирӣ , ибратбахшӣ ва пандгирии онҳо ироа шудаанд. Зеро таърихи гузаштагон манбаи бузурги таҷрибаи гаронқадри инсонист, ки ҷанбаи аввал-ахбори таърихиро тақвият бахшида, аз лиҳози адабӣ ва таҷрибаи рӯзгор манбаи ибрат будани онҳоро таъкид мекунад. дар «Қуръон» дар ин бобат омада, ки «ҳамоно достонҳои онҳо ибрате барои хирадмандон аст» [5].

Дар забони арабӣ «ибрат» (1) ба маънои санҷишу ба даст овардани вазну андоза ва қимати чизе ва (2) «тафаккуру тадаббур» истифода мешавад. Назари «Қуръон» дар ин маврид аз он иборат аст, ки оқилон ва аҳли хирад бояд қиссаву воқеа ва достонҳои таърихию иҷтимоиро бисанҷанд, арзёбӣ кунанд ва меъёрҳои ибратии онҳоро аз батни таърих берун биоваранд. Зеро ҳодисаву рӯйдоҳои таърихиву иҷтимоӣ дар «Қуръон» барои саргармӣ ва баёни содаи ҳодисаву воқеа оварда нашудаанд ва чунонки дар ояи «Қуръон» қайд шуда: «Ин достонҳоро таъриф кун, то онҳоро тафаккур кунанд» [6]. Ба ҳамин маънЬ Ибни Халдун яке аз достонҳои худро «Ибрат» номида, таърихро чизе 243 ибрат намедонад.

Бо назардошти нукоти боло назаре ба таърихи зиндагонии Иброҳим Халилуллоҳ мепардозем. Таърихи Ҳиҷоз бидуни баррасӣ ва шиносоии таърихи падари паёмбарон Иброҳим (Абулнабиё) ноқис хоҳад буд. Падари арабҳо, бунёдгузори Каъба ва шахсест, ки Маккаро муқаддастарин ҷойгоҳи замин сохтааст. Ҳаёти ӯ тибқи нишондоди «Таврот», дар рӯзгори Мамруд, Бохтуннаср, Сулаймон ва Зулқарнайн дар ҳаволии Бобул гузаштааст. Таърих шаҳри дигареро низ бо номи Мамруд мешиносад, ки воқеъ дар маҷрои Зоби Алӣ ва пойтахти Ошуриён будааст. Дар «Таврот» он Колаҷ номида шудааст ва дар ин китоби муқаддас Иброҳими Халилуллоҳ то синни 99-солагӣ Абраам Ибни Толеҳ хонда шуда, пас аз он Иброҳим номида шудааст. Дар «Қуръон» номи падари ӯ Озар омадааст. Баъзе аз муаррихон ва муфассирон гуфтаи «Таврот» дар бораи номи падари Иброҳимро ҳақ баровардан Ь шуда, ояи 74 сураи «Инъом»-ро таъвил ва «Озар» -ро амаки Иброҳим ба қалам додааст ва рӯйи маҷоз падар хонда шудани ӯро таъкид ва носозгории «Таврот»-у «Қуръон» дар бораи номи падари Иброҳимро аз миён бардоштаанд[7].

Маҳалли иқомати Иброҳими Халилуллоҳро баъзеҳо Ҳерон (Ҳорон) ва ҳаёташро (986-1911) қабл аз милод медонанд ва гурӯҳе аз таърихнигорон кӯшидаанд, ки Иброҳимро ба гунае ба подшоҳи Бобул - Ҳомураппӣ пайванд зананд [8]. Муаррихони дигар ӯро муосири Ҳомураппӣ медонанд, ки аз шаҳри Ур ба Ҳерон бо хонаводааш кӯч баста буд ва сабаби мусофираташ густариши таълимоти дини нави тавҳидӣ будааст [9]. Дар «Қуръон» дар сураи «Марям» гузорише омада, ки мувофиқи он, Иброҳим падари худро ба тавҳид ва яктопарастӣ даъват намуд, вале падараш на фақат даъвати ӯро напазируфтааст, балки хостааст, ки писараш аз тавҳид рӯ гардонад. Чун падар ба даъвати писар ҳамроҳ нашуд, Иброҳим кулбори худро рахт баста, иброз дошт, ки «ман ба сӯйи Худои худам меравам , ӯ маро роҳ хоҳад дод» [10].

Иброҳим Халилуллоҳ бо дилсардӣ аз имон наовардани қавми хеш ба сафар пардохт ва ҳамроҳи ӯ танҳо бародарзодааш Лут буд, ки ба ӯ имон оварда буд. Сафари Иброҳим аз Канъон шурӯъ шуд, баъд ӯ рӯ ба Миср гузошт. Чун зани Иброҳим Соро зеле накӯрӯй буд, ба ӯ Иброҳим гуфта, ки агар пурсанд ту кистӣ, бигӯ, ки хоҳари ман ҳастӣ, вагарна барои ба даст овардани ту маро хоҳанд кушт. Соро ин пешниҳоди шавҳарашро пазируфт ва вақте ба Миср ворид шуданд, мисриён шефтаи Соро шуданд ва онҳоро ба кохи Фиръавн бурданд. Фиръавн ӯро ба занӣ гирифт ва ба хотири ӯ Иброҳимро гиромӣ дошт ва сармояи зиёде ҳадя кард, аммо дере нагузашт, ки балоҳои пай дар пай Фиръавн ва сарои ӯро фаро гирифт. Иброҳимро фаро хонд ва ӯро сарзаниш кард, ки чаро ҳамсари Соро буданатро ба ман нагуфтӣ, то ман ӯро ба занӣ нагирам. Дастур дод, ки Иброҳим ва занашро аз Миср баронанд ва ҳар ҳадяе, ки дода буд, ҳамроҳашон бибаранд.

Дар гузориши «Таврот» омадааст, ки Иброҳим чун ба Канъон омад, 75-сола ва занаш Соро 65-сола буд. Оё зане дар чунин синну сол метавонист мардонро шефта созад ва он ҳам касе чун Фиръавнро , ки дар ҳарамсарояш анбӯҳи занони ҷавон буданд ? Дар боби 12 ва 18-и «Таврот» аз пириву фарсудагии Соро сухане чанд омада, аз ҷумла гуфта шудааст, ки ӯро ба зодани Исҳоқ мужда доданд, ӯ хандиду гуфт, ки магар мумкин аст пиразане чун ман писаре ба дунё биорад [11]. Дар «Қуръон» ҳамин масъала бо каме тағйирот чунин омадааст: «Ҳамсари Иброҳим, ки истода буд, вақте ӯро бо Исҳоқ ва пас аз ӯ ба Яъқуб мужда доданд, хандида гуфт: Эй вой, чӣ гуна ман метавонам бача биоварам, ман, ки худ пиразане ҳастам ва ҳамсарам пирамарде ҳаст, ростӣ, ки ин чиз бисёр шигифтангез аст» [12].

Аз ин гузашта таърихи Фиръавнҳо нишон медиҳад, ки онон занони дигаронро ба зӯр намегирифтанд, зеро кайфари «зино» назди онон аз сахттарин кайфарҳо ба шумор мерафт. Баъзе аз муаррихони мусулмон кӯшидаанд, то зиштии дурӯғи ёдшударо ба тавре шарҳ диҳанд. Масалан, онҳо гуфтаанд, ки Иброҳим аз ҳамсараш хост, ки худро хоҳараш бихонад, мақсадаш хоҳари имонӣ буд, зеро дар он рӯзгор танҳо Иброҳим ва Соро муъмин буданд ва ё навиштаанд, ки ҳарчанд Фиръавн (Санон ибн Албон) Сороро ба занӣ гирифт, вале натавонист аз ӯ ком бардорад [13].

Ба ҳар ҳол, Иброҳим бо ин мақсад зодгоҳи худро бо хонаводааш тарк намуда буд, ки ӯ худопараст ва атрофиёнаш бутпараст буданд ва бо ӯ ба мухолифат пардохтанд. Иброҳим аз зодгоҳи худ кӯч баст , то аз онон дар амон бошад ва битавонад бе мухолифату душманӣ ба ибодати ҳақ бипардозад. Танҳо дар «Қуръон» аз сафари Иброҳим ба Ҳиҷоз сухан гуфта шудааст. Ӯ ҳамсару фарзандаш Исмоилро ба Ҳиҷоз бурд ва ҳамон ҷо тарғиб ба яктопарастӣ падохт ва саранҷом танҳо «Қуръон» аст, ки бар хилофи «Таврот» Иброҳимро падари паёмбарон мешиносад ва Худованд аз насли ӯ паёмбарони неккирдор биёвард, ки парчами тавҳидро барафшонданд [14]. «Қуръон» ӯро Халилуллоҳ ва сармашқи некеии ҳамаи муъминон медонад ва ба Муҳаммад (с) фармон медиҳад, ки аз оини Иброҳим пайравӣ кунад [15].

Аббоси Аққод ангезаҳои сафари Иброҳим ба Ҳиҷозро чунин медонад, ки аввалан ӯ дар Байтулмуқаддас ҳеҷ гуна ватане барои сукунат ва ҳеҷ гуна тарафдоре барои даъват надошт. Сонияи даъвати динӣ ва умури мазҳабӣ дар дасти олимон (коҳинон) буд ва ба ҷуз инҳо ангезаҳои динии дигаре низ барои мусофираташ вуҷуд доштанд. Ӯ тавонист, ки барои парастиши Худо дар Ҷануб ибодатгоҳе бисозад ва ёрони хешро аз пароканда будан ва рӯ овардан ба ибодатгоҳҳо ва қурбонгоҳҳои коҳинону олимони Байтулмуқаддас бираҳонад [16].

Бо зикри ин нукта аз рӯйдодҳои таърихӣ достони Иброҳим амиқтарин решаро дар таваҷҷуҳи мусулмонон дар таърих боқӣ гузошт. Хизмати бузурги ӯ ҳамон ҳиҷрат аз зодгоҳ ва даъват ба тавҳиди илоҳӣ, ба куштан ҳозир намудани фарзанд,

сохтани Каъба, шикастани бӯтҳо ва ғайра буд, ки бо чунин аъмолаш мардумро ташвиқ ба ваҳдатгарой ҳамвора бо фарогирии таърих ва ибратандӯзӣ аз он мекард. Бо ҳамин сабаб Худованд дар «Қуръон» ба паёмбар фармуд: «Яко як аз ахбори паёмбарон ба ту чизҳое гузориш медиҳем то бад -он дили туро устувор гардонем ва дар ин гузоришҳо барои ту ва муъминон панду андарзҳо аст» [17].

Достони ҳазрати Мӯсо низ аз қабили гузоришҳоест, ки ба сарнавишти шуми зӯрмандону ситамгарон ишора мекунад. Онҳо ҳамон «Фиръавнҳо»-е мебошанд, ки фирефтаи дунё шуда, ба фасоду фуҷур роҳ додаанд. Мӯсо ҳамчун паёмбар ба фарохонии мардум ба яктопарастӣ ҳамаи талоши худро ба кор бурд ва бо қалби ором ин дунёро падруд гуфт. Аз ин ҷост, ки дар «Қуръон» бо беҳтарин ситоиш дар ҳаққи ӯ гуфта шудааст: «Мо ин ду (Яъне Мӯсо ва бародараш Ҳорун) -ро ба роҳи росту устувор раҳнамун намудем ва дар миёни ояндагон номашонро накӯ сохтем, саломy сипос ба Мусо ва Ҳорун , мо некекоронро ин гуна ҷазо медиҳем» [18].

Модари Месо Юкобуд духтари Ловb буд ва падараш Умрон ном дошт, ки бо чаҳор насл насабаш ба Иброҳим мерасид. Вақте зода шуд, модараш ӯро се моҳ махфӣ нигоҳ дошт. Дар «Қуръон» ин нукта чунин омадааст: «Ба модараш ваҳй кардем, ки фарзандатро ба об бисупор ва ғамгин мабош, ӯро ба ту бармегардонем ва аз ҷумлаи паёмбарон хоҳад шуд. Аз қазо ҷаъбае, ки Месо дар он ниҳода шуда буд, об ба канори кохи Фиръавн бурд ва вақте ӯро аз об берун оварданд, чунон бар дили ҳамсари Фиръавн дӯстӣ ва тараҳҳум нисбат ба кӯдак пайдо шуд, ки ба шавҳари худ гуфт: ин кӯдак нури чашми ману ту буда , ӯро накушед, бошад, ки ба мо суде расонад ё ӯро ба фарзандӣ бигирем» [19]. Ҳамин гуна дар хонаи Фиръавн бо осоишу осудагӣ Месо бузург шуд ҳамаи улуми замонаро омӯхт. Дар «Инҷил» омадааст, ки ӯ ба ҳамаи ҳикматҳо ва андарзҳои мисриён ошно шуд, вале «Қуръон» достони Мӯсоро пас аз зода шудану рафтан ба кохи Фиръавн раҳо карда, дар бораи солҳои ҷавонию бурӯмандияш чизе нагуфтааст [20]. Аз ин рӯ , мо намедонем, ки ӯ дар кохи Фиръавн ва берун аз он чӣ ҷойгоҳе ва чӣ имоне дар миёни Фиъавниёну кохинон доштааст.

Ба ҳар ҳол, Мӯсо фаҳмида буд, ки Худованд ба ӯ ҳикмату доноиро барои он бахшида буд, ки мардуми хешро дарёбад ва онҳоро аз султаи Фиръавн раҳо созад. Ё аз Миср ба Мадян омад ва ба анҷом додани як кори ҷавонмардона-кумак ба духтари Шуайб ва гӯсфандонро об додан боис шуд, ки падари он духтар Месоро ба шубонӣ (чӯпонӣ) ва домодии хеш бипазирад. Ин қисса дар «Қуръон» чунин омадааст: «Мехоҳам яке аз ду духтарамро ба ҳамсарии ту дароварам, ки 8 сол барои ман кор кунӣ ва агар ҳашт солро 10 сол кунӣ, худ донӣ. Ман мехоҳам бар ту сахт нагирам ва маро, агар Худо бихоҳад, аз растагорон хоҳӣ ёфт» [21].

Ҳоло ин савол ба миён меояд, ки ин марди (-Мадинаӣ), ки духтари худро ба Месо дод, чӣ касе буд? Аз он ҷо, ки «Қуръон» дар баёни қиссаҳо ба резакориҳои таърихӣ намепардозад ва чун ҳадаф аз баёни ин қисса тарбияту ибрат гирифтани инсонҳост, «Қуръон» ба идомаи баҳс пардохта, мегӯяд, ки онҳо хонаводае барпо карданд. Мусо 10сол дар Мадян монд ва ҳамсараш Сафуро ду фарзанд ба бор овард. Ба гуфтаи «Таврот» пас аз 10 сол шавқи бозгашт ба Миср дар дилаш пайдо шуд.

Паёмбарии Месо ва ҳаводиси баъд аз он аз сохтор ва барҷастагиҳои вижае бархурдор аст, ки ба таври мухтасар ба баъзе аз нуктаҳои он ишора мекунем. Месо ва Ҳорун бори сангини истиқлол ва бозсозии уммати Бани Исроилро аз Саҳрои Сино оғоз карданд. Месо медонист, ки ӯ ба муқобили нерӯмандтарин фармонраво ва саркаштарин қудрати рӯйи замин - Фиръавн меравад, шоҳони Миср аз ку[антарин тоҷу тахту пойдортарин ҳукумат ва тамаддун бархурдор ва мардумро ба сахтию бардагӣ кашонда буданд. Аз ин рӯ, Месову Ҳорун дар дуою ниёиш ба Худои хеш муроҷиат карда мегуфтанд: «Мо метарсем, ки ӯ бар мо пешдастӣ ва дароздастӣ бикунад ё туғёну саркашӣ намояд. Худованд дар посух фармуд: натарсед бегумон ман бо Шумо ҳастам, мешунавам ва мебинам» [22].

Пас аз ин бунёди паёмбарии онон, ки ҳамон яктопарастӣ буд, муайян шуд ва офаридагор онҳоро фармуд, ки назди Фиръавн биравнад ва бигӯянд, ки мо фиристодагони Парвардигори ту ҳастем, то ӯ бифаҳмад, ки Худое ҳаст, ки ҳам Парвардигори ӯ ва ҳам ҷаҳониён аст, на Худои махсуси Мӯсову Ҳорун Ё Бани Исроил. Дар «Таврот» Худойро Яҳво (Улуҳим) ва ин ҳар ду ном Худои исроилиён аст, чунонки мусулмонону исроилиён бовар доранд ва Худои онон дар «Таврот» бо Иброҳим оғоз мешавад ва сипас Худи Исҳоқу Яъқубу Мӯсо ва Ашъёро Худои ҳамаи Исроилиён мешуморанд ва доираи Худоии ӯро ба дигар миллатҳо густариш намедиҳанд. Аз ин рӯ, мафҳуми Худо дар «Таврот» бештар нишонгари Худои Исроилиён аст [23].

Пас аз ин фармон Мӯсо ба кохи Фиръавн раҳсипор гардид ва ба ӯ гуфт: «Эй Фиръавн, ман фиристодаи Худо ҳастам, ман муъҷизае барои Шумо аз сӯйи Худоямон овардаам. Пас Бани Исроилро ба ман ҳамроҳ бифирист» [24]. Дар «Таврот» чунин омада: «Мӯсо ба Фиръавн гуфт: Яҳво –Худои Исроил чунин мегӯяд: Қавми маро раҳо кун, то дар саҳро ибодатгоҳ раванд. Фиръавн гуфт: Ман Яҳворо намешиносам ва Бани Исроилро раҳо нахоҳам кард» [25]. На танҳо Фиръавн пешниҳодро напазируфт, балки Мӯсо ва Ҳорунро муттаҳам сохт, ки мардумро аз кор боздоштанд. Дар бораи имон овардан ё наовардани Бани Исроил ба Мӯсо низ дар «Қуръон» омада, ки ҷуз андаке аз ҷавонон касе ба ӯ имон наовард ва таъкид мекунад, ки чун солҳо сиришти онон ба бегонагӣ хӯ гирифта буд, ба Мӯсо имон наёварданд. Ин нишон медиҳад, ки солҳои бардагию бегонагӣ аз қавми Бани Исроил иродаву ихтиёрро рабуда будааст.

Мӯсо барои роҳнамоии онон ва раҳоӣ аз асорат озорҳои сахту душвореро таҳаммул кард. Гуфтушуниди Мӯсо бо Фиръавн ба таҳдид ва муъҷизаи ошкор кашонда шуд, ки ин мард ҷодугари чирадаст аст ва мехоҳад бо ҷодуяш шуморо аз сарзаминатон берун кунад. Ҳоло саволе ба миён меояд, ки чаро муъхизаҳои интихобии Худо барои Мӯсо аз навъи сеҳру ҷоду будааст? Чун муъҷизоти пайғамбарон мувофиқ бо шароиту рӯзгори даврони худашон аст. Таърихи куҳани Миср ошкоро достонҳои зиёде аз ҷодугаронро дорад ва ҷодугарӣ зеҳну замириононро аз дунёи воқеӣ ба дунёи хаёлию рӯё (ба мисли достони Хуф ва ҷодугарон) мебурд. Аз рӯи ҳамоҳангӣ бо ҳаминҳо буд, ки Мӯсо низ муъҷизаҳое аз навъи ҷоду ба онҳо овард [26].

Дар «Куръон» аз асои Мӯсо, ки ба аждаҳо табдил шуд, ёд шудааст, вале дар «Таврот» ин муъҷиза ба Ҳорун нисбат дода мешавад [27]. Чун дарбориёни Фиръавн бо дидани сеҳри Мӯсо ба воқеияти амали ӯ огоҳ шуданд, ба ҳаяҷон афтоданд, вале аз тарси Фиръавн аз пазириши дини ӯ худдорӣ менамуданд. Фиръавн ҷодугарони машҳури қаламрави худро даъват кард, то сеҳри Мӯсоро ба ҳех бароранд. Онҳо низ амали худро нишон доданд, вале асои Мӯсо ба сурати аждаҳо даромад ва тамоми воситаҳои охирини ҷодугарони Фиръавнро фурӯ бурд. Он гоҳ Мӯсо аждаҳоро ба даст гирифт ва он аждаҳо боз ба асо табдил ёфт ва ҳозирин фаҳмиданд, ки ин кори Мӯсо ҷоду нест. Ҳақ дилашонро фаро гирифт ва ба Худои Мӯсову Ҳорун гароиданд.

Ояи «Чун Мӯсо чӯбдасташро биафканад, то ҷодуи сохтаҳои онҳоро фурӯ барад» [28]. нишонгари арзиши бартарии дониш аст, чун ҷодугарон дарёфтанд, ки кори Мӯсо ҷодуи маъмулӣ нест, ин дониши волое буд, ки дар назди он натавонистанд худро боздоранд. Дасти тавонои офаринишгарии кори Мӯсо нишоне аз ростгӯӣ ва пайғамбариаш ва таҳдиди Фиръавн бар буридани дасту пои одамон дар муғобили Мӯсо корсоз набуд. Нақшаҳое аз абзори шиканҷаи даврони Фиръавн аз маъбади Амдо дар сарзамини Нубаи Миср, ки ба соли чаҳоруми фармонравоии Марнобтох тақрибан с.1221 то м. мансуб буда, бостоншиносон кашф карданд, ки мувофиқи он фармонравои мазкур ба гунаи нобаробар (дасти рост ва пои чап)-и шахсони гунаҳгорро бурида, баъд ба дор меовехтааст. Вале Мӯсо тавонистааст, ки афкори умумро бедор кунад ва ба ҳамин сабаб дар «Қуръон» суханони Фиръавн чунин омадааст: «Маро вогузоред, то Мӯсоро бикушам ва ӯ Худои худро бихонад, яъне пас гирад, ҳамоно ман метарсам, ки ӯ дини Шуморо дигаргун кунад ё дар ин сарзамин фитнаву фасод барпо кунад» [29].

Аз ин оят чунин бармеояд, ки дар атрофи дарбориён касоне буданд, ки аз куштани Мӯсо Фиръавнро нигаҳ медоштанд, ба Мӯсо имон оварда буданд ва аз Фиръавн имон овардани худро махфӣ нигаҳ медоштанд. «Маро вогузоред» гуфтани Фиръавн моро ба чунин хулоса вомедорад. Ҳатто ҳамсари Фиръавн ба дини пешниҳоднамудаи Мӯсо бовар дошт ва мегуфт, ки Худоё, маро аз ин гурӯҳи ситамкорон (коҳинону соҳирон) бираҳон. Бино ба гузориши «Таврот», Мӯсо пас аз ин воқеаҳо аз дари дигаре даромад ва силсилаи муъҷизахои дигари худро ошкор сохт. Ӯ асои худро ба редхона зад ва обаш ба хун табдил шуд, моҳиҳо мурданд ва зоғҳову қурбоқаҳо заминро пӯшонданд. Фиръавн чун ин ҳодисаро бо чашмонаш дид, аз Мӯсо дархост, ки ин балоро аз онҳо дур кунад. Мӯсо ин балоҳоро баргардонд ва ба ҳоли аввалааш даровард, вале Фиръавн ба табоҳкории худ идома дод, ки онҳо дар «Қуръон» ба хушксоливу қаҳтӣ ва тӯфон ёд шудааст.

Аз нукоти боло метавон ба чунин натиҷа расид, ки агар бозтобе аз муъҷизаҳои паёмбарон дар рӯйдодҳои таърихӣ омадааст, он ба ҷои доштани чунин рӯйдодҳо гувоҳӣ медиҳад, ки ҳамхону яксон бо воқеаҳои таърихӣ мебошанд, ҳол он ки муъҷизоти Мӯсо  муъҷизоти осмонӣ ба шумор мерафтанд. Замони аз Миср берун

омадани Бани Исроил ба рӯзгори силсилаи 19-уми шоҳони Мисрӣ будааст. Вилл Дюрантӣ як навъи эътисоб ба қалам додааст, ки душвориҳо ва пайёмадҳои ногувори иқтисодиро низ ба дунбол дошааст. Сабаби асосӣ аз он иборат буд, ки дар байни Исроилиён бемории тоун паҳн шуд ва мисриён аз тарси он ки беморӣ дар миёнашон интишор наёбад, онҳоро аз Миср берун карданд ва Мӯсо, ки худ як коҳини мисрӣ буд, барои таблиғ ба миёни яҳудиён рафт ва шеваҳои назофату покизагиро ба онҳо омӯхт. Муаррихони римию юнонӣ низ ҳамин гуна иттилоъро ироа намуданд[30], вале дар «Таврот» омада, ки саранҷом Фиръавн хостаҳои Мӯсоро қабул карда, дастур додааст, ки ҳама бираванд ва чорвоҳои худро низ ба худ бибаранд [31]. Аз дидгоҳи «Қуръон» Мӯсо, бо фармони Худованд, бо он қавм вақте аз дарё гузар мекард, Фиръавн онҳоро таъқиб кард ва ҳамаи таъқибкунандагон ғарқу нобуд шуданд.

Баъзе муаррихон таърихи аз Миср хориҷ шудани Исроилиёнро муродиф бо ронда шудани ҳиксусиён (тақрибан 1575 қабл аз мелод) ва баъзеи дигари онҳо дар рӯзгори Ромзеси III (1182-1161 қабл аз милод) медоданд, ки тафовути замонии онҳо ба 400 сол мерасид. Ин худ нишонаи мушкил, печида ва душвор будани масъалаи хурӯҷи Исроилиён аз Миср бо роҳбарии Мӯсо нишон медиҳад, ки муҳаққиқон дар ин бора ихтилофи назари боризе доранд. Роҷеъ ба ин масъала ба чунин нукта ишора намудани мумкин аст, ки осору асноди мисрию фаластинӣ таърихи ин рӯйдодҳоро, ки як ҳодисаи муҳими таърихи дин мебошад, сабр накардаанд ва ин нобасомонии таърихӣ ҳанӯз ҳам побарҷост. Зеро масъалаи асосӣ – достони хориҷ шудани исроилиён, шикасту нобудӣ ва ғарқ шудани фиръаниён, пирӯзи[о, раҳо ёфтани Мӯсо ва ҷорӣ шудани дини яктопарастӣ, аз назари шоҳони мисрӣ, масъалаи муҳиме набуда, ки дар саҳифаҳои таърих онҳоро ҷовидона бисозанд. То кунун бо вуҷуди фаровонии осору асноде, ки аз Мисри куҳан дар бораи рӯзгори фиръавниён боқӣ мондааст, дар ҳех санаду навиштаҳое номи Мӯсо ва аз Миср хориҷ шудани онҳо вуҷуд надорад [32].

Дар «Таврот»-у «Қуръон» низ номи шоҳи Мисрӣ, ки Мӯсо бо ӯ мулоқот ва дидор доштааст, зикр нашудааст. Барҷастатарин достони паёмбарон – Иброҳим ва Мӯсо дар «Қуръон» бо рисолаташон дар тамаддуни Байнаннахрайну Миср баён шудааст, вале наҳзату муборизаи онҳо ба муқобили ибодати ҷоҳилона, фикру андешаҳои онҳо ба муқобили ҳуруфотҳои беҳудаю бесамар чун супоридани духтарони худ ҳангоми хурӯши дарёи Нил барои оромиши он, ки бо тасаввуроти нодурусти кухна омехта буданд, ҳамчунин муборизаи ин ду паёмбар бо шеваҳои норавою ғайриоқилона, даъват ба озодагию озодӣ аз банди асорати шоҳони мустабияду худоёни заминӣ дар «Қуръон» сухане гуфта нашудааст. Зеро дар «Қуръон» ном чандон ҷоёгоҳе надорад ва танҳо гузориши нуктаҳо ва рӯйдодҳое дар он оварда шудаанд, ки онҳо бо унвони суннату қавонини Илоҳӣ мақом доранд ва шомили хусусияти пандию ахлоқӣ ва ибратомӯзӣ мебошанд.

Чунонки қаблан ёдовар шудем, «Қуръон» китоби таърихӣ намебошад, ки ба ҷузъиёти масъала бипардозад ва муқаддасии «Қуръон» дар он зоҳир мешавад, ки барои баҳрагирии инсонҳо (муъминон) аз гузашта бо мақсади ҳаракату фаъолияти дурусту саҳеҳ дар оянда дар чаҳорчӯби ибратомӯзӣ ва шинохти саргузашти пешиниён барои таҷрибаандӯзӣ даъват менамояд. Бо шинохти рӯзгори Мӯсо, ки аз барҷастатарин рӯзгорон дар таърихи дини башар аст, меомӯзем, ки нахустин дин аз се дини бузург иброҳимӣ, яҳудию масеҳият ба вуҷуд омадааст. Пас дар «Қуръон» ва дигар кутуби осмонӣ ишораҳои фаровоне ба дигар ҳодисаҳои таърихӣ, зиндагию инсонҳои муқаддас, бахусус анбиё дар шакли достонҳо, масъалҳо, қиссаву ҳикоятҳо, миллатҳо ва умматони пешин, аҳкому анвои зиндагии онҳо ёдоварӣ шудааст, ки аз дастуру фармонҳо, вазъу фармоишот ва фаъолияти онҳо мо бояд мадад гирем ва мутаваҷҷеҳи он бошем, ки ҳамаи анбиё бидуни ихтилоф дар як масир – дини тавҳидӣ ҳаракату фаъолият доштанд. Бояд аз таҷрибиёти гаронқадри онҳо баҳра бардорем.

## АДАБИЁТ

1.Лоюм Жюл. Тафсили ояти «Қуръон». -Теҳрон, 1345.-с.69
2. Меҳрон Муҳаммад Буюмӣ. Баррасиҳои таърихии қиссаи «Қуръон». Ҷ.1. -Теҳрон, 1384.-С.31.
3.Китоби Таврот. Комуси китоби муқаддас. Ҷузъи аввал. Аввалин подшоҳон. -Бейрут 1364. 12:10;26:9
4.ибни Набӣ. Ал-зоҳират-ул-қуръония. Тарҷумаи Абулсабури Шоҳин. -Бейрут, 1961-с.250.
5.Лақад кона фи қисас си ҳин ибратан ли ули ал боб. Сураи Юсуф, ояи III .
6. Сураи Кисас, ояи 5
7. Меҳрон Муҳаммад Боюмӣ . Баррасиҳои таърихии қисаси «Қуръон».- с. 107.
8.Дюрант Вилл. Таърихи тамаддун. Ҷ.2. -Қоҳира,1961.-24-26.
9.Аққод Аббос. Миталеъ-ан-нур. -Қоҳира, 1968.-с.24.
10.Сураи «Софот», ояи 99.

11.Таврот. Сафари пайдоиш.9-15:18;4:17:12;10-20:22.
12. Сураи Ҳуд, ояи 72.
13.Ибни Касир. Исмоил ибни Қурайшӣ. Ҷ.1.Қоҳира,137с.-с.150-152. Таърихи Табарӣ Ҷ.1 -Теҳрон ,13 с.244-247.
14.Сураи Мумтаҳана, ояи 4.
15. Сураи Наҳл,ояи 123.
16.Аққод Аббос. Иброҳим падари анбиё. -Қоҳира, 1968-с.193-194.
17.Сураи Ҳуд,ояи 120.
18.Сураи Софот,ояи118-121;сураи Кисас, ояи7.
19. Сураи Кисас,ояи 9.
20.Қутб Саид.Физулол-ил қуръон -Ҷ.7,-Қоҳира.
21.Сураи Кисас,ояи 27.
22.Сураи Таҳо, ояи 45.
23. Сураи Аъроф, ояи 104.
24.Таврот, сафари хурӯҷ.1-3:5.
25.Ниг. ба китоби аз Алии Ҳофиз. Қоҳира, 1998,с.14.
26.Сураи Шуаро, ояи 33.
27.Меҳрон Муҳаммад Буюмӣ. Таърихи баррасии қисаси Қуръон.-с.138.
28.Сураи Ғофир, ояи 26.
29.Дюранӣ Вилл. Таърихи тамаддун.ч.1. –с.353.
30.Таврот. Сафари хулуҷ. -Теҳрон, 13… 29-33:12.
31.Меҳрон Муҳаммад Буюмӣ. Таърихи баррасии қисаси Қуръон.-с.228.

**ПРЕДАНИЕ О ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ДВУХ ПРОРОКОВ - АВРААМА И МОИСЕЯ В «ТОРЕ» И В «КОРАНЕ»**

В статье на основе данных священных книг восстанавливаются некоторые важные и малоизученные вопросы о жизни и деятельности первых пророков монотеистической религии. Показывается внутренняя логическая связь священных книг по вопросу определения и формирования пророчества, отталкиваясь от сведения священных книг, в частности от Торы Корана проливается свет в определение некоторых аспектов жизни Авраама и Моисея на пути к пророчеству, что отсутствует в других источниках по религиоведению.

**Ключевые слова**: пророчество, Коран, религия, пророк, формирования, Авраам, Маисей.

**THE LEGEND ABOUT THE ACTIVITIES OF THE TWO PROPHETS ABRAHAM AND MOSES THE «TORAH» AND «KORAN»**

In article on the foundation of the given sacred books some important and poorly investigated questions on life and activity of the first prophet's of religion are restored. The internal logic communication of the sacred books is shown on definition and formation of a prophecy, making a start from the item of information of the sacred books in particular from light definition of some aspects of life Avraam and Moisei on ways to a prophecy spills, that is absent in other sources on религиоведению.

**Key words**: a prophecy, Koran, religion, prophet, formation, Avraam.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Захро Резаи*** - соискатель Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им.А. Рудаки

# БАРРАСИИ РОҲҲОИ ҶАЛБИ МУШОРИКАТИ ИҚТИСОДӢ-ИҶТИМОИИ ЗАНОНИ РУСТОӢ

***Фазила Хонӣ, Хадича Ризои Қодӣ***
**Ҷумҳурии Исломии Эрон**

Имрӯза мушорикати занон, дар тавсеаи пойдори иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии рустоҳо на як масъалаи ихтиёрӣ, балки як амри заруриест ва он даста аз ҷавомее, ки ниёз ба мушорикатро ҷиддӣ талаққӣ накардаанд дучори шикастҳое шудаанд, ки кори тавсеа таъмини рифоҳ ва амнияти ҷомеаро ба таъхир андохтааст. Пас метавон гуфт, мушокирати умумӣ ва фарогирии занони як ҷомеа, русто, маҳалла ва ё як гурӯҳи иҷтимоӣ дар тасмимгириҳо, фаъолиятҳо, барномаҳо ва умуре, ки ба гунае бо аҳдофи тавсеаи молӣ ва минтақавӣ муртабит аст, мутағайири калидӣ, дар мубоҳиси мушокират ва умури иҷтимоӣ мебошад.

Дар арсаи фаъолиятҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ҳанӯз ҷойгоҳи шоистаи занони рустоӣ ба сурати матлуб шинохта нашудааст. Онон илова бар иҷрои фаъолиятҳои рӯзмарраи як зан, дар таъмини маоши хонавода нақши асосӣ доранд. Бо ин ҳол занони рустоӣ аксар дар оморҳои расмӣ сабт намешаванд, ки худ омили дар ҷиҳати ҳадафи онон дар барномаҳои мушокиратӣ аст. Дар китоби «Занон дар тавсеаи кишоварзӣ», ки дар соли 1990 ба василаи созмони Хорбори ҷаҳонӣ ба чоп расидааст, дар мавриди мушокирати занон дар фаъолиятҳои иқтисодӣ чунин матраҳ мешавад,

ки: «То гузаштаи наздик занони кишоварз дар кишварҳои дар ҳоли тавсеа, тақрибан мавҷудияти номашҳуд доштаанд. Онон аз лиҳози дастёбӣ ба ниҳодҳо ва манобеи бархурдорӣ, аз роҳномаӣ ва омӯзишу тарвиҷ барои пешбурди маҳоратҳои кишоварзӣ маҳрум монда буданд ва ҳамчунин, ҳеҷ ишорае дар бораи мушокираташон дар нерӯи кори кишоварзӣ нашудааст». (Созмони Хорбори ҷаҳонӣ, 1374, с. 287).

Ҳамон тавре ки медонем, бахши қобили таваҷҷуҳе аз мушорикати занони рустоӣ аз навъи мушорикати суннатӣ ва ҳузури онҳо дар ин навъ ниҳодҳои суннатӣ мебошад. Анвои таовиниҳои суннатӣ ба шеваи ёдгирӣ ҳамёрӣ аз ин дастаанд, аммо бо тағйироте, ки дар русто сурат гирифта (воруди фановарӣ ба рустоҳо) сабаби тағйироте дар ин ниҳодҳо шуда, ки худ сабаби коҳиши мушорикати занони рустоӣ шавад. Лизо дар мутолеаи ҳозир талош шуда, то зимни баррасии ниҳодҳои суннатӣ, мизон ва навъи мушорикати занон, роҳҳо барои ҷалби бештари мушорикати иҷтимоӣ-иқтисодии занони рустоӣ ироа гардад.

**Мабонии назарии пажӯҳиш.** Баррасии дақиқ дар бораи мушорикати иқтисодӣ ва иҷтимоии занони рустоӣ, аз собиқаи чандоне бархурдор нест. Вале дар ҳамин муддати кӯтоҳ, мутолиоте дар ин замина сурат гирифтааст, ки метавон онҳоро ба 5 гурӯҳ китобат, поённомаҳо ва тарҳҳои пажӯҳишӣ, мақолот ва нашриёт, семинарҳо, гиридиҳамоиҳо ва назарияҳо тақсим кард, ки аз ҷумлаи онҳо метавон ба манобеи зер ишора кард.

Брунит (Bryant) дар пажӯҳиш ба унвони «Авомили маҳдудкунандаи дастрасии занон ба мушорикат дар тасмимгирии сиёсатҳои иҷтимоии рустоӣ» хотирнишон мекунад, ки масоиле ҳамчун навъи нигариш ба занон, фуқдони дониш ва иттилоот, фуқдони эътимод ба нафси адами вуҷуд, шабакаҳои занон ва баста будани шабакаҳои хоси мардон барои воруди занон ба ин шабакаҳо, мавонеи умдаи мушорикати занон мебошад. (Bryant, 1991, с. 32).

Дар таҳқиқе, ки тавассути барсиборт анҷом шуда чунин натиҷагирӣ шудааст, ки сиёсатҳои калони иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фактураҳои фарҳангӣ ба рӯйи тавоноии занон, бар рӯйи таҳрик ва мушорикат таъсиргузор аст. Ин маворид дар сатҳи русто барои рушди огоҳии занон дар иртибот бо мавқеияташон ва низ ангезиши онон барои ташрики мусоӣ  ҷиҳати расидан ба аҳдофи муштарак, факторҳои муҳиме ба шумор меравand (Breebaart.  1980,23).

Винеко (2005) дар мақолае ба унвони «Мавонеи мушорикати иҷтимоии занон дар Кампучиё» авомили фарҳангиро умдатарин монеи мушорикати занон  медонад. Ӯ муътақид аст, ки дар Кампучия занон бо вижагиҳои чун наҷобат, вазифашиносӣ муқайяд буданд ва ҳақшиносӣ нисбат ба волидайн дар назар гирифта мешаванд ва ба далели ин фишорҳои фарҳангии занони Кампучия бидуни ҳеҷ шинохте аз арзишҳои фарҳангӣ пайравӣ мекунанд (Vieheka, 2005, 3).

Бретун (1997) муътақид аст, ки дар миёни авомили муассир, бар мушокирати иҷтимоӣ ду омил ба таври хос арзишманд аст. Вижагиҳои шахсӣ ва фурсатҳои сохтории миқдорӣ аз мушорикат ба василаи авомиле чун сатҳи савод, табақаи иҷтимоии фард, алоиқи мазҳабӣ ва ангезаҳои шахсӣ табъйн мешавад. Фурсати мушорикат низ ба далели он, ки барои афрод мутаалиқ ба гурӯҳҳои мухталиф мутафовит аст, мизони мушорикатро таъйин мекунад (Breton, 1997,7).

Ғаффорӣ мушокиратро навъи таниши ҳадафманд дар фароянди таомулии байни танишгар ва муҳити иҷтимоии ӯ ва дар ҷиҳати дастёбӣ ба аҳдофи муайян ва аз пеш таъйиншуда таъриф кардаанд. Фароянде, ки афроди ҷомеа, ба сурати ҷамъи огоҳона, довталабона ва бо дар назар доштани аҳдофи муайян ва мушаххас, ки мунҷар ба саҳим шудани онҳо дар манофеи иҷтимоӣ мешавад, дар он ширкат мекунанд ва намуди айнии онро дар ниҳодҳои мушокирати чун анҷуманҳо, гурӯҳҳо, созмонҳои ғайридавлатӣ ва назири он метавон дид (Ғаффорӣ, 1383, 70).

Паноҳӣ ва Яздонпаноҳ дар мақолаи таҳти унвони «Асари вижагиҳои фардӣ бар мушорикати иҷтимоӣ» изҳор доранд, ки танишҳои мушорикат ниёз ба шароити мусоиди сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарангӣ доранд, ки дар сурати фароҳам шудани имкони шаклгирӣ идомаи таниш вуҷуд дорад. Вуҷуд ва пазириши арзишҳое монанди ҳамёрӣ ва аҳамиятрасидагӣ ба ниёзҳои мардум,  дарунӣ кардани онҳо дар фароянди иҷтимоӣ, аз ҷумлаи авомиле ҳастанд, ки дар иқдоми мушорикатҷуёна  асар мегузоранд (Паноҳӣ, Яздонӣ, 1383,75).

Аз нигоҳи ҷомеашиносӣ мушорикати фарояндҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ниҳодҳои хонаводагӣ, низоми таълим ва тарбият ва манзалатҳои иҷтимоӣ,омили таъйинкунандаи мизони мушорикати афрод мебошанд.

Тарафдорони ин дидгоҳ фарояндҳои иҷтимоӣ чун шаҳрнишинӣ, савод, манзалати иҷтимоӣ, васоили иртиботҷамъӣ, сармояҳои иҷтимоиро дар мизони мушорикати муосир қаламдод кардаанд ва муътақиданд алорағми ин, ки ҳаракатҳои сохторӣ-иқтисодӣ, нигаришҳои мусбату манфӣ, тавсеавӣ ва мушорикати афродро шакл медиҳад, ин неруҳо аз маҷрои сохти хонаводагӣ ва авомили тарбияти иҷтимоӣ бар таниши танишгарони иҷтимоӣ таъсир мегузорад (Reddy, 1973,17).

**Фарзияҳо**. Бо илҳом ва баҳрагирӣ аз рӯйкарди назарии матраҳшуда дар ин навиштор фарзияҳои аслии пажӯҳиш ба қарори зер мебошад:

1. Байни мизони мушокирати занони рустоӣ бо вижагиҳои фардӣ робита вуҷуд дорад.
2. Байни мизони мушокирати занони рустоӣ бо пойгоҳи иҷтимоӣ-иқтисодӣ робита вуҷуд дорад.
3. Байни мизони мушокирати занони рустоӣ ва истифода аз васоили иртиботи ҷамъӣ робита вуҷуд дорад.
4. Байни мизони мушокирати занони рустоӣ бо вижагиҳои шахсиятӣ ва зарфиятҳои онон робита вуҷуд дорад.

Равиши пажӯҳиш, равиши аснодӣ ва паймоишӣ аст. Аз равиши аснодӣ абъоди муҳиме ва назари мавзӯъ мавриди баррасӣ қарор гирифт ва аз равиши паймоишӣ низ, барои баррасии чигунагии тавзеъ ва равобити байни мутағайирҳои вобаста ва мустақил истифода шудааст. Дар равиши паймоишӣ баъд аз гирдоварии иттилоот бо пурсишнома ва мусоҳиба ва пардозишдодаҳо бо нармафзори Spss бо таваҷҷуҳ ба сатҳи санҷиши мутағайирҳо аз озмунҳои мухталифе истифода шудааст. Барои чанд ҳолате аз таҳлил ва урёнуси яктарафа истифода шудааст.

**Таърифи мафоҳим ва мутағайирҳо**. Мутағайири вобастаи ин пажӯҳиш, мушокирати иқтисодӣ-иҷтимоии занони рустоӣ аст. Мушокират иборат аст аз эҷоди фурсатҳо барои ҳамкории фаъолона, нуфуз бар фароянди тавсеа ва саҳим шудан дар манофеъи ҳосил аз тавсеа мебошад (Midgly, 1989,23).

Абъоди мухталифи мушокират дар бисёре аз мавоқеъ монандӣ доранд, ба тавре ки дар бисёре аз маворид имкони ташхис ва ҷудосозии фаъолиятҳои марбут ба мушокирати иҷтимоӣ ва иқтисодиву сиёсӣ фароҳам нест.

Бо таваҷҷуҳ ба натоиҷи бадастомада дар мавриди вижагиҳои намунавӣ мавриди баррасӣ бояд гуфт, ки миёнгини синнии занон мавриди баррасӣ дар деҳистони Луфур 42,2 сол аст: аз назари иштиғол 2,2 % дорои машоғили расмӣ ва давлатианд. Бақияи занон худро кишоварз, домдор ва тивардор муаррифӣ кардаанд. Дар мавриди таҳсилоти ҳудудӣ 24% бесавод ва камсавод ҳастанд. 46% дорои таҳсилоти мутавассита ва диплом мебошанд ва ҳуддуи 10 % дорои таҳсилоти фавқ диплом ва болотар мебошанд. Миёнгини теъдоди фарзандон дар Хонвор ҳам 3,1 % мебошад. Ҳудуди 35,9 % посухгӯён муҷаррад, 57,7 % муттаҳил ва 5,4 % муталиқа ва 1 % бева мебошанд. Миёнгини даромади моҳонаи Хонвор дар деҳистони Нуфур ҳудуди 320 ҳазор туман аст.

Дар мавриди моликияти замин ҳудуди 70,5 % посухи манфӣ, ҳудуди 29,5 % посухи мусбат доданд. Ҳамин тавр дар мавриди моликият, ҳудуди 42,7% посух доданд, моликият ҳеҷ гуна домеро ба уҳда надоранд.

Дар ҳудуди 80,5 % афрод телевизион ва радио ба унвони танҳо василаи иртиботи ҷамъӣ мавриди истифода ном бурдаанд. Дар мавриди вижагиҳои шахсиятӣ ва зарфиятҳо занони рустоӣ дар посух дар ин савол ки агар, барои онҳо мушкилие пеш биёяд беш аз ҳама ба чӣ касе иттако мекунанд? Ҳудуди назири 52 % худро эълом кардаанд ва 48% боқимонда соири аъзои хонавода, назири (ҳамсар, писари бузургтар, бародар ва дигарон) –ро муаррифӣ намудаанд. Аммо дар мавриди эҳсоси ризоят ва хурсандӣ аз худ ҳудуди 22,4 % аз посухгӯён, гузинаи бисёр зиёдро интихоб намудаанд, ки ин рақам нисбат ба соири гузинаҳо (бисёр кам кам, зиёд) фаровонии бештаре ҳам дорад. Дар баррасии баамаломада аз илали аслии мутавақуф шудани ниҳодҳои суннатӣ метавон ба тартиб ба авомиле назири сатҳи савод ва таҳсилот (47, 5) муҳоҷирати рустоиён ба шаҳр (10,5) эҳдоси ҷода ва наздикии русто ба шаҳр (9,1) коҳиши дом ва замини зироӣ (6,5) аз даст додани боздеҳии иқтисодӣ (21%) нотавонии занони қадимӣ ва бетаҷрибагии насли нав (31%) ва вуруди фановарӣ (44%) ном барад.

**Озмуни фарзияҳо**. <u>Фарзияи аввал</u> дар бораи робитаи байни вижагиҳои фардӣ бо мушокирати занони рустоӣ аст. Натиҷаҳои бадастомада нишон медиҳад, ки мушокирати занон бо синни посухгӯён ва теъдоди фарзандон зери 6 сол робитаи манфӣ дорад, ба ин шакл, ки бо болотар рафтани синну теъдоди бештари кӯдакон

зери 6 сол мизони мушокирати занони рустоӣ коҳиш меёбад. Робитаи байни вазъият то ҳалли посухгӯ бо мутағайири вобаста нишон медиҳад, ки занони рустоӣ, ки муҷаррад ҳастанд мизони мушокирати бештаре аз собирин доранд, пас аз он посухгуён мутолиқаи мушорикати бештаре доранд. Мушокирати иқтисодӣ-иҷтимоии посухгӯёни бева аз бақия камтар мебошад.

Фарзияи дувум робитаи байни мушокирати иқтисодии занони рустоӣ бо пойгоҳи иҷтимоӣ- иқтисодӣ аст, натиҷаи бадастомада нишон медиҳад, ки робитаи байни таҳсилот ва мушокирати иқтисодӣ-иҷтимоӣ як робитаи қавӣ, мусбат ва маънодор мебошад. Робитаи байни шуғли посухгӯ бо мутағайири мушокират робитаи маънодор намебошад.

| Мутағайири вобаста, мутағайири мустақил | Таҳсилот | Шуғли сарпарасти хонавода | Шуғли посухгӯ | Мизони замини кишоварзӣ | Теъдоди дом | Даромади моҳона |
|---|---|---|---|---|---|---|
| мушокирати иҷтимоӣ-иқтисодӣ | V=S=0/00 | Eta =0/19 S=0/881 | Eta =0/01 S=0/10 | Eta =0/13 S=0/10 | v=0,S=0/006 | V=0/15 S=0/00 |

Бо мулоҳизаи ҷадвал дармеёбем, ки байни мутағайир мизони замини кишоварзӣ бо мутағайири вобастаи робитаи манфӣ (натиҷаи муқобил) заиф ва ғайримаънидоре вуҷуд дорад, валекин байни мутағайири теъдоди дом бо мушорикати иқтисодӣ – иҷтимоӣ робитаи манфӣ (бо натиҷаи муқобил) нисбатан заифу маънодоре вуҷуд дорад. Ҳамчунин, байни мутағайири даромади моҳона бо мутағайири вобаста, робитаи мусбату маънодоре вуҷуд дорад.

**Фарзияи сеюм**. Робитаи байни мизони мушокират ва истифода аз васоили иртиботи ҷамъӣ мебошад. Натиҷаҳо нишон медиҳад, ки мизони дастрасии занон ба васоили иртиботӣ назири радио ва телевизион бештар аз соири васоили иртиботӣ мебошад. Касоне, ки соати бештаре аз соати рӯзонаро бо телевизион сипарӣ мекунанд мизони тамоили бештареро ба ширкати фаъолият барои ҷамъӣ ва давоталабона аз худ нишон медиҳанд.

| Мутағайири вобаста мутағайири мустақил | Телевизион | Радио | Рӯзнома маҷаллот | Китоб | соири васоил |
|---|---|---|---|---|---|
| Мушокирати Иҷтимоӣ- иқтисодӣ | V=0/50 S=0/000 | V=0/20 S=0/01 | V=0/01 S=0/01 | V=0/1 S=0/00 | ----------- |

**Фарзияи чаҳорум**. Байни мизони мушокирати занони рустоӣ бо вижагиҳои шахсиятӣ ва зарфиятҳои онон робита вуҷуд дорад. Баррасиҳо нишон медиҳанд, ки мушокирати иҷтимоӣ ва иқтисодӣ бо мизони худиттакоӣ, бурунгароӣ, умед ба оянда, робитаи маънодоре дорад, ба ин маъно, ки ҳар қадар худмуттакоӣ ва худбоварӣ, берунгароӣ, умед ба оянда афзоиш ёбад, мизони мушокирати иҷтимоӣ иқтисодӣ афзоиш меёбад. Болотарин ҳамбастагӣ байни умед ба оянда ва мушокирати иҷтимоӣ дида мешавад (0/458), яъне афроде, ки умеди бештаре нисбат ба беҳбуди авзоъ дар оянда доранд, мушокирати болотаре низ доранд.

**Натиҷаи таҳлили регрессионӣ**. Дар ин қисмат ба манзури санҷиши таъсири мутағайирҳои мустақил бар мутағайири вобаста аз регрессиён чанд мутағайире бо равиши қадам ба қадам истифода шудааст ва натиҷаи ба дастомада намоёнгари ин аст, ки 40 % аз тағйироти мутағайири вобаста, ба васоили мутағайирҳои мустақил матраҳ шуда тафсир намешавад.

Умдатарин мутағайирҳои мутақили таъсиргузор бар мушорикати иҷтимоӣ ба тартиби авлавият иборатанд, аз вижагиҳои шахсиятӣ, зарфиятҳо ва пойгоҳи иҷтимоӣ-иқтисодӣ, вижагиҳои фардӣ, истифода аз расонаҳо.

**Регриссиони мушокирати иқтисодӣ – иҷтимоӣ ва мутағайирҳои мустақил**

| Унвони мутағайир | Буто | Миқдор | Маънодорӣ |
|---|---|---|---|
| Вижагиҳои шахсиятӣ ва зарфиятҳо | 0/470 | 6/66 | 0/000 |
| Пойгоҳи иҷтимоӣ-иқтисодӣ | 360 | 5/74 | 0/00 |
| Вижагиҳои фардӣ | 0/247 | 3/72 | 0/00 |
| Истифода аз расонаҳо | 0/150 | 2/19 | 0/002 |
| 0/43 | R=0/65 | | |

Дар ин пажӯҳиш бо таваҷҷуҳ ба назариёт ва мутағайирҳои истихроҷшуда ва таъйидҳои онҳо дар намуна мавриди баррасӣ мушаххас шуда, ки мутағайири мушокирати иҷтимоӣ ва иқтисодӣ бо синну теъдоди фарзандони то 6 сола робитаи манфӣ дорад. Ҳамон тавре, ки Радди ҳам дар мутолиоти худ ба ин натиҷа расида буд ва муътақид буд, ки бо афзоиши синну сол мушорикат коҳиш меёбад ва ҳамчунин, дар мавриди вазъияти то ҳал ба ин натиҷа расида, ки мизони мушорикат бо ҳалли афроди робита натиҷаи баръакс дорад ва пажӯҳиш нишон дод, ки афроди муҷаррад ба иллати бархурдорӣ аз масъулияти камтар дар зиндагӣ ва ҳамчунин доштани вақти бештар мушокирати бештаре ҳам хоҳанд дошт. Таҳсилот мутағайири дигарест, ки бо мизони мушокират робита дорад, ба ин сурат, ки ҳар чӣ мизони таҳсилоти занони болотаре доранд, мушокирати онҳо низ бештар мешавад. Дар пажӯҳишҳои Гализар, Лоибсун, Сокардуд низ ин масъала таъйид шудааст. Онҳо ин мавзӯро то ҳудуде ношӣ, аз ниҳодҳои мадорис ва донишгоҳҳое дар ташвиқи афрод ба анҷуманпазирӣ ва омӯзаҳои ахлоқии онон дар ҷиҳати таовун ва ҳамёрӣ медонанд.

Бо таваҷҷуҳ ба натиҷаҳои бадастомада аз ин пажӯҳиш пешниҳод мешавад:

1. Аз он ҷойе ки занон тамоили бештаре ба ширкати ниҳодҳои хоси занон доранд, лизо бояд ба шаклгирии созмонҳои ғайридавлатии хоси занон таъкиди бештаре дошт, то занон ба ангезаи бештаре ҷалби ин гуна ниҳодҳо шаванд.
2. Занони рустоӣ хостори омӯзиши маҳорати хос буданд, ки албатта пешниҳод мегардад. Давраҳои омӯзиши маҳорат ва навъи омӯзиши мутаносиб бо синну алоқа ва истеъдоди занон ва духтарони рустоӣ дар назар гирифта мешавад.
3. Бо таваҷҷуҳ ба нигаришҳои фарҳангии мавҷуд, дар русто ва ҳамчунин, вуҷуди калишаҳои ҷинсиятии таърифшуда барои занони рустоӣ, ки мусталзами риояти онҳо мебошанд ва аз тарафи дигар ин нигаришҳо бар равобит ва муносиботи иҷтимоии занони рустоӣ бетаъсир нест, лизо занони рустоӣ тамоил ба ширкат дар ниҳодҳоеро доранд, ки дар худи русто шакл бигирад, то имкони ҳузури бештаре барои онон фароҳам шавад. Лизо, дар барномарезиҳо барои ҷалби мушорикати онон ба ин нукта бояд таваҷҷуҳ шавад.

## АДАБИЁТ


1. Паноҳӣ Муҳаммад. Ҳусайн Яздонпаноҳ. Асари вижагиҳои фардӣ бар мушокирати иҷтимоӣ. - Теҳрон, 1383.
2. Шодиталаб Жола. Афсона Камолӣ. Мушокирати иҷтимоии занон, пажӯҳиши занон. -Теҳрон, 1381.
3. Ғаффорӣ Муҳаммад. Табъийни авомили иҷтимоӣ ва фарҳангии муассир бар мушокирати иҷтимоӣ - иқтисодии созмонёфтаи рустоиён ба унвони механизм барои тавсеаи русто дар Эрон. -Теҳрон, 1380.
5. Breebaart,6( 19 80 ) Road got no mouth women in the upper region of chana as participants in their own developmental process
6. Bryant L ( 1991 ) Rural women and access to decision makers within the south Australian department of Agvicultur Technical report department of Agricultur South , Australia No , 186 p :32
7. Helly,Denis . ( 1997 ) . voluntary and social participation by people of immigrant . paper presented at the second National metropolis conference 23-25 November Canada.
8. Midgley, james .Anthony Hall , Margavel Hardiman and Dhanpaul Narine . ( 1989 ) community participation , social Development and the state London ,uk, Methuen .
9. Reddy Richard . D ( 1973 ) . why do people participation in voluntary action? journal of Extension volumen xl pp 35-40
10.Vicheka , Lay ( 2005 ), Cambodian women and Barrievs to social participation


## ИССЛЕДОВАНИЕ ПУТЕЙ АДАПТАЦИИ СЕЛЬСКИХ ЖЕНЩИН К НОВЫМ СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКИМ ОТНОШЕНИЯМ


В данной статье авторами подвергнуты рассмотрению и изучению роль и место сельских женщин в современном иранском обществе, и механизмы их включения во все сферы общественной жизни. Сельские женщины представляют собой отдельную социально – демографическую группу общества и отличаются специфическими социально-психологическими особенностями, различными ролевыми функциями, включая все сферы отношений в обществе.



**Ключевые слова:** положение сельских женщин, социальная адаптация сельских женщин, социально-экономические отношения, духовный мир, социальная среда.


## RESEARCH OF THE WAYS OF ADAPTATION OF RURAL WOMEN TO THE NEW SOCIO-ECONOMIC RELATIONS


In this article the authors subjected to review and study of the role and place of rural women in contemporary Iranian society, and the mechanisms for their inclusion in all spheres of public life. Rural women are a separate socio - demographic group of society and the different specific socio-psychological characteristics, different role and functions, including all the spheres of social relations.



Key words: the situation of rural women, social adaptation of rural women, socio-economic relations, the spiritual world and the social environment.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРАХ:** ***Фазила Хони*** – преподаватель, Исламская Ресрублики Иран
***Хадича Ризои Коди*** – преподаватель, Исламская Ресрублики Иран

## ФАЛСАФАИ ТАЪРИХИИ ҲОФИЗИ АБРӮ

***Наргиси Резоқулизодаи Оҳангар***
**Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рудакии АИ ҶТ**

Баррасӣ ва мутолеаи осори муаррихони асри темурӣ нишон медиҳад, ки баҳси андешаи сиёсӣ аз ҷумла мавзӯъҳоест, ки каму беш дар бархе аз мутуни таърихии ин давра мушоҳида мешавад. Ҳофизи Абрӯ ҷузъи он даста аз андешмандони аҳди темурист, ки дидгоҳашро дар бораи анвои сиёсат баён кардааст. Ба назар мерасад, бар хилофи гумони бисёре аз муаррихони ҷаҳон, ки низоми подшоҳии ҳоким бар Эрон истибдодӣ буд, ки дар он бо ҳуқуқи мардум ҳеҷ таваҷҷуҳе намешуд, таърихнигории Ҳофизи Абрӯ ҳикоят аз он дорад, ки подшоҳон вазифаи сангине дар қиболи мардум ва ҷомеа бар уҳда доштанд.

Аз он ҷо ки ошноӣ бо зиндагии Ҳофизи Абрӯ таъсири зиёде дар шинохти дертари андешаи сиёсии ӯ дорад, лизо дар оғоз матолиби кӯтоҳ дар бораи зиндагӣ ва осори вай зарурӣ ба назар мерасад.

Ӯ Абдуллоҳ ибни Лутфуллоҳ ибни ар-Рашидӣ ал-Беҳдонӣ ал-Хофӣ маъруф ба Ҳофизи Абрӯ аст.Вай яке аз маъруфтарин ва пуркортарин муаррихони асри Темуриён дар Эрон ба шумор меравад.Бо ин ҳол манобеи давраи мавриди баҳс аз даврони кӯдакӣ ва навҷавонии ӯ иттилооти зиёде дар ихтиёр қарор намедиҳанд. Муаррихон дар бораи маҳалли таваллуд ва алқобу кунияаш ва низ соли даргузашт ва маҳалли дафни вай гузориши мутафовите ироа додаанд [1]. Зоҳиран Ҳофизи Абрӯ дар даврони ҷавонӣ ба хизмати Амир Темур пайваст ва то замони маргаш дар соли 833-834 х.қ /1430-31м дар хизмати Темур ва фарзандаш Шоҳрух буд. Ӯ тибқи фармони Шоҳрух ва писараш Бойсанғурмирзо машғули нигориши китобҳое шуд ва чандин осор аз худ ба ёдгор гузошт. Китоби «Зайли Ҷомеъ-ат-таворих»- ро дар соли 820ҳ.к/1417м тадвин кард, ки шомили ҳаводиси Эрон пас аз марги Ғозонхон то соли 795ҳ.қ 1394м аст [2].

Дар «Зайли Зафарномаи Низомуддин Шомӣ» ӯ футӯҳоти Темурро аз соли 806ҳ.к/1404м то замони маргаш дар шаҳри Утрор дар соли 807ҳ.к/1405м-ро гузориш намуд [3]. «Панҷ рисолаи таърихӣ» дар бораи авзои Эрон дигар осори вай мебошад, ки дар он таҳаввулоти ҳаводиси Эронро пас аз марги Абӯсаиди Элхон баррасӣ кард.Мавзӯи китоб дар бораи вақоеи даврони подшоҳии Туғо Темур, умарои Сарбадорон, амир Арғуншоҳ ва таърихи мулуки кардаст [4]. Китоби «Ҷуғрофиё»-ии худро Ҳофизи Абрӯ дар соли 817ҳ.к/1414м-ро ба нигориш даровард. Дар муқаддимаи ин китоб матолибе дар бораи анвои сиёсат ва фавоиди таърих мавриди баррасӣ қарор гирифт [5]. Муҳимтарин асари ӯ китоби «Маҷмаъ-ат- таворих ас-султония» дар бораи таърихи олам аст, ки ҷилди 4-уми он ба номи «Зубдат-ут-таворих» шуҳрат дорад [6].

Фалсафаи таърихи сиёсии Ҳофизи Абрӯ аз лиҳози амалӣ ва назарӣ қобили баррасӣ аст.Аз ҷиҳати назарӣ вай ба каромати тамомии инсонҳо дар назди Худованд таъкид дорад.Ӯ вуҷуди паёмбаронро бузургтарин неъмате медонад, ки Худованд ба башар арзонӣ кард, то машъали роҳи ҳидояти башарият бошанд. [7]. Ҳамчунин бо баёни оёт ва ривоёт дар ҷо-ҷойи китоби «Зубдат-ут- таворих» таъкид дорад.Зиндагии гузаштагон дарси ибрате аст, ки боиси мавриди таваҷҷуҳи ҷавонон қарор гирад.Ба назар мерасад ӯ қавонини ҳоким бар куллӣ низоми ҳастиро мешиносад ва бар ин бовар аст, ки мавҷудот вуҷуди мустақиле надоранд ва ба василаи як шуури бартар – Худованд ҳидоят мешаванд. Аз ҳамин рӯ, ҳаёти одамиро бо фусули табиат муқоиса мекунанд ва умри башарро ба фасл, сол, моҳ ва айёми

ҳафта ташбеҳ менамояд, ки монанд рӯшноии раъду барқ ва торикии абри сиёҳ бедавом аст. Лизо, агар инсон бар асоси ақли хирадбин ва бо басират ба зиндагии хеш нигоҳ кунад худро мусофире мебинад, ки манзили нахустини ӯ марг ва маскани охираш лаҳад аст. Аз ҳамин рӯ, одамӣ набоистӣ худро мураффаъ ва фориғ аз ҳар чизе бидонад ва ба дунё ва лаззатҳои нафсонии заволпазири он дил бибандад [8].

Ҳамзамон, бояд тазаккур дод, ки рушди системаи муосири таҳсилоти кишвар дар шароити устувор гардидани иқтидори иқтисодии мамлакат, инкишофи илму техника, рушди маърифатнокии илмию техникӣ пеш аз ҳама бояд ба зарурати устувору қавӣ гардонидани муносибати комили хонандагон ба таҳсил, раҳёфти ташаккули маҳорати мустақилонаи зеҳнию тафаккурӣ ва маҳорати баланди омӯзишӣ нигаронида шуда, таҳсилоти босифату замонавӣ, инчунин, тавассути худомӯзию мустақилият дар раванди омӯзиш ва фаъолияти самарабахши хонандагон дар низом ва меъёрҳои баҳогузории нав (бисёрбаллӣ) хеле арзишманд шуморида хоҳанд шуд.

Масъалаи мазкур дар шароити имрӯза хеле муҳим арзёбӣ гардида, дар илми педагогикаи муосир низ аҳамияти махсус касб кардааст. Он дорои хусусиятҳои зерин мебошад:

- аввалан, он ба талабот ҷиҳати ташаккули қобилияти ҷустуҷӯи мустақилона ва ҳифз намудани тамоми донишҳои зарурӣ ва ба рушди ҳаёти иҷтимоии хонанда лозима (талаботи худсозӣ ва боззсозии хеш) нигаронида шудааст;
- дуюм, бо сабаби инкишофи босуръати системаи иттилоотию иртиботии имрӯза ва дастрасии ҳамагон қарор доштани компютерҳои шахсӣ ва шабакаи Интернет, талабот ба ҷорӣ намудани низоми баҳогузории нав ва тавассути он ҳаллу фасл намудани масоили гуногуни назариву амалӣ ба маротиб афзудааст.

Тавре маълум аст, ҳадафи ниҳоии ҳар як системаи педагогӣ ин самара ва натиҷаи фаъолияти таълимӣ аст. Арзёбии дараҷаи тавоноии хонандагон бошад, ҳамчун мушкилот ва талабот дар низоми баҳогузории нав аз барқарор намудани сатҳи фарогирии хонандагон ба раванди донишомӯзии босифат ва арзёбии муваффақонаи раванди таълиму тарбия дар ҳамаи зинаҳои таҳсилоту пешрафти он иборат аст. Табиист, ки ҷараёни таҳсилот дар мавриде самаранок мегардад, ки агар омӯзиш дар ҳамбастагӣ бо таваҷҷӯҳ ба ҳифз намудани мазмуну мӯҳтавои иттилоот сурат бигирад ва дар зери таъсири он фаъолияти дарккунӣ шиддат пайдо кунад, фаъолияти эҷодӣ рушд ёбад, таваҷҷӯҳ ба фаъолияти пажӯҳишӣ мушоҳида карда шавад. Пас, комилан бо боварии том метавон гуфт, ки ҳар қадар методҳои фаъолияти дарккунӣ самаранок, низом ва баҳогузорӣ, воситаҳои баҳодиҳӣ дақиқу дуруст бошанд, ҳамон қадар талабот ба омӯзиш афзун мегардад ва ҳамон қадар пешрафти сифатан баланди таълимии хонандагон таъмин мегардад.

**Мушкилотва хатарҳои чашмдошти низом ва меъёрҳои баҳогузории нав:**

1. Ҷорӣ намудани низоми нави баҳодиҳӣ пеш аз ҳама ниёз ба коркарди ченакҳо барои арзёбии дараҷаи комёбиҳои таълимии пешбинишуда дар шакли баҳогузорӣ, ташкили бонки пешрафти натиҷаҳо оид ба ҳар як фанни таълимӣ ва омода намудани мутахассисоне, ки методологияи таҳияи ин ченакҳоро хуб медонанд, дорад. Ҷараёни коркарди воқеии ченакҳои таълимии стандартӣ ё ғайристандартии баҳодиҳӣ ба комёбиҳои пешбинишудаи таълимӣ ва таҳлили нишондодҳо тибқи ченакҳои озмоишӣ дар мамлакатҳои пешрафта нишон медиҳанд, ки раванди татбиқи ин масъала метавонад чандин солҳоро дар бар гирад.
2. Гузариш ба системаи баҳогузории 10,12,.. балла тағйири системаи тафаккури ҷомеаи омӯзгорон ва хонандагону падару модаронро тақозо менамояд.

3. Мӯҳлат ва муваффақияти ҷорӣ намудани системаи низом ва меъёрҳои нави баҳодиҳӣ ба комёбиҳои воқеии таълимии хонанда, албатта, ба омода намудани теъдоди бузурги кормандони Раёсату шӯъбаҳои маориф, маъмурияту омӯзгорони таълимгоҳҳои кишвар, ки бо мазмун ва мӯҳтаво, методикаи воқеии назорат, идеологияи идора намудани раванди таълим дар шароити гузариши ба низоми нави баҳодиҳӣ шинос нестанд ва ба натиҷаҳои пешбинишудаи ниҳоии он ба таври дилхоҳ мусоидат карда наметавонанд, вобастагӣ дорад. Қисмати дигари омӯзгорон, ки дар амалӣ намудани навгониҳои замони муосир мавқеи фаъол надоранд, ба амалӣ намудани фаврии низом ва меъёрҳои баҳодиҳии 10,12... балла аз ҷиҳати психологӣ омодагӣ надоранд.

4. Зиёд намудани вақт дар шароити амалӣ намудани низоми нав метавонад дар оғоз то андозае ба кам гардидани вақти ба дарс ҷудошуда оварда расонад. Ин масъала бояд дар радифи вусъат бахшидан ба самаранокии раванди таълим бо назардошти истифодаи технологияи таълими босифат, ки ба таъмини пешрафту комёбиҳои таълимии пешбинишуда ва иҷрои талаботи барномаҳои фаннӣ равона гардидааст, ҳаллу фасл гардад.

5. Барои падару модарон низ низом ва меъёрҳои нави баҳодиҳӣ ба пешрафти муваффақонаи таълимии хонанда дар сурати ҷорӣ намудани он душвориҳо дар дарки мазмун ва мӯҳтавои он бунёд месозад, ки маъмурияту омӯзгорони таълимгоҳҳоро лозим меояд, барои бартараф намудани он дар самти омӯзишу ҳифзи нозукиҳои он тадбирҳои зарурӣ андешанд. Теъдоди муайяни волидайн ба гузариш ба низом ва меъёрҳои баҳодиҳии нав аз нигоҳи психологӣ омода нестанд.

## ПЕШНИҲОДОТ

1. Мутобиқ намудани низом ва меъёрҳои баҳодиҳӣ ба комёбиҳои таълимии хонандагони муассисаҳои таълимии кишвар ба талаботи низому меъёрҳои байналмилалӣ зарурати замон маҳсуб ёфта, ҷорӣ намудани он ба манфиати тамоми тарафҳои ба таълиму тарбия фарогир ва ҷомеа арзёбӣ мегардад.

2. Мӯҳлати ҷорӣ намудани низом ва меъёрҳои нави баҳогузорӣ дар муддати якчанд солҳо бо назардошти ташкили курсҳои омӯзишӣ доир ба мазмун ва мӯҳтаво, роҳу усулҳои назорати воқеӣ, идеологияи идора намудани раванди таълим дар шароити гузариш ба низоми нави баҳодиҳӣ барои кормандони Раёсату шӯъбаҳои маориф, маъмурияту омӯзгорони таълимгоҳҳои кишвар муайян намудан қобили дастгирист.

3. Дар интихоби шакл ва намуди низом ва меъёрҳои баҳогузории 10,12,20,..ё 100 балла таҷрибаи аксарияти мамлакатҳои хориҷи дур ва ҳамсоя, ки аллакай дар ин самт аз комёбиҳо ва норасоии онҳо огаҳӣ пайдо кардаанд, истифода намуда, низом ва меъёрҳои баҳогузории 12 –баларо интихоб намудан аз аҳамият холӣ нахоҳад буд. Зеро, аввалан ин низом дар истифода оддӣ ва барои ҳама дастрас мебошад. Дувум ба таъмини муваффақиятҳои таълимию маърифатӣ, шавқу рағбат ба омӯзиш, рушди фикрронии мустақилона, комёб гардидан ба натиҷаҳои баланди таълимӣ, истифодаи шаклу усулҳои гуногуни назорат, ташаккули худназораткунии хонандагон бештар фазои мусоидро фароҳам меорад.

4. Истифодаи низом ва меъёрҳои нави 20,...,100 балла раванди баҳогузориро ба дараҷаи дониш, маҳорат ва малакаи хонандагон мураккаб гардонида, ба омӯзгорон дар муайян намудани мувофиқати онҳо бо баҳоҳои «хуб» ё «миёна» душвориҳо эҷод сохта метавонанд. Илова бар он, барои муайян намудани % , моҳият ва мӯҳтавои балҳои (52,66...ва ғайра) зарурияти истифодаи технологияи информатсионӣ ё донишҳои математикӣ ба миён меорад.

5. Ҷорӣ намудани низоми нави баҳодиҳӣ ва ҳалли он яке аз ҳадафҳои асосии ислоҳоти кунунии мактабу маориф аст, ки дар бисёр кишварҳои ҷаҳон татбиқи худро ёфтааст. Аз ин лиҳоз, дар рафти баёни фикру андешаҳои педагогҳо- муҳаққиқон, омӯзгорону маъмурияти таълимгоҳҳо ба ҷорӣ намудани низом ва меъёрҳои баҳогузории 10 ё 12 балла ҳамчун омили муҳими таъмини инкишофи инфиродии ҳар як хонанда бештар таваҷҷӯҳ зоҳир карда шуд.

## АДАБИЁТ

1. Амонашвили Ш.А. Воспитательная и образовательная функция оценки учения школьников –М.: Педагогика,1984.-297
2. Айнштейн В.Г., Гольцова И.Г. Об адекватности экзаменационных оценок // Высшее образование в России. №3, 2003. -С. 40-42.
3. Каримова И.Х. Теоритическая основа гуманизации гумангитарного образования учащихся таджикских школ.

4. Куклин В.Ж., Мешалкин В.И., Наводнов В.Г., Савельев Б.А. О технологии оценки качества знаний // Высшее образование в России. №3, 2003. -С. 146-153.
5. Рогинский В.М. Азбука педагогического труда (Пособие для начинающего преподавателя технического вуза). - М.: Высш.шк.,
6. Смирнов С.Д. Педагогика и психология высшего образования: От деятельности к личности: Уч. пособие. -М., 2003
7. Хубаев Г.О построении шкалы оценок в системах тестирования // Высшее образование в России. №1, -2004. -С. 122-125.
8. Дониши хонандагонро кӣ муайян мекунад. Аз ин рӯ меъёри ягонаи баҳогузорӣ зарур аст. Мураттиб М.Рустам. Ҳафтавори «Омӯзгор», 8 сентябри соли 2007.-С. 11.
9. Лутфуллоев М.П. Дарс. – Душанбе: Маориф, 1995. – 192 с.
Мухторов З. Проблемы оценивания. Мач. Мактаб ва чомеа, 2003, № 3. – С. 20-23.

**НЕОБХОДИМОСТЬ И ТРУДНОСТИ ПЕРЕХОДА НА НОВОЕ ПОЛОЖЕНИЕ И НОРМЫ ОЦЕНКИ ЗНАНИЯ УЧАЩИХСЯ ПРИ 10,12 ...,100 БАЛЬНОЙ СИСТЕМЫ.**

В статье даётся научное обоснование целесобразности перехода на новое Положение и нормы выставления 12 бальной системы оценки знаний, умений и навыков учащихся в общеобразовательных школах Республики Таджикистан.

**Ключевые слова**: нормы и критерии оценки знаний, реформа образования, учебные достижения, степень усвоения, уровень знаний, развывающее общество, исследовательская деятельность, исследовательская деятельность, творческая направленность.

**NEED AND DIFFICULTIES OF TRANSITION TO NEW SITUATION AND NORM OF AN ASSESSMENT OF KNOWLEDGE OF PUPILS AT 10,12..., 100 BALL SYSTEMS**

The article speaks about the necessity of transition to new regulations and standards for presentation 10.12..., 100 point system of evaluation of knowledge, abilities and skills of the students of General education schools of the Republic of Tajikistan

**Key words:** standards and criteria for estimation of knowledge, education, learning outcomes, the degree of assimilation, the level of knowledge, research activities, research activities, creative orientation.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** *Д. **Имомназаров*** – соискатель Академии образования Таджикистана

# ТАҲСИЛОТ БАРОИ ҲАМА

***С. Холназаров, Ҳ.Ғ. Зарипов***
**Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа ба номи Носири Хусрав**

Халқи мутамаддини тоҷик дар ҳама давру замонҳои таърих ба таҳсилот кӯшида, маънавиёту ахлоқи баландро мепарастанд. Таҳсилот ҷузъи таркибии мероси умумии мост. Боздеҳи мероси комёбиҳои инсоният ба наслҳои оянда тавассути маориф имконпазир аст. Мактабҳо ва дигар таълимгоҳҳо ҳамон муҳит ва ҳамон звеноҳои интиқолӣ мебошанд, ки бо ёрии онҳо арзишҳои ҷамъиятӣ бунёд ёфтаю интиқол дода, робитаҳои дохилӣ дар ҷамъият нигоҳ дошта мешаванд. Ба ҳамин тариқ, таҳсилот дар ҳаёти ҳар як одам ҳам барои ғанӣ гаштани сармояи инсонӣ, ки бо он вай ба бозори меҳнат ворид мегардад ва ҳам барои такомули ӯ чун шахсият, новобаста аз дурнамои иқтисодӣ, басо муҳим аст. Аҳамияти таҳсилот барои ҳар як одам то дараҷае бузург аст, ки дастрасӣ ба маълумоти сифатан баланд дар ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ, аз он ҷумла дар Созишномаи ҳуқуқи кӯдак ба сифати яке аз ҳуқуқҳои инсонӣ пазируфта шудааст.

Дар моддаи 6-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон « Дар бораи маориф» омадааст: « Ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, сарфи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ ва молу мулк, ҳуқуқи таҳсилот кафолат дода мешавад».

Дар шароитҳои давраи гузариш беҳшавии вазъи зиндагӣ дар ҷомеа, эътидол пайдо кардани вазъият дар соҳаи ҳуқуқи инсон, бунёди ҷомеае, ки аз ҷомеаи қаблӣ куллан фарқ кунад, аз бисёр ҷиҳат ба соҳаи маориф вобаста аст. Замони имрӯза ба қобилияти бунёдкорию эҷодии инсон талаботи беамсол пешниҳод карда, дар назди ӯ зарурати ҷиддии ҳамаҷониба вусъат додани потенсиали зеҳнӣ, фарҳангӣ ва ахлоқии ҷомеаро мегузорад.

Дар солҳои аввали истиқлолияти ҷумҳурӣ вазифаи роҳбарияти бахши маориф дар ҳама зинаҳо нигоҳдории комёбиҳои мавҷуда буд. Ин комёбиҳо, аз ҷумла ба дараҷаи баланд фарогирии кӯдакон ба таҳсил, таъмин кардани мактабҳо бо кадрҳои

педагогӣ дар шароити тарки соҳа кардани кадрҳо бо сабаби камии маош ва сари вақт нагирифтани он, нашри китобҳои нави дарсӣ бо дар назардошти рӯйдодҳои нави зиндагӣ, таҳияи қонунҳо ва санадҳои нави қонунгузорӣ, барномаҳои нави таълимӣ бо дар назардошти манфиатҳои миллӣ ва тамоюлҳои асосии муосири ҷаҳонӣ, андешидани тадбирҳо оиди барои ба таъмини эҳтиёҷоти маърифатии кӯдакони оилаҳои камбизоат ва ғайра мебошад.

Соҳаи маориф дар Тоҷикистон ва аз он ҷумла дар вилояти Хатлон, ки дар аввал мушкилоти зиёдтар дошт, нисбати баъзе минтақаҳои дигари ҷумҳурӣ, алҳол бартариятҳои замони Шӯравиро нигоҳ медорад ва ба андозаи муайяне, агар оид ба дастгирӣ ва азнавсозии он тадбирҳои ҷидди саривақтӣ андешида шаваду дастгирии умумимиллӣ ва байналхалқӣ ба амал ояд, ҳанӯз қодир аст қувваи рақобатии худро нигоҳ дорад.

Соли 1999 дар доираи омодагӣ дар Форуми умумиҷаҳонӣ оид ба таҳсилот ( Дакар, Сенегал, апрели соли 2000) бо дастгирии молиявии ЮНЕСКО, ЮНИСЕФ, БИСММ, дар Тоҷикистон Маърӯзаи кишварӣ ( ҳисоботи миллӣ) оид ба «Маълумот барои ҳамаи – баҳодиҳӣ дар соли 2000» таҳия гардид. Дар ин ҳисобот вазъи корҳо дар соҳаи маориф дар даҳ соли охир ( аз соли 1990 то соли 2000) ҳамаҷониба ва хеле амиқ таҳлил гардида, сабабҳои қафомонӣ дар ин самт ва монеаҳои роҳи ислоҳоти маориф асоснок карда, самтҳои асосии ислоҳоти маориф муайян карда шуданд.

Дар ин ҳисобот мақсадҳо, вазифаҳо ва стратегияҳои таҳсилот дар мамлакат нишон додашуда, дар асоси омӯзиш ва ҷамъбасти маводи хазинаи хеле калони ахборотию таҳлилӣ, маълумоти оморӣ, самаранокии тадбирҳои андешидашаванда, рафти иҷрои вазифаҳо ва муваффақшавӣ ба ҳадафҳо дар зарфи 10 сол ҳамаҷониба таҳлил гардид.

Дар вилояти Хатлон оид ба ин масъала аз тарафи ҳокимияти иҷроияи вилоят, идораи маорифи он корҳои назаррасе ба анҷом расонида шуд.

Идораи маорифи вилояти Хатлон бо мақсади пурра ба таълим фаро гирифтани кӯдакони синну соли мактабӣ, дар якҷоягӣ бо ҳукуматҳои маҳаллӣ ва шуъбаҳои маориф, як қатор тадбирҳо, ба монанди корҳои фаҳмондадиҳӣ ва вохӯриҳо бо падару модарон оиди зарурияти таҳсили фарзандонашон, қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ин масъала, бақайдгирии пурраи кӯдакони синни 7-15 сола, ташкили бо мошина кашонидани хонандагон ба мактабҳо, дар қишлоқҳои дурдаст, сохтани мактабҳо ва синфхонаҳои иловагӣ, ба ҳалли ин масъала ҷалб кардани ташкилотҳои байналхалқиву ғайридавлатӣ ва дигарро андешид. Дар натиҷа соли хониши 2004-2005 612769 нафар хонанда ба таҳсил фаро гирифта шуданд, ки нисбат ба сол хониши 1992-1993 218724 нафар хонанда зиёд аст.

Дар вилояти Хатлон омӯзиши масъалаи маълумот барои ҳама бо дастгирии молиявии Ҳукумати ҷумҳурӣ ва ташкилотҳои байналхалқӣ дар ноҳияи Вахш омӯхта шуда, дар ибтидои соли 2003 муаррифии ин тадқиқот дар вилояти Хатлон мусбат арзёбӣ шуд.

Таҳсилот барои ҳама маънии ҳамбастагию қаробати ҳамагониро ба кори маориф дошта, дар қонеъсозии талаботи маърифатии ҳам одамони ҷавон ва калонсолон дар асоси дастгирии барномаҳои мувофиқи таълимӣ ва соҳибият ба малакаҳои ҳаётӣ, маълумоти муттасил дар тӯли тамоми ҳаёти инсон ба сифати консепсияи ҳамаро фарогиранда зуҳур мекунад. Бе пешрафти босуръат ба сӯи маълумот барои ҳама ҳеҷ гуна мақсадҳои кам кардани қашшоқӣ, ки дар сатҳи миллию байналхалқӣ мувофиқа кунонда шудаанд, ба даст намеоянд ва нобаробарии байни мамлакатҳо ва дохили ҷомеа пурзӯр шудан мегирад, қайд шудааст дар ҳуҷҷатҳои Форуми умумиҷаҳонии Дакар.

Дар вилояти Хатлон бо фармони идораи маорифи вилоят комиссияи корӣ аз ҷумлаи кормандони варзида амал мекунад, ки ба таври доимӣ оиди амалӣ намудани барномаи таҳсилот барои ҳама кор мебаранд. Гурӯҳи корӣ таҳлилҳои ташхисиро ба амал бароварда, як силсила тадқиқоти илмию иҷтимоӣ, ташхиси пурраи вазъи заминаи моддию техникии муассисаҳои таълимӣ, ба таҳсил фарогирии кӯдакон дар ноҳияҳо, таъминот бо кадрҳои педагогӣ, аз нав кор кардани маълумотҳои оморӣ ва ғайраҳоро анҷом медиҳанд.

Дар солҳои 1993- 1997 оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар вилоят, вазъи душвори иқтисодӣ, проблемаи ба таҳсил фарогирии кӯдакони сини мактабӣ ва нигоҳдории теъдоди пурра хонандагонро пуршиддат гардонида, боиси сустшавии фаъолияти институтҳои давлатии баҳисобгирандаи кӯдакон, мақомоти идоракунии маориф, системаи назорати сифати маълумот гаштанд. Ҳама дарк менамоянд, ки ҳар хонанда

ҳуқуқи гирифтани маълумоти баландсифати ҷавобгӯи эҳтиёҷоту қобилиятҳоро дорост. Аз тарафи дигар, таъмини зарурӣ бо хароҷоти давлатӣ, моҳияти маълумоти хуб барои дастгирии дигаргуниҳои демократию иҷтимоии мо барои пешрафти иқтисодии мо аз ҳар афрод талаб карда мешавад.

Баъди талошҳои пайвастаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва муваффақшавӣ ба сулҳ ислоҳоти ҳамаи соҳаҳо, аз ҷумла маориф, шурӯъ шуданд.

Яке аз масъалаҳое, ки дар зери назорати сардори давлат қарор дошт ва дар вохурӣ бо фаъолони вилояти Хатлон низ таъкид намуданд, ин масъалаи ба таълим фаро гирифтани кӯдакони сини мактабӣ буд. Аҳолии вилояти Хатлон дар солҳои ҷангӣ ва баъди ҷангӣ ( 1992- 1997) ба тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ, ба Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва дигар кишварҳои Иттиҳоди давлатҳои мустақил рафтанд. Кӯдакони сини мактабӣ, ки ҳамроҳи волидони худ тарки макони зист ва мактаби худ намуда буданд, баробари ба эътидол омадани вазъият, ба ҷойи зисти худ бармегаштанд. Дар чунин шароит дар назди кормандони маориф ва ҳукуматҳои шаҳру ноҳияҳо бисёр масъалаҳои муҳим меистоданд. Якум, ба мактаб баргардонида ба таълим фаро гирифтани кӯдакон.

Дуюм ин ки идори маорифи вилоят, шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо, ҳукуматҳои маҳаллӣ дар миёни падару модарон ва хонандагон корҳои зиёди фаҳмондадиҳӣ бурда, барои ба мактаб баргардонидани гурезагон корҳои зиёдеро анҷом дода, шароити лозимӣ фароҳам оварданд ва амсоли инҳо.

Ҳамаи корҳои ба анҷом расонидашуда, натиҷаҳои хуб медоданд. Масалан, агар дар мактабҳои вилояти Хатлон соли хониши 1992- 1993 394,1 ҳазор хонанда ба таҳсил фаро гирифта шуда бошад, дар соли хониши 1995-1996 ба 455,6 ҳазор ва дар соли хониши 1998-1999 ба 516,2 ҳазор расид ва соли хониши 2003-2004 ба 606,5 ҳазор нафар хонандаро ташкил мекард.

Бо вуҷуди муваффақиятҳо, дар масъалаи ба таълими ҳатмии 9 сола фаро гирифтани кӯдакони синни 7-15 сола ҳоло ҳам проблемаи ҳалношуда мавҷуданд. Масалан соли 2004-2005 дар вилоят 484 нафар кӯдакони синни 7-15 сола аз мактаб дур монданд. Аз ин ҷумла 48 нафар аз ноҳияи Восеъ, 125 нафар Ховалинг, 98 нафар Балҷувон, 48 нафар Хуросон, 19 нафар шаҳри Норак, 16 нафар Колхозобод ( ҳоло Ҷалолиддини Румӣ), 21 нафар Вахш, 10 нафар аз ноҳияҳои Темурмалик ва Муъминобод, 17 нафар аз ноҳияҳои Ҳамадонӣ, 11 нафар аз Фархор ва дигарон аз мактаб берун мондаанд. Хонандагони аз мактаб дурмонда асосан тамомкунандагони мактабҳои ибтидоии дурдаст буданд. Аз сабаби дар наздикӣ мавҷуд набудани мактабҳои асосиву миёна ва дигар масъалаҳои иҷтимоӣ онҳо таҳсилро давом дода натавонистанд. Албатта, ҳам ҳукуматҳои маҳаллӣ, кормандони соҳаҳои маориф ба хотири ба мактаб ҷалб намудани онҳо кори ҳамарӯза мебаранд, вале то даме ки ин масъала ҳалли худро пурра наёбад, мо осуда бояд набошем.

Яке аз проблемаҳои дигаре, ки ба проблемаи аз мактаб берун мондан иртибот дорад, ин проблемаҳои кӯдаконе, ки ба мактаб намераванд мебошад. Зери ин мафҳум мо кӯдаконеро мефаҳмем, ки на танҳо тамоман ба мактаб нарафтаанд, балки онҳое низ дохил мешаванд, ки то 50% ва беш аз ин ба дарсҳо иштирок накарданд.

Мувофиқи омӯзишу тадқиқот дар мактабҳои ибтидоии ҷумҳурӣ ( аз он ҷумла вилояти Хатлон) дар солҳои 2000 натиҷаҳои зеринро нишон дод: аксарияти оилаҳое, ки кӯдаконашон ба мактаб намераванд, пурраанд, яъне дар онҳо ҳам падар ҳаст ҳам модар; синну соли падару модарон асосан 31-50 аст; қисми зиёди волидон маълумоти миёнаи умумӣ доранд, дараҷаи маълумотнокии падарон нисбат ба модарон баландтар аст; қариб 95 % оилаҳо то се писар ва се духтари синну соли мактабӣ доранд; бисёри падару модарон ба ояндаи фарзанди худ бовар надоранд.

Омӯзиши пурсишномаҳои падару модарон нишон дод, ки оилаҳое, ки кӯдаконашон ба мактаб намераванд, асосан камбағаланд ( 60,1%) ва хеле камбағаланд ( 9,3%).Танҳо 30,8% падару модарон ба саволҳои пурсишномаҳо посух дода, изҳор карданд, ки оилаҳои онҳо ба андозаи миёнаи имконияти моддӣ доранд.

Пас аз таҳлилҳои гузаронидашуда, ба чунин хулоса омадем, ки оила ҳар қадар кӯдаки зиёд дошта бошад, ҳамон қадар аз хурдсолии кӯдак проблемаи ба мактаб нарафтани вай пайдо мешавад. Синну соли кӯдакони ба мактаб нараванда асосан 11-14 аст. Қисмати камтари бачаҳо ба мактабҳои ибтидоӣ ва миёна намераванд.

Бисёр бачаҳо бо сабабҳои узрнок ба дарсҳо намераванд, вале чунин ҳолатҳо низ бисёранд, ки дар дарсҳо иштирок накардани кӯдакон ба хоҳиши онҳо вобаста аст. Ин пеш аз ҳама, ба ташкили раванди таълим аз худи мактаб ва фароҳам овардани шароити зарурӣ барои кӯдакон, инчунин баланд бардоштани ҳисси

масъулиятшиносии падару модарон ва шахсоне, ки онҳоро иваз мекунанд, вобаста мебошад. Чунин вазъият дигаргунсозии фаъолияти мактаб, ҳамчунин тағйир додани муносибат ба кӯдаконро тақозо дорад.

Маълумоти пурсишномаҳои хонандагон нишон медиҳад, ки қисми муайяни хонандагон дар вақтҳои фориғ аз дарсҳо ё ба ҷойи дарсҳо ба корҳои падару модарон ёрӣ мерасонанд, бо варзиш машғул мешаванд, баъзан пул кор мекунанд. Аммо қариб нисфи кӯдакон, мувофиқи маълумоти пурсишномаҳои падару модарон, баъди машғулиятҳои мактабӣ ё ҷойи машғулиятҳо дар мактаб ба ҳоли худ гузошта шуда, ба фаъолияти барои онҳо муфид фаро гирифта нашудаанд.Омилҳои асосие, ки сабабгори ба мактаб нарафтани кӯдакон мебошанд, инҳоянд: шароит дар худи мактаб;масофаи аз хона ба мактаб ва аз мактаб ба хона; муносибатҳои ташаккулёфтаи хонандагон бо ҳамсолони худ ва баъзе муаллимон; муносибати падару модарон ба таҳсилоти фарзандонашон, камбизоатӣ ва ғайраҳо. Дар вилояти Хатлон корҳои зиёде анҷом дода шудаанд, ки натиҷаҳои хуб додаанд.

Махсусан, бо ташаббуси Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон имзо шудани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2005 № 585 « Дар бораи пардохти кӯмакпулиҳо (ҷубронпулиҳо) ба оилаҳои камбизоате, ки кӯдаконашон дар мактабҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил менамоянд» барои ҳалли ин масъала кӯмаки калон расонида истодааст. Мувофиқи ин қарор дар вилоят соли 2002, 104195 нафар кӯдакони 6-15 солаи оилаҳои камбизоат, ба маблағи 2055680 сомонӣ, соли 2003 106453 нафар ба маблағи 2554872 сомонӣ, соли 2004 111404 ба маблағи 2673708 сомонӣ кӯмакпулӣ гирифтанд ва додани кӯмакпулиҳо ҳоло низ давом дорад.

Ҳукумати вилоят, идораи маорифи вилоят ҳамкориро бо ташкилотҳои байналхалқӣ ба монанди Наҷоти кӯдакони ШМА, АКТЕД, барномаи озуқаворӣи ҷаҳонӣ ( БОҶ) дар солҳои 1995-2004 вусъат дода ва кӯдакони синфҳои 1-1У бо хӯроки яквақтӣ таъмин карда мешуданд. Дар соли 2005 бошад, ба воситаи Барномаи озуқаворӣи ҷаҳонӣ кӯдакони мактабҳои ноҳияҳои Панҷ, Қумсангир, Бохтар, Хуросон, Ёвон, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Муъминобод, Темурмалик, Ҳамадонӣ, Вахш, Восеъ ва шаҳри Кӯлоб хӯроки яквақта дода мешуд. Албатта, ин корҳо ва дигар омилҳое, ки аз тарафи Ҳукумати ҷумҳурӣ, вилоят, шаҳру ноҳияҳо, ҳамарӯза андешида мешавад, барои ҳалли масъалаи кӯдаконе, ки ба мактаб намераванд, таъсири мусбат мерасонанд.

Омӯзишҳои идораи маорифи вилоят, шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо, ташкилотҳои байналхалқӣ (Наҷоти кӯдакон ШМА, БОҶ ва дигарон) нишон медиҳад, ки масъалаи ба таълим фарогирии хонандагон солҳои охир хуб шуда, сатҳи давомоти хонандагон ба 97,5 – 98,5 % расидааст.Аз гуфтаҳои боло ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки дар ҳалли пурраи ин масъала кори якҷояи ҳукуматҳо, идораҳои маорифи онҳо, корхонаю ташкилотҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ, падару модарон, ҷомеа, мактабу муаллимон зарур аст.

Дар мактабҳо бояд ҳаррӯза сабаби қафомонӣ ва иштирок накардан ба дарсҳо таҳлил шуда, сабабаш муайян карда шавад. Китоби ҳаракати хонандагон, ташкил карда шуда, ба таври мунтазам қайд гардад. Бо шахсоне, ки сабабгори ба мактаб наомадан ва мактабро тарк кардани кӯдакон мегарданд, дар асоси қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мубоизаи шадид бурдан лозим аст.

**ОБРАЗОВАНИЕ ДЛЯ ВСЕХ**

В статье отмечается, что Таджикистан после приобретения независимости приступил к активному проведению реформы в области образования. На конкретных примерах показывают, как в Хатлонской области повсеместно решается вопрос всеобуча и детей, не посещающих школу.

**Ключевые слова:** образование, реформа, качество учебы, воспитательная работа, всеобуч, дети не посещающие школу.

**EDUCATION FOR ALL**

In this article the author touches that Tajikistan is paying great attention to active reforming of the education system after its independent. In concrete examples are the problem of all educating and the children who do not attend the classes.

**Key words:** education, reform, the quality of educating, all educating, the children who do not attend, the classes.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Холназаров С.*** –доцент КТГУ им..Носира Хусрава
***Зарипов Х. Г.-*** соискатель КТГУ им.Носира Хусрава

# ТАЪРИХЧАИ ОМӮЗИШ ВА ПАРВАРИШИ НАВИН ДАР ЭРОН

*Козими Растагор*
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Баррасии таҳаввулоти омӯзиш ва парвариш дар Эрон аз ҳазораи пешин то асри кунунӣ, бозгӯкунандаи ин воқеият аст, ки ниҳоди омӯзиш ва парвариш дар Эрони бостон, ба вижа, дар давраи Ҳахоманишиён ва Сосониён мутаассир аз ду омил: ҳукумат ва хостгоҳи иҷтимоии иқтидорталабони ҷомеа будааст. Дар ин даврон омӯзиш ва парвариш моҳияте муҳофизакорона ва хислате табақотӣ дошта ва наҳваи тарбияту таълими хусусӣ ва хонаводагӣ дар миёни табақоти мураффаҳ ва ашрофӣ маъмул будааст. Аммо созмони расмӣ барои идораи умури омӯзиш ва парвариши омма вуҷуд надоштааст. Нигоҳе таҳлилӣ ба вазъияти омӯзиш ва парвариш аз судури Ислом то қарни чаҳоруми ҳиҷрӣ низ ҳикоят аз он дорад, ки дар Эрон ҳамонанди соири мамолики ҷаҳон тайи ин давра нахустин ниҳодҳои омӯзиши умумӣ дар ҷавори масоҷид доир будааст ва ҳадафи аслӣ аз таълиму тарбият дар ин давра иҷтимоӣ кардан ва созгор намудани ӯ бо ҷомеа ва интиқоли мероси фарҳангии ҷомеаи маҳаллӣ будааст. Даврони омӯзиш дар макотиб ва мадориси он рӯзгор бастагӣ ба вазъи молии хонавода ва мизони маълумоти муаллим ва истеъдод ва тавоноии кӯдакон доштааст. Бад- ин соз, таъмими амри омӯзиш барои ҳама фарзандони Эронзамин муяссар набудааст.

Тайи қуруни панҷум, шашум ва авоили қарни ҳафтуми ҳиҷрӣ, яъне дар даврони қабл ва баъд аз истилои муғул то зуҳури Сафавия, алорағми кӯшишҳои давлатмардони бокифояте чун Низомулмулк, Хоҷа Насириддини Тӯсӣ ва эҳтимоми донишмандон ва удабои пуровозае чун Саъдӣ ва соири донишвароне, ки дар садади ислоҳи умури фарҳангӣ баромаданд ва дар сохтани мадорис, масоҷид, китобхона, марокизи илмӣ ва фарҳангӣ ва ироаи дидгоҳҳои ҷадиди тарбиятӣ иқдомоти нахустине кардаанд. Ба сабаби вусъати харобиҳо ва тахриби мадорис ва марокизи илмӣ ва кӯчондан ё аз байн бурдани устодон ва арбобони илму адаб ва саранҷом, гусехтагии иртибот байни марокизи омӯзишӣ ва фарҳангӣ дар аҳди муғул ва Темур, имкони барқарорӣ ва тавсиаи конунҳои омӯзишии мавриди ниёзи омма муяссар нашуд. Илова бар он, дар ин аср тадобире иттихоз нашуд, то дар барномаҳои таҳсилии мадорис, улуми маъқуле чун пизишкӣ, ахтаршиносӣ ва улуми табиӣ дар канори улуми қадима монанди фиқҳ, таърих ва маониву баён ироа шавад. Дар мадорис озодии баҳс дар заминаи масоили илмӣ ва динӣ вуҷуд надошт, изҳори ақида матрук шуд ва пазируфтани ақвол ва ақоиди донишмандон ва қудамо аз рӯйи тааббуд ҷузъи фароиз гардид. Бад- ин сон, қувваи ибтикор ва истидлол ва мантиқ дар маҷолиси дарс аз равнақ уфтод.

Дар даврони Сафавия фароянди таълиму тарбият таҳтушшуои марому ақоиди мазҳабӣ, ки дар он аср нирӯмандтарин омили ваҳдат ва ва ягонагии фарҳанг буд, қарор гирифт. Ҳадафи таълиму тарбият он буд, ки фард ба гунае шавад, то тӯшаи охират баргирад ва ба бахшудагиву ризояти хотири Ҳақтаоло расад. Ба сухани дигар, дар ин аср талоши мураббиён бар ин асл устувор буд, ки инсонро нигарони фардои охирати хеш гардонанд, то камтар ба масоили инҷаҳонӣ маътуф гардад. Равобити муаллим ва мутааллим таҳти ин нигариши тарбиятӣ бар итоат ва табаияти мутлақ устувор буда ва дар фароянди ёдгирӣ ба таври муболиғаомезе бар ҳифзи нақли дақиқи қавли устод таъкид мешудааст. Гурӯҳи қалиле аз кӯдакон 7 то 12 сол метавонистанд дар мактабхонаҳо дарс бихонанд. Сипас, дар сурати алоқа ба идомаи таҳсил бояд раҳсипори мадорисе мешуданд, ки таҳсилот дар сутӯҳи болотарро ироа медоданд. Ин кор, маъмулан, мусталзами тарки хонаву хонавода буд, ки барои аксари фарзандони табақаи мутавассити ҷомеа мумкин набуд. Албатта, дар ин давра, ҳамон гуна ки гуфта шуд, таваҷҷӯҳ ба тавсиаи ҳунарҳои зебо ва корҳои ҳунарӣ монанди: қолинбофӣ, зардӯзӣ, кошикорӣ, меъморӣ, саноеи рӯйи чӯб ва филиз, тазҳибу хаттотӣ бештар аз гузашта буд, аммо омӯзиши онҳо аз тариқи низоми устод ва шогирдӣ мутадовил буд ва мадориси фаннӣ ва ҳирфаӣ, ки ба омӯзиши расмии чунин маҳоратҳое бипардозанд, вуҷуд надошт.

Дар даврони салтанати Нодиршоҳи Афшор, Каримхони Занд ва Фатҳалишоҳи Қоҷор ба воситаи ангезаи кишваркушоӣ ва лашкаркашии Нодир ва низ ошуфтагии авзои иҷтимоӣ ва сиёсии баъд аз ӯ ба фарҳанг ва таълиму тарбияти омма таваҷҷуҳи хосе нашуд ва раванди фаъолиятҳои омӯзиш ва парвариш ҳамонанди давраҳои қабл

дучори рукуд гардид. Ҳамчунин, дар муҳтавои барномаҳои омӯзиши мадорис ва ҳавзаҳои илмия тағйироти умдае сурат нагирифт. Тайи ин давраи садубистсола ба сабаби иғтишошоти дохилӣ ва ҷангҳои пайдарпай бо қуввои Рус ва Усмонӣ, суботи иҷтимоӣ ва сиёсӣ, ки лозимаи фаъолиятҳои илмии аҳли фазлу дониш буд, ҳукмфармо нашуд. Гарчи барои омӯзиш ва парвариши хурдсолон мадорис ва мактабхонаҳое доир шуд ва аз онҳо ба унвони пойгоҳе барои саводомӯзӣ баҳра гирифта мешуд, ҳамонанди давраҳои қабл аз таъмими омӯзиш ва парвариш барои умум ҷойгоҳи шинохташудае надошт. Гӯё ин нигариш ва мантиқ, ки пешрафти мамлакат, беҳбуди авзои мардум ва барқарории субот дар кишвар бастагӣ ба тарбияти умуми миллат дорад, мавриди таваҷҷуҳ ва алоқаи зимомдорони он рӯзгор набуд. Дар замони Аббос Мирзо ва Муҳаммадшоҳ дар натиҷаи тамосҳои мукаррари давлати Эрон бо дували хориҷӣ, аз ҷумла Фаронса, вуруди ҳайатҳои эъзомии фаронсавӣ ба Эрон, таваҷҷуҳи мардум ба футӯҳоти Нополиен дар Урупо, даъват аз хубрагон ва муҳандисони низомӣ ва мутахассисон барои бозсозии артиши Эрон ва саранҷом, эъзоми чанд гурӯҳ аз шогирдон ҷиҳати идомаи таҳсил ба мамолики аврупоӣ мӯҷиб шуд, ки эрониёни ислоҳталаб аз тараққиёти азими аврупоиён ва имконот ва конунҳои омӯзишӣ ва донишгоҳии онон огоҳӣ ёбанд. Ин огоҳиҳо ба тадриҷ мӯҷиботи ташвиқ ва тарғиби он гурӯҳ аз давлатмардонеро фароҳам кард, ки ба шиддат ба тавсиаи фарҳанг, улум ва саноеи ҷадид барои истиқлоли кишвар эътиқод доштанд. Иқдом дар ҷиҳати барқарории равобити фарҳангӣ бо мамолики Фаронса ва Итриш, доир шудани мадорис ва муассисоти ҷадиди омӯзишӣ ва омӯзишгоҳҳои забони хориҷа, тарҷима ва интишори китобҳои мухталиф, ба вижа, дар даврони салтанати Фатҳалишоҳро метавон натиҷа ва ҳосили чунин огоҳиҳое баршумурд.

Бо таъсиси мадрасаи дорулфунун дар 1268 қамарӣ, яъне 13 рӯз пеш аз қатли Амири Кабир, ки бонӣ ва тарроҳи он буд, гоми муассир дар тавсиаи омӯзиш ва парвариши навин бардошта шуд. Бояд изъон намуд, ки тайи таърихи куҳани омӯзиш ва парвариши кишвармон, ин нахустин бор буд, ки давлати марказӣ иқдом ба таъсиси чунин мадрасае дар сатҳи мутавассита ва олӣ намуд ва тамоми ҳазинаҳои таъсис нигаҳдорӣ ва умури онро ба уҳда гирифт. Ҳамчунин аз он замон ба баъд давлати марказии Эрон масъулона дар тавсиаи таълиму тарбияти кишвар эҳтимом варзид.

Низоми расмии омӯзиш ва парвариши Эрон бо таъсиси дорулфунун оғоз шуд. Дар тӯли таърих нахустин бор давлат ба таври расмӣ идораи мадрасаро бар ӯҳда гирифт. Ба ҳамин далел, таърихи кушоиши дорулфунун мабдаи таҳаввули ҷадид дар омӯзиш ва парвариши Эрон маҳсуб мешавад.

Бо оғози ҳукумати машрута ва ташкили Қувваи муқаннана(дар соли 1285 шамсӣ/ 1906 милодӣ), таъсиси мадориси давлатӣ ва миллӣ дар ҳавзаи вазоифи давлат қарор гирифт ва қонуни таҳсили иҷборӣ барқарор гардид. Ҳамчунин, бо тасвиби маҷмӯае аз қавонин бар омӯзиши умумӣ дар шаҳр ва русто таъкид шуд. Аз он замон ба баъд тавсиаи омӯзиш ва парвариш бар асоси мавозини қонунӣ устувор гардид, мароҳили гуногунеро бад- ин тартиб гузаронд:

Дар 1290 шамсӣ Қонуни асосии маориф дар Маҷлиси дуввум ба тасвиб расид. Қонуни мазкур, ки аз ҷомеътарин қавонини омӯзиш ва парвариши кишвар дар давраи машрутият ба шумор меравад, муштамил бар 28 модда буд. Назар ба ин ки ин қонун дар таъмими омӯзиш ва парвариш ва тавсиаи мадориси он замон нақши умдае доштааст, ба бархе аз маводи он мепардозем:

**Моддаи 1**. Мактаб ва мадраса ба муассисоте итлоқ мешавад, ки ба манзури тарбияти илмӣ, ахлоқӣ ва бадании кӯдакон ва навҷавонон доир мегардад.

**Моддаи 2**. Ироаи барномаи мадорис ва макотибро дар ҳавзаи масъулияти Вазорати маориф таъйин кардааст.

**Моддаи 3**. Омӯзиши ибтидоиро барои умуми эрониён иҷборӣ эълом намудааст.

**Моддаи 5**. Бар ин нукта таъкид дорад, ки авлиё мукаллафанд фарзандони худро аз ҳафтсолагӣ ба таҳсили ибтидоӣ водоранд, аам аз ин ки дар хона бошанд ё дар мадраса.

**Моддаи 8**. Макотибро ба ду гурӯҳ: расмӣ ва ғайрирасмӣ тақсим мекунанд. Расмӣ ба он мадорисе итлоқ мешавад, ки давлат доир кардааст ва ғайрирасмӣ он аст, ки бонии махсусе дошта бошад.

**Моддаи 18**. Вазорати маорифро муваззаф кардааст, ки дараҷаи маротиби таҳсилиро муайян намуда, барои ҳар кадом аз тариқи имтиҳонотӣ гувоҳинома содир кунад, зеро хидмат дар умури давлатӣ манут ба доштани он гувоҳинома хоҳад буд.

**Моддаи 20**. Таъкид бар он дорад, ки дар шаҳрҳо ва қасабот бар ҳасби иддаи нуфус ва ҳоҷати аҳолӣ ва кифояти молияи маҳал як ё чанд мадрасаи ибтидоӣ ва мутавассита доир шавад.

**Моддаи 21**. Муқаррар кардааст, ки дар Теҳрон ва марокизи умда мадориси олӣ доир шавад.

**Моддаи 24**. Махориҷи мадориси ғайримаҷонии давлатиро аз маҳалли ҳаққуттаълимӣ таъмин кардааст, ки аз шогирдон ахз мешавад ва чунончи каср дошта бошад, бар ӯҳдаи давлат аст.

**Моддаи 28**. Муҷозоти баданӣ дар макотиб ва мадорисро мамнӯъ эълом кардааст.

Дар 1300 шамсӣ Қонуни Шӯрои олии фарҳанг ба тасвиби Маҷлис расид ва ӯҳдадори танзими умури мадорис, аз қабили барномарезии омӯзишӣ, баргузории имтиҳонот ва судури гувоҳиномаи таҳсилӣ гардид. Аз ин таърих идораи кулли созмонҳои фарҳангӣ ва танзими барномаҳои таҳсилӣ ба Вазорати фарҳанг ва Шӯрои олии фарҳанг вогузор шуд.

Дар 1307 шамсӣ Қонуни эъзоми донишҷӯ ба хориҷ аз кишвар тасвиб шуд ва ба мӯҷиби он муқаррар гардид ба муддати 6 сол ва ҳар сол яксад донишҷӯ ба фаро гирифтани фунун ва улуми ҷадид дар риштаҳои таҳсилии улуми табиӣ, муҳандисӣ, риёзӣ, пизишкӣ бипардозанд. Барои ин амр муқаррар шуд омӯзиш ва парвариш аз миёни фориғуттаҳсилони мумтози давраи мутавассита гузиниш кунад. Бо тасвиби ин қонун гоми бисёр муҳимме дар ҷиҳати тарбияти коршинос ва нирӯи инсонӣ донишомӯхта ба манзури рафъи ниёзмандии фаннӣ, илмӣ, фарҳангии кишвар бардошта шуд.

Дар исфанди 1312 шамсӣ Қонуни тарбияти муаллим ба тасвиб расид ва ба мӯҷиби он 25 донишсарои муқаддамотӣ барои тарбияти муаллимони давраи ибтидоӣ дар саросари кишвар доир гардид. Дар иҷрои ин қонун давлат ба таври расмӣ ӯҳдадори тарбият ва муҳайёсозии муаллимон шуд. Илова бар он, бо иноят ба Қонуни асосии фарҳанг, ки таъкид дошт муаллимон бояд дар фанни худ тасдиқе расмӣ аз Вазорати фарҳанг(маорифи собиқ) дошта бошанд, муқаррар шуд донишсарои олии Теҳрон иқдом ба тарбият ва омодасозии дабирони мадориси мутавассит кунад. Дар қонуни мазкур ба равиши истихдоми омӯзгор ва дабир ва маротиби хидмат ва наҳваи ирқоъ ва бознишастагии онон ишора ва аз муаллимон ба унвони хидматгузорони расмии мамлакат ёд шудааст.

Дар 1313 шамсӣ Қонуни таъсиси донишгоҳ ба тасвиб расид. Ба мӯҷиби моддаи дуввуми ин қонун, ҳар як аз марокизи омӯзиширо, ки баъдҳо донишкада номиданд, маҷмӯи онҳо донишгоҳ номида шуд.

Дар 1322 шамсӣ Қонуни омӯзиши иҷборӣ ба тасвиби Маҷлиси Шӯрои Миллии вақт расид ва ба мӯҷиби он муқаррар шуд тайи ду сол дар тамоми кишвар омӯзиши ибтидоӣ ба сурати иҷборӣ ва ҳамагонӣ ба иҷро дарояд.

Дар 1328 шамсӣ барномаи чаҳорсолаи ибтидоӣ ба тасвиби Шӯрои олии фарҳанг расид. Ба мӯҷиби он давраи ибтидоӣ дар рустоҳо чаҳор сол ва дар шаҳрҳо шаш сол таъйин гардид.

Дар 1330 шамсӣ давраи омӯзиши ибтидоӣ дар рустоҳо ва шаҳрҳо ба муддати шаш сол ва синни вуруд ба он ҳам шаш соли тамом таъйин шуд.

Дар 1327 шамсӣ нахустин барномаи умрони(барномаи ҳафтсола)- и Эрон бо эътибори болиғ бар 21 миллиярд риёл ба марҳалаи иҷро даромад, аммо тайи он фақат ба ҷанбаҳои маҳдуде аз тавсиаи омӯзишҳои фаннӣ ва ҳирфаӣ таваҷҷуҳ шуд.

Дар солҳои 1327- 1334 шамсӣ дар куллияи барномаҳои мадориси ибтидоӣ ва мутавассита таҷдиди назар шуд. Дар барномаи ислоҳӣ манзур аз иҷрои барномаи таҳсилоти шашсолаи ибтидоӣ чунин эълом шуд: парвариши кӯдакон бояд ба наҳве бошад, ки сабаби тақвияти ҷисмӣ ва касби ахлоқи писандида ва одоти нек, қазовати саҳеҳ ва назму тартиб дар фикру баёни онон шавад. Низ омӯхтани муқаддамот ва матолибе, ки барои ояндаи донишомӯзон зарурӣ аст, бояд ба наҳве гузида шаванд, ки ҳам эҳтиёҷоти аввалияи зиндагии донишомӯзонро рафъ кунад ва ҳам дар тарбияти қуввои рӯҳии онон муассир бошад. Тайи солҳои мазкур барномаҳои омӯзишии мутавасситаи назарӣ таҳти унвони «Омӯзиши мутавасситаи умумӣ» низ мавриди таҷдиди назар қарор гирифт. Ҳадаф аз ин гуна таҳсилот омӯхтани як риштаи маълумот ва иттилооти умумӣ ё маҳоратҳое буд, ки ба наҳве пас аз хотимаи он барои ҷавонон ба кор ояд.

Дар 1336 шамсӣ ба омӯзиши ҳирфаӣ ва фаннӣ ба таври хос ва ба тадриҷ ба барномарезии омӯзишӣ таваҷҷуҳ шуд. Барномарезии омӯзишӣ то он замон моҳияте ҷомеъ надошт ва фаъолиятҳои омӯзишии камтаре бо таваҷҷӯҳ ба иртиботи байни

аҷзоъ ва анвои он ва хориҷ аз қавоиди як барнома, ба хусус, дар қолиби барномаҳои дарозмуддат сурат мегирад. Саранҷом, мутаассир аз таҳаввулоти ҷаҳонӣ, таҳияи барномаҳои дарозмуддати тавсиаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва дар қолиби он барномарезии омӯзишӣ аз марҳалаи як эҳсоси ниёз берун омад ва ба сурати як зарурат даромад.

Дар 1339 шамсӣ ба мӯҷиби Қонуни истихдоми муаллимони фаннӣ ба давлат иҷоза дода шуд, ки фориғуттаҳсилони донишсароҳои кишоварзӣ ва ҳунаристонҳоро бо пояи омӯзгорӣ ва муҳандисони кишоварзӣ ва саноеъро бо пояи дабирӣ истихдом кунад ва ба манзури ҷазби нирӯҳои донишомӯхта мазоёи хосе барои онон дар назар гирад.

Дар 1341 шамсӣ идораи кулли омӯзиши ибтидоӣ ва маркази таҳқиқоти тарбиятии Вазорати омӯзиш ва парвариш тарҳи дарозмуддати омӯзиширо таҳти унвони «Тарҳи пешниҳодии 20- сола барои омӯзиши ибтидоии ҳамагонӣ ва иҷборӣ дар Эрон» омода ва ба конфронси Банкок ироа кард. Вазорати омӯзиш ва парвариш нисбат ба иҷрои он мутааҳҳид гардид, то иқдомоти муқаддамотиро ба амал оварад.

Дар 1341 ба манзури таъмини муаллимони мадориси давраи ибтидоӣ, ба вижа дар манотиқи рустоӣ, муқаррар шуд, ки давлат ҳар сол иддае аз масъулони диплумаи Қонуни вазифаро маъмури омӯзиш дар рустоҳо кунад. Ин тарҳ, ки ба «тарҳи сипоҳи дониш» маъруф шуд, гарчи дар тавсиаи камии омӯзиш ва парвариш, ба вижа дар сатҳи ибтидоӣ ва он ҳам дар манотиқи маҳрум ва рустоӣ, нисбатан муассир шуд. Ба иллати теъдод ва парокандагии рустоҳо, густурдагии бесаводӣ ва набуди имконоти мутаорифи зиндагӣ барои муаллимони ҷавон дар ин манотиқ ва саранҷом, беадолатӣ дар масрафи буҷаи омӯзиш ва парвариши ибтидоӣ, монеъ аз он шуд, ки фарзандони қишри маҳруми ҷомеа, ба хусус рустоиён, ки табақаи муваллиди кишвар дар он замон буданд, ба васоили мавриди ниёзи таҳсил даст ёбанд.

Дар 1345 шамсӣ бо ташкили Шӯрои ҳамоҳангии омӯзишҳои фаннӣ ва ҳирфаӣ, муташаккил аз намояндагони Вазорати омӯзиш ва парвариш, Вазорати кор ва умури иҷтимоӣ, Созмони хадамоти иҷтимоӣ ва Ширкати миллии нафт, нисбат ба тавсиаи ҳунаристонҳо ва омӯзишгоҳҳои ҳирфаӣ иқдомоти ҷиддӣ ба амал омад. Масалан, дар 1339 Маркази тарбияти муаллими фанниии писаронро фаронсавиён ташкил карданд. Дар 1340 Маркази тарбияти муаллими ҳирфаии духтарон дар Теҳрон доир шуд ва дар 1341 Донишсарои олии санъатии Нормаки Теҳрон барои тарбияти дабирони дуруси фаннии ҳунаристонҳо оғоз ба кор кард.

Дар оғози 1343 ва баҳмани 1346 ба мӯҷиби ду қонуни тафкики вазоратхонаҳо Вазорати фарҳанг ба се вазоратхона тақсим шуд: 1) Вазорати омӯзиш ва парвариш ӯҳдадори омӯзиши умумӣ шуд; 2) Вазорати улум ва омӯзиши олӣ, ӯҳдадори омӯзиши олӣ ва таҳқиқоти илмӣ гардид; 2) Вазорати фарҳанг ва ҳунар, ӯҳдадори ҳифз ва тавсиаи мероси фарҳангӣ(ҳунарҳои зебо, бостоншиносӣ, осори таърихӣ ва миллӣ, китобхонаҳо ва мӯзаҳо) шуд. Ҳамчунин умури марбут ба авқоф ва тарбияти баданӣ ба созмони вобаста ба нахуствазирӣ вогузор шуд. Тарҳи ҷадиди омӯзиш ва парвариш тадвин шуд ва ин тарҳ пас аз тасвиб дар Шӯрои олии омӯзиш ва парвариш ба марҳалаи иҷро даромад.

Дар 1345 шамсӣ Қонуни ташкили Шӯрои олии омӯзиш ва парвариш муштамил бар 9 мода ва 5 табсира аз тасвиби Қувваи муқаннана гузашт ва пас аз фароҳам шудани оинномa ва муқаддамоти иҷроии он дар 1347 оғоз ба кор намуд ва муқаррар шуд, то мусаввaботи Шӯрои олии фарҳанг(ки ба мӯҷиби қонун исфанди 1300 таъсис шуд ва то 1346 доир буд) ва то замоне ки Шӯрои олии омӯзиш ва парвариш онро тағйир надодааст, ба қуввати худ бошад. Муҳимтарин вазоифи ин шӯро тасвиби барномаҳои мадорис дар қаламрави Вазорати омӯзиш ва парвариш буд.

Дар 1348 шамсӣ Қонуни шӯроҳои омӯзиш ва парвариши минтақаӣ ба тасвиб расид. Бар асоси он, аввалин гом дар ҷиҳати ғайримутамарказ кардани бархе умури омӯзиш ва парвариш бардошта шуд. Ин қонуни Вазорати омӯзиш ва парваришро мукаллаф кард, ки дар ҳар минтақа имконоти вогузории умури молӣ ва идории омӯзиш ва парвариш ба мардум аз тариқи ташкили Шӯрои омӯзиш ва парвариши минтақаро фароҳам кунад.

Дар авоили даҳаи 1350 шамсӣ ба манзури мубориза бо бесаводӣ, тавсиаи мадорис, ба вижа мадориси ибтидоӣ ва роҳнамоӣ, густариши шуаби таҳсилии тахассусӣ дар мадориси ҳирфаӣ ва фаннии донишгоҳҳо, бар эътибороти омӯзиш ва парвариш афзуда шуд.

Дар 1353- 1354 шамсӣ сохтори омӯзишии давраи мутавассита ба се ришта: 1) давраи мутавасситаи назарӣ; 2) давраи мутавасситаи фаннӣ ва ҳирфаӣ ва 3) давраи ҷомеи мутавассита тақсим шуд.

Дар 1354 шамсӣ идораи кулли омӯзиши ибтидоӣ тарҳи таъсиси клосҳои яксолаи омодагиро тадвин кард ва ба манзури таъмини мураббиёни конунҳои омӯзишӣ(клосҳои омодагӣ) иқдом ба эҷоди давраҳои яксолаи тарбияти кӯдак намуд. Клосҳои омодагӣ ба тадриҷ дар манотиқи мухталифи кишвар, ба вижа дар манотиқи дузабона, таъсис шуд, ки то кунун дар муҳайёсозии кӯдакон барои вуруд ба омӯзиши дабистонӣ муассир будааст.

Дар 1358 шамсӣ, пас аз пирӯзии Инқилоби Исломӣ, мутолиоти густардае дар заминаи мушкилоти омӯзиш ва парвариш оғоз ва дар заминаи аҳдоф, сохтор ва мӯҳтавои омӯзиш ва парвариш тарҳҳоиислоҳии мутааддиде пешниҳод шуд. Дабирхонаи Шӯрои олии омӯзиш ва парвариш дар солҳои 1358 ва 1359 барои фароҳам кардани муқаддамоти иҷрои ин тарҳҳо кӯшишҳое ба амал овард.

Дар 1361 шамсӣ тарҳи КОД (кор ва дониш) дар куллияи риштаҳои назарии давраи мутавассита дар сатҳи кишвар ба марҳалаи иҷро даромад. Аҳдофи умдаи иҷрои ин тарҳ иборат буд аз парвариш ва рӯҳияи корҷӯйӣ, парвариши завқ ва истеъдоди донишомӯзони давраи мутавассита дар ҷиҳати фарогирии маҳорат ва анҷом додани кори муфид, ошноӣ донишомӯзони давраи мутавассита дар ҷиҳати фарогирии маҳоратҳо ва анҷом додани кори муфид, ошноии мутавасситони давраи мутавассита бо дунёи кор ва фаъолиятҳои тавлидӣ дар бахши санъатӣ, кишоварзӣ, хадамотӣ ва умронӣ, тарҳи КОД дар соли таҳсилии 1361- 1362 барои писарон ва дар соли 1362- 1363 барои духтарон ба иҷро даромад.

Бар асоси ин тарҳ, донишомӯзони давраи мутавассита мувazзаф буданд як рӯз дар ҳафта дар марокиз ва муҳитҳои воқеии кор мустақар дар хориҷ аз мадрасаи хеш ҳузур ёбанд ва таҳти назари устодкорон ва бо назароти авлиёи дабиристон ба касби маҳоратҳои муфид ва мавриди алоқа худ бипардозанд.

Дастандаркорон ва муҷриёни тарҳи КОД бино ба далоиле чун камбуди эътибороти молӣ, заъфи ҳамкорӣ ва мушоракати бахши хусусӣ, ба вижа соҳибони ҳирфаҳо ва машоғил, камбуди роҳнамоён, мударрисон ва устодкороне, ки ҷараёни кори омӯзиши ҳирфаи донишомӯзонро сарпарастӣ ва ҳидоят мекарданд ва саранҷом фуқдони ҳамкориҳои лозими байни ниҳодҳои зинафъ ва вазоратхонаҳо, натавонистанд аҳдофи худро аз тариқи иҷрои ин тарҳ муҳаққақ созанд. Бад- ин тартиб, пас аз кӯшишҳои пароканда ва аҷӯлона, саранҷом иқдомоти иҷроии тарҳи мазкур ба таътил гароид.

Дар озари 1363 шамсӣ Шӯрои олии инқилоби фарҳангӣ пас аз пирӯзии Инқилоби Исломӣ ташкил шуд ва бо такмили аъзои худ ба тадвини усул, аҳдоф ва сиёсатҳои калони омӯзишӣ, фарҳангӣ, таҳқиқотӣ ва илмии кишвар пардохт.

Дар 1364 шамсӣ, пас аз як давраи мутолиот, ба пешниҳоди Вазорати омӯзиш ва парвариш шӯрои ба ном «Шӯрои тағйири бунёдии низоми омӯзиш ва парвариш» маъмури анҷоми баррасиҳои лозим ва ироаи тарҳи бунёдии низоми омӯзиш ва парвариш бар асоси Қонуни Асосии Ҷумҳурии Исломӣ шуд. Ин шӯро бо баррасӣ ва баҳрагирӣ аз таҷрибаи байналмилалӣ дар заминаи қивомбахшӣ ба як низоми коромади омӯзишӣ дар баҳмани 1366, яъне баъд аз ду сол, тарҳи куллиёти низоми омӯзиш ва парваришро таҳия кард ва онро дар 1367, пас аз назархоҳӣ аз бархе аз соҳибназарони омӯзиш ва парвариши кишвар, ба Шӯрои олии инқилоби фарҳангӣ ҷиҳати баррасӣ ва тасвиб ироа дод. Ин тарҳ шомили панҷ бахш аст, бад- ин шарҳ:

**Дар бахши аввал** мабонии таълим ва тарбияти исломӣ баррасӣ шудааст.

**Дар бахши дуввум** аҳдофи куллии таълиму тарбияти исломӣ ташреҳ шудааст.

**Дар бахши саввум** усули ҳоким бар низоми омӯзиш ва парвариш баррасӣ шудааст.

**Дар бахши чаҳорум** сохтор ва ташкилоти навини низоми омӯзиш ва парвариш ироа шудааст.

**Дар асли панҷум** шеваҳои иҷрои тарҳи низоми омӯзиш ва парвариш ироа шудааст.

Бар асоси тарҳи мазкур, мароҳил ва мақотеи таҳсилӣ бар асоси улгуи 2+ 5+ 2+ 3= 12 иборат аст аз:

1. Дарваи омӯзиш ва парвариши умумӣ ба муддати 9 сол ва шомили се марҳала: асосӣ, арконӣ ва иршодӣ аст.

2. Давраи омӯзиш ва парвариши фарогири корбурдӣ- илмӣ, ки муддати таҳсил дар он бар ҳасби навъи риштаи таҳсилӣ мутафовит аст. Риштаи таҳсилӣ дар ин давра ба ду гироиши умда тақсим мешавад:

а) шӯъбаи мутавасситаи фарогир, ки муддати омӯзиши он муодили се сол ба таври тамоми вақт аст; б) шӯъбаи ҳирфаомӯзӣ, ки муддати таҳсили он ба таносуби навъ ва дараҷаи маҳорат таъйин мешавад. Ҳадаф аз ироаи ин гуна омӯзишҳо тарбияти нирӯи инсонӣ дар сатҳи тикнисин ва коргарони моҳир барои марокизи тавлидии санъатӣ ва хадамоти аст.

Дар 1368 шамсӣ Шӯрои олии инқилоби фарҳангӣ вазири омӯзиш ва парваришро муваззаф намуд, то ҳайате мураккаб аз соҳибназарони таълиму тарбият ташкил диҳад, то ба тадвини тарҳҳои тафсилии тағйири низоми омӯзишӣ бипардозанд. Ин ҳайат бо раёсати вазири омӯзиш ва парвариш ташкил шуд ва фаъолиятҳои худро дар ҷиҳати тадвини тарҳҳои мазкур ба ҳафт комисия бад- ин қарор тафвиз намуд:

1. Комисияи пешдабистонӣ ва дабистон.
2. Комисияи давраи роҳнамоӣ.
3. Комисияи давраи мутавасситаи фарогир ва фаннӣ- ҳирфаӣ.
4. Комисияи таъмин ва тарбияти нирӯи инсонӣ.
5. Комисияи низоми идорӣ ва ташкилотӣ.
6. Комисияи барномарезии тавсиа.
7. Комисияи фаъолиятҳои тарбиятӣ.

Дар соли 1370 шамсӣ тарҳҳои озмоишии низоми ҷадиди омӯзиши мутавассита ба марҳалаи иҷро даромад. Дар соли 1371 шамсӣ иҷрои озмоиши соли аввал дар куллияи риштаҳои давраи мутавассита иҷро гардид. Дар 1372 шамсӣ ин тарҳ дар солҳои аввал ва дуввум дар куллияи риштаҳо амалӣ шуд ва дар соли 1373 иҷрои озмоишии тарҳи мутавасситаи ҷадид (солҳои аввал ва дуввум ва саввум дар куллияи риштаҳо) идома ёфт. дар солҳои 1374- 1375- 1376 ба тадриҷ таъмими комили иҷрои тарҳи мутавасситаи ҷадид сурат гирифт. Саранҷом, дар соли 1377 иҷрои давраи пешдонишгоҳӣ, иҷрои густардаи давраи кордонии пайваста ва таъмими иҷрои давраи омӯзиш ва парвариши умумӣ оғоз гардид.

Арзёбии иҷрои тарҳи низоми ҷадиди омӯзиши мутавассита ба сурати нимсоли воҳидӣ нишон додааст, ки ба сабаби кӯтоҳ будани замони омӯзиш, тааддуди дарсҳо дар ҳар нимсол, адами эҷоди иртиботи отифӣ миёни муаллим ва донишомӯз, камбуди дабирони корозмуда, камбуди васоил ва асбоби кор, таҷҳиз набудани мадориси мутавассита ба озмоишгоҳ, китобхона ва коргоҳҳои ҷадид ва аз ҳама муҳимтар, набуди замонатҳои қонунӣ ва молӣ ва фуқдони ҳамкорӣ ва ҳимоят аз вазоратхонаҳо ва созмонҳои давлатӣ ва соҳибони ҳираф ва машоғил дар фароҳам овардани тасҳилоти муносиб дар ҷиҳати маҳорати омӯзиши донишомӯзон, ин тарҳ натавонистааст ба аҳдофи ниҳоии хеш даст ёбад. Ба ҳамин далел, аз ҳимоят ва пуштибонии волидон, донишомӯзон ва бархе аз масъулони омӯзиш ва парвариш баҳраманд нашуд. Имрӯза гурӯҳе аз қонунгузорон, давлатмардон ва барномарезони омӯзишӣ ва ҳатто, волидон хостори бознигарӣ ва тағйироти асосӣ дар аҳдофи ин тарҳ, ба вижа, дар заминаи ишоаи маҳоратомӯзӣ ва омода кардани ҷавонон барои иштиғол муфид ҳастанд.

Дар 1375 шамсӣ Маҷлиси Шӯрои Исломӣ барои мартабаи дуввум Вазорати омӯзиш ва парваришро муваззаф кард, то Маҷлисро дар ҷараёни тағйироти марбут ба аҳдофи кулӣ ва умумӣ ва ихтисосии ҳар давраи таҳсилӣ ва таҳаввулоти муносибе, ки бояд дар сохтор ва ташкилоти низоми омӯзишии чи амудӣ ва чи уфуқӣ сурат пазирад, қарор диҳад. Ҳамчунин, муваззаф шуд, тағйироти марбут ба низоми ҷадиди омӯзиши мутавасситаи пешдонишгоҳиро ироа диҳад, то қонунгузорон бо таваҷҷуҳ ба воқеиятҳо ва костиҳои мавҷуд нисбат ба таъмини замонатҳои қонунӣ ва молӣ тасмимоти лозимро иттихоз кунанд. Аммо, дархости Маҷлис, аз як сӯ, ба далели омода набудани тарҳи ҷомеи ислоҳоти омӯзишӣ ва аз сӯйи дигар, ба далели тағйири мудирияти ниҳоди омӯзиш ва парвариш (вазир ва муовинон) таҳаққуқ наёфт.

Саранҷом, дар соли 1381 шамсӣ вазири вақт тарҳи муҳандисии истилоҳоти омӯзиширо матраҳ кард ва низ коршиносон ва гурӯҳе аз мутахассисони таълиму тарбият барои тадвини он тарҳ, ки дар ҳоли шаклгирӣ аст, кӯшишҳое ба амал оварданд.

Дар ҷараёни сайри таҳаввулоти омӯзиш ва парвариши кишвари Эрон, ба вижа аз замони таъсиси мадрасаи дорулфунун, то кунун низоми омӯзишии омӯзиш ва парвариши Эрон вориди марҳалаи тозае аз таҳаввул шудааст. Ҳамакнун, Ҷумҳурии Исломии Эрон дар ҳоли гузаронидани мароҳили поёнии таҳия ва тадвини санади

миллии омӯзиш ва парвариш мебошад, ки бол тасвиби он Шӯрои олии инқилоби фарҳангӣ ва Маҷлиси Шӯрои исломӣ ҷанбаи қонунӣ ва расмӣ пайдо мекунад.

Дуктур Маҳмуд Муҳримуҳаммадӣ, масъули иҷрои тарҳи тадвини санади миллии омӯзиш ва парвариш дар гуфтугӯе бо рӯзномаи «Иттилоот» тавзеҳоте дар бораи санади миллии омӯзиш ва парвариш ба шарҳи зайл ироа кардаанд: «Санади миллӣ, дарвоқеъ, санади ҷомеи тавсиаи омӯзиш ва парвариши кишвар як чашмандози бистсола аст. Дар ин санад вижагиҳои омӯзиш ва парвариши пешрав дар ибъоди гуногун мушаххас хоҳад шуд ва равобиту муносибот миёни дастгоҳи омӯзиш ва парвариш ва дигар бахшҳои низоми Ҷумҳурии исломии Эрон барои дастёбӣ ба вазъи матлуб таъриф хоҳад шуд. Ба иборати дигар, мо дар чорҷӯби тарҳи тадвини санади миллӣ ба дунболи посухгӯйӣ ба як пурсиши асосӣ ҳастем ва он ин ки омӯзиш ва парвариш дар Ҷумҳурии Исломии Эрон чӣ гуна бояд сомон ёбад, то битавонад яке аз зерсохторҳои асосии таҳаққуқи ормони тавсиаи кишвар, ки ҳамон дастёбӣ ба «доноимеҳвар» аст, нақш кунад.»


### АДАБИЁТ

1.Алимуҳаммад Алмосӣ. Таърихи омӯзиш ва парвариши Эрон:- Теҳрон: «Амири Кабир», 1377
2. Амонуллоҳ Сафавӣ. Таърихи омӯзиш ва парвариши Эрон:- Теҳрон: «Рушд», 1383
3. Аҳмад Оқозода. Масоили омӯзиш ва парвариши Эрон:- Теҳрон: «Самт», 1386
4. Ғуломҳусайни Шукӯҳӣ. Мабонӣ ва усули омӯзиш ва парвариш:- Теҳрон: «Остони Қудс», 1372
5. Исо Сиддиқ. Таърихи фарҳанги Эрон аз оғоз то асри ҳозир:- Теҳрон: «Созмони тарбияти муаллим ва таҳқиқоти тарбиятӣ», 1342
6. Манучеҳри Вакилиён. Таърихи омӯзиш ва парвариши Эрон:- Теҳрон: «Паёми нур», 1362



**ПРЕДЫСТОРИЯ ИННОВАЦИОННОГО ОБУЧЕНИЯ И ВОСПИТАНИЯ В ИРАНЕ**

В современном мире развиваются иновационные процессы, которые имеют тенденцию к всё большему распространению. Инновационный процессы, осуществляемые в образовательной системе, затрагивают все сферы образовательной деятельности. Не одно государство неможет не учитывать инновационные преобразования и не может закрывать свои двери перед великим научно-техническим прогрессом современности, в том числе и Иран. В данной статье автором рассматривается предыстория инновационного обучения и воспитания в Исламской Республике Иран.

**Ключевые слова:** использование современных методик и технологий, применение компьютерных технологий, повышение качества образовательного процесса, результаты обучения.

**BACKGROUND INNOVATIVE TRAINING AND EDUCATION IN IRAN**

In the modern world are developing innovative processes, which have a tendency to increased prevalence. Innovative processes in the education system affects all aspects of educational activities. Not one state cannot not take into account innovations and can not close its doors before the great scientific and technical progress of the modern world, including Iran. In this article the author examines the background to the innovative training and education in the Islamic Republic of Iran.

**Key words:** use of modern techniques and technologies, application of computer technologies, increasing the quality of education, learning outcomes.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Козими Растагор*** – соискатель ТГПУ им.Садриддина Айни


## ТАРЗУ ВОСИТАҲОИ БУНЁДИ МУҲИТИ ТАЪЛИМ ВА НАҚШИ ОН ДАР ТАШАККУЛИ МУНОСИБАТҲОИ САЛОҲИЯТНОКИИ ТАЛАБАҲО


***А. Зоиров***

**Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа ба номи Носири Хусрав**


Вақте ки мо моҳият ва ва ҷараёни таълимро баррасӣ намудем, ба ибораи «муҳити таълим» вонахӯрдем. Барои он ки таълим дар заминае ҷараён меёбад, ки муҳити муайяни таълим муҳайё бошад. Ҳамин гуна муҳит, пеш аз ҳама базаи моддӣ, бино, синфхона, курсӣ миз тахтаи синф техника), базаи таълимӣ (китобхонаи дарсӣ, воситаҳои аёнию техникӣ, барқӣ, маводи дидактикӣ…) ва базаи кадрӣ, яъне омӯзгор аст. Таърихи инкишофи маориф дар кишварҳои гуногун нишон медиҳад, ки агар ҳамаи ин базаҳо ё заминаҳо мавҷуд бошанд ҷараёни таълим таъмин мегардад, агар аз се дутои он ва ҳатто яктои он ҳам бошад ҷараёни таълим то андозае қатъ намегардад (ҳарчанде ки бобати сифати таълим сухан намеравад).

Аммо асри бисту як, ки мо зиндагӣ мекунем замони сифат аст. Дар ин замон муассисаи таълимие, ки сифатро таъмин карда наметавонад ё дар рақобат тоқат намеорад ногузор аз байн меравад. Дар ин шароит чӣ бояд кард?

Сифати таълим санги маҳакест, ки дар маркази корҳои таълимию тарбиявии мактаб болои ду қанот қарор мегирад: 1. Дарки мавод. 2. Кобилияти кор.

Дарки мавод дарки муваффақона ва фаҳмиши муваффақонаро фаро мегирад.

Қобилияти корро бошад дарки мақсад имкониятҳои ҷисмонӣ эҳсосот ва ҳавасмандиро таъмин менамояд.

Ба омӯхтан ва аз худ кардани мавод ( мавзӯи таълим, қоида ва қонунҳо таърифоту далелҳо мазмун ва ғояи, мисолу масъалаҳо, маводи техникӣ, барқӣ, компютерӣ, барномавӣ, алгоритмҳо ва ғайра дарки муваффақона фаҳмиши шууронаи маводи таълим таъсир мерасонад. Набояд фаромӯш кард, ки диққатнокии талаба низ нақши муҳим мебозад.

Аммо мазмуни маълумот (таҳсилот, ки дар ин ё он дарси омӯхтанӣ мавзӯи нав пешниҳод мегардад) метавонад мушкил, осон, зиёд, кам, мавҳум ( абстракт, аниқ, конкрет) бошад. Барои ҳамин ҳам пешниҳод мегардад ки:

1. Мазмуни мавзӯи дарсро (ахбороту маълумотҳои иловагиро пешакӣ омӯхта хусусиятҳои фарққунандаи онро, ки диққати талабаҳоро бештар ҷалб мекунанд ҷудо кардан лозим.
2. Роҳу воситаҳоеро бояд ҷустуҷӯ кард, ки шавқу рағбати талабаҳоро бедор намоянд.
3. Омилҳоеро бояд дарёфт, ки муносибати талабаҳоро нисбати мазмуни мавзӯъ дигаргун созад ва ба худи онҳо таъсир расонад.

Дар поён ду ҷадвал оварда мешавад, ки онҳоро барномаи, USAID оид ба омӯзиши босифат таҳия намудааст. Дар яке омилҳои муаффақонаи мазмуни (ахбори) маълумот ва дар дигаре омилҳои фаҳмиши мазмуни маълумот ифода ёфтааст:

**Омилҳои қабули бомуваффақияти мазмуни маълумот**

| ***Ахбор кадом хусусиятҳоро бояд дошта бошад?*** | ***Кадом шакл ва сохтори ахборот ҷолиб аст?*** | ***Ба муносибати хонандаю нисбат ба ахбор чӣ таъсир мерасонад?*** |
|---|---|---|
| -навигарӣ( асли ва нисбӣ)<br>- шавқангезӣ<br>- ихтилофнок<br>- мушаххасӣ<br>- тазоднокӣ<br>- ҳамназирӣ<br>- ғайриоддӣ будан ва ғ. | шаклҳои гуногуни ахбор (шифоҳӣ, айёнӣ, бадеӣ ва иҷрои техникӣ)<br>пешниҳоди ғайричашмдошти ахбор<br>ҳамбастагии ахбороти душвору осон барои қабул<br>ахбороти ба сохтор ҷудошуда<br>ахбороти намоишдодашаванда ва фаҳмондашаванда<br>ахбороти умумӣ ва хулосавӣ ва ғ. | дарки мантиқи шахсӣ ва муносибат ба ахбори мегирифтагӣ<br>фаъол гардонидани донишҳои пештара нисбати мавзӯи омӯхта мешудагӣ<br>методҳои диққатҷалбкунанда ва шаклҳои кор бо ахбор<br>алоқаи ахбор бо ҳиссиёт (ҳиссиётҳои мусбат)<br>дарки зебоӣ, ҳис кардани хурсандӣ ваҷд ( таъсири эҳсосот ва зебоӣ) ва ғ. |

Дарки мазмун аз ҷониби хонанда фавран ба вуҷуд наомада баъд аз кӯшишу фурӯ рафтан ба умқ ба амал меояд. Мазмун ҳамон вақт пайдо мешавад, ки дар ахбор алоқамандии маълумотҳои пешина вуҷуд дорад ва хонанда метавонад онро бо таҷрибаи пешинааш пайваст намояд. Вақте хонанда муносибати системавиро истифода карда метавонад, ин ба вай имконияти фаҳмидани сарҳаду таъйиноти ахборро медиҳад ва ки ба хонанда имконият медиҳанд, ки маълумотҳои гирифташударо эҷодкорона тавассути тасаввурот ва хаёлот кор карда бароияд. Ва ниҳоят ин ба хонанда имконияти баён кардани ақидаи шахсӣ (ҳиссиёти ва арзишӣ) ва бо ҳамсинфонаш муҳокима кардани онро медиҳад.

**Барои ин маҳорати муайян, малакаи кор бо сарчашмаҳои ахбор лозим аст.** Дар ҷадвал омилҳое оварда шудаанд, ки барои дарки ахбори таълимӣ мусоидат мекунанд.

**Омилҳои фаҳмиши мазмуни маълумот**

| Ахбор бояд дорои кадом хусусиятҳоро бошад? | Кадом сохтори ахборот ҷолиб аст? | Чӣ ба муносибати хонандаю ахбор таъсир мерасонад? |
|---|---|---|

| | | |
|---|---|---|
| Моҳият ва мундариҷаи ахбор фаҳмо, дақиқ аст маънои баъзе калимаҳо, истилоҳҳо ва нишонаҳои шартӣ кушода аст. Мазмуни ниҳонӣ фаҳмо аст. Дар бораи савод ва мавзӯъҳо маълумоти ҳаматарафа дода шудааст Ахбори мушаххас ва хулосавӣ дода шудааст ва ғ. | Алоқамандии байни зуҳуротҳо бо якдигар оварда шудааст. Робита бо ахбори пеш қабулшуда нишон дода шудааст. Ахборот ба қисмҳои алоҳида тақсим карда шудааст. Қисматҳои алоҳидаи ахбор ба система муттаҳид карда шудааст. Ахбори шифоҳӣ дар шакли нақшаҳои гуногун тасвир карда шудааст(мантиқӣ,хулосавӣ, системавӣ, сохторӣ) ва ғ. | Дарк намудани алоқаҳою муносибатҳои дохилӣ дар ахбор. Ҳалли супоришҳои проблемавӣ, маърифатии гуногун. Иҷрои фаъолиятҳо доир ба қиёс, таҳлил, таркиб, хулосабарорӣ, таснифот, системакунонӣ ва ғ. Истифодаи усулҳои хаёлоти эҷодӣ. Истифодаи шаклҳои робитаи муқобил ва рефлексия. |

Хамин тариқ, яке аз омилҳое, ки ба созмон додани муҳити таълимӣ таъсир мерасонад, ахборот бо хусусияту сохтораш мебошад. Майдони ахборотие, ки аз тарафи омӯзгор ҳаматарафа хуб бунёд мешавад, хусусияти фаъолияти хонандагон ва сифати омӯзишро муайян мекунад. Ба сифати омӯзиш омилҳои нигоҳ доштани қобилияти кори дорозмуддат таъсир мерасонанд. Барои нигоҳдории кори дарозмуддату самараноки ақлонӣ якчанд қоидаҳои гигиениро риоя бояд кард:

- ҳавои биноро тоза кардан лозим аст, чунки дар ҳавои хунук оксиген нағз ҳал мешавад, талаботи оксиген дар кори ақлонӣ аз ҷисмонӣ дида 8-1- маротиба зиёдтар аст:
- аз як намуди кор ба намуди дигараш иваз кардан лозим:
- реҷаи корӣ, хурок, истироҳат ва хобро риоя бояд кард:
- ритмҳои биологиро ба назар гирифтан лозим: ду маортиба дар як шабонарӯз қувваи кори дили инсон паст мефарояд- дар соати 13-00 ва 21-00, дар ин ҳолат сарбориҳои зиёди ақлонӣ ва ҷисмонӣ лозим нест.

Аз гуфтаҳои боло ба чунин хулоса меоем, ки сифат бе муҳайё намудани муҳити таълим ба даст намеояд. Ва бе иштироку дахолати мо ҳам вуҷуд дорад. Ва он барои одамони калонсолу боақлу хуш шояд мактаби бузурги тарбия қарор гирад. Тавре ки устод Рӯдакӣ мефармояд:

Ҳар ки н-омӯхт аз гузашти рӯзгор,
Низ н-омӯзад зи ҳеҷ омӯзгор.

Ва дар ҷойи дигар:

Бирав зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир,
Ки баҳри дафъи ҳаводис туро ба кор ояд.

Вале муроди мо на муҳити одӣ, балки муҳити таълим ё таълимист, ки барои мактабиён ташкил карда мешавад. Аз ин хотир муҳити таълим муҳити махсусест, ки барои донишандӯзӣ, ҳосил намудани маҳорату малака ва салоҳиятнокиҳои зарурӣ ташкил карда мешавад.

Модели чунин муҳитро сарварони муассиаҳои таълимӣ ва омӯзгорон пешниҳод намуда, дар маркази он на худи онҳо, балки талабаҳо (кӯдак) қарор мегирад. Зеро дар маркази муҳити таълимӣ худсозӣ ва худрушдёбии кӯдак (талаба) меистад.

## АДАБИЁТ


1. Авесто: «Избранные гимны. (Перевод с авсет. И комментарий И.М. Стеблинг – Камеского). – Душанбе: Адиб, 1990. 173
2. Авзалов Х., РАҳимов Б. История педагогики таджикского народа. -Душанбе. Изд-во «Маориф» 1994, 128 (на тадж. яз.).
3. Ушинский К.Д. Избранные педагогические сочинения: В 2-х т. –М., Педагогика, 1974. Т. 1
4.Усулҳои таълим ва омӯзиши ҳамфаъол. Модули 6. –Душанбе, 2008.
5.Лутфуллоев М. Педагогикаи башар. –Душанбе, 2008.
6.Лутфуллоев М. Дарс. –Душанбе, «Маориф», 1995.


## ПУТИ И СПОСОБЫ ОРГАНИЗАЦИИ УЧЕБНОЙ СРЕДЫ И ЕЕ РОЛЬ В ФОРМИРОВАНИИ КОМПЕТЕНТНОГО ОТНОШЕНИЯ УЧАЩИХСЯ


В данной статье рассмотрены пути и способы организации учебной среды, и ее роль в формировании компетентного отношения учащихся. Формирование компетентного отношения школьников приобретает особую значимость в учебном процессе в школе. Для реализации задач социально-эмоционального развития детей особое внимание должно быть уделено созданию дидактических игр и пособий и предметно-

развивающей среде, которое является одним из условий воспитания коммуникативных отношений среди сверстников.

**Ключевые слова:** школа, школьная жизнь, развитие самосознания, творческое самовыражение, самостоятельность, способность к общению, положительное отношению к школе.

**WAYS AND MEANS THE ORGANIZATION OF THE LEARNING ENVIRONMENT AND ITS ROLE IN THE FORMATION OF COMPETENT RELATIONS STUDENTS**

This article discusses the ways and means of the organization of the learning environment, and its role in the formation of a competent student. The formation of competent attitude of schoolchildren takes on special importance in the educational process in school. For realization of tasks of socio-emotional development of the child, special attention should be paid to the creation of didactic games and manuals and subject-developing environment, which is one of the conditions of education of communicative relations among peers.

**Key words:** school, school life, development of self-consciousness, creative expression, independence, ability to communicate, a positive relation to school.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***А. Зоиров*** – соискатель КТГУ им.Носира Хусрава

# ДУХТАРОНИ БЕСОМОН ВА ДУНЁИ ИҶТИМОИИ ОНОН

***Садро Мирзоҷонӣ***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикиситон ба номи Садриддин Айнӣ**

Ҳар чи аз Холиқ берун меояд, аз айб ва нуқсон мубарро аст, вале ба маҳзи ин ки ба дасти авлоди одам мерасад, фосид мешавад. Лекин имрӯз бо табиати феълӣ агар одамиён фарзандони худро тарбият накунанд, авзо ва аҳволи мо бадтар аз ин, ки ҳаст хоҳад шуд. Вазъияти нобасомони иҷтимоии ҷаҳон ва рафтори навҷавонон ва ҷавонон, ки аз назари улгупазирӣ, ахлоқ, мазҳабӣ ва иҷтимоӣ бо волидайнашон дар тазод ҳастанд ва аз як тараф модерн шудан ва модернрезишудан ва табаият кардан аз улгуҳои ғарбӣ ва адами пайравӣ аз улгуҳои суннатӣ, ки волидайн моиланд, фарзандонашон бо улгупазирӣ ва тарбияти суннатии худашонро татбиқ диҳанд ва аз пайравӣ аз нақш ва пазириши ғарбиҳо парҳез намоянд. Ин ангеза маро таҳрик намуд, ки матолибе барои волидайн бинигорам ва нақшҳои тарбиятиро ёдовар шавам. Волидайн мутаваҷҷеҳ бошанд, ки иҷтимои кунунӣ дигар иҷтимоъ ва ҷомеаи 30 ё 50 соли пеш дигар нест. Бо омадани моҳвора ва иртиботот, ки лаҳзае мешавад дар арзи чанд дақиқа куллияи ахбор ва иттилоотро аз он сари дунё гирифта, таҷзия ва таҳлил намуд, ки ҳамин масоил рӯзе нобаҳинҷориҳои рафторӣ ва ахлоқии ҷавонон, махсусан навҷавонони кишвари азизамон Эрон нашъат гирифта, аз бурузи ихтилофоти фарҳангӣ ва ақидатӣ байни волидайн аст, ки ин ихтилофот бар наҳваи тарбияти фарзандон ва таваққӯи онон таъсир гузоштааст ва ин амр боиси бурузи мушкилоти мутааддиди рафторӣ, аз ҷумла фирори онон аз хона ва кошона, ки дар ин маконҳо муҳаббат ва дустӣ ва гузашт бисёр камранг гардид. Ин навъ ҷавонон аз тарафе таҳти таъсири шеваҳои тарбиятии волидайн қарор доранд ва аз тарафи дигар, таҳти таъсири густариши фарҳанги Ғарб ҳастанд, ки ин фарҳанг аз тариқи расонаҳои гурӯҳӣ, аз ҷумла интернет ва моҳвора ва ғайра навҷавононро таҳти таъсир қарор медиҳанд ва ҳамеша аз назари тафаккур бо волидайнашон дар таорӯз ҳастанд ва дар ҳақиқат метавон гуфт, ки иззати нафс ва саломати равонии онҳо ҳам аз ҳадди табиӣ ва нормалӣ поинтар қарор мегиранд ва ҳамин масоил боис мешаванд, ки ҷавонон қонуни хонаро тарк намуда, ба гурӯҳи ҳамсолони худ бипайванданд ва ин ҷавонон аз худ бегона мешаванд. Яъне ба далели заъфи шахсияти худ ва иззати нафси поин наметавонанд дар баробари мушкилот муқобила намоянд.

Ротел мегӯяд: «Афроде аз худ бегона барои назорати сарнавишти хеш нотавон ҳастанд». Ояндаи ҳар ҷомеае дар гарави кӯдакон ва навҷавонони он ҷомеа аст ва агар имконоти лозим барои рушд ва тараққӣ ва камоли онҳо фароҳам шавад, саодати дунё ва охирати он ҷомеа тазмин шудааст. Қабл аз ҳар чиз лозим аст, ки бидонем, ин гурӯҳ дорои чӣ вижагиҳо ва ҳиссиёт ҳастанд, то бар асоси синни онҳо барномарезӣ кунем.

**Вижагиҳо ва хасоиси ахлоқии навҷавонон.** Навҷавонон аксаран ҳассос, пуртавақӯъ, зудранҷ, бемантиқ ва бурунгаро ва таҳти таъсири муҳити иҷтимоъ ва дӯстон қарор мегиранд ва бурузи тарашуҳои ҳурмони ҷинсӣ ҳам нақши муҳиме дар фарор аз хонаро дорад. Агарчи хостаҳои волидайн ва масъулини ҳукуматӣ аз навҷавонон ва ҷавонон идеал ва матлуб аст ва худи онон ҳам толиби ҳамин вижагиҳо, ки дар ниҳод мебошад, мисли расидан ба мақоми илмӣ ва маънавии боло ва парҳез аз нобаҳинҷориҳои ахлоқӣ ва ғайра. Вале мутаассифона дар бисёре аз мавридҳо роҳ ва равиши расидан ба онҳо ғайриусулӣ ва нодуруст аст ва натиҷаи он ҳамон мешавад, ки дар бархе аз ҷомеаҳо ва аз ҷумла кишвари азизамон Эрон ба он рӯ ба рӯ мебошад.

**Нақши иҷтимоъ ва духтарони бесомон.** Фирор аз хона рафторе аст, ки дар ибтидо ба сурати як иқдоми сода анҷом мегирад ва сипас то вилгардӣ, сирқат, хариду фурӯши маводи мухаддир, фаҳшо, бемориҳои ҷисмӣ ва равонӣ, бордории номашрӯъ ва қатл ва дар ниҳоят ба худкӯшӣ кашида мешавад. Яъне ба иллати адами тафоҳуми ахлоқӣ ва фарҳангӣ бо волидайн аз онҳо ранҷида, аз хона берун меравант. Падидаи фирори духтарон, ки метавон онро аз қонунҳои чиркини осебҳои иҷтимоӣ донист, ки дақиқтарин шохиси ақибафтодагӣ барои ҳар ҷомеа аст, ки таҷалигоҳи фуқдони адолати иҷтимоӣ, шохиси фақр ва бекорӣ ва фақри отифӣ ва фарҳангӣ, ки ин як мушкили равоншиносист, ки албатта дармонпазир мебошад. Бояд ба хотир дошт, ҳар гуна носанҷидагӣ ин гуна осебҳои иҷтимоиро афзоиш медиҳад. Ин гуна мушкилот ниёзманди тааммул ва тааммуқи бештар бо ҳамкорӣ ва мушорикати ниҳодҳои давлатӣ ва таҳқиқӣ ва иҷрои созмонҳои мутааддид ва муртабит ва бо соҳибназарон ва устодони донишгоҳӣ бо баргузории ҳамоишҳои тахассусӣ дармонпазир ҳастанд.

**Падидаи иҷтимоии фирори кӯдакон дар Амрико ва Осиё.** Падидаи иҷтимоӣ, яъне фирори кӯдакон дар ҷомеаҳои мухталиф бавижа кишварҳои Осиёӣ ва Амрикоӣ муҷиби осебдидагии 145 млн. кӯдаки нобасомон ва овораи хиёбонҳо дар ҷаҳон гардидааст. Дар байни ин қурбониёни базеҳ, ки гоҳ худ дар сарнавишташон дахолати чандоне надоранд, ки духтарони осебпазиртар ҳастанд.

**Дар Амрико.** Омори фирориён 10 то 18 соларо як нафар аз 7 нафар ки солиён болиғ бар 450 000 нафар эълом мекунанд. Масъулони Амрико изҳори хушбахтӣ мекунанд, ки нисфе аз ин кӯдакон ва навҷавонон ба хонаҳояшон бармегарданд ва таҳти назари равоншинос қарор мегиранд. Дар ҳоле ки нисфи дигар дучори ҳаводис ва мухотироти мухталиф мешаванд ва дар ҳар 48 соат як нафар аз онон ба корҳои интирофӣ рӯй меоваранд. Барномаи ҷаҳонии давлатҳо дар мавриди навҷавонон ва ҷавонон, то соли 2000 ва давраи пас аз он хотирнишон мекунанд, ки ҷурмҳо ва базеҳкорӣ ҷурме аст, ки аз навҷавонон сар мезанад ва синни навҷавонӣ дар ҳар кишваре фарқ мекунад. Аз ин назар базеҳкорӣ як мубодилаи дутарфа аст, ки дар як сӯйи он базеҳкорӣ бо навҷавонӣ, ки амали муҷримона анҷом медиҳад ва тарафи дигари он базеҳдида ё кӯдак ва навҷавон қарор дорад, ки мутаҳаммили рафтори муҷримона мешавад.

**Дар Эрон.** Мутаассифона, дар кишвари азизамон Эрон бо омадани покистониҳо ва афғонҳо, ки ғайриқонунӣ вориди кишвар мешаванд, духтарон ва писарони хиёбонӣ, ки гадоӣ мекунанд, ба шиддат зиёд ва омори базеҳкории кишвари моро боло бурдаанд. Ба тавре ки тайи баррасӣ ва таҳқиқе, ки дар соли 1380 анҷом гардида аст, теъдоди 4072 нафар ҷавон ва навҷавон аз хона гурехтаанд, ки ин мизон 14% духтар ва 86% писар будааст. Албатта, нисбати духтарон ва писарон тавҷеҳе барои адами тамоюли онҳо ба фирор аз хона нест, балки духтарон бар хилофи писарон гирифтори гурӯҳҳои қочоқ ва марказҳои фасод мешаванд.

**Давраи навҷавонӣ ва балоғат.** Бо поён ёфтани даврони кӯдакӣ ё даврони аввали зиндагӣ (аз таваллуд то 12 солагӣ), ки шурӯъ мешавад ва дар даврони дуввуми зиндагӣ, ки аз синни (12-17солагӣ) шурӯъ мешавад, ки навҷавон эҳсоси истиқлол, эҳсоси худбин будан, эҳсоси раҳоӣ аз масоили боздоранда ва довталаби озодӣ, ки худ ба воқеъ маънии онро намедонад. Фирори онон дар воқеъ, зери по гузоштани муқаррароти хонаводагӣ аст. Ба иллати тарс, хашм ё интиқомҷӯӣ дар муқобили омилҳои мухарриб ва ошуфтаи хонаводагӣ аст, ки кӯдак барои муддати кӯтоҳе макони дигареро ба манзили худ тарҷеҳ медиҳад.

Баъзе аз ин духтарони нобасомони ҷавон бар асоси тахаюлоти воҳӣ ва ба тасаввури ин, ки вориди олами ҷадид шаванд ва шуҳрати ҷаҳонӣ кашф кунанд, аз хона фирор мекунанд. Омор нишон медиҳад, ки 30% духтарони ҷавон ба иллати розӣ набудан аз издивоҷ фирор мекунанд. Пас метавон гуфт, ки фирор аз хона, аз ҷумлаи

рафторҳои носозгоронае аст, ки аз навҷавон сар мезанад ва бо таваҷҷуҳ ба паёмадҳои бади он яке аз осебҳои хонаводагӣ ва иҷтимоӣ матраҳ дар ҷомеа аст, ки беҳдошти равонии фард ва ҷомеаро таҳти таъсир қарор медиҳанд.

Аз дигар омилҳои фирори духтарони нобасомон анвои буҳронҳое аст, ки дар синни навҷавонӣ ба ақл ва дили ин фариштагони заминӣ ҳуҷум меоваранд, ки мутаассифона зарарҳоеро ба онҳо ворид мекунад, ки ин фариштагони худоиро ба ҷаҳанамиёни палид ва бадкор ва нафратангез мубаддал месозад ва даврони навҷавонӣ ва даврони буҳронзоӣ аст ва то замоне ки фард кӯдак аст, таҳти таъсири таълим ва тарбияти хонавода қарор дорад ва назорати волидайнро мепазирад, вале замоне ки вориди даврони навҷавонӣ мешавад, замони буҳрон ва шӯриши ӯ оғоз мегардад. Дигар камтар ба ҳарфҳои волидайн гӯш медиҳад ва барои худ меъёрҳое дорад, ки мехоҳад худро бо онҳо татбиқ диҳад ва меъёрҳои ӯ бо меъёрҳои волидайн ва муаллимон дар тақобул ва ситез аст. Дар ин даврон амёли муфрати ҷинсӣ дар навҷавонон буруз мекунанд ва дар сурате ки дар роҳи саҳеҳ қарор нагирад, ба инҳироф кашида мешавад. Васоили иртиботи ҷамъӣ, чун видео, моҳвора, интернет дар таҳрики эҳсосот нақши муҳим ва асосиро ифо мекунанд. Ба ҷинси мухолиф алоқа пайдо мекунанд ва ба иртиботи дустӣ бо онҳо дил мебанданд ва ба онҳо алоқаманд мешаванд, ки аз назари либос, забон, ҳаракат ва саканатҳо ва рафтор ва кирдор бо арзишҳои гурӯҳи ҳамтоёни худ ҳамнаво ва ҳамранг намоянд. Муқарраротѝ хушк ва сахти муҳити хонаводаро ғайри қобили таҳаммул медонанад ва онҳоро нодида мегиранд ва орзу мекунанд, ки ҳар чи зудтар аз ин муҳити хонаводагӣ халосӣ ёбанд.

Мушкилоти отифӣ (мисли афсурдагӣ, худшефтагӣ ва ғайра) хонаводаи пурҷамъият, надоштани салоҳияти ахлоқии волидайн, бар рафтори волидайн бо фарзандон, фасоди ахлоқӣ, рафту омад бо афроди номуносиб ва ширкат дар маҷлисҳои ғайриахлоқӣ муҳимтарин иллати фирор аз хона ба шумор меоянд. Надоштани тафриҳоти солим ва имконоти издивоҷ, бебанду борӣ ва талоқи хонавода боиси фирор аз хона мешаванд ва ҳамчунин фақри отифӣ ва иқтисодӣ ва бекорӣ на ба унвони иллати аслӣ, балки ба унвони яке аз муҳаррикҳои созандаи тасмим ба фирор шинохта шудааст.

**Таълим ва тарбияти волидайн.** Агар падар ва модаре ба аҳамияти нақши худ дар таълим ва тарбияти фарзандон пай бибаранд ва шеваҳои дурустро ёд бигиранд, бисёре аз ихтилофоти рафторӣ ва инҳирофоти ахлоқӣ дар навҷавонон ба вуҷуд нахоҳад омад. Ҳазрати Муҳаммад (с) мефармояд: «Худо наомӯрзад падар ва модареро, ки бо рафтори насанҷида фарзандони худро ба нофармоӣ савқ медиҳанд».

Дар рӯйи замин инсон мухтор аст, вале агар одамиёнро, ки дорои мақомоти мухталиф ҳастанд, дар назар бигирем, дар ҳама ҷо бадӣ ва хубӣ вуҷуд дорад. Дар вуҷуди ҳар инсоне ду меъёри муҳим вуҷуд дорад: 1) ҷисм, ки пайравӣ аз қонунҳои моддӣ ва мутеи эҳсосот ва шаҳватҳо аст; 2) рӯҳ, ки мавфуқи онҳост, яъне озод аст, ин рӯҳи озод як мавҷуди муҷаррад ва як унсури ғайриоддӣ аст.

Ҳамкории азиме, ки байни олимони тарбиятии кишварҳои ҷаҳон дар назарҳои мухталифи таърих барои таъриф ва эҳтимолан таҳқиқи беҳтарин равиши мумкин барои таълим ва тарбияти насли ҷавон ба амал омадааст, ки ҳанӯз онҳо ба натиҷаи комиле, ки мавриди таваҷҷуҳи фарҳангпажӯҳон бошад, ноил нагардидааст. Дар ҳақиқат метавон гуфт, ки инсон аз оғози таваллуд то дами марг ба касби илму дониш ва тарбият эҳтиёҷ дорад ва зиндагӣ моро маҷбур мекунад, ки кам ё зиёд, хуб ё бадро биомӯзем ва худро бо мухтазиёти замон ва макон ҳамоҳанг кунем.

1. Донишмандоне монанди Сухомлинский тарбиятро раҳо намудани бачаҳо бар боғ ва чаман ва тобиши офтоб медонад, то онҳо бо ҳис ва таҷрибаҳо макон ва замонро дарёбанд ва худашон дарк кунанд, на дигарон бо онон талқин ва ё биомӯзанд.
2. Александр Ҳербот таълим ва тарбиятро аз ташкили шахсият ва маниши фард ва ташхиси истеъдод ва ҳуш ва навъи ёдгирии кӯдаконро дар назар дорад.
3. Леонтев муътақид аст, ки нерӯи таҳаввули равонии кӯдак, ки таҳти таъсири шароити айнии зиндагӣ тағйир меёбад, дар назар гирифта шавад, яъне муҳит созандаи шахсияти фард аст.

**Ҷанбаи навоварӣ ва ҷадид будани таҳқиқ**

1. Додани назария ба хонаводаҳо оиди тарзи рафтор бо навҷавонон ва ҷавонон.
2. Ошно сохтани волидайн бо ҷанбаҳои шахсиятӣ ва вижагиҳои ахлоқии ҷавонон ва навҷавонон.
3. Додани назария ба омӯзишу парвариш, ки чӣ гуна бо донишомӯзон рафтор кунанд.
4. Баррасии пархошгарӣ ва иззати нафс дар пешрафти таҳсилии духтарони бесомон.

**Мушкилоти духтарони бесомон ва хонавода.** Бинои ҳаёти хонавода бар асоси тарзи тафаккури андешамандони мубтанӣ бар ишқу муҳаббат, унсу улфат, таовун ва ҳамкорӣ ва эҳтиром ба ҳуқуқи ҳаққии афрод аст. Вале мутаассифона дар саросари дунё ва ҳатто дар хонаводаҳое, ки пойбанди усули фарҳангӣ ва мазҳабӣ буданд, ин тарз талаққӣ ва нигариш иваз шуда, бинои носозгорӣ ва нобаҳинҷорӣ дар баъзе аз хонаводаҳоро фароҳам мекунад. Ин нобаҳинҷорӣ ба ҳар иллате ки бошад, муҷиботи тазалзул ва аз ҳам гусехтагии инҳирофро муҳайё мекунад. Нобасомонии хонавода бар асоси изҳори назари муҳаққиқон, заминаро барои ихтилоли шахсият ва рафтори номуносиб эҷод менамояд ва сабаби бурузи базеҳкорӣ ва ҷурм ва ҷиноят мешавад. Аз байни мавридҳое, ки мисли баҳракашии ҷисмонӣ аз кӯдак (корӣ, ҷинсӣ) ва талоқ ва ҷудоӣ ва хушунат, фақат ба рафтори кӯдакон ишора шудааст. Даргирии зану шавҳар ба ҳар иллате ки бошад, дорои ду даста авориз аст, ки бахше аз он мутаваҷҷеҳи худи завҷайн аст ва заминаро барои решадор шудани ихтилофот ва нобасомонии бештар фароҳам мекунанд. Бахши дигаре мутаваҷҷеҳи кӯдакон ва фарзандони ин хонаводаҳо аст, ки эътибори хонавода ва қадосати онро аз назари онон кам мекунад. Кӯдакон аз даргирии волидайни худ ба шиддат нохушнуданд ва онро маншаи ранҷ ва бадбахтӣ ба ҳисоб меоваранд. Онон сардаргум мешаванд ва намедонанд, ки бояд чӣ бикунанд ва ҷониби падар ва ё модарро бигиранд ва ё ҳеҷ кадом. Рафтани духтарони бесомон аз хона падидае аст, ки тамоми ҷомеаҳои дунё даргири он ҳастанд. Ин падида ҷурм маҳсуб намешавад, вале дар тамоми ҷомеаҳо ва тамоми замонҳо вуҷуд доштааст. Падидаи рафтан аз манзил як мушклили иҷтимоӣ ва хонаводагӣ ва фардӣ аст, ки саломатии хонавода ва ҷомеаро таҳдид мекунад.

**Роҳбурдҳои илмӣ дар иртиботи волидайн бо навҷавонон.** Синни навҷавонӣ бисёр ҳассос аст ва барои тарбияти дурусти фарзандон ба манзури пешгирӣ аз суқут ва инҳитоти онҳо барои мураббиён ва волидайн ва масъулин лозим аст, барномаҳои вижаеро дар назар бигиранд:

1. Дар баробари рафтори пархошгарона ва истиқлолталабонаи онҳо бояд бо сабру бурдборӣ бо онҳо рафтор шавад.
2. Ситезаҷӯӣ ва рафтори эҳсоси онҳоро бо мулоимат гушзад кунанд.
3. Бояд ба онон арзиш дода шавад ва дар муқобили дигарон шахсияти ононро боло бибаранд.
4. Бар асоси таҳқиқот ва муҳосибот баъд аз синни 21 солагӣ тамоюл ба гурехтан аз хона кам-кам фурӯкаш мекунад. Пас синни 12-21 солагиро бояд бештар муроқибат кард ва ба онон муҳаббат намуд.
5. Эҷоди иртиботи муносиб ва заминае аз оромиш ва осоиш ва дар ҳалли масоил ба шеваи мантиқӣ бо онон бархӯрд шавад.
6. Аз сахтгирииии шадид ва озодии зиёд бояд парҳез шавад.
7. Эҷоди фурсатҳои муносиб барои дарди дил кардани навҷавонон бо волидайни худ эҷод гардад.
8. Нотавонии волидайн дар назорати ҳаяҷоноти худ ва назорат намудан аз пурсишҳои бемварид, мисли бозпурсӣ бояд дурӣ кунанд.
9. Волидайн набояд дар пазириши афкори худ онoро ба иҷбор дар пазириши афкор ва эътиқодот маҷбур намоянд.

**Мушкилот ва инҳирофоте, ки дар омӯзишгоҳ вуҷуд доранд**

1. Камбуди муаллимони ботаҷриба ва пуртоқат дар сатҳи ибтидоӣ ва мутавассита.
2. Камбуди макони таҳсилот ва васоили озмоишгоҳӣ, ки кайфияти омӯзишӣ дар ҳоли ҳозир бисёр кам аст.
3. Баъзе аз муаллимон ва мудирон эҳсос мекунанд, ки донишомӯзон барда ҳастанд ва ҳар чи онон бигӯянд, бояд табаият намоянд.
4. Адами табақабандии донишомӯзон аз назари илмӣ, истеъдод, тавонмандӣ, ҳуш ва тафаккур ва ғайра.
5. Фуқдони мушовир ва мададгори иҷтимоӣ ва клиникҳои равоншиносӣ барои муоина ва иршоди ҷавонон.

**Пешниҳодот ва пешгирӣ бар асоси ёфтаҳо:**

1. Муҳимтарин роҳкорҳои пешниҳодӣ барои пешгирӣ аз осебҳои иҷтимоӣ, омӯзиши усули шеваҳои тарбиятӣ ба волидайн, бахусус дар даврони булуғи фарзандон.
2. Эҷоди коргоҳҳои маҳорати зиндагӣ ба духтарон барои ошноӣ бо худ (шинохти зоҳир ва амёли дохилӣ).
3. Омӯзиш ва огоҳӣ додан ба навҷавонон дар мавриди масоили ҷинсӣ ва назортаи он.
4. Тадвини қонунҳои ҳимоятӣ бо замонати иҷроии қавӣ.

5. Эҷоди бонки иттилоотии донишомӯзон барои касоне, ки хонаводаҳои осебзо доранд (падар ва модари муътод).
6. Огоҳӣ додан ба духтарон дар барои оқибатҳои фирор аз тариқи расонаҳои ҷамъӣ мисли радио, телевизион, интернет, моҳвора ва маҷаллаҳо ва ғайра.
7. Эҷоди коргоҳҳои равоншинохтӣ ва мушовираи фардӣ ва гурӯҳӣ ҷиҳати назорати асабоният ва тасмими фаврӣ ва ғайра.
8. Эҷоди фазои омӯзишӣ зимни хидмат ба суртаи ҳар 6 моҳ, ки битавон наҳваи тақвияти бунияи илмии омӯзгорон ва дабиронро фароҳам намояд, то шеваи бархӯрд бо хашм ва ҳар гуна тағйироти рӯҳӣ дар навҷавононро фаро бигиранд.
9. Истиқрори мададкорон дар калонтарин ҷойгоҳҳои автобусронӣ (терминалҳо), паркҳо ва ғайра.
10. Ба муҳаққиқон тавсеа мешавад, қишрҳои дигари ҷомеа, назири муаллимон ва кормандон, коргарон ва пизишкон ва ғайраро мавриди баррасӣ ва арзёбии назорати хашм ва мушкилоти рӯҳӣ қарор диҳанд.


АДАБИЁТ

1. Адам Миллер. Равоншиносии кӯдаки маҳрум аз падар. Тарҷумаи Хусрав Боқирӣ. –Теҳрон: Чоп ва нашри интишороти тарбият. Чопи аввал, 1992.
2. Аҳади Ҳасан. Базеҳдидагон. Маҷмӯаи мақолоти аввалин ҳамоиши илмӣ ва роҳкорҳои пешгирона. –Исфаҳон;Чопи донишгоҳи Озоди Иломӣ. 2004.
3. Аҳади Ҳасан. Равоншиносии ҷавонон ва навҷавонон. –Теҳрон; Интишороти нашриёти Бунёд. Чопи аввал. 1992.
4. Атиксон Ритол. Ҳилгорд ва заминаи равоншиносӣ. Ҷ.1. Тарҷумаи ҳайати мутарҷимон. -Теҳрон; Интишороти Рушд. 1985.
5. Ҷон Ҷек Русо. Устоди бузурги таълим ва тарбият. Тарҷумаи Ғуломҳусайни Зиракзода. -Теҳрон, 2000.
6. Милонифар Беҳрӯз. Равоншиносии кӯдак ва навҷавонон. Нашриёти Қудс, 2001.
7. Нодирӣ Иззатуллоҳ ва Сайфи Нароқӣ. Рафтори кӯдакон ва равишҳои ислоҳ ва тармим. -Теҳрон, 2000.



**БЕЗНАДЗОРНЫЕ ДЕВОЧКИ И ИХ СОЦИАЛЬНАЯ СРЕДА**

Одной из важных причин беспризорности являлось и является разрушение семейного быта и естественного уклада жизни. В подобных условиях бездомный ребенок рано включается в уличную борьбу за выживание при отсутствии воспитательной помощи взрослых и нормальной детской среды. У такого ребенка меняется и психология, поэтому беспризорные дети нуждаются в особом воспитательном подходе. В данной статье автором рассмотрены проблемы уличных и безнадзорных девочек в иранском обществе.



**Ключевые слова:** детская безнадзорность и беспризорность, рост безнадзорности и беспризорности несовершеннолетних, безнадзорные девочки, социально-экономические проблемы, нравственно-ценностные ориентации ослабление воспитательных возможностей семьи и школы.



**STREET GIRLS AND THEIR SOCIAL ENVIRONMENT**

One of the important causes of homelessness was, and is, the destruction of family life and the natural way of life. In such conditions a homeless child sooner included in a street fight for survival in the absence of educational assistance adults and normal children's environment. That child has changed and psychology, so street children in need of special educational approach. In the article the author considers the problem of street and neglected girls in Iranian society.



**Key words:** children's neglect and homelessness, the growth of child neglect and homelessness, street girls, socio-economic problems, moral and value orientations of the weakening of educational opportunities for families and schools.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Садро Мирзоджони*** – соискатель ТГПУ им.Садриддина Айни


# БАРРАСИИ МУШКИЛОТИ ИҶТИМОИИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯТ ВА ТАЪСИРИ ОН ДАР РАВАНДИ РУШДИ ОМӮЗИШ ВА ПАРВАРИШ


***Муҳаммад Афҳамӣ Ақдо***

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айни**


Имрӯза дар ҳар кишваре низоми омӯзиш ва парвариш бино ба зарурати тағйирот ва дигаргуниҳои иҷтимоӣ яке аз созмонҳои печида ва бузурги иҷтимоӣ маҳсуб мешавад ва бо рушду тавсиаи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ пайванде ногусастанӣ дорад ва ба тадриҷ аз як ҳолати содаи ибтидоӣ ба як ҳолати печида даромадааст. Имрӯза ҳама миллатҳо ва давлатҳои ҷаҳонӣ аз кӯчак ва бузурги қудратманд ва нотавони санъатӣ ва дар ҳоли тавсеа бо ҳар низоми сиёсӣ ва иҷтимоӣ ба масъалаи таълиму тарбият таваҷҷуҳ доранд ва омӯзишу парвариш нисбат ба

дигар фаъолиятҳои иҷтимоӣ дар миқёси ҷаҳонӣ аз авлавияти хосе баҳраманд аст ва барои ҳамагонӣ ва иҷборӣ кардани он тааҳҳудоти сангин дар қонунҳои асосӣ ва бунёдии худ мегунҷонанд ва фоизи қобили таваҷҷуҳе аз буҷаи ҷорӣ ва умронии кишвар ба ин муҳим ихтисос дорад, чаро ки тарбияти фарзандон аз ниёзҳои аввалияи зиндагӣ мебошад. Лизо, шинохти аҳамият, муҳтаво ва шумули омӯзишу парвариш ва ҳамчунин масоил ва манобеъ ва раддабандии онҳо моро дар барномарезӣ ва иҷрои ҳар чӣ беҳтар кумак хоҳад кард.

а) аҳамияти омӯзиш ва парвариш. Аз замоне ки зиндагии инсонҳо ба сурати бадавӣ буд ва талош барои таъмини ғизо, пӯшок ва сарпаноҳи содае маҳдуд буд, он чи аз падару модар ва муҳит худ ба худ ба насли ҷавон мунтақил мешуд, ба қадри кофӣ созанда буд ва фарзанди хонавода ниёзҳои лозими зиндагии худро дар оғӯши табиат ва таҳти таъсири муҳит фаро мегирифт. Дар ин давра аз зиндагии инсонҳо ба кӯшиши амдӣ барои тарбияти фарзанд чандон ниёз набуд ва агар ҳам буд, падару модар ба ин ниёз таваҷҷуҳи камтаре доштанд. Зарурати тарбияти амдӣ аз замоне ҷалби таваҷҷуҳ кард, ки сурати пешрафта ва печидаи замонӣ касби омодагӣ барои муқобала бо масоили рӯзмарраро иҷоб кард ва ин омодагӣ худ ба худ бидуни талош фароҳам наёмад. Бо комилтар ва печидатар шудани зиндагии башар, ниёз ба тарбияти амдӣ бо шиддат ва вусъати бештар эҳсос шуд ва кӯшиши пайгири хонавода ва ҷомеаро дар амри тарбият иҷтинобнопазир сохт ва бад- он ҷо расид, ки аз хонавода дар муқобала бо онҳо нотавониҳое дида шуд ва лозим омад, ки масъулияти созандагии насли ҷавон ба афроде бартар ва шоистатар аз мардуми оддӣ муҳаввал шавад, ки нақши тарбиятии пешвоёни мазҳабӣ ва руасои қабоил ва билохира муаллимон ва мураббиён бад- ин сурат шакл гирифт ва густариш ёфт ва дар ин марҳала аз таҳаввули зиндагии гурӯҳӣ алоқаи хонавода ба тарбияти фарзанд вуҷуди муаллим ва мураббии хусусиро дар хонавода афзоиш дод ва мӯҷиби пайдоиши ниҳодҳои махсус тарбият гардид, ки ҳар сол аз таъсиси мактаб ва мадраса истиқболи бештар ба амал меояд.

Дар зиндагии имрӯз аз мадраса бисёр сухан ба миён меояд. Дар ҳар ҳол, дар сурати вуҷудии созмонҳои тарбиятӣ ва авлавияти омӯзишу парвариш нисбат ба дигар фаъолиятҳои иҷтимоии ҳама донишмандон ва ҷомеашиносон иттифоқи назар доранд ва дар заминаи тарбият ва таълими умумӣ таъкид мекунанд, то он ҷо ки аз тавсеа ва рушди созмонҳои тарбият ба унвони шохис ва меъёри мутағайири рушди сиёсӣ ва иҷтимоии ҷомеа ёд мешавад.

Танаввӯъ ва дигаргунӣ дар зиндагӣ, мураттабан, бар вусъати ниёзҳо меафзояд ва баҳрамандии инсонҳоро аз маҳоратҳо ва тавоноиҳои ҷадид иҷоб мекунад. Касби маҳорат барои муқобала бо ниёзҳои мутанаввеъ ва печидаи зиндагӣ ва касби аҳлият барои истифода аз техникаҳои нав ва корбурди абзори ҷадид худ мусталзами тавассул ҷустан ба тарбият аст, он тарбияте, ки барои зиндагӣ дар ҷомеаи имрӯз бо эҷоди васеи ниёзҳои рӯзмаррааш тавоноии лозимро фароҳам оварад ва афродро барои муқобала бо зарурат҆ои рӯзмарраи зиндагӣ омода кунад. Ин зарурат нишонаи боризи аҳамияти омӯзиш ва парвариш аст ва улвияти онро нисбат ба дигар фаъолиятҳои иҷтимоӣ тавҷеҳ мекунад.

Омӯзиш ва парвариш танҳо василаи дастрасӣ ба техникаҳои қавитар ва тавсеа ва пешрафти бештар аст. Дигаргуниҳои рӯзмарра ва сареи зиндагии инсон низ ниёз ба тарбият ва касби омодагӣ барои қабули таҳаввул дар абъоди гуногуни ҳаёти инсониро ба хубӣ тавҷеҳ мекунанд, дигаргуниҳое, ки иҷтинобнопазиранд ва танҳо тарбият ва таълими саҳеҳ муқобалаи мутаодил ва матлуб бо онҳоро имконпазир месозад.

Омӯзиш ва парвариш аз назари иқтисодӣ низ ҷозибаи шадиде дорад. Дар ҷомеаи имрӯз тахассус ва маҳорат аз тариқи тарбияти амдӣ ва таълими низомдори расмӣ ҳосил мешавад ва ҳамин тахассус сатҳи зиндагии хонавода ва ҳатто ҷомеаро ба куллӣ дигаргун мекунад ва ба мавзеи болотар ва беҳтар иртиқо медиҳад.

Масъалаи тарбият дар айни зарурат як фанни зариф ва тахассусе бо ибҳом ва печидагиҳои бисёр аст. Кӯшишҳои пажӯҳишии васее, ки барои шинохти масоил ва душвориҳои ин ришта дар сар то сари ҷаҳон ба амал меоянд ва роҳёбӣ ба муҳтаво ва равиши судбахштар ва муассиртари омӯзишӣ ва тарбиятиро ҷустуҷӯ мекунанд, аз зарурат ва дар айни ҳол аҳамияти тарбия ва таълим нишон доранд.

б) муҳтавои омӯзиш ва парвариш. Ба дунболи баҳс дар бораи аҳамияти омӯзиш ва парвариш ошноӣ бо муҳтаво ва барнома дар хусуси омӯзиш ва парвариш амре комилан табиӣ аст ва мебоист бардошти густардае оғоз кард, то ҳама авомили тарбиятро дар бар гирад ва ҷомеъ бошад. Рӯшан аст, ки тарбияти як фард фақат

натиҷаи кӯшишҳои амдӣ ва расмии хонавода ва мадраса нест. Тарбияти ҳар фард натиҷаи ҳама авомиле аст, ки дар шаклгирии шахсияти ӯ нақш доштаанд ва асари муҳит дар созандагии вижагиҳои ақлии отифӣ ва рафтории инсонҳо хоҳ- нохоҳ мақоме дорад. Лизо, мавқее, ки аз барнома ва муҳтаво сухан мегӯем, лозим аст, ки масъалаи тарбиятро ба мафҳуми ҷомеи он ва шомили ҳама фароёндҳое, ки дар ин замина нақше доранд, дар назар бигирем.

Масъулияти мадрасаро наметавон нодида гирифт ва он чи ки аз тариқи таълими рӯзонаи муаллим ҳосил мешавад, фақат бахши кӯчаке аз асар ва рисолати мадраса аст. Мадраса худ ҷузъе аз муҳит аст ва дар чаҳорчӯби созандагиҳои муҳит дар шакл додан ба шахсияти кӯдакон ва навҷавонон нақши қобили мулоҳизае дорад. Омӯзиш ва парвариши расмӣ ҳам фаъолияти муаллимро ва ҳам фаъолиятҳое, ки нақши созандаи рафторӣ дорад, дар бар мегирад ва он муҳтаворо, ки ҳар ду мавзӯи фавқро пӯшиш диҳад, муҳим аст.

Рисолати тарбиятии хонавода ва мадраса ва ҷомеаро дар ҳар ду бӯъди омӯзиш ва парвариш бояд дид, ки аввалин натиҷаро дар ёдгирӣ ва ҳосили дувумин дар тағйири рафтор хулоса мешавад ва омӯзишу парвариш, ду мафҳуми муҷаззо аз ҳам нестанд ва ба наҳве ҳар як дар хидмати дигаре аст. Аз ин рӯ, ёдгирӣ ва тағйири рафторро бояд бояд мукаммили ҳам бидонем. Лизо, муҳтавои тарбияте судбахштар аст, ки дар ҳар ду ҷиҳат: ёдгирӣ ва тағйири рафтор муассир бошад. Таҳияи он муҳтавои тарбиятӣ, ки ниёзҳо ва таваққуоти ҷомеаро ба сурате ҷомеъ ва ҳамаҷониба посух диҳад ва дархӯри он бошад, ки ба унвони як ниёзи умумӣ матраҳ шавад, аз душвориҳои ҷиддии мудирияти кунунии иҷтимоъ аст. Масъала ин аст, ки низоми омӯзишӣ бок адом муҳтавои судбахш ва қобили эътимод метавонад ба ниёзҳо ва заруратҳои мадраса посух диҳад. Муҳтавои омӯзиш ва парвариш бояд ба сурате таҳия шавад, ки байни вақт ва сармоя ва кори масрафӣ барои тарбияти ҳар фард ва натиҷае, ки аз ин сармоягузориҳо ҳосил мешавад, таодул ва таносуби матлубро барқарор кунад. Баррасии масоили омӯзиш ва парвариш худ кӯшиш барои ёфтани он муҳтаво ва он кайфияти иҷроие аст, ки, ки мақосиди тарбиятиро таъмин кунад ва қудрати созгорӣ ва созандагиро дар афроди ҷомеа фароҳам оварад.

Шумули омӯзиш ва парвариш. Омӯзиш ва парвариш дар ҷомеаи имрӯз дар ду бӯъди замон ва макон то чӣ андоза густурда аст? Ҳар инсон барои домаи зиндагии рӯзмарра бояд аз тарбияти амдии хос дасткам дар ҳадди меъёрҳои мутаорифи ҷомеа баҳраманд боша два ҷанбаи ҳамагонии нисоби муқаррари омӯзиш ва парвариш дар ҳар ҷомеа аз ҳамин илзом ношӣ мешавад ва ҷомеае, ки ин аслро пазируфтааст, баҳрамандӣ аз нисоби муайяни тарбияти ҳамагониро барои кӯдакон ва навҷавонон фароҳам кунад ва лизо ин ҷанбаи ҳамагонӣ ба вазифа ва масъулияти ҷомеа бармегардад.

Асли ҳамагонӣ ду навъи илзомро ба вуҷуд меоварад: иҷборӣ ва ройгон. Ҷанбаи иҷбории тарбияти умумӣ масъулияти хонаводаро тавҷеҳ мекунад, яъне вақте низоми ҳамагонӣ пазируфта шуд, хонавода муҷози нисбати фарзанди худро аз он бениёз бидонад. Дар ағлаби кишварҳои дунё барои иҷрои омӯзиши ҳамагонии иҷборӣ қонуни хос тасвиб шуда, ба иҷбори хонавода барои мушоракат дар ин муҳим сурати расмӣ ва қонунӣ додаст. Омӯзиши ҳамагонӣ ба сурати ройгон арза шавад. Иҷборӣ ва ройгон будани омӯзиши ҳамагонӣ лозим ва малзуманд, зеро иҷбор агар бо таахҳуди ҳазина ҳамроҳ бошад, бо шароити моли хонавода бархӯрд намуда, гоҳе ба бунбаст мерасад.

Дар Эрон омӯзиши иҷбории ҳамагонӣ собиқаи қадиме дошта, дар бораи се қонуни асосии маорифи мусавваби соли 1197 ҳ. ш.. омадааст, ки таълимоти ибдоия барои умуми эрониён иҷборӣ аст ва қонуни иҷрои таълимоти иҷбории мусавваби мурдоди соли 1322 ш. сареҳан ин барномаро ба давлат муҳаввал кардааст. Лизо, давлатҳо, мебояд, муҷиботи баҳраманде аз омӯзиш ва парвариши ибтидоиро фароҳам оваранд ва ҳанӯз ҳам камбудҳое вуҷуд дорад, ки барои рафъи ин мавонеъ ба шеваҳо ва низоми хоси мудирияти ғайримутамарказ ва ҷалби ҳамкории бештар бояд мутавассил шуд.

Машғули омӯзиш ва парвариш аз назари ҷуғрофиёӣ ва минтақаӣ фарогир ва ҳамаҷойӣ аст ва баҳрамандӣ аз нисоби муқаррари тарбияти ҳақ шинохта шуда, ҳаматабақот ва манотиқ аст, ба ин маъно, ки ниёз ба тарбияти умумӣ дар шаҳру русто дар манотиқи кӯчак ва дурафтода ва дар марокизи бузург бо таъкиди яксон матраҳ аст ва барои ҳама қутбҳои ҷамъиятӣ ва ҳама табақоти ҷомеа, лузуман, бояд ҳадаф ва муҳтавои яксон дошта бошад ва битавонад фурсатҳое барои шукуфоии истеъдодҳои билқувваи ҳама афроди ҷомеа бошад.

Пайвастагӣ хосияти дигари омӯзиш ва парвариш аст. Ин вижагӣ машмули омӯзиш ва парваришро дар бӯъди замон таъйин мекунад. Ҳар инсон ба сабаби тавсеа ва таҳаввул бар асоси ниёз аз бидави таваллуд ҳамвора дастхӯши тағйир ва дар ҷараёни ёдгирӣ ва дигаргунӣ аст ва тарбияти афрод ва гурӯҳҳоро ба самти такомул ба пеш мебарад ва «Атлабул илму минал маҳди алал лаҳади», ки аз лузуми пайвастагии тарбияту таълимро нишон медиҳад. Ниёз ба омӯзиш ва парвариш аз назари зиндагии гурӯҳӣ низ беинтиҳост, то ҷомеаи инсонӣ боқӣ аст, барои интиқоли насл ба насли мероси фарҳангӣ ва барои иртиқои сатҳи зиндагии инсон ва сайри такомулии ҷомеа ба порае кӯшиш мутавассил бояд шуд.

Лузуми шинохти масоили омӯзиш ва парвариш. Масъаларо дар луғат ба маънои ниёзи дархост ва гоҳе ҳам мавзӯи мавриди суол овардаанд. Ҳар ҷо суоле ва ибҳоме вуҷуд дошта бошад, масъалае матраҳ аст. Дар омӯзиш ва парвариш низ ҳар масъалае аз навъи дигаре барои ёфтани муносибтарин хатти маши марбут падид меояд. Шиносоӣ ва чораҷӯйӣ ду масъалаи аслии даргире бо ҳар масъала ҳастанд. Рӯшан аст, то заъфу камбуде зоҳир нашавад, зарурати дармон ва чораҷӯйӣ пеш намеояд.

Дар амри тарбият масоили мутааддид ва мутанавеъе вуҷуд дорад, ки ҳар як аз онҳо мумкин аст фишори бурузи дигаргуниҳои рафторӣ ё иҷтимоии васеъ бошад, дигаргуниҳое, ки баъзе хатарноканд ва агар бамавқеъ маҳор нашаванд, фоҷиабор мебошад. Пас, агар шиносоии дардҳо ва душвориҳо ниёзманди ҳар гуна дармону чораҷӯйӣ аст, масоили омӯзиш ва парвариш низ ҳамонанди дигар масоил мубтало ба зиндагии рӯзмарра, қаблан, бояд шинохта шаванд ва мавриди таҳлил қарор гиранд ва он гоҳ бар мабнои иллатҳо ба дармону чораҷӯйии онҳо иқдом шавад.

Манобеи шинохти масоили омӯзиш ва парвариш. Масоили омӯзиш ва парваришро куҷо ва чӣ гуна метавон ёфт. Барои посухи ин суол ин воқеияти айниро бояд дар назар гирифт, ки масоили тарбиятӣ, ағлаб, бар мурури зимом падид меоянд ва батадриҷ шакл мегиранд. Бинобар ин, арзишёбии мавод ва мустамар беҳтарин ва муассиртарин василаи шинохти ин гуна душвориҳост. Назарот ва арзишёбии мустамар ин имконро ба вуҷуд меоварад, ки масоили бунёдӣ ва иҷроии кори мадраса аз лиҳози муҳтаво ва иллат шинохта шавад ва барои онҳо барнома ва тадбири хосс, қабл аз он ки дармонпазир шавад, фароҳам гардад. Дар марҳалаи шинохти масоили тарбиятӣ аз манобее бояд суд гирифт, ки бо душвориҳо бархӯрди мустақим доранд:

а) таҷрибаи коргузорони омӯзиш ва парвариш;

б) озмудаҳои авлиёи омӯзиш ва парвариш;

в) иштиғол ба кор манбаи ёдгирӣ аст, таҷрибаи иштиғол ба кор бо натиҷаи солҳо таҳсилоти назарӣ ва клоссик муқоиса кард;

г) муаллимон дар клосси дарс ва дар муҳити мадраса беш аз ҳар гурӯҳ ба масоил ва душвории ношӣ аз барнома ё равишҳо ва масоили кор пай мебаранд;

ғ) таҷрибаи коршиносони омӯзиш;

д) ташкили шӯроҳои муаллимон ва коркунони мадраса;

е) эҷоди «Анҷумани санафӣ» дар миқёси минтақавӣ ва кишварӣ;

ё) ташкили конфронсҳо ва семинорҳои тарбиятӣ дар миқёси миллӣ ва байналмилалӣ;

ж) назарот ва боварҳои ҳамагонӣ барои шиносоии масоили омӯзиш, ки аз расонаҳои гурӯҳӣ ва иртибототи мардумӣ натиҷа мешавад;

з) арзишёбӣ ва пажӯҳише, ки кӯшише амдӣ ва ҳадафдор барои шиносоии масоил ва мушкилот аст, ки ин равиш манобеи муҳими шиносоии душвориҳо ва камбудҳост.

Радабандии масоили омӯзиш ва парвариш. Масоилро метавон бо дидҳои мухталиф мавриди таваҷҷуҳ қарор дод ва бо ҳар назар навъе радабандӣ аз онҳо ҳосил шавад ва радабандӣ фақат қолаби баррасиро таъйин мекунад ва ё ин ки дар масъалаи аслии шомили масоили омӯзишӣ дар иртибот бо кӯшишҳое, ки барои интиқоли дониш ва маҳорат ба насли ҷавон аъмол мешаванд ва масоили парваришро дар иртибот бо он силсила фаъолиятҳое, ки муҷиби созандагӣ ва тағйири рафтор ҳастанд, табақабандӣ кард.

Радабандӣ аз назари натиҷа. Масоилро метавон дар назари боздеҳи кор низ табақабандӣ кард, ба ин маъно, ки дар як табақа муваффақиятҳо ва пешрафтҳо ва дар табақаи дигар фаъолиятҳое, ки ба таъмини ҳадафҳо ва мақосид марбут нашудаанд.

Радабандӣ аз назари иллатҳо. Масоил мумкин аст аз норасоии барномаҳо ва вуҷуди заъфу нукс дар сохту муҳтаво ва равишҳо ё аз наҳваи амал ва ҷараёни кори

мадраса ношӣ бошанд ва бинобар ин, ба ду дастаи бунёдӣ ва иҷроӣ мустақим мешаванд.

Масоили бунёд шомили: ноҳамоҳангии ҳадаф ва барномаи фуқдони иртибот байни барнома ва ниёзҳои айнӣ ва воқеии зиндагӣ нуқс ва заъф дар ойинномаҳо ва мабонии сохтмонии низоми омӯзишӣ мебошанд, аз мадраса ва зимни барномарезӣ падид меоянд ва аз душвориҳои бурдани марзии мадрасаанд.

Масоили иҷроӣ. Шомили камкорӣ ва нотавонии муаллим, нуқс ва камбуди васоили кор, тазоди фикрӣ байни муаллим ва мутааллим, мудирияти заиф ва беназмии фуқдони назорат ва арзишёбӣ мебошанд ва маншаи онҳо ҷараёни кор дар дохили мадраса аст.

Радабандӣ аз назари моҳият. Дар ду рада: кайфӣ ва камӣ табақабандӣ мешаванд. Порае душвориҳо аз чигунагии кор аам аз бунёдӣ ё иҷроӣ ношӣ мешаванд, дар ҳоле ки баъзе дигар натиҷаи густариши сареи созмонҳо ва афзоиши рӯзмарраи ниёзҳо ҳастанд ва мушаххасан камбудҳои ададиро дар бар мегирад. Чораҷӯйии дастаи аввал мусталзами ислоҳи муҳтаво ва равиши кори мадраса аст ва ба ҳамин сабаб масоили кайфӣ мебошад ва дастаи дуввум, ки ба сурати камбудҳои миқдорӣ баён мешавад, масаоили камӣ аст ва ба таҳияи имконоти бештар ва кофитар вобаста аст. Ба таври куллӣ, ҳар масъалаи кайфӣ навъе норасоӣ ва нуқс дар навъ ва наҳваи кор аст ва як масъалаи камиро дар ҳаҷму вусъати фароянди рӯзонаи мадраса бояд ҷустуҷӯ кард.

## АДАБИЁТ


1. Беҳзодпур Оҳан. Баррасии асоситарин мушкилоти омӯзиш ва парвариши Эрон.- Теҳрон: Донишкадаи улуми тарбиятии Донишгоҳи Теҳрон, 1376.
2. Вазорати омӯзиш ва парвариш. Мушкилоти омӯзиш ва парвариш аз дидгоҳи руасои омӯзиш ва парвариш.- Теҳрон, 1377- 1385
3. Муайярӣ Муҳаммад Тоҳир. Масоили омӯзиш ва парвариш.- Теҳрон: «Амири Кабир», 1385, 362 с.
4. Омори расмии омӯзиш ва парвариш дар соли таҳсилии 1385- 1384.- Теҳрон.
5. Оқозода. Масоили омӯзиш ва парвариши Эрон.- Теҳрон: «Исмат», 1383
6. Софӣ Аҳмад. Масоили омӯзиш ва парвариши Эрон ва роҳҳои коҳиши онҳо.- Теҳрон, 1385, 188 с.
7. Софӣ Аҳмад. Баррасии сайри таърихӣ ва таквинии қавонини омӯзиш ва парвариш дар Эрон.- Теҳрон, 1384.
8. Шикорӣ Аббос. Масоили омӯзиш ва парвариши Эрон.- Кошон: Донишгоҳ, 1383.


### ИССЛЕДОВАНИЕ СОЦИАЛЬНЫХ ПРОБЛЕМ ОБРАЗОВАНИЯ И ВОСПИТАНИЯ В ИРАНЕ


В современном мире образование и воспитание играет очень важную роль. Для правильного понимания путей развития образования необходимо определять проблемы в данной области и находить пути их решения. В данной статье автором рассмотрены социальные проблемы современного образования в исламской Республике Иран.



**Ключевые слова:** образование и воспитание, социальные проблемы образования и воспитания, развитие сферы образования, социально-экономическая обстановка.


### THE STUDY OF SOCIAL PROBLEMS OF EDUCATION AND EDUCATION IN IRAN


In the modern world education plays a very important role. For the correct understanding of the ways of development of education it is necessary to identify the problems in this area and find solutions for them. In the article the author considers the social problems of modern education in the Islamic Republic of Iran.



**Key words:** education, social problems of education and upbringing, education, socio-economic situation.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:*Мухаммад Афхами Акдо***- соискатель ТГПУ им.Садриддина Айни


# ОМӮЗИШИ ONLINE РОҲНОВАРДИ НАВИНИ ТЕХНИКӢ БАРОИ БЕҲБУДИ СИФАТИ ОМӮЗИШ


***Ҳуҷҷатулло Моҳру Бахтиёрӣ***

**Донишгоҳи давлатии омузгори Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**


**Омӯзиш дар доираи сифат.** Зуҳуран доираи сифат ё доираи PDCA (тарҳ-озмоиш-бозхӯрд-иҷро)-ро ҳамчун як ҳалқаи бепоёни ҳаракати беинтиҳо муаррифӣ мекунанд. Аввалин бор Деминг дар сафари худ ба Ҷопон дар соли 1950 ин доираро муаррифӣ намуда, онро бо номи устоди худ Шухарт меномад. Баъдҳо ҷопониҳо онро

давраи Деминг номиданд ва имрӯз бо номи доираи PDCA машҳур аст. Решаи ин ҳалқа дар фалсафаи ёдгирии Ҷон Дюи нуҳуфта аст, ки марҳалаҳои ёдгирии инсонро чунин баён мекунад: кайфият ё иттилооти ҷадид, тавлид ё анҷоми кори ҷадид бар асоси иттилооти бадастомада, мушоҳида ва ё бознигарии натиҷаҳои кор, ки дар марҳалаи охир худ сабаби кашф ва касби иттилооти ҷадидтар мешавад ва ин давра ҳамчунон идома дорад. Дюи итминон дошт, ки бисёр аз омӯхтаҳои инсон, мисли роҳ рафтан, сухан гуфтан ё анҷоми корҳое, ки ба маҳорати хос ниёз дорад, аз ин тариқ ҳосил мешаванд. Ин маҳфум танҳо омӯзиши классикӣ ё суннатиро дар бар намегирад ва бо омӯзиши дар синф додашаванда маҳдуд намешавад, балки мафҳуми ёдгирӣ бисёр васеъ аст. Санҷ муътакид аст, ки мудирони амрикоӣ беҳавсала ва дунболагири натиҷаҳои зудрас мебошанд. Бинобар ин, тарҳ маъмулан дар марҳилаи иҷро ҷаҳиш мекунад. Ба ин таркиб дар ин фароянд ба марҳилаҳои мобайн, яъне озмоиш ва бозхӯрд, ки марҳилаҳои ёдгирӣ ва омӯзиш ҳастанд, камтар таваҷҷуҳ карда мешавад. Доштани давраи сифати муосир ниёз ба маҳорат ва тамрин дар сатҳи мудирон ва коркунон дорад. Мудирияти ҷопонии Койзан созмонҳои ҷопониро водор намуд, ки то ба омӯзиши васеи маҳоратҳои гурӯҳӣ бипардозанд ва аз ин тариқ қобилиятҳое, ки барои давраи сифат лозиманд аст, фароҳам оваранд.

Чигунагии таҷдиди назар ва тағйири як барномаи тарбиявии муфид ва созанда ба унвони як асоси маълум дар ҷиҳати тавсеа ва пешрафти фарҳангу тамаддун ошкор шуда аст. Пайдоиши инқилоби саноатӣ дар Аврупо ва инқилоб дар технология ва фиристодани радифҳои маснуӣ ба фазо, ниёзи марказҳои саноатӣ ба нерӯҳои моҳире, ки ҳадди аксар тавоноӣ, короӣ ва боздеҳро дошта бошанд, ки ҳама тағйир ва таҳаввулро дар низоми омӯзишии кишварҳо зарурӣ сохтааст.

Суоле, ки чаро бояд барномаҳои омӯзиш ва парвариш тағйир ва таҳвил ёбад ва ҳамчунин омилҳои пайдоиши роҳнамоӣ дар омӯзиш ва парвариш марбут ба иллатҳое аст, ки муҳимтарини онҳо афзоиши табиии ҷамъият, бавижа ҷамъияти ҷавони кишварҳо ва афзоиши донишомӯзон ва набудани эътдол дар тақсими донишомӯзон дар риштаҳо ва шохаҳои таҳсилӣ, зарурати барқарории эътидол байни бозори кору тарбияти нерӯи инсонӣ ва коҳиши таҳсилӣ мебошад.

Оё бо изофа кардани чанд дарс бо омехта кардани ду ва ё чанд моддаи дарсӣ ва ё тағйири номи баъзе аз маводи дарсӣ метавон гуфт, ки тағйир ба вуҷуд омадааст ? Посухи ин суол манфӣ аст. Бояд хотирнишон сохт, ки ҳар гуна ислоҳ ва таҷдиди назар ва ё тағйироти асосӣ мебояд аз бисёр ҷихатҳо мавриди таваҷҷуҳ қарор гирад, ва низ бояд мушкилоти онро пешбинӣ карда, роҳҳои расидан ба ин ҳадафҳоро ҷустуҷӯ намуд ва ҷиҳати асосии онро рӯшан сохт.

Бо таваҷҷуҳ ба ҳамин нукот, ки аҳамият ва зарурати мушовара ва роҳнамоӣ ба унвони як асоси муҳим дар ҷараёни таълим ва тарбия ошкор мегардад. Мактаб ба унвони як ниҳоди иҷтимоӣ бояд мутаносиб бо эҳтиёҷҳои фардӣ ва мушкилоти ҷомеа бошад. Чун ҷавомеъ пайваста дар асари омилҳои мухталиф (ба мисли ҷангу низо , авомили табиӣ , инқилоб ва ғайра ) тағйир меёбад, макта ҳам ба унвони як ниҳоди иҷтимоӣ бояд мутаносиб бо тағйироти ҷомеа тағйир ёбад. Мактабҳо бояд бо таҳаввулоти фарҳанг, илмӣ ва иҷтимоӣ ҳамоҳанг ва ҳамгом бошанд ва барои пешрафт дар ин заминаҳо, тағйирёбанда гарданд.

**Таърифҳои роҳнамоӣ ва мушовара.** Мутолиаи низомҳои омӯзишии чаҳон нишон медиҳад, ки аз хадамоти роҳнамоӣ ва мушовара ба унвони осонкунандаи раванди таълим ва тарбия дар давраҳои мухталифи таҳсилӣ ба шакли хуб суд бурдаанд. Барои роҳнамоӣ таърифҳои гуногуне баён шудааст, ки зимни бархурдори аз навъҳо ва аз чиҳатҳои муштараке низ бахраманд ҳастанд. Барои риояти ихтисор ва парҳез аз тӯлонитар шудан, танҳо ба овардани яке аз он таърифҳо басанда мекунем: роҳнамоӣ кӯшише аст инсонӣ, барои эҷоди ҳадди аксари тавофуқи мумкин байни хусусиятҳои фард дар мавриди роҳнамоӣ ва мушкилоти фаъолияте (таҳсилӣ ё ҳирфаӣ), ки ба он машғул хоҳад шуд.

Мафҳумҳое, ки дар роҳнамоӣ ба кор бурда шуданд бисёр гуногун ва аз навъҳои дидгоҳӣ, бахши азиме аз ҷарёни таълим ва тарбияро дар бар мегиранд. Намунаҳои зерин таъйидкунандаи ин мавзӯъ аст:

- Роҳнамоӣ бахше аз кулли ҷараёни таълиму тарбия ба таври ом ва мактаб ба таври хос аст .
- Роҳнамоӣ як силсила хадамот ва кӯшишҳои танзимшуда ва созмонёфта аст.
- Манзур аз роҳнамоии фард, кӯмак ба тасмимгирии огоҳона ва оқилона ва қарор гирифтан дар роҳи рушд ва парвариши нерӯи қазоват аст.

Чунон чи, роҳнамоиро доираи азиме аз фаъолиятҳои тарбиявӣ дар омӯзиш ва парвариш бидонем, мушовара ба унвони доираи кӯчактаре дар қалби он доираи азим ҷой дорад Ба ибораи дигар, яке аз муҳимтарин хадамоти роҳнамоӣ, хадмати мушовара аст.

**Таърифи мушовара.** Яке аз ҷадидтарин таърифҳои мушовара ин аст, ки дар соли 1960 тавассути Крумбулатиз баён шудааст. Ӯ мегуяд: «Мушовара аз тамоми фаъолиятҳои ахлоқӣ ташкил ёфтааст, ки дар он мушовир масъулият эҳсос карда, талош мекунад, то ба мурочиаткунандагон кӯмак кунад, то ба он даста аз рафторҳое бипардозад, ки битавонад ба ҳалли мушкилот ва масоили ӯ сабаб шавад. Аммо комилтарин таърифи мушовара тавассути Бургас ва Стефлар баён шудааст. Ба гунае ки тақрибан ба ҳамаи ҷанбаҳои кори як мушовир дар ҷараёни мушовара ишора намудаанд:

«Мушовара ба робитаи ҳирфаии байни як мушовири омӯзишдида ва мурочиаткунанда далолат дорад. Ин робита маъмулан миёни ду нафар аст. Агарчи дар баъзе ҳолатҳо мушовара бо беш аз ду нафар низ сурат мегирад. Ин робита барои кӯмак кардан ба мурочиаткунандагон барои дарку рӯшан кардани назари онон дар мавриди муҳити зиндагии худ ва ёд додани роҳи расидан ба ҳадафҳои интихобшудаи фардӣ аз тариқи интихоби роҳҳои санҷида ва ҳалли мушкилоти ҳаячонӣ ва байни афрод баргузор мешавад».

**Ҳадафҳои мушовара ва роҳнамоӣ.** Дар таърифҳое, ки аз роҳнамоӣ ба амал омадааст, маълум шудааст, ки ба фард кӯмак шавад, то худро бишносад. Мақсад ва ҳадаф аз он ки фард худро бишносад, ин аст ки бо ин шиносоӣ ба сурати инсони муассиртар ва тавонотар , ва дар натиҷа шодмонтар дароянд. Дар маъоние, ки Карл Ричардс баён доштааст, ки ба чунин фард сурати фаъолтар зоҳир мегардад .

Аз тариқи мушовара ва роҳнамоӣ фард на танҳо вазъи феълии худро дарк мекунад, балки аз он чи ки ба сурати он падид хоҳад омад, низ огоҳ мешавад. Роҷерз муътақид аст, ки ҳадафи бештари машғулиятҳои ёридиҳанда, ки шомили мушовара ва роҳнамоӣ низ мешаванд, афзоиши рушди шахсӣ ва равонии фард дар дар роҳи рушди иҷтимоӣ ҳастанд.

Ба ин тариқ, роҳнамоӣ дорои ду ҳадаф мебошад, ки яке ҳадафи они ва дигаре ҳадафи ғоянӣ ва ниҳоӣ мебошад .

1. **Ҳадафионии роҳнамоӣ.** Ҳадафи онии роҳнамоӣ, кӯмак ва роҳнамоии фард дар ҳалли мушкилоти таҳсилӣ, хонаводагӣ ва аҳёнан шуғлӣ аст, ки инро илоҷи воқеа пеш аз вуқӯъ меноманд ва боиси пешгирӣ аз талафи сармояи моддӣ ва маънавии фард дар роҳи ношинохта мешавад.

2. Ҳадафи ғоянӣ ва ниҳоӣ иборат аст аз ин , ки фард худ қодир бошад ё битавонад, ки бо биниши саҳеҳ ба ҳалли мушкилоти хеш пардозад ва оқилона рафтор намояд. Ин аст ки роҳнамоии онӣ шарти лозим ва мукаммали роҳнамоии ғоянӣ ва ниҳоӣ ва худроҳбарӣ мебошад. Аз он ҷое ки қишри донишомӯз аз табақаи синну соли дигар бештар ниёз ба мушовара ва роҳнамоӣ дорад, лизо бештарин ҳадафҳои ин дониш марбут ба мавридҳое мешавад, ки дар мактабҳо ҷанбаи амалиро ба худ касб мекунад. Маъмулан ҳадафҳои як давраи таҳсилӣ ба тавре ба сурати зер таҳқиқ меёбад: 1. Барномаҳои таҳсилии марбут ба оянда. 2. Таҳсилоти ҳирфаӣ. 3. Фаъолиятҳои ҳунарӣ. 4. Фаъолиятҳои марбут ба ҳифзи саломтии ҷисмонӣ ва фикрӣ. 5. Рушди алоқаҳои иҷтимоӣ .

Мақсади ин ҳадафҳо ин нест, ки танҳо донишомӯз дар як ё чанд фаъолияти марбут ба ин ҳадафҳо ширкат намояд, балки лозим аст барномаи роҳнамоӣ таҳсилӣ ба тариқе тартиб ёбанд, ки донишомӯз бо ҳар кадом аз ин ҳадафҳо бархӯрди фаъолона дошта бошад. Ба ҳар тариқ, мушовара ва роҳнамоӣ дар даврони таҳсил, ҳадафҳои гуногун ва саҳеҳеро дар ҳар давраи таҳсил дунбол мекунад. Дар хонавода

ва ҷомеа низ ҳадаферо дунбол мекунад, ки яке аз муҳимтарини онҳо таҷдиди созмондиҳии худ аст.

**Зарурати фаъолиятҳои роҳнамоӣ ва мушовара дар мактабҳо.** Яке аз ниҳодҳои иҷтимоӣ, ин ниҳоди омӯзиш ва парвариш аст, ки масъулияти муҳиме дар тарбияи кӯдакон, навҷавонон ва ҷавононро бар уҳда дорад. Нигоҳи густурда ба нақши омӯзиш ва парвариш ба унвони омили муассир дар фаъолият ба имконоти билқувваи зеҳнии афрод, интиқоли таҷрибаҳои андӯхтаи гузаштагон, ироаи арзишҳои судманд, афзоиши маълумот ва эҷоди маҳоратҳои лозим дар афрод барои зиндагӣ ва билохира барои осон кардани масири ҳаракати вуҷуди одамӣ ба сӯйи камоли аҳамиятии ин ниҳоди иҷтимоиро беш аз беш нишон медихад. Густариши шароити моддии омӯзиш ва парвариш нишонгари гароиш ва истиқболи ҳамагон ба асарбахшии ин ниҳод ва густариши кайфии он дар осори аз тавсиеи илму маориф ва рушди бетаваққуфи технология аст, ки ин ду бар печидагӣ ва зарофати ҷараёни омӯзиш ва парвариш афзудааст. Бинобар ин, барои таҳқиқи ҳадафи таълиму тарбия ва рушди шахсияти кӯдакон ва навҷавонон бояд аз хадамоти роҳнамоӣ ва мушовара ба таври лозим истифода кард. Нақши роҳнамоӣ дар омӯзиш ва парвариши афрод ба ҳадде аст, ки иддае аз соҳибназарон онро ба навъе таълим ва тарбия гуфтаанд ва баъзе роҳнамоиро осонкунандаи чараёни таълиму тарбия медонанд. Агар тарбияро ба маънои нашъунамо додан, зиёд кардан, баркашидан ва ба ҳадди эътидол ҷиҳат додани одамӣ бидонем, таълимро рушд додани одамӣ дар осонии ҷараёни рушду камоли одамӣ хоҳем донист. Муҳимтарин омилҳое, ки дар зарурати роҳнамои ва мушовара ва тавсеаи он дар низомҳои омӯзиш ва парвариш муассир будаанд иборатанд аз :

1.Таваҷҷуҳ ба асолати кӯдак ва омӯзишу парвариши вай.

2 . Вуҷуди тафовутҳои фардӣ дар донишомӯзон ва зарурати шинохт ва таваҷҷуҳ ба ин тафовутҳо дар омӯзиш ва парвариш .

3 . Вуҷуди истеъдодҳои умумӣ ва ихтисосӣ дар донишомӯзон ва зарурати шинохт ва парвариши тадриҷӣ ва санҷишии онҳо.

4 . Рушди ҷамъият ва афзоишҳо ва алоқамандӣ ба таҳсил дар сатҳҳои мухталиф ва густариши илму технология.

5 .Теъдод ва навъҳои воҳидҳои дарсӣ дар риштаҳои таҳсилӣ ва зарурати интихоби муносиб.

6 . Тавсеаи касбу кор ва зарурати интихоби шуғли муносиб.

7 . Тағйири нигаришҳо ва арзишҳо нисбат ба интихоби риштаҳои таҳсилӣ ва интихобӣ шуғл.

8 . Густариши ниёзҳои ҷомеа ба нерӯи инсонӣ дар сатҳҳои мухталифи маҳорат .

9 . Вуҷуди масъалаҳо ва мушкилоти ҷисмонӣ, ахлоқӣ, иҷтимоӣ, рафторӣ, таҳсилӣ ва хонаводагӣ дар донишомӯзон.

**Нақши мушовирон дар таъмини беҳдошти равонии донишомӯзон.** Донишомӯзоне аз саломатии равонӣ бархурдор ҳастанд,ки аввалан худро фарди арзишманд ва қобили эҳтиром бидонанд ва ба тавоноиҳои худ итминон дошта бошанд. Сонияи битавонанд бидуни нороҳатӣ бо воқеоти зиндагӣ рӯ ба рӯ шаванд ва кулли вуҷудашонро ҳамон гуна ки ҳаст, бишносанд ва бипазиранд ва бо оромиши хотир ва эҳсоси амният ва боумед зиндагӣ кунанд. Донишомӯзе, ки бо буҳрон ва мушкили равонӣ мувоҷеҳ, аст тавоноии истодагӣ дар баробари фишорҳоро надорад ва дар ҳалли мушкилот ба таври мантиқӣ ва санчида оҷиз аст ва рӯҳан нооро аст чунин донишомӯз дар ҳалли мушкил ва баркарории эътидол ба мушовара ниёз дорад. Мушовирон аз омилҳои муассири таъмини беҳдоштӣ равонии донишомӯзон дар мактабҳо мебошанд. Истифода аз хадамоти роҳнамоӣ ва мушовира дар омӯзиш ва парвариш, дар ниҳоят ба таъмини беҳдошти равонии донишомӯзон сабаб мешавад. Дар беҳдошти равоният , беҳтар зистан, солимфикрӣ ва беҳбуди равобити

иҷтимоӣ зарурат дорад. Ҳадафи аслии беҳдошти равонӣ, таъмини саломатии фикру равон ва солимсозии муҳити фардӣ ва иҷтимоӣ аст. Мушовир бе он ки касеро таҳаммул кунад, чашмандози тозаеро ба моҷароҳои зеҳнии ӯ мекушояд. Чашмандоз ва нигоҳ, ки ба одамӣ маҷоли зистан медиҳад ва фурсате фароҳам мекунад, то фард худашро дар зеҳнаш бозсозӣ кунад ва қудратеро дар ихтиёри фард мегузорад то бо баҳрагирӣ аз он навъи ҷадиде аз ҳузурро дар равобити байнифардӣ таҷриба кунад. Афзун бар ин, мушовир вазифаи назорат бар хешро низ бар дӯш мегирад.

Бахши муҳимтарин фаъолиятҳои иҷроӣ ,ки мушовирон метавонанд дар таъмини беҳдошти равонии донишомӯзон анҷом диҳанд, иборатанд аз :

1 . Шинохти маҳдудиятҳои равонӣ ва ҷисмонии донишомӯзон

2 . Эҷоди иртиботи саҳеҳ ва усулӣ дар байни донишомӯзон ва масъулини мактаб.

3 . Фароҳам овардани фурсати муносиб барои донишомӯзон ба мақсади худшиносӣ ва ёдгирии равишҳои ҳалли масъала ва тасмимгирӣ.

4 . Мусоҳибаҳои фардӣ барои шинохти мушкилоти донишомӯзон ва роҳнамоии онҳо.

5 . Баргузории ҷаласаҳои мушовараи фардӣ ва гурӯҳӣ бо донишомӯзоне, ки мушкилоти таҳсилотию хонаводагӣ ва шахсӣ доранд.

6 . Ташвиқи донишомӯзон ба ҳамкориҳои иҷтимоӣ

7 . Эҷоди ҳамоҳангӣ дар байни фаъолиятҳои хона ва мактаб ба мақсади беҳбуди вазъияти таҳсилӣ ва рафторҳои донишомӯзон .

8 . Баргузории ҷаласаҳои давомдор, баҳсу гуфтугӯ бо донишомӯзон ва талош дар ҷиҳати ҳалли масъалаҳо ва мушкилоти онҳо.

9 . Ташкили ҷаласаҳои мушовара бо хонавода ва ёрӣ додани волидайн барои рафъи мушкилоти донишомӯзон ба шеваи дуруст .

10 . Арзёбии ниёзҳо ва баррасии мушкилоти донишомӯзон дар заминаи масъалаҳои шахсӣ , хонаводагӣ, таҳсилӣ ва ахлоқӣ .

Тақсиму ҷудокунии дақиқ байни роҳнамоӣ ва мушовараи таҳсилӣ бо бақияи ҷиҳатҳои роҳнамоӣ ва мушовара аз ҷумла роҳнамоӣ ва мушовараи тарбиявӣ, шуғлӣ ва ҳирфаӣ, усулӣ ва мантиқӣ нест. Мушкилоти донишомӯзон занҷирае аз омилҳои фардӣ ва иҷтимоӣ аст, ки ниёзманд ба диди комил ва низомманд ба истеъдодҳо тавоноиҳо ва алоқаҳои шахсият, сохтори вазъияти хонавода ва бақияи тағйиротҳои муҳитӣ аст. Мушовири мактаб бо огоҳӣ аз алоқаи зичи мушкилоти таҳсилӣ бо заминаҳои равонӣ – иҷтимоии донишомӯзон, бо истифода аз матнҳо ва равишҳои роҳнамоӣ ва мушовара аз тариқи шеваҳои мухталифи фардӣ, гурӯҳӣ ва хонаводагӣ ба донишомӯзон кӯмак мекунад, то бо баррасии ҳамаҷонибаи мушкилот битавонанд роҳи ҳалли муносибро интихоб ва барои иҷрои онҳо барномарезӣ намоянд ва дар ниҳоят амалкарди донишомӯзон дар ҷихатҳои мухталиф беҳбуд ёбад.

Аз таҳқиқоте, ки Роҷерз ба амал овардаст, маълум мегардад, ки бештари донишомӯзон муътақиданд, ки барномаи роҳнамоии омехта бо арзиш мебошад. Аммо бояд хотирнишон сохт, ки донишомӯзони мавриди мушовараи Роҷерз қарор гирфта, ҷуз дар мавриди интихоби ҳирфа ва риштаи таҳсилӣ дар бақияи мавридҳо, барномаи роҳнамоиро манбаи ёридиҳанда ном намебранд. Шояд яке аз иллатҳои ин мавзӯъ адами пазириши мушовирон аз ҷониби шогирдон ва набудани ҳамдигарфаҳмӣ миёни онҳо бошад. Дар робита бо ақидаҳои муаллимон нисбат ба мушовирон, бояд гуфт, ки Персон матлабҳои зерро як ангезаи эҳтимолии ақидаҳои душманона дар бораи мушовирон медонад. Барои муаллим қабули ин ки дар мактаб ба вуҷуди мутахассисони робитаҳои инсонӣ ниёз ҳаст, мушкил мебошад. Зеро эътироф ба зарурати ин гуна мутахассисон, ин аст ки муаллимонро маҳдуд месозад ва ин ҳамон чизе аст, ки муаллимон намехоҳанд бо он рӯ ба рӯ гарданд.

Барномаи ҷадиди роҳнамоӣ бо таъкид бар рушди солимии равонии кӯдак густариш меёбад ва лизо иҷрои он ба сурати таваҷҷуҳ ба ҳамаи ҷонибҳои рушди кӯдак ва ҳамагии паҳлӯҳои шахсияти ӯ ба равиши куҳна ташхис ва дармони бартарии чашмгире ёфта аст. Бо ин таъбири лозим ва густариши хидмати роҳнамоӣ

ва мушовара дар тамоми давраҳои таҳсилӣ аз ибтидоӣ то дабиристон як зарурати мусаллам дар ҳамаи ҷомеаҳои пешрафта аст .


### АДАБИЁТ

1 . Қишлоқӣ Муҳаммад. Равоншиносии мушовара ва роҳнамоӣ. Интишороти Моӣ. чопи аввал
2 . Навобии Насрод. Шукуфӣ. Роҳнамоӣ ва мушовара. Интишороти Муосир. Чопи аввал.
3 . Аҳмадӣ Саид Аҳмад. Мабони ва усули рохнамоӣ ва мушовара. Интишороти Самт.
4 . Ҳусайнӣ (Буруҷердӣ ), Саид Маҳдӣ. Роҳнамоӣ ва мушовараи тахсилӣ.Интишороти Самт.
5 . Софӣ Аҳмад. Усул ва фунуни роҳнамоӣ ва мушовара дар давраҳои таҳсилӣ. Интишороти Рушд.
6 . Урдабилӣ Юсуф. Усул ва фунуни роҳнамоӣ ва мушовара дар омӯзиш ва парвариш. Интишороти Биъсат.



**РОЛЬ ОБРАЗОВАНИЯ В ФОРМИРОВАНИИ И РАЗВИТИИ НАВЫКОВ ПОЗНАВАТЕЛЬНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ УЧАЩИХСЯ**

В течение всего периода существования человеческого общества вопрос о передаче накопленных многими поколениями знаний и опыта играл важную роль в жизни людей. Эта почетная обязанность возлагалась на наставников – лиц, обладающих широким кругом знаний и богатым жизненным опытом. И сегодня велика роль школы и учителей в обеспечении развития личности ученика, решение задач, стоящих перед учениками в процессе освоения учебной программы, эффективных отношений между школой и семьей и координирующего звена в развитии учебно-воспитательных процессов.

Сегодня во многих школах введена должность советника и консультанта, получившего специальное образование и занимающегося координацией деятельности коллектива школы по обеспечению эффективной работы школы, введения новых образовательных технологий, обеспечения преемственности всего образовательного процесса во всех звеньях общеобразовательной школы.



**Ключевые слова:** система образования, школа, знания, образовательные технологии, школьный менеджмент.



**THE ROLE OF EDUCATION IN FORMING AND DEVELOPMENT OF SKILLS OF PERCEPTION OF LEARNERS**

Since the period of human existence society the issue of transference of knowledge and experience of early generation has an important role. This honorable duty was on tutors- a person who has an expanded knowledge and rich vital skills. Today we see the role of the schools and teachers on maintaining of development on personality, resolving the problems students feel during the reclaiming curriculums, effective treatment between schools and families and coordinator links in development of educational process.

Today in most schools instituted a position of adviser and consultant giving properly education and engaging on coordination of teacher’s actions at schools to maintain effectiveness at schools. Installed new educational technologies, maintaining succession in educational process in all links of comprehensive school



**Key words:** educational system, school, knowledge, educational technologies, school management.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Самари Хушномфард*** – соискатель ТГПУ им.Садриддина Айни


## БАРРАСИИ КИТОБҲОИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ДАР ЭРОН


***Меҳрони Имодӣ***

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**


Донишомӯзон дар тӯли ду сол барои омӯзиши забон дар давраи роҳнамоӣ ва дар чор соли таҳсил дар давраи мутавасситӣ қодир нестанд, ки маҳоратҳои лозими навиштан, сухбат кардан, гӯш додан ва хонданро ба таври комил ва ҷомеъ касб намоянд. Фарҳанг омили нодида гирифташуда дар омӯзиши забони англисӣ аст. Фарҳанг ба маҷмӯаи қонунҳое эътироф мешавад, ки рафтори як гурӯҳ аз инсонҳоро шакл медиҳад. Ин рафтор махсуси як гурӯҳи хос аст. Дар натиҷа гурӯҳҳои мутафовит, фарҳангҳои мутафовит доранд. Ҳангоме ки инсонҳо талош мекунанд, забони хориҷӣ як гурӯҳро биомӯзанд, дар маърази фарҳанги он забон қарор мегиранд. Бо нигоҳи зоҳирӣ ба китобҳои англисии таърифшуда дар мадориси кишвар метавон дарёфт, ки дар амри барномарезии омӯзишии забони англисӣ нақши фарҳанг нодида гирифта шудааст. Баррасии робита миёни забон ва фарҳанг баёнгари ин нукта аст, ки мавзӯи талфиқи фарҳанг дар омӯзиши забони англисӣ ба манзури парвариши огоҳии фарҳангӣ, фарогирии забон амри муҳим ва зарурӣ аст. Ин огоҳӣ бояд ба иртиқои биниши ӯ нисбат ба фарҳанги хеш ва иттилоъ аз фарҳанги забони бегона бианҷомад. Омӯзиши фарҳанг бахши ҷудонопазир аз омӯзиши забони англисӣ аст.

Муаллимони забон бояд иттилооте дар бораи муштаракот ва ихтилофҳои байни фарҳанги забони модарӣ ва забони дувум дар ихтиёри донишомӯзон қарор

диҳанд. Чаро ки бисёре аз онҳо алоқаманд ҳастанд, ки бо шеваи зиндагии мардуми он забон ошно шаванд. Барои он ки донишомӯзон битавонанд фарҳанги забони дуюмро биомӯзанд, бояд дидгоҳе нисбат ба фарҳанги забони худ дошта бошанд. Бо матраҳ кардани мавзӯоти фарҳангии муносиб дар синф ва рафторҳои фарогир дар мавқеиятҳои хос метавон тадриси забонро барои донишомӯзон муҳимтар намуд.

Аз суолоти матҳар дар ёдгирии фарҳанг ин аст, ки тадриси кадом фарҳанг, забони аввал ё забони дуюм дар синф авлавият дорад:

**Истифода аз фарҳанги забони аввал.** Аз назари Widdowson замоне, ки донишомӯзон ғайри забони англисӣ, забони аввали худро ёд мегиранд ва равишро ҳамроҳ бо фарҳанги он меомӯзанд ва ёд мегиранд, ки онро дар иҷтимоъ истифода намоянд. Ин ҳамон ҷабре аст, ки ба унвони дониши қаблӣ бо schematic шинохта шудааст. Аммо гоҳ ба иллати адами тавозуни забони аввал ва дувум донишомӯзон сардаргум мешаванд ва истифода аз фарҳанги забони модарӣ метавонад барои донишомӯзон бисёр судманд бошад. Чаро ки бо ёдгирии иттилооти қаблии худ дар дарки матлаб ва навиштани мақолот метавонанд бар мушкили адами ошноӣ бо сабкҳои навишторий ҷадиди забони дувум ғалаба кунанд. Гоҳе дида мешавад, ки донишомӯзон наметавонанд аз дониши қаблии худ истифода намоянд. Чун фарҳанг ва арзишҳои амрикоӣ комилан бо фарҳанги он меомӯзанд ва ёд мегиранд ва онро дар ҷомеаи фарҳанги амрикоӣ ҳайвоноте монанди саг беҳтарин дӯсти инсон ба ҳисоб меояд. Ҳол он ки мусалмонҳо ин ҳайвонотро касиф簡 дониста, аз тамос бо онҳо худдорӣ мекунад.

Таҳқиқот нишон дод, ки донишомӯзони ғайри забони англисӣ ба кӯмаки дониши қаблӣ ва низ бо истифода аз фарҳанги бумии худ метавонанд ба хубӣ афкор ва эҳсосоти худро баён намояд. Барои мисол, вақте ба донишомӯзон мавзӯоти марбут ба забони аввал ва фарҳанги онҳо дода мешавад, метавонанд матолиби навиштории беҳтареро ироа диҳанд. Илова бояд хотирнишон кард, ки дар баъзе аз фарҳангҳо баъзе аз сабкҳои навиштририро камтар метавон кашф кард. Масалан, ҳиндӣ аз сабти навиштории истидлолӣ истифода намекунад, аммо мушкил ин ҷост, ки истифода аз фарҳанги забони аввал наметавонад донишомӯзонро барои мусофират ва зиндагӣ дар кишвари забони бегона омода созад.

**Омӯзиши фарҳанги забони дувум.** Ошноӣ бо фарҳанги забони дувум, донишомӯзонро дар бархӯрди тафовутҳои фарҳангӣ қарор дода, онҳоро барои рӯёрӯӣ бо ин дар кишвари хориҷ ёрӣ медиҳад ва дар навиштаҳои худ метавонанд ба роҳатӣ аз нависандагони он кишвар иқтибос карда ва бо сабкҳои навиштории амрикоӣ ва англисӣ ошно мешаванд. Дар маҷмӯъ пешниҳод мешавад, ки донишомӯзон EFL қарор аст, ки дар оянда ба фарогирони ESL табдил шаванд ва дар кишвари забони дувум мавриди назари худ зиндагӣ кунанд ва идомаи таҳсил диҳанд, фарҳанги забони дувумро фаро гиранд, то дучори таачуби фарҳангӣ нашаванд. Барои пешгирӣ аз нуқсонҳои тадрис, муаллимон метавонанд ҳарду фарҳангро бар синфи забон омӯзиш диҳанд. Ба ҳар ҳол донишомӯзоне ҳастанд, ки аз ёдгирии забони дувум ва фарҳанги он ба далоили сиёсӣ меранҷанд. Барои мисол, дар Амрико донишомӯзони EFL эҳсос мекунанд, ки агар бихоҳанд бо бақияи дунё ҳамгом шаванд, ба ҷуз ёдгирии забон ва фарҳанг чораи дигаре надоранд. Дар ин ҷо нақши муаллим ҳамчун пуле аст, ки ин ду ақидаи мутазодро ба ҳам пайванд диҳад ва барои аз байн бурдани ду шикоф байни ду фарҳанг бисёре аз нависандагон ва муҳаққиқони ёдгирӣ ва таркиби фарҳангро пешниҳод мекунанд.

Дар заминаи омӯзиши забони англисӣ теъдоди бешуморе аз китобҳои дарсӣ дар бозори китоб вуҷуд дорад. Бисёре аз ин китобҳо тавассути муаллифони хориҷӣ таҳия шудаанд ва қисмати маҳдуде аз онҳо ҳам тавассути муаллифони эронӣ омода шуд. Баъзе аз ин китобҳо ба маҳоратҳои хосе таваҷҷуҳ мекунад. Ҳоло, бояд пурсид, ки муаллими забон чӣ гуна метавонад аз миёни китобҳои дарсии чопшуда, китоби мавриди назарро интихоб кунад, оё бояд китоберо интихоб кунад, ки тасвирҳои зебоӣ дорад, ё китобе, ки муҳтавои дастури хубе дорад, ё ин ки достонҳо ва матнҳои ҷолибе дошта бошад.

Китобҳои дарсӣ бояд ниёзҳои донишомӯзон, син, алоиқ, аҳдофи онҳоро мадди назар дошта бошад. Омӯзиши забони англисӣ ба унвони як забони хориҷӣ дар сатҳи бисёр васеъ ва дар давраҳои мухталиф дар Эрон тадрис мешавад. Ба интиқоди бархе аз муаллифини китобҳои дарсӣ, забони аглаби китобҳои хориҷӣ бо аҳдофи хосе навишта шудаанд ва мутаносиб бо аҳдофи мавриди назари омӯзишу парвариш нестанд ва фарҳанги қолиб дар ин гуна китобҳо дар зиддият бо арзишҳо мебошад. Бо ин ҳол, муаллимони забон аз худ мепурсанд, ки оё баъд аз поёни давраи дабиристон

забономӯзон омодагии комил барои эҷоди иртибот дар муҳитҳои воқеиро пайдо мекунанд? Оё китобҳои мавҷуд ниёзҳои отифӣ ва маънавии донишомӯзонро дар назар мегиранд. Китобҳои забони англисӣ бо кӯмак ва ҳамкории ҷамъе аз асотиди донишгоҳҳо дабирон ва коршиносон таълиф гардидааст ва дар ин таълиф саъй шудааст, ки тасмимгириҳо дар асоси назархоҳӣ ва иттилоот ҷамъоварӣ шуда бошанд.

Натиҷаҳо нишон медиҳад, ки донишомӯзон ба матолиб ва мавзӯоти зер бештар алоқаманд ҳастанд: саргузашти шоирон ва бузургон, достонҳо, матолиби варзишӣ, мавзӯоти имлӣ ва ғайри тахассусӣ. Дар ин назархоҳӣ, дабирон ба ҳаҷми зиёд ва замони ками тадрис, мушкил будани он дар дарсҳои соли савум, кӯтоҳ ва малмус будани матолиби хондан ишора намудаанд.

**Аҳдофи пажӯҳиш.** Ин аҳдоф ба шакли зер дастабандӣ шуд:
1. Ироаи тасвири равшан аз вазъияти мавҷуди забон.
2. Наздик кардани дидгоҳҳои мутахассисон ва дастандаркорон.
3. Ироаи рӯйкарди ҷадид дар омӯзиши муаллимон ва барномарезии забони хориҷӣ.
4. Беҳинасозии омӯзиши забони хориҷӣ.

Фарде, ки талош дар ёдгирӣ ва ба кор бурдани як забони хориҷиро дорад, маъмулан таҳти таъсири огоҳӣ аз улгуҳои шабеҳи забони модариаш ва интиқоли улгуҳои фикрии он забон, ҷумлаҳоеро дар забони дувум тавлид мекунад, ки гарчи мафҳум аст, вале қобили қабул бар мантиқ бо улгуҳои фикрии аҳли он забон нест. Яке аз аҳдофе дар омӯзиши забони хориҷӣ, эҳтимолан дастрасӣ ба улгуҳои фикрии як миллати бегона аст, ки шеваи баёни матолиб тавассути он миллатро таъйин мекунад. Сохторҳои дорои бори фарҳангӣ бояд дар синф ба таври возеҳ ироа шаванд ва мавриди тамрин қарор гиранд, то меъёрҳои забонии он тавре ки дар ҷомеа мутадовил аст, дар зеҳни донишомӯзон нақш бандад. Ихтилофи забонҳоро бояд дар ихтилофи фарҳангҳо ҷустуҷӯ кард. Фарҳангҳое, ки худ шакл гирифтаанд, таҷрибаи зиндагӣ ва шаклдиҳанда ба афкор ва идрокҳои инсонҳо ҳастанд. Форсизабонон як узвро дар аввали ҷумлаи худ қарор медиҳанд дар сурате ки ҷумлаҳои муодил бар англисӣ бо шахсе, ки осебдида шурӯъ мешавад, аз дидгоҳи забони англисӣ ҳеҷ осебе ба бадан ва амволи шахсии фард ворид намешавад, магар он ки худи шахс дар он муассир бошад.

Дар таҳқиқ ду гурӯҳ аз забономӯзони эронӣ бо якдигар муқоиса шуданд Гурӯҳи аввал афроде, ки забонро аз тариқи китобҳои навишташуда тавассути забонони англисӣ омӯхтанд ва гурӯҳи дувум онҳое, ки забонро аз тариқи китобҳои расмии омӯзишу парвариш фаро гирифтанд. Ин ду маҷмӯа аз назари муҳтавои фарҳангӣ комилан мутафовитанд. Маҷмӯаи аввал бо таваҷҷуҳ ба фарҳанги забони англисӣ нигошта шудааст. Дар сурате ки китобҳои дарсии забон дар ду давраи роҳнамоӣ ва мутавасситӣ дар чорчӯби фарҳанги исломӣ ироа шудаанд. Пажӯҳишгарони ин пружа дар натиҷаҳои бадастомада аз муқосиаи ду гурӯҳи забономӯз нишон доданд, ки ҳеҷ тафовуте байни ин ду гурӯҳ вуҷуд надоранд. Арзишҳои фарҳангии ду гурӯҳ мушобеҳ ҳастанд ва забономӯзон таҳти таъсири фарҳанги ироашуда дар китобҳои фавқ қарор нагирифтанд. Яъне, фарҳанги инсонҳо тайи солҳо ва бар ҳасби ниёзи онон шакл гирифтааст ва бароҳатӣ қобили тағйир нестанд.

Аз муаллифони китобҳои дарсӣ интизор меравад, ки бо таваҷҷуҳ ба тафовутҳои фардии донишомӯзон дар риштаҳои гуногун ва ҳамчунин ноҳияҳои мутафовити кишвар тадвини матолиби илмии ҷаззоб ва ҷадидеро ба уҳда бигиранд ва норасоиҳое, ки дар китобҳои забони англисии давраи мутавассити метавон баён кард, иборатанд аз: бахши марбут ба матнҳо ва тасвирҳо; истифода аз матнҳои ғайриҷаззоб, хастакунанда, қадимӣ ва ғайримунсаҷам (ягонагӣ) дар китобҳои англисӣ; нодуруст ва номуносиб будан ва адами ҷаззобияти баъзе тасвирҳои забони англисӣ; адами пайвастагӣ ва иртиботи саҳеҳ байни дарсҳо ва матнҳои китобҳои пояҳои баъдӣ; адами таваҷҷуҳ ба ниёзҳои имрӯзаи донишомӯзон дар матни китобҳо; бахши марбут ба сохторҳои дастурӣ;адами ҳамоҳангии қонунҳои дастурӣ, бо матни дасрҳо; адами ҷаззобияти матолиби дастурӣ ва камбуди фаъолиятҳои мутанаввеъ; доро будани суолоти ғайристандартӣ; адами риояти силсиламаротиби дастурӣ; доштани нукоти дастурии печида бо вақти маҳдуд; таваҷҷуҳ ба сохторҳои ғайризарурӣ ва ғафлат аз сохторҳои зарурӣ; бахши марбут ба ҳадафҳои китобҳо, равишҳо ва қонунҳои он; адами ҳамоҳангӣ, ҳаҷм матолиби китобҳои дарсӣ бо соати ихтисосёфта барои онҳо; адами татбиқҳои ҳадафҳои омӯзишӣ бо озмунҳои барқароршуда; шаффоф набудани ҳадафҳои куллии китобҳо; мушаххас набудани

сатҳи китобҳо ва ҷомеъ ва комил набудани муҳтавои онҳо; адами татбиқҳои муҳтавои китобҳо бо равишҳои навини тадрис.

Аз нигоҳ ва дидгоҳи муаллимон ва коршиносон муҳтавои китобҳои забони англисӣ боиси масъулият ва мушорикатҳои донишомӯзон дар ҳадди матлабе дар фаъолиятҳои ёдгирӣ намешавад. Муҳтавои китобҳои дарсии давраи роҳнамоӣ дар ироаи матолиб мисолҳо ва тасвирҳо дорои танаввуъ нестанд ва дар ин давра китобҳо бояд тавре тарроҳӣ ва танзим шаванд, ки донишомӯзон тавоноии лозим барои навиштани посух ба тамринҳои китоб, навиштани хулосаи матнҳо, нигориши ҷумлаҳои сода бо имлои саҳеҳ, риояти нукоти навишторӣ шомили аломатгузорӣ ва корбурди ҳарфҳои бузург эҷод шавад.

Донишомӯзон бояд бо ақидаҳои илмӣ ошно шаванд ва дар донишомӯзон тафаккури интиқодӣ ба вуҷуд ояд. Аз он ҷо ки мафҳумҳои забони англисӣ барои донишомӯзон ба унвони як забони ғайримодарӣ ва забони дувум дур аз зеҳн аст ва чандон қобили дарк ва фаҳм нест. Муҳтавои китобҳои забони англисӣ давраи роҳнамоӣ бояд ба гунае тарроҳӣ шаванд, ки дар онҳо матолиб ва мисолҳои ҷаззоб шаклҳо ва тасвирҳои мутанаввеъ барои ёдгирии беҳтаре матолиби дарсӣ истифода шавад. Китобҳои дарсӣ метавонанд дар парвариши тахйюл, ҳисси зебоӣ ва шахсияти кӯдакон муассир бошад.

Донишомӯзон дар тӯли ду сол омӯзиши забон дар давраи роҳнамоӣ ва чор соли таҳсил дар давраи мутавассит қодир нестанд, ки маҳоратҳои лозими суҳбат кардан, гӯш кардан, хондан ва навиштанро ба таври комил ва ҷомеъ касб намоянд. Танҳо шакл ва муҳтавои китобҳо онҳоро то ҳадде бо маҳорати дарки матлаб ошно месозад, ки он ҳам ба сахти посухгӯи ниёзи онҳо барои муваффақият дар озмуни саросарӣ метавонад бошанд. Харчанд ки тамоми нисбатҳои забонӣ ва корҳои синфӣ, ки барои шогирдон сурат мегирад, танҳо барои омода сохтани онҳо барои имтиҳони саросарӣ мебошад ва дигар абъод ва авомили ёдгирии забон дар ҳошия қарор доранд.

### АДАБИЁТ


1. Боқирзода Мурод. Роҳнамои ҷомеи забони умумӣ. Донишгоҳи Паёми Нур. –Теҳрон: Интишороти Мир Наврӯз. 1382.
2. Алиободии Хадича. Муқаддимоти технологияи омӯзишӣ. –Теҳрон: Интишороти донишгоҳи Паёми Нур. 1385.
3. Аҳадиён Муҳаммад. Мабоҳиси тахассусӣ дар технология омӯзишӣ. –Теҳрон: Интишороти Андеша. 1388.
4. Сафавӣ Амонулоҳ. Равишҳо ва фунуни тадрис. –Теҳрон: Интишороти Амир Кабир. 1386.
5. Маҷаллаи технологияи омӯзишӣ. Рушд. –Теҳрон.1387.
6. Парванд Муҳаммадҳасан. Муқаддимоти барномарезии омӯзишӣ ва дарсӣ. –Теҳрон: Интишороти Огоҳ. 1383.
7. Фардониш Ҳошим. Равишҳо ва техникҳои омӯзишӣ. –Теҳрон: Интишороти Самт. 1388.


### ИЗУЧЕНИЕ УЧЕБНИКОВ ПО АНГЛИЙСКОМУ ЯЗЫКУ В ИРАНЕ


В данной статье автором рассмотрены проблемы изучения английского языка в Иране, а также качество учебников по английскому языку. Иранцы рассматривают английский язык как один из наиболее перспективных предметов для своих детей. В каждой иранской школе изучается какой-либо иностранный язык, во многих государственных школах вводится дополнительный курс английского языка, а в школах частных изучение английского начинается с самого первого года обучения. При изучении иностранных языков учащиеся изучают язык и культуру других стран.



**Ключевые слова:** знание английского языка, изучение английского языка многонациональный мир, развитие коммуникационных технологий.


### STUDYING TEXTBOOKS IN ENGLISH IN IRAN


In the article the author considers the problem of studying the English language in Iran, as well as the quality of textbooks in English. Iranians consider the English language as one of the most promising objects for their children. In each of the Iranian school teaches any foreign language, in many public schools is introduced additional course in English, and in private schools learning English starts in the first year of study. In learning foreign languages the students learn about the language and culture of other countries.



**Key words:** knowledge of English, study English in a multicultural world, the development of communication technologies.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Мехрони Имоди*** – соискатель ТГПУ им. Садриддина Айни


## УЛГӮИ ТАЪСИРИ ОМӮЗИШИ ВОЛИДИ ҲИМОЯТГАР БА РАВИШИ ҚИССАГӮЙӢ БАР РАФТОРИ ПАРХОШГАРИ КӮДАКОНИ КОР БАР АСОСИ НАЗАРИЯИ ТАҲЛИЛИ РАФТОРИ МУТАҚОБИЛ

*Моҳрухи Ҳасанзодагони Рӯдсарӣ*
**Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

Кӯдакон мутаваллид мешаванд ва ниёзҳои аввалияи худро бо гиря ба атрофиён мефаҳмонанд. Батадриҷ меомӯзанд, ки чӣ гуна роҳ бираванд, чӣ гуна, ҳарф бизананд, чӣ гуна бо дигарон иртибот барқарор кунанд ва ё ёд бигиранд, чӣ гуна бибахшанд ё талабу дархост намоянд. «Фарде, ки дар фарҳанги хос мутаваллид мешавад, бояд табиати аз ҳинҷорҳои ҳамон фарҳанг, тасоҳиби манзалатҳои мушаххас ва иҷрои нақшаҳои марбут ва мушорикат дар зиндагии иҷтимоӣ ниҳодашудаи ҷомеаи худро биёмӯзад» (10). Дар ин омӯзаҳо ба ямини омӯзиши атрофиён то замони қабл аз мадраса ва аз он пас бо ҳамкории муаллимину мутахссисини омӯзиш ва парвариш муяссар хоҳад шуд. Чунончи кӯдаке аз меҳру муҳаббати падару модар маҳрум бошад, ё даврони кӯдакии худро бо изтиробу фақри ахлоқӣ ва тарбиятию иқтисодӣ тай намояд, заминаи бурӯзи пархошгарӣ дар ӯ шакл гирифта, батадриҷ меомӯзад, ки ҳар чизеро бо хашму исёнгарӣ дархост намояд ва хашму пархошгарӣ дар бузургсолӣ аз ӯ одами номутаодил ва ғайриқобил контрол месозад. «Кӯдакони хиёбонӣ ва кор ба лиҳози ин ки дар як системаи тарбиятӣ қарор намегиранд, наметавонанд маҳоратҳои тавоноиҳое чун ҳалли масъала, тасмимгирӣ, барқарории равобити муассир, ҳамдилӣ бо дигарон, муқобила бо ҳаяҷон ва муқобила бо стрес ва монанди инҳоро ба даст оваранд. Дар натиҷа поёнтар аз ҳади рушду такомул боқӣ мемонанд ва аз як зиндагии матлуб ва имтиёзоти инсони рушдёфта маҳрум мегарданд» (7).

Дар мавриди пархошгарӣ ду дидгоҳ вуҷуд дорад. Иддае муътақиданд, ки пархошгарӣ омили фитрӣ ва зотӣ аст ва як навъи вокуниши ғаризе аст, ки фард дар муқобила бо ҳар гуна таҳдиде аз худ нишон медиҳад ва гурӯҳи дигар муътақиданд, ки пархошгарӣ омили иктисобӣ аст, ки фард дар даврони рушди худ онро меомӯзад ва ба намоиш мегузорад. Аз ҷумла назарияпардозони пархошгарӣ муътақид ба навъи вокуниши азизӣ ҳастанд, ки иборат аст: Нажодшиносон пархошгариро намуна ва вокуниши ғаризе ба таҳдидҳои хосе мисли таҷовуз ба қаламрави фардӣ ё ҳамла ба фарзанд медонанд (3).

«Равоншиносон фуруидгаро, пархошгаро ба унвони хусусияти зотӣ ва бурузи огоҳонаи ғаризаи марг нигоҳ мекунанд ва тарафдорони Олфред Адлер, пархошагариро тамоил ба контрол бар дигарон медонанд».

Назарияпардозони ёдгирии иҷтимоӣ рафтори пархошгаронаро ба унвони посухе, ки аз мушоҳида ва тақлид омӯхта шудааст, шарҳ медиҳанд. Аммо Арик Фрум дар китоби «Ташреҳ ва вайронгарии инсон» ба наҳви мутақоидкунанда ин ақидаро, ки пархошгарӣ амри азизе аст, бо истидлол рад мекунад» (3). «Шаку тардид ва беэътимодӣ, тарс ё таҳдиди авօризи иҷтимоӣ аст, ки асоси зиндагии ҷавомеъ табақотӣ ва бузургро ташкил медиҳад» (12).

«Теҳрон ба далели бофти ҷамъияти иқтисодӣ, фарҳангӣ ва мавқеияти ҷуғрофиёӣ, бештарин теъдоди кӯдакони хиёбониро дар худ дорад ва пас аз он шаҳрҳои зиёратӣ ва гардишгарӣ пазироии ин навъ кӯдакон ҳастанд» (13).

Аз он ҷо ки кӯдакони кор ва хиёбонӣ бештар дар маърази осебпазирии хонаводагӣ ва иҷтимоии иқтисодӣ ҳастанд, тибқи баррасиҳо ва пажӯҳишҳои бааммаломада тавассути муҳаққиқин ва пажӯҳишгарони эронӣ, бештар аз дигар кӯдакони оддӣ дар маърази хашму пархошгарӣ мебошанд. Лизо нигоранда дар пайи он аст, ки аз равиши қисса ва қиссагӯйие, ки ахиран яке аз роҳҳои дармони равоншиносони мусбатгаро ҷиҳати таъдили хашм ва исёни кӯдакон ба кор мераванд, дар беҳбуди омӯзиши кӯдакони кор ва хиёбонӣ баҳраи зиёде дорад. Сабки қиссагӯйӣ бар асоси назарияи таҳлили мутақобили Арик Брани канадагӣ аст. Назарияи таҳлили рафтори муттақобил шакле аз ҳолоти нафсонии инсон ё муҳит пиромуни худ касб мекунад ва чунончи дар тағйири он талоше сурат нагирад ба шакли беморгуна бо худ дар бузургсолорӣ хоҳад дошт (Арик Бран (4) (11).

Аз он ҷо ки таҳқиқот нишон медиҳад, омӯзиши кӯдакон ба равиши қиссагӯйи таъсири чашмгире дар коҳиши рафторҳои номатлуб ва афзоиши тақвиятӣ рафторҳои созгорона дорад ва бо таваҷҷуҳ ба ин ки омори кӯдакони хиёбонӣ дар Теҳрон болиғ бар 12500 нафар кӯдак бинобар омори беҳзистӣ соли 1386 мебошад. Аз он ҷо ки дар Эрон пажӯҳиш тахти ин унвон ва нақши қиссаҳо дар дармони пархошгарии кӯдакони хиёбонӣ ба равиши таҳлили рафтори муттақобил (Transactional Analytic) анҷом нашудааст. Лизо зарурӣ ба назар мерасад ба манзури коҳиши мизони ноҳинҷорӣ ва созгорӣ дар рафтори кӯдакони хиёбонӣ аз равиши қиссагӯйӣ ба унвони яке аз равишҳо дар ҷиҳати сомондиҳӣ ва тарбиятпазирии кӯдакони хиёбонӣ баҳра ҷӯст.

Ҳадаф аз ин пажӯҳиш баррасии таъсири омӯзиши волиди ҳимоятгар ба равиши қиссагӯйӣ бар тағйири сабки волиди сарзанишгар ва кӯдаки исёнгар ба кӯдаки шод ва табиӣ мебошад.

Равиши пажӯҳиши мавриди истифода, тарҳи таҷриба бо ду гурӯҳи озмоиш ва контрол ҳамроҳ бо пешозмун, миёнозмун ва пасозмун мебошад. Ибтидо бар асоси назарияи таҳлили рафтори муттақобил, авомили рафторҳои пархошгаронаи кӯдакони кор, пурсишномаи пархошгарие, ки бар асоси чор омил: хашму ғазаб, таҳоҷум ва тавҳин, митлук ва сарзаниш, қаҳру инзивотталабӣ, бо тарҳи 22 савол таҳия гардид. Ин пурсишнома бар асоси зароиби бозозмоӣ дар мавриди 3 омил, хашму ғазаб, таҳоҷуму тавҳин, қаҳру инзивотталабӣ ислоҳ гардид. Ҳаҷми намунаи мо аз миёни маҷмӯи 650 кӯдакони афғон таҳти омӯзиши муассисоти мардум ниҳод ба номи «Анҷумани ҳимоят аз кӯдакони кор» воқеъ дар хиёбони Мавлавие, ки дорои 5 шуъба мебошад, ба унвони намуна интихоб гардид. (Лозим ба зикр аст, ки нигоранда мудати се сол аст, дар мавриди кӯдакони кор ва хиёбонии Теҳрон барои поённомаи докторӣ ба шакли майдонӣ машғули пажӯҳиш будам ва иллати интихоби Анҷумани ҳимоят аз кӯдакони кори Мавлавӣ ба хотири ин аст, ки аз миёни ҳудуди 60 муассисоти давлатӣ ва ғайридавлатие, ки ҳимоят аз кӯдакони кор ва хиёбонӣ мепардозанд, ин муассисаи мардум ниҳоди ғайридавлатӣ бештарини кӯдакони муҳоҷирро дар худ ҷой додааст ва чун кӯдакони муҳоҷири итбоъи бегона дар қавонини Эрон ҳеч гуна ҳимояти ҳуқуқӣ, омӯзишӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ намешаванд, лизо бо буҳрон ва осебҳои иҷтимоии бештаре мувоҷиб мешаванд) ва аз ин теъдод, он шуъбаи анҷуман, ки омӯзиши кӯдакони пеши дабистонӣ ва ибтидоиро бар уҳда дорад ба шакли тасодуфӣ 40- нафар кӯдакони пешдабистонӣ (6-10) солро барои ду гурӯҳи омӯзиш ва контрол бар асоси пурсишномаи пархошгарӣ интихоб ва 20- нафари он таҳти омӯзиши коргоҳи қиссагӯйӣ қарор гирифтанд ва 20- нафари дигари он ба унвони гурӯҳе, ки дар синфхонаи омӯзиши пасидабистоние, ки фоқиди коргоҳи омӯзиши қиссагӯйе буданд, мавриди контрол қарор гирифтанд. Ин коргоҳ дар 12 ҷалласа ба муддати ду моҳ ва ним, яъне 430 дақиқа шакл гирифт. Бо ин ду фарзия, ки:

1- ум равиши қиссагӯйӣ метавонад мизони носозгорӣ ва ноҳинҷории кӯдакони кор дар хиёбонро коҳиш диҳад.

2-юм бо кумаки қисса метавон кӯдаки исёнгар ва пархошгари кӯдаки кор ва хиёбониро ба кӯдаки шод ва табиӣ табдил намуд.

Як тарҳи дарси куллӣ бо унвони феҳристи мавзӯоти ёдгирӣ, равиши омӯзишӣ, аҳдофи ёдгирӣ, аҳдофи рафторӣ ва тарҳи суолоти арзишёбӣ тадвин шуд, ин тарҳи дарс бо дигар тими кор (мушовир, қиссагӯйӣ, мудири пружа) барои нақд ва баррасӣ арзёбӣ шуд ва дар ниҳоят бо 12 -тарҳи дарси рӯзона барои ҳар ҷаласа, омодаи ироа гардид. Меъёрҳои арзёбӣ аз ҳар тарҳи дарс иборат буданд аз: 1. Шаффофияти иҷро. 2. Иртибот доштани иттилооти ироашуда. 3. Короии равиши ироа.4. Наҳваи иҷрои маҷрӣ аз қабили тани садо, тавоноии ироаи иттилоот ба таври қонеъкунанда ва шакли анҷоми он тавассути чашмҳо, дастҳо ва ҳаракати по ва ғ.

**Тарҳи дарси куллӣ**

**Унвони дарсӣ:** Коргоҳи қиссагӯйӣ барои кӯдакони кор

**Мавзӯоти ёдгирӣ**: асабоният ва далоили он; даъво ва далоили он; хашм ва далоили он; тарс ва изтиробу далоили он; паёмадҳои хашм ва асабоният; тағйир ва паёмадҳои он; навозиш; ҳимоят; пазириш; бахшиш; ишқ ва исор; шодӣ ва ризоияти дарун.

**Ҳадафи кулли омӯзиш:** Тағйир дар улгӯҳои рафтори сарзанишгар ва исёнгари кӯдакон ва ҷойгузини он рафторҳои ҳимоятгар ва меҳрубон.

**Аҳдофи ҷузъии коргоҳи қиссагӯйӣ:** Ошноии кӯдакон бо мафҳумҳои хашм, тарс, изтироб ва тағйир.

1. Ошноии кӯдакони кор бо рафтори пархошгарона ва исёнгар.
2. Ошноии кӯдакони кор бо пайомадҳои рафтори пархошагрона ва исёнгар.
3. Ошноии кӯдакони кор ба далоили рафтори пархошгарона ва исёнгар.
4. Ошноии кӯдакони кор бо шеваҳои пешгирӣ аз рафтори пархошагарона ва исёнгар.
5. Ошноии кӯдакони кор бо рафторҳои ҳимоятгарона ва навозишгар ба ҷойи рафторҳои сарзанишгар ва интиқодгар.
6. Ошноии кӯдакони кор бо рафторҳои шод ва табиӣ ба ҷойи рафторҳои пархошагрона ва асабӣ.

**Аҳдофи ёдгирӣ ё ҳадафҳои рафторӣ:**

1. Интизор меравад, кӯдакони кор бо хашми даруни худ ошно шаванд.
2. Интизор меравад, кӯдакон бо мафоҳими тарс, изтироб ва тағйир ошно шаванд.
3. Интизор меравад, ки кӯдакон рафтори пархошгаронаро бо рафтори табии ташхис диҳанд.
4. Интизор меравад, кӯдакон мавқеи шаклгирии хашми худро шиносоӣ намоянд.
5. Интизор меравад, кӯдакон бо далоили авомили бурузи хашм ва исёнгари худро шиносоb намоянд.
6. Интизор меравад, кӯдакон битавонанд дар мавқеи бурузи хашм, ё буҳрон мудирият намоянд.
7. Интизор меравад, кӯдакон бо роҳи корҳои халлоқона битавонанд аз хашм ва пархошагарии худ ҷилавгирӣ намоянд.
8. Интизор меравад, кӯдакон навозишҳои манфӣ ва мусбатро бишносанд ва он давро ташхис диҳанд.
9. Интизор меравад, кӯдакон битавонанд ба ҳамдигар навозиши мусбат диҳанд.
10. Интизор меравад, ки кӯдакон аз навозишҳои мусбати ҳамдигар лаззат бубаранд.
11. Интизор меравад, кӯдакон битавонанд ҳамдигарро ҳимоят кунанд ва аз будан канори ҳамдигар эҳсоси шодӣ ва заъф дошта бошанд.
12. Интизор меравад кӯдакони корӣ вазъияти мавҷуди худро шиносоӣ ва волидайн ё аъзои хонаводаи худро ҳамон гуна ки ҳастанд бипазиранд.

**Арзишёбӣ:** Арзишёбӣ бар дониш, маҳоратҳо ва нигаришҳо мутамарказ мебошад. Ҳадафи ин марҳила мушаххас кардани пешрафти аҷзои кӯдакон аст. Ин масъала бозхӯрде хуб ва тартибкунанда медиҳад. Ҳарчанд дар коргоҳи қиссагӯйӣ, арзишёбиҳо ба шакли ғайрирасмӣ хоҳад буд. Аммо арзишёбӣ ба шакли шифоӣ бо тарҳи пурсиш ва ё тариқи наққошӣ ё наҳваи иҷрои намоиш дар се марҳила анҷом мешавад: қабл аз шурӯи қиссагӯйӣ; дар тӯли давраи қиссагӯйӣ; поёни даврони қиссагӯйӣ.

**Обзори омӯзишӣ.** Китоби қисса; видеою проектор; дурбини филмбардорӣ; сабт; флешкарта; интихоби қисса.

Интихоби қиссаҳо барои кӯдакони кор ва хиёбонӣ, бояд ба даври аз натиҷагирии ахлоқӣ ва панду андарзи мустақим бошад ва гунае, ки нохудогоҳии кӯдакони кор ва хиёбонӣ бо кумаки қиссаҳо қавонини зиндагӣ ва чораҷӯйиро ба наҳве дарёбанд, агарчи ин қиссаҳо дар бархе мавориде аз душворӣ ва талхии зиндагӣ мегӯянд, аммо пас аз бозгӯйӣ барои кӯдакони кор бидуни тардиди беш аз пеш ба зиндагӣ умедвор шаванд (2).

Дар ин таҳқиқот мутаносиб бо мутағйирҳои мавриди мутолиа ва навъи додаҳои ҷамъоваришуда, ба манзури тавсифи онон аз равишҳои муносиб дар бахши омори тавсифӣ, фаровонӣ, шохисҳои омори миёнагин, миёна, инҳирофи меъёр ва ворёнуси ҳар кадом аз гурӯҳҳо (озмоишӣ ва гувоҳ) танзим шуд.

Дар бахши омори истинботӣ бо таваҷҷуҳ ба моҳияти миқёс андозагире, ки аз навъи фосила аст ва навъи равиши ҷамъоварии иттилоот бар мабнои пажӯҳиши озмоишӣ аст. Аз равиши озмуни таҳлили Кувворёнус истифода шудааст.

**Таҳлили тавсифдодаҳо.** Ба манзури анҷоми таҳлили тавсифҳои додаҳо, пас аз гирдоварии додаҳо ва муҳосиботи оморӣ натиҷа ба шарҳи зер ба даст омад:

Ҷадвали 1-1: Тавзеҳи фаровони гурӯҳи намуна бар ҳасби гурӯҳ пажӯҳишӣ

| | фаровонӣ |
|---|---|
| гурӯҳи озмоишӣ | 20 |
| гувоҳӣ | 20 |
| кул | 40 |

Номераҳои озмуданиҳо дар пурсишномаи санҷиши пархошгарӣ ба равиши ТА тафкики гурӯҳи озмоишӣ ва гурӯҳи гувоҳӣ, дар ду навбат иҷрои пешозмун ва пасозмун дар намудорҳои 1-1 ва 1-2 нишон дода шудааст.




Намудҳои 1-1) намудори номераҳои пешозмун- пасозмуни гурӯҳи озмоишӣ дар озмуни пархошгарӣ ТА




Намудорҳои фавқ нишон медиҳанд, ки қиссаи дармонӣ ба равиши ТА дар гурӯҳи озмоиш (пасозмун) муҷиби коҳиши пархошагрӣ дар онон шудааст. Дар ҳоле ки дар гурӯҳи гувоҳӣ тағйири қобили таваҷҷуҳе дида намешавад.

Шохисҳои гироиши марказӣ ва парокандагии номераи озмуданиҳо дар ду гурӯҳи озмоишӣ ва гурӯҳи гувоҳ ба тафкики пешозмун ва пасозмун дар ҷадвалҳои 1-2 ироа шудааст. Ҳамон гуна ки дар ҷадвали шумораи 1-2 мушоҳида мешавад, таҳлили тавсифии натоиҷ дар хусуси миёнагин, миёна, вориёнис ва инҳирофи меъёр дар пурсишномаи санҷиши пархошагрӣ ба равиши ТА дар пешозмун ва пасозмун гурӯҳи гувоҳ ба шарҳи зер аст: пешозмун 8/70 = M MD=9, S= 3/55, S= 12/ 64 ва пасозмун 8/ 75 M= MD =9, S =2/80, S= 7/88 аст.

Миёнагин, миёна, ворёнус ва инҳирофи меъёр дар пурсишномаи санҷишии пархошгарӣ ба равиши ТА дар пешозмун ва пасозмуни гурӯҳи озмоишӣ ба шарҳи зер аст: пешозмун 9/20 = 8/70 = M MD=9/5, S= 3/67, S= 13/ 53 ва пасозмун 6/ 50 M= MD =6/50, S= 2/37, S= 5/ 63 аст.

Ҷадвали 1-2) шохисҳои гароиши марказӣ ва парокандагӣ пурсишномаи санҷиши пархошгарӣ ба равиши ТА дар гурӯҳи намуна.

| гурӯҳ | навбат ичро | миёнагин | миёна | намо | инҳироф стандарт | вариант | камина | бешина |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| гувоҳ | пеш | 8/70 | 9 | 9 | 3/55 | 12/64 | 0 | 14 |
| | озмун | 8/70 | 9 | 8 | 2/80 | 7/88 | 4 | 15 |
| | пас озмун | | | | | | | |
| озмоиш | пеш | 9/20 | 9/5 | 5 | 3/67 | 13/53 | 0 | 15 |
| | озмун | 6/50 | 6/5 | 8 | 2/37 | 5/63 | 2 | 10 |

Миёнагин пасозмун нисбат ба пешозмун дар гурӯҳи озмоиши коҳиш ёфтааст, ки битавонад онро ношӣ аз таъсири қиссаи дармонӣ бар равиши ТА донист.

- **Таҳлили истинботи додаҳо.** Барои баррасии фарзияи пажӯҳиш аз озмун таҳлили Куворсиён истифода шудааст.

Фарзияи нахуст-қиссаи дармонӣ ба равиши ТА бар коҳиши пархошгарии кӯдакони кор таъсир дорад. Ҷадвали 1-3 хулосаи таҳлили Кувориёнс таки мутағайири як роҳро бар баррасии асари қиссаи дармонӣ ба равиши ТА бар пархошгарӣ нишон медиҳад.

Ҷадвали 1-3 хулосаи таҳлили Кувориёнс барои баррасии асари қиссаи дармонӣ равиши ТА бар пархошгарӣ.

| манбаи тағйирот | маҷмӯи манзурот | дараҷа озодӣ | миёнагини маҷзурот | F | сатҳ маъно |
|---|---|---|---|---|---|
| пешозмун | 150/38 | 1 | 150/38 | 52/31 | 0/00 |
| асари қиссаи дармонӣ ба равиши ТА (гувоҳ-озмоишӣ) | 63/43 | 1 | 63/43 | 22/066 | 0/00 |
| Хато | 106/36 | 37 | 2/87 | | |

Ҳамон тавре ки дар ҷадвали 1-3 мулоҳиза мешавад, шохиси F мусоҳиба шуд, барои таъсири қиссаи дармонӣ ба равиши (22/066) ТА бузургтар аз шохиси буҳронӣ бо дараҷаҳои озодӣ 1 ва 37 бо дар назар гирифтани панҷ % хато (4/ 038) аст, бинобар ин бо итминон 95 % фарзи сарфа мабнӣ бар адами тафовути байни номераҳои ду гурӯҳи пажӯҳиш (озмоиш ва гурӯҳ) рад мешавад. Ба ибораи дигар қиссаи дармонӣ ба равиши ТА бар пархошгарӣ муассир аст ва бо таваҷҷуҳ ба поинтар аз номераи миёнагин пасозмуни озмуданиҳои гурӯҳи озмоишӣ (6/50) поинтар аз номераи миёнагини пасозмуни озмуданиҳои гурӯҳӣ гувоҳ (8/75) аст, метавон натиҷа гирифт, ки қиссаи дармонӣ ба равиши ТА пархошгариро коҳиш медиҳад.

## АДАБИЁТ


1. Артур Равшан. Қиссагӯй. Мутариҷим Яздонӣ Беҳзоди Амодӣ. Мижгон. -Теҳрон, 1385 . – 137 с.
2. Дидюур Колват. Рушди равонии ҳаракати навзод. Машҳад, 1365.- 159с.
3. Жон Луи Фурина. Одоби муошират барои духтарон ва писарони ҷавон. Мутарҷим Шаҳиддухти Беҳзод. -Теҳрон, 1383.- 128 с.
4. Мари Волос. Калидҳои рафтор бо кӯдаки чорсола. -Теҳрон, 1383.-243с.
5. Маҳбуби Тилавзод.Осебшиносии кӯдакони хиёбонӣ. Аз сайт.
6. Нодири Иззатуллоҳ, Сайфи Нароқии Марям. Ихтилолоти ёдгирӣ.Теҳрон, 1369,159с.
7. Озари Яздии Маҳдӣ. Қиссаҳои тоза аз китобҳои кӯҳан. -Теҳрон, 1386.
8. Оқои Алихони Алимуҳаммад. Тарбияти диннӣ дар ойини «Шоҳнома». -Теҳрон, 1389.-273 с.
9. Рауфи Алӣ. Пажӯҳиш дар кулоси дарс ва мадраса. -Теҳрон, 1387.-119 с.
10. Саидризвони Маҳмуд. Накде бар равишҳои тарбияти диннӣ. Машҳад, 1389.-208с.
11. Фарҳоди Собити Аббос Чаро кӯдакам дурӯғ мегӯяд? -Теҳрон,1375.-147с.


## ВОЗДЕЙСТВИЕ ОБУЧЕНИЯ РАССКАЗОВ НА УЛИЧНЫХ ДЕТЕЙ


Практически нет города или страны в мире, где не имелись бы уличные дети. Главными и более распространенными факторами жизни детей на улицах являются нищета, раздробленность семьи, болезнь и смерть родителей, детское насилие, халатность или уход из семьи, а также отсутствие социального развития. Эта проблема касается как развитых, так и развивающихся стран. В каждой стране в зависимости от имеющихся возможностей и культурной ситуации были разработаны и реализованы специальные программы по решению этой проблемы. Дети любят слушать рассказы и сказки больше всего в раннем возрасте. Поэтому нам представляется очень важным еще до начала кампании по обучению родителей организовать в общественных организациях, учреждениях социальной защиты детей и других детских домах отделы или центры рассказывания с привлечением опытных ораторов и рассказчиков. Они могут брать на себя защитную роль родителей и тем самым направлять детей от драчливого и нервозного состояния к радостному и естественному состоянию.



**Ключевые слова:** дети, уличные и беспризорные дети, факторы жизни детей на улицах, специальные программы по решению данной проблемы, рассказывание, обучение рассказов.


## THE IMPACT OF TRAINING STORIES OF STREET CHILDREN


Almost no city or country in the world where there were street children. The main and more common factors in the lives of children on the streets are poverty, the fragmentation of the family, illness and death of parents, child abuse, negligence or care of the family and the absence of social development.

This issue affects both developed and developing countries. In each country, depending on available opportunities and cultural situation have been developed and implemented special programmers to address the problem. Children love to hear stories and tales are only at an early age. Therefore, we consider it very important before the campaign began by teaching parents to organize public organizations, institutions of social protection of children and other children's homes departments or centers of storytelling with the assistance of experienced speakers and storytellers. They can undertake protective role of parents and thereby guide the children from jagged and nervous condition for the joyful and natural state.



**Key words:** children, street children, homeless children, factors of life of children on the streets, special programmers to address the problem, story-telling, training stories.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Мохрух Хасанзодагон Рудсари*** - соискатель Академии образования Таджикистана

# ИГРОВЫЕ ТЕХНОЛОГИИ ПРИ КОМПЛЕКСНОМ РАЗВИТИИ ВЕДУЩИХ ИНТЕРЕСОВ, ИХ КОРРЕКЦИИ У МЛАДШИХ ШКОЛЬНИКОВ

*Хабибулло Рамазони*
**Таджикский государственный педагогический университет им. Садриддина Айни**

Ин ҷо ба чанд ибороте, ки ба таҳқиқи тарзи ҳаёти роиҷ ва равишҳои тарбияи фарзанд ишора мекунанд, таваҷҷуҳ менамоем:

1.Нақшҳои иҷтимоии чигунагии анҷом додани вазифаҳои иҷтимоӣ ва эҳтиром ба ҳуқуқи иҷтимоӣ (Шоиринажод,1372).

2.Маҳоратҳои иҷтимоии рафторҳои мутаносиби омӯхташудае, ки фардро қодир месозад, то ӯ бо афроди дигар робитаи мутақобил дошта, дар нисбати онҳо худро мусбӣ зоҳир намояд (Елиот ва Гиршом, 1993).

3.Рафтори зиддииҷтимоӣ, навъи рафтори ғайримувофиқ , ки фард ҳуқуқи дигаронро эҳтиром наменамояд ё ба ибораи маъмулӣ, ҳуқуқи дигаронро зери по месозад (Садок ва Садок, 1380).

4.Робитаҳои хонаводагӣ, ҳамаи иртиботҳои равонӣ дар қолаби гуфтор, рафтор, ки тавассути он фазои муомила дар байни аъзоёни хонавода фароҳам меояд (Шоиринажод, 1372).

5.Робитаҳои мактабӣ, робитаҳое, ки фард тавассути он тарзи муошират бо дигарон (муаллимон, ҳамсолон), чи гуна анҷом додани маҷмӯаи фаъолиятҳои

муайян, кайфияти ҳамкорӣ ва рақобат бо дигарон дар фазои таълимӣ – тарбиявӣ дар мактабро фаро мегирад (Шоиринажод, 137).

6.Робитаҳои иҷтимоӣ ҳамаи робитаҳои фард бо афрод ва муҳити зист то андозаи тавони ҳамоҳангӣ ва созиши ӯ ба онҳо (Шоиринажод,1372).

Услуби демократӣ. Тарзи идораи хона, яъне волидони демократӣ ба нуқтаи назари фарзандон дар ҳама умури ҳаётӣ аҳамият дода, бо риояи маданияту ҳаққи шаҳрвандӣ фарзандонро идора менамоянд.

Услуби солиҳакорона. Дар ин сабк бар хилофи сабкҳои дигар волидон фориғболона ва бетафовут амал мекунанд ва дар умури хона саҳлгириро ихтиёр менамоянд, ки дар ин миён фарзандон ҷиддияте аз ҷониби волидон надида, ба амалиёти худсарона даст мезананд.

Услуби падарона. Дар ин услуб волидон мекӯшанд. ки бештари корҳои иҷтимоии фарзандонро худашон анҷом бидиҳанд ва бо дилсӯзии падарона онҳоро ба таҳсил ташвиқ кунанд.Ин навъи идора аз ҷониби хонавода муҷиби дахолати зиёд дар корҳои дигар ниҳодҳои ҷомеа, бавижа таълиму тарбия мегардад.

Услуби сахтгирона. Дар ин таҳқиқот манзур аз услуби сахтгирона он аст, ки муаллим дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқ ҷиддӣ ва сахтгир бошад.

Истифодаи либос ва хизматрасониҳои гуногун бахше аз тарзи ҳаёт аст. Вақтҳои фароғат ба тарзи ҳаёт, бо сарф намудани бисёр чизҳо на ба таври хос ё истисноӣ низ вобастагӣ дорад. Фардҳо либосҳоеро мехаранд, ки тарзи ҳаёташонро вонамуд созанд. Аммо намоиши либос як навъ нишон додан ё тазоҳури интихоби фардист. Бархе мафҳуми ҷомеаи хароҷотиро намуди тарзи ҳаёт нишон медиҳанд ва санъати либоспӯшӣ, гузаронидани вақтҳои фароғатӣ, сарфи атриёту алкогол ва ғайраро ба он нисбат медиҳанд. Пас андешаи ҷомеаи хароҷотӣ ҳам либосҳои вақтҳои истироҳат, тафаккур, шуғлҳои ҳаётии онҳоро нишон медиҳад. Дар ин робита бояд 16 хусусияти ҷомеаи хароҷотиро мутолиа кард (Фозилӣ, 1382).

Харид кардан дар фарҳанги масрафии ҷавонон як амри пурсару садое буда, масъалае нест, ки ҷавонон дар он ғайрифаъол, беинтиқод ва ё ғайрибухронӣ амал кунанд.Либосҳои харидаи худро ба услубҳои оммавии бозор таҳвил медиҳанд.Ҷавонон бо пӯшидани либос ё таркиби либосашон маъноҳои нав халқ намуда, мулоҳизоти зебошиносии худро дар харид ва пӯшиши либос доранд ва гоҳе муқаррароти маҳаллӣ ва услубҳои тавлидкунандагонро намепазиранд. Тарзи ҳаёти имрӯза вижагиҳои ҷаҳони модерн буда, ҳар кӣ дар дунёи имрӯз зиндагӣ дорад, соҳиби як тарз ё услуби ҳаёт аст. Тарзи ҳаёт ғояи рафтор буда, фардҳоро аз ҳам мутафовит мекунад ва дар зиндагии рӯзмарраи мардум печидагиҳои васеътари ҳуввият ва вобастагиро нишон медиҳад.

Таҳқиқ бо тарзи заминаёбӣ ва мусоҳибаи пурсишӣ сурат гирифта, он аз мушоҳидаи падидаҳо ба мақсади баҳогузорӣ ба ҷанбаҳои гуногуни дар ҷараёни пажӯҳиш ҷамъоварда дар бораи мавзӯъҳо, дониш, андеша ва шуғли мардум иборат аст. Таҳқиқот ба тариқи мусоҳиба ҷараён дошта, дар он 275 нафар аз хонаводаҳои шаҳри Сорӣ ва 275 нафар аз хонаводаҳои шаҳри Душанбе бо ҳамроҳи фарзандонашон ширкат варзидаанд. Ҳамаи марҳилаҳои оморӣ ва таҳқиқу таҳлили нишондод бо истифодаи таъминоти барномавии (нармафзорӣ - програмное обеспечение) омории SPSS. Win (Ver15.5), LISLER Win(Ver8.5) ва PRELIS. Win(Ver8.5) анҷом пазируфтааст.

**Ҷадвали 1. Муҳимтарин омил дар тағйироти тарзи ҳаёти ханаводаҳо**

| Радиф | Сабкҳои зиндагӣ | Духтарон% | Писарон% | Модарон% | Падарон% | Маҷмӯи ъзо% |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Варзиш | 22 | 44 | 8 | 29 | 25.75 |
| 2 | Мӯд | 31 | 12 | 16 | 6 | 16.25 |
| 3 | Авқоти | 13 | 19 | 41 | 30 | 25.75 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | фароғат | | | | | |
| 4 | Дин | 11 | 15 | 33 | 26 | 21.25 |
| 5 | Ҳунар | 23 | 10 | 2 | 9 | 11 |

Чуноне ки дар ҷадвали боло мушоҳида мешавад, духтарон бештар ба мӯд ва зебогии зоҳирӣ ва писарон ба варзиш майл доранд. Аммо модарон бештар майли масрафи вақти хешро ба фароғат ва падарон ба фароғат ва варзиш якҷо доранд. Дар маҷмӯъ ба ҳисоби миёна масрафи хонаводаҳо дар байни варзиш ва вақтҳои фароғат қарор дорад ва чуноне мушаххас гашт, ҳамоҳангӣ дар салиқа ва наздикии писарон ба падарон дар ин таҳқиқот нисбати духтарон ба модарон бештар мебошад.

Чӣ тавре ки аз ҷадвали 2. бармеояд, усулҳои зиёди тарбияи фарзанд мавҷуданд ва дар ин ҷо чанд равиши роиҷро дар чор усул: мусолиҳакорона, сахтгирона, демократӣ ва дилсӯзона – падарона мавриди таҳқиқ қарор додем ва пажӯҳиш нишон дод, ки тафовути даруни гурӯҳӣ дар мавриди муносибатҳои хонаводагӣ бо фарзандон дар гурӯҳҳо ва кишварҳо вуҷуд дорад.

**Ҷадвали 2. Муқоисаи сабкҳо дар ду шаҳр**

| **Сабки фарзандпарварӣ** | **миёна** | | **миёнгин** | | **T** | | **Сатҳи маънидорӣ** | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Сорӣ | Душанбе | Сорӣ | Душанбе | Сорӣ | Душанбе | Сорӣ | Душанбе |
| Сахтгирона | 3 | 3 | 2.87 | 278 | 0.89 | 2.13 | 0.06 | 0.000 |
| Демократӣ | 3 | 3 | 2.69 | 2.63 | 2.11 | 2.61 | 0.000 | 0.000 |
| Мусолиҳакорона | 3 | 3 | 2.73 | 2.66 | 2.49 | 0.98 | 0.000 | 0.08 |
| Падарона дилсӯзона | 3 | 4 | 2.81 | 3.45 | 0.93 | 2.75 | 0.05 | 0.000 |

Ҷадвали озмун нишон медиҳад, ки дар маҷмӯъ ба ҳисоби миёна зимни ҷамъбасти натиҷаҳо тарзҳои тарбияи фарзанд дар ду шаҳр мутафовит буда, бо мушаххас гаштани мизони озмун (6.211) ва дараҷаи озодӣ (d.f=3 ) метавон гуфт, ки пажӯҳиш бо эҳтимоли 0,1% хато ва бо итминони 0,99% қобили пазириш аст.

| **Озмуни муқоисаи ду шаҳр** | **Арзиш** | **Дараҷаи озодӣ** | **Сатҳи маънидорӣ** |
|---|---|---|---|
| **T - донишҷӯӣ** | 6.211 | 3 | 0.000 |

*Фарзия:* дар байни тарбияи хонаводагӣ ва тарзи ҳаёт аз ҷиҳати интихоб тафовут вуҷуд дорад.

| Sig. | F | Mean Square | df | Sum of Squares | statistic |
|---|---|---|---|---|---|
| .0000 | 8.249 | 2824.417 | 19 | 53663.920 | Between Groups |
| | | 342.379 | 255 | 87306.647 | Within Groups |
| | | ----- | 274 | 140970.567 | Total |

Озмуни ин фарзия аз озмуни омории таҳлили варианти ANOVA (F) истифода шудааст. Тибқи мизони омор (Value=8.249) ва такя ба мушаххасоти ададӣ(d.f=255) бо эҳтимоли 5% хато ва 95% итминон метавон гуфт, ки фарзия қобили қабул буда, дар байни тарбияи фарзандии хонаводагӣ ва тарзи ҳаёт аз ҷиҳати интихоб тафовут вуҷуд дорад.

Ҳуввият биноест, ки дар робита сохта шуда, як гурӯҳро дар баробари гурӯҳҳои ба он дар тамос қарор медиҳад. Бинобар ин, ҳуввият мустақиман аз тафовутҳо ба вуҷуд намеояд. Дуруст аст, ки тафовутҳо вуҷуд доранд, аммо як гурӯҳ ё фарҳанги хос

ба танҳоӣ фақат ба хотири ин ки тафовуте ба дигарон дорад, ҳуввияти халқ намешавад. Ҳангоми таҳқиқ дарёфтем, ки тарзи тарбияи фарзандии падарона ва дилсӯзона дар Душанбе бештар аст, ки муҳаққиқ падарони тоҷики муҳоҷиршуғли дар замони шаклгирии шахсияти фарзандонашон набударо саҳмдор медонад. Ин идда аз ҷиҳати тангии рӯзгор барои дарёфти маоше роҳи дигар кишварҳоро мегиранд ва дар натиҷа тибқи теорияи мубодилаи Ҳуменз (1937) ҳангоми расидан ба ҳадафе аҳдофи дигар аз чанг мераванд. Тадқиқ дар маҷмӯъ нишон дод, ки равишҳои тарбияи фарзанд дар ин ду намуна ҷиҳатҳои тафовути печидае надоранд ва танҳо аз назари оморӣ мутафовит ҷилва намудаанд. Дар ниҳоят натоиҷи таҳқиқ ҳокӣ аз он аст, ки алоқамандӣ ба муд, тарзҳои гузаронидани авқоти фароғат, гароиши динӣ, рағбат ба санъат ва варзиш аз мавзӯоте ҳастанд, ки дар тарзи зиндагӣ таъсир ва нақш доранд.

## АДАБИЁТ


1. Рувша Гай. Муқаддимае бар ҷомеашиносии умумӣ. Тарҷумаи Ҳумо Занҷонизода. –Теҳрон, 1375.
2. Садок Бинёмин. Садок Вирҷиниё. Чакидаи равонпизишкии Болин Э., Тарҷумаи Нусратуллоҳ Пурафкорӣ, -Теҳрон, 1380.
3. Шиоринажод, Алиакбар. Равоншиносии рушд. Теҳрон, 1372. Чопи даҳум.
4. Шрайбер Сервон. Нерӯи паём. Тарҷумаи Суруш Ҳабибӣ. –Теҳрон, 1371.
5. Шилер Ҳерберт. Васоили иртиботи ҷамъӣ ва императории Амрико. Тарҷумаи Аҳмад Миробидинӣ. –Теҳрон, 1377.
6. Фозилӣ Муҳаммад. Масраф ва сабки зиндагӣ. -Теҳрон,1382.
7. Гиднез Антонӣ.Ҷомеашиносӣ. Тарҷумаи Манучеҳр Сабурӣ. –Теҳрон, 1374.
8. Ҷенгинз Ричард. Ҳувияти иҷтимоӣ. Тарҷумаи Тураҷ Ёраҳмадӣ. –Теҳрон, 1381.
9. Гиюнз Антонӣ. Таҷаддуд ва ташахус. Тарҷумаи Носир Мунқиён, -Теҳрон, 1378.
10. -Fogel, B.S, Schiffer, R.B & Rao, S.M, (2000). Synopsis of Neuropsychiatry, Philadelphia, Lippincott willams& wilkins.



**СРАВНЕНИЕ МЕТОДОВ ВОСПИТАНИЯ ДЕТЕЙ И ОБРАЗ ЖИЗНИ РОДИТЕЛЕЙ В ИРАНЕ И В ТАДЖИКИСТАНЕ**

***(на основе исследований проведенных в городах Сори и Душанбе)***

В данной статье автором рассмотрены традиционные и новейшие методы воспитания, условия и значение различных образов жизни в различных социальных группах в сравнении методов воспитания детей и образа жизни родителей, которые были проведены в городе Сори Исламской Республики Иран и в городе Душанбе Республики Таджикистан. В исследовании принимали 275 человек из различных семей города Сори и 275 человек из различных семей города Душанбе вместе с детьми.

**Ключевые слова:** воспитание, семья, семейное воспитание, образ жизни родителей, методы воспитания в различных семьях, сравнение методов воспитания.

**COMPARISON OF THE METHODS OF EDUCATION OF CHILDREN AND WAY OF LIFE OF PARENTS IN IRAN AND IN TAJIKISTAN**

***(on the basis of research conducted in the cities of Sori and Dushanbe)***

In the article the author considers both traditional and modern methods of education, conditions and meaning of the different ways of life in different social groups compared child-rearing practices and way of life of parents who were held in the city Sori the Islamic Republic of Iran and in the city of Dushanbe, Republic of Tajikistan. In the study included 275 people from different families of the city Sori and 275 people from different families Dushanbe together with children.

**Key words:** education, family, family education, way of life of parents, methods of education in different families, comparison of methods of education.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:*****Нафиса Халили***- соискатель Академии образования Таджикистана


# НАВРӮЗ ВА ПОКИИ ҶИСМУ РӮҲ


***Парвина Лутфуллоева***

**Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи АТТ**


Башарият ҷашнҳои зиёд ва гуногунро медонад, вале ягонтаи онҳо дар покии ҷисму рӯҳ, покии муҳити зист, покии маънавию ахлоқӣ ба Наврӯз баробар шуда наметавонад.

«Ҷашни Наврӯз», - мегӯяд Президенти мамлакатамон Эмомалӣ Раҳмон, - ки зодаи хирад, андеша, ҷаҳонбинӣ ва тафаккури гузаштагони бузурги мо мебошад, дар

замири худ ҷавҳари некӣ, накӯкорӣ, бахшишу меҳрубонӣ, покизагии рӯҳонӣ ва ҷисмонӣ, созандагию бунёдкорӣ дорад».

Бале ин ҷавҳар на танҳо дар «пешонии сол», «рӯзи умед», «рӯзи бедории замин», «эҳёи табиат», «оғози кишту кор» ифода меёбад, инчунин мансуб ба фараҳаври пок аст, ки гувоҳӣ аз рӯзи пок ва муқаддас мебошад. Назар ба навиштаи олими шинохтаамон Акбари Турсун: дар рӯзҳои ид фариштагони накӯкор ҳам аз осмон ба замин мефароянд. Ва аммо қосидони фалакӣ ба хонаҳое ташриф намеоваранд, ки онҳоро рӯбучин накардаанд ва ё миёни аҳли хонавода сулҳу салоҳ нест» [1]. Дар ин гуфта се ғояи Наврӯз нуҳуфта аст, ки ба табиати мардуми мо мувофиқат менамояд: 1. Қосидони фалакӣ ё малоикаҳо аз дари хонаҳое медароянд, ки ҷисму рӯҳи соҳибонаш пок, ҳама ҷойи ҳавлию хона тоза, обзада, рӯбучин карда бошад. 2. Миёни аҳли хонавода-зану шавҳар, падару писар, духтару модар, фарзандону дигарон сулҳу салоҳ бошад, зеро ҷангу ҷанҷол барои Наврӯз бегона аст. 3. Иртибот байни вожаи «малоикаҳо» ва маънои «суманак», ки рамзи Наврӯз аст, ба мушоҳида мерасад. Ривоят аст, ки маънои калимаи «суманак» ба сӣ малоик, яъне фариштаҳо далолат мекунад. Зардушт аз саҳро алаферо оварда, хоҳиш кард, ки решаи онро ҷабида ғизое омода намоянд. Аммо касе аз уҳдаи ин кор намебаромад. Зардушт субҳи барвақт хест, то лаби ҷӯйбор рафта шустушӯ намояд. Берун баромада дид, ки сӣ малоика ҳама дар либоси ҳарири сафед гирди деги калоне сурудхонон ғизоеро кафча мезананд/

Аз ҳамин ибораи «сӣ малоика» тадриҷан «сималак» ва ниҳоят «суманак» пайдо мешавад, ки дар рӯзҳои Наврӯз пухтану рӯйи дастурхон гузоштан роиҷ аст. Мегӯянд, ки дар вақти чашидани ин таом, албатта бояд хоҳишеро аз дил гузаронд ва он албатта иҷро мешавад. Ба гумонам, хоҳиши ҳамагон сулҳу салоҳ, саломатии хубу зиндагии осуда мебошад. Оид ба субҳи барвақт хестану шустушӯ кардан Артур Кристенсон мегӯяд: «Дар рӯзи аввали Наврӯз дар он замони дерин низ мардум субҳ зуд бархоста, ба канори наҳру ҷӯйборҳо рафта шустушӯ мекарданд, ба ҳамдигар ҳамчун пайғоми покӣ рушноӣ об мепошиданд, ширинӣ медоданд» [2].

Олим ва донишманди тоҷик Кароматулло Олимов мефармояд: «Чунонки муаррихон хабар додаанд, ҷашни Наврӯз пеш аз ҳама бо покии тан ва фикр тавъам будааст. Абдулазими Ризоӣ, донишманди эронӣ, бо истинод ба суханони пешиниён, дар бораи баргузории ҷашни Наврӯз чунин зикр кардааст: «Эрониёни бостон пеш аз ин ки соли нав таҳвил шавад, бадани худро пок ва покиза мекарданд ва такпӯши нав дар бар намуда, атру гулоб ба худ мезаданд ва бо ҳамдигар рӯбӯсӣ мекарданд» [3].

Дар ин иқтибос диққати моро, пеш аз ҳама, покии фикр, покии андеша, покии дил, софии ният ҷалб мекунад, ки хоси одамони соҳибфикр аст. Он чӣ, ки инсон бо он меояд ва э кош то охири умр бо он бимонад. Умари Хайём мефармояд:

*Пок аз одам омадему нопок шудем,*
*Шодон ба дар омадему ғамнок шудем,*
*Будем зи оби дида дар оташи дил,*
*Додем ба бод умру дар хок шудем.*

Албатта, муҳит ба пок мондан ва ё нопок шудани одам, бешубҳа таъсир мекунад. Вале инсон, ки дорои ақлу шуур аст ва бо ҳамин хосияти азалии худ аз дигар махлуқот фарқ мекунад, масъул аст, ки покии худро идора ва назорат намояд. Ин ҷо, пеш аз ҳама худи одам бояд иқрор шавад, ки ӯ пок аст, ё нопок. Агар пок бошад, ин бартарӣ ва афзалияти ӯст. Агар нопок бошад, бояд кӯшиш кунад, ки пок шавад, нопокии худро ба дигарон таҳвил накунад, макони покро нопок насозад;

Дар ин хусус қиссаеро аз китоби «Ҳазору як ҳикояти таърихӣ» меорем.

Як ҷавони доно ва поктинат аз роҳи дарё ба соҳили Рум омад. Мардуми он сарзамин диданд, ки ҷавон дорои фазл ва ақлу тамиз аст. Ӯро эҳтиром карданд ва ба мақоми баланд нишонданд. Рӯзе сарвари солеҳони он макон ба ҷавон дастур дод, ки гарду хоки масҷидро бирӯбад. Бо шунидани ин сухан он ҷавон берун рафт ва дигар барнагашт ва касе ҳам ӯро дар онҷо надид. Мӯйсафедони он ҷамоат ин амалкардаи ҷавонро чунин қаламдод карданд, ки гӯё ҷавони фақир парвои хидмат кардан надоштааст ва аз хизмат фирор кардааст.

Рӯзи дигар ходими масҷид ҷавонро дар кӯча мебинад ва аз дасташ гирифта мегӯяд: - Ту бо фикри табоҳи худ чӣ кори нохуб кардӣ. Оё надонистӣ, эй кӯдаки худписанд, ки инсонҳо бо хидмат кардан ба мақоми баланд мерасанд?

Ҷавон бо шунидани сухани ӯ шурӯъ кард ба гиря кардан ва бо сӯзу гудоз ва бо садоқати тамом гуфт:

Эй дӯсти ҷонпарвари ман, воқеа ин гуна ки ту фикр мекунӣ, нест. Вақте ки он сарвар ба ман дастур дод, то масҷидро бирӯбам, як нигоҳе ба масҷид кардам ва дар он на гардеро дидам ва на хокро. Дар он ҷойи пок фақат худамро олудаву нопок дидам. Бинобар ин, худамро ба берун андохтам ва масҷидро аз хоку хаси вуҷудам пок намудам, ки аз хоку хас пок будани масҷид беҳтар аст» [4]. Оре, масҷид бешубҳа макони покон аст. Касе, ки ҷисмаш ва рӯҳаш нопок аст, набояд он ҷо қадам гузорад.

Аммо Наврӯз қосид ва рамзи покии ҳамагон, ҳама ҷо ва ҳама чиз аст. Чанд рӯз пеш аз омад-омади Наврӯз одами хушсалиқа ва боақлу фаросат ва бомаънӣ ва соҳибтадбир хонатаккон ташкил менамояд. Ҳама чизро берун бароварда сари тор мекашад, чангу хокашро меафшонад, ҷойҳои харошида ва кандагии девори даруну берунро андова ва сафед мекунад. Мактабиёну мардуми шаҳр (ноҳия, деҳа) ҳашар ташкил мекунанд, ҳама ҷоро тозаю ороста менамоянд. Кӯчаю хиёбонҳо, роҳраву ҷӯйборҳо ҳама тозаю озода карда мешаванд. Ҳам табиат ва ҳам мардум либоси нав ба бар мекунанд. Дар ин рӯз кинаҳо аз дилҳо дур карда шуда, чеҳраҳо пурнур мегарданд, лабҳо табассум мекунанд, аз забони ширини хурду калон вожаҳои «салом», «ассалом», «ташаккур», «сипос», «дуруд», «сипосгузорам», «покию некӣ» ба гӯш мерасанд. Чунин аст ҳусну таровати Наврӯз, рамзу садоқати он. Ва ин ҳазорҳо сол давом дорад ва аммо дар рӯзгори мо пахнотар гардидааст. Президенти кишварамон Эмомалӣ Раҳмон ба ҷаҳонӣ шудани Наврӯз ишора карда мегӯяд:

«Аз ҷониби Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид ба ҳайси ҷашни ҷаҳонӣ пазируфта шудани Наврӯз гувоҳи он аст, ки ҳанӯз дар замони қадимтарин ниёгони мо бо холисии ният ва ормони олӣ ҷашнеро падид оварда буданд, ки паёми ваҳдату муҳаббат, покию садоқат, зебоию нафосат ва бедорию заҳмат будааст».

### АДАБИЁТ


1. Эмомалӣ Раҳмон. Наврӯз – мунодии сулҳу оромӣ. Омӯзгор, аз 30 марти с. 2012.
2. Баёнияи «Наврӯз – 2012». Омӯзгор, 30.03.2012.
3. Тоҷикистон Ватани Наврӯз аст. Душанбе, 2012.
4. М. Лутфуллоев. Инсон ва тарбия. Душанбе, 2007
5. Ҳикоёти таърихӣ. –Душанбе: Фарҳанг ва маориф, 2012.
6. Анҷумани наврӯзӣ. -Душанбе, 2012.



**НАВРУЗ – ЧИСТОТА ДУШИ И ТЕЛА**

Навруз пробуждает природу, весну, землю, все живое на земле. Во время этого священного праздника человек по-своему пробуждается. После долгой холодной зимы он готов трудиться, работать на земле, приводить всё в порядок. В празднике полагается нарядиться во все новое, по мере возможности сделать дома ремонт, и конечно заботится о домочадцев всех порадовать, устроить им настоящий праздник. И обязательно надо позаботиться об окружающей среде, убирать во дворе, на улице, чистить сады, сажать деревья. Ещё благодаря нашему уважаемому президенту Эмомали Рахмон Навруз на 64-м собрании Генеральной Ассамблеи Организации Объединенных Наций, был признан международным праздником. Поэтому мы должны достойно праздновать этот красивый праздник.



**Ключевые слова:** Навруз, природа, земля, чистота, окружающяя среда, ассамблея, Организация Объединенных Наций, международный праздник



**NAVRUZ – THE PURITY OF THE SOIL AND BODY**

Navruz get up the nature, the spring, and all alive in land. During this holly holiday the person after the long cold winter get up. Get up for this, that to work, to toil in the land and garden. In holiday the person must to put on the new clothes and also must do repair his house. And of course to take care about everybody in family, make them the real holiday. Thanks to our president Emomali Rahmon, with his help Navruz on $18^{th}$ – of February, in 2010 on the $64^{th}$ meeting of General Assembly Organization of United Nations took decision about “International Day of Navruz”.That is why we must fittingly celebrate this beautiful holiday.



**Key words:** Navruz, nature, land, purity, person, soil, body, international holiday, General Assembly Organization of United Nations.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Парвина Лутфуллоева*** – соискатель Академии образования Таджикистана


## АВОМИЛИ МУАССИР БАР ТАЪЛИМУ ТАРБИЯТ АЗ ДИДГОҲИ АТТОРИ НИШОПУРӢ


***Ризои Яздонӣ***

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**


Таърихи назарии тарбиятӣ ин ҳақиқатро равшане месозад, ки пайваста миёни назарияе, ки таълиму тарбиятро амре дарунӣ ва маншаи онро дар худи фард

медонад, бо назарияе, ки таълиму тарбиятро амре хориҷӣ ва маншаи онро хориҷ аз фард ҷустуҷӯ мекунад ё миёни назарияе, ки асоси таълиму тарбиятро ғалаба бар истеъдодҳову тамоюлоти фитрӣ дониста, ба ҷойи он одоти касеро, ки таҳти фишори хориҷӣ падид омадаанд, асоси таълиму тарбият медонад, ба таври маҳсус (ҳисшаванда) ихтилоф вуҷуд доштааст (Шариатмадорӣ. Таълиму тарбият, 1997).

Ҳадафи асосии таълиму тарбият ин аст, ки фардро тавре бор оварад, ки битавонад шахсан худро идора кунад. Тақвияти ҷанбаи ақлонии шахсияти инсон, появу асоси тарбиятро ташкил медиҳад. Рушди иҷтимоӣ, отифӣ, ақлонӣ ва ҳатто тарбияти динӣ дар ҳадди васеъ дар сояи парвариши ҷанбаи ақлонии шахсият сурат мегирад.Аттор дар ашъори худ дар бобати парвариш ва маорифи парваришу нақши ақл таъкид мекунад, ки ҳамеша худдорӣ аз ёвагӯйӣ ё санҷида гуфтанро хотирнишон кардааст. Аттор робитаи ақлро бо дил чунин баён мекунад:

*Танатро дилу дилро дард гардон,*
*К-аз инон кимиё созанд мардон.*

1. **Кӯдак ва таъсири мароҳили тарбият аз дидгоҳи Аттор.** Ҳадафи Аттори Нишопурӣ дар тарбият парвариши инсонҳои боимону муттако ба нафс аст, ки барои худ ва хонаводаву ҷомеа муфид бошад. Барои расидан ба ин хоста бояд дар тарбияти кӯдак кӯшиш намуд ва ӯро диндор, парҳезгор ва қонеъву мунсиф, хушхӯву хушахлоқ ва соҳиби ҳунару пеша, босавод ва накӯкор парвариш дод ва он гоҳ ба зевари илм ороста мешаванд, ки аз дигарон парҳезгортар шаванд.

Дар мутолиаи дақиқи осори Аттор дар бораи тарбияту мароҳили он усули зер ҳосил мешавад:

Кӯдак қобили тарбият аст ва парвариши дурусти ӯ муҷиби таолии ӯ мешавад. Истеъдод бидуни тарбияти саҳеҳ дареғ аст ва тарбияти номустаид низ зоеъ аст ва роҳи ҳусни оқибату сӯйи оқибат пеши пойи инсон аст ва шахс бо ихтиёри худ якеро интихоб мекунад, зеро амали солик бояд аз рӯйи илм бошад, чаро ки амал ҳамроҳ бо ҷаҳл беарзишу гумроҳкунанда аст. Донишу донистани тарбияти инсон аз вижагиҳои муҳими инсони комил аст. Бинобар ин, шоир ҳамеша дар пайи ташвиқи кӯдак барои касби илму тарбият аст. Вай донишро қуввати ҷон ва чароғи роҳ медонад. Зеро зуҳд бидуни илм бефоида аст ва илм бидуни тарбият низ самарае нахоҳад дошт.

Тарбияти кӯдакро бояд аз оғози кӯдакӣ шурӯъ кард. Аттор нақши тарбиятро дар замони кӯдакӣ тавсия мекунад ва мегӯяд, ки кӯдак истеъдоди тарбиятро дар бузургсолӣ аз даст медиҳад ва баъдҳо таъсири тарбият ва имкони тағйиру ислоҳ дар ӯ кам мешавад ва эҳтимолан ба куллӣ зоеъ мегардад.

Ҳар касеро дар хиради хеш тарбият накунанд, дар бузургӣ некӯаҳволиву осудагӣ аз ӯ бархезад. Аттор вазифаи падар ва хонаводаро таъмини васоили рифоҳи зиндагӣ ва таҳсили фарзанд медонад, то фарзандон ҳоҷате ба дигарон надошта бошанд ва эҳсоси ҳақорат накунанд.

Ба далели адами тавсиаи омӯзиши пас аз ислом марказҳои таълиму тарбият, ки мактабхона, масҷид, хонақоҳ ва ғайра буду баъдан мадрасаҳои низомия барои таҳсил доир шуд ва таҳсили пештар гирди меҳвари фарзандони писар давре задааст ва фақат Хоҷа Насруддини Тӯсӣ аст, ки барои таҳсили духтарон тавсия дода мефармояд, ки таҳсили духтарон низ монанди писарон анҷом гирад (Содиқ, 1975).

2. **Таъсири макони таълиму тарбия ва барномаи дарсӣ.** Дар хусуси барномаи дарсӣ тамоми таваҷҷуҳи Аттор ба маорифпарварӣ ва масоили ахлоқӣ аст. Ба ҳамин ҷиҳат ӯ камтар вориди барномаи дарсӣ шуда, муътақид аст, ки кори умдаи тарбият илова бар омӯхтани ҳунар эҷоди одоту ахлоқи писандида дар мутааллимин аст. Дар мавриди макони таҳсил дар он замон аз манбаъҳое, ки ба даст омадаанд, хона буда, баъд мактабу масҷидҳо, ки маводи дарсӣ дар он тадрис мешудааст. Аммо дар замони Хоҷа Насруддини Тӯсӣ маводи дарсӣ ва дарсҳои таъриху беҳдошт ва ҳифзи ашъори ахлоқу одоби зиндагӣ ва варзишу саноати илм будааст (Содиқ, 1975).

3. **Таъсири муҳит савумин омили муассир дар таълиму тарбият.** Аттор муътақид аст, ки агар инсони боихлоси пок ва ворастаро дар муҳити фосиду инсонҳои паст ва фурӯмояро дар муҳити солим қарор диҳанд, тағйири рафтор доранд ва таҳти таъсири муҳити тарбиятии худ қарор хоҳанд гирифт. Дар ҳар ҳол нақши тарбиятро набояд нодида гирифт ва ба ин ҳақиқат таваҷҷуҳ дошт, ки афрод ба таносуби истеъдоду заминаи ирсӣ аз дараҷоти тарбият бархурдор мешавад.

Дар осори Аттор тарбияти инсонҳои ноҳамворе, ки тарбияти аввалияи онҳо номуносиб буда, ё дар баробари муҳити нави таълиму тарбият муқовимат мекунанду ба ҳеҷ ваҷҳ ҳозир ба ислоҳ нестанд, амре бисёр беҳуда ва абас дониста шудааст.

**4. Таъсири истеъдоди зотӣ ва муҳит.** Аттор ба ҳамон андозае, ки ба муҳит такя дорад, барои истеъдоди зотиву гавҳари инсонӣ ва хости тарбиятшаванда низ такя мекунад. Аз назари Аттор истеъдод бидуни муҳит тарбият намешавад ва дареғ аст, ки истеъдоди нуҳуфта дар муҳити муносиб шукуфта нагардад. Ҳамин муҳити муносиб барои касоне, ки мустаид (боистеъдод) нестанд ва ё намехоҳанд, ки тағйири рафтор кунанд, заҳмати бефоида аст. Аттори Нишопурӣ истеъдоди зотӣ ва муҳитро дар таълиму тарбият муқобили ҳам қарор намедиҳад, балки таъкид дорад дар тарбияти инсон бояд ин ду бо ҳам ҳамоҳанг шаванд ва дар тарбиятшаванда низ ангезае вуҷуд дошта бошад, то амри таълиму тарбият муассир афтад. Ҷавҳар, агар дар хатоб афтад, ҳамчунон нафис аст ва ғубор, агар ба фалак расад, ҳамон хасис аст. Истеъдод бидуни тарбия дареғ аст ва тарбияти номустаид (беистеъдод) зоеъ аст. Хокистар насаби олӣ дорад, ки оташ ҷавҳари волост, вале чун ба нафси худ ҳунаре надорад, бо хок баробар аст. Қимати шакар на аз най аст, ки худ хосияти вай аст. Аттор барои шахсияти шаклгирифтаи тарбиятшаванда ва нақше, ки мутааллим ба унвони як шахсияти воҳиду мутамоиз аз насаби хеш ва ба унвони шахсе, ки дорои зоту истеъдоди хоси худаш мебошад, аҳамият қоил аст. Бинобар ин, дар масоили омӯзишу парвариш бояд ба ҳудуду марзи таъсирпазирии тарбиятшаванда таваҷҷуҳи кофӣ дошт.

**5. Тафовути истеъдодҳо ва тафовутҳои фардӣ.** Хусусиятҳои афрод монанди тани қавӣ доштан, хушқиёфа ё зишт будан, заъфи қувваи баданиву нуқси узвҳои ҳиссӣ, хушбаён будан ва бекор будан дар рафтори онҳо таъсир дорад. (Шариатмадорӣ, 1997)

Бинобар ин, яке аз масоили асосии тарбиятӣ ин таваҷҷуҳ ба ихтилофоти фардӣ аст. Ин масъала бо ин ки аз замонҳои қадим дар гуфтори мураббиёни бузург матраҳ шудааст, дар амал камтар мавриди таваҷҷуҳ будааст. Ҳанӯз ҳам муаллим ва падару модар аз шогирду фарзанди худ интизор доранд, ки монанди ҳамсолон мавзӯъҳои дарсиро фаро гиранду пешрафт намоянд. Аттор муътақид аст, ки ҳатто агар муҳити яксон ва таълиму тарбияти яксон ба афроди мухталиф дода шавад, ёдгирандагону тарбиятшавандагон бар ҳасби истеъдоду тавони худ аз муҳит тарбияти муносиб мегиранд.

***Ҳикоят:*** Подшоҳе писарашро барои адаб омӯхтан ба адибе супурд ва гуфт: «Ин фарзади туст. Тарбияташро ҳамчунон кун, ки бо яке аз фарзандони хеш мекунӣ». Гуфт: «Фармонбардорам».

Соле чанд талош кард, аммо муваффақ нашуд. Подшоҳ ӯро муохаза кард ва гуфт: «Ваъдаатро ба ҷой наовардӣ». Ӯ гуфт: «Барои худованди рӯйи замин пӯшида намонад, ки тарбият яксон аст, валекин табоеъ мухталиф».

Аз дидгоҳи Аттор инсон дорои ихтилофи фоҳише дар амри ёдгирӣ аст. Ҳатто, агар муҳити яксон ва таълиму тарбияти яксон ба афроди мухталиф дода шавад, ёдгирандагон бар ҳасби истеъдоду тавони худ аз муҳит тарбияти муносиб мегиранд.

## АДАБИЁТ


1. Шариатмадори Алӣ. Таълиму тарбият. –Теҳрон, 1997. – 320 с.
2. Содиқ Исо. Таърихи фарҳанг. – Теҳрон, 1975. – 181 с.
3. Зарринкӯб Абдулҳусейн. Ёддоштҳо ва андешаҳо. – Теҳрон, 1992. – 211с.
4. Нафисӣ Саид. Ҷустуҷӯ дар аҳвол ва осори Аттори Нишопурӣ. – Теҳрон, 1942. – 118 с.
5. Мавлавӣ Ҷалолиддин. Маснавии Маънавӣ. – Теҳрон, 1984. – 435 с.
6. Сафо Забеҳулло. Ганҷинаи сухан. – Теҳрон, 1984. – 311 с.
7. Сафо Забеҳулло. Таърихи адабиёти Эрон. – Теҳрон, 1992. – 201 с.
8. Ашрафзода Ризо. Таҷаллии рамзи вилоят дар шеъри Аттор. – Теҳрон, 1994. – 198 с.


## ВОЗДЕЙСТВУЮЩИЕ ФАКТОРЫ ОБУЧЕНИЯ И ВОСПИТАНИЯ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ НИШАПУРИ


В данной статье автором рассмотрены идеи воспитания и обучения в произведениях Аттара Нишапури. Аттар Нишапури является одним из видных ученых и поэтов XI столетия, который очень много внимания уделял вопросам обучения и воспитания подрастающего поколения.



**Ключевые слова:** методы обучения и воспитания, Аттар Нишапури, воздействующие факторы обучения и воспитания, подрастающее поколение,поучительные произведения.


## NFLUENCERS OF TRAINING AND EDUCATION IN TERMS OF НИШАПУРИ


In the article the author considers the idea of education and training in the works of Attar Нишапури. Attar Нишапури is one of the prominent scientists and poets of the XI century, which paid much attention to the issues of education and upbringing of the younger generation.



**Key words:** methods of teaching and upbringing, Attar Нишапури, influencers training and education of younger generation and training of the work.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Ризои Яздони*** - соискатель ТГПУ им. Садриддина Айни

# ТАЪСИРИ ОМӮЗИШИ САБКИ ҲАЛЛИ МАСЪАЛА БАР МИЗОНИ ҲУРМАТИ ХУДИ НАВҶАВОНОНИ ДОРОИ МУШКИЛОТИ РАФТОРИ ИРТИБОТӢ

***Зайнаби Зоренажод***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Донишгоҳи озоди исломии воҳиди Карач, Эрон**

Эҳсоси ҳақорат, вобастагӣ аз мушаххасоти умдаи фард бо ҳурмати худ пойин аст, ки ӯро ба пайи кифоятеву нотавонӣ дар тасмимгириҳои санҷида дар мувоҷеҳ бо мавқеиятҳои масъалазо, фишоровариҳо, ба абзори вокунишҳои таконишӣ ва ҳаяҷонӣ ва идрок мекунад Роҳбурдҳои ҳалли масъала мумкин аст ба бисёре аз дармонҷӯён дар муқобила бо мушкилоти рафтории иртиботӣ, ки ба вуқӯъ мепайванданд, кӯмак кунанд ва бинобар ин, метавонанд дар коҳиши шиддати нишонаҳои мушкилоти рафтории иртиботӣ ва ё аз шурӯи нишонаҳои ихтилолоти рафтории иртиботӣ пешгирӣ ба амал оваранд. Натоиҷи таҳқиқ низ ҳокӣ аз ин аст, ки сабки ҳалли масъалаи як рӯйоварди дармонии рафторӣ, шинохтӣ ва судманд барои дармони ҳурмати худ осеб дидааст.

Ба лиҳози ин ки сабки ҳалли масъала, ки аз сохторҳо ва фароятдҳои шинохти рафторӣ аст, ба воситаи он фард роҳҳои муассири созгорӣ бо мавқеиятҳо ва рӯйдодҳое, ки мунҷар ба вокунишҳои рафтори иртиботи мешавад, кашф мекунад. Бинобар ин, омӯзиши шеваҳои ҳалли масъала роҳест ҷиҳати дастёбӣ ба сохторҳои шинохтии афрод, ки ҳурмати худашонхуд пойин аст. Мушаххас кардани сохтҳои шинохтӣ метавонад роҳнамои дармонгарон ва парваришгарон дар омӯзиши маҳоратҳои муқобила бошад. Дар тамоми рӯйовардҳои равони дармонгарӣ талоши аслӣ бар омӯзиши маҳоратҳои муқобилаи коромад бар афроди осебдидаи рафтори иртиботӣ мебошанд. Бинобар ин, талошҳои онон метавонад мутамарказ бар кӯмак ба муроҷеон, бавижа навҷавонон барои рушду густариши манобеи ҷадид ё шиносоии манобее бошад, ки акнун дар густариши онҳост. Бинобар ин, донистани сабки ҳалли масъала дар навҷавонони дорои мушкилоти рафтории иртиботӣ метавонад дар ин замина роҳкушо бошад.

Ҳамчунин баррасии ин шеваҳо дар навҷавонони мубтало ба ихтилолоти рафтории иртиботӣ гоме дигар дар ҷиҳати шиносоии беҳтар ва дақиқтари моҳияти ин ихтилолот хоҳад буд. Дар ҳамин робита Назв (1986) як модели панҷмарҳилае шомили ҷиҳатгирӣ, шиносоии мушкил ва таъйини аҳдоф, эҷоди роҳи ҳаллҳои дигар, мулоҳизаи паёмадҳо ва тасмимгириҳо, тарҳрезиву баррасии муваффақиятро пешниҳод мекунад, ки агар ба наҳви судмандӣ ба кор гирифта шавад, фардро нисбат ба авомили фишоровар пирӯз ва дар баробари «заъфи ҳурмати худ» камтар осебпазир месозад.

Бар ин асос, ҳалли масъала метавонад ба унвони як модели муассир аз дармони мустақим мавриди таваҷҷуҳ қарор гирад. Ёфтаҳои Аспивок ва шӯра пеш аз ин низ нишон додаанд, ки ҳалли ин масъала омили куллӣ дар ислоҳи ҳурмати худи волидайн аст. Бо бакоргирии равиши ҳалли масъалаи байнифардӣ метавон байни кӯдакон ва навҷавонон хубсозӣ ёфта, кӯдакон ва навҷавонони хуб созишнаёфта тамоиз қойил шуд.

Ин рӯйовард ҳамчунин ба унвони равиши муассире барои пешгирӣ аз мушкилоти рафтории иртиботии кӯдакон ва навҷавонон мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст. Ба таври куллӣ ин рӯйовард дар афзоиши эътимод ба нафс ва тамоми паҳлуҳои ҳурмати худи навҷавонони мубталои ихтилолоти рафтории иртиботӣ муассир аст.

Аз ин рӯ, ҳадафи ин пажӯҳиш аз омӯзиши сабки ҳалли масъала ба навҷавонони мубтало ба ихтилолоти рафтории иртиботӣ ин аст, ки як роҳбурди татобиқ ва созгории куллӣ, ки дар мавқеиятҳои мухталиф ин масъаларо ба кор ояд, дар ихтиёри онон қарор дода шавад, то бо баҳрагирӣ аз ин равиш битавон заъфи ҳурмати худи онҳоро беҳбуд бахшид ва эътимод ба нафсашонро боло бурд.

Дар асоси пажӯҳишҳои баамаломада дар ҳавзаи робитаи ҳурмати худи иҷтимоӣ бо мушкилоти рафтории иртиботӣ ва таъйиди ҳамбастагии ин ду мутағайир аз як сӯ робитаи сабки ҳалли масъала бо афзоиши ҳурмати худ дар таҳқиқот, аз тарафи

дигар, дар як табйини куллӣ бояд гуфт, ки натиҷаи фарзияи таъйидшуда, худ муайяд бар ин аст, ки робитаи ҳурмати худи иҷтимоӣ пойин бо мушкилоти рафторӣ дар навҷавонон мавриди озмоиши ҳамеша аст.

Ҳамчунин ҳурмати худи иҷтимоии боло бо созгории иҷтимоӣ ва ҳаяҷонӣ ҳамбастагии мусбат дорад ва ин буъд аз абъоди ҳурмати худ метавонад ба масобаи воситаи мусбат ва муассир барои беҳбуди мушкилоти рафтории иртиботӣ ба шумор ояд.

Табйини дигаре, ки зикри он дар ин ҷо зарурӣ менамояд, табйини сохтории ҳурмати худ аст. Бар пояи ин табйин ҳурмати худӣ воҷиди сохторӣ бо муаллифаҳои чаҳоргонае аст, ки каму беш аз инсиҷом ва иртиботи дарунӣ бархурдоранд.

Ба ин тартиб, сохтори абъоди ҳурмати худ ва робитае, ки ин абъод бо ҳам доранд, ба нақши таъсиргузории онҳо аам аз манфӣ ё мусбат будан дар амалкарди фард меафзояд. Бо таваҷҷуҳ ба ёфтаҳои ҳозир, табйини дигаре, ки ба як эҳтимол метавонад мавриди таваҷҷуҳ қарор гирад, ин аст, ки шеваҳои нокоромади ҳалли масъала ба унвони яке аз барҷастатарин авомили пешбинии мушкилоти рафтории иртиботӣ дар таҳқиқи ҳозир шинохта шуда, дар фароянди омӯзиш низ бояд мавриди таваҷҷуҳ қарор гирад.

Бинобар ин, ёфтаи ҳозир ба таъйини ёфтаҳои пешин беҳбуди мушкилоти рафтори иртиботиро равшантар намуда, чунин пешниҳод мекунад, ки сабкҳои коромади ҳалли масъала  мумкин аст ба бисёре аз дармонҷӯён дар муқобила бо мушкилоти рафтории иртиботӣ кӯмак кунад ва бинобар ин, метавонад дар коҳиши нишонаҳои мушкилоти рафтории иртиботӣ ба бакоргирии сабкҳои муқобилаи бархӯрди фаъол бо мушкилоти рафторӣ муассир бошанд.

Ёфтаҳои пажӯҳиши ҳозир онанд, ки омӯзиши ҳалли масъала муҷиби афзоиши ҳурмати худ ва эҳтимолан беҳбуди мушкилоти рафтории иртиботии навҷавонони гурӯҳи озмоишӣ мешавад. Ҳамчунин навҷавонони мустаид мушкилоти рафтории иртиботиро дар мавқеиятҳои масъалазо ва фишороварии умдатан аз сабкҳои нокоромади ҳалли масъала истифода мекунанд.

Аз ин лиҳоз, тибқи ин ёфтаҳо метавон гуфт, ки «ҳалли масъалаи дарунӣ» ё сабкҳо ва фунуни дарунӣ, ки ҳалли масъала дар онҳо ба сурати барҷастатаре вуҷуд дорад, фароянди онро омӯзиш медиҳанд. Аз ҷумла, дармонҳои рафторӣ – шинохтӣ, ки барои дармон ё беҳбуди мушкилоти рафтории иртиботӣ муносиб ва судманд ба назар мерасад, метавонад навҷавонони гирифтори мушкилоти рафтории иртиботиро дар муқобила ва рафъи мавонеи мавҷуд ёрӣ расонад ва дар баландмуддат метавонад аз шурӯи нишонаҳои мушкилоти рафторӣ ва ё аз шиддати нишонаҳои он пешгирӣ ба амал овард.

## АДАБИЁТ


1. Додситон П. Танидагӣ ё стресс, беморӣи ҷадиди тамаддун, -Теҳрон: Интишороти рушд, чопи аввал, 1377.
2. Самимӣ Саидҳасан. Баррасии ҳурмати худ дар навҷавонони дорои мушкилоти рафторӣ, //Маҷаллаи равоншиносӣ. Шумораи 2, 1376.
3. Муҳаммадӣ Фарида. Баррасии сабки ҳалли масъала дар афроди афсурда ва афроди оддӣ. //Маҷаллаи улуми равоншиносӣ. Соли 1380, шумораи 1.
4. Шарифӣ Д. Таъсири омӯзиши шеваҳои муқобилаӣ дар коҳиши изтироби волидайни дорои кӯдакони ихтилоли рафторӣ. Фаслномаи хонаводаи пажӯҳишӣ. Соли 1384, шумораи 2.
5. Абдулло Нажод. Баррасии робитаи байни боварҳои ғайримантиқӣ ва иззати нафс дар байни донишҷӯёни риштаҳои, ҳунар ва маорифи исломии Донишгоҳи озоди исломии воҳиди марказ. Поённомаи коршиносии аршади равоншиносии умумӣ. Донишгоҳи озоди исломии воҳиди марказ. соли 1387.


## ЧУВСТВО САМОУВАЖЕНИЯ И РЕШЕНИЕ ПРОБЛЕМ СРЕДИ ПОДРОСТКОВ С ЧУВСТВОМ НЕПОЛНОЦЕННОСТИ


Чувство собственного достоинства не дается человеку от рождения и напрямую не связано с результатами деятельности. Человек с чувством собственного достоинства требует должного поведения и от себя, и от других. Он требует от себя опрятности и спокойствия, не опускается до непорядочных поступков, при этом разрешает себе большую свободу, чем массовая личность, у него хорошие манеры, элементы царственности. В данной статье рассматривается чувство самоуважения и решение проблем среди подростков с проблемами чувства неполноценности.



**Ключевые слова:** самоуважение, чувство собственного достоинства, родители, учителя, собственная ценность, собственный путь, собственная жизнь, чувство неполноценности.


## SELF-ESTEEM AND DECISION PROBLEMS AMONG ADOLESCENTS WITH A SENSE OF INFERIORITY

Dignity is not given to the person from birth and not directly linked to performance. A man of dignity requires proper conduct ourselves and from others. It requires himself neatness and calm, not falls to dishonest actions, and allows greater freedom than mass personality has good manners, elements царственности. This article examines feelings of self-worth and solution of problems among adolescents with problems and feelings of inferiority.

**Key words:** respect, dignity, parents, teachers, a value of its own, own path, his own life, a sense of inferiority.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Зайнаб Зоренажод -*** соискатель ТГПУ им. Садриддина Айни, преподаватель Свободеного исламского университета города Карадж, Иран

# ЛЕЧЕНИЕ ГИПЕРАКТИВНОСТИ / ДЕФИЦИТА ВНИМАНИЯ

***Маджид Солехиани***
**Таджикский государственный педагогический университет им. Садриддина Айни**

Для детей, страдающих гиперактивностью / дефицитом внимания (ADHD), можно предложить комбинированную систему лечения, которая включает следующее (Карер, 2000): психологическое просвещение, стимулирующие психотерапевтические препараты, помощь семьи в следовании предписаниям и домашним правилам, помощь школы, которая должна быть направлена на решение проблемы обучаемости и молчания, целенаправленная работа над ребенком с целью обучения его самоконтролю, оценка рациона и его коррекция.

**а) Психологическое просвещение.** Родители нуждаются в четкой и достоверной информации относительно синдрома дефицита внимания, гиперактивности и импульсивности. При этом, решение коммуникативных проблем в семье в определенной степени облегчает симптомы ADHD, хотя эти проблемы все же нельзя считать основной причиной заболевания. Родители, которые упрекают себя в таких ситуациях, должны помнить весьма ценную истину: в большинстве случаев коммуникативные проблемы в семье являются следствием, а не причиной синдрома.

Также есть мнение, что единодушный подход к решению проблемы путем применения стимулирующих лекарств, реализация специальных программ для дома и школы, обучение и консультация может помочь детям, больным ADHD преодолеть синдром без дальнейшего развития поведенческих и побочных эмоциональных проблем. Семьи, которые находят в себе силы и принимают решение защитить своих детей, повышают шансы ребенка на долгосрочные и положительные сдвиги в этом направлении.

Результаты исследований показывают, что почти треть всех больных детей получают навыки борьбы с болезнью, осваивают методы концентрации внимания, оказывая сопротивление эмоциям, вызывающим развитие гиперактивности. Хотя лечение проходит постепенно, и выздоровление достигается в юношеском возрасте. Вместе с тем, около трети всех детей никогда не достигают такого уровня контроля. Обычно это дети, в которых начинают проявляться побочные проблемы, такие как агрессия и антиобщественное поведение (Какаванд, 2006, стр. 122-123).

Родители всегда имеют возможность ознакомиться с учебным материалом, составленным с целью помощи детям, больным ADHD. Такие материалы помогают родителям принять верный подход к решению проблемы их детей. Родители могут получить необходимую информацию о том, каким образом можно обеспечить дома безопасность ребенка и уберечь его от опасностей (Там же, стр. 124).

**б) Стимулирующие психотерапевтические препараты.** Лечение стимулирующими психотерапевтическими препаратами должно составлять только часть комплексного подхода, включающего общественные, психологические методы, применяемые в школе, дома и в семье.

Лечение ADHD с помощью лекарственных препаратов уже ведется несколько десятилетий. Для этого применимы три группы лекарств, самыми эффективными из

которых для детей и взрослых оказались стимуляторы, в том числе метилфенидит, декстроамфитамин, пемолин . Эти препараты у большинства людей заметно снижают гиперактивность, повышают их способность концентрировать внимание, улучшают обучаемость. Лекарства могут улучшить координацию движения, например, при письме или занятиях спортом. Эти лекарства также могут помочь детям, страдающим побочными расстройствами, контролировать свои эмоции и поведение (Какаванд, 2006, стр. 124-125).

Организация по контролю за лекарственными средствами, медицинской техникой и медицинскими исследованиями (FDA) одобрила декстроамфитамин для детей 3-х лет и старше и метилфенидит для детей 6-ти лет и старше. Эти лекарства являются самыми распространенными препаратами в этой области.

Метилфенидит в лечении % больных детей оказался более эффективным, и притом не имеет серьезных побочных эффектов. Метилфенидит является лекарством с медлительным воздействием, применяется обычно в школьное время, чтобы ребенок мог присутствовать в классе и выполнять свои задания.

Самыми распространенными побочными эффектами являются головная боль, тошнота, бессонница. Необходимо более осторожно отнестись к детям, имеющим нервные тики, так как метилфенидит в некоторых случаях вызывает усиление этого расстройства. Другой фактор, вызывающий опасения при применении метилфенидита это вероятность замедления роста и развития. Лекарство вызывает замедление развития, но это отставание обычно компенсируется за счет перерывания потребления лекарства в конце недели или в летнее время.

Для лечения ADHD с переменным успехом применялись также антидепрессанты (в том числе имипрамин, дезипрамин, нортриптилин). Для лечения детей, страдающих повышенной тревожностью и депрессией и детей с тиками, которым применение стимуляторов противопоказано, антидепрессанты могут оказаться эффективными средствами, хотя для лечения гиперактивности стимулирующие препараты все же полезнее. Результаты исследований, проведенных над детьми, имеющими симптомы гиперактивности и депрессии, принимавшими одновременно дезипрамин и метилфенидит, показали улучшение способностей детей в применении визуальных методов в решении опознавательных заданий, например, при сравнении нескольких картин, имеющих незначительные отличия (схожие лица и прочее).

Клонидин также с некоторым успехом применялся в лечении ADHD. Этот препарат особенно полезен для лечения больных, имеющих нервные тики. В общем, стимулирующие лекарства считаются наилучшим выбором при лечении больных ADHD.

К сожалению, когда люди видят успехи при лечении болезни, начинают думать, что все, что нужно для лечения это лекарство. Однако, необходимо иметь в виду, что такие лекарства не являются решением проблемы, а только временно облегчают признаки и симптомы болезни. Несмотря на то, что эти препараты помогают людям концентрироваться или правильно выполнять свою работу, они не могут помочь им увеличить свои знания или дать им требуемые навыки при учебе. Лекарства сами по себе не могут помочь больным изменить их мнение о себе или преодолеть существующие проблемы.

Достижение таких целей возможно только при применении других методов лечения. Большинство врачей предлагают использовать лекарства вместе с прочими средствами лечения. Он считают, что наибольший эффект достигается при совмещении лекарств с методами поведенческой терапии, контролем эмоций и прочими методами.

Принятие лекарств с кратковременным эффектом чаще ему всего рекомендуется, когда ребенок должен находиться в школе, или когда нужно подготовиться к важному экзамену или сходить на какое-то занятие.

Три указанных стимулирующих препарата оказывают благоприятное воздействие на 9 детей из десяти их принимающих, и даже когда один из препаратов не действует, можно использовать другие. Обычно для определения эффективности лекарства рекомендуется принимать его в течение недели. Если выяснится, что стимуляторы не действуют или когда ADHD сопровождается другими расстройствами, принимаемые лекарства могут быть заменены на другие.

Иногда симптомы ADHD в ребенке настолько сильны, что начинают вызывать беспокойство и удивление родителей, но они должны знать, что действие лекарств проявляется постепенно. При этом они должны помочь врачу найти правильную дозу лекарств для ребенка. Они должны убедиться, что ребенку в школе или дома прописана

правильная доза того или иного лекарства. Они также должны знать, что ребенок, находясь под давлением, может показать новые резкие и неестественные поступки. На ребенка, страдающего ADHD, такие обычные проблемы как школьные наказания или достижение половой зрелости могут оказать дополнительное давление.

Некоторые врачи считают, что при лечении некоторых детей необходимо приостанавливать принятие лекарств, а затем принять решение о необходимости возобновления курса лечения. Они рекомендуют при уменьшении времени учебы или во время летних каникул, когда нет необходимости в концентрации внимания, временно прерывать курс лечения. Такой ход возможен только в том случае, если ребенок без лекарств сможет участвовать например, в лагере или подобных мероприятиях. Дети, проходящие курс лечения медикаментами, должны находиться под постоянным наблюдением врача.

Принятие этих медикаментов в некоторых детях вызывает снижение веса, аппетита, временное замедление развития, а в других- сонливость. Побочные эффекты этих лекарств обычно можно контролировать снижением принимаемой дозы. Нет ничего удивительного, когда родители беспокоятся о действии лекарств для их ребенка, ведь они должны быть просвещены относительно пользы и опасностей лекарственных препаратов. Помните, что многие факторы, в том числе высокая тревожность, депрессия, аллергия или проблемы в школе или дома могут вызвать в детях гиперактивность, рассеянность или импульсивность. Критики утверждают, что многие из тех детей, кто подвергался лечению этими лекарствами, в действительности не болели настоящей гиперактивностью.

Говоря о контроле за ходом лечения, очень важно помнить, что средний уровень применения лекарств имеет наибольший эффект при лечении дефицита внимания, а высокий уровень дает наилучшие результаты при лечении поведенческих и общественных проблем. В любом случае, при клиническом лечении желательно подобрать оптимальную дозу лекарств для регулирования общественной деятельности и учебы больного.

Родители и воспитатели, когда видят резкое улучшение поведения ребенка в школе после начала курса лечения, начинают положительно отзываться о лекарствах, хотя в действительности, эти изменения есть ничто иное как способности самого ребенка, которые получили проявление. Родители и воспитатели должны хвалить не лекарства, а самого ребенка. Помощь, которая оказывается детям для достижения изменений, поощряет их быть лучше. Очень важно помочь детям и юношам, ежедневно принимающим лекарство, и обеспечить их душевный покой. Возможно, что они из-за этих лекарств себя чувствуют не такими как их одноклассники, и думают, что имеют серьезные проблемы.

**в) Помощь семьи (просвещение родителей).** В настоящее время главным лозунгом Всемирной организации здравоохранения является профилактика. При этом, психическое здоровье является одним из важнейших направлений деятельности Организации, а просвещение родителей считается одной из важнейших ее стратегий. Просвещение родителей весьма действенный метод профилактики психических расстройств в детях и юношах.

Капиталовложение в эту сферу выгодно по многим причинам, так как государство затрачивает огромные средства на борьбу с преступлениями, наркоманией, неуспеваемостью, депрессией и самоубийством. Просвещение родителей, при условии, что этот процесс будет осуществляться грамотно, несомненно сыграет важную роль в предотвращении таких проблем. Можно утверждать, что чем раньше просвещение родителей начнется, тем более действенным оно окажется. Процесс обучения необходимо начать тогда, когда личность ребенка еще не сформировалась- в этот период шансы изменить модель поведения родителей и детей выше. Поэтому, как утверждают Паттерсон и коллеги (1993) профилактикой нужно заниматься до того как проблемы встанут в полный рост (по словам Калантари и Абеди, 1988, стр. 60). При обучении родителей преследуются следующие цели: 1. Укрепление контрольных навыков родителей и их подготовка к решению поведенческих проблем ребенка, особенно непослушания. 2. Просвещение родителей относительно причин дурного поведения их детей, ознакомление с базисными понятиями этого поведения, 3. Достижение податливости со стороны ребенка в отношении предписаний и указаний родителей, 4. Улучшение отношений родителей и ребенка.

Как и в других сферах детской патологии, просвещение родителей относительно сущности, причин, развития и лечения этого заболевания считается важнейшим

**Абзорҳои санҷиши ҳуши ҳаяҷонӣ**. Барои санҷиши ҳуши ҳаяҷонӣ чанд тест сохта шудааст. Яке аз ин тестҳо пурсишномаи ҳаяҷонии Bar – On мебошад, ки дорои 33 суол ва тавассути Bar On дар соли 1997 шинохта шудааст, ки шомили панҷ омили мураккаб, ки худ шомили понздаҳ хурдмиқёс мебошад ва он иборат аст аз: миқёси ровобити даруни фардӣ шомили хурдамиқёсҳо: худогоҳии ҳаяҷонӣ, ҳурмати нафс, қотеият, истиқлол ва худшукуфоӣ; миқёси равобити байнифардӣ шомили хурдамиқёсҳо: ҳамдилии масъулиятпазирии иҷтимоӣ, равобити байнифардӣ: миқёси созгории иҷтимоӣ шомили хурдамиқёсҳо, воқеияти санҷиш, инъитофпазириву ҳалли масъала миқёси контроли стресс шомили хурдамиқёсҳо: таҳаммули фишор ва контроли такона миқёси хулқи умумӣ шомили хурдамиқёсҳо: хурсандӣ ва хушбинӣ

Яке аз дигар аз ин тестҳо миқёси худсанҷишии ҳуши ҳаяҷонӣ аст, ки бар асоси модели аввалияи ҳуши ҳаяҷонии Солувӣ ва Мейер тавсиа ёфт. Ин миқёс шомили 33

ҷумлаи худтавсифӣ аст, ки озмудани ҳадде аз тавофуқ ё мухолифати худро бо ҳар як аз ҷумалот дар як миқёси панҷгузинаии Лейкарт нишон медиҳад. Хурдамиқёсҳои озмун шомили арзёбӣ ва баёни ҳаяҷон ( 13 модда ), танзими ҳаяҷон ( 10 модда ) ва баҳрабардорӣ аз ҳаяҷон ( 10 модда ) мебошад. Сето аз 33 миқёс ( 5 28 33 ) ба сурати маъкус нумрагузорӣ мешаванд.

Ҳуши ҳаяҷонӣ қобили ёдгирӣ аст. Агарчи кӯдакон бо тафовутҳои хулқӣ ба дунё меоянд ва дар заминаҳои мухталиф, мисли хунсардӣ, иштиёқ, шарм ва … мутафовутанд; ҳуши ҳаяҷонӣ ба волидайн ва мураббиён кӯмак мекунад, ки бар асоси ин кайфиятҳо бо кӯдакон ҷиҳати созгорӣ беҳтар бо дунё кор кунанд. Барои мисол, як саре аз волидайн ба ҷойи ҳимояти бачаҳои хиҷолатӣ аз дунёи атроф ва сервис додан ба онҳо, фарзандони кучактарро дар мавқеиятҳои чолишбарангез ширкат доданд (мулоқоти бачаҳои ҷадид, рафтан ба амокини ҷадид).Онҳо кӯдаконро аз роҳҳое ташвиқ карданд, ки наметавонистанд, бар онҳо ғалаба кунанд, аммо равишҳое истифода кардаанд, ки ба баччаҳо аз таҷриба тасаллут пайдо кардан бар чизҳои ҷадидро имконпазир мекард. Замоне ки ин кӯдакон ба синни кӯдакистон расиданд, хиҷолат намекашиданд. Онҳо дар зумраи бачаҳои хеле пуррӯ, ё бачаҳое, ки хеле дар худашон фурӯ рафтаанд, набуданд. Баъзе аз волидайн ба хотири эҷоди тарс ва нигаронӣ, иҷтиноб аз дард, таваққуоти ғайривоқеӣ ва сарзаниши дигарон монеи истифодаи фардо аз ҳуши ҳаяҷонӣ мешаванд. Вақте ин мавонеъ эҷод шуд ва ҳуши ҳаяҷонӣ истифода нашуд, афрод дар масирҳое, ки ба муваффақият хатм намешаванд ва монеи истифодаи фард аз ҳуши ҳаяҷонӣ мешаванд, қарор мегиранд.

Иттилооти зиёде дар барои ёдгирии ҳуши ҳаяҷонӣ навишта шудааст. Марҳилаи аввал барои афзоиши ҳуши ҳаяҷонӣ худогоҳӣ аст. Чи чизе эҳсос мекунед? Ва чаро ин тавр эҳсос мекунед? Агарчи мумкин аст, барои фард сахт бошад, вале як бор, ки фард шурӯъ ба шинохти худаш бикунад, метавонад қадам дар масири рушди маҳоратҳои ҳаяҷониаш, ки ӯро ба самти ҳуши ҳаяҷонӣ ҳидоят мекунад, бигузорад.

Ҳуши ҳаяҷонӣ шомили бозшиносии маъонии ҳаяҷонот ва истифодае аз он дар ҷиҳати фикр кардан ва барқарории иртибот аст. Истилоҳи ҳуши ҳаяҷонӣ барои нахустин бор дар маҷмӯаи мақолоти донишгоҳии Ҷон Мейер ва Пётр Солуви ( 1990 – 1993 ) ҳувайдо шуд. Ва пас аз интишори китоби Даниел Гулман ( 1995 ) ин истилоҳ умумият пайдо кард. Ҳуши ҳаяҷонӣ ҳадди ақал шомили панҷ навъ аз маҳоратҳое бошад, аз ҷумлаи: худогоҳӣ, мудирияти ҳаяҷон, ангезиш, ҳамдилӣ, маҳоратҳои иҷтимоӣ, озмунҳои мухталиф барои санҷиши ҳуши ҳаяҷонӣ сохта шудааст. Яке аз онҳо пурсишномаи ҳуши ҳаяҷонии Бор – ОУН ва дигаре миқёсӣ худсанҷии ҳуши ҳаяҷонии Шот аст. Ҳуши ҳаяҷонӣ дар афроди қобили ёдгирӣ ва афзоиш аст ва волидайн метавонанд онро дар кӯдакистон ибъод кунанд.

### АДАБИЁТ


1. Гулман, Даниел. Ҳуши ҳаяҷонӣ. Тарҷумаи Насрини Порсо Теҳрон, 1370.
2. Баҳромӣ Ҳодӣ. Озмунҳои равонӣ. М. Таботабоӣ Теҳрон, 1381.
3. Мансури Насробод. Баррасии таъсири омӯзиши ҳалли масъалаи иҷтимоӣ дар ҳуши ҳаяҷонии донишомӯзони духтар бо пешрафти таҳсилии заиф, 1382.
4. Марям Қаҳрамонӣ. Баррасии робитаи вижагиҳои шихсият ва ҳуши ҳаячонӣ. Поённомаи коршиносии аршад. 1382.
5. Даҳшерӣ Гуломризо. Ҳанҷорёбии пурсишномаи ҳаяҷонии Бор – Оун барои арзёбии ҷанбаҳои мухталифи ҳуши донишҷӯёни донишгоҳҳои Теҳрон. Поённомаи коршиносии аршад. Донишкадаи равоншиносӣ ва улуми тарбиятӣ. Донишгоҳи аллома Таботабоӣ, Теҳрон. 1382.


## ЭМОЦИОНАЛЬНЫЙ ИНТЕЛЛЕКТ И РАЗМЫШЛЕНИЯ О ЕГО ФОРМИРОВАНИИ


Развитие эмоционального интеллекта является важным фактором адаптации в социальном окружении. Эмоциональный интеллект – это явление, которое объединяет в себе умение различать и понимать эмоции, управлять собственными эмоциональными состояниями и эмоциями своих партнеров по общению. Особую важность и актуальность развитие эмоционального интеллекта приобретает в дошкольном и младшем школьном возрасте, поскольку именно в эти периоды идет активное эмоциональное становление детей, совершенствование их самосознания. В данной статье автор рассматривает проблемы формирования эмоционального интеллекта.



**Ключевые слова:** эмоциональный интеллект, определение эмоционального интеллекта, оценка и выражение эмоций, формирование эмоционального интеллекта.


## EMOTIONAL INTELLIGENCE AND THINKING ABOUT ITS FORMATION


The development of emotional intelligence is an important factor of adaptation in social environment. Emotional intelligence is a phenomenon, which combines the ability to distinguish and understand emotions, manage their own emotional States and the emotions of their partners. The importance and relevance of the development of emotional intelligence acquires in the preschool and early school age, because these periods are

actively emotional formation of children, improving their self-consciousness. In this article the author considers the problems of formation of emotional intelligence.
**Key words:** emotional intelligence, the definition of emotional intelligence, estimation and the expression of emotions, formation of emotional intelligence.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Фарзона Хоки Сиддик*** – соискатель ТГПУ им. Садриддин Айни

## ОМӮЗИШ ВА ПАРВАРИШИ ДАР АСРИ ИТТИЛООТ ВА ИРТИБОТОТ

***Ғуломалии Фаххорӣ Ашрафӣ***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

**Мафҳуми фановарӣ**. Вожаи фановарӣ дар дунёи саноат ва бозаргонӣ муҷиби илҳоми зиёде шудааст. Фановарӣ омӯзише аз он ҳам ибҳомангез аст. Бисёре фановариро ба мафҳуми дониш ва иттилоот дар назар мегиранд. Ва иддае онро чунон баст медиҳанд ва мафҳуме медонанд, ки ҳама абъоди низоми омӯзиширо шомил мешавад. Бархе низ аз мафҳуми фановарӣ дарки илмӣ доранд. Натиҷаи таърифҳое, ки то кунун аз фановарӣ шудааст ва низ сайри таҳаввули фановариро (аз сахтафзор то нармафзор) ин аст, ки: фановариро корбурди илмии дониши муҳандисӣ барои дарк ва тавсеаи маҳсулот, хадамот, фарояндҳо ва амалиёт бидонем. Агар ин таърифро бипазирем маълум мешавад, ки аввалан фановарӣ корбурди дониш аст ва бо худи илму дониш тафовут дорад. Сониян, фановарӣ барои тавсеаи маҳсулот, хадамот, фароянҳо ва ё амалиёт ба кор меравад ва бояд тавоноии судоварӣ дар ин заминаҳоро дошта бошад.

**Ҷомеаи иттилоотӣ.** Ҷомеаи иттилоотӣ ҷомеаест, ки дар он тамоми абъоди зиндагии инсон (иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ғайра) ба таври шадиде ба фановариҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ вобаста аст. Ба ибораи дигар дар ҷомеа мардум барои анҷом додани куллияи умури худ, ногузир ба истифода ба ин абзорҳое пеш рафтаанд. Аз вижагиҳои аслии ҷомеаи иттилоотӣ, метавон ба шабакагиро будани он, вобастагии шадиди он ба сахтафзорҳо ва системаҳои шабакавӣ, сурати тавлид ва мансух шудани иттилоот, дастрасии сареъ ба маҷмӯаҳои азими иттилоотӣ, анбоштагии иттилоот ёд кард.

Вижагии дигари ин ҷомеа, кӯчак шудани ҷаҳону таҳқиқи деҳкадаҳои ҷаҳонӣ бар асоси талаботи густурда ва сареи иттилоот дар байни инсонҳост. Аз ин рӯ, падидаи ҷаҳонӣ шудан дар ин аср зуҳур ёфтааст.

**Ҷаҳонӣ шудан**. Пайдоиши низоми нави иртибототи электроникӣ, ки арсаи он низоми ҷаҳонӣ шудан аст, вижагияш якпорчасозии ҳама расонаҳои иртиботӣ ва таодули билқувва аст, ки дар ҳоли тағйири фарҳангҳост ва онҳоро дигаргун мекунад. Аз ин нуқтаи назар, ҷаҳонишудани тамаддуни иттилоотиро бино мекунад, ки иттакои он ба замин, сармоя ё маводи хом нест, балки ҷунбише бар нерӯи халлоқияти башарӣ ва нубуғу ибтикорӣ ӯ аст. Тамаддуне, ки дониш дар он манбаи арзиш қаламдод мешавад ва ҳамон гуна ки дар ҷомеа саноати сармоя ва кор омилҳои аслии тавлидро ташкил медоданд, дар ҷомеаи иттилоотӣ дониш омили аслии тавлид ба шумор меравад. Дар асри донишу иттилоот бо истифода аз иртиботот,роёна марзҳои дониш гусехта ва муҳити ёдгирӣ ба шакли ҷадид маъно меёбад. Фановариҳои иттилоот дар пайдоиш, равишҳо ва ашколи наве аз таълиму тарбият таъсир гузошта, ба фановариҳои омӯзишӣ ворид мешавад. Ин мавзӯъ аз охири асри 20-уми мелодӣ ба масобаи яке аз хатимашҳои асосии кишварҳои дар ҳоли тавсеа матраҳ шудаст. Бар ин асос муҳити ёдгирӣ бояд ҳамвора дар сатҳи васеъ ва ё бо инъитофпазирии лозим дар дастрасии ҳамагон қарор гирад. Дар ин навъи нигариш деворҳои бастаи мадорис ва марокизи омӯзишӣ фурӯ рехта, омӯзиши ҳамеша ва дар ҳар куҷо ихтиёри афрод қарор мегирад. Бо истифода аз ин фановариҳо ҷустуҷӯи иттилооти мавриди ниёз ба сурати фарди имконпазир шуда, шакли ҷадиде аз ёдгирии мудомуламр зуҳур меёбад.

**Омӯзиш ва парвариш дар асри иттилоот ва иртибот.** Бо кӯмаки фановариҳои иттилоот метавон нобаробариҳо дар дастрасии омӯзишӣ ва кайфияти онро коҳиш дод ва системаҳои омӯзишӣ метавонанд, дониш ва маҳоратҳои ёдгирандагони худро иртиқо диҳанд, халлоқият, тафаккури накдина ва ёдгирии чигунагии ёд гирифтани онҳоро ташвиқ кунанд ва беҳбуд бахшанд. Зуҳури фановарии ҷадиди иттилоотӣ ва иртиботӣ дар асри иттилоот, шакли ҷадиде аз муҳити ёдгирии таомули, халлоқ ва фаъолро эҷод кардааст, ба нахве ки ҳама афрод қодиранд, дар ҳар куҷо ва ҳар замон

ба иттилооти мавриди ниёзи худ даст ёбанд. Тавсеаи ин фановариҳо ба қадре чашмгир ва фарогир аст, ки нометавон таъсироти онро бар омӯзиш ва парвариш нодида гирифт. Ҳамин тавр, истифода аз зарфиётҳои тавсеаяфтаи фановариҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар бахши омӯзиш ва парвариш амри иҷтинобнопазир ва зарурист. Фановарии иттилоот чеҳраи омӯзиши суннатиро ба таври куллӣ дигаргун кардааст. Ин амр бавижа дар омӯзиши кишварҳои пешрафта нақши мутаҳултареро бар уҳда доштааст. Ворид ба ин давра ва ҳузури фаъолона ва бо ангеза дар он мусталзам фароҳамсозии шароит ва имконотест, ки муҳимтарини он заминасозии муносиб барои истифодаи матлуб аз он аст. Аз ин рӯ, наметавон аз таъсири рӯзафзуни фановариҳои наву тавоноиҳои онҳо дар бахши омӯзишу парвариш чашмпӯшӣ кард.

Имрӯз ҷомеаи иттилоотӣ босурат дар ҳоли густариш аст ва омӯзишу парвариш бахши муҳиму аслии ин тағйирот аст. Бисёре аз ҷавомеъ бими он доранд, ки наметавонанд омӯзиш ва парвариши худро бо нерӯҳои рӯзафзуни ҷомеа баробар кунанд ва аз дигар ҷомеаҳо ақиб бимонанд. Ба ҳамин далел, дар бисёре аз кишварҳо барномаҳои миллию бунёдӣ дар бахши омӯзишу парвариш дар заминаи дастрасӣ ба фановариҳои нави иттилоотӣ ва иртиботӣ ба василаи давлат пешбинӣ ва ба иҷро шуда истодааст. Он чи дар Ҷомеаи иттилоотӣ, бахусус дар бахши омӯзиш ва парвариш мавриди таъкид аст. Сарфи сармоягузорӣ ва корбурдӣ сахтафзорӣ ва абзоргунаи фановариҳои иттилоотӣ-иртиботӣ ва истифода аз он барои анбор кардани иттилоот нест, балки масъалаи муҳим ва асосие, ки баёнгари арзиши воқеӣ ва ба коргирии ин фановариҳо дар омӯзиш ва парвариш аст, тавонмандсозии донишомӯзон дар баргузидану интихоби иттилоот мавриди ниёз аст, яъне он чи ки қудрати мавриди ташхиси ниёз ва ёфтани роҳи ҳалҳои рафъи он ниёзро дар ихтиёри донишомӯзон қарор медиҳанд. Дар ин сурат донишомӯзон ба марҳилаи худи раҳбарӣ мерасанд ва қодиранд фановариҳои иттилоотӣ иртиботиро дар хидмати худ бигиранд. На ин ки , худ ба хидмати он дароянд. Ин гуна аст, ки фановарӣ на фақат як абзор, балки равиши нав дар омӯзишу парваришро бунёд медиҳад.

**Фановарии иттилоот ва иртиботот ва эҷоди таҳаввул дар омӯзишу парвариш**. Аз он ҷо ки беш аз ниме аз ҷамъияти кишварамонро ҷавонон ташкил медиҳанд ва табъан ба ин далел ниёзи бештари ин гурӯҳ ба омӯзиш дар давраҳои мухталифи тахассусӣ ҳазинабар буданд, сармоягузориҳои омӯзишӣ барои давлат камбудии манобеи дарсӣ ва маводи омӯзишии чопӣ, мушкилоте барои сиёсатгузорони омӯзишӣ эҷод шудааст. Аз тарафе ба далели таҷаммӯъ бештари имконоти омӯзишӣ дар марокизи истисноӣ ва низ мушкилоти аввалия ва мураббиёни манотиқи дурдаст барои баҳрагирии муосир аз ин имконот, камбудии муаллимон ва мураббиёни хабар бар тамоми нукоти кишвар ва ғайра корбурди васеи ICT дар омӯзиш ва парвариш метавонад, барои коҳиши ин фосилаҳо ба рафъи порае аз муаззилоти омӯзишии кишвар роҳи ҳалли муносибе бошад ва ба ин тартиб тавозуни нисбиеро дар амри омӯзишӣ манотиқи ҷуғрофиёи кишвар падид овард.

**Нақши муаллимон дар асри иттилоот.** Муаллимон ва мураббиён дар низомҳои наъви омӯзишӣ бар хилофи низомҳои суннатии пешин дар нақшҳои гуногуне зоҳир хоҳанд шуд, аз қабили муаллим дар нақши таҳсилгар, ёдгиранда, тавлидкунандаи иттилоот, роҳнамо ва раҳбари омӯзишӣ.

**Роҳкориҳои пешниҳодӣ**. 1.Шиносоӣ ва баррасии омӯзиш ва парвариши дунё (бавижа кишварҳои мавкуф дар ин замина). 2. Эҷоди заминаҳои лозим аз назари сахтафзорӣ ва нармафзорӣ ва хадамоти пуштибонӣ. 3. Эҷоди зерсохтҳои лозими иртиботӣ. 4. Фарҳангсозии муносиб. 5.Тавеаи сармоягузорӣ дар заминаи таҷҳизи фановарии иттилоот дар мадорис. 6.Таъйини сиёсатҳо ва хатимашҳои мутаносиб бо таҳаввулоти ҷадид. 7.Бозгирии муҳтавои дуруст. 8. Бозгӯйии барномаҳои таълимӣ ва тарбиятии муаллимон ва мудирони омӯзишӣ. 9.Бозомӯзии муаллимон ва мураббиён. 10.Тағйири равишҳои арзёбӣ ва санҷиш. 11.Иҷрои озмоиши барномаҳо.

Нахуст бояд дар сутӯҳи кӯчак мавриди таваҷҷуҳ қарор гирад. Ин амр ба он манзур аст, ки масъулони омӯзиш ва парвариш тиҷорати худро дар ин замина дар сутӯҳи ҷаҳонӣ афзоишдиҳанда ва абъоди васеи фаннӣ, мудириятӣ ва манобеи инсониро бидуни даргир шудан дар як барномаи пурҳазинаи бузургу пазириш ва пайомадҳои ношие аз мухотирапазирӣ анҷоми кори ноқису қабл аз мавзӯъро мавриди мадоқа қарор диҳанд.

Бадеҳист, инсонҳое, ки ҷаҳони оянда ба онҳо ниёз дорад, афроди тавонманде ҳастанд, ки муносибату вижагиҳои асри иттилоотро ба хубӣ дарк кунанд. Битавонанд фаъолона ва бо халлоқият ба сохти дониши мавриди ниёз ноил шаванд.

Аз он ҷо ки муҳимтарин ҳадафи омӯзишу парвариш шукуфосозии истеъдодҳо ва халлоқиятҳои донишомӯзон аст, интизор меравад, ки ҳамгом бо тавсеаи фановариҳои иттилоотию иртиботӣ, омӯзиш ва парвариш низ аз ин қофила дур намонад.

## АДАБИЁТ


1. Дилмонӣ Метро. Моҳнома. Дар омӯзиш ва парвариш ICI нақш. 82, Омӯзиши даври 19.
2. Яғмо Одил. Моҳномаи технологӣ(Муаллим-фановарӣ ва омӯзиш. 82, меҳр 19 Омӯзиши рӯшди давра .
3. Миисои Саидакбар. Фановарӣ ва мудирияти таҳаввул. 83, фарвардин, 19 Моҳномаи технологӣ, Омӯзиши рушди давра.



**ОБУЧЕНИЕ И ВОСПИТАНИЕ В ВЕК ИНФОРМАЦИОННО-КОММУНИКАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ**

В данной статье рассматривается применение информационно-коммуникационных технологий в процессе обучения и воспитания. В современный период информационно-коммуникационные технологии оказывают серьезное влияние на формирование мировоззрения учащихся с целью овладения новыми знаниями, новыми способами обучения, в результате которого традиционные учебно-педагогические приоритеты изо дня в день уступают место новым приоритетам. Устоявшие доселе знания и навыки постепенно теряют своё былое значение, уступив место новым приоритетам. В учебно-образовательной деятельности наблюдается большое позитивное и эффективное влияние информационно-коммуникационных технологий и применение на уроках интерактивных методов обучения.



**Ключевые слова:** обучение, воспитание, информационно-коммуникационные технологии, информатизация, компьютеризация, новые способы обучения.



**TRAINING AND EDUCATION IN THE AGE OF INFORMATION AND COMMUNICATION TECHNOLOGIES**

This article discusses the use of information and communication technologies in the educational process. Modern information and communication technologies have a major impact on the formation of Outlook of the students with the aim of mastering new knowledge, new ways of learning, in which traditional pedagogical priorities every day, giving place to new priorities. Resist hitherto knowledge and skills gradually lose its importance, giving way to new priorities. In training activities, there is a positive and effective impact of information and communication technologies and the use on the lessons of interactive teaching methods.



**Key words:** training, education, information and communication technologies, information technology, computerization, new ways of learning.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Гуломали Фаххори Ашрафи*** – соискатель ТГПУ им. Садриддина Айни


# БАРРАСИИ НАҚШ ВА АҲАМИЯТИ ШЕВАҲОИ МУДИРИЯТИ СИНФ ВА МАҲОРАТҲОИ ИРТИБОТ БО ДОНИШОМӮЗОН ДАР ҶИҲАТИ ТАҲҚИҚИ АҲДОФИ ОМӮЗИШӢ


***Иброҳими Мисҳоқӣ***

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**


Зиндагии инсонҳо беш аз пеш ба якдигар марбут шудааст ва ин амр лузуми барқарории равобити инсонии матлуб бо дигарон ва омӯзиши онро бештар кардааст. Камранг шудани марзҳои сиёсӣ, фурӯ рехтани ҳисорҳои фарҳангӣ, басти бузурги роҳҳои иттилоотӣ, таблиғоти мутанавеъ ва ҷозиби донишомӯз, тағйироти сареи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, тағйири пойгоҳ ва нақшҳои падарону модарон, вуҷуди бӯҳронҳои равонӣ... мадрасаву муаллим моро бо нигарониҳои амиқе рӯбарӯ кардааст. Иртиботи инсони солим ва муассир маншаи фарҳанг ва заминасози ҳаракат ва иртиқои инсонӣ аст.

Заъфи иртиботи муассир монее дар роҳи ҳар навъ таолии иҷтимоӣ аст. Костӣ дар иртиботи инсонӣ ӯро дар маърази бисёре аз осебҳои иҷтимоӣ қарор медиҳад, ҳамон гуна, ки Дурким собит кард, осеби иҷтимоии худкӯшӣ ношӣ аз халои байни фард ва ҷомеа ё костӣ дар равобити инсонӣ маншаъ мегирад, аз ҳамин рӯ аст, ки имрӯза сӯҳбат аз гурӯҳи дармонӣ мешавад.

Заъфи иртиботи иҷтимоӣ, ки ниёз ба омӯзиш ва таълим аз ҳамон даврони кӯдакӣ дорад, мӯҷиботи сукуни нисбии замони иҷтимоӣ ва халал дар интиқоли донистаҳо ва пайдоиши осебҳо мешавад ва ин рисолате аст, ки мадраса ва муаллим бар ӯҳда дорад.

Ҳар созмоне аз ҷумлаи омӯзиш ва парвариш ниёз ба ҳамоҳангӣ, барномарезӣ ва роҳбарии амалиёти аъзои худ дорад, то дар натиҷаи ин ҳамоҳангӣ ба аҳдофи худ

даст ёбад. Ва ин ҳамоҳангӣ ҷуз дар сояи иртиботи инсонӣ муассир нахоҳад шуд. Аз дидгоҳи Нолкут Порсунз кори иҷтимоӣ печида ва ҳадафмадор аст ва наметавон воқеияти онро робитаи содаи хаттии «иллат ва маълумӣ» муҳаррик ва посухе ё маконистӣ тавзеҳ дод.

Вайсун ва Пинел мутаваҷҷеҳ шуданд, ки мадорис таҷассуме аз низоми нақшҳо ва равобите аст, ки амалан ба кӯдакон рафторро омӯзиш додааст ва тавоноии омӯзиши рафтори ҷадидро низ дорад. Васоили инзиботии кӯдакон ағлаб дар асари куниши нодуруст ва алгуҳои созмонӣ ва мудириятӣ ҳосил мешавад.

Муртиму ва Сомунз ба таъсири аҳамияти мадорис бар амалкарди кӯдакон беш аз авомиле чун ҷинсият, вазъияти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, синну нажод пай баранд, ба иборате сиёсат ва шеваҳои мудирияти муаллимон, сарнавиштсоз ва қобили тағйир мебошад.

Абурмуриш аз соҳибназарони ҷомеашиноси таълиму тарбият мӯътақид аст, ниҳодҳои иҷтимоӣ аз ҷумлаи омӯзиш ва парвариш бояд заминаҳои лозимро барои аъзои худ дар хусуси барқарории иртиботи саҳеҳ бо муҳит ба манзури эҷоди иртибот бо афрод муҳаё кунад. Донишомӯзон ба унвони аъзо бояд бидонанд, ки ҷомеае, ки дар он ба сар мебаранд, чӣ гуна аст ва чӣ гуна метавонанд нақши худро ба наҳви аҳсан ифо намоянд.

Сарокин бар ин нуқта таъкид дорад, ки яке аз шохисҳои вуруди ҷавомеъ ба асри ҳиссӣ, костӣ, ё ихтилол дар иртибототи инсонӣ аст, идеология ба фаромӯшӣ супурда мешавад, шиӣ мӯҷиботи интиқоли арзиш аз инсон ба шииро фароҳам месозад, ё ба сурати фаромӯшиии хештани хеш ва ғурбати инсонӣ таҷаллӣ менамояд. Дар ин чорчуб иртиботи инсонҳо, осебпазир, гузаро, шикананандаву суст хоҳад буд.

Аз назарис Барласун ва Иштондр интиқоли иттилоот, идеяҳо, ангезаҳо, маҳоратҳо ва ғайра аз тариқи истифода аз намодҳо, каламот, тасвир, аъдод, намудорҳо ва ё амал, ё фарогирди интиқолӣ маҳсуб шавад, ки маъмулан онро иртибот мегӯянд. Маҳастиёнрод (соли 1378) иртиботро фарогирди интиқоли паём аз фиристанда ба гирандаи машрут бар мушобеҳоти маънавии байни ҳар ду нафар медонад, ки ҳарчи мушобеҳот бештар бошад, иртибот комилтар аст.

Лова рва Юн дар мутолиаи худ таҳти унвони «сохтори шабака ва эҳсос дар равобити мутақобил» бар сари ин мавзӯъ баҳс доштанд, ки инсонҳо вақте дар шабакаи равобити иҷтимоӣ бо ҳам иртиботи мутақобил барқарор мекунанд, эҳсоси мусбат ба даст меоваранд. Агар равобити байни инсонҳо дучори ихтилол шавад, батадриҷ эҳсоси мусбат аз байн меравад, онҳо бар асоси теорияи ҳамбастагии иртиботӣ назариётеро дар заминаи иртибатот матраҳ кардаанд. Аз дидгоҳи куниши мутақобили намодии инсон ба унвони кунишгар ногузир аз иртибот бо дигарон аст.

Тамоми ашколи куниши мутақобил ва то ҳадди васее куниши иҷтимоӣ аз ҷониби кунишгарони иҷтимоӣ мусталзам фристодан ва гирифтани паём мебошад, ки намодҳо дар ин маврид ду коркарди асосиро ифо мекунанд.

Ин ду иборатанд аз коркарди иртибот ва коркарди мушорикат. Фард низ дар даврони навҷавонӣ дар марҳилаи фишурдаи иҷтимоӣ шудан, давраи ҷадид аз кунишҳои мутақобил ва иртибототи ҷадидро дарк мекунад, ки лозимаи мувафаақияти ӯ дар ҷомеа, ахзи фарҳанг, ягонагии фарҳанг бо шахсият, татобиқ бо муҳити иҷтимоӣ аст, ки ҷуз дар сояи иртибот ҳосил нахоҳад шуд

Дигарон низ дар моделҳои иртиботии даврони фардӣ ва миёни фардӣ ба маҳоратҳои иртиботӣ ва шохисҳои ҳар кадом таваҷҷӯҳи хосе доштаанд. Ҳамон гуна ки мушаххас шуд, иртибот ва мудирияти келос ва лозиму малзуми якдигаранд, ба тавре ки бархе аз соҳибназарон таҳти унвони R2 мекунанд.

Муҳаққиқон бо мурочиа ба манобеи мӯътабар таҳқиқот ва пажӯҳишҳои анҷомшуда, мурочиаи иттилоотии дохилӣ ва хориҷӣ дар ҳавзаи мудирияти омӯзишӣ, равоншиносии иҷтимоӣ ва ҷомеашиносӣ дар садади посухгӯӣ ба пурсишҳои зер мебошанд:

а) Манзур аз «мудирияти келос» ва «иртиботи донишомӯз» чист?

б) Авомил ва мавонеи барқарории иртибот бо донишомӯз дар мудириятҳои омӯзишии келос кадом аст?

в) Коркардҳои асосии «шеваҳои мудирияти келос» дар заминаи иртибот бо донишомӯз чист?

г). Муаллим ба унвони мудири келос ҷиҳати тавсеаи иртибот бо донишомӯз чӣ вазоифе бар ӯҳда дорад?

Таорифи мудирият аз) келоси дарс бо таваҷҷӯҳ ба нигариши соҳибназарон муттаадид аст, вале метавон ҳамаи таорифро ба ду мақула табақабандӣ кард. Бахши

умдае аз таорифи мудирияти келоси дарсро мутародиф бо «контрол ва инзибот» ва ё «тарроҳӣ ва созмондиҳии» келоси дарс дар назар гирифтаанд.

Дар ин дидгоҳ тадрис ва омузиш барҷастатар аз мудирияти келос мебошад. Дидгоҳи дуввум, келоси дарсро шомили се марҳила, муқаддамот (тарроҳӣ ва созмондиҳӣ), иҷро (роҳбарии ҳамоҳангӣ, контрол, омӯзиш) ва арзишёбӣ медонад. Ин дидгоҳ заминаи пӯёе, таъриф, таҳлил ва фаъолиятҳои муаллимро фароҳам мекунад.

Ба таври хулоса мудирияти келоси дарс ба мафҳуми «эчоди шароити лозим барои таҳқиқи ёдгирӣ аст». Муаллимон дар келоси дарс бо чолишҳои муҳиме рӯбарӯ ҳастанд, аз ҷумла: эҷоди ангеза барои ҳамаи донишомӯзон, анчоми корҳои гурӯҳӣ, назорат бар рафтори донишомӯзон, назорат бар пешрафти якояки донишомӯзон, ки мудирияти саҳеҳи келос метавонад тавоноии муаллимро ду баробар тақвият диҳад.

Ба тавре ки мудирият муносиби келос мубтанӣ бар шеваи донишомӯзони меҳварӣ ва иртиботӣ ҳушмандона ва отифӣ бо фарогир, мӯҷиби таҳқиқи назм, тақвияти ангезаҳои дарунӣ барои анҷом ҳарчи беҳтари фаъолиятҳои муртабит бо ёдгирӣ мешавад.

Аз тарафи дигар муҳити келос оканда аз маънои равобит ва паёмҳост. Иртиботи фароянди пӯё ва дар ҷараён аст, ки бар дониш ва огоҳиҳои қаблии тарафайн мубтанӣ аст. Муҳимтарин конолҳои иртибот, каломӣ ва ғайрикаломӣ аст, ки аз чаҳор унсури аслии иртиботи фиристанда, паём, конол ва гиранда ташкил шудааст.

Аксари таомулот бо дигарон мусталзам истифода аз забон аст ва ҳеҷ як аз дигар низомҳои иртиботӣ вижагиҳои забонро надорад. Аввалин Гом дар ҳар рӯёрӯии иҷтимоӣ ва яке аз муҳимтарин истифодаҳои забон дар таомул хитоб кардани тарафи муқобил мебошад. Ҳамчунин наҳваи истифодаи мо аз шаклҳои забонӣ аз қабили замоири шахсӣ ва шаклҳои хитоб дар як меҳвараи мутаассир аз урфҳои фарҳангӣ мебошад.

Паёмҳои каломӣ танҳо бахши кучаке аз иртибот миёни фардро ташкил медиҳанд ва ин паёмҳо маъмулан бо низоми ғанӣ аз алоими ғайрикаломӣ ҳамроҳанд, ки паёми каломиро ҳимоят, ислоҳ, ё ҳатто комилан иваз мекунанд.

Муҳити келос муҳити комилан печидае аз анвои паёмҳои каломӣ ва ғайрикаломӣ аст, чун сару садо, нигоҳи хира, лабҳанд, жесту тағйирот, ламс кардан, вазъи андом, каламот, ҷумалот, ишора мебошад. Аргоил матраҳ кард, ки қобилияти ирсол ва дарёфти муассири паёмҳои ғайриаломатӣ дар таомули иҷтимоӣ чун соири маҳоратҳо омӯхтанӣ аст. Камбуди мустамар ва заъф дар маҳоратҳои иртиботи ғайрикаломӣ мӯҷиби носозгории ҷиддӣ мешавад, ки бо омӯзиши муносиб дар заминаи маҳоратҳои иртиботӣ қобили ҷуброн аст.

Нишонаҳои ғайрикаломӣ он қадар метавонанд қавӣ бошанд, ки ҳатто паёмҳои каломиро таҳти нуфуз қарор диҳанд. Паёмҳои ғайрикаломӣ барои анҷоми панҷ коркард мавриди истифода қарор мегирад.

1. Контроли вазъияти иҷтимоӣ, 2. Ироаи худ; 3. Иблоғи ҳолоти ҳаяҷонӣ; 4. Иблоғи нигаришҳо; 5. Контроли конол;

Панҷ маҳорати лозим барои эҷоди равобити байнифардии ризоятбахш иборатанд аз: маҳорати гӯш кардан, маҳорати абзори вуҷуд, маҳорати рафъи таоруз, маҳорати рафъи таоруз, маҳорати ҳалли мушкили иштирок ва гузиниши маҳорат.

Ин маҳоратҳо аз абзорҳои иртиботӣ пояи дар равобити инсонӣ асарбахш аст ва ҳамаи афрод дар ҳар сину сол метавонанд маҳоратҳои иртиботии хосро биёмӯзанд ва дар беҳбуди он талош намоянд.

Аз техникаҳои мудирияти муассир муаллим дар келоси дарс ҳарф задан дар дараҷаи аввал қарор дорад. Вай бо як муҳити каломӣ сару кор дорад. Муаллим бояд бо маҳорати хуб ҳарф задан ва хуб гӯш додан ошноии комил дошта бошад.

Дар ин сурат қодир хоҳад буд ба эҳсосот, иттилоот ва авотифи донишомӯзони худ пай бибарад. Гӯш додан дорои мавонее мебошад, ки аз ҷумлаи интиқоли зеҳн, мавонеи авотифӣ, интиқоли тафаккур, ки муаллим метавонад истифода аз шеваҳои муносиби мудирияти келос ва иртиботи саҳеҳ дар оғози соли таҳсилӣ, ҳисси пешбинӣ ва назмро дар донишомӯзон рушд бидиҳад. Ва онҳо дар анҷоми корҳои рӯзона омодатар бошанд.

Муҳити келос, ором, амн ва ташкилӣ шуда, ки фишори равонӣ дар он коҳиш меёбад. Ва муаллиму донишомӯз ҷиҳати таҳқиқи заруратҳои кори худ дар мадраса бо ҳам ҳамкорӣ мекунанд.

б) Аввомил ва мавонеи барқарории иртибот бо донишомӯз дар мудирияти келос кадом аст?

Келоси дарс ба унвони як созмон, шабакаи печидае аз иртиботот ва ҳамоҳангии фаъолиятҳое, ки табодули иттилоот миёни воҳидҳои гуногун ва мутааддиди он мусталзам пешбинӣ ва васоили иртиботӣ муассир аст, зеро созмон бидуни иртиботот ҳаргиз қодир ба идомаи ҳаёт нест, Агар иртибототи муассир ва солим вуҷуд надошта бошад, тасмимгирии муаллим башиддати мушкил рӯбарӯ хоҳад шуд ва идораву контроли келос муяссар нахоҳад буд.

Аз малокҳои мухталиф иртибототро метавон ба анвои мутааддид тақсим кард: иртибототи расмӣ, ғайрирасмӣ, якҷониба, дуҷониба, назулӣ, саудӣ, уфуқӣ, амудӣ, каломӣ, ғайрикаломӣ, ошкор, пинҳон, китобӣ, шифоҳӣ. Мутахассисони илми иртиботшиносӣ бар ин боваранд, ки иртибот аз соддатарин то печидатарин ҳолат дорад. Ва ҳадди ақал аз се унсури фиристандаи паём, паёмгиранда, ташкил шудааст.

Фиристандаи паём ё манбаъ, матлаби мавриди назарро бо баёнияе, ки барои гирандаи паём қобили фаҳм бошад, дармеояд ва онро ба кумаки василае ба мухотаб ирсол мекунад. Дар келоси дарсӣ баёни қобили фаҳми муаллим барои донишомӯзон ҳамон рамзгардоне аст ва василаи интиқоли он низ забони муаллим аст.

Гирандаи паём пас аз дарёфт онро кашфи рамз мекунад, ё муҷаддадан рамзгардонӣ карда ва вокуниши худро ба фиристандаи паём манъакис мекунад, ки суолу ҷавоби бисёр баёни муаллим ва донишомӯз намунае аз он мебошад.

Аз дидгоҳи Вилбер Шаром мумкин аст ба шакли ҷавҳар рӯи коғаз, амвоҷи савтӣ дар ҳаво, ҷараёни барқ, такон додани даст, ё парчам, ё ҳар навъ алоиме бошад, ки қодир ба тафҳими маънӣ бошад, дар як муҳити омӯзишӣ чун келоси дарс авомили бисёре дар Заминаи иртиботи муваффақ нақш доранд, аз онҳо ишора мешавад.

Паём дар беҳтарин шакли худ ирсол ва дарёфт шавад;

Эҷоди ҷави эътимоди мутақобил ва оромиш, ки ҷараёни иртиботро беҳтар ва сареътар мекунад;

Огоҳии муаллим бар тафовути таҷрибаҳо, маҳоратҳо, тавоноиҳо, нигаришҳо ва тафовутҳои шахсиятии фарогирон;

Огоҳии муаллим бар ин ки ниёзҳо, тамюлот, алоиқ, пойгоҳҳои иҷтимоӣ дар иртиботот нақши тайинкунандае дорад;

Огоҳии муаллим бар таъсири забон бар эҷоди иртибот;

Огоҳии муаллим бар тафовути моҳияти идроки фарогирон, ки нақши бисёр муҳиме дар иртиботот дорад. Зеро бахши умдае аз рафтори (куниш ва вокунишҳо) афрод ба идрокоти онҳо боз мегардад.

Навъи мудирият, роҳбарӣ, идрок, таҷриба, маҳорат, ниёзу тамоюлоти муаллим ба унвони фиристандаи паём;

Авомили бисёре дар барқарории иртиботи саҳеҳ дар як келоси дарс монеъ эҷод мекунанд, ба таври намуна.

тафовутҳои забон, лаҳза ва таасуботу пешдовариҳо;

ҷозиб набудани паём ва маънӣ барои мухотибон; Тасаллути заифи яке аз тарафайн дар пардозиш ва таҷзияву таҳлили матолиб;

камбуд ё набуди ангеза ҷиҳати тадовуми паём;

нақши гурӯҳҳои расмӣ, ваҳшат, тарс, эҳсоси ноамнӣ ва ҳаяҷонот дар муҳити келос;

фуқдони бозхӯрд ё таъсири ҷиддӣ.

Лозим ба зикр аст, ки дар барқарори иртиботи муассир аз навъи каломӣ танҳо ба се унсури фиристанда, гиранда ва паём ишора шуд, ки бидуни шак авомили зиёди дигаре чун васила, намод, муҳит ва соири авомили дигари муносиб бо навъи иртиботот дар муваффақият ё номуваффақ будани иртибототи мутақобил муаллим ва донишомӯзон дар келоси дарс муассир аст.

Коркардҳои асосии мудирияти келос дар заминаи иртибот бо донишомӯзон чист? Созмонҳои расмӣ ба унвони навъи системаҳои иҷтимоӣ мусталзами мудирият ва раҳбарии асарбахш барои таҳқиқи аҳдофи расмӣ мебошанд. Соҳибназарони илми мудирият ва созмон барои мудирият ва раҳбарии ин созмонҳо коркардҳоеро унвон кардаанд, 10 касрият бар коркардҳои асосии мудирияти келос: тарроҳӣ ва созмондиҳии келоси дарс, роҳбарии келоси дарс, назорат, контроли келоси дарс ва арзишёбии иттифоқи назар доранд.

Тарроҳӣ ва созмондиҳии келоси дарс барои анҷом додани ҳар дарс барои анҷом додани ҳар фаъолияти тарҳ, нақша ё моделе лозим аст, то аҳдоф, фаъолиятҳо, мароҳил ва таволии онҳо мушаххас ва таволии онҳо мушаххас ва назму инзибот бар он фароянд ҳоким гардад. «Муаллимон барои тадвини як барномаи муносиб бояд заминаи тарроҳии омӯзишӣ, иҷрои барномаи тадвиншуда, контрол ва арзишёбии

омӯхтаҳо, тавоноиву маҳоратҳои лозимро дошта бошанд, ҳирфаӣ будани шуғли муаллимӣ бастагӣ ба чигунагии анҷом ин тавоноиҳо дорад.

Манзур аз тарроҳии тадрис таъйини фаъолиятҳои муаллим ва шогирд ба сурати гом ба гом барои ҷаласоти келоси дарс аст. Дар тарроҳии тадрис мӯҳтавои як модаи дарсӣ бар асоси аҳдоф барои як сол, ё моҳ, ё ҳафта, ё ҳар соат келосии мароҳилии муносиб, тақсим ва васоилу имконоту фаъолиятҳои лозим пешбинӣ мегардад.

Фаъолиятҳои келоси дарс ағлаб маҳдуд аст, вале метавон онҳоро бо танаввӯи бештар ва бо кайфияти мутафовуте анҷом дод.

Роҳбарии келоси дар-муаллим дар нақши роҳбари келоси дарс маъсули ҳидоят ва тадвини барномаҳое барои як соли таҳсилӣ аст, ки мутмаин шавад, ки донишомӯзони малокҳо ва меъёрҳои ноҳия, ё минтақаи омӯзиш ва парваришу аҳдофи келоси дарс бо муаллифаҳои чун алгусозӣ, нуфуз бар зери дастон, омӯзиши ғайри мустақим, тақвияти иззати нафс, равобити бори мантиқӣ, мураббигарӣ ва парвариш додан, кумак ба донишомӯзон ва умед додан мушаххас мешавад.

Нигариши муаллим ба моҳияти келоси дарс ва моҳияти донишомӯзон бар чигунагии рафтори ӯ таъсир дорад. Баъзе аз муаллимон келоси дарсро як созмони расмӣ ва ғайри қобили инъитоф талаққӣ мекунанд, қавонин бояд дақиқ риоят шавад, матолиб интиқол ёбад, муаллимон бо нигариши классикӣ бар мавзӯъҳои дарс таъкид мекунанд.

Дар муқобили бархе муаллимон келоси дарсро як созмони иҷтимоӣ қобили инъитоф дар назар мегиранд ва ҷиҳати расидан ба аҳдоф бо донишомӯзон робитаи дӯстона ва самимона барқарор мекунанд.

Чунин муаллимоне бо нигариши равобити инсонӣ бар рушди донишомӯз бештар таъкид дорад.

Роҳбарии асарбахш дар келоси дарс таҳти таъсири авомили мухталифе чун шароити фарҳангӣ, иҷтимоӣ, нигаришҳои муаллим ба инсон, сохтори келос, моҳияти таълиму тарбият, сатҳи дониш, огоҳиҳо ва маҳоратҳои шугли муаллимӣ, сатҳи ангезиши донишомӯзон ва ҳадафҳои омӯзишӣ аст.

Таъсири мутақобили ин авомил муаллимро ба сабки раҳбарии холис савқ медиҳад. Ба таври куллӣ сабкҳои раҳбариро дар келоси дарс метавон ба се шеваи омирона, машваратӣ ва адами мудохила тақсим кард.

Муаллим шахсе аст, ки дӯст дорад бидуни истифода аз маҳоратҳои мудирият, контроли комиле бар корҳо дошта бошад ва тасмими боаҳамият дар келос аст. Дар сабки роҳбарӣ муаллим маҳдудиятҳоро дар назар гирифта интизорот ба вузӯҳ ба донишомӯзон тафҳим мешавад ва ба хубӣ корҳои рӯзона ва шеваҳои омӯзиширо бедор мекунад, то келоси дарси муназзаме бавуҷуд оварад

Донишманде тафовутҳоеро байни муаллими омӯзишдиҳанда ва муаллими роҳбар баён доштааст. Дар сабки раҳбарии муаллимони бетафовут муаллими фоқид салоҳият ҳирфаӣ ва саҳлангор аст, донишомӯз нисбат ба ин муаллим эҳсоси манфӣ дорад ва барои он эҳтиром қоил нест ва ӯро ноумед муаррифӣ мекунанд.

Сабки идеол роҳбари пӯёст, ки муаллимон тавонеи тавонманд кардани донишомӯзонро доранд ва фурсатҳои омӯзишиву заминаи ибрози вуҷуд барои фарогирро муҳаё мекунанд. Беҳтарин сабк дар келоси дарс сабке аст, ки битавонад ҷави келоси дарсро матлуб ва тадовим бахшад ва дар ниҳояти фурсат рушду ёдгирии бештареро фароҳам намояд.

Назорат ва контроли келоси дарс – мафҳуми контрол бар келоси дарс ғолибан маънои номатлубе дорад. Чун ба назар мерасад, ки аъмоли контрол ё назорат озодии амали фардиро таҳдид мекунад, вале воқеияти иҷтимоӣ ин аст, ки ҳам фаъолияти гурӯҳӣ, иҷтимоӣ ва созмонӣ мусталзами навъи контрол ё назорат аст, то аз ин тариқ фаъолиятҳо ва равишҳои анҷоми умури беҳбудёфта ва таҳқиқи аҳдофи омӯзишӣ суръат ёбад. Ба назари Андерсон фаъолиятҳои марбут ба контрол келоси дарсро метавон ба ду табақаи боздоранда тақсим кард. Муаллимон метавонанд аз ҳар ду навъ фаъолият истифода кунанд, вале муаллимоне, ки аз фаъолиятҳои боздоранда истифода мекунанд, асарбахштар аст, ба ин тартиб ба назар корҳои рӯзмарраи келос, ки муаллим ба манзури пешгирӣ аз ихтилолоти рафторӣ ва тасҳиҳи мушкилоти рафторӣ анҷом медиҳад, то тасаллути муносиб бар келосро пайдо кунад, контрол ё инзибот номида мешавад.

Гуд ва Баррокӣ мӯътақиданд, ки барои контроли келоси дарс рафторҳое чун огоҳиву ҳушёрӣ нисбат ба кулли келос ба коргирии як аломати мушаххас ва таърифшуда ба манзури ҷалби таваҷҷӯҳи донишомӯзон, тавоноии эҷоди иртиботи асарбахш бо донишомӯзон, нигаҳдории фаъолиятҳои келос дар як ҳолати зинда,

фаъол ва шодоб, огоҳӣ додани донишомӯзон нисбат ба масъулияташон дар анҷоми ёдгирии матолиб, эҷоди танаввӯъ дар фаъолиятҳои келос бисёр муассир аст.

Назорат ва контроли кайфии келос. Баррасиҳо нишон медиҳанд, ки агар маҳдудиятҳои ёдгирӣ коҳиш ёбад, донишомӯзон барои ёдгирии дорои ангезиши дарунии бештаре мешаванд. Ба таври куллӣ аз назари кайфӣ нақши муаллим дар келоси дарс тасҳил намудан ва кумак намудан ба рафъи мавонеъ ва маҳдудиятҳо ва эҷоди ангезиш дар донишомӯзон аст. Огоҳии муаллимон аз шеваҳои контрол бивижа контроли дарунӣ ҷиҳати дастёбӣ ба келоси дарс бисёр судманд аст.

Арзишёбӣ аз дигар коркардҳои асосии мудирияти келос мебошад. Арзишёбӣ ба унвони ҳалқаи иттисоли куллияи авомили як барномаи омӯзишӣ аст. Арзишёбиҳои келоси дарс чанд бӯъдӣ аст. Илова бар ин арзишёбӣ пешрафти таҳсилӣ, арзишёбӣ аз шеваҳои мудирият, шеваи тадрис ва шеваи назароату контролро низ дар бар мегирад. Ин арзишёбиҳо метавонанд дар хидмати омӯзиш ва беҳбуди келоси дарс қарор гиранд.

Бо таваҷҷӯҳ ба ёдгирӣ, ки омӯзиш дар ҷомеа дорад ва заъфи ҳимояти ҳарфаӣ аз муаллимон метавонад дар чолишҳои омӯзиш муассир бошад. Воқеият ин аст, ки муаллим наметавонад дар фазои умумии ҷомеа, ки дар он ғафлат ва ноумедӣ вуҷуд дорад, мӯъҷиза ба вуҷуд оварад, вале боз ҳам муаллим ва мадраса метавонанд аҳдофи мантиқии мубтанӣ бар дарк аз рисолати фарҳангӣ, иҷтимоишон ва имконоти рушди кӯдаконро таҳқиқ созанд.

Ба таври куллӣ мудирияти келоси дарс бо таваҷҷӯҳ ба назариёти клоссикӣ, равобити инсонӣ анҷом мешавад. Баъзе аз муаллимон келосро як сохтори расмӣ бо силсилаи маротиби иқтидор дар назар мегиранд. Ин муаллимон бар риояти қавоид ва муқаррарот, назму инзоиботии дақиқ, истифода аз қудрати расмӣ ва интиқоли матолиби дарсӣ таъкид мекунанд.

Муаллимон муътақиданд ба равобити инсонӣ, келоси дарсро як гурӯҳи иҷтимоӣ талаққӣ мекунанд ва бар равобити дӯстона, содиқона таъкид мекунанд ва бештар аз қудрати шахсӣ, яъне тахассус, ҷазобият истифода мекунанд.

Муаллимон мӯътақиданд ба дидгоҳи системавӣ келосро  як системаи боз дар назар мегиранд, ки дар куниш ва вокуниш бо муҳити берунӣ аст.

Келоси дарс ба унвони як гурӯҳ бо низоми иҷтимоии дорои ҳамаи вижагиҳои системаҳои иҷтимоӣ аст, ки мавриди таваҷҷӯҳи соҳибназарон қарор дорад. Мудирияти келос бар ӯҳдаи муаллим аст, ки қабл аз омӯзиш, ё ҳар гуна иқдоми тарбиятиву рафторӣ бояд келоси дарсро ҷиҳати таҳқиқи аҳдоф мудирият намояд.

Мудирияти келоси дарс чун соири мудириятҳо мусталзами коркардҳое чун тарроҳиву созмондиҳӣ, ҳамоҳангиву роҳбарӣ, контрол ва арзишёбӣ аст, ки ба далели дарҳамтанидагӣ ин коркардҳо аз якдигар тафкикпазир нестанд.

Имрӯз аз муҳимтарин чолишҳо як муаллим дар келос иртиботи муассир ва саҳеҳ  бо фарогирон аст, аз тарафи дигар иртиботи маънодор, калиди иҷрои муваффақиятомези бисёре аз шеваҳои мудирият дар келос мебошад. Иртибот омили аслии ёдгирӣ аст, ки шохисҳои бисёреро дар бар мегирад

Аҳамияти иртибот дар келоси дарс он қадар зиёд аст, ки баъзе аз соҳибназарон муътақиданд, ки иртибот ва идораву контрол ба келоси дарс лозим ва малзуми якдигаранд, ки аз онҳо таҳти унвони R2 ёд мекунанд. Дар барқарории иртибот бо донишомӯзон дар келос муаллим бо мавонеъ ва авомили зиёде рӯбарӯ аст, ки огоҳӣ ва тасаллути муаллим бар ин маворид ва маҳоратҳои иртиботӣ дар ҷиҳати таҳқиқи аҳдофи омӯзишӣ амрест иҷтинобнопазир.  «Мудирияти келос» ва иртибот» дорои куниши мутақобили густурдае ва печидае мебошанд, ки алал ва заъф дар ҳар кадом таҳқиқи аҳдофи таълим рӯбарӯ хоҳад сохт.

## АДАБИЁТ


1. Бултун Роббер. Равоншиносии равобити инсонӣ, Ҳамид Ризо Баҳромӣ, интишороти рушд. Соли 1381.
2. Пардохтчӣ Муҳаммад Ҳасан. Нақши назарот ва роҳнамои омӯзишӣ дар беҳбуди кайфияти омӯзиши умумӣ. Фаслномаи таълиму тарбият, шумораи 47, соли 1378.
3. Тоҷиддин Зиё. Мудирияти келоси дарс. Нашрияи технологии омӯзишӣ, созмони омӯзиш ва парвариш соли 1382.
4. Ҷея Кортелҷ. Омӯзиши маҳоратҳои иҷтимоӣ ба кӯдакон, Остони Қудси Разавӣ, соли 1372.
5. Ҳориҷ. Овен. Маҳоратҳои иҷтимоӣ дар иртибототи миёнфардӣ. Теҳрон, Интишороти рушд соли 1377.


## ИЗУЧЕНИЕ РОЛИ И ЗНАЧЕНИЯ МЕТОДОВ УПРАВЛЕНИЯ КОЛЛЕКТИВОМ КЛАССА

**И НАВЫКОВ ОБЩЕНИЯ С УЧАЩИМИСЯ В ИССЛЕДОВАНИИ ЦЕЛЕЙ ОБУЧЕНИЯ**

В данной статье автором подвергнуты рассмотрению и изучению роль и значение управления коллективом класса и навыков общения с учащимися в исследовании целей обучения. Класс является основным структурным элементом школы и существенным фактором воспитывающего влияния школы на учащихся в которой складывается определенная система межличностных отношений влияющих на процессы индивидуального развития школьников.

**Ключевые слова:** школа, класс, общение, воспитательный процесс, повышение воспитательного потенциала, совместная деятельность, коллектив сверстников. развитие учащихся.

**STUDY OF THE ROLE AND IMPORTANCE OF TEAM MANAGEMENT CLASS AND COMMUNICATION SKILLS WITH THE STUDENTS IN THE STUDY OF LEARNING OBJECTIVES**

In this article the author subjected to review and study of the role and importance of team management class and communication skills with the students in the study of learning objectives. The class is the main structural element of the school and a major factor in educating the impact of school students in which there are certain system of interpersonal relations influencing on the processes of the individual development of students.

**Key words:** school, class, communication, educational process, increasing the educational potential, joint activity, the team of peers development of students.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Иброхим Мисхоки*** **–** соискатель ТГПУ им. Садриддина Айни

# НАЗАРЕ БА МАСЪАЛАИ БАЗЕҲКОРИИ НАВРАСОН ВАҶАВОНОН

***Фалоҳатии Бечорпас Умулбанин***
**Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи АТТ**

Базеҳкорӣ ва шинохти илалу ангезаҳои он дар наврасон ва ҷавонон кайҳост, ки мавзӯи баҳси бисёре аз олимони тарбияту парвариш, равоншинос, ҷурмшинос, ҷомеашинос ва илмҳои дигари иҷтимоии ватанию хориҷӣ қарор гирифтааст. Агар мо хоҳем, ки аз таҳқиқот натиҷаи мусбате ба даст орем, пас мо бояд натоиҷи таҳқиқот ва мутолиоти анҷомшударо дар соири кишварҳои пешқадами ҷаҳон мавриди арзёбии амиқ қарор бидиҳем. Зимни ин нукта бояд иброз дошт, ки бо таваҷҷуҳ ба хусусиятҳои мунҳасир ба фарди эронӣ авомили гуногуни базеҳкорӣ, бавижа дар шаҳрҳои бузург, аз тариқи анҷоми саволномаҳои тести равоншиносии таъйидшуда бояд мавриди мутолиаи дақиқ қарор гирад. Эҳсоси масъулияти шахс дар муқобили фарзандони маъсум ва бегуноҳи ин мамлакат, ки бино ба далоили гуногун базеҳкорӣ менамоянд, қалби ҳар шахси боақлу заковатро фаро мегирад.

Бештари дастзанӣ ба базеҳкории наврасон ва ҷавонон аз масоили нобасомониҳои хонаводагӣ ва муҳоҷират ба миён омадаанд. Зимни муҳиммияти ин мавзӯъ барои таҳқиқот таъкид бояд кард, ки хатари базеҳкории навҷавонон метавонад муқаддимае барои ҷиноят дар оянда бошад, гузашта аз ин, он таҳдиди ҷиддист ба илияи таодили иҷтимоии ҷомеа. Шинохти авомили бавуҷудоварандаи базеҳкорӣ ва сипас ироаи ҳалҳои воқеъбинона барои имҳоъ ва таҳлили таъсири ин авомил метавонад дар ҷиҳати ҳифзи суботи иҷтимоӣ ва ҷилавгирӣ аз аъмоли базеҳкоронаи наврасон ва ҷавонон таъсири мусбате дошта бошад.

**Баррасии иллали базеҳкорӣ.** Решаҳои аслии базеҳкориро бояд дар шароити зисти давраи навҷавонӣ ва ҷавонӣ ҷустуҷӯ кард. Иллати бурузи базеҳкорӣ, маъмулан иллати воҳид нест, балки ҳамеша чандин иллат аст, ки ба дасти якдигар дода, боиси ташаккули базеҳии афрод мегардад. Дар поён иллатҳои асосии ба базеҳкории наврасон ва ҷавонон сабабгорро бо шарҳи мухтасар баён месозем.

1. **Хонаводаи дучори нобасомонишуда.** Аввалин муҳите, ки заминаи базеҳкориро дар фарди ҷавон ба вуҷуд меоварад, хонавода мебошад Маъмулан базеҳкорон аз хонаводаҳои аз ҳам пошхӯрда бармеоянд. Ҷудоӣ ё талоқ, майзадагӣ ва ҷиноят дар хонаводаи чунин наврасону ҷавонон шоеъ аст.

Кулукҳо дар муқоисаи байни 500 ҷуфт писар бо ғайри базеҳкор ба ин натиҷа расид, ки 60 % базеҳкорон дар муқобили 36 % ғайрибазеҳкорон аз хонаводаҳое ҳастанд, ки аз якдигар ҷудо шуда, талоқ гирифта, яке аз аъзо фавт шуда ё ғайбати тӯлонӣ аз хона доштаанд. Иттилооти ҳосила аз бисёре аз кишварҳо дар мавриди хонаводаҳои аз ҳам пошидаро мавриди баррасӣ ва мутолиа қарор додем. Натиҷаи таҳқиқот нишон дод, ки аз даст додани модар дар авоили кӯдакӣ беш аз даст додани падар зиёнбор аст. Волидайн таъсире бар тақлили базеҳкорӣ надоранд. Адами ҳузури модар ё ғайбатҳои тӯлонии ӯ низ метавонад бар фарзандон асароти

номатлубе бар ҷой гузорад.Аз таҳқиқоти Доҷер мутолиа ва муқоисаи байни ҷавононе, ки падаронашон ба таври мустамар дар манзил ҳузур надоштанд ва онҳое, ки падар ҳузури доимӣ дошт, анҷом дод ва ба ин натиҷа расид, ки дар гурӯҳи нахуст шиддати укдаҳои удипӣ ва дар гурӯҳе, ки бо падаронашон зиндагӣ мекарданд, ҳаммонандсозии бештаре бо падарон сурат гирифта буд.

2. **Ҳамсолон ва дӯстон.** Нақши дӯстон ва ҳамсолонро дар эҷоди базеҳкорӣ набояд фаромӯш кард. Аз изҳороти базеҳкорона бармемояд, ки дӯстон болотарин манбаи ёдгирӣ буданд. Ин ҳолати номатлуб таваҷҷуҳи бештари волидайн ва мураббиёнро бар назорат бар дӯстони фарзандон ва мураббиён металабад.

3. **Мактаб.** Базеҳкорон собиқаи таҳсилии хубе надоранд. Ба ҳам задани синф, ҷаробаҳс бо муаллим, низоъ бо ҳамсинфон, фирор аз мактаб, шикаст дар таҳсил дар собиқаи таҳсили онон дарҷ шудааст. Мутаассифона, системаҳои омӯзишӣ барои ин даста аз афрод вуҷуд надоранд, бинобар ин маъмулан аз мадраса ихроҷ шуда ҳамин тариқ ба ҷомеа супурда мешаванд. Ҷое барои сарпарастӣ ва ҳидояти онон дар ҷомеа вуҷуд надорад. Бо ҳамин сабаб бо озодии бештар ба базеҳкорони ҳирфаӣ табдил мегарданд.

4.**Илали иҷтимоӣ.** Омили иқтисодӣ, фақр гоҳе омили базеҳкорӣ аст, вале наметавон онро омили ягона донист. Буҳрони иқтисодӣ боиси бекорӣ мешавад. Дар ин сурат ҷавонон барои таъмини зиндагии худ дар танҳоӣ ҳастанд ва гоҳе муртакибе ба зеҳн мешаванд.

<u>Омили пас уфтодагии фарҳангӣ ва пешрафти технология.</u> Пас уфтодагии фарҳангӣ бар ақиб мондани нисбии як узви фарҳангӣ аз унсури фарҳангии дигар итлоқ мешавад. Ин ақибмонии нисбии як унсур ё маълули мудохилаи умумии як инсон ва зодаи кундии масири худи он унсур аст. Пешрафти технология дар ҷомеаи санъатӣ боис шудааст, ки равобити инсонӣ тазъиф гардад ва таҷовуз, саркашӣ, кулоҳбардорӣ, сиркат ва одамкӯшӣ бошиддат ва бераҳмии ҳарчи бештар падидор гардад.

<u>Шаҳрнишинӣ.</u> Дар шаҳрҳо равобити самимона байни афрод коҳиш меёбад ва бештари афрод ба сӯйи фардгароӣ ҳаракат мекунанд. Рушди сарии шаҳрҳо боиси дигаргуниҳои умдае дар нақшҳои иҷтимоии афрод ва гоҳе боиси тазоди манофеъ ва тасодуми афрод мегардад. Шаҳрҳо ба ҷавомеи масрафӣ табдил мешавад ва нақши афрод дар тавлид ба ҳадди ақал мерасад. Дар чунин шароит, ки равобит бештар расмӣ ва мошинибор аст, навҷавонон аз як муҳити амн ва қобили пешбинӣ ва ҳамроҳ бо равобити содиқона бархӯрдор нестанд. Вуҷуди ҷомеаи номуртабит ҳамроҳ бо вазъияти буҳрони давраи навҷавонӣ, онҳоро ба доми базеҳкорӣ ва анҷоми корҳои хилоф меандозад.

<u>Тарокум ва афзоиши ҷомеа.</u> Тарокуми ҷомеа дар маҳаллот низ аз авомили базеҳкорӣ шумурда шудааст. Дар шаҳрҳои бузурги ҷаҳон маҳаллоте аз қабили Ҳорлим дар Ню-ёрк, Одомӣ дар Чикаго аз шароити иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва омӯзишии хубе бархӯрдор нест. Качравӣ ва базеҳкорӣ дар маҳаллот шоеъ аст. Дар ҳошияи шаҳрҳо дар истилоҳ дар ҷануби шаҳр бо афроде бармехӯрем, ки вазъияти иҷтимоию иқтисодӣ ва омӯзиши муносибе надоранд.

<u>Заъфи бунияи ахлоқӣ ва эътиқодӣ.</u> Маъмулан базеҳкорӣ ба хотири ғайриахлоқӣ ё зиддиахлоқӣ будан мавриди интиқод қарор мегирад, вале ин амр мавриди баррасӣ қарор намегирад, ки ин рафтор ғайриахлоқӣ ё зиддиахлоқӣ аз куҷо омадааст. Рафтори ғайриахлоқиро волидайн ё мадраса, ё муҳит ба фарди базеҳкор ёд додаанд. Мутаассифона базеҳкорон бо рафтор ва меъёри ахлоқии муносибе дар зиндагии худ мувоҷеҳ набудаанд ва намунаи дурусти рафторӣ надоштаанд. Ҷомеае, ки дар он мабонии ахлоқӣ ва ва назорати дастаҷамъона набошад, омода барои пазириши ҳар ҷараёни фикрӣ буда, ҳар рафтори ғайриахлоқиро дунбол мекунад. Барои ин даста базеҳкорӣ рафтори матлубтар аст, зеро боиси аз ҳам пошида шудани низоми иҷтимоӣ ва беҳшинос ба ҳурмати фардӣ ва нақзи қонун мешавад. Ин аъмол заминаро барои тасаллут ва таъмини манофеи истеъморгарон омода месозад.

5. Муҳоҷират. Муҳоҷират. хусусан агар аз шаҳрҳо ва рустоҳои кӯчактар сурат гирад, метавонад омили муассир дар базеҳкор шудани афроди муҳоҷир бошад ва маъмулан дар миёни базеҳкорони шаҳрҳои бузург теъдоди қобили таваҷҷуҳи аз ононро афроди муҳоҷир ташкил медиҳанд. Албатта, ин ҳолат ба он маъно нест, ки илзоман муҳоҷиратҳо базеҳкориро низ ба дунбол дошта бошанд. Ё афроди муҳоҷир пас аз муҳоҷират ҳатман базеҳкор мегарданд. Аммо чун ғолибан муҳоҷирин пас аз ҳиҷрат ба сӯйи шаҳрҳо дар вазъияти номатлубе ба сар мебаранд, ин вазъият метавонад муҳаррике барои анҷоми аъмоли базеҳкорона гардад. Бештари

вазъиятҳои номатлубро метавон чунин баршумурд, ки ғолибан пас аз ҳиҷрат, сукунат дар нуқоти ҳошияи шаҳр, ки маконҳои номуносибе аз назари имконоти рифоҳӣ ҳастанд, сурат мегирад. Ва низ сукунат дар маҳаллаҳое, ки афроди муҷрим дар онҳо нисбати зиёдтаре аз бақияи ҷойҳост. Фарди муҳоҷир ё ба иллати тафовут ва тазоди фарҳангӣ, ки бо фарҳанги шаҳр пайдо мекунад ва ё ба далели дигар бо афроди маҳаллае, ки дар он зиндагӣ мекунад, бештар унс ва улфат мегирад. Чунин фард ба тадриҷ узви гурӯҳи ҳамин маҳалла қарор мегирад ва агар маҳалла низ дорои афроди муҷрим бошад, бар асари муошират ва дӯстии бо онон кам-кам таҳти таъсирашон қарор гирифта, ба ин тартиб, ин фарди муҳоҷир низ ба сӯйи анҷоми аъмоли муҷримона кашида мешавад. (1: с.1431). Гоҳе бар асари эҷоди ниёзҳои ҷадид ба лиҳози тамосе бо фарҳанги шаҳрӣ ва адами вуҷуди имконот барои рафъи ин ниёзҳо, фарди муҳоҷир даст ба аъмоли хилофи қонун мезанад, то ки ниёзи ҷадидашро мураффаъ созад ва билохира, гоҳе низ бар асари ин, ки ҳазинаи зиндагӣ дар шаҳр болотар аст ва фарди муҳоҷир тавоноии таҳияи ин ҳазинаро надорад ва дар натиҷаи фақри шадид гиребонгири ӯ мешавад, мумкин аст барои рафъи фақре, ки насиби ӯ шудааст, даст ба аъмоле монанди сирқат бизанад.

Аз таҳлили масъала бароянд, ки баррасии авомили хонаводагӣ унвони асоситарин омил дар ба вуҷуд овардани базеҳкорӣ аст, кӯдакон ва навҷавонон қурбониҳои нобасомониҳо ва ихтилофоти хонаводагӣ ҳастанд ва базеҳкорӣ яке аз натоиҷи асароти ин ихтилофот ба фарзандон хоҳад буд, ки ин ихтилофот дорои абъоди гуногуне аст. Бемуроқибатӣ ва адами масъулияти волидайн ва низ хушунат ва сахтгириҳои зиёди онон нисбат ба фарзандон, аз муҳимтарин дорои бештарин дар сад дар хонаводаҳои базеҳкорон шинохта шудааст (8: с. 20).

Муҳоҷират аз иллали дигари базеҳкорӣ аст. Муҳоҷиратҳое, ки дар замони бухронҳои чун ҷанг, ки умуман бухронҳои иқтисодиро низ ба дунбол хоҳад дошт ва муҳоҷиратҳое, ки ба воситаи адами тавзеҳи одилона имконоте, ки барои идомаи зиндагӣ лозим аст, дар аксар нуқоти кишвар сурат гирад, натиҷатан мушкилотеро дар шаҳрҳо ё маконҳои муҳоҷирпазир хусусан шаҳрҳои бузург эҷод хоҳад кард. Яке аз ин мушкилот бурузи каҷравиҳое аст, ки ношӣ аз шароити ҷадиди иҷтимоӣ ба миён меоянд (10). Сукунат дар нуқоти ҳошияи шаҳр ва бархӯрд бо мушкилоте, ки хоси ин нуқот аст, фақру бекорӣ бо иштиғол ба шуғлҳои козиб, ки маъмулан муҳоҷирини тозаворид ба ин шуғлҳо муворидат меварзанд, мунзавӣ будан аз кулли фарҳанги шаҳри ҷадид, аз ҷумлаи мавориди муҳимест, ки муҳоҷирон ба он рӯ ба рӯ шуда, аз тангнои ин мушкилот аст, ки батадриҷ заминаи каҷравӣ барои ин тозаворидӣ эҷод хоҳад шуд. Он чи ки дар ин робита низ ба исбот расид, вуҷуди робитаи мустақим миёни вазъияти иқтисодӣ ва муҳоҷират буд, зеро дар ғолиби авқоти шароити номусоиди иқтисодӣ дар ватани аслӣ аст, ки афродро водор ба муҳоҷират мекунад (Киниё, 1991). Дигар ин ки вуҷуди фақр ба унвони далеле барои анҷоми каҷравӣ, хусусан аз авъ сирқат бисёр маҳсус ва ошкор аст ва байни фақр ва сирқат робитаи мустақим вуҷуд дорад (Деҳқон, ба нақл аз Заҳматкаш, 1992).

## АДАБИЁТ


1. Аҳмадӣ Сайидаҳмад. Равоншиносии навҷавонон ва ҷавонон. –Теҳрон: Интишороти Тарма, Машъал, 1371, чопи сеюм, с. 143.
2. Dager E.Z. (1967). Socialization and rersonaliydevlopmnt in the child. Hand book of marriag and family. Chicagj: rand mcnally and company
3. Заҳматкаш Ваҳид. Баррасии илали базеҳкории кӯдакон ва навҷавонон дар конуни ислоҳоти тарбият. –Теҳрон: Донишгоҳи Аллома, 1370.
4. Крокюс Вилямси. Базеҳкории навҷавонон масъалае барои дунёи модерн. Тарҷумаи Ҷаъфар Наҷафии Занд. Интишороти Созмони илмӣ ва фарҳангии ЮНЭСКО, 1367, с. 48.
5. Меҳтикиниё. Мабонии ҷурмшиносӣ. Интишороти донишгоҳи Теҳрон, 1369
6. Оғобахшӣ Ҳабиб. Эътиёд ва осебшиносии хонавода: рӯйкарди мададкории иҷтимоӣ ба масоил ва осебҳои ҷомеа. –Теҳрон: Донишгоҳи улуми беҳзистӣ ва тавонбахшӣ.1388, с. 120.
7. Пирон Парвиз. Баррасии эътиёди бозпарварии муътодон. –Теҳрон: Созмони беҳзистии кишвар, 1361, с. 61.
8. Солеҳи Эраҷ. Занҷирҳои эътиёд. –Теҳрон: Интишороти Овои Нур, 1371, с. 20.
9. Тоҷзамони Дониш. Ҳуқуқи зиндониён ва илми зиндонҳо. – Теҳрон: Интишороти Донишгоҳи Теҳрон, 1368, с. 50.
10. Фароҳонӣ Фотимӣ. Таҳлили ҷамъиятшинохтии базеҳкорон. –Теҳрон: Донишгоҳи Рӯдеҳин, 1382.


## К ВОПРОСУ О ПРОБЛЕМЕ ДЕВИАНТНЫХ ПОДРОСТКОВ И ЮНОШЕЙ

Девиантные дети являются педагогической проблемой. Данной проблемой занимаются многочисленные научные центры и научно-педагогическая общественность. Для того чтобы иметь

научную информацию по этому поводу, необходимо анализировать точки зрения ученых и представителей педагогической науки. Статья основана на многочисленных фактах и эмпирических материалах.
**Ключевые слова:** девиантное поведение, девиантные дети, воспитание и обучение, социальная среда, педагогическая проблема.

**TO THE QUESTION ABOUT THE PROBLEM OF DEVIANT ADOLESCENTS AND YOUTHS**

The theoretical problem of juvenile delinquency, delinquency and understanding the actions and motivations of younger years is located within the disciplines of education, psychology, criminology, sociology, and other domestic and foreign social sciences. If we want to obtain a positive outcome from research, then we must perform research and studies in other countries alongside instances of deep world evaluation. Certainly this point must be expressed, that with attention to the unique characteristics of Iranian individuals, various elements of delinquency, especially in large cities, from titles and psychological questionnaires, confirmed the study to be accurate.
**Key words:** deviant behavior deviant children, education and training, social environment, pedagogical problem.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Фалохати Бежорпас Умулбанин*** – соискатель НИИПН АОТ

# АҲАМИЯТ ВА НАҚШИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ДАР ЁДГИРИИ ЭЛЕКТРОНИКӢ

***Самоне Ворис Вазириён***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Асри мо, асри интиқол аз ҷаҳони воқеӣ ба даврони зиндагӣ дар фазои дуҷаҳонист. Гарчи ҳанӯз ниҳодҳо ва созмонҳои маҷозӣ шакл нагирифтаанд, аммо зуҳури ҷаҳонии нав ба номи ҷаҳони маҷозиро дар дур ва бар худ эҳсос мекунем. Ҷаҳони маҷозӣ ҳуввияти муаллим ва фарогирро башиддат тағйир медиҳад ва вазоифу нақшҳои ҷадиде барои онҳо падид меоварад [1] (сояи офтоб, нақши фановарии иттилооту иртиботот дар омӯзиш).

Иттилоот унсурест, ки ҳамвора бо башар ҳамроҳ будааст, вале ба далели маҳдуд будани ниёзҳои башар чандон мавриди таваҷҷуҳ қарор надошт. Бо барқарории иртибот миёни ҷавомеъ ва падид омадани ниёзҳои мухталиф ва ибдооти гуногун иттилоот низ аҳамият пайдо кард то он ҷо ки башар вориди даврае шуд, ки онро асри иттилоот номид [2].

Роёнаи навъи абзори амалӣ барои донишомӯз ва муаллим аст, ки ҳамоҳанг бо роҳбурдҳои мутаадиди омӯзиш ва ёдгирӣ метавонанд аз он истифода кунанд [3] (Зуфан, 1383, с. 75). Суръату мизони тавлиди илм дар ҷаҳон ва равишҳои навини гирдоварӣ, пардозиш ва тавзеи иттилоот аз як сӯ ва ниёзи рӯ ба зиёд ҷавомеи инсонӣ ба истифода аз намудҳои мухталифи иттилоот аз сӯйи дигар, мунҷар ба падид омадани давраи иҷтимоии хосе мавсум ба асри иттилоот шудааст [4] (Мунтазир, 1381, с.176). Донишомӯзон ба таври тасодуфӣ намеомӯзанд, ёдгирии онон ҳосили мустақими фарояндист, ки мутахассисони омӯзишӣ барои тарроҳии умдаи таҷоруби ёдгирӣ барои онон ба кор мегиранд. Тарроҳии фурсатҳое, ки аз як сӯ ниёзҳои донишомӯзонро дар кор бо фановариҳои ҷадид баровард созад, аз сӯйи дигар, аз фановариҳои ҷадид ба унвонбахшӣ аз роҳи ҳал истифода кунанд, бисёр мавриди таваҷҷуҳ ва мавриди ниёз аст (Зуфан, 1383, с.40).

*Фановарии (технологии) иттилооти ТI:* Фановарӣ иборат аст аз корбурди низомдори мафоҳими улумирафторӣ, физикӣ ва улуми дигар барои ҳалли мушкилот (Зуфон ,1383,с.15). Фановарии итилоот иборат аз ду вожа – *information*, яъне ‘иттилоот’ ва *Technology,* яъне ‘фановарӣ’ таркиб ёфтааст. Корбурди дониш ё маҳорат ва ё равиши фаннӣ дар баҳрабардорӣ аз иттилоотро *фановарӣ* гӯянд [5].

Фановарии иттилоот ба фароянди донишу равишҳои бакоргирии он дар тавлид, пардозиш, интиқол ва ҷараёни андохтани иттилоот итлоқ мешавад [6].

Фановарии иттилоот иборат аз гирдоварӣ, созмондиҳӣ, захирасозӣ, нашр ва истифода аз иттилоот дар қолаби савт, тасвир, график, матн, адад ва ғайра бо истифода аз абзори роёнӣ ва мухобиротӣ … аст [7].

*Аҳамият ва нақши фановарӣ дар омӯзиш.* Фановарии иттилоот абзори қудратмандест, ки дар камтарин замон метавонад миёни мардуми ҷаҳон иртибот барқарор созад. Ин абзори иртиботии қудратманд бо иттилоот сару кор дорад. Фановарии иттилоот дар ҷаҳони имрӯз чашмандозҳоеро барои ҷаҳониён ба армуғон

овардааст, ки бар тамоми абъоди зиндагии сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва омӯзишии инсони қарни XX ва XX таъсир гузоштааст. Ба гунае ки фарогирандагонро ба самти роёнаҳо ва омӯзиши кор бо онҳо савқ додаст. Роёнаҳо бо фароҳам кардани фурсати лозим барои тамрину касби дониши башарӣ ва парвариши донишомӯзон ба омӯзиши мадрасавӣ ва аз сӯйи дигар, таҷдиди ҳаёт ва ғанисозии муҳити ёдгирӣ барои барқарории таомил миёни ёдгиранда ва манобеи ёдгирӣ **мулзим** мебошанд. Аз ин рӯ, бознигарӣ дар шеваҳои суннатии тадрис ва ҷойгузини он бо шеваҳои нав барои таҷҳизи ёдгиранда ба маҳоратҳои шинохтӣ зарурат дорад. Ҳамин тариқ, истифода аз фановарии иттилооту иртиботот барои дастёбӣ ба ҳадафҳои ёдгирии бокайфият барои ҳама иҷтинобнопазир аст.

Қарни XXI қарни доноӣ ва инқилоби иттилоот аст. Иттилоот ба унвони колои роҳбурдӣ, абзори қудрат ва меъёри тавсеаёфтагӣ дар дунёи кунунӣ аст. Омӯзишу парвариш асосан, як низом ва системаи иттилооти бузургест, ки метавонад иттилооти муносиберо барои донишомӯзон ҷамъоварӣ, пардозиш ва мунташир кунад. Агар талоши муносибе барои бакоргирии саҳеҳи фановарии иттилоот ва меҳвар қарор додани он дар барномаи тавсеа анҷом шавад, метавонад ба унвони яке аз бузургтарин манобеи парвариши нерӯи инсонӣ дар фановарии иттилоот матраҳ шавад ва нақши илмӣ ва иқтисодии муҳимеро дар кишвар ва рақобатҳои ҷаҳонӣ ифо кунад. Аз ин дидгоҳ, бузургтарин фурсатро барои рушд ва тавсеаи бунёди ин кишвар фароҳам созад (Ризоӣ, Озармоҳ, 1386, с.32). Шохиси оғози қарни XX1 ба назар мерасад, дигаргунӣ ва таҳаввул бошад, бо пазириши тадриҷӣ истифода аз роёна ва фановариҳои дигар мадорис чандин дараҷа тағйири ҷиҳат додаанд. Ба гуфтаи Алан Коленз, тағйири ҷиҳатҳо шомили мавориди зер аст:  тағйир аз омӯзиши кулли клос ба омӯзиши гурӯҳҳои хурдтар; тағйири равиши муаллим аз суханронӣ кардан ба мураббигарӣ; тағйир аз кор кардани бештар бо донишомӯзони қавӣ дар дарс ба сарфи замони бештар дар кӯмак ба донишомӯзони заиф; тағйир дар ҷиҳати дахолат додани бештари донишомӯзон дар амри ёдгирии худ; тағйир дар ҷиҳати арзишёбӣ бар асоси маҳсул ва боздеҳ; тағйир аз ҳолати рақобат дар дарс ба ҳолати ҳамкорӣ ва мушорикати бештар; тағйир аз ёдгирии иттилоот ва муҳтавои яксон ва ба василаи ҳама донишомӯзон ба ёдгирии матолиби мутафовут ва мутобиқ бо ниёзҳои донишомӯзон ва бо суръатҳои мутафовут; ҳаракат аз тафаккури гуфторӣ ба сӯйи идғоми маводи дидорӣ ҳамроҳ бо тафаккури гуфторӣ.

Нақши ҳаёти фановарии электроникӣ дар омӯзишу парвариш. Ёдгирии электронӣ зодаи чархаи таҳаввулоти сареъ ва рӯ ба густариши фановариҳои нав ба мафҳуми воқеӣ аст. Курси ёдгирии электрониро дорои шаш нишона ба шарҳи зер медонанд:

Ёдгирии электронӣ ба василаи Интернет сурат мегирад, бо ҷадидтарин иттилоот ҳамроҳ аст. Маҷмӯае аз равишҳои омӯзиширо дар бар мегирад (омӯзишҳои маҷозӣ, ҳамкории деҷитолӣ, шабеҳсозӣ ва ғайра) фарогири меҳвар аст ва бо вижагии фардии ӯ таваҷҷуҳ дорад. Интернет фарди меҳвар нест, касратгарост (шомили ҳама мешавад). Ниҳоятан, қобилияти анҷом додани фараяндҳои идорӣ ва мудириятӣ аз қабили: сабти ном, пардохти шаҳрия, назорат бар раванди иҷрои фаъолиятҳои ёдгиранда, тадрис ва иҷрои арзишёбиро аз роҳи дур фароҳам мекунад. Ба таври куллӣ, ёдгирии электроникӣ ба он навъ ёдгирӣ гуфта мешавад, ки дар муҳити шабака ба вуқӯъ мепайвандад ва дар он маҷмӯае аз фановарии чандрасонаӣ, фарорасонавии иртиботот аз роҳи дур ба хидмат гирифта мешавад ва навъи ёдгирист, ки дар муҳити Интернет сурат мегирад ва бо баҳрагирӣ аз фановарии шабака тасҳил (сабукӣ) мешавад (Фазлӣ Ядуллоҳ. рӯзномаи «Офтоб»).

Муҳити ёдгирии электронӣ ҳамеша дастрас аст ва аз ҳар макone қобили истифода аст ва масолеҳи замону сарфи ҳазинаи рафту омадро ҷиҳати омӯзиш ҳал кардааст, чаро ки дар дунёи иттилоотии имрӯз, замон аз аҳамияти фаровоне бархурдор аст ва фард бояд дар кӯтоҳтарин замон ба касби иттилооту дониш мавриди ниёзи худ бипардозад. Бинобар ин, корбурди фановарии иттилооту иртиботот дар амри ёдгирӣ ин фараяндро тасҳил мекунад. Ба далели ин ки дар муҳити ёдгирии электрокӣ, имкони табодили иттилоот ва таомили ёдгирандагон бо ҳам  ва бо ёддиҳанда дар сатҳи болост, ёдгирӣ ҷаззобтар аст ва фард арзиши он чизеро, ки ёд мегирад, медонад, чаро ки мунтабақ бо ниёзҳои иттилоотии ӯст.

*Корбурди фановарии иттилоот метавонад таъсироти мусбати зерро дар робита бо омӯзиши мавзӯоти дарсӣ дошта бошад:*

1. Коҳиши маҳдудиятҳои ёдгирӣ ва тақвияти баробарии фурсатҳо.

2. Имкони тасҳили дастёбии ҳамагон ба фурсатҳои ёдгирӣ бо кайфияти хуб ва бо баҳои муносиб.

3. Имкони аз миён бардошта шудани маҳдудиятҳои ношӣ (сарзананда) аз замони ёдгирӣ (дар тӯли шабонарӯз ва дар ҳама вақтҳои сол), тӯли ёдгирӣ (муддати давраи таҳсилӣ), макони ёдгирӣ (ёдгирии муассир ва созмонёфта дар ҳар ҷо метавонад сурат пазирад) ва фосила миёни фарогир ва манобеи ёдгирӣ, аз ҷумла муаллим.

4. Имкони аз миён бардошта шудани маҳдудиятҳои ношӣ аз ҷинс, нажод, қавмият, мавқеияти иқтисодӣ-иҷтимоии фарогир, ки ҳар як аз онҳо метавонад дар фарояндӣ ёддиҳӣ-ёдгирӣ ихтилол эҷод кунад.

5. Имкони аз миён бардошта шудани қисмате аз маҳдудиятҳои ношӣ аз маълулиятҳои ҷисмӣ ва зеҳнӣ дар фарояндӣ ёдгирӣ.

6. Имкони коҳиши ҳазинавӣ, дастёбӣ ба иттилооти нодир ва мавриди ниёз дар омӯзишҳои тахассусии пажӯҳишҳо.

7. Иртиқои кайфияти ёдгирӣ, иътои масъулияти ёдгирӣ ба худи донишомӯз ва барқарории низоми мунсаҷим ва ҳамоҳангу ҷомеъ барои ироаи хадамоти омӯзишӣ ба донишомӯз, мутаносиб бо ниёзҳои ӯ дар ҳар замону макон, ки ӯ талаб кунад.

8. Бештар шудани саҳми донишомӯз дар фарояндӣ ёдгирӣ ва мушорикати ҳарчи бештари ӯ дар ин замина, ки ба ёдгирӣ дар сутӯҳи болотар меанҷомад.

Аз он чи дар сутӯҳи қаблӣ омадаро метавон ба аҳамияти фановариҳои иртиботӣ дар зиндагии инсони имрӯза пай бурд. Ҳамагона, ки фановарии иттилооту иртиботот дар бисёре аз фарояндҳои кори рӯзмарра, монанди бонкдории электроникӣ, тиҷорати электроникӣ, **почтаи** электронӣ, давлати электронӣ ва монанди инҳо мавриди истифода қарор мегирад. Дар хусуси омӯзишу парвариш низ истифода аз ин фановариҳо амри иҷтинобнопазир аст. Ёдгирии электронӣ намунае аз корбурди технологияҳои нав дар арсаи омӯзишӣ аст.

Ҳазфи маҳдудиятҳои макон, замон ва синни ёдгиранда, ки рӯзгори дастрасии нопазир ба назар мерасиданд, имрӯз, дигар маҳдудиятои бузурге ба назар намерасанд. Аз тарафе, бояд таваҷҷуҳ дошт, ки ба вуҷуд омадани ниёзҳои густурда ва ҷадид дар миёни ҷавомеъ бо идомаи истифода аз равишҳои суннатии низоми омӯзишӣ қобили таъмин нест.

Ёдгирӣ мубтанӣ бар роёна, ёдгирӣ мубтанӣ бар фановарии иттилоотӣ, синфҳои маҷозӣ, китобхонаҳои маҷозӣ ва ғайра роҳро барои пайдоиши шеваҳои навини омӯзиш ҳамвора сохтааст. Дар сутӯҳи мухталифи таҳсилӣ ва дар ҳавзаҳо ва риштаҳои мухталиф метавон аз абзорҳои навини иртиботиву иттилоотӣ, чи ба сурати мустақил ва чи дар канори равишҳои суннатӣ истифода кард. Ин мавзӯъ дар барномаҳои тавсеаи омӯзишии аксар кишварҳои дар ҳоли тавсеа гунҷонда шудааст.

## АДАБИЁТ


1.www.aftab.ir.

2. Аснофӣ А. Нақши фановарии иттилооту иртиботот дар тавсеаи омӯзишу дониш бо таъкид бар нақши китобхонаҳои маҷозӣ /Маҷаллаи электроникӣ, №2, с.2.

3. Зофан Ш. Корбурди фановариҳои ҷадид дар омӯзиш, -Теҳрон: Созмони мутолиа ва тадвини китоби улуми инсонии донишгоҳ. 1383, с.75.

4. Мунтазир Ғ. Омӯзиши маҳоратҳои фановарии иттилоот ва таъсири он бар ёдгирии муассир ва фарогир. -Теҳрон, 1381, №42, с. 176.

5. Ризоӣ Ҳ. Фановарии иттилоот ва нақши ҷадиди муаллимон./ Технологияи омӯзишӣ,1386, №7, с.86.

6. Кармипур М. Мудирияти омӯзишӣ дар асри иттилоот. 1382, №7, с. 45.

7. Райисдоно Ф. Корбурд ва судмандии фановарии иттилоот, 1381, №2, с.16.


## РОЛЬ И ЗНАЧЕНИЕ ИНФОРМАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В ЭЛЕКТРОННОМ ОБУЧЕНИИ


В данной статье автором рассмотрены роль и значение информационных технологий в электронном обучении. В настоящее время все более возрастает роль информационных технологий в образовании, которые обеспечивают всеобщую компьютеризацию учащихся и преподавателей. Повсеместное использование информационных ресурсов, являющихся продуктом интеллектуальной деятельности, определяет необходимость подготовки в подрастающем поколении творчески активного резерва.



**Ключевые слова:** информатизация образования, образовательные технологии, информационно-коммуникационные технологии, электронное обучение.


## THE ROLE AND IMPORTANCE OF INFORMATION TECHNOLOGIES IN E-LEARNING


In the article the author considers the role and importance of information technologies in e-learning. Currently growing role of information technologies in education, which provide universal computerization of students and teachers. The widespread use of information resources are the product of intellectual activity, determines the necessity to train the younger generation creatively active reserve.

**Key words:** information technologies in education, educational technology, information and communication technologies, e-learning.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Самоне Ворис Вазириён*** - соискатель ТГПУ им. Садриддина Айни

# ТАЪСИРИ СТРАТЕГИИ ЁДГИРИИ СОХТОРИ МАФҲУМӢ БАР ПЕШРАФТ ВА ЁДГИРИИ МАЪНОДОРИ ДАРСИ ЗАБОНИ АНГЛИСИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФИ 11

*Мансураи Калҳор*
**Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

Ёдгирӣ ва пешрафти таҳсилӣ ҳамвора мавриди таваҷҷуҳи низомҳои омӯзишӣ будааст. Брунер соҳиби назарияи ёдгирии иктишофӣ муътақид аст, ки назариёти омӯзишӣ бояд ҷавобгӯйи ин савол бошанд, ки чӣ гуна метавон беҳтар ва бештар омӯхт. Дар ин росто равоншиносони тарбиятӣ ҷиҳати ёдгирии беҳтар стратегияҳои ёдгириро матраҳ кардаанд. Ин стратегияҳо шеваҳои ёдгирӣ ва мутолиаи саҳеҳро ба фарогирон меомӯзанд.

Парк (park) (1995) стратегияҳои ёдгириро ба унвони фаъолиятҳои зеҳнӣ, ки мардум ҳангоми мутолиа ба кор мегиранд, то онҳоро дар иктисоб, созмондиҳӣ ва захирасозии дониш кумак намояд, таъриф кардааст.Ин стратегияҳо шомили шиносоии иттилоотии муҳим, ёддошт, хулоса кардан, созмондиҳӣ ва ёдгирии маънодор ҳастанд (Преслей (pressley), 1982, Вейнстейн (weinstein ), 1988).

Яке аз стратегияҳои ҷадиди ёдгирӣ мубтанӣ бар назарияи ёдгирии маънидори Озубел нақшаи мафҳумӣ аст. Аз назари Озубел (Ausubel) (1968) ёдгирии маънодор, яъне рабт додани матолиби ҷадид ба матолиби қаблан омӯхташуда, дар сохти шинохтии фард мебошад. Сохти шинохтӣ маҷмӯае аз усул, мафоҳим ва иттилооти созмонёфтае аст, ки фард қаблан омӯхта ва ба сурати як конуси фарзия аст, ки мафоҳим ва матолиби куллитар дар боло ва мафоҳими ҷузъитар дар поёни он қарор доранд. Агар ёдгиранда матолиби ҷадидро ба матолибе, ки аз пеш дар сохти шинохтиаш вуҷуд дорад иртибот диҳад, ёдгирии ӯ маънодор аст, аммо агар иттилооти ҷадидро бар асари такрор ва тамрин ва бидуни иртибот бо матолиби қаблӣ ёд бигирад, ёдгирии ӯ тӯтивор аст. Яке аз роҳҳои бисёр муассир барои рабт додани матолиби ҷадид ба сохтори шинохтии мавҷуд истифода аз сохтори мафҳумӣ аст (Ирвин (Irvin), 1995).

Сохтори мафҳуми ҷиҳати муқобила бо ёдгирии ғайримаънодор, дар натиҷаи пажӯҳиши Навок ва ҳамкоронаш дар донишгоҳи Карнел барои ёфтани равиши беҳтар дар ироаи дарки мафҳумӣ матраҳ гардид, агарчӣ сохторҳои маҳфумӣ ба унвони обзори омӯзишии қудратманд ба таври густурда ва муваффақиятомез дар заминаҳои мухталифи омӯзиш ба кор рафтаанд (Рудо (Rueda), 2009). Пажӯҳишҳо нишон медиҳанд, ки бештарин истифода дар ҳавзаҳои фаннӣ ва улум будааст, дар ҳавзаи улуми инсонӣ монанди адабиёт, таърих, омӯзиши забони дуввум таваҷҷуҳи камтаре шудааст.

Дар низоми омӯзишии Эрон бо вуҷуди ин ки аз пояи аввали роҳнамоӣ то поёни мактаб дарси забони англисӣ тадрис мешавад, хонандагон ба миқдори каме аз шеваҳои ёдгирии маънидор истифода мекунанд ва натоиҷи имтиҳоноти омӯзишгоҳҳо, имтиҳоноти ниҳоӣ, озмуни саросарии донишгоҳҳо сатҳи поини ёдгирии забони англисӣ ва тавоноии бисёр кам корбурди забони англисиро нишон медиҳад.

Бо вуҷуди ин ки назарияҳо ва таҷрибаҳои пажӯҳишӣ аз нақшаи мафҳумӣ ба унвони як шеваи муассир бар ёдгирии маънодор ҳимоят мекунанд, гомҳои муассире ҷиҳати бакоргирии ин шеваи ёддиҳӣ - ёдгирӣ дар клосҳои дарс бардошта нашудааст. Мо дар ин пажӯҳиш таъсири сохтори мафҳумӣ бар пешрафт ва ёдгирии маънидори забони англисии (ба унвони забони дуввум) хонандагонро баррасӣ мекунем.

**Сохторҳои мафҳумӣ.** Сохторҳои мафҳумӣ абзорҳое барои созмондиҳӣ ва намоиши дониш ҳастанд. Онҳо шомили мафоҳим, маъмулан дохили доира ё чоркунҷа ва иртибот миёни мафоҳим ё гузораҳо (ба василаи хутути пайвандӣ ва иборатҳои пайвандӣ) байни ду мафҳум нишон дода мешавад. Ибораҳои пайвандӣ рӯйи хатҳо навъи иртибот миёни ду мафҳумро мушаххас мекунанд, гузораҳои

шомили ду ё чанд мафҳум, ки бо як калима ба ҳам мутасиланд ва як ҷумлаи маънидорро шакл медиҳанд (Новак (Novak), 2008).

Сохторҳои мафҳумӣ метавонанд ба унвони стратегияи ёдгирӣ (Новак, 2004, Куин (Quinn et all) ва дигарон, 2004), стратегияи тадрис (Марангус (marangos & Allay) ва Эллей, 2007) ва абзори арзишёбӣ ( Новак, 2008, Виллямс (Williams), 2004) ба кор раванд.

Аз сохторҳои мафҳумӣ ба шеваҳои мухталиф дар омӯзиш ва ёдгирӣ истифода мешавад, яке аз шеваҳои аслии истифода аз сохторҳои мафҳумӣ сохти сохторҳои мафҳумӣ тавассути фарогирон аст. Дар ҷараёни тағйир кардани сохтори мафҳуми фарогир матолиби ҷадидро ба мафоҳими ошно дар сохти шинохтиаш изофа карда бо таркиби мафоҳим, эҷоди пайванд миёни мафоҳим ва созмондиҳии силсилаи маротиби онро дар қолаби як тарҳи графикӣ нишон медиҳад, ин фароянд ба ёдгирии маънодор кумак мекунад.

Сохтори мафоҳими обзории қудратманд дар тасҳили ёдгирии маънодор аст. (Новак ва Кенниз (canas), 2006, Коффи (coffy) ва ҳамкорон, 2003). Ба далели ироаи улгӯ ва чорчӯб барои сохт ва созмондиҳии дониш на танҳо боиси бакоргирии дониш дар мавқеиятҳои ҷадид, балки сабаби нигаҳдории тӯлонимуддати дониш мешавад (Новак ва Вандресси (Novak & wandersee), 1991).

Тарсими сохторҳои мафҳумӣ ба унвони стратегияи ёдгирӣ бо фаъол кардани ёдгиранда дар фароянди ёдгирӣ, ҷиҳати ёдгириро аз муаллиммеҳварӣ ба шогирдмеҳварӣ интиқол медиҳад, дар натиҷа муҷиби беҳбуди тавоноиҳо ва шоистагиҳои таҳсилӣ (Лайт (Light), 2004; Питерсон (Peterson & Snyder) ва Снайдер, 1998) ва афзоиши миқдори хонандагон мешавад (Меренигус, 2000).

Истифодаи бисёр муассири дигари сохторҳои мафҳумӣ на фақат ба унвони обзори ёдгирӣ, балки ба унвони обзори арзишёбӣ аст (Новак, 2008; Ребич (Rebich & Gautier) ва Гутер, 2005), онҳо на фақат он чи ёдгирандагон фаҳмидаанд, балки шикофҳо ва холигиҳои дониш (Эбенер (Ebener & et all) ва ҳамкорон, 2006) ва идрокҳои ғалати ёдгиранда (Новак ва Кениз, 2006)-ро нишон медиҳанд.

Тибқи назари Куин (2004) сохторҳои мафҳуми метавонанд ҷойгузини методҳои арзёбии суннатӣ шаванд, онҳо чигунагии дарк ва созмондиҳии донишро дар зеҳни ёдгиранда нишон медиҳанд (Кин Чин (kinchin & Hay) ва Ҳай, 2000). Ин мазияти сохтори мафҳумӣ дар баробари озмунҳо айнӣ марсум аст, ки бештар тавоноиҳои марбут ба ёдоварӣ ва бозшиносии фароянДҳоро андоза мегиранд. Ба шеваҳои мухталиф метавон аз сохторҳои мафҳумӣ барои арзишёбӣ истифода кард, ба унвони мисол хонандагон сохторҳои мафҳумии матолиби тадрисшударо тарсим кунанд ва ё сохторҳои мафҳумии ниматамомро комил кунанд, дар ин пажӯҳиш мо аз ҳар ду равиш барои санҷиши омӯхтаҳои хонандагон истифода кардем.

Пажӯҳишҳо асарбахшии сохторҳои мавҳумиро бар ёдгирии маънидор (Новак, 2003,Трифони (Trifone), 2006), ёддорӣ ва бозёбӣ (Ҳол (Hall & Odanell) ва Оданел, 1996), дарку фаҳм (Кимбер (kimber et all) ва ҳамкорон, 2007), пешрафти таҳсилӣ (Брюсов (Brüssow & Wilkinson) ва Вилкинсон, 2007, Ҳаузер (Hauser et all) ва ҳамкорон, 2006) дарки матолиб ва ёдгирии забони англисӣ ба унвони забони дуввум (Чиёлерут (Chularut & Debaker) ва Дебакер, 2004, Коми (koumy & Salam) ва Салам, 1999, Липсон (Lipson), 1995) нишон додаанд.

Касоне, ки англисӣ забони аввали онҳо нест ниёзманди техникаҳое барои ёдгирии беҳтар, нигаҳдории тӯлонимуддат ва корбурди забон дар мавқеиятҳои ҷадид ҳастанд. Ҳамчунин мураббиён шеваҳои омӯзишеро ҷустуҷӯ мекунанд, ки ба фаъол шудани хонандагон дар фароянди ёдгирии забон ва муваффақияти бештари онҳо кӯмак кунанд. Дар миёни авомили муассир бар ёдгирӣ ва омӯзиши забон стратегияҳои ёддиҳӣ – ёдгирии фаъол нақши муҳими ёдгирӣ доранд, ин стратегияҳо бисёранд. Дар ин пажӯҳиш мо бар сохтори мафҳумӣ тамаркуз кардем.

Ҳадафи ин пажӯҳиш баррасии таъсири роҳбурди сохтори мафҳумӣ бар пешрафти таҳсилӣ ва ёдгирии маънодори дарси забони англисии хонандагони соли ёздаҳуми мактаби шаҳри Караҷ будааст. Фарзияҳои пажӯҳиш иборатанд аз:

1. Истифода аз шеваи сохти сохтори мафҳуме, ки дар пешрафти таҳсили хонандагон таъсир дорад.
2. Сохти сохтори мафҳумӣ дар ёдгирии маънодори хонандагон таъсир дорад.

**Намуна.** 68 хонандаи духтари синфи ёздаҳи мактабу мадрасҳои шаҳри Караҷ, ки соли таҳсили 2010- 2011 машғул ба таҳсил буданд ба равиши намунагирии ҳадафманд интихоб шуданд ва ба сурати тасодуфӣ дар гурӯҳи озмоиш ва назорат

қарор гирифтанд. Риштаи таҳсилии онҳо адабиёт ва улуми инсонӣ буд. Истифода аз равиши намунагирии ҳадафманд ба далели маҳдудиятҳои идорӣ ва осеб ворид накардан ба барномаи оддии омӯзиши расмӣ буд.

### Обзорҳои пажӯҳиш

1. **Маводи омӯзиш.** Дар ин пажӯҳиш китоби дарсии забони англисии 3 ба унвони маводи омӯзишӣ интихоб шуд. Китоби дарсии забони англисии 3 як китоби Reading base аст, ки 65 % матолиби китоб ба хондан ва дарки матолиб ва вожагони ҷадид ихтисос дорад. Китоб аз 6 дарс ташкил шуда, ҳар дарс шомили як матн (reading) дар ҳудуди 6 ё 7 параграф (Pronunciation,Grammar,Language function, vocabulary) мебошад, тамаркузи пажӯҳиш бар reading comperehension буд.

2. **Сохторҳои мафҳумӣ.** Барои ҳар дарс як сохтори мафҳумӣ тавассути пажӯҳишгар ва муаллим ба воситаи нармафзор Cm tools таҳия шуд, сохторҳои мафҳумии мавриди таъйиди як мутахассис дар риштаи забоншиносӣ ва 4 нафар аз коршиносони гурӯҳи омӯзиши забони англисӣ қарор гирифтанд. Сохторҳо аз навъи силсиламаротибе буданд, ки мафоҳими куллитар ва аслӣ дар боло ва мафоҳими хос ва ҷузъӣ дар поён қарор доранд. Ин нақшаҳо ба унвони нақшаи меъёрӣ дар назар гирифта шуданд.

3. **Обзори андозагирӣ.** Барои санҷиши пешрафти таҳсилӣ ва ёдгирии маънодор аз 2 озмуни пешрафти таҳсилии маълумсохта ва милоки марҷаъ истифода шуд. Саволҳои озмун бар асоси табақабандии ҳавзаи шинохтии Блум Bloom (1956) дар сутуҳ (дониш, фаҳм, корбурд, таҳлил, таркиб, арзёбӣ) таҳия шуданд. Саволҳои шомили чаҳор ҷавоби интихобкарданӣ, кӯтоҳпосух, ҷӯркарданӣ ва ташреҳӣ, сохтори мафҳумӣ буданд. Аз саволҳои сохтори мафҳумӣ ва сутуҳ (таҳлил, таркиб, арзёбӣ) барои санҷиши ёдгирии маънидор истифода шуд. Барои таҳияи озмуни пешрафти таҳсил мароҳили зер тай шуд: 1.Таҳияи ҳадафҳои омӯзишии ҳар дарс.2. Таҳияи ҷадвали аҷзои муҳтавои китоб.

Дар ин марҳила саҳми ҳар бахши муҳтаво (Language function, vocabulary, reading, Pronunciation,Grammar), бар асоси замон ва ҳаҷми ихтисосдодашуда дар китоб мушаххас гардид ва саҳми ҳар кадом аз ин бахшҳо дар теъдоди саволҳо таъйин гардид.

**Таҳияи ҷадвали мушаххасот дар ду қисм - ҳадаф ва муҳтаво.** Ҷадвали мураккаб аз ду қисм- ҳадаф ва муҳтаво иборат буд, ки дар радифи ҷадвали бахшҳои ҳар дарс ва дар сутуни сутӯҳи табақабандии шинохти Блум ва дар хонаҳои ҷадвал саҳми ҳар бахш аз рақами кулли озмун қарор дошт. Барои итминон аз равоии муҳтавои озмуни пешрафти таҳсилӣ, саволоти озмуни бар асоси ҷадвали мушахассоти ҳадаф – мӯҳтаво таҳия шуд ва пас аз тарҳи ниҳоии саволот, озмун пешрафти таҳсил тавассути 5 нафар коршиносони гурӯҳи омӯзишии забони англисӣ баррасӣ ва мавриди таъйид қарор гирифт.

**Арзёбии саволот.** Барои арзёбӣ саволҳои озмун тавассути 5 нафар аз коршиносони гурӯҳи омӯзишии забони англисӣ омӯзиш ва парвариш баррасӣ шуд ва ислоҳоти лозим бар асоси назари онҳо анҷом шуд.

Ҳамчунин озмун дар як баррасии муқаддимотӣ бар бо рӯи хонандагони 2 синфхона (40 нафар) иҷро гардид, зариби душворӣ ва тамизи саволҳо ҳисоб шуд ва саволҳои заиф ислоҳ шуданд.

**Тарҳи пажӯҳиш ва равиши иҷро.** Равиши пажӯҳиш як тарҳи ними озмоишӣ (тарҳи гурӯҳи назорати номуодил) бо гурӯҳи озмоиш ва назорат аст. Роҳбурди ёдгирии сохтори мафҳумӣ (мутағайири мустақил), ёдгирии маънодор ва пешрафти таҳсилӣ (мутағайири вобаста) пажӯҳиш дар назар гирифта шуданд, ки аз тариқи як озмуни пешрафти таҳсилӣ мавриди санҷиш қарор гирифтанд. Гурӯҳи озмоиш бо равиши сохтори мафҳумӣ ва гурӯҳи назорат ба шеваи роиҷ (суханронӣ ва пурсиш ва посӯх) омӯзиш диданд. Барои назорат авомили асаргузори хонандагони гурӯҳи контрол ва озмоиш аз назари ҳисоби миёна ҳамгун буданд.

**Равиши иҷро.** Иҷрои пажӯҳиш дар тайи 5 марҳила ба шарҳи зер анҷом шуд:

1. Марҳилаи омодасозӣ: дар ин марҳила фаъолиятҳое чун омӯзиши муаллим, таҳияи тарҳи дарс, таҳияи сохторҳои мафҳумӣ, таҳияи озмуни пешрафти таҳсилӣ, интихоби намуна сурат гирифт. 2. Марҳилаи иҷро дар гурӯҳи сохтори мафҳумӣ.

Омӯзиш ба равиши сохтори мафҳумӣ дар 12 ҷаласа (50 дақиқагӣ) ҳар ду ҳафта як бор дар тӯли як соли таҳсилӣ сурат гирифт. Дар ҷаласаи аввал хонандагон бо сохтори мафҳумӣ, вижагиҳои нақшаи мафҳумӣ, чигунагии тарсими сохтор ва намунаҳое аз сохтори мафҳумӣ ошно шуданд. Дар ҷаласаи дуввум ва сеюм баъд аз тадриси хонандагон ба таври инфиродӣ ва бо роҳнамоии муаллим ва пажӯҳишгар ба

тарсими сохтори мафҳумии матн пардохтанд. Дар ҷаласоти баъдӣ аз онҳо хоста шуд, ки баъд аз тадриси дарс, сохтори мафҳуми матнро ба унвони таклиф бо таваҷҷуҳ ба мароҳили зер тарсим кунанд:

- Интихоби мафҳуми аслии матн (бо кумаки тарҳи як савол, ки матн дар мавриди чӣ мавзӯе аст).
- Таҳияи варақае аз мафоҳими матн ва мураттаб кардани онҳо аз куллӣ ба ҷузъӣ.
- Мушаххас кардани иртибот миёни мафоҳим.
- Иттисоли мафоҳим ба якдигар бо истифода аз хатҳои ҷиҳатдор ё бидуни ҷиҳат.
- Изофа кардани вожа ё иборот рӯи хат барои муаррифии иртибот миёни мафоҳим.
- Созмондиҳии нақша ба сурати силсилаи маротибӣ.

Дар ҷаласоти баъдӣ хонандагон дар манзил сохторҳоро ба унвони таклиф таҳия мекарданд. Раванди иҷро дар ҷаласоти дигар шомили ҷамъоварии сохторҳои донишомӯзон, арзишёбӣ аз омӯхтаҳои қаблӣ бар асоси сохтори мафҳумӣ (2 ё 3 нафар ба аённяти сохтори мафҳум мепардохтанд), баргардондани сохторҳои мафҳуми қаблӣ бо бозхурди шифоҳӣ ва китобӣ ва тадриси мавзӯи ҷадид буд. Ба ҳар сохтори мафҳумӣ 1 рақам (ба унвони бахше аз рақами фаъолиятҳои дарсӣ) ихтисос дода шуда буд.

**Иҷро дар гурӯҳи назорат.** Гурӯҳи назорат ҳамзамон бо гурӯҳи озмоишӣ ҳамон муҳтавои дарсеро дарёфт карданд, ки дар равиши омӯзиши маъмул (суханронӣ ва пурсиш ва посух), буд.

**Марҳилаи арзишёбӣ.** Баъд аз тадриси комили китоб барои санҷиши амалкард ва ёдгирии маънидор хонандагон, ҳар ду клос дар ҷаласаи имтиҳони поёнӣ ширкат карданд ва дар муддати замон 90 дақиқа ба суолоти озмуни пешрафти таҳсилӣ посух доданд.

**Ёфтаҳо.**Барои таҷзия ва таҳлили оморӣ додаҳо ва баррасии фарзияҳои пажӯҳиш аз шохисҳои омори тавсифии миёнгин ва инҳироф ҳамчун меъёр истифода шуданд. Дар иртибот бо фарзияи аввали пажӯҳиш «истифода аз шеваи сохти сохтори мафҳумӣ дар пешрафти таҳсили донишомӯзон таъсир дорад», натоиҷ баёнгарӣ ихтилоф байни рақами кулли озмуни хонандагони гурӯҳи озмоиш ва контрол аст. Ёфтаҳои ҷадвали 1 нишон медиҳанд, ки миёнгини рақами кулли гурӯҳи озмоиш (13/19) нисбат ба гурӯҳи контрол (11/39) болотар аст. Бинобар ин хонандагони гурӯҳи озмоишӣ пешрафти таҳсилии бештаре доштаанд.

**Ҷадвали 1. Муқоисаи миёнгин ва инҳирофи меъёри нумраи озмун дар ду гурӯҳи озмоишӣ ва контрол**

| Инҳирофи меъёр | Миёнгин | Шахсҳои оморӣ / гурӯҳҳо |
|---|---|---|
| 3/50 | 13/19 | Гурӯҳи озмоиш |
| 2/87 | 11/39 | Гурӯҳи контрол |

Дар иртибот бо фарзияи дуввум сохти сохтори мафҳумӣ дар ёдгирии маънодори донишомӯзон таъсир дорад. Натиҷаҳои ҷадвали 2 нишон медиҳад, ки миёнгини микдори хонандагон дар гурӯҳи озмоиш (13/14) бештар аз миёнгини микдори гурӯҳи контрол (6/95) аст. Гурӯҳи озмоишӣ дар сатҳи болоии соҳаи шинохтӣ ( таҳлил, таркиб, арзишёбӣ) тафовути ошкореро нишон додааст. Бинобар ин, сохти нақшаи мафҳумӣ дар ёдгирии маънодор таъсири зиёде доштааст.

**Ҷадвали 2. Муқоисаи миёнгин ва инҳирофи миёнгини рақами сохтори мафҳумӣ ва сатҳи болоии соҳаи шинохтӣ дар гурӯҳҳои озмоишӣ ва контрол**

| инҳирофи меъёр | миёнгин | шахсҳои оморӣ / гурӯҳҳо |
|---|---|---|
| 4/39 | 13/14 | гурӯҳи озмоиш |
| 1/72 | 6/ 95 | гурӯҳи контрол |

**Баҳс ва натиҷагирӣ.** Бакоргирии сохтори мафҳумӣ ба унвони стратегияи ёдгирӣ дар беҳбуди амалкарди таҳсилӣ ва ёдгирии маънодори дарси забони англисии хонандагон бисёр муассир буд. Хонандагони гурӯҳи сохтори мафҳумӣ дар муқоиса бо гурӯҳи контрол дар озмуни пешрафти таҳсилӣ рақами болотаре касб карданд. Замоне ки хонандагон фаъолона дар сохти дониш ширкат мекунанд ва тарғиб мешаванд, идроки худро аз иттилоот ва матолиби омӯзишӣ дар қолаби сохтори

мафҳумӣ нишон диҳанд, амалкарди таҳсилӣ афзоиш меёбад. Натоиҷи ин таҳқиқ бо ёфтаҳои пажӯҳишҳои Баросов (2007), Тарифон (2006) ҳамхонӣ дорад.

Дар иртибот бо таъсири сохти сохтори мафҳумӣ бар ёдгирии маънодор ёфтаҳои пажӯҳиш нишон медиҳад, рақами хонандагони гурӯҳи сохтори мафҳумӣ дар сатҳи болои шинохтӣ (таҳлил, таркиб, арзишёбӣ) бо гурӯҳи контрол тафовути маъноӣ дорад. Ин баёнгари таъсири сохтори мафҳумӣ дар тасҳили ёдгирии маънодор аст. Ёфтаҳои пажӯҳиш бо натоиҷи пажӯҳишҳои Новак (2003), Новак ва Кинз (2006) ҳамхонӣ дорад.

Ёдгирии маънодор, яъне ёдгиранда битавонад иттилоотро созмондиҳӣ кунад ва онҳоро дар чорчӯби дониши мавҷуд ҷазб намояд. Тарсими сохтори мафҳумӣ мусталзам дарки мавзӯъ, ташхиси мафоҳими аслӣ, барқарории пайванд бо мафоҳими пешин, эҷоди пайвандҳои ҷадид ва созмондиҳии матолиб аст, ин фароянд муҷиби ёдгирии маънодор ва бакоргирии амалкардҳои болои сатҳи шинохтӣ мешаванд.

Барои тасаллут ёфтан рӯи мавзӯъ ва мафоҳими матн, иттисоли мафоҳим, хонандагон ниёз ба чандин бор такрори матн ва басти матолиб доранд, ин фароянд сабаби интиқоли иттилоот ба ҳофизаи баландмуддат, нигаҳдорӣ ва ёдоварии беҳтари матолиб мешавад.

Тарсими сохтори мафҳумӣ нақши як шарҳ додан ҳам барои муаллим ва ҳам хонандагон дар шиносоии дониш ва фаҳм нисбат ба мавзӯъ, шиносоии навоқис ва заъфҳои ёдгириро дошт. Ҳамчунин арзишёбӣ омӯхтаҳои хонандагон ба василаи сохтор ва дар назар гирифтани рақам барои тарсими сохтори мафҳумӣ ҳам як ангезаи берунӣ барои шогирдон фароҳам кард ва ҳам онҳо мутаваҷҷеҳи таъсири сохтор кашидан бар фаҳми амиқтари матн, тавоноии ёдгирӣ ва ёдоварии бештари луғоти ҷадид шуданд.

Пажӯҳиши ҳозир таъсири сохторҳои мафҳумӣ, ки бар ёдгирии амиқ ва маънодори дарси забони англисӣ, дастёбӣ ба сатҳи болои шинохтӣ, фаъол шудани ёдгиранда дар фароянди ёдгириро нишон дод, тавсия мешавад. Хонандагон бо бакоргирии сохтори мафҳумӣ метавонанд ёдгирии худро амиқтар ва пойдортар кунанд ва муаллимон бо истифода аз сохтори мафҳумӣ ба унвони стратегии тадрис, таклифи ёдгирӣ, абзори арзишёбӣ, ёдгирӣ ва пешрафти таҳсилии хонандагонро беҳбуд бахшанд.

## АДАБИЁТ


1. Ausubel, D. P. (1968). Educational Psychology: A Cognitive View. New York: Holt,Rinehart and Winston.
2. Brüssow, S.M.& Wilkinson, A.C.(2007). Generative Learning and assessment Strategies:An Investigation into Concept-mapping. Assessment design for learner responsibility 29-31 May http://www.reap.ac.uk
3. Chularut, P. & DeBacker, T.K. (2004) The influence of concept-mapping on achievement,self-regulation, and self-efficacy in students of English as a second language.Contemporary Educational Psychology 29(3), 248-264.
4. Hall, R. & O'Donnell, A. (1996). Cognitive and affective outcomes of learning from knowledge maps. Contemporary Educational Psychology, 94-101.
5. Irvine, L. (1995). Can concept mapping be used to promote meaningful learningin nurse education? Journal of Advanced Nursing, 21(6), 1175−1179.Journal of Research on Computing in Education, 25(4), 435–456.
6. Kimber,k , Pillay, H , Richards, C (2007) Technoliteracy and learning: An analysis of the quality of knowledge in electronic representations of understanding . Computers & Education 48 59–79


## ВЛИЯНИЕ КОНЦЕПЦИИ СОПОСТАВЛЕНИЯ КАК СТРАТЕГИИ ОБУЧЕНИЯ НА ДОСТИЖЕНИЕ И ОСМЫСЛЕННОЕ ИЗУЧЕНИЕ АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА В ОДИННАДЦАТОМ КЛАССЕ


Это исследование посвящено изучению влияния концепции сопоставления как стратегии обучения на достижение и осмысленное изучение английского языка в одиннадцатом классе средней школы. Были отобраны 68 учащихся-девушек и распределены в экспериментальные и контрольные группы. Данные показывают, что концепции стратегии сопоставления оказывает положительное влияние на успеваемость и содержательное обучение учащихся в изучении английского языка.



**Ключевые слова:** изучение английского языка, концепция сопосталения, стратегия обучения, успеваемость, обучение.


## THE INFLUENCE OF CONCEPT MAPPING AS A LEARNING STRATEGY ON ACHIEVEMENT AND MEANINGFUL LEARNING OF ENGLISH LANGUAGE IN ELEVEN GRADES OF HIGH SCHOOL STUDENTS


This study investigates the effect of concept mapping as a learning strategy on achievement and meaningful learning of English language in eleventh grade of high school students .68 girl students were randomly assigned to experimental and control group .The findings show that concept mapping strategy has a positive effect on achievement and meaningful learning in students of English languag.



**Key words:** English, concept mapping, training strategy, success, training.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Мансура Калхор*** – соискатель Академии образования Таджикистана

# ТАЪРИХЧАИ СТАНДАРТСОЗӢ ДАР ЭРОН

*Суҳайло Аббосиён*
**Пажӯҳишгоҳи улуми инсонии АИ ҶТ**

Қарни XXI бистари таҳаввулоти бешумор дар таърихи ҳаёти башар аст. Шитоби фазояндаи тағйир, тавсеаи илму технология, печидагӣ ва суръати васоили иртиботӣ, рақобати ҷаҳонии идеологияҳо, ҷаҳонӣ шудани фарҳанг ва иқтисод, ситези арзишҳо, рушди ҷамъият ва шитоби физоянда дар масрафи манобеъи табиӣ ҳама бар нақши манобеъи инсонӣ дар бистари тавсеаи пойдор дар абъоди иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ таъкид доранд. Аз он ҷо, ки омӯзиш яке аз коромадтарин абзор барои иртиқои кайфият ва шоистагии инсонҳост, низомҳои сиёсӣ, ҷомеа ва мутақозиёни омӯзишу парвариш интизор доранд низоми омӯзишӣ инсонҳоеро тарбият намояд, ки битавонанд бо таваҷҷуҳ ба унсури замону макон ба унвони як инсони офаринанда аз уҳдаи интизороти низоми ҷомеъ (ҳукумат), низоми муҷрӣ (омӯзишу парвариш) ва ҷомеаи мутақозии омӯзишу парвариш бароянд.

Аз он ҷо, ки созмони мадраса муҷрии барномаҳои омӯзишӣ ва дарсии низоми омӯзиш аст, соҳибназарони омӯзишу парвариш умуман бар ин ақида ҳастанд, ки кайфияти мудирияти фаъолиятҳои омӯзишӣ муҳимтарин шохиси сатҳи кифоят ва асарбахшии кулли барномаҳои омӯзишӣ аст, зеро мудирият бо нақши таъйинкунанда ва муассире, ки дар амри ҳидоят ва раҳбарии фарояндҳои омӯзишу парвариш дар ҷиҳати ҳадафҳои он дорад, билқувва метавонад ҳам мӯҷиби пешрафти он гардад ва ҳам мӯҷиби азҳампошидагии он (Некномӣ, 1377, с. 4-5). Дар ҳақиқат мадраса ба унвони аввалин иҷтимои расмӣ ва қонунманд бояд тавассути мудироне идора шавад, ки маҳоратҳои фаннӣ, инсонӣ ва идрокии лозимро ҷиҳати посухгӯйӣ ба интизороти фард, ҷомеа ва давлат дошта бошанд. Бо инобат ба ин ки давраи роҳнамоии таҳсилӣ бино ба далоиле чун вижагиҳои шинохтӣ, отифии равонӣ ва иҷтимоии донишомӯзон ва зарурати таваҷҷуҳ ба истеъдодҳо ва ангезаҳои онон ва лузуми эҷоди заминаи муносиб барои ошноии донишомӯзон бо риштаҳо ва шохаҳои таҳсилии давраи мутавассита ҷойгоҳи муҳиме дар фарояндҳи омӯзиши умумии кишвар доранд, ин суол матраҳ мешавад, ки мудирони омӯзишии давраи роҳнамоӣ ҷӣ вежагиҳо, маҳоратҳо ва тавоноиҳое барои анҷоми вазоифи мудириятӣ бояд дошта бошанд, то бар асоси он меъёрҳо битавон нисбат ба тавдини стандартҳои амалкарди мудирони омӯзиш иқдом намуд.

Бо таваҷҷуҳ ба мавориди боло пажӯҳишгар бар он аст, ки бо таваҷҷуҳ ба мутолиоти анҷомгирифта дар заминаи стандартсозии амалкарди манобеи инсонӣ улгӯе ҷиҳати тадвини стандартҳои амалкарди мудирони омӯзишии давраи роҳнамоӣ тарроҳӣ ва ироа намояд.

Нахустин осори боқимонда аз стандарт дар Эрон марбут ба даврони ҳукумати Дорюши Ҳахоманишӣ аст, ки барои аввалин бор дар таърих вазнаҳое бо вазни собит сохта ва бар рӯйи онҳо вазни ҳар як ба се забон навишта шуда буд. Ин вазнаҳо дар саросари императории азими Ҳахоманишӣ тавзеъ гардид то шаҳрбонҳо битавонанд вазнаҳои тиҷориро аз назари диққат контрол намоянд ва монеъ аз камфурӯшӣ шаванд дар даврони ислом низ контроли авзонӣ ва микёсҳо ба уҳдаи муҳтасибон ва девони муҳосиб ва дар баъзе маворид ба уҳдаи қазоват ва девони қазоӣ (додгустарӣ) ва ҳатто гоҳе ба уҳдаи шарта (шаҳрбонӣ) будааст (Ханифар, 1382, с. 16).

Таваҷҷуҳ ба мавзӯи стандарт дар Эрон дар соли 1304 бо тавсиби Қонуни авзон ва микёсҳо матраҳ шуд. То соли 1332 ба хотири таваҷҷӯҳ ба вижагии колоҳо ва тавлидот ба стандартҳо рӯй меоваранд, то ин ки идораи кайфияти колоҳои содиротӣ ва воридотӣ эҷод мешавад ва дар соли 1339 Қонуни таъсиси муассисаи стандартии Эрон шакл мегирад ва стандартҳои матраҳшуда то соли 1343 ба сурати стандартҳои озмоишӣ мавриди истифода қарор мегирад. Дар соли 1344 асосномаи муассисаи таҳқиқоти санъатӣ шакл гирифта ва пас аз талош дар ҷиҳати ниҳодинасозии фарҳанги стандарт ва стандартсозӣ аввалин чизе, ки стандарт мешавад, колоҳои содиротии кишоварзӣ будааст.

Дар соли 1345 аломати стандарт аввалин бор шакл гирифта ва ду коло, яке кошӣ ва дигаре бисквит, нишони стандартро дарёфт мекунанд. Аз соли 1357 то 1368

баҳсҳои стандартсозӣ тадовум меёбад, вале ба лиҳози равнақи саноеъи сангин ва худравсозӣ миқдоре мутамоиз мегардад.

Дар поёни соли 1367, баъд аз ҷанги таҳмилӣ, ки даврони пешрафти санъат ва монтаж буд, таҳаввуле мушоҳида нашуд, то ин ки дар соли 1371 муассисаи стандарти таҳқиқоти санъатии Эрон тавассути Маҷлиси Шӯрои Исломӣ тасвиб ва таъсис шуд.

**Таъорифи стандарт.** Вожаи стандарт дар забони англисӣ ба маънои мутааддаде ба кор меравад. Маънии аслӣ ва бостонии он ба маънии парчам ва ё алам аст, ки лашкариён дар перомуни он гирд меомаданд ва маънии имрӯзии ин вожа миқёсест, ки барои андозагирии як воҳиди корӣ ва дар санъату озмоиш securityнаҳо, андозаҳо ва паймонаҳо ба кор меравад. Дар зер ба чанд таъриф аз стандарт ишора мешавад:

1. Амали танзим ва ба кор бастани қавоиде, ки бар асоси натоиҷи устувори улум, фунун ва таҷриба дар риштаҳое аз фаъолиятҳои гурӯҳӣ ба манзури эҷоди ҳамоҳангӣ ва ваҳдат, тавсеаи тафоҳум, тасҳили иртиботот, сарфаҷӯйӣ дар иқтисоди миллӣ, ҳифзи саломат ва имоне умумӣ ва густариши мубодилоти бозаргонии дохилӣ ва хориҷӣ анҷом мегирад (Маъсумӣ, 1380, с. 6).

2. Стандарт (меъёр) сатҳи матлуби нишонгариҳоест, ки кайфияти милокро мушаххас мекунад. Таъйини стандартҳо ҳаммонанди милокҳо амри қазоватӣ аст (Windham & Chapman, 1990. P. 23).

3. Стандарти сатҳӣ аз кайфият аст, ки аз ҷониби оммаи мардум қобили қабул дониста шудааст (Куҳансол, 1379, с. 21).

4. Стандарт низоме аст мубтанӣ бар натоиҷи улум ва фунуну таҷоруби башарӣ, стандарт, яъне қонун, қоида, асл, завобита ва ба таври куллӣ ҳар амре, ки тибқи усули муназзам ва мураттабе анҷом гирад. Стандарт табаллури огоҳӣ ва озмоиши гузашта аст (Маддоҳ, 1381, с. 6).

5. Таърифи созмони байналмилалии стандарт (ISO): стандарт мадраке аст дарбаргирандаи қавоид, роҳнамоиҳо ё вижагиҳо барои фаъолиятҳо ва натоиҷи онҳо ба манзури истифодаи умумӣ ва мукаррар, ки аз тариқи ҳамроҳӣ фароҳам ва ба василаи созмони сохташудае тасвиб шуда бошад ва ҳадаф аз он дастёбӣ ба мизони матлуб аз низом дар як заминаи хос аст (Ягона, 1379, с. 13).

**Таъорифи стандартсозӣ (Standardization).** Стандарт кардан [стандартсозӣ] амали эҷоди муқаррароте аст, барои истифодаи умумӣ ва муқаррар бо таваҷҷуҳ ба мушкилоти билфеъл ва билқувва, ки ҳадаф аз он дастёбӣ ба мизони матлубе аз назм дар як заминаи хос аст (Ягона, 1379, с. 13). Ба баёни дигар, стандартсозӣ иборат аст аз фароянди лозим барои эҷод ва бакоргирии қавонин ва муқарраротi муносиб ба манзури ба назму тартиб даровардани фаъолиятҳои фановаронаи созмонҳо ва марокиз бо ҳадафи расидан ба кайфияти болотари маҳсулоту хадамот (Маъсумӣ, 1380, с. 6).

Барои расидан ба ин мақсад стандартҳо ба масобаи ибрози кор ва стандартсозӣ пули иртиботӣ байни стандарт ва кайфият дар назар гирифта мешавад.

Он гуна, ки баррасиҳо нишон медиҳанд, стандартсозӣ бештар дар масоили моддӣ ва физикӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифааст. Дар ин миён ба фаъолиятҳои андаке бармехӯрем, ки дар онҳо саъй шудааст то масоили маънавиро низ дар фароянди стандартсозӣ қарор диҳанд. Аз ҷумла, дар баъзе кишварҳо саъй шудааст то аз тариқи фарҳангсозӣ ё улгӯсозӣ одоб ва русуми иҷтимоии хосро ҷо бияндозанд, ки ба василаи он дар вақт ва энергия сарфаҷӯӣ шавад (Маддоҳ, 1381, с. 6).

**Систамаи стандартсозӣ (Standardization System).** Бо истифода аз нигариши системӣ, агар стандарт карданро ба унвони як система дар иртибот бо соири системаҳое, ки ба навъе бо мо дар иртибот ҳастанд, дар назар бигирем, метавон гуфт, ки ин система тамоми системаҳои дигаррро таҳти пӯшиш қарор медиҳад ба далели ин ки система дар тамоми системаҳои дигар дохил шуда ва дарвоқеъ сохтори асосӣ ва хусусиёти онҳоро таъмин мекунад. Ин иртибот дар шакли шумори 8 намоиш дода шудааст.Дар қисмати поёнии доираҳо намунаҳое аз стандарт кардан дар ҳар яке аз системаҳои марбута ироа гардида, дар системаи омӯзишу парвариш фароянди стандартсозӣ метавонад дар ду ҳавза: «меъёрҳои амалкарди нерӯи инсонӣ» ва «кайфияти фаройндҳои ёддиҳӣ ва ёдгирӣ» (чигунагии иҷрои барномаҳои дарсӣ) анҷом шавад, ки ин ду ҳавза дар ҷойи худ мавриди баҳс қарор хоҳад гирифт.




**Шакли 8. Иртиботи системаи стандартсозӣ бо соири системаҳо**

Ба таври куллӣ системаҳои стандартсозӣ аз назари мафҳумӣ ва корбурдӣ умуман дорои чаҳор рукни асосӣ мебошанд.

Стандарт кардан замоне ҷанбаи амалӣ хоҳад дошт, ки бо таҳқиқ ва тавсеа ҳамгом бошад. Шинохти фалсафаи стандартсозӣ дар канори арзёбии авомили дигаре аз қабили теорияҳо, таҷрибиёт, ҷанбаҳои иҷроӣ ва тарвиҷ, имконот, равишҳо ва дониши фаннии мавҷуди масоили иқтисодӣ ва назоири он, аз ҷумла имконоти муҳим дар ин замина аст. Бархе аз мабоҳисе, ки тахти пушиши фароянди таҳқиқ ва тавсеа қарор мегирад, иборатанд аз: усули асосӣ ва фалсафаи стандарт кардан; андозагирии поя ва корбурдҳои он; тавсеа ва такомули равишҳои озмун ва маводи марҷаъи стандарт (Standard Reference Materials); таъйин ва тасҳеҳи додаҳои марҷаъи стандарт (Standard Reference Date); услуб ва равишҳои иҷроии тадвини стандарт; арзёбӣ ва такомули стандартҳои мавҷуд ва тадвини стандартҳои ҷадид; баррасии таҳаввули иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва назоири он дар асари стандарт кардан.

Тадвини стандарт - ҳар чизе дар ҳитаи фикру амали инсон, қобили стандарт кардан аст. Хоҳ маснуоти дасти башар ё махлуқоти фикри ӯ ва ҳатто аъмол ва рафтор. Стандартҳо бо мавзӯоти мухталиф дар заминаҳо ва сутуҳи мутафовут таҳия мешаванд. Иртибот байни ҷанба, ришта ва сатҳи стандарт дар намудоре мавсум ба фазои стандарт намоиш дода шудааст.

## АДАБИЁТ

1. Равнақ, Юсуф. Мутолиаи кор ва стандарти шуғл. – Теҳрон: Интишороти маркази омӯзиши мудирияти давлатӣ, 1380.
2. Саъодатманд, Заҳра ва Гударзӣ, Акрам. Стандартсозии низоми омӯзишу парвариш бар асоси илзомоти ИСО 9000-2000. Чакидаи мақолоти ҳамоиши стандарт ва стандартсозӣ дар омӯзишу парвариш. – Теҳрон: Вазорати омӯзишу парвариш, дафтари беҳбуди кайфият ва роҳбарии стандартҳо, 1382.
3. Султонӣ, Эраҷ. Мудирияти амалкарди бистарсозии парвариши манобеи инсонӣ. – Теҳрон: Интишороти «Аркон», 1381.
4. Сулаймонӣ, Қурбоналӣ ва Гардезӣ Акрам. Мабонии пиёдасозии TQM ва стандартсозии муҳити кор дар созмонҳои омӯзишӣ. Чакидаи мақолоти аввалин ҳамоиши стандарт ва стандартсозӣ дар омӯзишу парвариш. – Теҳрон: Вазорати омӯзишу парвариш, Дафтари беҳбуди кайфият ва роҳбарии стандартҳо, 1382.
5. Сайид Ҷаводин, Саидризо. Мудирияти манобеъи инсонӣ ва умури коркунон. – Теҳрон, 1381.
6. Шукуҳӣ Ғуломҳусейн. Таълиму тарбият ва мароҳили он. Ҷилди аввал. – Машҳад: Интишороти «Самт», 1366.
7. Софӣ, Аҳмад. Созмон ва қавонини омӯзишу парвариш. – Теҳрон: Интишороти «Арсборон», 1379.
8. Софӣ, Аҳмад. Созмон ва қавонини омӯзишу парвариш. – Теҳрон: Интишороти «Арсборон», 1380.

## ПРЕДЫСТОРИЯ СТАНДАРТИЗАЦИИ В ИРАНЕ

Стандартизация - установление и применение правил с целью упорядочения деятельности в определённой области на пользу и при участии всех заинтересованных сторон, в частности, для достижения всеобщей оптимальной экономии при соблюдении функциональных условий и требований техники безопасности". Стандартизация во многом не только определяет достигнутый уровень производства, но и является одним из стимулов прогресса образования, науки и техники. В данной статье автором рассматривается предыстория стандартизации в Исламской Республике Иран.

**Ключевые слова:** стандартизация, образовательные стандарты, объекты стандартизации, требования, методы, термины, темпы развития, достижения науки и техники, образование.

**BACKGROUND STANDARDIZATION IN IRAN**

Standardization - the establishment and implementation of rules in order to streamline activities in a particular region for the benefit and with the participation of all stakeholders, in particular, achieving optimum savings, subject to the functional environment and safety". Standardization in many ways not only determines the reached level of production, but is one of the stimuli for further development of education, science and technology. In this article the author examines the background of standardization in the Islamic Republic of Iran.

**Key words:** standardization, educational standards, objects of standardization, standards, methods, terms, and rates of development, science and technology, education

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Сухайло Аббосиён*** – соискатель Института гуманитарных наук АН РТ

# АҲАМИЯТИ ЁРИРАСОНИИ ЗУДРАСИ ДАВРАИ КӮДАКӢ

***Руъё Ёвариён***

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Ба таври суннатӣ вазифаҳои марбут ба тарбият ва таҳаввули кӯдакон ба волидайн ва хонавода вогузор мешудааст бидуни ин ки ба таври расмӣ аз имконоти берун аз хонавода истифода шавад. Бо пешрафти технология дар ҷомеаи амрикоӣ дар қарни 19 ва афзоиши муҳоҷирати хонаводаҳо ба шаҳрҳо ёрирасонии зудраси давраи кӯдакӣ ба манзури фароҳам овардани фурсатҳои барои кӯдаконе, ки ба иллати шароити хонаводагӣ дар марази хатари мушкилоти таҳаввулӣ қарор доштанд, матраҳ шуд. Имрӯза ёрирасонии зудраси давраи кӯдакӣ умдатан мутамарказ мешавад ва кӯдаконе, ки тасаввур мешавад нисбат ба оқибатҳои заиф дар зиндагии баъдӣ нуфузпазирии бештаре доранд. Дар ин росто пажӯҳишгароне, ки дар заминаи таҳаввули кӯдак кор мекунанд, омилҳои хатароварерo, ки дар эҷоди мушкилоти баъдӣ метавонанд накш дошта бошанд, фарзияозмоӣ ва мушаххас кардаанд.

Ҳофман, Меҳ Лингер ва Кривон дар соли 2001 3 даста аз ин омилҳои хатароварро муайян карданд: 1.Нишондодҳои собит; 2. Нишондодҳои тағйирёбанда. 3. Омилҳои хатаровари сабабӣ.

Нишондодҳои собит наметавонанд тағйир кунанд, вале нишондодҳои тағйирёбандаро метавон тағйир дод, вале мавқеъе, ки тағйир карданд, эҳтимоли оқибатҳои баъдиро тағйир намедиҳанд ва бар ин асос нишондодҳои собит ва тағйирёбанда ҳадафҳои муносибе барои ёрирасонӣ намебошанд.

Ҳофман, Меҳ Лингер ва Кривон дар соли 2001 изҳор карданд, ки агарчи ёрирасонӣ дар нишондодҳои собит ва тағйирёбанда (мисли вазни ками мавқеи таваллуд, мавқеияти иҷтимоӣ ва иқтисодии поён, сохт ва таркиби хонавода) метавонад барои кӯдакон манофее ба дунбол дошта бошанд, вале барномаҳои ёрирасон бояд дар ҷиҳати ислоҳи омилҳои хатаровари сабабовар қобили тағйир мисли равишҳои фарзандпарварӣ, нуқсҳои зеҳнӣ ва мушкилоти рафторӣ таъкид намоянд, чунки тағйири ин омилҳои хатаровар боиси эҷоди оқибатҳои матлуб мешавад.

Шоҳидҳое вучуд дорад, ки ёдгириҳои даврони аввалии кӯдакӣ бар рӯйи ҳам ҷамъ мешаванд ва касбии маҳоратҳои асосӣ дар ин давра барои ёдгирии дигар маҳоратҳо дар мактаб зарурӣ мебошанд. Бинобар ин дар мавриди кӯдаконе, ки дар марази хатар қарор доранд, ёрирасониҳо ҳар чи зудтар шурӯъ шавад, онҳоро барои ворид шудан ба мактаб омода хоҳад кард ва асароти ин ёрирасонӣ дар амалкарди таҳсилӣ ва сипас оқибатҳои иқтисодии онро дар давраи бузургсолӣ мушоҳида хоҳем кард. Пажӯҳишҳое, ки дар робита бо таҳаввули мағз дар кӯдакони хурдсол анҷом шуда ва ҳамчунин иддае вуҷуди давраҳои сарнавиштсоз дар рушд ва таҳаввул низ аз асароти ёрирасониҳои зудраси давраи кӯдакӣ ҳимоят мекунанд ва ҳамчунин шоҳидҳое вуҷуд доранд, ки ёрирасонии зудраси давраи кӯдакиро ба иллати пешгирӣ аз мушкилоти рафтории баъдӣ, ки ниёз ба дармон доранд, манфиатҳои иқтисодӣ ва молӣ ба дунбол дорад.

<u>Равишҳо дар ёрирасонии зудраси давраи кӯдакӣ.</u> Ба таври маъмул ду равиши мулоқот дар манзил ва омӯзиши томактабӣ шинохта ва баррасӣ шудааст. Равиши омӯзиши томактабӣ ба унвони як барномаи ёрирасони омӯзишӣ ба кӯдакони

3-4 сола кӯмак мекунад, то саводи хондан ва навиштан ва маҳоратҳои пешриёзии лозим барои ворид шудан ба кӯдакистонро касб карда ва ба таври ҳамзамон битавонанд дӯстиҳоро шакл дода бо дигарон ҳамроҳ шаванд ва рафторҳои худро назорат намоянд ва рафторҳои ахлоқӣ ва ҳаяҷонии муносибро тавсия диҳанд, ки ин маҳоратҳо ёдгириҳои баъдиро осон мекунанд дар ҳоле, ки равиши омӯзиши томактабӣ комилан бар кӯдак мутамарказ аст, равиши мулоқот дар манзил ба монанди як дидгоҳи дунаслӣ дар назар гирифта мешавад, ки дар он мутахассисони касбӣ ба волидайн кӯмак мекунанд ва ба онҳо омӯзиш медиҳанд то волидайн дар иҷрои барномаҳои ёрирасонии зудрас аз онҳо ҳимоят кунанд.

Дар равиши мулоқот дар манзил ба кӯдакон ва хонаводаҳои онҳо моҳиятан дар манзилашон хидматрасонӣ сурат мегирад. Дар ҳоле ки дар барномаҳои дигар дар муҳитҳои хориҷ аз муҳити хона монанди марказҳои муроқибат аз кӯдак, марказҳои пизишкӣ, мактаб ва ғ. хидматрасонӣ сурат мегирад, шаклҳои таркибии марбут ба ёрирасонии зудрас шомили барномаҳои хориҷ аз муҳити хона ва як ҷузъи мулоқот дар дар манзил мебошанд.

Имрӯза барномаҳои ёрирасонии зудраси даврони кӯдакӣ ба унвони як дидгоҳи навидбахш ба манзури беҳбуд ва афзоиши эҳсоси хуб будан дар кӯдакон ва хонаводаҳои ширкаткунанда ва коҳиши ниёзи онҳо ба хадамоти иҷтимоӣ дар тӯли давраи зиндагӣ бозшинохта шудааст. Ёрирасонии зудраси давраи кӯдакӣ ба монанди як сармоягузорӣ тавсиф мешавад ва барномарезон матраҳ кардаанд, ки ин ёрирасонӣ харҷашро худаш пардохт мекунад.

Агарчи мантиқи ёрирасонии зудраси давраи кӯдакӣ қобили қабул аст, вале ин суол матраҳ аст, ки оё шоҳидҳои далолаткунанда бар асароти матлуби ин ёрирасонӣ вуҷуд доранд ва агар чунин аст, мизони таъсири ин ёрирасонӣ дар ширкаткунандагон чӣ қадар аст. Ба илова, барномаҳои ёрирасонии зудраси давраи кӯдакӣ дар шаклҳои мухталиф хидматрасонӣ мекунанд.

Дар ин қисмат мо шоҳидҳои ба дастомада аз 20 барномаи ёрирасонии зудрасро, ки дар давраи кӯдакӣ сурат гирифтааст, тарсим мекунем. Ин шоҳидҳо шомили оқибатҳои ба дастомада дар давраи мадраса ва бузургсолӣ мебошад.

Ҳамон тавр, ки қаблан низ зикр кардем, ҳадафи бештари барномаҳои ёрирасонии зудраси давраи кӯдакӣ беҳбуди таҳаввули кӯдак аст. Бинобар ин санҷиши мизони муваффақияти барномаҳо бояд бар ин асос бошад, ки оё натиҷаҳои санҷишҳои марбут ба таҳаввул дар кӯдакони ширкаткунанда дар барнома беҳтар аз кӯдакони гурӯҳи назоратӣ аст ва ин ки оё ин асарот дар солҳои баъдӣ идома хоҳад ёфт. Санҷишҳои марбут ба таҳаввул дар сини кӯдакистон то 12 солагӣ дар ҳавзаҳои зер анҷом мешавад:

1. Таҳаввули зеҳнӣ, ки шомили баҳои марбут ба тестҳои ҳушӣ ва пешрафт мебошад.
2. Таҳаввули ҳаяҷонӣ ва рафторӣ, шомили баҳои ҳосил аз санҷиши салоҳият ва кифояти ахлоқӣ ва мушкилоти рафторӣ мебошад.
3. Оқибатҳои омӯзишӣ шомили истифода аз омӯзишҳои вижа, ҳифзи пояи дарсӣ ва такмили таҳсилот.
4. Бадрафторӣ бо кӯдак, ки шомили мавориди аз сӯйи рафтор бо кӯдак аст.
5. Масоили марбут ба саломатӣ мисли ҷароҳатҳо , муроҷиа ба бемориҷтон ва мавридҳои дигар.
6. Ҷурм монанди амалҳои хилофи давраи навҷавонӣ ва дастгиршуданҳо.

Ҳадди ақал дар 70 дар сади барномаҳое, ки оқибатҳоро дар яке аз ин ҳавзаҳо санҷидаанд, асароти маънидори оморӣ мушоҳида шудааст. Бештари барномаҳои ёрирасонии зудраси давраи кӯдакӣ оқибатҳои марбут ба ҳавзаи таҳаввули зеҳниро арзёбӣ кардаанд, баъзе аз ин барномаҳо оқибатҳои марбут ба таҳаввули ҳаяҷонӣ ва рафториро санҷида ва баъзеи дигар оқибатҳои омӯзиширо мавриди арзёбӣ қарор додаанд. Теъдоди ками аз ин барномаҳо ба арзёбии оқибатҳои марбут ба саломатӣ, ҷурм ва бадрафторӣ бо кӯдак пардохтаанд.

Натиҷаҳои аксари арзёбиҳо баёнкунандаи ин амр аст, ки ин барномаҳо асароти матлуб ба маънидор бар таҳаввули зеҳнӣ ё ҳаяҷонӣ – рафторӣ доштаанд. Фаровонтарин санҷишҳои марбут ба оқибатҳои таҳаввул шомили баҳои тестҳои ҳушӣ ва тестҳои пешрафт, салоҳият ва кифояти ахлоқӣ ва мушкилоти рафторӣ будааст. Аз барномаҳое, ки амалкарди омӯзишии ширкаткунандагонро мавриди арзёбӣ карор додаанд, бештари онҳо асароти матлуберо мушоҳида кардаанд.

Билохира арзёбиҳое, ки дар ҳавзаҳои дигар анҷом шудааст, оқибатҳои матлубро гузориш кардаанд.

Аз 20 мутолиаи марбут ба ёрирасонии зудрас дар давраи кӯдакӣ фақат дар 5 мутолиа ширкаткунандагонро ба муддати кофӣ пайгирӣ кардаанд, ки битавон дар мавриди оқибатҳои тӯлонӣ онҳо матолиберо ироа дод. Ин оқибатҳо дар 4 ҳавза баррасӣ шудаанд: 1.Пешрафтҳои омӯзишӣ. 2. Шуғл ва даромад. 3.Истифода аз хадамти иҷтимоӣ. 4.Ҷурмҳо.

Оқибатҳо дар ин 4 ҳавза аз сини 18 то 40 солагӣ арзёбӣ шудаанд. Ҳар яке аз барномаҳое ки оқибатҳоро дар ин 4 ҳавза мавриди арзёбӣ қарор доданд асароти матлуб ва маънидорро мушоҳида карданд.

Ҳадди ақал дар ду аз се барномае, ки оқибатҳоро арзёбӣ кардаанд дар тамоми ҳавзаҳо ба ҷуз истифода аз хадамоти иҷтимоӣ асароти матлуб ва маънидор мушоҳида шуд. Дар ҳоле ки дар як аз  ду барномае, ки мизони истифода аз хадамоти иҷтимоиро мавриди арзёбӣ қарор доданд, асари маънидор мушоҳида шуд. Аз кули 5 барномае, ки ширкаткунандагонро ба муддати кофӣ пайгирӣ карда буданд, фақат дар яке аз онҳо асароти маънидор дар муддати тӯлонӣ мушоҳида нашуд ва ин барнома камтарин теъдоди намунаро мавриди баррасӣ қарор дода буд. Яке аз асароти пойдори 4 барномаи дигар ин буд, ки мизони фориғи таҳсил шудан аз мактаб ва рафтан ба донишгоҳ дар афроди ширкаткунанда дар барномаҳо афзоиш ёфта буд. Дар робита ба шуғл ва даромад натиҷаҳо шомили мизонҳои болотари шуғл доштан, доштани шуғлҳои тахассусӣ ва даромадҳои болотар буд.

Барномаи томактабӣ коҳиши пойдоре дар истифода аз хадамоти иҷтимоиро мушоҳида кард ва билохира дар се барномае, ки оқибатҳои марбут ба мизони ҷурмҳоро аз тариқи иртибот бо марказҳои додгустарӣ баррасӣ карда буданд, асароти матлуб  мушоҳида шуд.

## АДАБИЁТ


1. Пиёжа Жон Тарбият раҳ ба куҷо месипарад. Тарҷумаи Маҳмуди Мансур. Парерх додситон. Теҳрон, Интишороти Донишгоҳи Теҳрон. Чопи дуввум, 1369. саҳ. 92-101.
2. Кортлеҷ Ҷ. Милерн Ҷ. Ф. Омӯзиши маҳоратҳои иҷтимоӣ ба кӯдакон. Тарҷумаи Муҳамммадҳусайни Назарии Нажод. Теҳрон, Интишороти Остони Қудси Разавӣ Чопи савум, 1370. саҳ. 10-15.
3. Шаҳим С. Ҳинҷорёбии миқёси равиши дараҷабандии маҳоратҳои иҷтимоӣ барои кӯдакони пешдабистонӣ. Шероз, китобхонаи Донишгоҳи Шероз.
4. Шаҳим С. Пархошгарӣ робитае бо кӯдакони пешдабистонӣ. Маҷаллаи равонпизишкӣ ва равоншиносии болинии Эрон. Соли 13, шумораи 3, пойизи 1386, саҳ. 182-264.
5. Abdi B. Social skills and behavior problems of Iranian preschoolers. Journal of Iranian psychologists/.Vol /issuue 16/summer 2008, 333 -371.



## ВАЖНОСТЬ ДОШКОЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ

В данной статье автор рассматривается важность дошкольного образования на примере дошкольного образования и воспитания в Исламской Республике Иран. Дошкольное воспитание и образование - очень трудный и важный процесс, в ходе которого родители и воспитатели вместе с ребёнком учатся преодолевать возникающие трудности. Главная задача дошкольного образования детей заключается в том, чтобы  научить ребёнка мыслить самостоятельно, иметь собственное мнение, но не игнорировать при этом высказывания других людей. Вот почему в этом возрасте огромное значение имеют контакты со сверстниками, общение в детском коллективе.



**Ключевые слова:** дошкольное образование, важность дошкольного образования, задача дошкольного образования, родители, воспитатели.



## THE IMPORTANCE OF PRESCHOOL EDUCATION

In this article the author considers the importance of preschool education on the example of pre-school education in the Islamic Republic of Iran. Preschool care and education is a very difficult and important process, during which parents and educators together with the child learn to overcome the difficulties. The main task of pre-school education of children is to teach the child to think for themselves, to have their own opinion, but don't ignore the statements of other people. That is why in this age of tremendous value contacts with peers, communication in children's team.



**Key words:** preschool education, the importance of preschool education, the task of pre-school education, parents, teachers.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Руъё Ёвариён*** – соискатель ТГПУ им. Садриддина Айни


# НАҚШИ ФАНОВАРИИ ИТТИЛООТ ВА ИРТИБОТОТ ДАР ТАЪЛИМ ВА ТАРБИЯ

*Ҳомид Ходим Масҷидӣ*
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Бешак густариши фановарии иттилотӣ ҳамаи арсаҳои зиндагии башар, аз ҷумла таълим ва тарбиятро таҳти таъсири худ қарор додааст. Қобилияти омӯзишии фановарии иттилоот ва иртиботот дар танавуъе аз роҳҳо қарор дорад. Ба тавре, ки робитаи фановарии иттилоот, омӯзишу парвариш ва низ чигунагии корбурдҳои он масъалаи рӯз аст ва аҳамияти он ба қадри ошкор аст, ки наметавон онро нодида гирифт. Фановарии иттилоот ва иртиботот он чунон нерӯеро дар арсаҳои гуногуни ҳаёти башарӣ дорад, ки бетардид метавон онро намоди як тамаддуни ҷадид ё зуҳури як мавҷи тамаддуни ҷадид донист. (Ҷуюн Сонг ва ҳамкорон, 2010).

Фановарии иттилоот иборат аст, аз фановариҳое, ки моро дар забт, захирасозӣ, пардозиш, бозёбӣ, интиқол ва дарёфти иттилоот ёрӣ медиҳанд. Фановарии иттилоот дар шеваи анҷоми корҳои мо таҳаввул кардааст.Фановарии иттилоот ва иртиботот ба ҳам вобастаанд. Ба тавре, ки иттилоот мошинкорӣ талаққӣ мешавад ва иртиботот маҳсули он аст. (Аснофb, 1384).

Фановарии иттилоот ва иртиботот, ба махмуаи имконоти сахтафзорӣ, нармафзорӣ, шабакавӣ ва иртиботе бо манзури дастёбии матлуб ба иттилоот гуфта мешавад.

Ҳамгироӣ байни компютер ва иртиботот, фановарии иттилоот ва иртибототро шакл медиҳад.Фановари иттилоот ва иртиботот ба ҷойгоҳи барҷастаи иттилоот дастгоҳҳои захирасозӣ ва пардозиши иттилоот ва дастгоҳҳои интиқолу дастёбӣ ба иттилоот таъкид дорад. Бадеҳист дар ин росто илова бар қобилиятҳои мухобиротӣ, расонаҳои дигар назири радио ва телевизион низ дар феҳрасти васоил.

1. **Нақши фановарии иттилоот ва иртиботот.** Таҷриба нишон медиҳад, ки фановарии иттилоот ва иртиботот дар барангехтани таомулу тазъифи инфиъол нақши муҳиме дорад. Шояд технология битавонад, ёддиҳӣ, ёдгириро аз маҳдудиятҳои барномаи дарсии хаттӣ бираҳонад, ба ин ёдгирӣ дар мадраса ва хориҷ аз мадраса хона ва маконҳои дурдаст пуле бизанад ва поя ва асосе барои мафҳуми ёдгирӣ барои зистан бо ҳам ва дар канори ҳам фароҳам созад.

Ҳадафи (ёдгирӣ барои будан), рушду тавсеаи шахсият ва тавоноӣ амал кардан бо истиқлоли бештар, нақодӣ ва мушикофӣ, бархурдорӣ аз қудрати тамизу уҳдадор шудани масъулиятҳои фардӣ аст. Дар ин иртибот, омӯзиш набояд ҳеҷ як аз абъоду зарфиятҳои фардӣ шомили ҳофиза, истидлол, зебошиносӣ, эҳсосот, тавони физикӣ ва маҳоратҳои барқарории иртиботро нодида бигирад.

Мафҳуми (ёдгирӣ барои будан), ба тарҳи ин масъала ишора дорад, ки ёдгирӣ замоне, ки дар синфҳои дарсӣ марбут бо ҳам шакл мегирад, дар оянда ҷойгоҳи қонунии худро дар мадорис хоҳад ёфт.

Фановари иттилоот ва иртиботот бо вуҷуди имконоти бисёре, ки дар ихтиёр дорад, ёдгириро ғанитар месозад, аммо аркони чаҳоргонаи асосии он ба арзишу ҷойгоҳи рушди мутаодил таъкид доранд. Маъмулан барои дастёбӣ ба ин таодул, бояд рӯйкарди ҷадиди ёддиҳии ёдгириро дар пеш гиранд. Баҳсҳои фавқ дар заминаи фановарии иттилоот ва иртиботот, тағйирти чашмгиру қобили мулоҳизаеро, ки дар нақши муаллим эҷод шудааст, бархоста мекунад. Порае аз ин тағйирот иборатанд аз:

- тағйири навъи иртибот бо донишомӯзон; тағйири нақши муаллим ба унвони тасҳилкунанда, мудир пуштибони ёдгирӣ; тағйири муҳтаво ва пешрафтҳо; тағйири қонун ва тамаркузи контрол аз муаллим ба фарогир.

Ин тағйиротҳо чашмгиранд ва қобили таваҷҷуҳ ҳастанд вале мавонеи бисёр ҷиддитаре сари роҳи онҳо вуҷуд дорад. Бароҳати метавон дарёфт, ки мушкили аслӣ камбудӣ ё набудани манобеъ ва таҷриботи фаннӣ аст. Гарчи вазъият ба суръат дарҳол дар ҳоли тағйир аст ва камбуди роёнаҳо ва ҳазина болои иттисол ба интернет, ҳанӯз барои бисёри мадорис мушкилсоз аст, аммо чунин ба назар мерасад, ки мушкили асосӣ, дигаргунӣ ва тағйири асосӣ дар шеваҳои тадрис бошад.

Бештарин чолиши талфиқи фановарӣ дар мадорис ва синфҳои дарсӣ марбут ба нерӯи инсонист на фановарӣ ва илова ин дидгоҳ фақат дар мавриди кӯмак дар дигарон, дар кор кардан бо мошин нест, балки асоси ҳадафи он кӯмак ба муаллимон дар талфиқ ва бакоргирии ин мошинҳо ба унвони абзорӣ дар хидмати тадрис аст.

**2. Корбурди фановарии иттилоот дар омӯзиш ва парвариш.** Дар замони имрӯза аҳамияти омӯзиш ва парварише, ки мутаносиб бо ниёзҳои фард ва ҷомеа бошад, беш аз ҳама эҳсос мешавад, зеро дунёе, ки бо шабакаҳои иттилоотӣ ба ҳам пайванд хурда мутақозии нерӯи корист, ки бифаҳмад чӣ гуна аз фановарӣ ба унвони абзорӣ, барои афзоиши баҳраварӣ ва халлоқият истифода кунад. Чунин маҳорате, тавоноии истидлол кардан бар мабнои иттилоотӣ аст. Фароянде, ки дар он манобеи мӯътабар шиносоӣ шуда ва ба дигарон интиқол дода мешавад, афзун бар он корфармоён аз коргарон интизор доранд аз маҳоратҳои ҳамкорӣ ва ташрики мусовии кор дар гурӯҳ ва табодили иттилоот дар шабакаи ҷаҳонӣ, яъне таҳлили масъала аз дидгоҳи чанд риштае бархурдор бошанд.

Аз он ҷо ки ин шабакаҳо байналмилалӣ ҳастанд, корфармоён дар ҷустуҷӯйи афроде бармеоянд, ки зарфияти таомули муассир бо касонеро доро бошанд, ки дорои фарҳанг ва забони мутафовите ҳастанд ва билохира коргарони асри дониш бояд мунаътиф буда ва қодир бошад ба ҳамон суръате, ки муҳитҳои пуёи кор мекунад ва муассиртарин шакл биёмузанд, нозири шаҳрвандон чӣ гуна омӯхтанро бояд фаро гиранд.

**Зарурати таваҷҷуҳ ва фановарии иттилоот дар амри омӯзиш.** Ҷаҳони имрӯза дар мавқеияте ба фаъолияти худ идома медиҳад,ки тағйироти сареи илмӣ ва фановарӣ бар тамоми ҷанбаҳои зиндагии инсони асри ҷадид таъсир гузошта аст.

Чолишҳои илмӣ, печидагии машоғил ва системаҳои иртиботии он чунон дар ҳоли таҳаввуланд, ки дигар наметавон ба тарзи талаққӣ гузашта ва рӯйкардҳои суннатӣ ба фароянди тарбияти насли ҷавон андешид. (Тофлер, 1980).

Фановари иттилоот абзори қудратмандест, ки дар камтарин замон мумкин метавонад, миёни мардуми ҷаҳон иртибот барқарор созад. Ин абзори иртиботии қудратманд бо иттилоот сару кор дорад. Фановарии иттилоот дар ҷаҳони имрӯза чашмандозиҳоеро барои ҷаҳониён ба армуғон овардааст, ки бар тамоми абъоди зиндагии сиёсӣ, низомӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва омӯзишии инсони қарни 21-ум таъсир гузоштааст, ба гунае, ки бештари фарогиринро ба самти роёнаҳо ва омӯзиши кор бо онҳо сук додааст. Роёнаҳо бо фароҳам кардани фурсати лозим барои тамрину касби дониши бештаре ва парвариши донишомӯзон ба омӯзиши мадрасавӣ ёрӣ медиҳанд.

Дар асри фановарии иттилоот ва иртиботот низомҳои омӯзишӣ аз як се ба бозандешӣ ва бозсозии барномаи дарсӣ барои саводи роёнавӣ ва аз сӯйи дигар, тахдиди ҳаёту ғанисозии муҳит, шогирд барои барқарории таомил миёни ёдгиранда ва манобеъи ёдгирӣ лозим мебошанд. Аз ин рӯ, бознигар дар шеваҳои суннатии тадрису ҷойгузинии он бо шеваҳои нав барои таҷҳизи ёдгиранда бо маҳоратҳои шинохтӣ зарурат дорад. Лизо истифода аз фановарии иттилоот ва иртиботот барои дастёбӣ ба ҳадафи «ёдгирӣ бо кайфият барои ҳама» ихтинобнопазир аст. (Дабилёв,1382).

Бо таваҷҷуҳ ба мубоҳиси матраҳшуда ин пажӯҳиш, қасд дорад баррасӣ кунад, ки оё фановарии иттилоот ва иртиботот дар беҳбуди фароянди ёддиҳии ёдгирии донишомӯзони дабиристонҳои шаҳристони Курх накш дорад? Аз ин рӯ, дар садади ёфтани посухи се саволи зер мебошад.

1. Баррасии тамрини илмии дабирон дар мавқеи таҳсил дар марокизи тарбияти муаллим ва таъсири он дар ёдгирии фановарии иттилоот ва иртиботот дар синфи дарсӣ?
2. То чӣ андоза муҳтавои меҳвар будани китоб, муҷиботи корбурди равишҳои суннатиро дар муқоиса бо фановарии иттилоотва иртиботот фароҳам намудааст?
3. То чӣ андоза боло будани тавони илмӣ ва корои боис шуда дабирон аз фановарии иттилоот ва иртиботот дар мадорис истифода намоянд.

Дар ҳоли ҳозир чи теъдод аз муаллимон барои беҳбуди фароянди ёддиҳии ёдгире дар синфи дарсӣ аз фановарии иттилоот ва иртиботот истифода менамоянд ва аз дидгоҳи муаллимон бакоргирии иттилоот ва иртиботот чӣ таъсире дар ёдгирӣ тасир дорад ва мизони мавқеияти муаллимоне, ки аз технологияи омӯзишӣ дар фароянди тадрис итифода мекунанд нисбат ба муаллимоне, ки дар фароянди тадрис аст, технология истифода намекунанд чӣ гуна ва авомили адами бакоргирии технологӣ дар синфхонаи дарсӣ чиҳо мебошанд.

**3. Баррасии робита миёни тавоноии илмии муаллимон ва бакоргирии фановарии иттилоот ва иртиботот дар мадраса.** Равиши таҳқиқи ин пажӯҳиш аз навъи тавсифӣ-паймоишии заминаёбӣ аст.

**Абзори гирдоварии иттилоот.** Абзоре, ки барои ин таҳқиқ мавриди истифода қарор гирифтааст, пурсишномаи муҳаққиқ аст, ки дар таъйини равоии пурсишномаи ин таҳқиқ таъкид ба равоии муҳтавоӣ будааст.

**Равиши таҳлили оморӣ.** Ҷиҳати ҷамъоварии иттилоот созмондиҳӣ ва тавсифи додаҳо ва ба манзури истихроҷи додаҳо ба иттилооти оморӣ ва таҷзияю таҳлили онҳо аз техникаҳои омории тавсифӣ, барои таъйини фаровонӣ ва дар сад намуна мавриди баррасӣ истифода гардид. Ҳамчунин, ҷиҳати посухгӯӣ ба саволоти таҳқиқи равишҳои оморӣ истанботӣ мутағайире мавриди истифода воқеъ шуд. Дар ин қисмат бо ироаи ёфтаҳои таҳқиқ бо истифода аз саволҳои таҳқиқ мепардозад, ки ҷадвалҳо ва таҷзияю таҳлил дар ин қисмат сурат бигирад, ки шомили ду қисмати омори тавсифӣ, ки дар он иттилоот ба даст омада ба ҳар саволҳои пурсишнома бо истифода аз омори тавсифӣ хулоса ва табақабандӣ шудааст ва дар қисмати омори истинботӣ бо истифода аз озмуни так баъд аз таҳлил сурат мегирад.

Саволҳои пурсишнома ба 5 пурсиши аслӣ рабт дода мешавад.

1. То чӣ андоза тамрини илмӣ ва кофӣ дар мавқеи таҳсили дабирон дар марокизи тарбияти муаллим боис шуда, ки онон дар бакоргирии фово бо ангеза бошанд?

Натоиҷи таҳқиқ нишон медиҳад, ки мизони тамрини илмӣ ва кофӣ дар мавқеи таҳсили дабирон дар марокизи тарбияти муаллим боис мешавад, ки онон дар бакоргирии фово боангеза бошанд, ки ин фарз бо эҳтимоли 99% таъйидшуда рост аст ва нишон медиҳад, ки тамрин дар бакоргирии фово дар фароянди тадрис дар марокизи тарбияти муаллим ҷиҳати бакоргирии ин фановарӣ дар синфхона аҳамияти фавқуллодае дорад ва марокизи мо мебоист, ки дар ин хусус фаъолияти зиёде дошта бошанд, то ҳамгом бо пешрафтҳои ҷомеа шеваҳои омӯзиш низ пешрафти буруз дошта бошад, то аз баҳое барои ёдгирии донишомӯзон фароҳам намояд.

Натоиҷи ин пурсиш бо таҳқиқи Муҳаммадӣ (1385) Осафи Амлишӣ (1383) Ғаффорӣ (1383) Ларкиён (1383), Муҳаммадӣ (1385), Ючу (2004) ҳамхонӣ дошт. Ин пурсиш бо ёфтаҳои таҳқиқии Ҳусайни Фарҳангӣ (1385) Осафи Амалишӣ (1383) ҳамсе набудааст.

2. То чӣ ҳад муҳтавои меҳвар будани китоб мухиботи корбурди равишҳои суннатиро дар муқоиса бо фаво фароҳам намудааст?

Натоиҷи таҳқиқ нишон медиҳад, ки муҳтавои меҳвар будани китоб боиси камранг шудани зуҳури технологияҳои фаво дар мадорис шудааст, ки аз дидгоҳи дабирон яке аз авомиле, ки боиси ҷилавгирӣ аз басти технологӣ дар клоси дарсӣ мешавад, мӯҳтавои меҳвар будани китобҳост, ки масъулини амр мебоист, ки бо тадобире, ки меандешиданд, муҷиботи ин тағйиротро фароҳам созанд, то мизони мухтавои меҳвар будани китобҳо коҳиш ёбад. То ҳамвора таҳаввулоти иҷтимоии омӯзиш низ барои донишомӯзон дилпазир шавад. Натоиҷи ин пурсиш бо таҳқиқи Ризоиён (1382), Саодатманд (1382) Сулаймонӣ, (1383), Қосимӣ, (1388) Зангона (1385), Алмаҳбуб (2000), Хункис ва Испурингар (2003) ҳамхонӣ дошт.

Ин пурсиш бо ёфтаҳои Каримӣ (1384), Кинзак ва Кристин (1997) таҳқиқи ҳам набудааст.

3. То чӣ андоза боло будани коройӣ ва тавони илмӣ боис шуда дабирон аз фавол дар мадоир истифода намоянд?

Натоиҷи таҳқиқ нишон медиҳад, ки мизони боло будани коройӣ ва тавони илмӣ ва сабаби бакоргирии фаво тавассути дабирон дар клоси дарс шудааст. Ба иборати дигар, ҳар чи тавони илмии дабирон болотар бошад бештар метавонанд, фановарии иттилоот ва иртибототро дар клоси дарсӣ ба кор гиранд ва омӯзишу парвариш вазифа дорад, коркунони худро дар заминаи маълумоти касбии мартабат бо фаво ёрӣ диҳад, то ин шинохтро касб кунанд ва технологияро дар клосҳо пайдо кунанд. Ин пурсиш бо ёфтаҳои таҳқиқии Муҳаммадӣ (1385), Ризоиён (1382), Сулаймонӣ (1383), Ғаффорӣ (1383), Ларкиён (1383), Абдуллоҳӣ (1384), Муҳамадӣ (1385), Ючу (2004), Алмаҳбуб (2000), Ҷангис ва Аспарингар (2003), Аднил (2007) Ромпо Копран (2007), ҳамхонӣ дошт. Ин пурсиш бо ёфтаҳои таҳқиқи Ҳусайни Фарҳангӣ (1385), Осафи Амалишӣ (1383) ҳамхонӣ набудааст.

Дар асри ҳозир, ки даврони пешрафти ҷаҳон аст, муаллимон ҷиҳати баруз шудан ба ҳангом ва пешрафти ҷаҳонии ниёзманд гузаронидани давраҳои фаво мебошанд ва омӯзишу парвариш дар ин росто вазифа дорад давраҳои мартабатро баргузор намояд ва огоҳиҳои лозимро ба дабирон диҳад, то онҳо низ бо огоҳии комил бо кор бурдани он дар фароянди ёддиҳӣ-ёдгирӣ воқиф шаванд ва онро ба кор

гиранд. Дар ин росто вазорати омӯзиш ва парвариш сиёсатҳоеро иттихоз намояд, то муаллимон ба корбурди фаво дар омӯзиш алоқаманд шаванд, ки сӯйи машҳукҳои моддӣ ва маънавии дабирони вазоратхона низ дар ҷиҳати тағйир дар муҳтавои меҳвар будани китобҳо гомҳое бардорад, то заминаро барои зуҳур ва истифодаи фановарӣ муҳайё созад.

Ёфтаҳои ин таҳқиқ нишон медиҳад, ки давраи омӯзиши фаво яке аз ниёзҳои муҳими ҷомеаи мост ва муаллимон хоҳони баргузории ин давраҳо бо короии хуб ҷиҳати афзоиши иттилоот ва тавоноиҳои ҳирфаии худ мебошанд. Ҳамчунин, натоиҷи ин таҳқиқ нишон медиҳад, ки фановарии иттилоот ва иртиботот бар фароянди ёддиҳӣ-ёдгирӣ таъсири мустам дорад ва огоҳӣ аз таъсири фановарии иттилоот ва иртиботот барои муаллимон маҳраз шуда, ки ҷиҳати муҳаққиқ шудани иддаи муаллимон мебоист Вазорати омӯзиш ва парвариш барномаи лозимиро дар хусуси тағйири муҳтавои китобҳо ва маҳоратомузии дабирон барномарезии марбутаро анҷом диҳад то ки муаллимон худро ба фунуни технологияи рӯз муҷаҳҳаз намояд.

### АДАБИЁТ


1. Амири Муҳаммадӣ. Тафаккур дар бораи таҳавулоти ояндаи омӯзиш ва парвариш. Теҳрон, 1369.
2. Ризоиён. Пажӯҳише таҳти унвони баррасии таъсири омӯзиш ба кӯмаки компютер бар ёдгирии ҷуғрофии донишомӯзон. Теҳрон, 1382.
3. Ҳусайни Фарҳангӣ. Соролсодот. Коршиносии аршад, 1385.
4.Academic Achievement in Mathematics, Reading and Writing. N. C. E. S
Investing in school technology, )1997 (. Strategies to meet the funding challenge, U. S. Department of Education, Office of Educational Technology.
5. Guoyuan Sang, Martin Valcke, Johan van Braak. Jo Tondeur. (2010) < Student teachers' thinking processes and ICT integration: Predictors of prospective teaching behaviors with educational technology < Computers and Education 54, 103-112
6. Kocak.Y Usluel (2007). Can ICT usage make a difference on student teachers 'information literacy self-efficacy * Library & Information Science Research, 29 , 92-100
7. Kubiatko ,M, Halakova ,Z. (2009). Slovak high school students' attitudes to ICT using in biology lesson < Computers in Human Behavior, 25 , 743-748


### РОЛЬ ИНФОРМАЦИОННО-КОММУНИКАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В ОБУЧЕНИИ И ВОСПИТАНИИ


В статье автором рассматривается роль информационно-коммуникационных технологий в обучении и воспитании. Технические средства обучения уже довольно давно вошли в наши образовательные учреждения. Информационные технологии – это совокупность методов и программно – технических средств, призванная снизить трудоемкость процесса использования информации. Информационные технологии могут обеспечить обучение в любом месте и в любое время, что дает их мощным средством для изучения учебных материалов в сфере образования.



**Ключевые слова:** технические средства обучения, информационные технологии, обучение и воспитание, использование информации.


### THE ROLE OF INFORMATION AND COMMUNICATION TECHNOLOGIES IN TRAINING AND EDUCATION


In the article the author examines the role of information and communication technologies in education and upbringing. Technical means of training for a long time already included in our educational institutions. Information technology is a set of methods and software and hardware designed to reduce the complexity of the process of use information. Information technology can provide training anywhere and at any time, which gives them a powerful tool for the study of educational materials in the field of education.



**Key words:** technical means of education, information technology, education and training and use of information.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Хомид Ходим Масджиди*** - соискатель ТГПУ им.Садриддина Айни


## БАРРАСӢ ВА ТАБЪИИНИ НАВОВАРИҲОИ ИТТИЛООТ ВА ИРТИБОТ ДАР ҲАЗОРАИ САВУМ


***Омина Амонзода Буни, М. Нуъмонов***

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**


**Фановарии иттилоот ва иртиботот.** Фановарии иттилоот маъмулан ба тавлид, пардозиш, нигоҳдорӣ ва тавзеҳи иттилоот дар муассисоти бузург ишора дорад. Фановарии иттилоот ва иртиботот дар фазои маҷозӣ ба сӯйи роҳатии бештари инсон таомулот ва иртиботот равонтар, беҳтар ва созандатар дар иҷтимоъ ва ироаи ҳарчи беҳтари хадамот ба шаҳрвандони як ҷомеа дар ҳаракат аст. Иттиилоот бо башар

омехта шуда, падидаи иҷтимоӣ аст, ба далели он ки инсонҳо сабаби интиқоли иттилоот мешаванд. Тақсими кор миёни инсонҳо ба манзури таъмини ниёзи иртиботот миёни инсонҳо заминасози интиқоли иттилоот байни афрод аст. Иттилоот он чизе аст, ки битавонад дар системаи зеҳнӣ дарёфткунандаи дигаргунӣ эҷод кунанд ва аз беназмӣ бикоҳад, ҳосилаи ин дигаргунӣ дар системаҳои инсонӣ падид омадани дониш ва тавонии тасмомгирӣ аст.

**Системаҳои иттилоотӣ.** Системаи иттилоот иборат аст аз як системаи комили тарроҳишуда барои тавлид, ҷамъоварӣ, созмондиҳӣ, захира, бозёбӣ ва ишоаи иттилоот дар як муассиса, созмон ё ҳар ҳавзаи таърифшудаи дигар аз ҷомеа. Системаи иттилооти созмонӣ як системаи иттилоот барои кор бар рӯйи иттилоот аст, ки ба зудӣ ба созмон марбут мешавад. Агар созмон кори тавлид, ҷамъоварӣ ва ишоаи иттилооти омории ҷамъияти кишварро ба уҳда дорад ва барои ин вазифа аз як система иттилоот истифода мекунад, ин системаи иттилоот як системаи иттилооти созмонӣ нест. Аммо системаи иттилооти нерӯи инсонӣ ё системаи ҳисобдории ин созмон аз ҷумла, системаҳои иттилооти созмонии он маҳсуб мешаванд. Системаҳои иттилооти созмонӣ барои се мавриди анҷоми амалиёт, назорати амалиёт ва тасмимгирӣ дар созмон истифода мешавад. Системаҳои иттилоотии созмонӣ метавонанд ба сурати дастӣ ё компютерӣ ё таркибе аз дастӣ ё компютерӣ иҷро шаванд.

**Аносири аслии фановарии иттилоот.** Аносири аслии фановарии иттилоот муташаккил аст аз чаҳор унсури асосии инсон, созкор, абзор ва сохтор. Ба тавре ки дар ин фановарӣ иттилоот аз тариқи занҷираи арзишӣ, ки аз ба ҳам пайвастани ин аносир эҷод мешаванд, ҷараён ёфта ва пайваста таолӣ ва такомули созмонро дар масири худ қарор медиҳад.

**Технологогияҳои навини иттилоот ва иртиботот.** Абзорҳо ва васоиле, ки ба ҳар тариқ муҷиби тавлид, захира, пардозиш ва ишоаи (нашри) иттилоот шаванд, технологияҳои иттилоотӣ ва иртибототӣ номида мешаванд. Дарвоқеъ, технологияи иттилоотӣ иборат аст аз, маҷмӯаи абзорҳо, мошинҳо, дониш ва равиш ва маҳорати истифода аз онҳо дар тавлид интиқол ва ҷо ба ҷо, пардозиш, омодасозӣ ва масрафи иттилоот. Бинобар ин, тамоми абзорҳо ва васоилеро, ки дар тавлид ва интиқоли иттилоот, омодасозӣ нақш доранд, амн васоили дастии содда як китобхона, то васоили печида ба пешрафти як маркази иттилоърасонӣ, технологияи иттилоърасонӣ мехонанд. Бар ин мабно ҳар расонае, ки қобилияти интиқол ва ҷо ба ҷойии иттилоот аз як нуқта ба нуқтаи дигарро дошта бошад ва ҳадафи он барқарории иртибот бошад, дар қаламрави технологияи иртиботот қарор мегирад. Ба ин тартиб, таквини дунёи ҷадид қабл аз ҳар чиз мадюни дастовардҳои технологияҳои навини иттилоотӣ ва иртибототӣ аст.

Меҳвари аслии фунуни имрӯза компютер ва абзорҳои иртибототи роҳи дур аст. Компютерҳо асосан кори пардозиш ва захираи иттилоотро анҷом медиҳанд ва иртибототи роҳи дур имконоти пахш ва тавзеҳи ин иттилоотро дар сатҳи бисёр васее фароҳам месозанд.

**Асри иттилоот.** Баъд аз ихтирои роёна ба сурати тавсеаи мухобирот ва иртиботот, башар ниёз ба тағйири ҷадидеро дарк намуд ва он чизе ҷуз дастрасӣ ба иттилоот ва дониш набуд. Ҳадаф аз мавҷи савум дастрасӣ ба иттилоот ва дониш бо истифода аз абзори фановарии иттилоот монанди роёна, шабакаҳои мутанавеи маҳаллӣ, ҷаҳонӣ ва Интернет бо ҳамроҳии тавсеаи нармафзорҳо ва сахтафзорҳо мавриди ниёзи асри иттилоот будааст. Умри мавҷи савум онро асри дониш ва баъзан ҷомеаи иттилоотӣ низ мегӯянд. Наздик ба панҷоҳ сол мебошад, ба ин тартиб асри ҳозирро ба воситаи баҳрагирӣ аз технологияҳои навини иттилоотӣ ва иртибототӣ, асри иттилоот ва иртиботот ном ниҳоданд. Дар ин даврон афрод ва ҷомеа ба таври мустамар бо якдигар иртибот доранд ва ҷаҳон ба шакли якпорча даромада, ба «деҳкадаи ҷаҳонӣ» табдил шудааст.

Ҳамон тавре ки мулоҳиза мешавад, ниёз ба тағйирот аз даврае ба давраи баъдӣ ва аз мавҷе ба мавҷи баъдӣ боҳадаф будааст. Ва тӯли умри мондагории он вобастагие ба суръати расидан ба аҳдофи он мавҷ доштааст. Ба унвони мисол, мавҷи савум барои он ба вуҷуд омад, ки бо тавсеаи санъат дар давраи дувум ниёз буд, иттилооти бештаре аз нуқтае ба нуқтаи дигар мунтақил шавад ва башар ниёзи бештаре ба дониш дошт ва лизо, тавлид, тавзеҳ ва истифода аз иттилоот меҳвари ин тағйир қарор гирифта, Интернет ва роёна барои ин хидмат ба кор гирифта шуданд, ки тавсеаи онҳо ҳамчунон ба ҷулу меравад. Бо таваҷҷуҳ ба аҳамият ва суръати зиёди тавсеаи мавҷи савум, баъзе аз донишмандон фикр мекарданд, ки ин тағйири асосӣ

барои солиёни дарозе давом хоҳад дошт. Аммо рушди фавқулодаи фановарӣ ва ҳузури фановариҳои ҷадиде монанди нанотехнология, биотехнология ва тавоноии башар дар тасаллути мутлақ бар атом боис шуд, то ин марҳила бо шитоби бештаре ба ҷулу биравад ва интизори ҷадиде дар ҳоли шаклгирӣ шавад. Албатта, барои гузар аз марҳилаи савум ва расидан ба мавҷи чаҳорум мушкилоти зиёде вуҷуд дорад, ки яке аз онҳо падидаи ҷадиде фосилаи диҷитолӣ байни кишварҳо мебошад. Ин мушкил дар ҷойи худ муҳим мебошад ва дар сурати адами таваҷҷуҳ ба ин мушкилоти бузургеро барои ҷаҳон ба вуҷуд хоҳад овард. Эҳтимолан аз шитоби фавқулодаи тавсеаи фановарии иттилоот хоҳад кост.

Бакоргирии роёна ва ҳамроҳии он бо Интернет тағйироти муҳиме дар ҷаҳон ба вуҷуд овард. Теъдоди корбарони Интернет низ ба шиддат дар ҳоли афзоиш мебошад. Ба тавре ки аз сентябри 2001, ки теъдоди корбарон 407 миллион буд, то сентябри 2002 ин рақам ба 840 милион нафар дар 218 кишвар расидааст. Пешбинӣ мешавад, ки то соли 2020 беш аз 80% афроди кураи замин дастрасӣ ба Интернет дошта бошанд. Бо баррасии оморҳо фавҷа мешавад, ки суръати гузари мавҷи савум бисёр зиёд аст ва таъхир дар ҳамроҳ шудан бо ин падида зиёнҳои хатарноке хоҳад дошт.

**Фановарии иттилоот дар ҳазораи савум.** Дар ибтидои ҳазораи савум, санъати фановарии иттилоот дар ҷаҳон меҳвари дигаргунӣ ва тавсеа қарор гирифтааст. Мутобиқи маншуре, ки ҳашт кишвари санъатии ҷаҳон дар Окинова ба имзо расониданд, фановарии иттилоот ба унвони меҳвари ҳаётии тавсеа ва рушд дар ҷавомеи башарӣ қарор гирифт ва мутобиқи гузориши сандуқи тавсеаи Созмони Милали Муттаҳид ин роҳи коҳиши фақр дар ҷаҳон аст.

Асри ҳозирро бояд талфиқе аз иттилоот ва иртиботот донист. Асре, ки башар дар он беш аз гузашта худро ниёзманд ба доштани иттилоот ва барқарории иртиборт барои касби иттилооти мавриди ниёз мебошад. Имрӯз бо дар назар доштани фановарии иттилоотӣ ва иртиботии мухталиф ва пешрафта, имкони барқарории сареҳи иртибот ва табодули сареҳи иттилоот беш аз пеш муяссар гардидааст. Афрод дар ҳар куҷо ки бошанд, метавонанд охирин иттилооти мавриди ниёзи худро дар ҳар заминае дарёфт кунанд. Аммо бешак, бештарин таъсири падид омадани фановарии иттилоотӣ ва иртибототӣ бар муҳитҳои омӯзишӣ будааст. Корбурди фановарии иттилоот ва иртиботот дар омӯзиш сабаб шудааст, то муҳити омӯзишӣ ба сӯйи маҷозӣ шудан, савқ пайдо кунунд. Ин амр сабаб мешавад, то иртиботот миёни афрод ба манзури омӯзиш ва густариши дониш ва гунае аз оянда аз тариқи роёна имконпазир шавад ва бо таваҷҷуҳ ба таорифи ироашуда ва бо ошноӣ ва нигариши мавҷуд нисбат ба ҳазораи савум ва заъфҳое, ки дар амри дастёбӣ бо стандартҳои муайян ва пӯёӣ дар ҷиҳати расидан ба сохторҳои як ҷомеаи доноишмеҳвар вуҷуд дорад, дар шароити ҳозир нишонаҳо мебошад.

Агарчи донишгоҳҳо имрӯз барои расидан ба сатҳи густардаи аз тавсеаи фановарии иттилоот ҳамчунон талош мекунанд, вале ин монеа аз он нахоҳад буд, ки барномаҳоеро барои оянда ҷиҳати тавсеаи ҳарчи бештари фановарии иттилоот нодида бигиранд. Ба ин маъно, ки мо бояд дар оянда саъй кунем, то омӯзиши парвариш дар фановарии иттилоот дар сутӯҳи омӯзиши олӣ бо ҳам фаъолият кунанд, то аз як тараф як ҷараёни илмӣ-фарҳангӣ дар сатҳи донишгоҳҳо роҳандозӣ шаванд. Ва аз сӯйи дигар, тарбияти нерӯи инсони мутахассис дар ин замина густариш ёбад, ки аз муҳимтарин аносири муваффақияти тавсеаи фановарии иттилоот хоҳад буд. Қобили зикр аст, ки дар оянда шоҳиди таъсири бештари нерӯи фановарии иттилоот бо таваҷҷуҳ ба коргирии ин илм хоҳем буд. Ба унвони мисол, дар заминаи таҳаввули низоми дониши кишоварзӣ, эҷод ва густариши китобхонаҳои диҷитолӣ, афзоиши боздеҳи иқтисодӣ, густариши заминаҳои гардишгарии маҷозӣ, ки ҳамоно тавсеаи визаҳои электронӣ, истиқрори дастгоҳҳои иттилоърасонии ҳушманд, афзоиши боздеҳи зистии тавлид, тавсеаи манобеи инсон, амнияти қазоӣ ва масоили вобаста роҳандозии пойгоҳҳои иттилоърасонии диҷитолии даруни шаҳри ва ғайра масоиле дар ин водӣ аст.

## АДАБИЁТ


1. Фараҳзод Муҳаммад. Иртиботот ва иттилоот. –Машҳад: Интишороти Бунёди пажӯҳишҳои исломии остони Қутси Разавӣ, 1381.
2. Озаранг Абдулҳусейн. Сиёсати иттилоърасонӣ ва технологияи иттилоотӣ, иттилоот ва иртиботот. –Теҳрон: Созмони чоп ва интишороти Вазорати фарҳанг ва иршоди исломӣ, 1370.
3. Аснофи Амирризо. Ҳамидаи Алӣ. Нақши фановарии иттилоот ва иртиботот дар тавсеаи омӯзиш ва дониш бо таъкид бар нақши китобхонаҳои маҷозӣ, 1380.

4. Фароҳони Фаронак. Зиндагии электроник лозимаи ҳузури муваффақ дар ҳазораи савум. –Теҳрон: Интишороти Самт, 1385.
5. Тақизода Иброҳим. Шуҷои Муҳаммадризо. Фановарии иттилоот. Стратегияи ҳазораи савум. - Теҳрон, 1387.
6. Мафоқири Нидо. Тарҳрезии стратегияи иттилоотӣ ва муҳимтарин омили муваффақияти созмонҳо. Теҳрон, 1385.
7. http://www.Afz810.blogfa.com/post36.aspx
8. http://www.ahooeg.com/Article/It9/It9.htm
9. http://www.afab.ir
10. http://www.Jahanjata.com/e-Commece

**ИЗУЧЕНИЕ И РАССМОТРЕНИЕ НОВЫХ ИНФОРМАЦИОННО-КОММУНИКАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В ТРЕТЬЕМ ТЫСЯЧЕЛЕТИИ**

В данной статье авторами подвергнуто рассмотрению и изучению применение новых информационно-коммуникационных технологий в третьем тысячелетии. В новом тысячелетии мы вступили в эпоху, которую называют информационной. Информационная деятельность и информационные технологии становятся неотъемлемыми компонентами практически всех видов профессиональной деятельности. Поэтому в настоящее время перед школьным образованием стоит проблема – подготовить школьников к жизни в современном обществе и профессиональной деятельности в высокоразвитой информационной среде, к возможности получения дальнейшего образования с использованием современных информационных технологий.

**Ключевые слова:** информационно-коммуникационные технологии, обучение, воспитание, мышление, познавательный интерес, высокоразвитая информационная среда.

**EXAMINATION AND CONSIDERATION OF NEW INFORMATION AND COMMUNICATION TECHNOLOGIES IN THE THIRD MILLENNIUM**

In this article the authors reviewed and study the use of new information and communication technologies in the third Millennium. In the new Millennium, we have entered the era called information. Communication and information technology is becoming an integral component of almost all kinds of professional activity. Therefore, at present, the school is the problem is to prepare pupils for life in a modern society and professional activities in highly-developed informational environment, to the possibility of receiving further education with the use of modern information technologies.

**Key words:** information and communication technologies, training, education, thinking, cognitive interest, highly developed information environment.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРАХ:** ***Омина Амонзода Буни*** – соискатель ТГПУ им.Садриддина Айни
***Нуъмонов М.*** – д.ф.м.н., профессор, ТГПУ им.Садриддина Айни

# АНГЕЗАИ ПЕШРАФТИ ШАХСИЯТ

***Сокина Қурбоналӣ Нажод***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Калимаи ангеза аз назари дастури забони форсӣ ба маънии «сабаб ва иллат» аст. Калимаи «ангеза» аз масдари барангехтан аст ва дар луғатномаи Деҳхудо ба маънои «ҷунбонидан ва ба таҳаррук даровардан» аст. Ба таври хулоса ангеза як ҳолати дарунӣ ва ангезиш ҳолате аст, ки бар асари ангеза дар инсон ба вуҷуд меояд. Масалан, камбуди маводи ғизоӣ дар бадан, ангеза ва эҳсоси гуруснагӣ ва ташнагӣ ангезаи ношӣ аз он аст. Ангеза боиси бурузи рафтор дар инсон мешавад. Дар як таърифи куллӣ ангезиш ба ҳолатҳои дарунии оргонизм, ки муҷиби ҳидояти рафтори ӯ ба сӯйи ҳадафи хосе мешавад, иттилоқ мегардад. Бархе ангезишро эҷоди ангеза дар афрод медонанд ва мегӯянд: «Ангеза маҷмӯаи печидае аз нерӯҳо, майлҳо ва ниёзҳо ва ҳолате аз соири механизмҳои равонӣ аст, ки сабаби шурӯи фаъолият ва идомаи он ба сӯйи майл ба ҳадафҳои мушаххасе мешавад». ( Миркамолӣ, 1380). Ангеза ҳолати фарзӣ дар даруни организм аст, ки рафторро бармеангезад ва организмро ба тарафи як ҳадаф савқ медиҳад.

Ангезишро метавон ба унвони омили нерӯдиҳанда, ҳидояткунанда ва нигоҳдорандаи рафтор таъриф кард. Ҳамчунин ангезиш як тамоил ё гироиш ба амал кардан ба тариқи хосе аст. Ангеза ниёз ё хости вижаие аст, ки ангезишро муҷиб мешавад. Тиҷ ва Барлонр ( 1992 ) ангезаи пешрафтро ба сурати як майл ва ё алоқа ба муваффақияти куллӣ ё муваффақият дар як заминаи хос таъриф кардаанд.

Ангезаи пешрафт иборат аст аз гироиши ҳамаҷониба ба арзёбии амалкарди худ бо таваҷҷуҳ ба олитарин меъёрҳо, талош барои муваффақият дар амалкард ва бархурдорӣ аз лаззате, ки бомуваффақият дар амалкард ҳамроҳ аст.

Вайнтан дар мавриди ангезаи пешрафт мегӯяд: «Ангезаи пешрафт бо ниёз ба тасаллут бар таколифи душвор, беҳтар аз дигарон амал кардан ва пайравӣ кардан аз меъёрҳои болоӣ бартарии иртибот дорад». Маврӣ ангезаи пешрафтро чунин таъриф мекунад: «Кори душвореро бомуваффақият анҷом додан, тасаллут ёфтан, дасткорӣ кардан, интизом бахшидан ба ашё одамҳо ва ба афкор, анҷом додани корҳо ба ҳадди аксари суръат ва истиқлоли амал, гузаштан аз мавонеъ ва меъёрҳо, рақобат кардан, боло бурдани иззати нафс ва ба кор гирифтани муваффақиятомез».

Истеъдодҳо. Ангезаи пешрафт, ангезае аст, барои ба поён расонидани муваффақиятомез, як таклиф ва расидан ба як ҳадаф ё дастёбӣ ба дараҷаи муайяне аз шоистагӣ дар кор. Бинобар таърифи Робин, ангезаи пешрафт иборат аст аз соиқе барои пеш гирифтан бар дигарон, дастёбӣ ба пешрафт бо таваҷҷуҳ ба малокҳои мушаххас ва талош барои касби муваффақият.

Пажӯҳишҳои анҷомшуда дар бораи ангезаи пешрафт, умуман байни наҳваи рафтор ва бархӯрди волидайн бо кӯдакони худ ва ангезаи пешрафти кӯдакон робитаи нерӯманде нишон додаанд. Яъне волидайне, ки кӯдаконашонро дар анҷоми корҳои тоза ва оламкарди сатҳи боло ташвиқу таъсид мекунанд, дар онон ниёз ба пешрафт ва майл ба хатар карданро тақвият менамоянд. Аз сӯйи дигар, волидайне, ки беш аз андоза мувозиби кӯдакони худ ҳастанд ва ононро ба хотири шикастҳояшон сарзаниш мекунанд, ангезаи пешрафтро дар онон поин меоваранд.

Илова бар ин, пажӯҳишгарони ин пажӯҳишҳо чунин натиҷа гирифтаанд, ки ангезиши пешрафт маҳсули ғайриқобили тағйири таҷрибаҳои даврони нахустини кӯдакон аст ва бинобар ин, барои боло бурдани сатҳи он кори зиёде нametавон анҷом дод. Аммо Барнорд Вайнер дар даҳаҳои 1970 ва 1980 назарияе ба номи «Назарияи нисбат додан ё назарияи аснод» пешниҳод дод, ки дар он ангезиши пешрафт падидаи инъитофпазир ва қобили тағйир фарз шудааст.

Бинобар назарияи нисбат додан, чигунагии тафаккури (идрок ва тафсир) афрод дар бораи иллатҳои муваффақият ва шикасташон таъйинкунандаҳои аслии ангезиши пешрафти онҳо ба ҳисоб меояд, на таҷрибаҳои тағйирнопазири даврони нахустини зиндагӣ. Бинобар ин, тибқи ин назария, агар афрод худашонро иллат ва омили аслии муваффақияташон бидонанд, ангезаи пешрафти онҳо афзоиш хоҳад ёфт. Пас бо афзоиши тавонмандиҳои афрод ва эҷоди заминаҳои муваффақият ва пешрафт метавон ангезиши пешрафти ононро боло бурда, ба дунболи он шоҳиди муваффақиятҳои ҳамаҷонибаи онҳо буд. Ҳамон гуна ки МакКлеланд пешбинӣ кардааст, ашхоси дорои сутӯҳи мутафовути ангезаи пешрафт дар зиндагии рӯзмарраи худ ба шеваҳои комилан мутафовуте рафтор мекунанд. Ба унвони мисол, ашхоси ҷавоне, ки аз назари ниёз ба пешрафт дар сатҳи болоӣ қарор доранд, бештар мутамоил ба таҳсилоти донишгоҳӣ, касби нумраҳои болотар ва ширкати бештар дар фаъолиятҳои фавқи барнома ҳастанд, то афроде, ки ниёз ба пешрафти заифтаре доранд. Дар тиҷорат ва санъат афроде, ки ниёз ба пешрафти болоӣ доранд, ба машоғили сатҳи болотар даст пайдо мекунанд, талоши бештареро дар корҳои худ ба амал меоваранд ва интизори зиёдтаре барои дастёбӣ ба муваффақият доранд. Онҳо машоғилеро интихоб мекунанд, ки бо масъулияти шахсии бештаре тавъам аст ва муваффақият дар он ба талошҳои шахсии онон вобастагӣ дорад.

Тавҷеҳи назарӣ барои дар назар гирифтани имкони вуҷуди робита байни ниёз ба пешрафт ва сатҳи рушди иқтисодии як фарҳанг аз корҳои Мокс ва бар ҷомеашиноси олмонӣ гирифта шудааст. Дар авоили қарни бистум ин ақидаро матраҳ кардааст, ки ислоҳоти протестаитӣ дар кишварҳои дорои мазҳаби протестаитӣ ҷиҳатгирӣ ва ё шахсияти ҷадидеро эҷод кардааст, ки дар натиҷаи он инқилоби санъатӣ ва рӯҳи сармоядорӣ халқ шудааст. Мак Клеланд муътақид аст, ки ин арзишҳои марбут ба сахткӯшӣ ва талош барои бартарӣ дар фарҳангҳои протестаитӣ ба як меъёр мубаддал шудааст ва ҳар насле онро ба насли баъдӣ омӯзиш медиҳад ва дар натиҷаи ин арзишҳои ҷадид густариши рӯзафзуне меёбанд. Бинобар ин, таъкид бар пешрафти фардӣ дар шеваҳое, ки муҷиби пешбурди рушди иқтисодии як фарҳанг ё кишваре аст, ки бозтоб пайдо мекунад.

Баррасиҳои анҷомшуда аз ин ақида ҳимоят мекунанд, ки як ангезаи хос ҳар гоҳ ба таври куллӣ дар як фарҳанге ошкор шавад, қодир аст моҳияти он фарҳангро ба таври чашмгир тағйир диҳад.

Рушди ангезаи пешрафт дар кӯдакӣ ва бузургсолӣ. Мак Клеланд дар ҷустуҷӯ барои ёфтани манбаи ниёз ба пешрафт, бар муҳити хонавода бавижа шеваҳои хоси фарзандпарварӣ, ки ба назар мерасад муҷиби зоҳир шудани ангезиши пешрафт мешавад, таваҷҷуҳ кардааст. Он чи аз пажӯҳишҳо ба даст омадааст, тасвири равшанӣ

аз рафтори волидайн мебошад, ки эҳтимолан ниёз ба пешрафти болоиро эҷод мекунад. Яъне барқарории меъёрҳои воқеъгароёнаи сатҳи боло барои амалкард дар санине, ки имкони дастёбӣ ба онҳо вуҷуд дошта бошанд. Монанди одами ҳимояти ифротӣ ё лавс кардан, адами мудохилаи дар талошҳои кӯдак ҷиҳати пешрафт ва нишон додани шодии воқеӣ аз пешрафтиҳои кӯдак.

Шавоҳиди мавҷуд нишон медиҳанд, ки ниёз ба пешрафт дар бештари афрод пас аз миёнасолӣ ба таври чашмгир афт мекунад ва ин замоне аст, ки авҷи фаъолияти шуғлӣ фаро мерасад. Ба ҳар ҳол ин ақида матраҳ шудааст, ки ин амр мумкин аст заруратан таъсири номатлубе надошта бошад, зеро ашхоси миёнасол мумкин аст муваффақиятро боислоҳҳои мутафовуте таъриф кунанд. Имкон дорад онон барои дастёбӣ ба ҳамон ҳадафҳое, ки дар ҷавонӣ дунбол мекарданд, дигар ангехта нашаванд. Гарчи мумкин аст ҳанӯз ҳам дар талош барои расидан ба ризояти хотир бошанд. Бинобар ин, кайфияти ангезаи пешрафт мумкин аст ҳамроҳ бо афзоиши син тағйир ёбад.

Барои он ки тағйири иҷтимоӣ бо суръати бештаре анҷом шавад, иктисоби ангезаҳои ҷадид дар бузургсолӣ бояд имконпазир гардад. Вале бархе аз равоншиносон муътақиданд, ки чунин чизе мумкин нест. Дигар назарияпардозон истидлол кардаанд, ки шахсият дар солҳои аввалини зиндагӣ шакл мегирад ва тағйир пас аз он гарчи номумкин нест, вале душвор аст. Аммо Мак Клеланд дар ҷараёни корҳояш аз ду гурӯҳи мутафовут улгу гирифтааст: «Шартикунандагони конишгар ва мубаллиғони мазҳабӣ «Дар шартисозии канишгар агар қарор бошад шахсе рафтори ҷадиде нишон диҳад, бояд шароитро тавре тартиб дод, ки рафтори мавриди назар зоҳир шавад ва сипас мавриди тақвият қарор гирад. Мак Клеланд ҳамчунин пешниҳод кардааст, ки мубаллиғони мазҳабӣ низ ба василаи барномаҳои омӯзишии муассир ва маҳкам ба ин ки рафтори бузургсолонро метавон тағйир дод, рафторҳоро ба шакли муваффақиятомезе тағйир диҳанд.

Шинохт шомили барномарезӣ, ҳидоят, назорат ваислоҳи фарояндҳо ва фаъолиятҳои шинохтӣ аст. Содатарин маънои фарошинохт, шинохти шинохт ё шинохт дар барои шинохт аст Муқоисаи шинохт бо фарошинохт дарки беҳтаре аз онро фароҳам меоварад. Шинохт ба маънои омми он, яъне донистан ва шомили фарояндҳои зеҳнӣ монанди ҳалли масъала, ҳаллоқият дарки матлаб, истинбот, рабтдиҳӣ ва истидлол мегардад. Дар ҳоле ки фарошинохти дониш нисбат ба тамоми фарояндҳои шинохтӣ аст. Дониши фарошинохтӣ ҳамроҳи таҷрибаҳои фарошинохтӣ, ҳидоят, маҳорати назорат ва ислоҳи фароянд ва фаъолиятҳои шинохтиро ифода мекунад.

Бино бар назарияи Фловел фарошинохт бар дониши фард дар бораи фарояндҳои шинохтии худ, фароянди амал, созмондиҳӣ ва ҳамоҳангии маҷмӯае аз ҷараёнҳо ва низ ҳар гуна дониш ё куниши шинохте, ки мавзӯи он шинохт ё танзими шинохт бошад, итлоқ мегардад. Ба ақидаи Порис ва ҳамкорон ( 1990 ) фарошинохт бар огоҳиву маҳорати ёдгирандагон бар фаъолиятҳои фикрӣ ва ёдгириашон итлоқ мегардад, бо таваҷҷуҳ ба таорифи боло ду нуқта мушаххас мешавад:

Аввал ин ки, коркарди аслии фарошинохт, назорат ва ҳидояти фароянҳои шинохтӣ аст ва дувум ин ки фарошинохт муштамил бар ду муаллифа мебошад. Муаллифаи нахуст, дониши фарошинохтии фард аз худаш ба унвони як пардозишгари иттилоот ва дувум, фароянҳо ва роҳбурдҳои назмдиҳанда, маҳоратдиҳанда ва назораткунанда аст. Бейкер (1989) муътақид аст, ки ду навъи фарошинохти ба ҳам пайваста, яъне дониш дар бораи шинохт ва танзими шинохт ва назорат бар он вуҷуд дорад. Метавон гуфт, ки аксари муҳаққиқон фарошинохтро ба ду муаллифа тақсим кардаанд. Муаллифаи нахуст, ки ҳама бар он тавофуқ доранд ва дар ҳама назариёт вуҷуд дорад, дониши фарошинохтӣ аст.

Флавел (1979) фарошинохтро ба ду табақа - дониши фарошинохтӣ ва таҷрибаи тақсим кардаанд. Бар ҳасби назари Рафус ва ҳамкоронаш фародониш, фароназорат ва истифодаи муносиб ва баҷо аз роҳбурд муаллифаҳои фарошинохт ҳастанд. Муаллифаи дувум, ки аз он таҳти унвони таҷрибаи фарошинохтӣ ба бахше аз дониши бадастомадаи мо марбут мешавад, ки дар иртибот бо умури шинохтӣ аст.

Муаллифаи аввал, ки дониши фарошинохтӣ аст, замоне ҳосил мешавад, ки фард аз тавоноиҳои шинохтии худ ва низ нотавоноиҳои шинохтии худ огоҳ бошад. Барои мисол фарде, ки аз заъфи ҳофизаи худ огоҳ аст, раъси корҳои рӯзонаеро, ки бояд анҷом диҳад, ёддошт мекунад, то дар мавқеи таъйиншуда ва муносиб онҳоро анҷом диҳад. Ин огоҳии фард аз заъфи ҳофизаи худ, навъе аз дониши фарошинохтӣ аст, ки ба ӯ ихтор мекунад, иқдоми муносиб барои ҷуброни ин нуқс анҷом диҳад.

Дониши фарошинохтӣ ҳавзаи васееро дар бар мегирад, ки шомили табақоти мухталифе аст. Флавел дониши фарошинохтиро ба се табақа дониш дар мавриди шахс, дониш дар мавриди таклиф ва дониш дар мавриди роҳбурд тақсим мекунад. Ҳол он ки Порис ва ҳамкоронаш ( 1984 ) дониши фарошинохтиро ба се табақа: хабарӣ, фарояндӣ ва шартӣ тақсим кардаанд, ки аз баъзе ҷиҳатҳо бо табақоти дониши фарошинохтии Флавел ва ҳамкоронаш ҳамагунӣ дорад. Бинобар ин, муаллифаи нахусти фарошинохт, яъне дониши фарошинохтӣ, нақши муҳиме дар танзими фаъолиятҳои шинохтӣ дорад.

Ба ин ки тамоизҳо ва тафкикҳои байни анвоъ ва ё табақоти мухталифи дониши фарошинохтӣ вуҷуд дорад, вале муаллифаҳои дониши фарошинохт аз ҳамдигар маҷзо нестанд, балки ба сурати як кулл амал мекунанд ва амалкарди онҳо ба таомулҳо ва табдилҳои ин табақот ва анвои дониши фарошинохтӣ вобастагӣ дорад. Ин таомулҳо муаллифаи  фарошинохтии дигареро низ дар бар мегиранд, ки таҷрибаи фарошинохтӣ ном доранд. Дарвоқеъ дуввумин муаллифаи фарошинохт, таҷрибаи фарошинохтӣ ном дорад. Бино бар назарияи Флавел (1989) таҷрибаи фарошинхтӣ ба таҷрибаҳои шинохтӣ ё отифӣ гуфта мешавад, ки ба як иқдоми шинохтӣ марбут бошад.

Таҷоруби комилан огоҳона, ки ба содагӣ қобили баён бошанд, намунаи равшане аз таҷоруби фарошинохтӣ аст. Албатта, таҷоруби фарошинохтӣ таҷоруби камтар огоҳона ва камтар қобили баёнро низ шомил мешавад.

### АДАБИЁТ


1. Ситудаасл Неъматуллоҳ. Равоншиносии умумӣ. Муассисаи фарҳангии ҳунарии пӯйиши муосир. 1381.
2. Миркамолӣ Саидмуҳаммад. Рафтор ва равобит дар созмон ва мудирият. 1380.
3. Раис Испанир ( 1380 ) Равоншиносии умумӣ. ( Ҷилди аввал) Тарҷумаи Ҳамза Ганҷӣ. -Теҳрон: Нашри вироиш.
4. Сайф Алӣ Акбар  Равоншиносии парваришии навин.  ( Равоншиносии ёдгирӣ ва омӯзиш ) - Теҳрон. 1380.
5. Шултз. Д. назарияҳои шахсият. Тарҷумаи Юсуф Каримӣ, Сиёмаки Нақшбандӣ, Беҳзоди Гударзӣ, Муҳаммадризо Некхӯ. –Теҳрон: 1378.
6. Mc Clelland D.c. ( 1987 ) Human Mativation Cambridge University press
7. Flavell H. ( 1979 ) Metacognition and cognitive monitoring American psychologist. 34 765 – 771


### СТИМУЛЫ РАЗВИТИЯ ЛИЧНОСТИ


Современные процессы развития образования, усиление роли воспитания делают проблему развития личности особенно актуальной. В то же время современное воспитание не может эффективно осуществляться без преемственной опоры на то положительное, что накоплено на всех этапах развития образования и педагогической мысли. В данной статье автором рассматриваются способы стимулирования развития личности.



**Ключевые слова:** процесс развития личности, ценностные отношения, общество, окружающие люди, единство знаний и поведения, нормы поведения, эмоциональные отношения.


### INCENTIVES FOR THE DEVELOPMENT OF THE PERSONALITY


Modern processes of the development of education, strengthening of the role of education made the problem of the development of personality particularly relevant. At the same time, the contemporary upbringing cannot be performed effectively without continuous support to the positive accumulated at all stages of the development of education and pedagogical thought. In this article the author considers the ways of stimulating the development of personality.



**Key words:** development of personality, the value relations, society, the surrounding people, the unity of knowledge and behavior, norms of behavior, emotional relationships.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Сокина Курбонали Нажод*** – соискатель ТГПУ им.Садриддина Айни


## АСАРБАХШИИ САБКҲОИ ДИЛБАСТАГИИ ДАВРОНИ КӮДАКӢ БАР ДАВРОНИ НАВҶАВОНӢ ВА ҶАВОНӢ


***Алии Сиёмансурӣ***

**Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**


Ҷон Болби фарзияи дилбастагии кӯдак ба модарро матраҳ кардааст. Тамоюли кӯдак ба ҳифзи як муроқиби пойдорро дилбастагӣ мегӯянд. Ба эътиқоди вай ин падида шабеҳ ба нақшпазирии ҳайвонот будааст ва инсон барои посухгӯи ба муҳаррикҳои  муҳитӣ ба шеваи хос ба таври генетикӣ барномарезӣ шудааст. Болби

дилбастагиро барои идомаи бақои кӯдак дар ҳоли рушд лозим дониста, муътақид аст, ки ин амр ба вай фурсат медиҳад бо тақлид аз модар ҷанбаҳои муҳими ҳаётро биомӯзад. Вай марҳилаеро, ки дар он эҳсоси дилбастагӣ сурат мегирад, марҳилаи ҳассоси рушд номида, онро шомили 18 моҳи аввали зиндагӣ донистааст. Агарчи бархе дигар аз он фаротар рафта ва онро то синни 3 солагӣ густариш додаанд. Болби бар ин бовар аст, ки набуди шаклгирии эҳсоси дилбастагӣ сабаб мешавад, то кӯдак дар барқарории иртиботҳои иҷтимоӣ дар бақияи умр ноком бимонад ва ёфтаҳои болинӣ низ бовари вайро таъйид мекунанд. Мутолиот нишон медиҳанд, ки истеъдоди ибтидоӣ ба изтироби ҷудоӣ дар кӯдаконе, ки ба муроқибини мутааддид супурда мешаванд, бештар буда, улгӯи изтироб дар духтарон ошкортар аст, агарчи писарон рафтори акси онро нишон медиҳанд ва пархошгартар, номутмаинтар ва бетафовут нисбат ба танбеҳ мешаванд. Ҳар ду нав рафтор дар натиҷаи изтироб ба вуҷуд меояд (Ҳерберд, 1975).

Одлер низ бар ин бовар аст, ки модар калиди кушоиши масоили тарбиятии кӯдак аст ва барқарории ҳусни робита бо ӯст, ки саҳми бузурге дар эҷоди ҳамбастагии инсонҳо дошта ва бунёни фарҳангро бино медиҳад (Тарҷумаи Замонӣ Шарафшоҳӣ, 1982) [1].

Фрейд эътиқод доштааст, ки асоси шахсияти инсон дар аввалин солҳои зиндагии ӯ пайрезӣ мешавад ва агарчи роҳҳои баъдии зиндагӣ то андозае рафтори фардро таҳти таъсир қарор медиҳад, наметавонад таъсироти гузаштаро ба таври комил аз байн бибарад. Ҳатто Одлер, ки бо назарияҳои Фрейд ба таври комил мувофиқ набуд, низ бар ин ақида аст, ки он чи дар аввалин солҳои зиндагӣ пайрезӣ мешавад, то поёни умр идома меёбад. Агарчи ин назарияҳо иғроқомезанд, наметавон вуҷуди мадорики муътабар дар ин заминаро инкор кард [2].

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки саломатии равонӣ ва шахсияти фард бештар таҳти таъсири навъи равобите аст, ки кӯдак бо модари хеш барқарор мекунад. Базеҳкорӣ набуди созиш ва таассуботи қавӣ дар навҷавонон, аз ҷумлаи вижагиҳои зиддииҷтимоӣ аст, ки натиҷаи изтироб ва набуди таваҷҷуҳ дар даврони кӯдакӣ аст (Олбурт, 1955).

Саливан (1953) дар назарияи равобити байнифардӣ мӯътақид аст, ки яке аз аҷзои муҳими шахсияти инсон, низоми хештан, яъне идрокҳои фард аз хеш аст, ки аз робитаи фард бо ашхоси муҳим ба вуҷуд меояд. Дар давраи навзодӣ низом дар ҳоли рушди хештан, таҳти таъсири мизони изтиробе аст, ки модар ағлаб ба таври зимнӣ ба кӯдак мунтақил мекунад. Робитаи тавъам бо дилбастагӣ ва муҳаббати воқеии модар, шолудаи иҷтимоӣ дар солҳои аввалияи зиндагиро пайрезӣ мекунад. Волидайни пазиро муҳаббати хешро ба кӯдак иброз ва ӯро ташвиқ мекунанд, то эҳсосоташро буруз диҳад. Дар ин хонаводаҳо афрод бо авотифи мусбат ба якдигар посух медиҳанд ва эҳсосоти зинда ва бидуни ҳилла нисбат ба якдигар доранд. Ба таври куллӣ, гармии хонавода муҳимтарин омили созгории кӯдак аст. Оқибатҳои ношӣ аз тарбияти тавъам бо хушунат ва сардӣ дар ҳамон солҳои аввалияи зиндагӣ зоҳир мешавад ва дар даврони мадраса ҳатто навҷавонӣ ва бузургсолиро таҳти таъсир қарор медиҳад [3].

Аз ҷумлаи муҳимтарин омилҳое, ки таъйинкунандаи шахсияти фард дар бузургсолӣ аст, робитаи ӯ бо муроқиб ё модараш аст. Вуҷуд ё набуди вуҷуди ин робита ва ҳамчунин чигунагии кайфияти ин робита байни навзод ва муроқиби ӯ мавриди таваҷҷуҳи бисёре аз шиносон ва равоншиносон назири (Зигмунд Фрейд, Милони Клайн, Саливан, Эриксон ва Болби) қарор гирифтааст, ки дар ин байн Болби ба таври муназзам ва мунсаҷим ба мутолиа ва баррасии ин робита таҳти унвони дилбастагӣ пардохтааст. Дилбастагӣ мафҳуме аст, ки реша дар корҳои кирдоршиносон ва дорои бори мафҳуми равоншиносони таҳлилгарона низ аст. Метавон гуфт, яке аз омилҳои шаклгирии шахсият дар бузургсолӣ, кайфияти дилбастагӣ дар замони кӯдакии фард мебошад, аз ин рӯ, пардохтан ба назарияи дилбастагӣ метавонад роҳе барои мутолиаи мавриди назар дар заминаи рушд ва шаклгирии афрод дар оянда бошад [4]. Бо таваҷҷуҳ ба он чи баён шуд, ин суол матраҳ аст, ки оё байни дилбастагии даврони кӯдакӣ, даврони навҷавонӣ ва ҷавонӣ робитае вуҷуд дорад?

**Пешинаи таҳқиқ.** Бидуни ишора ба реша ва таърихчаи назарияи дилбастагӣ наметавон мафҳум ва фалсафаи назарии онро дарк кард, бо таваҷҷуҳ ба ин асл бояд гузаре ба теорияи кирдоршиносӣ дошта бошем. Продайми теорияи кирдоршиносӣ, реша дар продайми коркардагароӣ дорад, ки сарсилсилаи ин теория Чарлз Дарвин (1809-1882) мебошад. Кирдоршиносӣ баррасии рафтори ҷонвар ва инсон дар як

заминаи такомулист. Киродршиносон донишмандони зистӣ-рафторӣ, ки ба мутолиаи анвои хоси рафтори зотии як организм дар муҳити табиии ӯ мепардозанд ва мекӯшанд, то он рафторҳоро бар ҳасби усули такомулӣ табъйин кунанд. Онон ин нуктаро мавриди таваҷҷуҳ қарор доданд, ки дарки комиле аз рафтор танҳо дар сурате имконпазир аст, ки ҳам тамоюлоти омӯхташуда ва ҳам тамоюлоти ноомӯхташудаи ҷондор дар назар гирифта шавад. Кирдоршиносони барҷастаи ин назаирия Лоренс Тинберген ва Ҷон Болби мебошанд. [5]

Тибқи назарияи Болби натиҷаи умдаи куниши мутақобили байни модар ва кӯдак ба вуҷуд омадани навъи дилбастагии отифӣ байни фарзанд ва модар аст. Ин мафҳуми дилбастагӣ, ки Инзорт (1978) ва ҳамкоронаш дар бораи он таҳқиқоте кардаанд, иртиботи отифӣ бо модар аст, ки сабаб мешавад кӯдак дунболи осоиши ҳосил аз вуҷуди модар бошад, бахусус ҳангоме  ки эҳсоси тарс ва адами итминон мекунад. Ин назарияпардозон муътақиданд, ки ҳамаи кӯдакони беҳинҷор эҳсоси дилбатсагӣ пайдо мекунанд ва дилбастагии шадид шолудаи (асос) рушди отифӣ ва иҷтимоии солим дар даврони бузургсолиро пайрезӣ мекунад. Барои мисол, интизор меравад кӯдаконе, ки дилбастагии шадид ба модаронашон доранд, дар оянда аз лиҳози иҷтимоӣ бурунгаро бошанд ва ба муҳити атрофашон таваҷҷуҳ нишон диҳанд ва бихоҳанд, ки дар атрофашон ковуш кунанд ва битавонанд бо нороҳатӣ муқобила кунанд. Аз тарафи дигар, омилҳое, ки ихтилоли ин дилбастагӣ бошад, дар рушди иҷтимоии кӯдак дар оянда мушкилоте эҷод мекунад [6].

Аз назари Ҷон Болби низоми дилбастагӣ як сомонаи асосӣ, ҳаяҷонӣ ва рафторист, ки ба сурати зистӣ шакл мегирад ва барои бақои кӯдак лозим аст. Ин низом ба маҳзи таваллуди навзод дар робита бо ашхоси мавриди дилбастагӣ фаъол мешавад, навзод ё кӯдаки хурдсол ҳангоми бурузи изтироб мехоҳад дар канори шахси мавриди дилбастагӣ бавижа, модараш бошад. Ин эҳсос мумкин аст ҳангоми ҷудоӣ аз модар, рӯ ба рӯ шудан бо мавқеиятҳои ноошно ё ашхоси ғариба, дарди ҷисмӣ ё ҳангоми тарс аз тахайюлот ва кобус, беморӣ, талоқ, ятим мондан ва доғдидагӣ рӯй медиҳад. Навзод ё кӯдаки хурдсол интизор дорад дар канори модараш амният, ҳимоят ва саломатиро пайдо кунад. Дар ҷустуҷӯ барои муҷовират метавон ба шакли тамоси баданӣ бо модар нишон дода шавад. Кӯдак ҳамеша дар ин таомул узви фаъол аст, дар мавқеъҳои лозим барои ирзои ниёзҳои худ муҷовират ва муроқибати шахси мавриди дилбастагиро талаб мекунад. Шикаст дар дилбастагии навзодон мумкин аст муҷиби мушкилоте дар барқарории иртибот, дар зиндагии бузургсолӣ гардад. Чунин афрод, бахусус, агар дар робитаи отифие, ки барқарор кардаанд, шикаст бихӯранд, осипазирии зиёде хоҳанд дошт. Мутолиоти кӯдаконе, ки дар даҳаҳои 1930 ва 1940 дар марказҳои муроқибати шабонарӯзӣ зиндагӣ карда будаанд, нишондиҳандаи вуҷуди мушкилоти баландмуддат дар рушди забонӣ, иҷтимоӣ ва шинохтии онҳо мебошад. Ҷон Болби дар муддати кор бо навҷавонони базеҳкор дарёфт, ки 17 нафар аз онҳо дар 6 моҳи аввали зиндагӣ аз модарашон ҷудо шуда буданд. Аввалин натиҷаро бо 44 навҷавоне, ки мушкилоти ҳаяҷонӣ доштанд, аммо базеҳкорӣ надоштанд, муқоиса кард ва дарёфт, ки фақат ду нафар аз онҳо ҷудоӣ аз модарро таҷриба карда будаанд. Ӯ ҳамчунин истинтоҷ кард, ки тақрибан ҳамаи кӯдакони базеҳкор дар ин марказ дар робита бо волидайни худ мушкилоте доштанд, аз ҷумла хушунат ва сӯистифодаи ҳаяҷонӣ тавассути волидайн, дар чандин маврид ҳам кӯдакон ба далели марги хоҳар ё бародари худ мавриди сарзаниш қарор гирифта буданд. Вай ишора намуд, ки як омили мутамоизкунандаи кӯдакони базеҳкор аз кӯдакони дучори мушкилоти ҳаяҷонӣ ин буд, ки кӯдакони базеҳкор ағлаб ҷудоиҳои баландмуддате ношӣ аз беморӣ ё марги волидайн, фурӯпошии хонавода ва ғайра таҷриба карда буданд. Ҳамон кӯдакон бо мушкилоти ҳаяҷонӣ чунин таҷрибаеро надоштанд. Болби бо мутолиоти мутааддид аз кишварҳои мухталиф ба улгуи мушобеҳ даст ёфт. Маҳрумияти ҷиддӣ аз муроқиб ё модар, навҷавони беотифа ва равобити сатҳӣ ва хусумати кӯдак ба дигарон ба таомулоти зидди иҷтимоӣ муҷиб мешавад. Як зарбаи равонӣ аз даст додани ногаҳонӣ ва ғайри қобили назорат, пайвандҳои отифии таҷрибаӣ, тарси бисёр зиёд бидуни ҳеҷ ҷойгоҳи амне, ки фард битавонад ба он паноҳ бибарад, низоми дилбастагиро фаъол мекунад. Гоҳ ин фаъолсозӣ то расидани кӯдак ба мавқеияти эманӣ идома меёбад. Барои мисол, ҳангоме ки кӯдак дучори фишори равонӣ аст ва муроқиби ӯ ҳеҷ гуна ҳимояте нишон намедиҳад, баъд аз муддате дучори нокомӣ ва беэҳсосӣ мешавад [7].

Зарурат ва аҳамияти дилбастагӣ ва таъсири он дар созгоре, ки зиндагии ояндаи фардро рақам мезанад ва дар мавридҳои монанди робитаҳои байнифардӣ, робитаҳои дарунфардӣ (худпиндорӣ) маҳоратҳои иҷтимоии танидагӣ, созгории заношӯӣ,

изтиробӣ ва бархе мавридҳои дигар мудохила карда, таъсир мегузорад. Аҳамияти масъала ба таври куллӣ равшан мегардад, ки ба чанд маврид пардохта мешавад:

1. Куниши мутақобил ва робитаи отифӣ байни модар ва навзод ба робитаҳои иҷтимоии кӯдак дар оянда шакл дода, наҳваи бархӯрди модар бо кӯдак дар чигунагии иҷтимоӣ шудан, касби маҳоратҳои иҷтимоии фарзанд таъсир мегузорад. Пажӯҳишҳо ба ин амр ишора доранд ки, агар шеваи фарзандпарварӣ дар чанд моҳи аввали зиндагӣ ба сурате бошад, ки модар фарзандашро ба сурати «дилбастаи иман» парвариш диҳад, бисёре аз мушкилоте, ки афрод дар бузургсолӣ монанди носозгории заношӯӣ, талоқ, барқарории иртиботи муносиб бо дигарон, ақибафтодагии таҳсилӣ таҷриба мекунанд, нахоҳанд дошт [8].

2. Афроде, ки аз сабки дилбастагии иман бархурдоранд, дорои ҳуши ҳаяҷонии болое буда, метавонанд ба мудирияти ҳаяҷонҳо пардохта ва ба тасмимгириҳои муассир дар зиндагӣ даст бизананд ва тавони муқобила бо танидагиҳоро ба таври асарбахши дошта бошанд. Ба эътиқоди Гулман баҳраи ҳушии суннатӣ ё IQ метавонад фақат 20% аз мавқеияти фардро мушаххас кунад ва 80%-и бақияи он аз ҳуши ҳаяҷонӣ ё IQ аст (Гулман, тарҷумаи Порсо, 2001).

3. Дар робитаи зотӣ миёни рафтори дилбастагӣ ва танидагӣ, дилбастагии иман ба унвони як омили муҳофизаткунандаи асосӣ, ки мунҷар ба арзёбии мусбат ва роҳбурдҳои муқобили созанда мешавад, дар назар гирифта шудааст, баръакс дилбастагии ноиман ба унвони як омили хатарсози бунёдӣ дар назар гирифта шудааст, ки мунҷар ба арзёбии манфӣ дар роҳбурдҳои муқобилаи камтар муфид ва созанда мешавад (Ҳодинажод, 2003).

4. Зарурӣ аст, ки мутаваллиёни таълим ва тарбият тадбирҳое иттихоз кунанд, ки авлиёи донишомӯзон дар ҷараёни шеваҳои фарзандпарварӣ ба сурати дилбастаи иман қарор бигиранд ва сонияи худи донишомӯзонро аз назари ҳуши ҳаяҷонӣ парвариш диҳанд. Донишомӯзон дар расидан ба ҳадафҳои худ дар зиндагӣ пешрафт карда, тавоноии мувоҷеҳа бо мухотироти зиндагӣ ва тавоноии тасмимгирии асарбахшро касб кунанд ва ҳатто ихтилолоти рафтории онҳо коҳиш пайдо хоҳад кард [10].

Бар асоси равияи озмоишгоҳӣ андозагирии дилбастагӣ ба номи вазъияти ноошно, ки Мери Инзорс назарияпардози барҷаста онро иблоқ кардааст, се улгуи умда барои дилбастагии кӯдак ба модар ба кор мебарад: 1. Кӯдаконе, ки пас аз рафтани модар каме нороҳатӣ нишон медиҳанд ва пас аз бозгашти ӯ ба тарафаш меравaнд ва зуд ором мешаванд; 2. Кӯдакони дилбастаи иман ва кӯдаконе, ки аз рафтани модар шикоят намекунанд ва ба ҳангоми бозгашти модар бо ризоят ба бозии худ идома медиҳанд; 3. Кӯдакони дилбастаи ғайрииман, аз модари худ иҷтиноб мекунанд ва дар набудани модарашон мустариб мешаванд ва пас аз бозгашти модар, модом ба ӯ мечаспанд ё ӯро аз худ меронанд.

Ҳудуди 70 то 75% кӯдакони як сола табақоти мутавассити амрикоӣ маъмулан ба унвони кӯдакони дилбастаи иман табақабандӣ мешаванд. Ҳудуди 15 то 20% онон дилбастаи ғайрииман ҳастанд, ки аз модари худ иҷтиноб мекунанд ва дар ҳудуди 10% дар ғайб ва бозгашти модар бетобии шадид нишон медиҳанд [11].

Гиря кардани кӯдак дар баробари рафтани модар ё вокуниши ӯ дар баробари бозгашти модар меъёре аст, барои ташхиси ин ки оё дилбастагии кӯдак тавъам бо эҳсоси амният аст ё адами амният. Ин ду омил мустақил аз ҳам нестанд. Кӯдаконе, ки ба ҳангоми рафтани модар нороҳат ва мустариб намешаванд ва гиря намекунанд ва ҳангоми бозгашти модар ҳам эътиное ба ӯ надоранд ва саъй намекунанд ба ӯ наздик шаванд, ба ибораи дигар, кӯдаке, ки нороҳат нест ва бо хушҳолӣ саргарми бозӣ аст, далеле надорад, ки ба ҳангоми вуруди модар ба тарафи ӯ биравад, вале эътмол дорад, ин кӯдаконро иҷтинобкунанда ва дилбастаи ноиман табақабандӣ кунанд. Мумкин аст иллати иҷтинобии баъзе кӯдакон аз модар дар ҳангоми бозгашти ӯ ин бошад, ки ба онҳо омӯхтаанд, ки изтиробашонро дар вазъияти ноошно назорат кунанд [12].Аз ин натиҷаҳо метавон чунин истинбот кард, ки модароне, ки аз фарзандонашон муроқибати бисёр мекунанд, фарзандони дилбастаи иман хоҳанд дошт ва модароне, ки камтар муроқиби фарзандонашон ҳастанд, фарзандони дилбастаи ноиман ба бор хоҳанд овард [13].

Назарияпардозони иҷтимоӣ фарз бар ин доранд, ки шиддати вобастагии кӯдак ба модар вобастагӣ дорад ба ин ки модар то чӣ ҳад ниёзҳои кӯдакро таъмин мекунад, яъне модар то чӣ андоза вуҷудаш бо лаззат ва коҳиши дард ва нороҳатӣ ҳамроҳ аст (Серз, Маккубӣ, Волвин, 1957).

Бар хилофи назарияи равонковӣ ва рафторгароӣ, ки муътақиданд гуруснагӣ, ташнагӣ ва дард ғароизи асосие ҳастанд, ки кӯдаконро ба амал вомедоранд. Аз касоне, ки дар ради назарияҳои марбут ба коҳиши соиқи биологӣ шоҳидҳое ироа додаанд ва ононро бо намунаи ҷадиде аз робитаи модар ва фарзандӣ рӯ ба рӯ карданд [14].

Ин нукта ҳоизи аҳамият аст, ки иртиботи волидайн бо фарзандон дар бузургсолӣ ба кайфияти иртибототи пешини онҳо вобастагӣ дорад ва вобастагӣ дар давраи бузургсолӣ ба вобастагии кӯдакӣ вобастагӣ дорад. Ба таври мушобеҳ, агарчи бузургсолӣ ба унвони даврае шинохта мешавад, ки баёнкунанадаи шинохти умдаи бухронҳои рушд аст, худсозӣ аз замони таваллуд, то тамоми даврони умр низ дар ин давра эҷод мешавад. Бо вуҷуди ин, давраи бузургсолӣ намоёнгари бухронҳои рушдии мунҳасир ба фард барои интибоқ ва фурсатҳои ҷадид барои рушд дар иртибот бо волидайн ва фарзандон аст. Бархе аз бузургсолон ва волидайни онҳо ин давраи такомулиро ба сурати иҷборӣ ва барои интибоқи иртиботи худ таҷриба мекунанд. Дар ҳоле ки барои бархе дигар ин давра ҳамроҳ бо стресс ва осеб аст (Ройн ва Линч, 1989) [15].

Пешрафтҳои ҷадид дар таҳқиқоти дар мавриди вобастагӣ ва шинохти он давраи кӯдакӣ ва убуре аз он ба давраи бузургсолиро таъйид мекунад. Улгуҳое, ки дар бузургсолӣ вуҷуд доранд, ҳамон улгуҳое ҳастанд, ки дар кӯдакӣ ва навҷавонии афрод низ ба чашм мехӯранд (Колинс ва Рид, 1990, Ҳозен ва Шовер, 1987, Мин ва Гловен, 1984). Аксари меъёрҳои мавҷуд аз поя ва усул барои кӯдакон ва навҷавонон тарроҳӣ шуданд ва фақат чанд муҳаққиқ ба тозагӣ дар ҳоли бакоргирии ин абзор ва меъёрҳо барои баррасии вобастагӣ дар бузургсолӣ ва пирӣ ҳастанд. Мутолиот нишон доданд, ки далел ва решаи аслии мушкилоти рафторӣ ва носозгорӣ ҳамон вобастагии номуназзам аст, на вобастагии иҷтинобӣ (Лиёнж Рос, 1996). Таҳқиқоти мушобеҳ нишон медиҳад, ки байни дилбастагии ноиман ва мушкилоти рафтории баъдӣ дар миёни кӯдаконе, ки дар муҳитҳои пурхатар, монанди хонаводаҳои фақир, набуди ҳимояти иҷтимоӣ, осебҳои рафторӣ, волидайн парвариш мeёбанд, робитаи мустақиме вуҷуд дорад ва кӯдаконе, ки дар муҳитҳои камхатар бузург шудаанд, лузуман чунин робитае вуҷуд надорад. Се омили муҳим дар робита бо густариши вобастагӣ дар бузургсолӣ иборатанд аз:

1. Моҳияти тағйирот дар робитаи волидайн ва фарзандон ва таъсирашон бар рӯйи ин вобастагӣ.
2. Эҷоди робитаи наздик ва тоза дар навҷавонон бо ҳамсолон ва дӯстони ҳаяҷонӣ ва таъкид бар ин робитаҳои ҷадид нисбат ба волидайн ва фарзандон.
3. Пайдоиши як системаи вобастагии мутамоиз дар муқобили ҳолати вобастагии роиҷ.

Дар тӯли даврони навҷавонӣ тағйироти печидае дар робитаи волидайн ва фарзандон вуҷуд дорад. Агарчи баъзе аз мутолиот нишон додаанд, ки амнияти вобастагӣ ба падар ва модар бо расидан ба синни балоғат коҳиш мeёбад, аммо баррасиҳои охир нишон медиҳад, ки танҳо дар мавридҳои хосе ин робитаи вобастагӣ тағйир мекунад ва дар ҳоле, ки робитаҳои дигар собит боқӣ мемонанд. Ба унвони мисол, дараҷаи наздик шудан ё вобастагӣ дар замони стресси кӯдакон коҳиш мeёбад. Аммо омодагии ҳолати вобастагӣ дар эътимод, ки ҳолати вобастагӣ барои барқарории иртибот ва пазириш аст кӯмак мекунад ва муҳим аст.

Ба назар мерасад, ки дилбастагии кӯдакон ба волидайн дар даврони навзодӣ ва кӯдакӣ боис мешавад, ки шахсияти ояндаи онон ро дар бузургсолӣ рақам бизанад. Назарияҳои равоншиносоне чун Ҷон Болби ва Фрейд Одлер таъсири дилбастагии даврони кӯдакӣ бар робитаҳои байнифардӣ ва иҷтимоӣ дар даврони бузургсолии инсонро низ таъйид мекунад. Ба тавре ки Инсорс дилбастагиро ба ду даста вобастаи иман ва вобастаи ноиман тақсим мекунад. Ба тавре ки вобастагии ноиман ба изтиробӣ ва иҷтинобӣ низ тақсим мешаванд. Кӯдаконе, ки дорои дилбастагии иман ҳастанд, мушкили дарунфардӣ ва байнифардӣ дар даврони навҷавонӣ ва ҷавонӣ ё бузургсолӣ дар онҳо камтар аст ва ҳамчунин, робитаҳои самимонаи онҳо то даврони ҷавонӣ ва навҷавонӣ низ идома дорад. Аз назари саломатии равонӣ ва иҷтимоӣ дар сатҳи болотаре қарор доранд. Одлер муътақид аст,ки модар калиди кушоиши масоили тарбиятии кӯдак аст, ки ҳусни робитае бо ӯ саҳми бузурге дар эҷоди ҳамбастагии фарҳангии инсон дорад ва бунёди фарҳангро бино мениҳад ва Фрейд низ муътақид аст, ки шахсияти инсон дар аввалин рӯзҳои зиндагӣ пайрезӣ мешавад. Метавон гуфт, киаз ҷумлаи бузургтарин омиле, ки таъйинкунанди шахсияти фард дар бузургсолӣ аст, робитаи ӯ бо муроқиб ё модараш аст. Инсорс низ рафтори

дилбастагӣ дар робитаҳои бузургсолиро ба унвони асосии падидаи иманӣ дар маркази зиндагии инсон мавриди таъйид қарор дода, изҳор дошт, ки дилбастагии иман амалкард ва шоистагиро дар робитаҳои байнифардӣ тасҳил мекунад.

## АДАБИЁТ


1. Ҳилгорд ва ҷамъе аз муаллифон. Равоншиносии умумӣ. Ҷилди 1. –Теҳрон: Интишороти Вазорати фарҳанг ва иршоди исломӣ. с.760. 1989.
2. Кадивар Парвин. Равоншиносии тарбиятӣ. –Теҳрон: Интишороти Вазорати фарҳанг ва Иршоди Исломӣ 2007. с.21.
3. Кадивар Парвин. Равоншиносии тарбиятӣ. –Теҳрон: Интишороти Вазорати фарҳанг ва иршоди Исломӣ, 2007. с.21.
4. Хусравонӣ Марям. Кӯдак сабки дилбастагии иман, хоҳони таомули ҳамкорӣ. –Теҳрон: Донишгоҳи Шариф, 2010. с.1.
5. Хусравонӣ Марям. Кӯдак сабки дилбастагии иман, хоҳони таомули ҳамкорӣ. –Теҳрон: Донишгоҳи Шариф, 2010.
6. Морсен ва ҳамкорон. Равоншиносии рушд. Тарҷумаи Маҳшиди Ёсоӣ. –Теҳрон: Интишороти Марказӣ. Чопи 7, китоби Мод. 2001.
7. Хусравони Марям. Кӯдак сабки дилбастагии иман, хоҳони таомули ҳамкорӣ. – Теҳрон: Донишгоҳи Шариф, 2010.
8. Морсен ва ҳамкорон. Равоншиносии рушд. Тарҷумаи Маҳшиди Ёсоӣ. –Теҳрон: Интишороти Марказӣ. Чопи 7, китоби Мод. 2001.
9. Хусравони Марям. Кӯдак сабки дилбастагии иман, хоҳони таомули ҳамкорӣ. –Теҳрон: Донишгоҳи Шариф. 2010.
10. Морсен ва ҳамкорон. Равоншиносии рушд. Тарҷумаи Маҳшиди Ёсоӣ. –Теҳрон: Интишороти Марказӣ. Чопи 7, китоби Мод., с. 158, 2001.
11. Морсен ва ҳамкорон. Равоншиносии рушд. Тарҷумаи Маҳшиди Ёсоӣ. –Теҳрон: Интишороти Марказӣ. Чопи 7, китоби Мод. с.160, 2001.
12. Морсен ва ҳамкорон. Равоншиносии рушд. Тарҷумаи Маҳшиди Ёсоӣ. –Теҳрон:Интишороти Марказӣ. Чопи 7, китоби Мод. с. 161, 2001.
13. Melinda Smith: M.A. Joanna Saisanims W. and Jeanne seyal. Phd. Contvibutedto thiarticle.
14. www.aspc.ca/dca/Publications/attachment
15. www.aspc.ca/dca/publications/attachmant



**ВЛИЯНИЕ ФОРМ ДЕТСКОЙ ПРИВЯЗАННОСТИ НА ПОДРОСТКОВЫЙ И ЮНОШЕСКИЙ ПЕРИОДЫ**

Привязанность - это связь, которая притягивает и удерживает человека рядом с кем-то или чем-то, когда его с этим не связывает ни чувство любви, ни интерес либо выгода. Тем более каждому знакома привязанность между людьми - дружеская привязанность, привязанность между детьми и родителями, любовные привязанности. В данной статье автор рассматривает формы детской привязанности и их влияние на подростковый и юношеские периоды.



**Ключевые слова:** привязанность, детская привязанность, влияние привязанности, формы привязанности, подростковый и юношеский периоды.



**THE INFLUENCE OF THE FORMS OF CHILD AFFECTION ON ADOLESCENT AND YOUTH PERIODS**

Affection is a relationship that attracts and keeps the person next to someone or something, when it does not bind nor love, nor interest or benefit. Moreover, each familiar affection between people - friendly affection, affection between parents and children, love and affection. In this paper the author examines forms of child attachment and their impact on teenage and youth periods.



**Key words:** attachment children's attachment, the influence of the attachment, forms of affection, adolescence and youth ages.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Али Сиёмансури*** - соискатель Института развития образования АОТ


# НАҚШИ ОМӮЗИШИ КОРОФАРИНӢ ДАР БЕҲБУДИ МАҲОРАТ ВА ДОНИШИ КОРФАРМОЁН


***Носир Довуди Род***

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Корофаринон дорои вижагиҳое ҳастанд ва ин вижагиҳо ҳамроҳ бо онон мутавлид нашуда, балки бо сурати иктисоб ва аз тариқи омӯзиш ҳосил мешаванд, ки ин вижагиҳо шомил: ибтикор, рӯҳияи истиқлолталбӣ, рӯҳияи таҳоҷмӣ, таҳрики боло, тамоил дар бакоргирии риск, тавони таҳлилӣ ва маҳорат дар равобити инсонӣ аст. Имрӯза корофаринӣ ба унвони як риштаи илмӣ мавриди шиносоие, ки бояд дониш марбут ба онҳо касб шавад.

Ба таври куллӣ дар омӯзиш риштаи корофаринӣ аҳдофи мутаъдаде мавриди назар аст, ки бархе аз ин аҳдоф иборатанд аз: касби дониш марбут ба корофаринӣ; касби маҳоратҳо дар истифода аз фунуни таҳлили феҳристҳои иқтисодӣ ва таркиби барномаҳои амалиётӣ; шиносоӣ ва таҳрики истеъдодҳо ва маҳоратҳои корофаринӣ; алоқои мухотираҳпазирӣ бо истифода аз фунуни таҳлилӣ; эҷоди ҳамдилӣ ва ҳимоят барои ҷанбаҳои мунҳасир ба фарди корофаринӣ; таҷдиди нигаришҳо дар ҷиҳатпазириши тағийрҳо; чолишҳои омӯзиши корофаринӣ.

Омӯзиши корофаринӣ ва таҳқиқот марбут ба он, ҳамакнун бо чолишҳои мутеъдодӣ мувоҷҷеҳ шудааст, ки бархе аз ин чолишҳо тавассути блок **«BLOCK»** ва истомпи «**STUMPF**»ироа шудааст. Ин чолишҳо иборатанд аз: чолиш дар эҷоди методоложиҳои таҳқиқ барои андозагирии асарбахши корофаринӣ; чолиш дар мӯҳтаво ва шеваҳои омӯзиши корофаринӣ; чолиш дар кайфияти мударрисони корофаринӣ; чолиш дар пазириши омӯзиши корофаринӣ дар донишгоҳҳо нисбат ба касб ва кор; чолиш дар эҷоди як пайкараи умумӣ, «муштарак» дар заминаҳои дониши мухталиф; - чолиш дар асарбахши равияҳои омӯзишӣ; чолиш дар ниёзҳои ёдгирии корофариноне, ки дар ҳоли кор ҳастанд; мутаносиб бо давраҳои зиндагии касб ва коре, ки ҳамакнун дар он басар мебаранд.

**Анвои давраҳои омӯзишии корофаринӣ.** Дар соли 1990 мелодӣ таҳқиқ дар хуссуси омӯзиши корофаринӣҳамчун як риштаи ҷадид мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифт ва мавориде ҳамчун тавсияи равишҳоитаҳқиқ барои санҷиш асарбахши омӯзиши корофаринӣ, муҳтаво ва равишҳои омӯзиши корофаринӣ, қобилияти афроде, ки дар заминаи омӯзиши корофаринӣ, омӯзиш мебинанд, қабули омӯзиши корофаринӣ дар мадраса ва на дар фаъолиятҳо, вуҷуд ва тавсияи як чорчӯбаи илмии муштарак дар заминаи корофаринӣ, асарбахши дигар шеваҳои омӯзишӣ ва ниёзҳои омӯзишии корофаринони таълимёфтае дар тӯли чархаи амри ширкат, мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифт. Ба таври кулли дар соли 1990 мелодӣ чаҳор даста усули аз давраҳои омӯзиши корофаринӣ шакл гирифта, ки ин давраҳо иборатанд аз:

**Дастаи аввал**: Барномаҳое барои «огоҳӣ ва ҷиҳатгирӣ ба сӯи корофаринӣ» аст. Ҳадаф аз ин давраҳо, афзоиши огоҳӣ, дарк ва биниш нисбат ба корофаринӣ ба унвони як интихоби шуғлӣ барои афрод аз тамоми ифшор иҷтимоӣ аст. Ин гуна барномаҳо нуқоти таҳсили ибтидоӣ, роҳнамоӣ ва тавассути тадрис мешавад, то ангеза ва тамоили донишомӯзон ва донишҷӯён барои корофаринӣ шудан афзоиш ёбад. Гурӯҳҳои нажодӣ, ғайри шоғлон, меҳтарон, донишмандон, коркунони давлат ва бознишастагони артишӣ ва гурӯҳҳои мухталиф , метавонанд тахти пӯшиши ин давраҳо қарор гиранд.

**Дастаи дувум**: Шомили барномаҳои омӯзишӣ аст, ки «тавсияи таъсиси ширкатҳо»-ро пӯшиш медиҳад. Ин барномаҳо иқтизои шароити хоси ҳар кишвар тароҳҳӣ шудаанд. Кишварҳое ҳамчун Амрико, Ҳинд, Филипин, Малайзия, Финландия ва Голанд марокази вижаҳоеро барои ҳимоят аз корофаринони болқувва таъсис кардаанд, ки зимни ироаи омӯзишҳои вижаи ҷиҳати тавсияи тавоноиҳо ва ангезиши афрод, тавсияи манотиқи шаҳрӣ ва омӯзишҳои амалӣ дар назди корофаринон мавҷудро дар бар мегирад.

**Дастаи савум**: Давраҳо ҷиҳати «рушд ва бақои корофаринон ва ширкатҳои кӯчак» мавҷудро пӯшиш медиҳад. Вокеъият он аст, ки ин гурӯҳе аз ширкатҳо дар ҳар кишвар бояд мавриди таваҷҷуҳ қарор гиранд. Дар кишварҳои комунистӣ собиқ ширкатҳои кӯчак бисёр мавриди таваҷҷуҳ қарор мегиранд. Ва теъдоди зиёде аз онҳо бо камтар аз 10 корманд таъсис шудаанд. Ниёзҳои омӯзишӣ дар ин барномаҳо бисёр мутанавеъ аст.

**Дастаи чаҳорум**: Барномаи «тавсияи омӯзиши корофаринӣ» аст, ки шомили шеваҳои ҷадиди омӯзишӣ ва таъини нақшҳои навини донишҷӯ ва истод дар фароянди омӯзиши корофаринӣ аст. Ҳадафи дигари ин барномаҳо омӯзиш ва густариши ками устодони ҷадид аз миёни санъатгарон ва даст андаркорон фаъолиятҳои иқтисодӣ барои омӯзиши корофаринӣаст.

**Арзиши омӯзиши корофаринӣ.** Корофаринон дақиқанд ба ҳамонгуна, ки мо ёд мегирем. Корофаринон на танҳо метавонанд аз иштибоҳоташон ва мураббиёни ғайрирасмии худ биёмӯзанд, балки онҳо аз тариқи мутолеа ва тарбияти расмӣ, мустаъди ёдгирӣҳастанд. Китобҳо ва давраҳое дар мавриди шаклдиҳии касб ва кори ҷадид бо сурати зиёде дарҳоли афзоишанд. Илова бар китобҳо ва давраҳо, маҷмӯаи ҷадиде аз барномаҳои омӯзишӣ барои пур кардани шикофи иттилоотӣ ва донише барои корофаринон тароҳҳӣ шудааст, ки ҳамакнун дар ҳоли пайгирии касб ва корашон ҳастанд.

Барномаҳои мубтанӣ бар омӯзиши барномаҳои ин фарз амал мекунанд, ки агар фақат мо васоили муносиб ва муассир барои мураттаб сохтани манобеъ баргирифта аз донишгоҳи Ҳолмон, мадрасаи фаннӣ ва донишгоҳҳоро ба ҷомеаи касб ва кори ҷадид пайдо кунем, он вақт мо воқоеан бо тақвияти ибтикороти санъатӣ ҳастем.

Мутолеае, ки дар соли 1982 дар донишгоҳи Бойлур «BYLOR»бар рӯи донишҷӯёни риштаи корофаринӣ сурат гирифт, арзёбии донишҷӯён аз дарси риштаи корофаринӣ ин буд, ки бояд бештарин таъкид бар рӯи дарси молӣ шавад. Дувумин риштае, ки ба назари онҳо бояд бештар мавриди таъкид қарор гирад, дарси мудирият буд. Илова бар инҳо дарси равобити инсонӣ ва бозорёбӣ низ аз ингилисӣ, суханронии амумӣ, ҳунарҳое аз ид дар мураттаби баъдӣ аҳамият қарор доштаанд.

Бар тибқи гузориш PORTER ва MCKIBBIN ду навъ баҳри он омӯзиши мудиррият дар донишгоҳҳои Амрико дар омӯзиш ва беҳбуди мудиррият вуҷуд дорад, ки муртабит бо таъкиди нокофӣ дар эҷоди биниш дар донишҷӯён ва таъкиди нокофӣ бар талфиқи ҷузъҳои миёнвазифае аст. Корофаринӣ шомили биниш « ViSION» ва толфиқ «INTERGRATION» аст. Корофаринон ниёзи мандики биниш аз касб ва кор мухотираомез ва дарки тамоми ҳавзаҳои касб ва кор ҳастанд.

Биниши корофаринон шомили контроли сарнавишти худ, баҳрагирӣ аз худ – ҳидоятӣ, тавоноӣ барои сароҳати лаҳҷа, тавоноӣ дар таъини ахлоқияти худ, мавриди сиёсии ширкат ё давлат набудан аст. Дар ҳоле, ки дарк аз ҷанбаҳои мухталифи касб ва кор муҳим аст, аммо кофӣ нест. Танҳо амале аст, ки фурсати худ итакое ва мустақил буданро фароҳам мекунад.

Ҳоло бояд нақши як мушовири молиро низ дар як касб ва кори кӯчак дар назар гирифт:

Ба унвони як парастор мардум ағлаб суол мекунанд, ки ман чӣ гуна як мушовири иқтисодӣ дорои истеъдод шавам ва ман мехоҳам, ки ба дигарон кӯмак кунам то муваффақиятҳои иқтисодӣ ба даст оваранд. Агар шумо то ба ҳол дар бораи тарҳҳои молӣ фикр кардаед, ё ин ки замони оғоз аст. Бисёре аз мардум наметавонанд аз аҳдои бознишастагӣ бароянд.

Коре кардан фақат тавоноии пардохти қабзҳоро дар муддати кӯтоҳ эҷод мекунад. Ин бақои тарзи фикр аст. Як тарҳи молии хуб қасдҳо ваҳадафҳои ояндаи шуморо барои бознишастагӣ, монда рафтан ба донишгоҳ, хариди хона ва ғайра ба ҳақиқат мерасонад.

Бо як тарҳи дуруст иқтисоди шумо як хотираи оромро таҷриба мекунанд ва ба мақсади худ мерасед. Пеш чӣ гуна ба таври саҳеҳ барои ояндаи худ нақша бикашем? Оё медонед аз куҷо бояд шурӯъ кунем? Ин ҳамон замоне аст, ки як мушовири иқтисодӣ метавонад ба шумо кӯмак кунад. Як мушовири иттилоот, маҳорат ва абзоре барои кӯмак кардан ба шумо барои рафтан аз ҷое, ки ҳоли шумо ҳастанд, барои рафтан ба ҷойе, ки мехоҳанд дар оянда бошед, дер аст. Чанд меъёр барои интихоби як мушовири иқтисодӣ вуҷуд дорад, ки дар зер ба шарҳи он мепардозем.

**Интихоби мушовири молӣ**

1.Оё як мушовири молӣ маъруфи чизи сабтшудае аст. Ин муҳим аст зеро як (Registrered) иттилооти васеи мабнӣ бар ҷаноби сармоягузоре, муъқаити тарҳ, мудиррият, дороиҳоро доро аст. Шумо мехоҳед мушовиреро интихоб кунед, ки метавонад ин имконоторо барои шумо фароҳам кунад. Мушовирони сармоягузорӣ (Registrered)ҳақози ҳимояеро барои хидмати худ талаб мекунанд, ин ба мушовирон иҷозат медиҳад, ки шуморо насиҳат кунанд барои ба даст овардани фаровардҳое, ки шумо ниёзманди он ҳастед на муболиғе, ки мумкин аст онҳо бисёранд. Аз дигар ақсоми хадамоти иқтисодӣ «тароҳи молӣ» аст. «Тароҳи молӣ» Commissionbasedҳастанд. Баъзеи онҳо бо харҷи маҳсулот пул месозанд, чизе ки мумкин аст мутобиқи майли шумо набошад.

2.Оё мушовирони шумо чизҳое, ки шумо онҳоро мехоҳед медонанд, эҳтиёҷот ва оромиши иқтисодӣ? Оё онҳо вақте шумо сӯҳбат мекунед ба хубӣ гӯш медиҳанд? Оё онҳо дарки хубе аз мақсади шумо доранд?

3.Оё онҳо метавонанд шуморо дарк кунанд ва бо шумо иртибот барқарор кунанд ва оё барои шумо мудабир ҳастанд?

4.Оё ин мушовир тавасутшуда меоянд. Назария ва тавсияи шахсӣ ҳамеша мусбат аст.

Интихоби дурусти як мушовири иқтисодӣ оромиши хотираро ба ҳамроҳ дорад. Тавсияи сарват, ҳифзият аз дороиҳое, ки барояшон сахт кор кардаед ба замон эҳтиёҷ дорад ва бо мушовираи саҳеҳ шумо метавонед мувоффиқҳои иқтисодии бештаре ба даст оваред.

**Интихоби мушовираи иқтисодӣ.** Вақте шумо барои нахустин бор бо як мушовири иқтисодӣ мулоқот мекунед, дар ибтидо шумо як тарҳи иқтисодиро халқ кардаед, ки шомили арзёбиҳои зер мебошад:

Мавҷуди шумо ва бадеҳҳои кӯтоҳмуддати шумо ва аҳдофи дарозмуддат ва тарҳҳои шумо. Барои мисол аҳдофи кӯтоҳмуддат мумкин аст шомили тарроҳи таътилоти шумо ба арусӣ, хариди хона ва ё бачадор шудан бошад. Аҳдофи дарозмуддат низ шомили донишгоҳ ва бознишастагӣ бошанд. Тароҳи ҳифзияти дороиҳои шумо, бими таваҷҷуҳ ба зиндагӣ ва аҳдофи дарозмуддати шумо, васиятномаҳо ва амонатҳои шумо. Баъди аз ташхис вазъи роиҷи иҷтимоӣ ва ҳамчунин рушан шудани аҳдофатон, сипас тароҳҳои иқтисодии шумо анҷом мешаванд ва арзёбиҳои мунтазам эҳтиёҷ ба анҷом шудан доранд. Бисёре аз масоил метавонанд бар тароҳҳои иқтисодии шумо таъсир бигузоранд. Тағйирот дар ниёзҳо ва аҳдофи шумо одилона ва муртабои иттифоқ меафтанд ва ҳаводиси ғайри мутарақаба метавонанд бар ҳадафи шумо таъсир бигузоранд. Мушовири иқтисодии шумо ниёз дорад, ки мартабо дар ҷарраёни охирини хабарҳо қарор бигиранд, пас аҳдофи шумо метавонанд тағйир кунанд то ниёзҳои шумо бароварда шаванд.

Расидан аз як рӯз ба рӯзи дигар, ба даст овардани пул ва харҷ кардани пул, ба тавре, ки роҳате метавон тарҳҳои худро барои ояндаи иқтисодии худ ба таъвиқ андохт, вале «бидуни як тарҳ мумкин нест, ки пуле барои як рӯзи боронӣ дошта бошад» шахсе, ки волидайни шумо ағлаб дар бораи он сӯҳбат мекунанд. Бо мушаххас шудани вазъи роиҷи иҷтимоӣ ва ниёзҳо ва аҳдофи шумо барои оянда, халқ кардани як тарҳ ва анҷом додани он тарҳ метавонад шуморо ба маркази аҳдофи ниҳоии иқтисодиёдатон биншонад. Як мушовири иктисодӣ ба шумо кӯмак мекунад, то шумо ёд хоҳед гирифт, ки пулҳои худро пасандоз кунед, пас дар натиҷаи ин дар тӯли зиндагии шумо ва дар ҳини кор кардани шумо афзоиш хоҳад ёфт. Медонад, ки шумо комил омода ва маҳфузи қадр ба зиндагӣ дар осоиш ва роҳате ҳастед чун медонед, ки ба андозаи кофӣ пул доред, ки дар замон эҳтиёҷ аз он истифода кунед. Дар бораи фавоид доштани як тарҳи иқтисодӣ фикр кунед, садои худ, насиҳат ва тамоми абзорҳои лозимӣ барои ин марҳила ва фароянд, ин чизе аст, ки як мушовири иқтисодӣ барои шумо анҷом хоҳад дод.

### АДАБИЁТ


1. www.davoodirad.com



**РОЛЬ ИЗУЧЕНИЯ ДЕЛОПРОИЗВОДСТВА В УЛУЧШЕНИИ ПРОФЕССИОНАЛЬНЫХ НАВЫКОВ УПРАВЛЕНИЯ**

Профессиональные навыки — это знания и умения, которые необходимы работнику для работы на той или иной должности. Профессиональные навыки управления состоят из умения применять на практике все основные методы и приемы, накопленные теорией менеджмента. В данной статье автор рассматривает роль делопроизводства в улучшении профессиональных навыков управления.



Ключевые слова: управление, делопроизводство, профессиональные умения и навыки, профессиональные навыки управления, улучшение профессиональных навыков управления.



**THE ROLE OF THE STUDY OF PROCEEDINGS IN IMPROVEMENT OF PROFESSIONAL SKILLS OF MANAGEMENT**

Professional skills - the skills and knowledge necessary to the employee for working in a particular job. Professional management skills consist of the ability to use all the basic methods and techniques of accumulated theory of management. In this article the author considers the role of documentation in improvement of professional skills of management.



**Key words:** management, records management, professional skills, professional skills, management, improvement of professional skills of management.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Носир Довуди Род*** - соискатель Таджикского национального университета


# БАРРАСИИ РОБИТАИ ШЕВАҲОИ ФАРЗАНДПАРВАРӢ БО ХУДКОРОМАДӢ ВА САЛОМАТИИ РАВОНИИ ДОНИШОМӮЗОНИ ДАБИРИСТОНИ ШАҲРИСТОНИ ИЙЗА


***Юсуф Мумбинӣ Ниё***

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**


Иртиботи волидайн ва фарзандон, аз ҷумлаи мавориди муҳиме аст, ки солҳо назари соҳибназарон ва мутахассисони таълим ва тарбиятро ба худ ҷалб кардааст.

Хонавода нахустин пойгоҳе аст, ки пайванди байни кӯдак дар хонавода пиндорҳои аввалияро дар бораи ҷаҳон фаро мегирад, аз лиҳози ҷисмӣ ва зеҳнӣ рушд меёбад, шеваҳои сухан гуфтанро меомӯзад, ҳинҷорҳои асосии рафторро ёд мегирад ва саранҷом нигаришҳо, ахлоқ ва рӯҳияташ шакл мегирад ва ба иборате иҷтимоӣ мешавад (1, с.22).

Ҳар хонаводае шеваҳои хосро дар тарбияти фардӣ ва иҷтимоии фарзандони хеш ба кор мегирад. Ин шеваҳо, ки шеваҳои фарзандпарварӣ номида мешавад, мутаасир аз омилҳои мухталиф, аз ҷумла омилҳои фарҳангӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва ғайра мебошад (2, с. 34).

Шеваҳои фарзандпарварӣ ба унвони маҷмӯа ё манзумае аз рафторҳое, ки таомулоти волид – кӯдакро дар тӯли донаи густурдае аз мавқеиятҳо тавсиф мекунад ва фарз шудааст, ки як ҷави таомулии таъсиргузорро ба вуҷуд меоварад. Шеваҳои фарзандпарварӣ як омили таъинкунанда ва асаргузор аст, ки нақши муҳиме дар осебшиносии равонӣ ва рушди кӯдакон бозӣ мекунад. Баҳс дар мавриди ҳар як аз мушкилоти  фарзандон бидуни дар назар гирифтани нигаришҳо, рафторҳо ва шеваҳои фарзандпарварӣ тақрибан ғайримумкин аст. Ҳарчанд равоншиносон ва назарияпардозон бар нақши волидайн ва шеваҳои фарзандпарварӣ таъкид мекунанд, таҳқиқоти хеле каме дар мавриди шеваҳои фарзандпарварӣ  ва осебшиносии равонии кӯдак ба амал омадааст (56, с. 3).Таъсири муҳити хонавода бар рушди кӯдак ағлаб ба василаи мушоҳида ин таомули волид – фарзанд мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар ин мушоҳидот маъмулан вижагиҳои рафтории волидайн ба василаи ду буъд арзёбӣ шудааст: а) пазириш (гармӣ), шомили ҳимоят ва парвариши отифии мусбат байни волидайн ва кӯдак мебошад. б) контрол, шомили он даста аз рафторҳои волидайн аст, ки рафтори кӯдаки худро ҳидоят мекунанд: роҳнамоӣ ва контрол, боздоранда ё тасҳилкунанда.

Назарияҳои равоншинохтии мутааддиде дар тайи солҳо саъй карданд то рафтори одамиро табиийин кунанд. Назарияи шинохти иҷтимоӣ низ яке аз ин назарияҳост. Дар соли 1986 Бандуро ин назарияро дар мавриди амалкарди одамиён матраҳ кард, ки дар он нақши боварҳои худро дар шинохт, ангезиш, отифа ва рафтори одамӣ барҷаста намуд. Бандуро муътақид аст, ки афрод як назм «худ»-ро мепарваранд, ки онҳоро қодир месозад то бар тафакурот, эҳсос ва аъмолашон муҳор дошта  бошанд (4, с. 63).

Бандуробо дидгоҳҳое, ки ба авомили дарунии муассир  бар рафтор таваҷҷуҳ мекунанд ва авомили муҳитиро нодида мегиранд, мухолифат мекунанд ва аз дидгоҳҳое, ки инсонро посухдиҳанда мунфаил ба рӯйдодҳои муҳитӣ медонанд низ интиқод мекунад (5, с. 54).

Аз назари Бандуро шахс, муҳит ва рафтори шахс ба ҳам таъсири мутақобил доранд ва ҳеҷ кадом аз ин се ҷузъро наметавон ҷудо аз аҷзои дигар ба унвони таъйинкунандаи рафтори инсон ба ҳисоб овард. Бандуро ин таомули сеҷонибаро ҷабри мутақобил ё таъйингири мутақобил номидааст (6, с. 41).

Ба таври куллӣ, пажӯҳишҳо нишон медиҳанд, ки равишҳои тарбиятии волидайн асароти  тӯлонӣ бар рафтор, амалкард, интизорот ва дар ниҳоят бар шахсияти афрод дар оянда доранд. Масалан, волидайни сахтгир ва диктатур монеи пешрафт ва халлоқияти кӯдак мешаванд. Волидайне, ки иҷоза намедиҳанд кӯдак ибрози вуҷуд кунад монеи бурузи истеъдодҳои билқувваи ӯ мешаванд ва дар натиҷа ин қабил кӯдакон дар оянда афроде равонозурда ва пархошгар хоҳанд шуд. Бо таваҷҷуҳ ба ин ки шеваҳои фарзандпарварии волидайн, наҳваи тарбияти волидайнро ба кӯдакон мунтақил мекунанд ва ин амр дар шаклгирии шахсияти фардмуассир аст ва низ фард нисбат ба худ метавонад бар саломатӣ таъсири зиёде дошта бошад. Ин пажӯҳиш ба баррасии шеваҳои фарзандпарварӣ, худкоромадӣ ва саломатии равонии донишомӯзони шаҳристон Ийза пардохта то ба фарзияҳои таҳқиқ посух диҳад.

**Ҷомеа ва намунаи пажӯҳиш.** Ҷомеаи мавриди парвариш шомили куллияи донишомӯзони духтар ва писари дабиристонҳои шаҳристони Ийза мебошад, ки теъдоди кулли онҳо 3000 будааст, ки ба равиши тасодуфӣ теъдоди 300 нафар ба унвони намуна интихоб шуданд.

**Абзорҳои пажӯҳиш.** Ҷиҳати санҷиши шеваҳои фарзандпарварии волидайн аз пурсишномае, ки тавассути Наққошиён дар ин замина бар асоси кори Шейфар дар Шероз тадвин шудааст, истифода гардид. Ин пурсишнома абъоди мухталифи контрол – озодӣ ва гармӣ – сардии равобити хонаводагиро мавриди санҷиш қарор медиҳад.

Яъқуби Хони Ғиёсвандӣ аз равиши таҳлили омилӣ ва бо истифода аз чархиши Воримкас барои таойиди равоии саволот истифода кард. Саволоти 1-42 рӯйи омили дувумбори бештаре дорад, ки ин омил бо таваҷҷӯҳ ба мафҳумҳо, дарбаргирандаи буъди контрол буд ва саволоти 43-72 бо омили буъди муҳаббат ҳамбастагии болоиро нишон дод. Дар кулли натиҷаи таомили таъйидкунанда эътибори омили саволот буд ва назари созандаи пурсишномаро мабнӣ бар ин ки ин абзор ду буъдро мавриди санҷиш қарор медиҳад, таъйид намуд (7, с. 26). Дар пажӯҳиши ҳозир пояи ин пурсишнома аз тариқи Олфои Крунбох муҳосиба шуд. Зариби поёии бадастомада барои буъди контрол 0/78, барои буъди муҳаббат 0/94 ва барои кулли озмун 0/89 мебошад.

Барои санҷиши худкоромадӣ аз пурсишномаи худкоромадии умумии Шарз ва ҳамкорон истифода шуд. Ин пурсишнома дар миқёси Лекрат ва бо 17 суол тадвин шудааст, ки дар муқобили ҳар савол 5 гузина аз комилан мувофиқам, то комилан мухолифам вуҷуд дорад. Пойинтарин нумра 17 ва болотарин нумра 85 мебошад. Зариби поёии бадастомада аз тариқи Олфои Крунбох дар ин пажӯҳиш баробари 0/82 аст.

Ба манзури санҷиши саломати равонии донишомӯзон аз пурсишномаи саломати умумӣ, ки тавассути Гулбарг ва Ҳелер тадвин шудааст, истифода шуд. Ин пурсишнома ба манзури шиносоии ихтилолоти равонӣ ғайриравонӣ гусехта ибдоъ шудааст. Ин пурсишнома ҳовии 28 савол дар миқёсҳои чаҳоргона нишонаҳои ҷисмонӣ, изтироб, ихтилол дар коркарди иҷтимоӣ ва омилҳои афсурдагӣ мебошад. Дар ин озмун аз озмуне хоста мешавад, то бар асоси як миқёси чаҳордараҷавӣ ба саволот посух диҳад. Кулли нумраҳо 86 аст ва нуқтаи буриши болоӣ 23 аст, ки афроди мушкилдор ташхис дода мешаванд.

Дар таҳқиқи ҳозир поёии озмун аз тариқи Олфои Крунбох муҳосиба шуд, ки зароиби бадастомада барои хурдамиқёсҳои нишонаҳои ҷисмонӣ, изтироб, ихтилол дар коркарди иҷтимоӣ, афсурдагӣ ва миқёси куллӣ саломатии равонӣ ба тартиб иборат аст аз: 0/7, 0/77, 0/48, 0/85 ва 0/90 мебошад (7, с. 23).

**Фарзияҳои таҳқиқ**

1. Худкоромадии донишомӯзон бо таваҷҷуҳ ба шеваҳои фарзандпарварии волидайн мутафовит аст?
2. Саломатии равонии донишомӯзон бо таваҷҷуҳ ба шеваҳои фарзандпарварии волидайн мутафовит аст?
3. Байни худкоромадӣ ва саломатии равонии донишомӯзон робитаи мусбат вуҷуд дорад?

**Ёфтаҳои пажӯҳиш.** Байни шеваҳои фарзандпарварӣ ва саломатии равонӣ робита вуҷуд дорад.

| Мутағайир | Манбаи парокандагӣ | Маҷмӯи маҷзурот | Дараҷаи озодӣ | Миёнгини маҷзурот | Ғ | Сатҳи маънидорӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | байнигурӯҳӣ | 8145/18 | 3 | 2728/41 | 15/21 | 0/000 |
| Саломатии равонӣ | дарунигурӯҳӣ | 63732/08 | 355 | 179/75 | | |
| | кул | 71788/28 | 357 | | | |

Натиҷаи озмун нишон медиҳад, ки байни саломатии равонии донишомӯзоне, ки шеваҳои фарзандпарварии мутафовите доранд, тафовути маънидоре дида мешавад. Ҷиҳати мушаххас кардани ин, ки байни кадом гурӯҳҳо тафовут вуҷуд дорад, аз озмуни таъқибииLSDистифода шуд, ки натоиҷи он дар ҷадвали зер омадааст.

Байни шеваҳои фарзандпарварӣ ва худкоромадӣ дар донишомӯзони дабиристонӣ робита вуҷуд дорад.

| Манбаи парокандагӣ | Маҷмӯи маҷзурот | Дараҷаи озодӣ | Миёнгини маҷзурот | Ғ | Сатҳи маънидорӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| байнигурӯҳӣ | 3483/66 | 3 | 1253/57 | 15.2 | 0/000 |
| дарунигурӯҳӣ | 25540/11 | 356 | 73/58 | | |
| кул | 30134/87 | 358 | | | |

Ҷадвал нишон медиҳад, ки байни худкоромадии донишомӯзоне, ки шеваҳои фарзандпарварии мутафовите доштаанд, тафовути маънидоре вуҷуд дорад. Ба манзури мушаххас кардан ин, ки байни кадом гурӯҳҳо тафовут вуҷуд дорад аз озмуни таъқибии LSD истифода шуд.

## АДАБИЁТ


1. Сайф Алии Акбар. Равоншиносии парваришӣ. – Теҳрон: Огоҳ, 2002.
2. Алиниё Крусӣ Рустам. Баррасии робитаи худкоромадӣ ва саломатии равонии донишомӯзони мақтаи дабиристони пояи саввуми шаҳри Бобул. Поённомаи коршиносии Аршади донишгоҳи Аллома.2004.

3. Ҳайбатии Халил. Баррасии шеваҳои фарзандпарварии волидайн ва робитаи он бо шеваҳои муқобила бо стресси донишомӯзони духтар ва писари соли саввуми дабиристонҳои шаҳри Зарқон. Поённомаи коршиносии Аршади донишгоҳи Шероз, 2003.
4. Яъкубхони Ғиёсвандии Маризия. Робитаи муҳити хонавода ва пешрафти таҳсилӣ. Поённомаи коршиносии Аршади донишгоҳи Шероз, 1994.
5. Bandura, A. (1997). Self – efficacy: The exersice of control. New york: Freeman. Glasgow, K. l.; Dornbusch, S. M.; Troger, D. L., Steinberg, L., & Ritter P. L (1997). Parenting es,
6. Hardy, D. F., Power; T. G & Jaedicke, S (1993). Examining the relation of parenting to childrens nondepressed mother. Applied Develoment psychology. vol 25, p. 133-143.
7. Katanin, S. et al. (1997). Childhood temprement and mother’s child rearing attitude. European Journal of personality. Vol 11 p. 249-265.

**ИЗУЧЕНИЕ СВЯЗИ МЕЖДУ МЕТОДАМИ ВОСПИТАНИЯ В СЕМЬЕ , САМООЦЕНКОЙ И ПСИХИЧЕСКИМ ЗДОРОВЬЕМ УЧАЩИХСЯ СРЕДНИХ ШКОЛ ГОРОДА ИНЗА (ИРИ)**

Чтобы оценивать эффективность воспитательного процесса, необходимо изучать деятельность и поведение воспитуемых. Под эффективностью воспитания понимают степень соответствия достигаемых результатов поставленным целям воспитания. В данной статье автором рассматривается связь между методами воспитания с самооценкой и психическим здоровьем учащихся на примере проведенных исследований в школах города Инза Исламской Республики Иран.

**Ключевые слова:** воспитание, управление процессом воспитания и обучения, результативность, уровень воспитанности учеников, психическое здоровье учеников, самооценка в воспитании.

**EXAMINATION OF THE RELATIONSHIP BETWEEN METHODS OF UPBRINGING IN THE FAMILY, SELF-ESTEEMAND MENTAL HEALTH OF STUDENTS IN SECONDARY SCHOOLS OF THE CITY INZA (IRI)**

To evaluate the effectiveness of the educational process, it is necessary to study the activities and conduct of persons. The effectiveness of the education to understand the degree of conformity of the results to be achieved the goals of education. In this article the author examines the link between methods of education with self-esteem and mental health of pupils on an example of the survey conducted in the schools of the city Inza the Islamic Republic of Iran.

**Key words:** education, management of the process of education and training, efficiency, level of good breeding of pupils, the mental health of students, self-evaluation in education.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Юсуф Мумбини Ниё*** – соискатель ТГПУ им.Садриддина Айни

# САЛОМАТИИ РАВОНӢ ВА ПЕШРАФТИ ТАҲСИЛӢ

***Аҳмад Ризо Додор***
**Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

Баррасиҳо нишон додааст, ки байни саломатии равонӣ дар солҳои оғози рушди кӯдак ва таҳаввул бо ангезаи таҳсилӣ робитаи мусбат вуҷуд дорад. Саломатии равонӣ шомили меъёрҳои гуногуне монанди тандурустӣ (wellness) бавижа беҳзистии зеҳнӣ (subjective well being) аст, ки бо мафҳуми шодкомӣ муодил барои ин вожа дар назар гирифта мешавад. Дар ҳоле, ки мизони суннатии осеби равонӣ шомили нишонагони дарунӣ ва берунии ихтилолоти равонӣ аст. Ба ҳамин далел бархе аз пажӯҳишгарон бовар доранд, ки беҳзистии зеҳнӣ (шодкомӣ) бо ангезаи таҳсилӣ иртиботи мусбат дорад.

Шоҳиди таҷрибӣ ва назарии гуногуне вуҷуд дорад, ки бар иртиботи байни абъоди саломатӣ бо амалкардҳои таҳсилӣ ва тарбиятӣ таъкид мекунад. Донишомӯзоне, ки дучори ошуфтагиҳои ҳаяҷонӣ ва заъфи саломати равонӣ ҳастанд, ағлаб ба шеваҳои мутафовут ошуфтагиҳои худро буруз медиҳанд, ки метавонад дар густураи уфти таҳсилӣ ва худпиндораи заиф то турди иҷтимоӣ ва нотавонӣ дар барқарории иртибот бо ҳамсолон ва адами пойбандӣ ба қонуни иҷтимоӣ қарор гирад, ки ба гунаи мустақим ва ғайримустақим бар фароянди ёдгирӣ асар мегузорад.

Барои муддатҳои тӯлонӣ баррасии робита байни осебҳои равонӣ бо кунишварии таҳаввулӣ аз тариқи пажӯҳишҳои рафторӣ анҷом ва ба вижа мушаххас шудааст, ки вуҷуди ихтилолоте назири изтироб ва афсурдагӣ бо пешрафти таҳсилии заиф ва коҳиши даргирии таҳсилӣ дар кӯдакиву навҷавонӣ робита дорад. Аз сӯйи дигар, робитаи манфӣ ва пешбинипазири мушкилоти равонӣ монанди ихтилоли бешфаъолӣ ҳамроҳ бо нуқси таваҷҷуҳ ва пархошгарӣ низ бо пешрафти таҳсилӣ мавриди таъкид қарор гирифтааст. Афзун бар ин, ихтилолоти берунисозишуда низ бо коҳиши вуруд ба мақотеи болотари таҳсилӣ ва мавқеияти кам дар ёфтани шуғл дар бузургсолӣ иртибот дода шудааст. Бо вуҷуди ин, мурури иҷмолӣ бар адабиёти

пажӯҳишӣ баёнгари он аст, ки бисёре аз баррасиҳои марбут ба робитаи байни осеби равонӣ ва пешрафти таҳсилӣ дар санҷиши тавоноии таҳсилӣ ва мушкилоте монанди озмунҳои дараҷабандӣ ва пешрафти таҳсилӣ ва озмунҳои ҳушии стандарт маҳдудият доштааст.

**Мабонии моделсозии пешрафти таҳсилӣ бар пояи саломат ва шодкомӣ.** Зербанои равоншиносии кунунӣ бештар бар осебшиносӣ, шинохти костиҳо ва нуқсҳои инсонӣ таъкид дорад, бо зуҳури равоншиносии мусбат таъкид бар нуқоти мусбат ба монанди саломати равонӣ ва беҳзистӣ рушди фазояндае пайдо кардааст. Асоси ин рӯйкард дар равоншиносӣ кӯмак ба афрод барои дастёбӣ ба зеҳни мусбаттар ва истифода аз тавоноиҳои фардӣ барои беҳбуди зиндагӣ аст.

Дар равоншиносии мусбат мафҳуми мутаадиде вуҷуд дорад, ки умдатан аз тариқи робитаи бокайфияти зиндагӣ амалкарди афродро бомаъно месозад. Мафҳумҳое монанди беҳзистӣ, ризоият, ҳисси лаззат, умед ва хушбинӣ ҷойгоҳи вижае дар ин рӯйкард ба худ ихтисос додааст. Дар ин миён саломат ва беҳзистии зеҳнӣ ё шодкомӣ аз ҳимояти таҷрибӣ ва назарии бештаре бархӯрдор аст.

Ба назари Донёр, Лукас ва Авишӣ (2005) беҳзистии зеҳнӣ ё шодкомӣ ба маънои арзёбии шинохтӣ ва отифии зиндагӣ ва шомили се созаи мустақил ва марбут бо якдигар аст. Ризоият аз зиндагӣ, отифи мусбат ва отифи манфӣ. Ризоияти зиндагӣ дарвоқеъ арзёбии шинохтӣ ва мустамир аз зиндагӣ бо меъёрҳои шахсӣ ва хусусӣ аст ва шомили қаламравҳои куллӣ ва хос аст. Андозагирии куллӣ ва умумӣ аз тариқи санҷиши куллии шодкомӣ (аз зиндагиям розиям) ва андозагири хос аз тариқи қаламравҳои эҷодшуда тавассути дигарон (монанди муҳити таҳсил) ба даст меояд.

Ёфтаҳои пажӯҳишӣ баёнгари он аст, ки ҳарчанд аксари афрод аз назари шодӣ дар ҳадди мутавассит қарор доранд, бештар ҷавонон сатҳи ризоият ва шодкомии худро дар ҳадди болотаре гузориш мекунанд. Ин шодкомии боло дарвоқеъ як имтиёз маҳсуб мешавад, зеро боиси беҳбудии равобит бо худ ва дигарон ва низ афзоиши бештари амалкарди таҳсилӣ мешавад.

Охирин таваҷҷуҳ ба чорчӯбаи фарогиртар аз дарки саломати равонӣ афзоиш ёфтааст ва ба вижа аз моделҳои мубтано бар равоншиносии мусбат ҳимоятҳои бештаре ба амал омадааст. Натиҷаҳои мутолиоти марбут ба ҷавонон нишон медиҳад, ки амалкарди равоншинохтӣ як пайвастор нест, балки таркибе аз шохисҳои мусбату манфӣ аст, ки дарки комилтаре аз саломатии равонӣ ба даст медиҳад ва аз баррасии омилҳои марбут ба шодкомӣ ва осебшиносии равонӣ ҳимоят мекунад.

Барои намуна Кайис (2002) бар пояи як низоми табақабандӣ саломатии равониро дар чаҳор табақаи комилан солим (flourishing), афсурда ва бемор (languishing), саломатии равонии мутавассит ва бемории равонӣ қарор медиҳад. Натиҷаҳои мутолиоти ӯ нишон дод, ки 17% афрод комилан солим, 12% афсурда ва бемор, 57% дорои саломатии равонии мутавассит ва 16% дучори осеби равонӣ буданд. Афзун бар ин, додаҳо баёнгари он буд, ки афроди афсурда ва бемор ду баробари афроди дорои саломатии равонии мутавассит дар маърази хатари афсурдагии умда қарор доштанд. Ба гунаи куллӣ, ин ёфтаҳо нишон дод, ки арзёбии шохисҳои саломатӣ метавонад иттилооти муҳиме дар мавриди пешгирӣ аз бемории эҷод кунад.

Натиҷаҳои дигари мутолиаи Кейис (2007), ки рӯйи 1236 навҷавони 12 то 18 - сола анҷом шуд, нишон дод, ки бештари навҷавонони 12 то 16-сола дар табақаи комилан солим ва аксари навҷавонони 15 то 18 - сола дар табақаи саломатии равонии мутавассит қарор доштанд. Афзун бар ин, мушаххас шуд, ки бо афзоиши шодкомӣ мушкилоти рафторӣ ба монанди мадрасагурезӣ ва уфти таҳсилӣ коҳиш ёфта ва кунишвариҳои равоншинохтӣ монанди худпиндор ва худмухторӣ (self-determination) ва низ робитаи наздик бо дигарон ва тамаркази таҳсилӣ афзоиш меёбад.

Чуноне ки пештар баён шуд, яке аз боразтарин нишонаҳои тағйир ҷиҳати ошкор аз равоншиносии суннатӣ ба равоншиносии мусбат ва таваҷҷуҳ ба шодкомӣ ва ҳимояти ёфтаҳои пажӯҳишӣ аз таъкид бар тандурустӣ ба ҷойи осеби равонӣ густариши моделҳое аст, ки робитаи байни тандурустӣ ва беҳзистии зеҳниро пешрафт ва амалкарди таҳсилӣ табйин мекунад. Яке аз умдатарин моделҳое, ки то кунун бад-ин манзур тавсиа ёфта, модели дуомилии шодкомӣ аст.

**Модели дуомилии шодкомӣ.** Модели дуомилӣ шомили шохисҳои тандурустӣ (шодкомӣ ё беҳзистии зеҳнӣ) ва осеби равонӣ (мушкилоти рафтори дарунӣ ва берунӣ) аст. Дар ин модел осеби равонӣ ва беҳзистии зеҳнӣ созаҳои ҷудо, аммо муртабат бо якдигар дар назар гирифта мешавад. Грин Испун ва Соклуфекс (2001) бар пояи осеби

равонӣ ва беҳзистии зеҳнӣ чаҳор табақа аз саломатии равониро муаррифӣ мекунанд, ки шомили афроди парешон (distressed) (сатҳи поёнии беҳзистии зеҳнӣ ва сатҳи болоии осеби равонӣ), созишёфта (well- adjusted) (сатҳи болоии беҳзистии зеҳнӣ ва сатҳи поёнии осеби равонӣ) ва ду табақаи дигаре, ки дар табақабандиҳои суннатӣ ба онҳо ишора нашудааст шомили носозгории берунӣ (externallymaladjusted) (сатҳи тандурустии боло ва сатҳи осеби боло) ва норозӣ (dissatisfied) (сатҳи беҳзистии поёнӣ ва сатҳи осеби равонии поён) мешавад. Хулосаи модели дуомилии саломатии равонӣ дар ҷадвали зер нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 2.1. Табақабандии мадели дуомилии шодкомӣ ва саломати равонӣ**

| | Шодкомии боло | Шодкомии поён |
|---|---|---|
| Осеби равонии боло | Нишонгони бидун мӯҳтаво | Мушкилзо |
| Осеби равонии поён | Саломатии равонии комил | Осебпазир |

Бархе аз мутолиоти марбут ба модели дуомилӣ бо он, ки тамоизи ин табақаҳоро таъйид мекунад. Унвонҳои дигаре барои онҳо дар назар мегиранд, ки шомили саломатии равонии комил (беҳзистии зеҳнии боло ва осеби равонии поён), осебпазир (vulnerable) (беҳзисти поён ва осеби равонии поён), бо нишонгони бидуни мӯҳтаво (symptomatic but content) (сатҳи шодкомии боло ва осеби боло) ва мушкилдор (troubled) (беҳзисти поён ва осеби равонии боло).

Гринспун ва Соколовский (2001) барои гирдоварии шоҳиди таҷриба дар ҳимоят аз модели дуомилӣ мутолиаи густурдаеро дар мавриди донишомӯзони канадоӣ анҷом ва нишон доданд. Бо он ки бархе аз донишомӯзоне, ки шодкомии болое доштанд нумраҳои болотаре низ дар осеби равонӣ гирифтанд. Бархеи дигар дар ҳар ду омил осеби равонӣ ва шодкомӣ нумраи поёне ба даст оварданд. Афзун бар ин, бахши умдае аз донишомӯзон дар ду гурӯҳ мутамоизи дигар, яъне сатҳи шодкомиву осеби равонии поён ва шодкомии поёну осеби равонии боло қарор гирифтанд. Ёфтаҳо нишон дод, донишомӯзони ин ду гурӯҳ аз шоистагӣ ва пешрафти таҳсилии заиф, худпиндории поён ва маҳоратҳои андаки байнифардӣ ранҷ мебурданд.

Ёфтаҳои Сулдо ва Шофер (2008), ки ба манзури гирдоварии ҳимояти таҷрибии бештар аз модели дуомилӣ анҷом шуд, нишон дод, ки донишомӯзони комилан солим (бо беҳзистии зеҳнии боло ва осеби равонии поён) муваффақияти таҳсилии бештаре нисбат ба ҳамсолони осебпазир (бо шодкомии поён ва осеби равонии поён) доштанд. Донишомӯзони  осебпазир дар озмуни хондан амалкарди хубе надоштанд ва ғайбат аз мадраса низ дар онҳо зиёд буд. Донишомӯзони гурӯҳи нишондоди бидуни мӯҳтаво (бо беҳзистии боло ва осеби равонии боло) низ нисбат ба донишомӯзони мушкилдор (бо беҳзистии поён ва осеби равонии боло) равобити байнифардии мусбаттаре бо ҳамсолон доштанд ва нисбат ба донишомӯзони гурӯҳи аввал ҳимояти бештаре аз волидайн дарёфт мекарданд. Аз сӯйи дигар, донишомӯзони табақаи нишондоди бидуни мӯҳтаво бо ин, ки дорои шодкомии боло ва дар айни ҳол осеби равонӣ буданд тавоноиҳои таҳсилии бештаре аз худ нишон доданд.

Афзун бар мутолиаи боло, Сулдо ва Шофер (2008) дар пажӯҳиши дигар робитаи шодкомӣ ва саломатии ҷисмиву равониро бо амалкарди иҷтимоӣ ва нигариш нисбат ба таҳсил дар байни донишомӯзони давраи мутавассит баррасӣ ва илова бар таъйиди ёфтаҳои пешин нишон доданд, ки ба гунаи куллӣ 57% гурӯҳи намуна дорои саломатии равонии комил (шодкомии боло ва осеби равонии поён), 13%  осебпазир (шодкомии поён ва осеби равонии поён), 13% дорои нишонгони бидуни муҳтаво (шодкомии боло ва осеби боло) ва 17% мушкилзо (шодкомии поён ва осеби равони боло) буданд.

Аз сӯйи дигар, донишомӯзон бо вазъияти саломатии равонии комил, бештар аз ҳамсолони осебпазири худ ба муваффақияти таҳсилӣ даст ёфта буданд. Гурӯҳи осебпазир дар пешрафти хондан вазъияти номатлубе доштанд, бештар аз афроди солим аз мадраса ғайбат мекарданд ва аз худпиндории таҳсилии заиф ва ангезаи поёне барои худназмҷӯйӣ дар синф бархӯрдор буданд. Саранҷом, донишомӯзони осебпазир камтар аз гурӯҳи солим ба таҳсилот ба унвони як ҳадафи баландмуддат аҳамият медоданд. Донишомӯзони дорои нишонгони бидуни мӯҳтаво низ равобити байнифардии мусбаттаре бо ҳамсолон доштанд ва нисбат ба афроди мушкилзо ҳимояти бештаре аз волидайн дарёфт мекарданд.

Ба гунаи куллӣ, корбурди модели дуомилӣ тавонист амалкарди равоншинохтии ду гурӯҳи мунҳасир ба фардро шиносоӣ кунад, ки беш аз он дар осебшиносии равони сунатӣ нодида гирифта шуда буд. Ин модел, ба вижа барои ташхиси донишомӯзони осебпазир муфид буд, ки бидуни нишонгони осеб буданд, аммо шодкомии онҳо нисбатан поён ва дар маърази шикасти таҳсилӣ қарор доштанд. Дар муқобил,

донишомӯзоне, ки нишонгони осеби равонӣ доштанд, аммо шодкомии онҳо нисбатан боло буд (гурӯҳи нишонгон бидуни мӯҳтаво) тавоноиҳое аз худ нишон медоданд, ки онҳоро аз назари иҷтимоӣ солим нишон медод.

Бо вуҷуди ин, ба назар мерасад танҳо мутолиаи тӯлӣ барои баррасии натиҷаҳои баландмуддати модели дуомилӣ мутаалиқ ба Толҷӣ (2010) аст, ки дар мутолиаи худ нишон дод, табақаҳои модели дуомила метавонад тағйироти амалкарди таҳсилиро бар пояи ду мутағйир - модели кулл ва мизони ғайбат пешбинӣ кунад. Ба вижа, донишомӯзони мушкилзо нисбат ба ҳамсолони осебпазир ё дорои саломатии равони комил, уфти шадиде дар модели кулл доштанд. Бо он ки сатҳи шодкомии поёни донишомӯзони осебпазир дар оғози баррасӣ зоҳиран онҳоро дар мавқеияти уфти таҳсилӣ қарор намедод, аммо шодкомии болои гурӯҳӣ, ки нишонгони бидуни мӯҳтаво доштанд, монеа аз уфти таҳсилии онҳо мешуд. Ин эҳтимол вуҷуд дорад, ки ба рағми вуҷуди осеби равонӣ ва шодкомии боло ба далели робитаи иҷтимоӣ бо бузургтарҳо ва ҳамсолон амалкарди таҳсилии беҳтаре пайдо кардаанд.

Ба эътиқоди бисёре аз соҳибназарон афсурдагӣ ва изтироб ба унвони ихтилолоти дарунисозишуда ва ду мушкили муштараки даврони кӯдакӣ ва ҷавонӣ бо амалкарди таҳсилӣ робитаи мустақим дорад. Натиҷаҳои марбут ба шеваи ин ду ихтилол нишон медиҳад, ки тақрибан 68% кӯдакони 15 то 17 - сола аз афсурдагӣ ва 8% ҷавонон аз изтироб ранҷ мебаранд. Афзун бар ин, байни нишонгони ихтилолоти дарунисозишуда бо нумраҳои таҳсилӣ робитаи манфӣ вуҷуд дорад. Пойг- Онтич ва ҳамкорон (Puig- Antich, J., Kaufman, J., Ryan, N. D., Williamson, D. E., Dahl, R. E., et al. 1993) низ нишон доданд, ки донишомӯзони мушкилзо пешрафти таҳсилии поён ва равобити мусбати андаке бо муаллимҳо барқарор мекунанд. Мутолиоти дигаре низ ба таври ихтисос коркарди таҳсилиро бо осеби равонӣ баррасӣ карда ва нишон доданд, ки донишомӯзони мубтало ба ихтиоли бешфаъолии ҳамроҳ бо нуқси таваҷҷуҳ (attention deficit\ hyperactivity disorder), ихтилоли бадгумонии мухолиф (oppositional defiant disorder) ва ихтилоли сулук (conduct disorder) мушкилоти ҷиддӣ дар ҳавзаи таҳсил доранд. Волидайн ва муаллимони ин донишомӯзон низ интизороти поёне аз амалкарди таҳсилии онҳо доранд ва ҳатто барои духтарҳо нигариши манфӣ ғолибтар аст.

Баррасиҳои тӯлӣ низ шоҳидӣ дар бораи робитаи манфии байни нишонгони афсурдагӣ ва изтироб бо пешрафти таҳсилӣ фароҳам кардаанд. Барои намуна, Фаргусун ва Вудворд (2002) дар як баррасии 21- сола рӯйи навҷавонони 14 то 16 - сола нишон доданд, ки 13% афроде, ки ба афсурдагӣ мубтало буданд дар маърази хатари мушкилоти таҳсилӣ монанди ихроҷ аз мадраса, адами қабул дар донишгоҳ низ қарор доштанд. афзун бар ин, тақрибан 26 % тарки таҳсил карда ва танҳо 22 % вориди донишгоҳ шуданд. Дар муқобил, 17 % гурӯҳе, ки афсурдагӣ надоштанд мадрасаро тамом карда ва 32 % вориди донишгоҳ шуданд. Ин баррасӣ шавҳоди бештаре барои таваҷҷуҳ ба санҷиши мушкилоти саломати равонӣ ва робитаи он бо муваффақияти таҳсилӣ дар ихтиёр қарор дод.

Бархе аз пажӯҳишҳо нишон додааст, ки афроди бешфаъол ҳамроҳ бо нуқси таваҷҷуҳ нисбат ба ҳамсолони солим амалкарди дарсии заиф дошта ва дар озмунҳои пешрафти таҳсилӣ нумраи камтаре ба даст меоваранд ва ин мушкили рафторӣ дар 7-солагӣ як омили хатар барои рафтори таҳсилии баъдӣ ва пешбиникунандаи мӯътабаре барои тарки таҳсил хоҳад буд. Дар ҳоле ки дар мутолиаи марбут ба ихтилолоти сулук ин натоиҷ мушоҳида нашуд.

Мушкилоти дигаре ба ғайр аз бешфаъолӣ низ ба пешрафти таҳсилӣ таъсири манфӣ мегузорад. Муҳаққиқон шавоҳиде ба даст доданд, ки кӯдакони мубтало ба мушкилоти рафторӣ кунишварии ҳушии нисбатан поёне, бавижа дар тавоноии каломӣ доранд. Ин тафовути ҷузъӣ бар амалкарди таҳсилӣ таъсири маъкус мегузорад. Сарфи назар аз тавоноии ҳушӣ шавоҳиди дигар нишон медиҳанд, ки рафторҳои зиддиичтимоӣ ё пархошгарона ба таври барҷастае пешрафти донишомӯзро кунд мекунанд.

## АДАБИЁТ


1.Хушкуниш А., Кишоварз, Афшор Ҳ. Робитаи байни шодкомӣ ва саломатии равони донишҷӯён. Фаслномаи Андеша ва рафтор, 1387.-шумораи 7.-С.84.

2.Ҳеҷел Лорӣ., Зиглер, Даниел. Назарияҳои шахсият (маврӯзаҳои асосии пажӯҳиш //тарҷ. Алии Асгарӣ.-Сова: Донишгоҳи озоди исломии Сова, 1992.

4.Ҳуман Ҳ.А. Шинохти равиши илмӣ дар улуми рафторӣ.-Теҳрон: Самт, 1386.

5. Adler, M. G., & Fagley, N. S. (2005). Appreciation: Individual differences in finding value and meaning as a uniquepredictor of subjective well-being. Journal of Personality, 73, 79–114.

**ПСИХИЧЕСКОЕ ЗДОРОВЬЕ И УСПЕВАЕМОСТЬ УЧАЩИХСЯ**

Исследование показало, что на начальном этапе работы состояние большинства детей характеризовалось пассивностью, апатией, заторможенностью, погруженностью в тягостные переживания. На этом этапе основной задачей психокоррекции являлось побуждение детей к активности (в частности, двигательной). Соответственно, поощрялись любые активные занятия. Наибольшую роль на этом этапе работы играли методы двигательной терапии.

**Ключевые слова:** обучение, образование, психология, социализация, урок здоровья**,** учащиеся, аудитория.

**MENTAL HEALTH AND THE ACHIEVEMENT OF STUDENTS**

The study showed that the initial stage, the condition of the majority of children characterized by passivity, apathy, inhibition, погруженностью in painful experiences. At this stage, the main task of the psycho-correction was encouraging children to be active (in particular, the motor). Accordingly, encouraged any active classes. The greatest role in this phase of work played methods of therapy.

**Key words:** training, education, psychology, socialization, health lesson, students, audience.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Ахмад Ризо Додор*** – соискатель НИИ развития образования АОТ

## МУНДАРИҶА - СОДЕРЖАНИЕ

### ТАЪРИХ – ИСТОРИЯ

ТОРГОВО-ЭКОНОМИЧЕСКИЕ ОТНОШЕНИЯ ТАДЖИКИСТАНА И РОССИИ В ГОДЫ НЕЗАВИСИМОСТИ
*Дж.Г. Джураев*.................................................... *3*

ИЗ ИСТОРИИ ТАДЖИКСКО-КАЗАХСКИХ ОТНОШЕНИЙ
*А. Шарипов*.................................................... *6*

НАВА ВИХАРА - НАВБАҲОР МАРКАЗИ ДИНИ БУДДОИЯИ ТАХОРИСТОН
*С.У.Асоев*.................................................... *11*

САХМИ БОСТОНШИНОСОН ДАР ОМУЗИШИ ШАҲРИ БОСТОНИИ ҲАЛЕВАРД (КОФИРҚАЛЪА)
*Сайфуллоев Нуритдин*.................................................... *14*

АЛ-ХОРЕЗМИ – ОСНОВОПОЛОЖНИК ВЫЧИСЛЕНИЯ, АЛГЕБРЫ И АЛГОРИТМА
*А.Ш.Комили, Х.И.Максадов, А.Х.Табаров*.................................................... *18*

ПАЖӮҲИШЕ ДАР БОРАИ СИККАҲОИ МАЛИКА ПУРОНДУХТ ДАР РОБИТА БО МАСЪАЛАИ МУДДАТИ ҲУКМРОНИИ Ӯ
*Муҳаммад Азизӣ*.................................................... *21*

АЛИ ИБНИ ҲУСЕЙНИ МАЪСУДӢ ПЕШРАВ ДАР ИЛМИ МАРДУМШИНОСӢ
*Масъуд Шодмон*.................................................... *23*

РОБИТАҲОИ ТОҲИРИЁН БО АЛАВИЁН
*Ҳамиди Куҳансол*.................................................... *27*

МУНОСИБАТИ КОРХОНАҲОИ МУШТАРАКИ БОФАНДАГИИ ТОҶИКИСТОН БО КОРХОНАҲОИ БОФАНДАГИИ ХИТОЙ

*Я.Х. Набиев*........................................................................................................................ *32*

ДИДГОҲИ ТОҶИКИСТОН ВА ЭРОН НИСБАТ БА АМНИЯТИ ГЕОПОЛИТИКИИ ХАЛИҶИ ФОРС
*Маҳди Ҳафта Казозӣ*................................................................................ *35*

РАВОБИТИ ШОҲ ИСМОИЛИ САФАВИИ АВВАЛ БО ЗАҲИРИДДИН МУҲАММАДИ БОБУР
*Ҳусейни Баҳманӣ*................................................................................ *38*

ТАЪСИРИ ТИБИ ИБНИ СИНО БАР ТИБИ ҒАРБ
*Фотима Содот Фикрӣ*................................................................................ *41*

ОМУЗИШИ ТАЪРИХИ МАНОРИ ҶОМ ВА МУШКИЛОТИ НИГОҲДОРИИ ОН
*Муҳаммад Обид Ҳайдарӣ*................................................................................ *45*

ҲУҚУҚ

ОСНОВНЫЕ ЭЛЕМЕНТЫ АВТОРСКОГО ДОГОВОРА
*И.Г.Ахмеджанов*................................................................................ *49*

ҲУҚУҚИ САРМОЯГУЗОРИИ ХОРИҶИ ДАР ҚИБОЛИ МИЛЛИ ШУДАН, МУСОДИРАИ АМВОЛ ВА САЛБИ МОЛИКИЯТИ ҚОНУНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ЭРОН
*Муҳаммадтақии Эронӣ*................................................................................ *55*

ҶОМЕАШИНОСӢ

ҲАЁТ , ФАЪОЛИЯТ, ОСОРИ ИЛМӢ ВА ФАЛСАФИИ АЛЛОМА САЛОҲУДДИНИ САЛҶУҚӢ
*Обида Салчуқӣ*................................................................................ *59*

ҲАДИСИ ФАЪОЛИЯТИ ДУ ПАЁМБАР - ИБРОҲИМ ВА МУСО ДАР «ТАВРОТ» ВА «ҚУРЪОН»
*Заҳро Ризоӣ*................................................................................ *63*

БАРРАСИИ РОҲҲОИ ҶАЛБИ МУШОРИКАТИ ИҚТИСОДӢ-ИҶТИМОИИ ЗАНОНИ РУСТОӢ
*Фазила Хонӣ, Хадича Ризоии Қодӣ*................................................................................ *69*

ФАЛСАФАИ ТАЪРИХИИ ҲОФИЗИ АБРУ
*Наргиси Резоқулизодаи Оҳангар*................................................................................ *74*

ХОНАВОДА ҲАМЧУН МУҲИМТАРИН НИҲОДИ ИҶТИМОӢ
*Абдулфалз Бурғонии Фароҳонӣ*................................................................................ *77*

ПЕДАГОГИКА

ПРОБЛЕМЫ ВОСПИТАНИЯ КУЛЬТУРЫ МЕЖНАЦИОНАЛЬНОГО ОБЩЕНИЯ И ТОЛЕРАНТНОГО ПОВЕДЕНИЯ В ВЫСШЕЙ ШКОЛЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН
*Х.Р. Шомурадов, Нурали Туни*................................................................................ *81*

ДЕКОРАТИВНО-ПРИКЛАДНОЕ ТВОРЧЕСТВО И НАРОДНЫЕ ПРОМЫСЛЫ СРЕДНЕЙ АЗИИ
*С.Рахимов, А.А. Азизов*................................................................................ *84*

**ДИДАКТИЧЕСКИЕ УСЛОВИЯ ПРОЦЕССА ПОЗНАНИЯ В ОБУЧЕНИИ ХИМИИ**
*А.Д.Гулмирзоев*........................................................................................ *89*

ЗАРУРАТ ВА МУШКИЛОТИ НИЗОМ ВА МЕЪЁРҲОИ БАҲОГУЗОРИИ 10,12 ...,100 БАЛЛА БА ДОНИШИ ХОНАНДАГОН
*Д. Имомназаров*........................................................................................ *93*

ТАҲСИЛОТ БАРОИ ҲАМА
*С. Холназаров, Ҳ.Ғ. Зарипов* ........................................................................ *101*

ТАЪРИХЧАИ ОМӮЗИШ ВА ПАРВАРИШИ НАВИН ДАР ЭРОН
*Козими Растагор*........................................................................................ *104*

ТАРЗУ ВОСИТАҲОИ БУНЁДИ МУҲИТИ ТАЪЛИМ ВА НАҚШИ ОН ДАР ТАШАККУЛИ МУНОСИБАТҲОИ САЛОҲИЯТНОКИИ ТАЛАБАҲО
*А. Зоиров* ........................................................................................ *111*

ДУХТАРОНИ БЕСОМОН ВА ДУНЁИ ИҶТИМОИИ ОНОН
*Садро Мирзоҷонӣ*........................................................................................ *114*

БАРРАСИИ МУШКИЛОТИ ИҶТИМОИИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯТ ВА ТАЪСИРИ ОН ДАР РАВАНДИ РУШДИ ОМӮЗИШ ВА ПАРВАРИШ
*Муҳаммад Афҳамӣ Ақдо*........................................................................................ *118*

ОМӮЗИШИ ONLINE РОҲНОВАРДИ НАВИНИ ТЕХНИКӢ БАРОИ БЕҲБУДИ СИФАТИ ОМӮЗИШ
*Ҳуҷҷатулло Моҳру Бахтиёрӣ*........................................................................................ *122*

КРИТЕРИИ И УРОВНИ РАЗВИТИЯ МОТИВАЦИИ СТУДЕНТОВ ФАКУЛЬТЕТОВ ИНОСТРАННЫХ ЯЗЫКОВ
*И.Б.Эмомов, М. С.Нуров* ........................................................................................ *126*

**ИССЛЕДОВАНИЕ САМООЦЕНКИ В СОВРЕМЕННОЙ ПСИХОЛОГИИ**
*У.Нумонов, М.М.Бурхонова* ........................................................................................ *128*

ТАЪРИХИ ТАЪЛИМОТИ ОЛӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ЭРОН
*Қосим Каримӣ, Саид Исмоили Мусавӣ*........................................................................................ *132*

СИСТЕМА ОБРАЗОВАНИЯ В ИРАНЕ
*Мазлум Мехди*........................................................................................ *136*

БАРРАСИИ ЗАРУРАТИ ОМӮЗИШҲОИ ЗИМНИ ХИДМАТ ДАР СОЗМОНҲО
*Алиризо Иброҳимпур, Шахроми Баёзикалакободӣ*........................................................................................ *140*

ПЕДАГОГИКО - ПСИХОЛОГИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ФОРМИРОВАНИЯ ВОСПИТАНИЯ У НАРОДОВ ИСЛАМА
*Джахонгир Косим Нажод*........................................................................................ *144*

ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ПОДГОТОВКИ ШКОЛЬНИКОВ СЕЛЬСКОЙ ШКОЛЫ К ВЫБОРУ ПРОФЕССИЙ
*Г. Салимов* ........................................................................................ *148*

НАСЛИ ҶАВОНРО ДАР РУҲИЯИ ХУШМУОМИЛАГИ ТАРБИЯ НАМУДАН ФАРЗ АСТ
*Дилором Ашурова, Гулбаҳор Ядгарова*........................................................................................ *153*

НАҚШИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ ДАР ТАШАККУЛИ МАҲОРАТҲОИ МУСБАТИ ДОНИШОМӮЗОН
*Самари Хушномфард*........................................................................................................ 157

БАРРАСИИ КИТОБҲОИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ДАР ЭРОН
*Меҳрони Имодӣ* ........................................................................................................ 163

УЛГӮИ ТАЪСИРИ ОМӮЗИШИ ВОЛИДИ ҲИМОЯТГАР БА РАВИШИ ҚИССАГӮЙӢ БАР РАФТОРИ ПАРХОШГАРИ КӮДАКОНИ КОР БАР АСОСИ НАЗАРИЯИ ТАҲЛИЛИ РАФТОРИ МУТАҚОБИЛ
*Моҳрухи Ҳасанзодагони Рӯдсарӣ*........................................................................... 166

ИГРОВЫЕ ТЕХНОЛОГИИ ПРИ КОМПЛЕКСНОМ РАЗВИТИИ ВЕДУЩИХ ИНТЕРЕСОВ, ИХ КОРРЕКЦИИ У МЛАДШИХ ШКОЛЬНИКОВ
*Хабибулло Рамазони*.......................................................................................... 171

ПСИХОЛОГО-ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ НРАВСТВЕННОГО ВОСПИТАНИЯ В МЛАДШЕМ ШКОЛЬНОМ ВОЗРАСТЕ
*Марьям Фарогати* ........................................................................................................ 174

ИҚДОМИ АРЗЁБИИ ИХТИЛОЛОТИ ФАРОГИРИ РУШД
*Марям Ҳуҷҷатӣ*........................................................................................................ 179

МУҚОИСАИ УСУЛҲОИ ТАРБИЯИ ФАРЗАНД ВА ТАРЗИ ЗИНДАГИИ ВОЛИДОН ДАР ЭРОН ВА ТОҶИКИСТОН
*(мувофиқи тадқиқот дар шаҳрҳои Сори ва Душанбе)*
*Нафиса Халилӣ*........................................................................................................ 183

НАВРӮЗ ВА ПОКИИ ҶИСМУ РӮҲ
*Парвина Лутфуллоева*........................................................................................................ 186

АВОМИЛИ МУАССИР БАР ТАЪЛИМУ ТАРБИЯТ АЗ ДИДГОҲИ АТТОРИ НИШОПУРӢ
*Ризои Яздонӣ*........................................................................................................ 188

ТАЪСИРИ ОМӮЗИШИ САБКИ ҲАЛЛИ МАСЪАЛА БАР МИЗОНИ ҲУРМАТИ ХУДИ НАВҶАВОНОНИ ДОРОИ МУШКИЛОТИ РАФТОРИ ИРТИБОТӢ
*Зайнаби Зареннажод*........................................................................................................ 190

ЛЕЧЕНИЕ ГИПЕРАКТИВНОСТИ / ДЕФИЦИТА ВНИМАНИЯ
*Маджид Солехиани*........................................................................................................ 193

ФОРМИРОВАНИЕ ПРИЕМОВ ЛОГИЧЕСКОГО МЫШЛЕНИЯ В ОБУЧЕНИИ БИОЛОГИИ
*С.С. Шамсуллоева*........................................................................................................ 198

**АКТИВИЗАЦИЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ БУДУЩИХ УЧИТЕЛЕЙ В ПРОЦЕССЕ МАТЕМАТИЧЕСКОГО ОБРАЗОВАНИЯ**
***К.Т. Бурханов, Р. Н. Султанов***........................................................................................................ 201

ОСНОВНЫЕ ФОРМЫ СОВМЕСТНОЙ РАБОТЫ ШКОЛЫ, СЕМЬИ И ОБЩЕСТВЕННОСТИ ПО ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ ОРИЕНТАЦИИ УЧАЩИХСЯ СЕЛЬСКОЙ ШКОЛЫ
*Г.Салимов* ........................................................................................................ 208

**ТЕОРИЯ МНОЖЕСТВЕННОСТИ ИНТЕЛЛЕКТА В СОВРЕМЕННОМ УЧЕБНОМ ПРОЦЕССЕ**
***Наим Йилдирим***........................................................................................................ 212

ОСНОВЫ ПАТРИОТИЧЕСКОГО ВОСПИТАНИЯ СТУДЕНТОВ СРЕДНИХ СПЕЦИАЛЬНЫХ УЧЕБНЫХ ЗАВЕДЕНИЙ
*Н. Худоёрова* ........................................ 217

ПРОБЛЕМА ПОВЫШЕНИЯ КАЧЕСТВА ЗНАНИЙ СТУДЕНТОВ В ВУЗЕ СРЕДСТВАМИ ПЕДАГОГИЧЕСКОГО ТЕСТИРОВАНИЯ
*З.Ш. Хафизова* ........................................ 220

ВЗАИМОСВЯЗЬ САМОСТОЯТЕЛЬНОСТИ И АКТИВНОСТИ ЧЕЛОВЕКА
*М.М.Рахимов*........................................ 223

ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ РАЗВИТИЯ ТВОРЧЕСКОЙ КОМПЕТЕНЦИИ УЧАЩИХСЯ НА УРОКАХ АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА НА МЕЖПРЕДМЕТНОЙ ОСНОВЕ
*Корай Вурал*........................................ 226

ОСОБЕННОСТИ РОДИТЕЛЬСКОГО АВТОРИТЕТА И ЕГО РОЛЬ В НРАВСТВЕННОМ ВОСПИТАНИИ ДЕТЕЙ В СЕМЬЕ
*О.Камолов*........................................ 230

ТЕХНОЛОГИЯ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ МЕТОД ПРОЕКТОВ В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ ИНОСТРАННОГО ЯЗЫКА И ЕЕ РОЛЬ В РАЗВИТИИ ПОЗНАВАТЕЛЬНЫХ НАВЫКОВ СТУДЕНТОВ
*Хайдаров Алишер*........................................ 237

ҲУШИ ҲАЯҶОНИ ВА АНДЕШАҲОИ МАРБУТ БА ШАКЛГИРИИ ОН
*Фарзона Хокӣ Сиддиқ*........................................ 240

ОМУЗИШ ВА ПАРВАРИШИ ДАР АСРИ ИТТИЛООТ ВА ИРТИБОТОТ
*Ғуломалии Фаххорӣ Ашрафӣ*........................................ 242

БАРРАСИИ НАҚШ ВА АҲАМИЯТИ ШЕВАҲОИ МУДИРИЯТИ СИНФ ВА МАҲОРАТҲОИ ИРТИБОТ БО ДОНИШОМӮЗОН ДАР ҶИҲАТИ ТАҲҚИҚИ АҲДОФИ ОМӮЗИШӢ
*Иброҳими Мисҳокӣ*........................................ 245

НАЗАРЕ БА МАСЪАЛАИ БАЗЕҲКОРИИ НАВРАСОН ВАҶАВОНОН
*Фалоҳатии Беҷорпас Умулбанин*........................................ 251

АҲАМИЯТ ВА НАҚШИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТИ *TI* ДАР ЁДГИРИИ ЭЛЕКТРОНИКӢ
*Самоне Ворис Вазириён*........................................ 254

ТАЪСИРИ СТРАТЕГИИ ЁДГИРИИ СОХТОРИ МАФҲУМИ БАР ПЕШРАФТ ВА ЁДГИРИИ МАЪНОДОРИ ДАРСИ ЗАБОНИ АНГЛИСИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФИ *11*
*Мансураи Калҳор*........................................ 256

ТАЪРИХЧАИ СТАНДАРТСОЗИ ДАР ЭРОН
*Суҳайло Аббосиён*........................................ 261

АҲАМИЯТИ ЁРИРАСОНИИ ЗУДРАСИ ДАВРАИ КӮДАКӢ
*Руъё Ёвариён*........................................ 264

НАҚШИ ФАНОВАРИ, ИТТИЛООТ ВА ИРТИБОТОТ ДАР ТАЪЛИМ ВА ТАРБИЯ
*Ҳомид Ходим Масҷидӣ*........................................ 267

БАРРАСИ ВАТАБЪЙИНИ НАВОВАРИҲОИ ИТТИЛООТИ
ВА ИРТИБОТӢ ДАР ҲАЗОРАИ САВУМ
*Омина Амонзода Буни, М. Нуъмонов*……………………………………………………………… 271

АНГЕЗАИ ПЕШРАФТИ ШАХСИЯТ
*Сокина Қурбоналӣ Нажод*……………………………………………………………………………….. 274

АСАРБАХШИИ САБКҲОИ ДИЛБАСТАГИИ ДАВРОНИ КУДАКИ
БАР ДАВРОНИ НАВҶАВОНӢ ВА ҶАВОНӢ
*Алии Сиёмансурӣ*………………………………………………………………………………………….. 277

НАҚШИ ОМУЗИШИ КОРОФАРИНИ ДАР БЕҲБУДИ
МАҲОРАТ ВА ДОНИШИ КОРФАРМОЁН
*Носир Довуди Род*…………………………………………………………………………………………. 282

БАРРАСИИ РОБИТАИ ШЕВАҲОИ ФАРЗАНДПАРВАРИ
БО ХУДКОРОМАДӢ ВА САЛОМАТИИ РАВОНИИ
ДОНИШОМӮЗОНИ ДАБИРИСТОНИ ШАҲРИСТОНИ ИЙЗА
*Юсуф Мумбинӣ Ниё*……………………………………………………………………………………… 285

САЛОМАТИИ РАВОНИ ВА ПЕШРАФТИ ТАҲСИЛИ
*Аҳмад Ризо Додор*………………………………………………………………………………………….. 288

## БА МАЪЛУМОТИ МУАЛЛИФОН

Дар маҷаллаи «Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» мақолаҳое чоп мешаванд, ки онҳо дорои натиҷаҳои таҳқиқотҳои илмӣ оид ба илмҳои табиӣ, иқтисодӣ, гуманитарӣ, адабиётшиносӣ ва забоншиносӣ мебошанд.

Ҳангоми ирсоли мақолаҳо муаллифон бояд қоидаҳои зеринро риоя намоянд:

Ҳаҷми мақола якҷоя бо расм, ҷадвал, диаграмма, графика ва матни аннотатсия бо забонҳои русӣ ва англисӣ набояд аз 10 саҳифаи чопи компютерӣ зиёд бошад.

Мақола бояд дар системаи Microsoft Word тайёр карда шавад. Дар баробари нусхаи чопии мақола нусхаи электронии он низ пешниҳод карда мешавад. Мақола дар компютер ҳуруфчинӣ гардида (гарнитура Times New Roman Tj 14, формат А4, фосилаи

байни сатрҳо – 1,5 см., ҳошияҳо: боло – 3 см, поён – 2,5 см, чап – 3см, рост – 2 см; ), ҳамаи саҳифаҳо бояд рақамгузорӣ карда шаванд.

Дар саҳифаи якум унвони мақола, дар сатри дуюм ному насаби муаллиф ва ё муаллифон нишон дода мешавад. Дар сатри сеюм номгӯи муассисаи таълимӣ, суроға ва e-mail. Баъд аз як фосила матни асосии мақола оғоз меёбад. Дар охири мақола баъд аз рӯйхати адабиёт аннотатсияҳо бо забонҳои русӣ, англисӣ ва калидвожаҳо (8-10 калима) оварда мешавад.

Рӯйхати адабиёт бо тартиби умумӣ баъд аз матни мақола оварда мешавад. Он набояд зиёда аз панҷ-шаш номгӯи адабиётро дарбар гирад. Қоидаи тартибдиҳии рӯйхати адабиёт бояд риоя карда шавад.

Мақолаҳои илмие, ки ба редаксия ирсол карда мешаванд, бояд варақаи экспертӣ, маълумотномаи муаллифӣ (барои мақолаҳои силсилаи табиӣ), тақризи мутахассисони соҳаро дошта бошанд.

Пешпардохт барои чопи мақола аз аспирантон гирифта намешавад.

Ҳайати таҳририя ҳуқук дорад, ки мақолаҳои илмиро ихтисор ва ислоҳ намояд.

Мақолаҳое, ки ба талаботи зерин ҷавобгӯ нестанд, аз ҷониби ҳайати таҳририяи маҷалла баргардонида мешаванд.

## К СВЕДЕНИЮ АВТОРОВ

В научном журнале «Вестник Таджикского национального университета» печатаются статьи, содержащие результаты научных исследований по естественным, гуманитарным и экономическим наукам.

При направлении статьи в редколлегию авторам необходимо соблюдать следующие правила:

Размер статьи не должен превышать 10 страниц компьютерного текста, включая текст, таблицы, библиографию, рисунки и тексты аннотаций на таджикском, русском и английском языках.

Статья должна быть подготовлена в системе Microsoft Word. Одновременно с распечаткой статьи сдается электронная версия статьи. Рукопись должна быть отпечатана на компьютере (гарнитура Times New Roman Tj 14, формат А4, интервал одинарный, поля: верхнее - 3см, нижнее – 2,5см, левое – 3см, правое – 2см; ), все листы статьи должны быть пронумерованы.

Сверху страницы по центру листа указывается название статьи, ниже через один интервал инициалы и фамилии автора (авторов). Ниже название организации, адрес, e-mail. Далее через строку следует основной текст. В конце статьи после списка литературы приводятся аннотации на русском и английском языках и ключевые слова (8 - 10 слов).

Список литературы приводится в общем порядке после основного текста статьи. Авторы должны соблюдать правила составления списка использованной литературы. Научные статьи, представленные в редакцию журнала, должны иметь экспертное заключение, авторскую справку (для статей серии естественных наук) и отзыв специалистов о возможности опубликования.

Плата за опубликование рукописей аспирантов не взимается.

Редколлегия оставляет за собой право производить сокращения и редакционные изменения статьи.

Статьи, не отвечающие настоящим правилам, редколлегией не принимаются.

Масъули чоп: **М. Ибодова**

Муҳаррирон: Ш.Абдуллоева, И. Ҳакимова, Е.Щербакова

Ответственный редактор: М. Ибодова
Редакторы: Ш.Абдуллоева, И. Хакимова, Е.Щербакова

ДМТ, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17, бинои асосӣ, утоқи 37
ТНУ, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17, главный корпус, каб. 37
Телефон: 227-74-41. E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Сайт ТНУ:www.tnu.tj